ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2021. №6

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2021. №6

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2021. No.6

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2021

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 6 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Исмонов Карорматулло — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Юсуфзода Носирҷон Салимӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Раҳматуллозода Сахидод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Назарзода Сайфиддин — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АИ ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ*

Гулназарова Ҷило — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*

Абдуллозода Масрур Аҳмад — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*

Сироҷиддини Эмомалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Кучарзода Аламхон — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АИ ҶТ*

Саидов Ҳалимҷон Азизович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Муродов Мурод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Нағзибекова Мехриниссо Бозоровна — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Хоҷаев Давлатбек — *Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Дӯстзода Ҳамрохон Ҷума — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои филологӣ
– 2021. – №6. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №182/ЖР-97
ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: **10.01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.**

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд. Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).

© ДМТ, 2021

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК
Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 6 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт — *Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Карорматулло — *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали — *Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*

Юсуфзода Носирджон Салими — *Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан*

Рахматуллозода Сахидод — *Доктор филологических наук, профессор, член-корреспондент Академии наук Республики Таджикистан*

Назарзода Сайфиддин — *Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*

Гулназарова Джило — *Доктор филологических наук, профессор Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде*

Абдуллозода Масрур Ахмад — *Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета*

Сироджиддини Эмомали — *Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*

Кучарзода Аламхон — *Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондентАкадемии наук Республики Таджикистан*

Саидов Халимджон Азизович — *Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета*

Муродов Мурод — *Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета*

Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна — *Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета*

Ходжаев Давлатбек — *Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета*

Дустзода Хамрохон Джума — *Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета*

Вестник Таджикского национального университета.
Серия филологичесих наук.
– 2021. – №6. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №182//ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

© ТНУ, 2021

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY
Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 6 times a year.

CHIEF EDITOR:

Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht	*Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich	*Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo	*Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Imomzoda Muhammadusuf Saidali	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Yusufzoda Nosirjon Salimi	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Khorkashev Sakhidod	*Doctor of Philology, Professor, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Nazarzoda Saifiddin	*Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Gulnazarova Jilo	*Doctor of Philology, Professor of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda*
Abdullozoda Masrur Akhmad	*Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University*
Sirojiddini Imomali	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Kucharzoda Alamkhon	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Saidov Khalimdzhon Azizovich	*Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University*
Mamadnazarov Abdusalom	*Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University*
Murodov Murod	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	*Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*
Khodzhaev Davlatbek	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University*
Dustzoda Khamrokhon Dzhuma	*Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University*

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2021. – №6. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: **10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.**

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.

The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.© TNU, 2021

УДК: 42:491.550

ИФОДАИ ҶОНИШИНҲОИ НОМУАЙЯНӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Абдулфайзов С., Муҳиддинзода С.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Пажӯҳишҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки ҷонишинҳои номуайянӣ ашё ва аломати онро ба таври умумӣ ва тахминӣ нишон медиҳанд. Ба ин гурӯҳ вожаҳои баъзе, ягон, фалон, кадом, чандин, якчанд, андак, чанде ва монанди инҳо дохил мешаванд. Ҷонишинҳои ягон ва кадом ба ашёҳои номуайян далолат мекунанд [11, с.1].

Тибқи имлои нави забони тоҷикӣ теъдоди ҷонишинҳои номуайянӣ: *ким-кӣ, ким-чӣ, ким-киҳо, ким-чиҳо, ким-кадом*, ки бо тире (-) навишта мешаванд, на он қадар зиёд аст [9, с.3].

Вале дар забони англисӣ ҷонишинҳои номуайянӣ аз дигар гурӯҳи ҷонишинҳо миқдоран зиёд буда, наздики 31 ададро ташкил медиҳанд. Аз ин шумора, 12 адад ҷонишинҳо мураккаб буда, тавассути чаҳор ҷонишинҳои ***some, any, no, every*** сохта мешаванд ва шаклашон ин гуна мебошад: *somebody, something, someone; anybody, anything, anyone; nobody, nothing, no one; everybody, everything, everyone.*

Дигар қисмати боқимондаи ҷонишинҳои номуайянӣ инҳоянд: ***one, all, each (each one), none, both, either, neither, other, another, many, much, (a) few, (a) little, enough.*** Баъд аз таҳлили ҳар яке аз ҷонишинҳо дар алоҳидагӣ муодилҳои тоҷикиашонро муайян месозем, зеро ин навъи ҷонишинҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ тибқи талаботи типологияи муқоисавӣ пажӯҳиш нашудаанд.

Аз ин лиҳоз, ҷонишинҳои **«some»** ва ***«any»*** ба сифати ҷонишинҳои ҳам исмӣ ва ҳам сифатӣ истифода мешаванд. Мутаносибан онҳо ба миқдор ё аломати номуайяни предмет далолат мекунанд. ***«Some»*** мавҷудияти чунин миқдору аломатро тасдиқ менамояд. Баръакс, ***«any»*** мавҷудияти миқдору аломати номуайянро инкор месозад ё худ ба он равшанӣ меандозад. Аз ҳамин сабаб ***«some»*** дар ҷумлаҳои тасдиқӣ, вале ***«any»*** дар ҷумлаҳои инкорӣ ва саволӣ истифода мешавад.

Мисол: Some were at the office the day before yesterday. – Баъзеҳо дирӯз дар корхона буданд.

Some of the money was stolen from his pocket. – Як қисми пулро аз ҷайби ӯ дуздидаанд.

Дар ин мисолҳо ***«some»*** чун ҷонишини исмӣ истифода гардидааст. Аз тарҷума бармеояд, ки ***«some»*** дар забони тоҷикӣ тавассути «баъзе (ҳо)», «андак» ё «як қисми» ифода карда мешудааст.

Дар ин мисолҳо «some» чун ҷонишини сифатӣ истифода шудааст:

Мисол: Have some coffee, please.– Марҳамат карда, каме қаҳва нӯшед.

There is some cold water in the fridge. –Дар яхдон андаке оби хунук ҳаст.

Аз ин мисолҳо чунин хулоса кардан мумкин аст, ки дар вазифаи комили худ ***«some»*** ба миқдори номуайяни предмет ишора намуда, дар забони тоҷикӣ тавассути ҷонишинҳои «андаке», «қадре», «якчанд», «каме» ва гоҳо «ягон» ифода мегардад.

Бояд гуфт, ки **«some»** баъзан дар ҷумлаҳои саволӣ низ ба кор меравад. Ин дар ҳолате рух медиҳад, ки гӯянда аз мусоҳиб ҷавоби мусбатро интизор аст.

Мисол: Would you like some milk in your tea? – Ба чоятон андаке шир андозам, чӣ мегӯед?

Тавре ишора рафт, ҷонишини ***«any»*** дар ҷумлаҳои инкорӣ ва саволӣ ҷонишини ***«some»*** - ро иваз менамояд:

1. I haven't any questions. –Ман пурсише надорам.

2. Have you got any questions? – Шумо ягон пурсише доред?

3. I don't like any of these dresses. – Ман ҳеҷ кадоме аз ин куртаҳоро дӯст намедорам.

Дар мисолҳои якум ва дуюм ***«any»*** чун ҷонишини сифатӣ, вале дар мисолҳои сеюму чорум чун ҷонишини исмӣ истифода шудааст.

Возеҳ мегардад, ки ***«any»*** ба забони тоҷикӣ бо ҷонишинҳои «кадом», «ягон», «ягон хел» ифода мешудааст. Он метавонад умуман тарҷума нашавад: Have you any salt? – Шумо намак доред?

Ҷонишини ***«any»*** метавонад дар ҷумлаҳои тасдиқӣ истифода шавад. Дар ин ҳолат он тавассути вожаи «дилхоҳ» тарҷума карда мешавад.

Мисол: *You may take any book you like. – Метавонед китоби дилхоҳатонро гиред.*

Вожаи ***«no»*** дар сарчашмаҳои забоншиносии англис гоҳо чун ҷонишини номуайянӣ ва гоҳе чун ҷонишини манфӣ (инкорӣ) маънидод карда мешавад [4, с.105]. Қатъи назар аз мансубияташ ба ин ё он навъи ҷонишин ба мо муайян сохтани вазифаи ***«no»*** ва воситаҳои ифодаи он дар забони тоҷикӣ муҳимтар аст [4, с.100].

Мисол: No man could be seen in the square. - Дар хиёбон ҳеҷ одаме наменамуд.

There are no books on the top shelf. – Дар рафи болоӣ китоб нест.

Аз мисолҳо равшан мегардад, ки ҷонишини ***«no»*** ба набудани предмет ё предметҳое ишора карда, чун ҷонишини сифатӣ истифода мегардад ва дар забони тоҷикӣ тавассути ҷонишинҳои манфии «ҳеҷ», «ҳеҷ як» ё «не» - ифода карда мешавад. Воҳиди «не» ҳатман ба феъл замима карда мешавад.

Ҷонишини ***«every»*** ба сифати ҷонишини сифатӣ истифода шуда, ба ягон предмети алоҳида ишора мекунад ва муодили ҷонишини «ҳар» ё «ҳар як» - и забони тоҷикӣ мебошад. «Ҳар» - ро дар забони тоҷикӣ ба қатори ҷонишини таъйинӣ дохил мекунанд, ҳол он ки муодили англисияш ҷонишини номуайянӣ маҳсуб мешавад [6, с226].

Мисол: Their children eat too much every evening. – Ҳар бегоҳ кӯдакони онҳо зиёд мехуранд.

Every house here is made of stone. – Дар ин ҷо ҳар як хона аз санг сохта шудааст.

Every Sunday I come here. – Ман ин ҷо ҳар рӯзи якшанбе меоям.

Ҷонишини ***«every»*** синоними худро дорад, ки он *«each»* мебошад. Ин вожа ба он ишора мекунад, ки аз гурӯҳи муайяни предметҳо ҳар кадоме дар алоҳидагӣ фаҳмида шавад. Аз ин рӯ, ***«each»*** дар забони тоҷикӣ «ҳар кадом» тарҷума мешавад. Вожаи *«every»* бошад, дар бисёр ҳолатҳо маънои онро дода метавонад.

Мисол: Every person must love his Motherland – Ҳар як шахс бояд Ватанашро дӯст дорад.

Each of us must love our Motherland – Ҳар кадоми мо бояд Ватанамонро дӯст дорем.

Ба ҳар яке аз ҷонишинҳои гуфташуда метавон вожаи ***«body»*** - ро ҳамроҳ карда, ҷонишини мураккаб сохт: *Somebody, anybody, nobody, everybody.*

Somebody маънои **«касе», «ким – кадом шахс», «ким - кӣ»** - ро ифода мекунад ва дар ҷумлаҳои тасдиқӣ истифода мешавад.дам

Мисол: I found somebody's handkerchief. – Ман руймолчаи ким-киро пайдо кардам.

Somebody was looking for you – Касе туро меҷуст.

Ҷонишини ***anybody*** ба забони тоҷикӣ «касе», «ягон кас», «ҳеҷ кас» ва “кас” тарҷума мегардад, вале дар ҷумлаҳои тасдиқӣ, ки гоҳе дар он «anybody» истифода шуда метавонад, тавассути ҷонишини «ҳар кас» ифода карда мешавад. Ин ҷонишин асосан дар ҷумлаҳои саволӣ ва инкорӣ ба кор меравад.

Мисол: Is anybody calling my name? **– Оё ягон кас номи маро гирифта истодааст?**

Anybody can become famous. –Ҳар як кас метавонад машҳур шавад.

Ҷонишини ***«nobody»*** дар забони тоҷикӣ «касе», «ҳеҷ кас» тарҷума мешавад ва дар ҷумлаҳои инкорӣ истифода мешавад.

Мисол: Nobody loves fish in our family. – Дар хонаводаи мо касе моҳиро дӯст намедорад.

Дар забони тоҷикӣ дар чунин ҷумлаҳо феъл ҳатман дар шакли инкорӣ гузошта мешавад. Феъли англисӣ бошад, дар шакли тасдиқӣ меояд, зеро дар ин забон инкори дукаратӣ манъ аст.

Мисол: ***Nobody looked.*** – **Ҳеҷ кас нигоҳ накард.**

Дар мисоли англисӣ танҳо ***«nobody»*** ба инкор далолат мекунад, хабар дар шакли тасдиқӣ меояд, вале дар забони тоҷикӣ ҳам ҷонишини «ҳеҷ кас» ва ҳам пешванди «на» ба инкор далолат мекунанд.

Ҷонишини ***«everybody»*** маъноҳои «ҳар кас (е)», «ҳар кӣ», «ҳар як шахс» - ро ифода мекунад.

Мисол: ***Everybody was there in time.*** **– Ҳар як кас дар вақташ он ҷо ҳозир буданд.**

Ҷонишинҳои **«some», «any», «no», «every»** метавонанд ба худ вожаи «thing» замима карда, ҷонишини мураккаб созанд ва чунин ҷонишин ба чиз ишора мекунад, на ба шахс. Ин ҷонишинҳо чунинанд: ***something, anything, nothing, everything.***

Ҷонишини ***«something»*** дар забони тоҷикӣ «ягон чиз», «чизе», «ким - чӣ», «як чиз» буда, он дар ҷумлаҳои тасдиқӣ истифода мешавад.

Мисол: There's something on the table. – Дар болои миз чизе (ким- чи) ҳаст. She said something strange about her neighbor. – Ӯ дар бораи ҳамсояи худ чизе аҷоибе гуфт.

Ҷонишини ***«anything»*** дар забони тоҷикӣ тавассути ҷонишинҳои «чизе», «ягон чиз» ифода карда мешавад ва дар ҷумлаҳои саволию инкорӣ ҷонишини ***«something»*** - ро иваз менамояд.

Мисол: Can you tell me anything about this town? – Пиромуни ин шаҳр ба ман чизе гуфта метавонӣ?

He didn't say anything. – Вай ҳеҷ чиз нагуфт.

Ҷонишини ***«nothing»*** ба забони тоҷикӣ «ягон чиз», «ҳеҷ чиз» тарҷума мешавад ва дар ҷумлаҳои инкорӣ ба кор меравад.

Мисол: There is nothing interesting on TV tonight. – Имшаб дар телевизон ҳеҷ чизи шавқовар нест.

We told them nothing. – Мо ба онҳо ягон чиз нагуфтем.

Ҷонишини ***«everything»*** низ муодилҳои тоҷикии худро дорад, ки онҳо «ҳама чиз», «ҳар чиз», «ҳар як чиз» мебошанд.

Мисол: He told us everything he knew. - Ӯ ба мо ҳар як чизеро, ки медонист, гуфта дод.

Everything is on the table now. – Ҳоло ҳама чиз дар болои миз аст.

Ҷонишини номуайянии ***«one»*** дар забони тоҷикӣ бо ду восита ифода карда мешавад. Тавассути вожаи «кас», ки таҳти он «ҳама» фаҳмида мешавад ва ба воситаи морфемаи «-аш» ё «- ашон», агар «one» бо предмет ё предметҳои қаблан зикршуда ояд.

Мисол: There are two pencils on the table. Take the long one. – Дар рӯйи миз ду қалам ҳаст. Дарозашро гир.

Вожаи ***«one»*** чун ҷонишини исмӣ метавонад дар забони тоҷикӣ тавассути ҷонишини «яке» ифода гардад.

Мисол: One of my brothers lives in Kulob. – Яке аз бародарони ман дар Кӯлоб зиндагӣ мекунад.

Ҷонишини ***«one»*** метавонад чун ҷонишини сифатӣ низ истифода шавад. Дар ин ҳолат он ба забони тоҷикӣ бо воситаҳои зерин ифода карда мешавад [5, с.27].

1. Тавассути ҷонишини «як»: One day I woke up late. – Як рӯз ман аз хоб дер бедор шудам.

2. Бо ҷонишини «ягона»: The one way to succeed is to work hard–Ягона роҳи муваффақ шудан –ин сахт кор кардан аст.

3. Пеш аз номи шахсе гузошта шавад, он бо ҷонишини «кадом як» ифода карда мешавад: One Tim Smith came to see you (Ibid) – Кадом як Тим Смит барои аёдати шумо омад.

«One» чун ҷонишини исмӣ метавонад дар шакли ҷамъ истифода шавад. Дар ин ҳолат ***«ones»*** ба забони тоҷикӣ тавассути таркиби «- ҳо + яш» ифода мешавад ё умуман тарҷума намегардад.

The last two months were very trying ones for me. – Ду моҳи охирин барои ман (аз моҳҳои) хеле пуртакопу буданд.

Ин ҷонишин имкон дорад, ки дар шакли падежи соҳибӣ истифода шавад: One must do one's dute – Кас бояд вазифаашро ба иҷро расонад.

Чунонки мебинем «- 's» ба забони тоҷикӣ тавассути морфемаи «-аш», ки соҳибиятро ифода мекунад, тарҷума карда шудааст.

Ҷонишини ***«all»*** ҳам чун исм ва ҳам чун сифат истифода мешавад. Он ба маҷмӯи зиёда аз ду кас ё чиз далолат менамояд ва ба забони тоҷикӣ тавассути ҷонишини «ҳама», ки онро ҷонишини таъйинӣ меноманд, ифода карда мешавад [6, с.227].

Мисол: He has sold all his books – Ӯ ҳамаи китобҳояшро фурӯхт. All were present – Ҳама ҳозир буданд.

Дар мисоли аввал ***«all»*** чун сифат ва дар ҷумлаи дуюм чун исм истифода шудааст.

Ҷонишини исмии ***«none»*** ба инкор далолат мекунад ва ба забони тоҷикӣ тавассути ҷонишинҳои «ягонто», «ҳеҷ», «ҳеҷ як» ё «ҳеҷ кадоме» тарҷума карда мешавад. Мисол: None of us dared to speak - Ҳеҷ кадоме аз мо ҷуръати гап задан накардем. He searched for work, but could find none - Вай кор кофт, вале ягонто пайдо карда натавонист.

Ҷонишини исмии ***«both»*** якҷоягии ду шахс ё чизро нишон медиҳад ва аз ин рӯ, феъл бо он дар шакли ҷамъ мувофиқат мекунад.

Муодили тоҷикии он ҷонишини «ҳар ду» мебошад [10, с.106].

Мисол: I like these shirts. I will take both of them. - Ба ман ин куртаҳо писанданд. Ман ҳардуяшро мегирам.

Ҷонишини ***«either»*** инчунин ба ду шахс ё чиз далолат мекунад ва маъноҳои «яке ё дигаре» ё худ «ҳар ду» дар алоҳидагиро зоҳир менамояд. Бар хилофи ***«both»*** на якҷоягӣ, балки ҷудоӣ ё алоҳидагии кас ё чизеро ифода мекунад ва тавассути ҷонишини «ҳар яке (аз)», «инчунин», «низ» ифода карда мешавад [5, с.104].

Мисол: There is a staircase at either end of the corridor - Дар охири ҳар як долон зинапояе ҳаст. You can park on either side of the street - Шумо метавонед ба ҳар яки лаби кӯча автомашинаатонро гузоред. Marry won't go and Peter won't go either – Мария намеравад, Петер низ намеравад.

Ҷонишини ***«either»*** бо пайвандаки ***«or»*** омада, пайвандаки таркибии ***«either… or»*** бунёд мекунад, ки он ба забони тоҷикӣ «ё…ё» тарҷума мешавад. **Мисол: You must learn either French or German - Ту бояд забони ё фаронсавӣ ё олмониро биомӯзӣ.**

Шакли инкории ҷонишини ***«either»*** вожаи *«neither»* мебошад. Муодили тоҷикии ***«neither»*** ҷонишини манфии «ҳеҷ яке (аз)», «ҳеҷ кадоме(аз)» маҳсуб мешавад.

Мисол: I chose neither of them - Ман ҳеҷ кадоми онҳоро интихоб накардаам.

Дида мешавад, ки ***«neither»*** метавонад ҳам чун ҷонишини исмӣ ва ҳам чун ҷонишини сифатӣ амал кунад. Ҷонишини ***«neither»*** ҳамроҳи пайвандаки ***«nor»*** омада, пайвандаки таркибӣ месозад, ки он дар забони тоҷикӣ тавассути «на на» ифода мешавад.

Мисол: She has neither book nor the notebook - Ӯ на китоб ва на дафтар дорад. I saw neither students nor teacher at school - Дар мактаб ман на донишҷӯро ва на омӯзгорро дидам.

Ҷонишини ***«another»*** ду вазифа дорад: ишора ба предмети дигар ва ишора ба предмети иловагӣ.

Маълум мешавад, ки ***«another»*** чун ҷонишини сифатӣ дар забони тоҷикӣ тавассути ҷонишини «дигар» тарҷума мешудааст. Ҷонишини «other» аз ҷонишини «another» тафовут дорад.

Ҷонишинҳои ***«many»*** ва ***«much»,*** инчунин ***«few»*** ва ***«little»*** ду гурӯҳи синонимию антонимиро ташкил мекунанд. ***«Many»*** ва ***«much»*** синоним мебошанд. ***«Few»*** ва ***«little»*** низ маънои якхела доранд. Ҷонишинҳои «many» ва «much» антонимҳои ***«few»*** ва ***«little»*** маҳсуб мешаванд. ***«Many»*** ба маънои «бисёр» ё «зиёд» ба ***«few»*** ба маънои «кам» муқобил меистад. Ин ҷуфти ба ҳам муқобил бо исмҳои шуморадор истифода мешаванд ё ба ҷойи онҳо ба кор мераванд. Баръакс, ***«much»*** дар маънои «бисёр» ва ***«little»*** дар маънои «кам» бо исмҳои шумориданашаванда меоянд ё онҳоро иваз менамоянд.

Мисолҳо:

He has many friends - Вай дӯстони зиёд дорад. Jane has few books at home - Ҷон дар хона китобҳои бисёр дорад. It drank much water - Вай оби зиёд нӯшид. It drank little water- Вай оби кам нӯшид.

Чунон ки маълум мешавад, ***«many»*** ва ***«much»*** дар ҳар ду ҳолат «бисёр» ё «зиёд» тарҷума карда мешавад. ***«Little»*** ва ***«few»*** бошад, муодили «кам», «андаке» аст.

Ҷонишинҳои ***«few»*** ва ***«little»*** бо артикли номуайянии ***«a»*** маънои дигареро касб мекунад.

Мисол:

I have very little time - Ман вақти хело кам дорам. I have a little time - Ман каме вақт дорам. I have few books - Ман китоби кам дорам. I have a few books - Ман каме китоб дорам [6, с.27].

Мебинем, ки бо гирифтани артикли ***«a»*** ин ду ҷонишин маънои манфии худро ба маънои мусбат иваз менамоянд, яъне на ба предмети кам, балки ба андаке предмет далолат менамоянд.

Ҳар чор ҷонишин шаклҳои дараҷа доранд, ки аксар ду шакли дараҷаи худро ба таври ғайримуқаррарӣ месозанд, вале ***«few»*** ин ду шаклро тавассути морфемаҳои ***«- er» ва «- est»*** бунёд мекунад.

Many -more - most– зиёд – зиёдтар – зиёдтарин. Much –more- most – зиёд – зиёдтар – зиёдтарин.

Little – less – least – кам – камтар – камтарин. Few-fewer – fewerest– кам – камтар – камтарин.

Пажӯҳишу ҷустуҷӯи ҷонишинҳои номуайянӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ нишон медиҳад, ки ин ҳиссаи нутқ хеле мураккаб буда, вожаҳоеро дар бар мегирад, ки ба ҷойи исм ё сифат истифода мешаванд. Баъзе ҷонишинҳо ба монанди исм шаклҳои шумораи танҳо ва ҷамъ доранд, ки ин ба ҳар ду забон хос аст. Чанде аз ҷонишинҳои номуайянии забони англисӣ дорои шаклҳои падежи умумӣ ва соҳибӣ мебошанд ва муодили тоҷикии онҳо шакли падежӣ надорад. Баъзе ҷонишинҳои забони англисӣ, хусусан ҷонишинҳои нисбӣ дар забони тоҷикӣ мавҷуд нест. Инчунин таснифоти ин навъи ҷонишинҳои ду забон низ комилан якхела набошанд ҳам, аксарияти ҷонишинҳои онҳо муодилҳои якдигарро доранд. Ҳадафи асосии пажӯҳиш дар мақолаи мазкур анҷом додани таҳлили ҳаматарафа ва пурраи муқоисавию типологии хусусиятҳои маъноӣ, сарфӣ ва наҳвии истифодабарии ҷонишинҳои номуайянӣ дар ҷумла дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мебошад, ки дар натиҷаи он хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи ҷонишинҳои номуайянӣ дар забонҳои тадқиқшаванда муайян мегарданд. Таҳлили маъноӣ, сохтори сарфӣ ва вазифаҳои наҳвии ҷонишинҳои номуайянӣ дар ҷумлаҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ имконият доданд, ки хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи ҷонишинҳои манфӣ дар забонҳои тадқиқшаванда муайян гардад. Мавзӯи ҷонишинҳои номуайянӣ пажӯҳиши бештарро талаб менамояд, ки дар ин ҳаҷми як мақола ҷой додани онҳо ногузир аст. Муайян кардани воситаҳои дигари грамматикӣ ва лексикии синонимикаи ҷонишинҳои номуайянӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ва аниқ кардани мақоми онҳо дар муқоиса бо маъноҳо ва вазифаҳои наҳвии ҷонишинҳои номуайянӣ пажӯҳиши дигареро тақозо доранд.

Муқарриз: ***Наврӯзшоев Б.Х.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуразаков М.А. Очерки по сопоставительному изучению разно-системных языков / М.А. Абдуразаков. – Ташкент: Фан. 1973. – 167 с.
2. Абдураҳимов С. Ибораҳои ҷонишинӣ / С.Абдураҳимов. – Душанбе: Дониш, 1979. – 74 с.
3. Абрамов Б.А. Функционально-семантический подход при сопоставительно-типологическом изучении грамматических категорий глагола / Б.А. Абрамов // Сопоставительная лингвистика и обучение неродному языку. – М.: Наука, 1978. - С.113-121.
4. Аракин В.Д. Практический курс английского языка / В.Д. Аракин. - М.: Владос, 2003. - 515 с.
5. Бархударов, Л.С. Грамматика английского языка / Л.С. Бархударов, Д.А. Штелинг. - М.: Высшая школа, 1973. - 424 с.
6. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми I. - Душанбе: Ирфон, 1973. - 452 с.
7. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А. Мамадназаров. – Нашри такмилшудаи сеюм. – Душанбе: ЭР-граф. 2015. - 1015 с. [ФАТ, 2015].
8. Рӯзномаи “Ҷумҳурият”. - 18.10.11. - №147-148.
9. Усмонов К. Ҷонишинҳои номуайянӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / К. Усмонов // Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров. - 2016. - С.139-144.
10. Ganshina, M.A. English grammar / M.A. Ganshina, N.M.Vasilevskaya- M.: Higher school publishing house, 1964. – 544 p.
11. https://tg.wikipedia.org/wiki/ Ҷонишинҳои_номуайянӣ.
12. Качалова, К.Н. Практическая грамматика английского языка с упражнениями и ключами / К.Н. Качалова. – Москва, 1998.
13. Сиёев Б. История местоимений таджикского языка. Учебник / Б. Сиёев. - Душанбе: Дониш, 1972. – 237 с.
14. Расторгуева В.С. Основы иранского языкознания / В.С. Расторгуева. - Москва: Наука, 1979.- Ҷ.1. - 337 с; - 1981. - Ҷ.2. - 543 с; - 1982. - Ҷ.3. - 570 с.
15. Бронте, Ш. Ҷен Эйр / Ш.Бронте. – Душанбе: Истиқбол, 2010. – 412 с.
16. Shookuhi A. Where Does the Water Come From? / A. Shookuhi; translated by Karim Khodjiboev and Muhabbat Khojiboeva. - USA, 2015. – 87 p.
17. Усмонов К. Морфологияи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / К. Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2015. – 230 с.

ИФОДАИ ҶОНИШИНҲОИ НОМУАЙЯНӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур оид ба ифодаи ҷонишинҳои номуайянӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ сухан рафта, ба андешаи муаллиф, ҷонишинҳои номуайянии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ тибқи талаботи типологияи муқоисавӣ то ҳанӯз пурра тадқиқ нашуда, дар забони тоҷикӣ на он қадар зиёданд, вале дар забони англисӣ ҷонишинҳои номуайянӣ аз дигар гурӯҳи ҷонишинҳо миқдоран зиёд буда, наздики 31 ададро ташкил медиҳанд. Дар асоси мисолҳои мушаххас, муаллиф чунин хулоса менамояд, ки чанде аз ҷонишинҳои номуайянии забони англисӣ дорои шаклҳои падежи умумӣ ва соҳибӣ мебошанд ва муодили тоҷикии онҳо шакли падежӣ надорад. Аз таҳлили хусусиятҳои семантикии ҷонишинҳо бармеояд, ки ҷонишинҳои номуайянӣ ашё ва аломати онро ба таври умумӣ ва тахминӣ нишон медиҳанд ва ягон ё кадом ашёҳои номуайянро далолат мекунанд. Бо дарназардошти тағйири имлои нави забони тоҷикӣ бошад, ҷонинишинҳои номуайянӣ бо “- тире” навишта мешаванд. Таҳлилу таҳқиқи ҷонишинҳои номуайянӣ дар

забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ нишон медиҳад, ки ин ҳиссаи нутқ хеле мураккаб буда, вожаҳоеро дар бар мегиранд, ки ба ҷойи исм ё сифат истифода мешаванд. Баъзе ҷонишинҳо ба монанди исм шаклҳои шумораи танҳо ва ҷамъ доранд, ки ин ба ҳар ду забон хос аст.

Калидвожаҳо: ҷонишинҳои номуайянӣ, ҷонишинҳои сифатӣ, ҷонишинҳои исмӣ, муодил, ҷонишинҳои мураккаб, вазифа.

ОБРАЗОВАНИЕ НЕОПРЕДЕЛЕННЫХ МЕСТОИМЕНИЙ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье речь идёт о выражении нопределенных местоимений в таджикском и английском языках, и, по мнению автора, неопределенные местоимения английского и таджикского языков с типологической точки зрения до сих пор полностью не изучены. Неопределенных местоимений в таджикском языке не очень много, но в английском языке их количество достигает более 31. Основываясь на конкретных примерах, автор делает вывод, что многие стороны неопределенные местоимения английского языка являются личными и имеют общий падеж, но их таджикский вариант не не имеют падежную форму. Однако семанкический анализ особенностей местоимений показывает, что неопределенные местоимения выражают предмет и их свойства в общем или приблизительном значении, или же указывают на какой-то неопределенный предмет. С учётом изменений в пунктуации тажикского языка неопределенные местоимения пишутся через “– тире”. По результам исследования разрядов местоимений в отдельности, выявляется их таджикские аналоги, потому что этот разряд местоимений английского и таджикского языков до сих пор не исследован со сравнительно-типологической стороны. Исследование и анализ неопределенных местоимений показывает, что эта часть речи является наиболее сложной, так как охватывает такие сложные слова, которые можно отнести и к существительным и к прилагательным. Некоторые местоимения, как и существительные, имеют единственное и множественное число, что свойственно обоим языкам. Также часть неопределенные местоимения имеют общий падеж и собственный падеж, а их аналогов в таджикском языке не существует.

Ключевые слова: неопределенные местоимения, качественные местоимения, существительные - местоимения, эквивалент, составные местоимения, функция.

EXPRESSION OF INDEFINITE PRONOUNS IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

This article is devoted with the expression of indefinite pronouns in Tajik and English languages, and, according to the author, the indefinite pronouns of the English and Tajik languages from a typological point of view have not yet been fully studied. There are a lot of indefinite pronouns in the Tajik language, but in English their number reaches more than 31. Based on specific examples, the author concludes that many sides of the indefinite pronouns of the English language are personal and have a common case, but their Tajik version does not have a case form. However, the semantic analysis of the features of pronouns shows that indefinite pronouns express an object and their properties in a general or approximate meaning, or indicate some indefinite subject. Taking into account the changes in punctuation of the Tajik language, indefinite pronouns are written with “- dash”. According to the results of the study of the categories of pronouns separately, their Tajik counterparts are revealed, because this category of pronouns in the English and Tajik languages has not yet been studied from the comparative typological side. The study and analysis of indefinite pronouns shows that this part of speech is the most difficult, since it covers such complex words that can be correlated to both nouns and adjectives. Some pronouns, like nouns, have singular and plural, which is characteristic of both languages. Also, some of the indefinite pronouns have a common case and a proper case, and their counterparts in the Tajik language do not exist. Some of the indefinite pronouns of the English language, especially the correlative pronouns, do not exist in the Tajik language, however, although the classification of these pronouns in the studied languages is not identical, they have analogs in both languages.

Key words: indefinite pronouns, substantive – pronoun, adjective-pronoun, equivalent, compound pronouns, to function.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Абдулфайзов Сайднуриддин*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **SaidnuridinA@gmail.com.** Тел.: **(+992) 918-17-50-45**
Муҳиддинзода Садафмоҳ Нуриддин – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D, факултети забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **sadafmoh1993@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-42-72-03**

Сведение об авторах: ***Абдулфайзов Сайднуриддин*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, кафедры английского языка и сравнительной типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **SaidnuridinA@gmail.com.**
Тел.: **(+992) 918-17-50-45**
Мухиддинзода Садафмох Нуриддин - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D, кафедры английского языка и сравнительной типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **sadafmoh1993@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-42-72-03**

Information about the authors: ***Abdulfayzov Saydnuriddin*** - Tajik National University, Candidate of Philology, Associate Professor, Department of English and Comparative Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **SaidnuridinA@gmail.com.** Tel.: **(+992) 918-17-50-45**
Muhiddinzoda Sadafmoh Nuriddin - Tajik National University, Ph.D. doctoral student, Department of English and Comparative Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **sadafmoh1993@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-42-72-03**

УДК: 491.550

КОРБУРДИ КАЛИМАҲОИ СЕРМАЪНО ДАР ЛУҒОТИ ИФОДАКУНАНДАИ СОҲАИ ҲУНАРМАНДӢ ВА МАИШӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ВОДИИ ҲИСОР

Абдуллоева Г.З.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Маводи омӯзиши боби лексикология, пеш аз ҳама, калима аст. Калима, чунонки маълум аст, дар бахши морфология ва калимасозӣ низ омӯхта мешавад. Вале, агар дар бахши морфология ва калимасозӣ вожа ҳамчун воситаи муҳим барои муайян намудани сохтори грамматикӣ ва қолабҳои гуногуни калимасозӣ баррасӣ гардад, дар лексикология барои дарку фаҳми моҳияту муҳтавои худи калима, таркиби луғавии забон ва қонунҳои рушди он таҳқиқ карда мешавад.

Лексикаи лаҳҷаҳои маҳаллӣ чун шакли ба маҳалҳо мутааллиқи забони миллӣ мисли забони адабӣ қабатҳои гуногуни семантикии калимаҳоро дар бар мегирад, ки яке аз он қабатҳо аз ҳисоби вожаҳои сермаъно ба вуҷуд омадааст. Калимаҳои сермаъно чунин калимаҳое мебошанд, ки ду, се, чор ва ҳатто аз ин зиёд маъноҳоро дар бар мегиранд. Онҳо як маънои асосӣ ва чанд маънои иловагӣ доранд ва маъноҳои иловагии онҳо дар иртибот бо ҳамон маъноҳои аввала ба зуҳур меоянд. Маъноҳои иловагии калима одатан дар мавриди муошират миёни соҳибони лаҳҷа эҳсос мегардад.

Маънои иловагӣ дар калимаҳо зимни васеъ гардидани доираву дараҷаи маънои нахустини худи калимаҳо ба амал меояд. Ин ҳодиса дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ, пеш аз ҳама, зери таъсири бардавоми забони адабӣ ба лаҳҷаҳо сар мезанад ва, ба қавли Р.Л.Неменова ва Ғ. Ҷӯраев «… бештар аз ҳама ба исмҳо ва феълҳо тааллуқ дорад» [10, с.249].

Сермаъноии калимаҳо яке аз омилҳои асосии рушду таҳаввули забони адабӣ ва лаҳҷаҳои маҳаллӣ ҳисоб меёбад. Дигаргуниҳо дар сохти иҷтимоии ҷомеа ба зуҳур омадани васоити нав дар истеҳсолот, рушд кардани қувваҳои истеҳсолкунанда ва амсоли инҳо, ки бевосита дар забон инъикос меёбанд ба зиёд шудани маъноҳои луғавии калимаҳо замина мегузорад. Забоншинос С.И. Ожегов сермаъноиро яке аз омилҳои ташаккулу таҳаввули маъниҳои иловагӣ дар калима маънӣ мекунад [11, с.69].

Дар таркиби луғати соҳаи ҳунармандӣ ва маишии лаҳҷаҳои водии Ҳисор калимаҳои сермаъно як қабати калонро ташкил медиҳанд. Дар тӯли солҳо мардуми таҳҷоии ин водӣ, аз зумраи ҳунармандону косибон, кишоварзон, боғбонон, донишмандону соҳибилмон бо калимаю истилоҳоти соҳавӣ ин лаҳҷаро ҳаматарафа сайқал дода, ба лексикаи он боз сарватҳои нав ба нав зам карданд.

Чи дар забони адабии тоҷик ва чи дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ бештари калимаҳо хусусияти сермаъноӣ зоҳир мекунанд. Боз ҳаминро қайд кардан ба маврид аст, ки як қисм вожаҳои забони тоҷикӣ, агар дар забони адабӣ як маъниро ифода кунанд, дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор, махсусан дар гӯйиши мардуми Қаратоғ мафҳумҳои дигарро ифода мекунанд. Масалан, вожаи *меш* дар забони адабии ҳозираи тоҷик ба маънои «гӯсфанд» фаҳмида мешавад, аммо дар лаҳҷаҳои мазкур *меш* маънои «халтаи аз пӯсти тозаи буз ё гӯсфанд дӯхташуда»-ро низ дорад, ки барои хунук нигоҳ доштани об, дар мавзеъҳои аз чашма, дарё ва ҷӯй дур истифода бурда мешавад. Ба чармгарон ин мафҳум бештар ошност. Маънии сеюми ин калима «одамест, ки оби бисёр менӯшад».

Воҳиди луғавии *кулли* дар забони тоҷикӣ ба маънои «маҷмӯъ, дар маҷмӯъ (кулли одамон) кор фармуда мешавад. Дар гӯйиши мардуми ин мавзеъ бошад, *кулли* илова бар ин боз маънии ”силсилақуттиҳое, ки аз лой дар шакли чоркунҷаи баланд сохта мешаванд ва онҳоро барои нигоҳ доштани ғалла истифода мекунанд”ба кор меравад. Ба ин кор бештар сохтумончиён шуғл меварзиданд, зеро бояд куллиро чунин моҳирона созанд, ки мушҳо онро сӯрох карда надароянд.

Чунин калимаҳо доираи васеи интишор доранд. Чи тавре ки дар боло қайд намудем, як қисм калимаҳои меъёрии тоҷик дар ин лаҳҷа хусусияти сермаъноӣ зоҳир мекунанд, ки ба кадом маъно истифода шудани онҳо аз мазмуни суҳбат маълум мегардад. Барои мисол вожаи “*сарак”*-ро мегирем, ки дар як маврид маънои “сари инсон”-ро, ки тобиши хурдию навозиш дорад, фаҳмонад, дар мавриди дигар калимаи “ *сарак”* ифодакунандаи мафҳуми “сангу курмаке, ки ҳангоми шолиро сафед кардан бо биринҷ омехта мешаванд,” буда, маънои сеюми ин вожа “қисми болои мошинаи дарздӯзӣ” мебошад, ки маҳз бо ин маънояш мо калимаи “сарак”- ро ба соҳаи ҳунармандӣ дохил карда метавонем: *Саракам*

беҳад дард дорад ба доруву дармон халос нашудам (Ш); *Саракҳои* биринҷа чиндан лозим, пага тӯй кадом як кора кунем (Қ); *Сараки* мошина вайрон шудас(т), отет пага бурда мошиначиба нишон тиян (Б). Бояд ҳаминро иброз намоем, ки калимаи *сар* низ маъниҳои зиёдеро мефаҳмонад**:** *сар*- узви биологии инсон, ҳайвонот ва парандаҳо, *сар* - ибтидо, аввал (сари роҳ), *сар*-боло, шохи аз ҳама баланди дарахт, кӯҳ, теппа, санг (сари теппа, сари кӯҳ, сари санг ва ғайра). Аммо бидуни ин маъноҳо дар таркиби ибораҳои *сари* корхонаи оҳангарӣ, *сари* чархи кулолӣ, *сари* дӯкони бофандагӣ, *сари* калоба корбаст мешавад, ки ҳар яке мавридҳои истифодаи худро доранд: Усто Карим да(р) *сари* корхони оҳангарӣ устоҳоя(ро) ҷамъ кара чизея(ро) фаҳмонду рафт(Қ); Аз *сари* дӯкони бофандагӣ чиштана чишмаком хира шудас(Қ). Чува (чаро) каловая (ро) да (р) дасти вай гӯдак додӣ, *сари* каловая гум кара ҳамая ҷағел кара партофтас (т) (Қ).

Дар бораи сермаъно будани ин вожа устод М. Муҳаммадиев чунин ибрози ақида намудааст: «Калимаи **сар** дар забон яке аз калимаҳои сермаъно аст, ки ба ғайр аз маъноҳои синонимӣ ба вазифаи зиёде омада, вобаста ба калимаҳои алоқаманди худ тобишҳои гуногуни маъноиро ифода мекунад; *сар* бардоштан, *сар* баровардан**,** сар тофтан, *сари* худро гирифта рафтан, *сари* калова**,** *сари* стол, *сари* дастархон [8, с.179].

Бояд ҳамиро иброз намоем, ки маъниҳои иловагии баъдии вожаи **сар** зимни маънии аввалаи он ба вуҷуд омадаанд. Зеро, агар чуқуртар андешем, дарк карда метавонем, ки иртибот миёни маънии аввалаву маъниҳои баъдии он ҳанӯз канда нашудааст. Агар канда мешуд, он гоҳ мебоист мо на дар хусуси сермаъноӣ, балки оид ба ҳодисаи омонимшавии калимаи *сар* сухан мекардем.

Дар давоми таърихи дуру дарози ҷамъият забон ҳам дигар мешавад ва тағйиру такмил меёбад. “Одатан, бо мурури замон, аз як тараф, баъзе калимаҳо аз истеъмол берун мешаванд ва калимаҳои нав ба миён меоянд, аз тарафи дигар, баъзе калимаҳо оҳиста-оҳиста маъноҳои нав мегиранд ва маъноҳои пештараашонро аз даст медиҳанд. Ҳатто дар баъзе даврaҳои таърихӣ маънои баъзе калимаҳо тамоман дигар мешавад [17, с.141], ки баррасии маъноҳои гуногуни калимаҳо дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ яке аз масъалаҳои ниҳоят муҳимми забоншиносии тоҷик ба шумор меравад.

Ҳама вожаҳое, ки доираи истеъмолашон васеъ буда, зуд-зуд мавриди истеъмол қарор мегиранд, дорои хусусияти сермаъноӣ мебошанд, зеро яке аз омилҳои зуҳуроти маъноҳои иловагӣ дар калимаҳо ана ҳамин серистеъмол будани онҳост. Масалан, вожаи *гул* умумитоҷикӣ аст, ки дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин маънидод шудааст: “ғунча ва ё муғҷаи вошудаи гиёҳҳо ва дарахтон, шукуфаи кушода, баргҳои рангини бо ҳам пайваста, ки баъзе дарахтон ва гиёҳҳо дар шохаҳои худ ҳосил мекунанд ва баъд аз муддате ба ҷойи он тухм ва ё мева ба вуҷуд меояд” [13, с.281].

Дар ин мавзеъ *гул* ғайр аз маънии маъмули худ боз ба маънии «номи як навъ беморӣ» ва «чизи аз ҳама беҳтар» истеъмол меёбад. Аммо бояд гуфт, ки дар ин лаҳҷа вожаи *гул* ба мафҳуми «номи касалӣ» нисбат ба дигар маъниҳояш доираи интишори васеътар дорад. Аз ин касалӣ дар вақтҳои пеш талафоти зиёд мешуд. Кӯдакон ин бемориро бо таби баланду вазнин мегузаронидаанд. Дар ин мавзеъ боварҳои зиёде дар мавриди баровардани гул вуҷуд дорад, ки якчандтои онҳоро ҳамчун намуна меорем:

Агар одами нопоку бетаҳорат шахси гулбаровардаро бинад, “гулаш дарун мезанад, яъне нагз намебарояд.

Агар ҳангоми гул баровардани шахс дар хонаи хоби ӯ пардаҳои сурх овезанд тезтар шифо меёбад

Агар ҳангоми баровардани гул шахси беморро дамхонӣ кунанд паяш дар бадани шахс намемонад.

Воҳиди луғавии *гул* дар асл маънии номи як навъи растаниро дар бар мегирад. Ба назари мо, чунин менамояд, ки номи гулҳо дар лаҳҷаи Қаратоғ назар ба забони адабии тоҷикӣ зиёдтаранд**:** *гули қарақош, гули пақ-пақак, гули ошиқи печон, гули тоҷи хурӯс, гули савсан, гули хайрӣ, гули шому саҳар, гули чинӣ, гули кawутак, гули лола, гули зардак, гули ҷавак ва ғайра.*

Нақше, ки дар матоъ тасвир намуда кашидадӯзӣ менамоянд, низ *гул* ном дорад, ки маҳз ҳамин маънои ин калима ба соҳаи дӯзандагӣ равона шудааст: *Гулои* курти чакани мана ба ришти нофармон дӯз, апаҷон (Д); Чакандӯз бутун курти мана расво кара партофтас(т), беҳад *гулоша* қӯқакара партофтас(т)(О).

Калимаи *гул* дар гӯйиши мардумони ин мавзеъ ба маънои маҷозӣ низ истифода мешавад. Дар ин маврид маънии он «чизи аз ҳама беҳтар, аз ҳама хубтар» аст: гули лиwос (либоси аз ҳама беҳтар), гули орд (орди сап-сафед), гули авқот (хӯроки аз ҳама бомазза).

Мусаллам аст, ки дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор амсоли ин калимаҳои зиёде вуҷуд доранд. Вожаи *давра* низ ҳамин гуна хусусият дорад. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» калимаи давра ба се маъно оварда шудааст, ки ин маъниҳо, дар ин лаҳҷаҳо ҳам истифода мешаванд. Аммо муҳим он аст, ки ин калима иловатан боз маъноҳои махсуси лаҳҷавиро ба худ касб кардааст. "*Давра*" гуфта дӯзандаҳо сӯзании калони кашидадӯзикардашударо меноманд: *Давраҳо*и дӯхтагиҳома имрӯз бозор мебурорам (Қ). Албатта, ба чунин ном гирифтани ин ашё маънои аввалаи ин калима нақши босазое бозидааст, яъне аз сабаби гирд будани нақшҳо дар сӯзанӣ инро чунин номгузорӣ кардаанд. Дар ин маврид умумият бо маънои аввалаи ин калима баръало эҳсос мешавад. Забоншиноси давраи шуравӣ С. Д. Катснелсон мегӯяд: " Маънои калима чун мафҳум дар шакли махсуси инъикоси воқеият - ҷамъбастӣ ва муҷаррад ҷой дорад. Дар пояи калима ва мафҳум ҳамеша хулоса, яъне инъикоси ҳамон умумияти доимӣ ва муътақид, ки дар гуногунӣ тағйирёбии беохири зуҳурот ниҳон аст, ҷой дорад" [6, с.9].

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки инчунин калимаи "*давра*" ба маънои "дар ҷаноза муайян намудани синну соли шахси мурдагӣ" корбаст мешавад: Ҷоҳакаш ҷаннат шавад Мунаввара, беҳад ёш мурда монд, да(р) чилу панҷ *давра* карен (Ш).

Бояд гуфт, ки қариб номи ҳама узвҳои биологии инсон дар забон хусусияти сермаъноӣ доранд. Яке аз онҳо исми "лаб" аст. Вожаи "*лаб"*, ки дар лаҳҷа шакли "law**"** дорад, сермаъност**:** *lawи ow, lawи дедон, lawи тоқча, lawи дастархон, lawи рӯзго*р ва ғайра Агар ба калимаи law пасванди- ак ҳамроҳ кунем маънои "лаби маҳину борик- ро ба худ касб менамояд, аммо дар гӯйиши ин мардум калимаи "*lawак"* дорои маънои зангӣ (негр) низ мебошад: *Lawако*я(ро) имшав да телвизион нишон додан, дидетон шумоҳон (Ш). Маънои сеюми он дар қолаби феълии *lawак* дӯхта*н* (бо феъли дӯхтан) «бесифат дӯхтан, ноустувор дӯхтан» аст, ки ин ҳам заминаи лаҳҷавӣ дошта, маҳз ба соҳаи дӯзандагӣ марбут аст.

Бояд ҳаминро дарҷ намоем, ки дар бобати сермаъноии калимаҳо маънои аслӣ нақши муҳим мебозад, зеро дар пояи маънои аслии калима маъноҳои маҷозӣ пайдо мешаванд.

Чунонки дида мешавад, сермаъноии калимаҳо дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ ҳодисаи доимӣ ва бардавом буда, вобаста ба рушду такомули луғати ҳар як лаҳҷа ба зуҳур меояд.

Лаҳҷаҳои водии Ҳисор дар тӯли асрҳо давра ба давра тараққӣ карда, таркиби луғавии худро аз ҳисоби калимаҳои сермаъно мукаммал месозанд. Аксарияти калимаҳои сермаънои лаҳҷаҳои мазкур аз асрҳои пешин ба мерос мондаанд. Ба ин маънӣ, дар ҷилди якуми китоби «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» оварда шудааст, ки "... асоси боигарии луғати шеваи ҷанубиро маҳсули давраи қадим шуморидан ба мақсад мувофиқ аст" [10, с.248].

Ин ақида дуруст аст ва лаҳҷаҳои водии Ҳисор, ки дар мавзеъҳои шеваи ҷанубӣ бо шеваи шимолии забони тоҷикӣ омезиш ёфта, паҳн гаштаанд, вожаҳои зиёдеро фаро мегиранд, ки аз қаъри асрҳо боқӣ мондаанд ва иддае аз онҳо хусусияти сермаъноӣ зоҳир менамоянд.

Оид ба сермаъноии вожаҳо профессор Ш. Исмоилов қайд мекунад, ки «Дигаргуниҳои сохти ҷамъиятӣ, пайдоиши воситаҳои нав дар истеҳсолот ва қувваҳои истеҳсолкунанда, ки хоҳ-нохоҳ дар забон инъикос меёбанд, ба сермаъноии калима оварда мерасонад» [4, с.88].

Сермаъноӣ бошад, дар навбати худ, боиси рушду такомули таркиби луғавии забони адабӣ ва лаҳҷаҳои маҳаллӣ мегардад. Ҳаминро ба ҳисоб гирифта, муҳаққиқ М. Муҳаммадиев мегӯяд, ки «Сермаъноии калима яке аз роҳҳои бойшавии таркиби луғавии забон ба шумор меравад» [8, с.11]. Калимаҳои сермаъно дар луғати соҳаи ҳунармандӣ ва маишии ин мавзеъ аз нигоҳи теъдоди маъниҳо аз якдигар фарқ карда меистанд. Ба ин маънӣ, калимаҳое вомехӯранд, ки ду ё се маънои иловагӣ доранд, вале дар мавриди дигар вожаҳоеро низ метавон пайдо кард, ки чор–панҷ ва ҳатто аз ин ҳам зиёд маъниҳоро дар бар мегиранд. Ба ин гурӯҳ ҳам калимаҳои умумитоҷикӣ ва ҳам калимаҳои марбут ба лаҳҷаи мазкурро нисбат додан мумкин аст:

Вожаҳои умумитоҷикӣ. Ин гурӯҳи калимаҳо, агар аз рӯйи маънии якуми худ моли забони умумихалқии тоҷик шинохта шаванд, маъноҳои баъдии онҳо хосси лаҳҷаҳои водии Ҳисор, аз он ҷумла Қаратоғ мебошад. Барои мисол боз ба вожаи "*меш"* муроҷиат

мекунем. Ин калима дар забони адабӣ маънии «гӯсфанд, гӯсфанди зоё»-ро ифода мекунад. Аммо ба ҷуз ин маънӣ вай дар лаҳҷаи мазкур боз маънии «халта, халтаи аз пӯсти тозакардашудаи буз ё гӯсфанд тайёр карда»-ро ифода мекунад, ки дар он об гирифта мешавад, ки маҳз ба соҳаи чармгарӣ мансуб аст.

Мисли инҳо дар лексикаи соҳаи маишӣ, махсусан соҳаи пазандагӣ низ калимаҳои зиёде дучор мегарданд, ки маъниҳои лаҳҷавии онҳо маҳз дар заминаи маънии адабиашон ба амал омадаанд. Масалан, вожаи “соф”, ки сифат буда, дар забони адабии тоҷик маънии «пок, зулол, покиза, ҷилодор, равшан»-ро нисбат ба ашёи шишагӣ ифода мекунад, аммо дар луғоти соҳаи пазандагии лаҳҷаҳои водии Ҳисор дар таркиби феъли “соф кардан” омада, маънои “полида, аз ифлосӣ тоза кардан”- ро ба худ касб намудааст: Ширра соф карда, баъд атали сафедака (ро) пазед, келин (Д); Рӯҳани зарда се бор қати ширсофкунак соф мекунӣ, баъд турушакош мерад (Ш): Рӯғани зағери нав қати ҳавлоя напаз, ки вай рӯған соф накара ҳолӣ. Илова бар ин, дар лаҳҷаҳои мазкур, калимаи “*соф*” боз дар ифодаи мафҳуми «поктинат, беғаш, хайрхоҳ» (нисбат ба инсон) низ ба кор меравад: Моҳираҷон одами софу бекина (Б) Маънои дигари он дар қолаби феълии *соф шудан* (бо ёвари шудан) «беайб, бегуноҳ будан, озод шудан» аст, ки ин ҳам заминаи лаҳҷавӣ дорад: Бачеки укем *соф* шуда, а қамаъхона буромад (Қ). Илова бар ин, бояд ҳаминро дарҷ намоем, ки бо ин маънӣ танҳо дар доираи интишори лаҳҷаи Қаратоғ ва лаҳҷаҳои ба он наздик истеъмол меёбад.

Мусаллам аст, ки вожаи ба ҳама маълуми *бар,* ки дар забони адабӣ хусусияти сермаъноӣ ва ҳам омонимӣ зоҳир менамояд, ба замми ҳамаи он дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор, хусусан ҷамоати қишлоқи Қаратоғ ба маъноҳои «бағал» ва «гурӯҳ, бисёр, зиёд» низ корбаст мегардад: Бачекат-а да (р) *барак*-ат гирифта, Худо гуфта да(р) йа ҷоҳак шин (А.). Йа *бар* одамоя фирew кара гаштас ин Хуршеди чова (Б.).

Вожаи ***бар*** ба маҳфуми “зиёд, одами бисёр, фаровон”дар баъзе мавридҳо дар лаҳҷаи мазкур дар шакли такрор (бар-бар) ҳам истеъмол меёбад: Вай тирончаки Фирӯзатон йа *бар–бар* одамойа ҳаҷим кара хow (Ж.). Аммо бештари вақт ин калимаро низ ҳунармандон ҳангоми дӯхтани курта ва дигар либосҳо корбаст менамоянд: *Бари* куртая(ро) ман танг гифта наметонам, шифонпомпарх тез медарад (Ш). Як бар ба шумо курта намебарод, оначон се метреша мегифтед. Ин куртая *бараки* дӯзем мешад, гул ба гул мебиёд (Қ).

Ин маъниҳо ҳар яке инъикоси бевосита ва ё бавоситаи нишонаҳои маънои аввалаи калимаи *бар* мебошанд, ки бо мурури замон дар ин лаҳҷаҳо пайдо мегарданд.

Калимаҳои сермаъно дар забон умуман хусусияти хеле муҳим доранд. Аммо, чунонки профессор Ҳ. Маҷидов мегӯяд, «Ҷиҳати аз ҳама муҳимми калимаҳои сермаъно он аст, ки паҳлуҳои гуногуни ҳодисаҳои воқеиро дар шакли як калима акс мекунанд. Ва ҳамаи он маъниҳо ба ҳам алоқамандӣ доранд» [7, с.46].

Ин ақида дуруст аст ва намунаи онро дар маводи лаҳҷаҳои водии Ҳисор ҳам метавонем бубинем. Барои мисол вожаи “*тароша”*- ро мегирем. Ин калима дар забони тоҷикӣ маънии «чизеро ифода мекунад, ки аз тарошидани чӯб пайдо мешавад». Ғайр аз ин маънӣ, вожаи мазкур дар ин лаҳҷаҳо боз ба маънии маҷозии «харобу лоғар» (нисбат ба инсон) ҳам кор фармуда мешавад, ки ҳар ду маъно бо ҳам хеле наздиканд: *Тароша шуда* рафтӣ, калон-калон хуру дига (р) таъна нашав, бачем (К.). Дар луғоти соҳаи пазандагӣ низ бо феъли ёридиҳандаи “кардан” омада, дар шакли “тароша кардан”, яъне мафҳуми “аз ҳад зиёд нигоҳ доштани нон дар дедон, ки дар натиҷа сахт мешад”- ро ба худ касб намудааст: Ноноя(ро) дар дедонкалон *тароша* кара ба кандӣ, отаҳакат дандон надоран, ки хоян(Ш).

Вожаи **дил** ҳам дар лаҳҷаи мазкур ба маъноҳои зиёд истифода мешавад. Дар китоби “Фарҳанги ибораҳои халқӣ” ба 105 маънӣ корбаст шудани ибораҳое, ки тавассути вожаи *дил* сохта шудаанд, дарҷ гардидааст, ки чанде аз онҳоро дида мебароем: *дил* ҳақ-ба расидан (бисёр гушна будан), *дил* ҷӯш задан (хоҳиш доштан), *дил*-а кофтан (дилро беҳузур кардан), *дил*-а пур кардан (ба касе ваъда додан), *дил*-а сиёҳ кардан (касеро ранҷонидан), *дил* ба задан (безор шудан), *дил* ба омадан (пешакӣ чизеро ҳис кардан), д*илг*ир шудан (зиқ шудан), *дил* сафед будан (бекина будан), дилчасп будан (хушмуомила будан) [15, с.155].

Ин ибораҳо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор, айнан бо ҳамин мафҳумҳо дар истифодаанд. Бояд гуфт, ки дар байни он маъниҳое, ки як калима ифода мекунад, яке аз онҳо сарсилсила ҳисоб меёбад. Аммо ҷумлаи таркиби луғавии “куртема(ро) дил дӯзед”, факат ба дӯзандаҳо фаҳмост. Дар ин мавриd калимаи “дил” ба маънои “нусхаи пешаки куртаи занона” корбаст мегардад.

Ба ин монанд, дар ин гӯйиши мардуми ин мавзеъ боз калимаҳои зиёдеро пайдо кардан мумкин аст. Масалан, калимаи “*миён”* дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор чанд маъно дорад «*миёни* одам» (мобайни пушт) сарсилсила буда, *миёни* гап (байни гап), *миёни* роҳ (байни роҳ), *миёни* дашт (байни дашт) ва ғайра дар асоси он рӯйидаанд. Дӯзандаҳо ибораи “миёни курта”- ро низ истифода мебаранд, ки ин маънои “байни курта”-ро ифода менамояд.

Аз ин тафсилоти мухтасар бармеояд, ки дар лексикаи соҳаи ҳунармандӣ ва маишии водии Ҳисор ҳодисаи сермаъноӣ дар калимаҳои умумиҳалқӣ зиёдтар аст. Ин, албатта, якчанд сабабҳо дорад, ки онҳоро ба таври зерин арзёбӣ кардан мумкин аст:

1) унсурҳои умумиҳалқӣ қисми асосии луғати соҳаи ҳунармандӣ ва маишии лаҳҷаҳои мазкурро ташкил медиҳанд;

2) калимаҳои умумиҳалқии соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои мазкур нобаробар паҳн гаштаанд;

3) дар бисёр маврид ин ё он калимаи умумиҳалқӣ дар маҳалҳои алоҳидаи водии Ҳисор на ба маънои адабӣ, балки ба маънои лаҳҷавӣ истеъмол меёбад.

Унсурҳои лаҳҷавӣ. Калимаҳои лаҳҷавӣ вобаста ба намуди зоҳирӣ ва вазифаи предмете, ки онҳо ифода мекунанд, маъноҳои гуногун касб мекунанд. Вале миқдори маъниҳои онҳо дар лаҳҷа баробар шуда наметавонад. Баъзе аз онҳо ду маънӣ, қисми дигар аз ин ҳам зиёд маъниҳо пайдо мекунанд.

Аз ин рӯ, дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор ин навъи калимаҳоро мебояд ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо кард:

2.1. Калимаҳое, ки ду маънӣ–як маънии асосӣ ва як маънии иловагӣ доранд. Ин навъи воҳидҳои луғавӣ дар лаҳҷа зиёданд: *тофта* (сарват, боигарӣ), *тофта* (риштаи махсуси зардӯзӣ, ки аз бо ҳам тофтани ришта бо зар, яъне риштаи ҷилодор ҳосил мешавад).

Ёфтагию *тофтагем* эми ту шуду да(р) айни пиронсолагем ту мана току танҳо монда рафтӣ (О.). *Тофта* тайёр кунетон камзӯлча медӯзем (Қ.).

Калимаи “*хафа”* дар таркиби феълии “*хафа кардан”* низ сермаъност. Маънои якуми он “буғӣ, буғӣ кардан” (гулӯи касеро сахт фишурдан - нисбат ба инсон) ва маънои дуюмаш бо алаф, пахол ё ягон матоъ сахт пӯшонидани болои ягон навъи сабзавот ё меваҷот мебошад: Сево-йа kawутак-kawутак чинда да(р) мобайни пахоло(ҳо) монетон хафа шуда, заб–зарди ширинак мешаванд.

Вожаи “*болойӣ”* яке аз унсурҳои лаҳҷавист, ки дар лаҳҷаҳои ин мавзеъ ба ду маънӣ истеъмол меёбад ва маъниҳои он заминаи лаҳҷавӣ дошта, ба ҳамдигар қаробати наздик доранд: *болойӣ* (матои иловагие, ки дар қисми болоии шалвари занон дӯхта мешавад), болойӣ (ҳар чизи илова, ки ба болои чизи дигар зам мегардад): *Болойи* эзори хушдоманам-а а(з) читакои рангравак надӯзед бо(з) (Б.). Да (р) болои хона бо(з) шаш ҳазор *болойӣ* дод (О.).

Ба ин гурӯҳ боз калимаи “*баргак”-р*о ҳам нисбат додан мумкин аст, ки ду маъниро дар бар мегирад: баргак (алафест, ки баргҳои паҳн дорад), баргак (навъи гӯшвор, ки гирдогирди ҳалқа баргҳои овезон дорад).

Томарқи Латофат-ба алафи баргак пур paw йа қawза чинда биёр (Ш.). Баргакои owарагем Гулҷон-ба маҳқул мешудошад (Б.).

2.2. Калимаҳое, ки чанд маъниро дар бар мегиранд: *пуштак* **(**муқоваи китоб), *пуштак* (пушт ё болои токӣ), *пуштак(пушти куртачаи занона), пуштак* (пушти нон); *дам* (нафас, пуф, шамол), *дам* (дами оҳангарӣ, ки оташро пуф мекунанд), *дам* (дуо хонда ба об пуф мекунанд); *камонак* (абрӯвони камоншакл), *камонак* (бозичаи бачаҳо дар шакли камонғӯлак), *камонак* (асбоби камоншакл, ки бо он чанги пашмро тоза мекунанд), камонак (як навъи гӯшвор, ки заргарон тайёр менамоянд); *гул* (доғи рӯйи чашм), *гул* (навъи беморӣ, ки дар рӯй доначаҳо пайдо мешаванд), *гул* (доғчаҳои рӯйи нон); *ҳаво додан* (касеро бо бодбезак шамол додан), *ҳаво додан* (маҷозан касеро бо касе шӯр андохтан), **ҳаво додан (**маҷозан касеро аз роҳ задан): *Пуштаки* курти мана беҳад калон гифтед, янгаҷон: *Пуштаки* нон сӯхтагӣ–ку, йа созаш-а меоваред, намешуд? (О.). Домулло-ба ин ow *дам* андохтагӣ, хуред (Б.). Имшaw хушдоманам бачешон-а *ҳаво* дода пеши ман ройӣ карен (Қ.). Чишми чапаш гул дорад-мӣ? (Ш.).

2.3.Калимаҳое, ки чор-панҷ ва аз ин зиёд маъниҳоро ифода мекунанд. Вожаҳои сермаънои банди сеюм дар лаҳҷа хеле зиёданд ва дар муқоиса бо дигар ҳиссаҳои нутқ бештар ба исм дахл доранд: харак (ҳайвон, хари хурд), *харак* (навъи ҳашарот), *харак*

(чорпоя, ки дар болои он менишинанд), *харак* (чӯбчае, ки симҳои торро болои худ нигоҳ медорад); *печак* (алаф, зардпечак), *печак* (як навъи қанд), *печак (*роҳи печ дар печ), *печак* (латтаест, ки зимистон ба пой мепечонанд*), печак* **(**маҷозан хира, одами шилқин); *тор* (ресмон барои овехтани либос), *тор* (асбоби мусиқӣ, ки торҳои симӣ дорад), тор (нах, нахи пилла, нахи абрешим), *тор* (доми тортанак, ки аз торҳои нозук барои сайди пашша метанад), *тор* (шилшилаҳои овезони шифти хона, ки аз гарду чанг пайдо мешаванд), *тор* (қил, мӯйи сари инсон), *тор* (риштаҳои таркиби матоъ, тору пуд); *тор* **(**баландӣ, боло, тори кӯҳ), *тор* (тори сар), *тор* (тори дарахт), *тор* (тори бом, рӯйи бом), *тор* (тори тоқӣ, пушти тоқӣ).

Ин ҷо, чунонки дида мешавад, ду вожаи *"тор"* омадааст, ки аз рӯйи маънои нахустини худ (ресмон ва баландӣ) онҳо дар мақоми омонимӣ қарор гирифтаанд. Вале ҳар кадоми он бо роҳи худ инкишоф ёфта, дар заминаи маъноҳои аввала оҳиста-оҳиста боз маъноҳои иловагӣ пайдо карда, хусусияти сермаъноӣ касб намудаанд. Одатан калимаҳои сермаъно ҳам дар забони адабӣ ва ҳам дар лаҳҷа вобаста ба миқдори маъноҳои худ аз якдигар ҷудо шуда меистанд. Ин ҳодисаро дар мисоли вожаҳои *"тор"***,** ки дар лаҳҷаҳои ин водӣ якумӣ шаш маъно ва дуюмӣ панҷ маъноро дар бар мегирад, ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Лекин, агар боз ҳам жарфтар ба ин ду калимаи зоҳиран яку маъноан гуногун назар афканем, метавонем бубинем, ки *"тор"-и* якум дар лаҳҷаи мардуми ин мавзеъ зимни маҷоз боз маъниҳои дигарро ифода карда метавонад: *тор* (тори ҷон – ҳар касе ё чизе, ки барои инсон баробари ҷон азиз аст), *тор* (тори қалб–азизи дил, пайванди дилу ҷон, фарзанд), *тор* (тори хаёл–андешаи нозук ва рангину пурмаънии бардавом), *тор* (тори хоб–хоби ширин ва дуру дароз). Ба ақидаи забоншинос Ж. Гулназарова бо як қиёфаи овозии калима метавонад чанд маъно ифода шавад [3, с.23].

Таврe ки дида мешавад, маъноҳои маҷозии *"тор"*-и якум саросар ба инсон нигаронида шудаанд, ки аз ин ҷиҳат низ вай аз *"тор"***-**и дуюм фарқ карда меистад. Ҳамаи ин дар маҷмӯъ собит месозад, ки имкониятҳои зуҳури маъниҳои нав дар калимаҳо хеле зиёд буда, моҳиятан қонуну қоидаҳои мантиқиву предметӣ байни унсурҳои нутқ ва рӯйдодҳои олами воқеӣ дар забон зимни ҳамин раванди бардавом ифода меёбанд.

Бояд иброз намуд, ки сермаъноии калимаҳо ҳодисаи муқаррарии забон аст ва чи дар забони адабӣ ва чи дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ мунтазам ва ногузир идома меёбад, ки ин, аз як тараф, боиси такмил ёфтани таркиби луғавии забон гардад, аз тарафи дигар, имкониятҳои услубии нутқи ворисони забонро боз ҳам вусъат мебахшад. Сермаъноӣ дар калимаҳо ва таркибу ибораҳо одатан зимни тағйирот ва табаддулоти хурду бузурге, ки дар сохтори иҷтимоию фарҳангии ҷомеа ба вуҷуд меояд, пайдо мешавад,

Чунонки гуфтем, сермаъноӣ ҳодисаи муқаррарии забон ва рӯйдоди бардавомест дар ҷомеа. Ба қавли М. Муҳаммадиев сермаъноӣ, дар навбати худ яке аз роҳҳои муҳимми бой гардидани тарикиби луғавии забон ба ҳисоб меравад [8, с.11].

Ин рӯйдод тасодуфӣ набуда, балки роҳҳои гуногун дорад, ки он роҳҳо умуман дар забон хеле зиёданд ва баъзе аз онҳоро дар асоси маводи лаҳҷаи Қаратоғ ба таври зерин номбар кардан мумкин аст:

1. Вобаста ба монандии шакли предмет ба вуҷуд омадани маъниҳои иловагии калима. Ин роҳи пайдоиши маъниҳои нав дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор хеле фаъол аст**:** *риш* (риши одам), *риш* (мӯяки овезону ришмонанди ҷуворимакка); *барга*к (навъи алафи баргпаҳн), *баргак* (навъи гӯшвори баргакдор), *баркагак* (нусхаи пешаки куртаи занона); *каҷак* (тӯғи мӯйи тобхӯрдаи бари рӯйи занҳо), *каҷа*к (қисми каҷкардашудаи тӯтаи печка), *каҷак* (нақши дар матоъ гулдӯзишуда); *гирдак*(нақши куртаи чакан), *гирдак* (сарпӯши оташдон), *гирдак* (тахтаи мудаввар барои паҳн кардани зувола); *гард* (чанг, ғубор), *гард* (орди андак); *даста* (дастаи бел), *даста* (дастаи каланд), *даста* (буттаҳое, ки барои танидани пила ба кирмак мегузоранд); *кос* (сақфи хона), кос (сақфи даҳон); *қир* (моддаи равғанмонанди сиёҳ), *қир* (ранги сиёҳ).

2. Дар асоси монандии вазифаи предмет пайдо гардидани маъноҳои дигари калима: *таф* (аз китф то оринҷи инсон), *таф* (қаноти паранда); *харак* (ҳайвони чорпоя), *харак* (чорпоя, ки дар болояш менишинанд); *часпак* (моддаи кимиёвии часпанда), *часпак* (часпаки дару тиреза, ошуқ); *бандӣ* (миёнбанд), *бандӣ* (химча барои бастани дарза); *пул* (кӯпрук), *пул* (чӯби ғафси байни сақфи хона).

3. Дар заминаи маҷоз пайдо шудани маъниҳои иловагии калима. Зимни маҷоз сар задани маъниҳои гуногуни калимаҳо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор ҳодисаи муқаррарист.

Қариб дар ҳар як деҳа ба маъниҳои гуногуни маҷозӣ кор фармуда шудани ин ё он вожаро дучор омадан мумкин аст: *бугилак* (хармагас), *бугилак* (ҷанҷолӣ, одами ҷанҷолӣ); *йӯрға* (аспи йӯрға), *йӯрға* (зани сабукпо); *пойа* (такягоҳ), *пойа* (пушту паноҳ); *хаварчӣ* (касе, ки мардумро ба тӯю маъракa хабар мекунад), *хаварчӣ* (хабаркаш, шӯрандоз); *параха* (тароша), *парах*а (харобу лоғар ва мисли параха хушк); ҳаво додан (шамол додан), ҳаво додан (бардор додан, бардор-бардор кардан). Тавре ки мо воқиф ҳастем, воситаи асосии сермаъноии калима дар забон ин маҷоз аст. Боз ҳаминро ҳам қайд кардан ба маврид аст, ки на ҳама маҷозҳо боиси сермаъноӣ шуда метавонанд. Масалан, ибораи "*тухми пусткарагӣ"* ибораи исмӣ буда, мафҳуми «тухми аз пӯст покшуда»-ро дорад, ки аслан ба луғати маросими туйи арӯсӣ шомил мебошад, зеро ҳангоми арӯсинтихобкунӣ занҳои маҳаллӣ духтари зебою сафедпӯстро низ маҷозан "*тухми пӯст кардагӣ*" мегӯянд: Одинабиwи-йа духтараш *тухми пӯс карагӣ* -ворӣ хушрӯ (Ш.). Забони тоҷикӣ яке аз забонҳои сермаҷоз аст, яъне маънои маҷозӣ гирифтани ибораю калимаҳо дар забони мо хеле инкишоф ёфтааст. Маҷозҳои нав имрӯз ҳам пайдо шуда истодаанд. Умуман, агар гирем, имконияти сохтани маҷозҳои нав охир надорад. Вожаи "*пошикаста"* дар забони адабӣ маънии «пойи осебдида, устуғонаш шикаста»- ро мефаҳмонад. Илова бар ин, дар лаҳҷаи водии Ҳисор бошад, духтари бокираи ба балоғат расидаро низ маҷозан «пошикаста» мегӯянд: Ҳами **пошикаста-йа** тӯй кара, а(з) ҳавлӣ мебуроварам, ба (баъд) хотирам ҷамъ мешуд (Қ.).

Дар гӯйиши мардуми водии Ҳисор ҳар як маҷоз тобишҳои ҷилодору рангини маъноӣ дорад. Пеш аз оне ки ба таҳлили маънои маҷозии калимаҳои ифодакунандаи соҳаи маишӣ ва ҳунармандӣ дар ин мавзеъ гузарем, лозим донистем худи вожаи " маҷоз" -ро каме тафсир диҳем. Гузаштагони мо ҳанӯз дар гузашта дар осори пурғановати хеш маҷозро хеле зиёд истифода мебурданд. Аз диди баъзеи онҳо маҷоз чунин шарҳу эзоҳ ёфтааст: Маҷоз муқобили ҳақиқат нест, балки корбурди вожа дар маънои ғайри он чизест, ки барои он вазъ шудааст. Зеро на ҳама вожаҳо ҷуфти зидмаънои худро дошта метавонанд, вале ҳар яки онҳо имкони ба маънои маҷозӣ омаданро доранд. «…Ва ҳамчунин назар ба тазод, ки яке зид бувад, дигаре набувад, монанди ***«тоқ»,*** ки дар адад, ки зидди ҷуфт бувад ва дар бино, ки зиддаш набувад» [9, с.12].

Ба ақидаи Насириддини Тӯсӣ ҳар як калима вобаста аз вазъияте, ки мо онро мавриди истифода қарор медиҳем, ба маънои маҷозӣ омада метавонад. Масалан, агар мо ба таркиби луғавии "*моҳ* баромад" назар афканем, баръало эҳсос менамоем, ки маҳфуми "намоён шудани *моҳ*"- ро мефаҳмонад, аммо ибораи изофии "*моҳи* чордаҳсола"- ро тафсир намоем, бевосита иртибот дорад ба маҳфуми "духтари чордаҳсола". Пас аён гашт, ки дар ин маврид маҷозро истифода намудем.

Ба ҳамин тартиб, дар бештари фарҳангномаҳои форсӣ-тоҷикӣ дар шарҳу тафсири вожаи маҷоз, пеш аз ҳама, ба маънои истилоҳии он, яъне дар ғайри маънои ҳақиқии калима воқеъ шудани он ишора шудааст. Аз ҷумла, Шамс Қайси Розӣ «Маҷоз зидди ҳақиқат аст» гуфта, маънии истилоҳии онро чунин таъриф медиҳад: «Маҷоз он аст, ки аз ҳақиқат даргузаранд ва лафзро бар маънии дигаре итлоқ кунанд, ки дар асли вазъ на барои он ниҳода бошанд. Лекин бо ҳақиқати он лафз ваҷҳи алоқате дорад, ки бад – он муносибат муроди мутакаллим аз он итлоқ фаҳм тавон кард» [16, с.192].

Дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и С. Айнӣ калимаи маҷоз чунин тафсир шудааст: «Маҷоз: 1. зидди ҳақиқат; 2. калимае, ки дар ғайри маънии ҳақиқии худ кор фармуда шавад, бинобар муносибате (масалан, маънии аслии «*мустаманд*» андуҳгин аст, ба муносибати он, ки ҳар «*мустаманд*» андуҳгин мешавад, «*ҳоҷатманд*»-ро ҳам «*мустаманд*» гуфтаанд)» [2, с.209].

Ба ақидаи забоншинос С. Саломиён "маҷоз воситаи лексикӣ - семантикиест, ки калимаҳо пас аз ифодаи маънои аслии худ ҷараёни муайянеро дар сатҳи семантикӣ (монандӣ ва алоқамандии калимаҳо аз ягон ҷиҳат) тай намуда, байни худ муносибати муайяни лексикию грамматикиро барқарор намуда, дорои тобишҳои нав мегарданд ва маъноҳои маҷозиеро ифода намуда, дар ҳолати кандашавии ин муносибатҳо ба асли худ бармегарданд ва он маъниҳоеро ифода мекунанд, ки дар сатҳи аввал қарор доштанд" [12, с.29].

Албатта, ҳангоми ба маънои маҷозӣ корбурд намудани вожаҳо онҳо ба маънои ғайриҳақиқии худ корбаст мешаванд, ки дар ин маврид онро бештар дар луғоти соҳаи ҳунармандӣ дидан мумкин аст. Масалан, ибораи "*сари хам***"** киноя аз «хиҷолатмандӣ ва ё хоксорӣ» мебошад, ки бештар дӯзандагон дар мавриди нодуруст дӯхтани либос ба забон

меоранд.: Курти дӯхтагем ба амет тамоман нафорид, қати ҳами беаҳмиятем *сарама да пеши амет хам карам* (О). Дар ин маврид ба маънои маҷозӣ омадани ибораи “сари хам” баръало намоён аст. Тавассути истифодаи маҷоз мардуми ин манотиқ метавонанд нутқи худро боз ҷаззобтар намуда, таркиби луғавии гӯйишҳои худро боз ҳам бою ғанӣ гардонанд. Аммо дар ҳама маврид барои пайдоиши маҷозҳо маъноҳои ҳақиқии калимаҳо нақши муҳим доранд. Аз ин дидгоҳ ба маҷоз метавон гуфт, ки онҳо маънои муқобилро ифода намекунанд, балки хусусияти муродифӣ бо маънои ҳақиқӣ доранд, ки онҳоро аз ин ҷиҳат ба ифодаҳои фразеологӣ наздик мекунанд [1, с.142].

Ба ин монанд, мисоли дигарро низ пайдо кардан мумкин аст. Масалан, агар шахс аз ҳад зиёд хурсанд бошад, хурсандиашро ба воситаи ҷумлаи «*сарам ба осмони ҳафтум расид*» метавонад изҳор кунад, ки ин таркиби луғавиро мардуми маҳаллӣ бештар ҳангоми қабули меҳмон дар маросимҳои хонаводагӣ ба забон меоранд: Моҳона суроғ кара омаден, да(р) ҳамин тӯйи Валиҷон *саромон ба осмон расид (Ш.)*. Ҳарчи Ҳайитбой духтарашона ба додараки ман додан, а(з) ин кори карагешон *саракам ба осмон расид (Қ.)*.

Дар давоми суҳбат бо мардуми таҳҷоӣ, ки дар нутқи онҳо ифодаҳои маҷозӣ бисёр истифода мешаванд, ҳаминро эҳсос намудем, ки маҷоз, дар ҳақиқат, маънои суханро таъсирноктар, образноктар ва барҷастатар ифода менамояд. Мардуми ин мавзеъ дар лаҳзаҳои хурсандӣ, дар мавриди меҳрубонӣ, дар вақти таърифу тавсифи ягон шахс аз маҷозҳо зиёд истифода мебаранд.

Ба ин тариқ, гуфта метавонем, ки дар луғоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор мисли дигар шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ воҳидҳои сермаъно хеле зиёд корбаст шуда, як қабати махсусро ташкил медиҳанд ва барои пуробуранг баромадани нутқи соҳибони лаҳҷа, таъмин гардидани сабки гуфтори онҳо дар муошрату муомилот бо дигарон мавқеи махсус доранд. Аз ин рӯ, тадқиқи онҳо барои нишон додани вазъи кунунии таркиби луғавии лаҳҷаҳои мазкур, муносибати он бо дигар лаҳҷаҳои дуру наздик аз аҳамият холӣ нест.

Ихтисораҳо: Б.-Батош, н. Турсунзода; Қ.-Қаратоғ, н. Турсунзода; Ш.-Шунук, н. Турсунзода; Д.-Даҳбед, н. Турсунзода; О.-Олтин Жилав, н. Турсунзода.

Муқарриз: ***Назарзода С.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессор.

А Д А Б И Ё Т

1. Аброров С. Нигоҳи тоза ба маънои истилоҳи маҷоз / С. Аброров, С. Сабзаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – №4/4(206). – С.141-144.
2. Айнӣ, С. Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик / С. Айнӣ // Куллиёт. Ҷ.12. - Душанбе: Ирфон, 1976. - 560 с.
3. Гулназарова Ж. Таносуби маъно ва ифода дар достони “Юсуф ва Зулайхо”- и Абдурраҳмони Ҷомӣ / Ж. Гулназарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – №8. – С.23-26.
4. 4.Исмиолов Ш. Қабатҳои лексикӣ –семантикии шеваҳои Қаротегин / Ш. Исмоилов // Масъалаҳои забони тоҷикӣ (маҷмӯаи илмӣ). - Душанбе, 1978. - С.88-93.
5. Исмоилов Ш. Вожаҳои сермаъно – аз омилҳои хуби тасвири бадеӣ / Ш.Исмоилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – №8. - С.13-22.
6. Кацнельсон С.Д. Содержание слова, значение и обозначение / С.Д Кацнельсон. - М.: Наука, 1965. - 110 с.
7. Маджидов Х. Современный таджикский язык. Лексикология / Х.Маджидов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 243 с.
8. Муҳаммадиев М. Очеркҳо оид ба лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / М. Муҳаммадиев. - Душанбе, 1968. - 74 с.
9. Насируддини Тусӣ. Асос-ул-иқтибос. - Теҳрон, 1323. – 48с.
10. Неменова Р.Л.,Ҷӯраев Ғ. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Ҷ.1 / Р.Л. Неменова, Ғ.Ҷӯраев. - Душанбе, 1980. – 328 с.
11. Ожегов С.И. Лексикология. Лексикография. Культура речи / С.И. Ожигов. - М., 1974. - 341с.
12. Саломов М. Ифодаи маҷоз дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ / М. Саломов. – Душанбе, 2001. - 138с.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. - М., 1969. - 951 с.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2. - М., 1969. - 947 с
15. Фарҳанги ибораҳои халқӣ. – Душанбе, 1988. - 400 с
16. Шамс Қайси Розӣ. Ал- муъҷам. - Душанбе: Адиб, 1991. - 463 с.
17. Шукуров М. Забони мо ҳастии мост / М.Шукуров. - Душанбе, 1991. – 231 с.

КОРБУРДИ КАЛИМАҲОИ СЕРМАЪНО ДАР ЛУҒОТИ ИФОДАКУНАНДАИ СОҲАИ ҲУНАРМАНДӢ ВА МАИШӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ВОДИИ ҲИСОР

Муаллиф дар мақола доир ба корбурди калимаҳои сермаъно дар таркиби луғоти соҳаи маишӣ ва ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор баҳс менамояд. Сермаъноии калимаҳо яке аз омилҳои асосии рушду таҳаввули забони адабӣ ва лаҳҷаҳои маҳаллӣ ҳисоб меёбад. Дигаргуниҳо дар сохти иҷтимоии ҷомеа ба зуҳур омадани васоити нав дар истеҳсолот, рушд кардани қувваҳои истеҳсолкунанда ва амсоли инҳо, ки бевосита

дар забон инъикос меёбанд ба зиёд шудани маъноҳои луғавии калимаҳо бурда мерасонанд. Инчунин, дар мақола дарҷ гардидааст, ки лаҳҷаҳои водии Ҳисор дар тӯли асрҳо давра ба давра тараққӣ карда, таркиби луғавии худро аз ҳисоби калимаҳои сермаъно мукаммал месозанд. Аксарияти калимаҳои сермаънои лаҳҷаҳои мазкур аз асрҳои пешин ба мерос мондаанд. Бештар дар дохили луғоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор сермаъношавии вожаҳои умумиҳалқӣ ба назар мерасад. Муаллиф овардааст, ки калимаҳои лаҳҷавӣ вобаста ба намуди зоҳирӣ ва вазифаи предмете, ки онҳо ифода мекунанд, маъноҳои гуногун касб карда метавонанд. Баъзе аз онҳо ду маънӣ, қисми дигар аз ин ҳам зиёд маъниҳо пайдо мекунанд. Сермаъноӣ дар луғоти ифодакунандаи соҳаи маишӣ ва ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор хеле зиёд ба чашм мерасад. Ҳангоми омӯзиши корбурди калимаҳои сермаъно дар луғоти соҳаи маишӣ ва ҳунармандии лаҳҷаҳои водии Ҳисор собит шуд, ки дар луғоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор мисли дигар шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ воҳидҳои сермаъно хеле зиёд корбаст шуда, як қабати махсуси луғоти лаҳҷаҳои мазкурро ташкил медиҳанд.

Калидвожаҳо: калима, калимаҳои сермаъно, лаҳҷа, шева, забони адабӣ, калимаҳои умумиҳалқӣ, калимаҳои лаҳҷавӣ, ҳунармандӣ, маишӣ.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ МНОГОЗНАЧНЫХ СЛОВ В ЛЕКСИКЕ ПРОМЫСЛОВ И РЕМЁСЕЛ В ГОВОРАХ ГИССАРСКОЙ ДОЛИНЫ

Автор в статье ведёт дискуссию об использования многозначных слов в лексике промыслов и ремёсел в говорах Гиссарской долины. Многозначность слов является одним из факторов развития литературного языка и местных говоров. Изменения в социальной структуре общества, появление новых средств производства, развитие производитеьных сил и тому подобное, которые прямо отражаются в языке, приводят к увелечению лексических значений слов. А также в статье отмечается, что говоры Гиссарской долины периодически развивались и на протяжении веков пополняют свой лексический состав за счёт многозначных слов. Некоторые многозначные слова в данных говорах унаследованы ис давних времён. В основном, в состав лексики ремёсл и промеслов в говорах Гиссарской долины входят многозначные общетаджикские слова. Автор утверждает, что диалектизмы, в зависимости от формы и функции предмета, которые они обозначают, принимают разные значения. Однако количество значений в диалекте не может быть равным. Некоторы из них приобретают два значения, у других слов появляются еще больше значений. В результате анализа использования многозначных слов в лексике промыслов и ремёсел в говорах Гиссарской долины, было доказано, что в составе лексики промыслов и ремёсел в говорах Гиссарской долины, как и других диалектах и говорах многозначные слова очень широко используются и составляют основной пласт лексики данных говоров.

Кючевые слова: слово, многозначные слова, говор, диалект, современный язык, общетаджикские слова, диалектизмы, ремесло, промесел.

THE USE OF POLYSEMANTIC WORDS IN THE VOCABULARY OF TRADES AND CRAFTS IN THE DIALECTS OF THE HISSAR VALLEY

The author in the article discusses the use of polysemous words in the vocabulary of trades and crafts in the dialects of the Hissar valley. The ambiguity of words is one of the factors in the development of the literary language and local dialects. Changes in the social structure of society, the emergence of new means of production, the development of productive forces and the like, which are directly reflected in the language lead to an increase in the lexical meaning of words. And also the article cites that the dialects of the Gissar valley have periodically developed over the centuries and replenish their lexical layer at the expense of polysemous words. Some polysemantic words in these dialects are inherited from ancient times. Basically, in the vocabulary of crafts and trades in the dialects of the Hissar valley, there are polysemantic meanings of the Tajik words. The author quotes that dealectisms, depending on the form and function of the object, which they denote, take on different meanings. However, the number of meanings in a dialect cannot be equal. Some words acquire two meanings, while others acquire even more meaning. As a result of the analysis of the use of polysemous words in the vocabulary of trades and crafts in the dialects of the Gissar valley, it was proved that in the vocabulary of trades and crafts in the dialects of the Hissar valley, like other dialects and dialects, polysemous words are very widely used and constitute the main layer of the vocabulary of these dialects.

Key words: word, polysemous words, dialect, dialect, modern language, common Tajik words, dialectisms, craft, trade.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна*** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч.Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: **(+992) 917-11-64-26**

Сведение об авторах: ***Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна*** – Таджикский государственный институт языков им. Сотима Улугзаде, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. Тел.: **(+992) 917-11-64-26**

Information about the authors: ***Abdulloeva Gulrukhsor Ziyodulloevna*** - Tajik State Institute of Languages named after Sotima Ulugzade, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Tajik language. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str., 17/6. Tel.: **(+992) 917-11-64-26**

УДК: 801

КОРБУРДИ ИСТИЛОҲОТ ДАР ОСОРИ УБАЙДИ ЗОКОНӢ

Насруллоев М.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар ташаккул ва инкишофи забони тоҷикӣ-форсӣ хидмати Убайди Зоконӣ ба монанди дигар адибони классик назаррас мебошад. Дар осори ӯ сарвати пурғановати луғавӣ, табъу завқ, панду ҳикмат, афкору ақида, танз, анъана ва касбу ҳунарҳои халқи тоҷику форс инъикос гардидааст.

Аз осори бозмондаи Убайди Зоконӣ маълум мешавад, ки ӯ касбу кор, пешаву ҳунарҳои гуногуни мардумашро хуб медонист. Дар осори ӯ як қатор лексикаи касбу ҳунар гирд омадаанд, ки далели дар гузашта ривоҷу равнақ доштани пешаву касбҳои зиёди халқи тоҷик мебошад. Вобаста ба истилоҳоти як соҳа дар асари бадеӣ аз тарафи олимони зиёд осори бешуморе таълиф шудааст, аммо ба назари мо истилоҳоти касбу ҳунар дар осори Убайди Зоконӣ бо махсусиятҳои худ фарқкунанда мебошад. Лексикаи махсуси ҳар як соҳаро дар осори Убайди Зоконӣ метавон арзёбӣ намуд, аммо он кӯшиши алоҳида аст. Масалан, истилоҳоти сиёсӣ, динӣ ва ғайра, ки дар осори адиб ба таври густурда чашмрасанд. Дар робита ба ҳамин мавзӯъ овардани андешаи М.Н.Қосимова бамаврид аст. Тавре ки ӯ мефармояд: «дар ташаккул ва инкишофи истилоҳоти соҳаҳои мухталиф нақши олимони асрҳои гуногун ва осори онҳо бағоят бузург аст. Хидмате, ки дар ташаккул ва рушду инкишофи истилоҳоти забони мо Ибни Сино, Ғаззолӣ, Ҷомӣ ва дигарон кардаанд, бо ягон чиз қиёс кардан мумкин нест» [4, с.159].

Ҳамлаи Чингизиён дар Осиёи Миёна дар асри XIII ба пешрафти санъати меъмории тоҷик таъсири манфӣ расонд. Дар асрҳои XIV-XV шаҳрҳо рӯ ба тараққӣ ниҳоданд, чандин иморатҳои нав қомат афрохтанд [15, с.136].

Мо дар ин мақола қарор додем, ки мавқеи баъзе аз истилоҳотро дар осори Убайди Зоконӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем. Маводи бадастомадаро ба қисматҳои истилоҳоти сиёсату давлатдорӣ, динӣ ва дигар соҳаҳои иҷтимоӣ тақсимбандӣ намудан ба мақсад мувофиқ мебошад.

А) Истилоҳоти сиёсату давлатдорӣ: султон, вазир, хоҷа, ноиб, надим, ҳоким, муҳтасиб, ғулом…

Бояд тазаккур дод, ки истилоҳоти соҳаи давлатдориро боз метавон дар навбати худ ба қисматҳо ҷудо намуд, аммо бо овардани баъзе аз мисолҳо мо иктифо мекунем. Яке аз истилоҳи дар гузашта маълум ва машҳури давлатдорӣ ин «султон» мебошад, ки дар фарҳангҳо ба маънои унвони подшоҳон дар баъзе кишварҳои Шарқ [13, ҷ.2, с.272], маънидод гардидааст. Истилоҳи мазкур дар осори Убайди Зоконӣ фаровон ва ба маънои аслӣ кор фармуда шудааст.

Ӯ сахт биранҷид, пеши султон омад, то шикоят кунад [1, с.24].

Гирди дари подшоҳон магардед ва атои эшон ба лиқои дарбонони эшон бахшед [1, с.110].

Истилоҳи ҳоким иқтибос аз забони арабӣ буда, маънои ҳукмкунанда, фармонраво [14, с.510]- ро ифода мекунад. Истилоҳи подшоҳ (шоҳ) бошад, ҳукмрони мутлақи як мамлакат ё кишвар, соҳиби тахту тоҷ, шоҳ [14, с.106], маънидод гардидааст. Истилоҳоте ба монанди султон, ҳоким ва шоҳ (подшоҳ) муродифи ҳамдигаранд.

Дар Мозандарон Ало ном ҳокиме буд, сахт золим [1, с.99].

Эй подшоҳ, ту низ монанди ман кун, то наларзӣ! [1, с.50].

Дар гузашта ашхоси муҳтарам ё сарваронро бо истилоҳоти сарвар, хоҷа низ ном мебурданд. Истилоҳи **хоҷа** ба маъноҳои бузург, соҳиб, соҳибкор, хӯҷаин [14, с.454] ифода мегардад.

Хоҷа, агар бовар намекунӣ, ту низ дар ойина нигоҳ кун» [1, с.9].

Гар з-омадани хоҷа даранге бошад,
Чун боз ояд, Зуҳра паланге бошад [1, с.43].

Яке аз муродифоти султон, шоҳ (подшоҳ) ин шаҳриёр мебошад, ки адиб барои обурангии асари хеш аз ин истилоҳ низ ба таври фаровон истифода намудааст.

Марде даъвои худоӣ кард. Шаҳрёри вақт ба ҳабсаш фармон дод. Марде бар ӯ бигузашту гуфт: - Оё Худо дар зиндон бошад? [1, с.18].

Ӯ шаҳрёре, ман хоксоре,

Ӯ подшоҳе, ман бенавое [1, с.161].

Шаҳриёр – 1) подшоҳи бузург; 2) номи яке аз писарони Хусрави Парвиз ва Ширин [13, ҷ.2, с.578].

Бояд тазаккур дод, ки истилоҳи «шаҳриёр» ба истилоҳсозии забони тоҷикӣ мувофиқ ва созгор мебошад. Аз ин рӯ, месазад пешниҳод намоем, ки истилоҳи мазкур бештар мавриди корбурд қарор дода шавад.

Истилоҳи дигари сиёсӣ ин вазир мебошад, ки дар осори адиб ба таври фаровон истифода гардидааст. Дар фарҳанг ба маъноҳои: а) узви ҳайати ҳукумат, ки сарварии вазоратеро ба уҳда дорад; б) мансабдори олимақом, ки баъд аз шоҳ (ё султону амир) мақоми баландро ишғол менамуд ва тамоми корҳои дохилӣ ва хориҷии мамлакатро идора мекард [14, с.256] мавриди корбурд қарор гирифтааст.

Зи пеши шоҳу вазирам даре кушода нашуд,

Магар зи ғайб даре Кирдгор бикшояд [1, с.164].

Вазири хоҷа Рашидаддинро дарди пой заҳмат медод [1, с.97].

Ноиб дар луғат ба маъноҳои: а) ҷонишин, муовин; б) вакил, ваколатдор [14, с.928] маънидод гардидааст. Истилоҳи мазкур низ ба умури идораи давлат ба шумор меравад. Дар забони адабии муосир низ мавриди корбурд қарор дорад.

Хоҷаи бадшакл ноиби бадшаклтар аз худ дошт. Рӯзе оинадоре оина ба дасти ноиб дод [1, с.94].

Истилоҳи дигар дар соҳаи сиёсат ин надим аст, ки ба маънои ҳамнишини шахсони бузург (аз қабили амирону шоҳон); ҳамсуҳбат, ҳамдам [14, с.884] ифода мешавад. Истилоҳи мазкур дар осори адиб беш аз даҳ маротиба истифода гардидааст.

Надиме дар мадҳи бодинҷон фасле пардохт [1, с.30].

Гаҳ-гаҳе ҳам бода ҳозир мешудӣ,

Гар надиме, ё нигоре омадӣ [1, с.166].

Убайди Зоконӣ дар рисолаи «Даҳ фасл» ба тариқи танз надимро «хушомадгӯ» ба қалам додааст.

Истилоҳи дигар асас мебошад, ки дар замони мо онро «полис» ва ё «милитсия» мегӯянд. Полисе, ки шаб минтақаи ба ӯ вогузоршударо посбонӣ мекунад. Дар осори классикон истилоҳи миршаб низ фаровон ба чашм мерасад.

Асасон шаб ба қазвинии маст расиданд [1, с.37].

Истилоҳи дигар ғулом аст, ки хушбахтона, дар замони мо ин гуна пеша- ғуломӣ аз байн рафт. Баъзе аз мардум бо сабаби тангии рӯзгор ба тариқи ғуломӣ умр ба сар мебурданд. Дар гузашта ғулом аз ҳуқуқи иҷтимоӣ ва сиёсии худ маҳрум буд. Дар луғатҳо низ ба маънои хизматгори мутеъ ва фармонбардор, навкар, чокар [14, с.387] омадааст.

Ғуломи ҳиндуи холаш шудам, надонистам,

К-асири хеш кунад зангии сиёҳ маро [1, с.117].

Хоҷа ба сафар рафт. Ғуломе ҳинду дар хона дошт [1, с.40].

Ҳамин тавр, дар осори Убайди Зоконӣ истилоҳоти сиёсату давлатдорӣ фаровон истифода шудааст. Бояд тазаккур дод, ки истилоҳоти давлатдорӣ дар осори адиб аз рӯйи калимасозӣ бештар дар шакли калимаҳои сода мавриди корбурд қарор гирифтаанд.

Б) Истилоҳоти дигар соҳаҳои иҷтимоӣ (фарҳангӣ-маишӣ): табиб, наҷҷор, фасод, ҳаммом, раммол, матбах, доя, қос, ҷулоҳ, деҳқон...

Дар осори Убайди Зоконӣ як қатор истилоҳоти касбу ҳунар истифода шудаанд, ки шаҳодат бар онанд, ки дар гузашта пешаву касбҳои зиёди халқи тоҷик ривоҷу равнақ доштаанд. Аз осори бозмондаи ӯ маълум мешавад, ки адиб касбу кор ва ҳунарҳои зиёди мардумашро хуб медонист. Ин қисмати мақоларо метавон ба ду даста ҷудо намуд: а) истилоҳоти ифодакунандаи касбу ҳунаре, ки дар гузашта истифода мегардиду дар замони мо низ истифода мешавад; б) истилоҳоти ифодакунандаи касбу ҳунаре, ки дар гузашта маъмул буду то замони мо бо мурури замон ва тараққиёти илму техника дида намешавад ва ё ҷойи онро дигар истилоҳ гирифтааст.

Ҳокими Нишопур Шамсиддини табибро гуфт: ман ҳазми таом наметавонам кард, тадбир чӣ бошад? Гуфт: ҳазмшуда бихӯр [1, с.42].

Ҳунари табибӣ дар ҳама давру замон яке аз ҳунарҳои боломартабаи ҷомеа мебошад. Аммо дар осори Убайди Зоконӣ бештар ба маънои манфӣ ба кор рафтааст. Дар рисолаи «Таърифот» табибони замонашро ҳамчун ҷаллод муаррифӣ мекунад.

Қазвиниро дандон дард мекард. Пеши ҷарроҳ рафт ва ӯ гуфт: ду оқча бидеҳ, то барканам [1, с.126].

Истилоҳи мазкур дар замони мо низ рӯ ба рушд аст ва яке аз истилоҳи соҳаи тиб мебошад.

Кале аз ҳаммом берун омад, кулоҳаш дуздида буданд. Бо ҳаммомӣ моҷаро мекард [1, с.27].

Деҳқоне дар Исфаҳон ба дари хонаи Хоҷа Баҳоуддини соҳибдевон рафт [1, с.120].

Шайтонро пурсиданд, ки: Кадом тоифаро дӯст дорӣ? Гуфт: ***Даллолон****ро* [1, с.56].

Даллолони замони хешро Убайди Зоконӣ, ки дар бозор шахси миёнрав байни фурӯшанда ва харидор, ки ҳамеша (бо дурӯғгӯйиву вожгӯйӣ ва тақаллубу тамаъ) барои фоидаи худ кор мекардааст, ба маънои манфӣ кор фармудааст.

Чора он донист, ки ба дари хонаи ***ғассол*** *рафт, гуфт: Метарсам, ки ногоҳ аҷал бирасад ва кас ғами ман нахӯрад* [1, с.55].

Истилоҳи **ғассол** арабист. Дар фарҳангҳо ба маънои **мурдашӯй** ба кор рафтааст.

Дар зер мо истилоҳоти касбу ҳунареро, ки дар гузашта маъмул буд ва то замони мо бо мурури замон ва тараққиёти илму техника маъмул нестанд ва ё ҷойи онро дигар истилоҳ гирифтааст, баррасӣ менамоем.

Тирандоз *барошуфт, ки: "Ба ман ришханд мекунӣ?"* [1, с.50].

Тирандоз шахсест, ки дар тирандозӣ моҳир аст. Бояд тазаккур дод, ки дар замони имрӯзаи мо бо рушди илму техника ҳунари тирандозӣ низ пеш рафта, бо дигар истилоҳ маънидод мегардад.

Масъуди раммол дар роҳ ба Маҷдуддини Ҳумоюншоҳ расид [1, с.31].

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ба маънои донандаи илми рамл, фолбинанда ба воситаи рамл, фолгир [14, с.146] маънидод шудааст. Ҳарчанд ки имрӯзҳо ин гуна амал дар ҷомеа кам-кам дида мешавад, вале гӯё дар гузашта аз тарафи баъзе шахсон толеи касонро муайян карда ва аз ояндаашон хабар медодаанд.

Ангушт дар дандон гирифту гуфт: оҳ, дареғ, ҳар каси дигаре ки будӣ, дарҳол зинда шоистӣ, аммо мискин ҷулоҳ чун мурд, мурд [1, с.35].

Қос қавми худро гуфт: – Эй мардум, Худойро шукр кунед! [1, с.15].

Дар фарҳангҳо истилоҳи қос ба маънои қиссагӯ ва достонсаро шарҳ дода шудааст. Дар замони гузашта, ҳунари махсуси достонсароӣ ва қиссахонӣ будааст, ки аз рӯйи он баъзе шахсон барои таъмини зиндагиашон қиссахонию достонсароӣ мекардаанд.

Сангтарош *аз баҳри дидори Худо*
Санг тарошидӣ сари шаб то сабо [1, с.231].

Дар замонҳои пешин ҳунармандон сангро тарошида аз он ҳар гуна асбобу олоти рӯзгор месохтанд. Убайди Зоконӣ дар маснавии «Меҳмонӣ кардани сангтарош Худовандро аз садоқат» сангтарошеро мисол меорад, ки муштоқи дидори худост ва аз санг ҳар гуна олоту асбоб сохтааст.

Дар замони мо бо тараққиёти илму техника ҳунари сангтарошӣ аз байн рафта, ҷойи онро таҷҳизоти техникӣ гирифтааст, ки ҳама корро бо сифати баланд ва бо суръати тез ба анҷом мерасонад.

В) Истилоҳоти динӣ: халифа, воиз, хатиб, қозӣ, ҳочӣ, сӯфӣ, нубувват, муаззин, шиа, кофир, саҳоба, обид, яҳдӣ, насронӣ, тавба …

Убайди Зоконӣ чун адиби равшанфикри замонаш ақидаҳои пешқадами даврро ифода менамуд ва ҳимоя мекард, ба фикрҳои куҳнаву ақибмондаи гузаштагон бо назари танқид менигарист. Ҷаҳолатпарастӣ, фармонравоии ҳокимон ва таъқиботи рӯҳониён Убайдро маҷбур сохтанд, ки ақидаҳои замонашро аз забони гузаштагон ва андешаҳои пешиниёнашро аз забони ҳамасрон зери танқид бигирад, мавқеи худро гоҳе норавшан нишон диҳад [10, с.145].

Дар гузашта дин як рукни давлатдорӣ маҳсуб мешуд, баъзе истилоҳоти динӣ низ ба сиёсат роҳ ёфтааст. Истилоҳи халифа ба маънои ҷонишин, касе, ки ҷонишини каси дигаре бошад [14, с.421] маънидод гардидааст.

Рӯзе вазири халифа ӯро ба даъват бурда буд [1, с.58].

Шахсе даъвои нубувват кард. Пеши халифааш бурданд [1, с.33].

Шахсе аз воизе пурсид, ки зани иблис чӣ ном дорад? Воиз ӯро пешаш хонд ва дар гӯшаш гуфт… [1, с.120].

Истилоҳи воиз дар осори Убайди Зоконӣ махсусан дар рисолаи «Дилкушо» фаровон истеъмол гардидааст. Ҳамаи он ба маънои манфӣ ба кор рафтааст. Аз ҷумла, дар рисолаи «Таърифот»: «Ал-воиз–он гӯяд ва накунад», дар ғазалиёт:

Дарди сар медиҳад ин воизу мепиндорад,
К-илтифот аст бад-он беҳуда афсона маро [1, с.119].

Хатиберо гуфтанд: Мусалмонӣ чист?

Гуфт: Ман марде хатибам, маро бо мусалмонӣ чӣ кор?! [1, с.44].

Зане чашмҳои бағоят хушу хуб дошт. Рӯзе аз шавҳар шикоят ба ***қозӣ*** *бурд* [1, с.37].

Сӯфи*еро гуфтанд: – Хирқаи хеш бифурӯш* [1, с.17].

Муаззине бонг мегуфту медавид. Пурсиданд, ки чаро медавӣ? [1, с.25].

Гуфт: - Зеро Худои таоло хоҳад, ки ман обиде бошам ва чунон наям ва шайтонам кофире хоҳад ва ончунон наям ва худ хоҳам, ки шоду соҳибрӯзӣ ва тавонгар бошам ва чунон низ нестам [1, с.19].

Шӣ *дар масҷид рафт. Номи* ***саҳоба****ҳо дар девор навишта* [1, с.22].

Дар маснавии “Мушу гурба”-и Убайди Зоконӣ низ ба ин гуна истилоҳ метавон дучор омад. Аз ҷумла:

«Муждагонӣ, ки гурба ***тоиб*** *шуд,*
Зоҳиду обиду мусалмоно*»* [1, с.238].

Дар байти мазкур дида мешавад, ки чаҳор истилоҳи динӣ мавриди корбурд қарор гирифтааст: тоиб-тавбакунанда, зоҳид – шахси парҳезкор, обид-ибодаткунанда ва мусалмон – шахсе, ки пайрави дини Ислом аст. Дар маснавӣ адиб менигорад, ки гӯё гурба баъд аз нобуд кардани муш ба масҷид (ба монанди тавбакунандаву, парҳезкор, ибодаткунанда ва мусалмони асил) меравад. Дар осори адиб бо истилоҳоти динӣ бисёр метавон вохӯрд. Мо бо овардани чанд мисол аз истилоҳоти ифодакунандаи динӣ иктифо менамоем. Убайди Зоконӣ истилоҳоти диниро бештар ба тариқи танзу ҳаҷв истифода кардааст. Ходимони динро бо амалҳои нодурусташон мавриди тозиёнаи танқид қарор додааст. Шоирони ҳамасри Убайди Зоконӣ ба монанди Ҳофизи Шерозӣ ва Камоли Хуҷандӣ низ бо ӯ ҳамфикранд. Истилоҳоти динии осори Убайди Зоконӣ аз лиҳози калимасозӣ бештар сода мебошанд.

Г) Истилоҳоти махсуси эҷоди адиб: боғхудо, хонахудо, нардбонфурӯш, худоӣ, пайғамбарӣ, дардузд..

Убайди Зоконӣ дар баррасии истилоҳот гӯё махсус рисолае офаридааст бо номи «Даҳ фасл». Истилоҳот ва тафсири онро адиб ба даҳ бахш гурӯҳбандӣ намудааст. Ба қавли муҳаққиқи эронӣ “Тарзи баёни Убайди Зоконӣ дар рисолаи «Даҳ фасл» ба тартиби луғату эзоҳи он бо забони киноя кӯтоҳу муъҷаз ифода ёфтааст. Убайди Зоконӣ дар рисолаи «Таърифот» ё ки «Даҳ фасл» худ аввал калимаро бо ҳарфи таърифи арабӣ (-ал-) нигошта ва баъд бо изҳори байни танз ва ҳазл бо сабки хосси худ вазъ мекард ва дар муқобили он менавишт. Маҳорати ӯ дар ин кор ҳайратовар аст ва гоҳе инсонро аз суръати интиқол ва ҳушу заковати ин нависандаи бузург ба тааҷҷуб во медорад” [3, с.166].

Тавре ки зикраш рафт, дар рисолаи «Даҳ фасл» адиб як қатор истилоҳоти касбу ҳунар ва вобаста ба онро ба даҳ фасл ҷудо менамояд ва худ шореҳи он мебошад. Масалан, дар фасли сеюми рисолаи мазкур – “Дар туркон ва асҳоби эшон” перомуни туркон ва бархӯрди эшон бо ҷомеа адиб чунин истилоҳотро раво медонад: “Ал-гург-сипоҳӣ” (98), “Ан-наҳҳоб-элчӣ” (98), “Ал-муҳтасиб-дӯзахӣ”. Сипоҳие, ки бояд барои амнияти кишвар фаъолият дошта бошад, онро гург (ҳайвони ваҳшие, ки раҳм надорад) хондааст. Хабаркаширо яке аз истилоҳоти хосси офаридаи адиб метавон арзёбӣ намуд. Зеро ҳар касе, ки элчӣ (хабаррасон) аст, онро ғоратгар ва вайронкори ҷомеа муаррифӣ мекунад.

Ҳисобдор (муҳосиб) он касест, ки адиб ӯро дӯзахӣ хондааст. Зеро дар ҳисоб ба хатоиҳои ҷиддӣ роҳ дода, ҳалли масъаларо бар фоидаи ҳокимони вақт (туркон) ҳал мекунад.

Албатта, вобаста ба мавзӯи матраҳгардида ба таври умум бо овардани чанде аз он мисолҳо мо иктифо менамоем. Овардани истилоҳоти касбу ҳунари махсуси эҷоди адиб аз дигар осораш ба мақсад мувофиқ мебошад.

Гуфт: чӣ гуна? Гуфт: ҳол он ки ман пеш деҳхудо, боғхудо ва хонахудо будам, наввоби ту деҳ, боғ ва хона аз ман ба зулм бистаданд, худо монд [1, с.120].

Вожаи “Худо” дар луғатномаҳо ба маънои “соҳиб” омадааст. Аз ин рӯ, деҳхудо - арбоби деҳ, оқсақоли деҳ; молик ва соҳиби деҳ [13, ҷ.2, с.365]; хонахудо - соҳиб ва хӯҷаини хона, худованди хона [13, ҷ.2, с.492]. Дар ин ҷо адиб мехоҳад бигӯяд, ки ман дар аввал соҳиби деҳ, соҳиби боғ ва соҳиби хона будам, ҷонишинони ту ба зӯрӣ аз ман деҳа, боғ ва хонаамро ситониданд, худо, яъне соҳиб танҳо монд.

Порсол яке ин ҷо даъвои пайғамбарӣ мекард, ӯро бикуштанд [1, с.22].

Ба андешаи мо дар мисоли овардашуда истилоҳи пайғамбарӣ истилоҳи махсуси эҷоди адиб аст.

Дари хонаи ман дуздидаанд ва Худованд ин дардуздро мешиносад [1, с.26].

Дар мисоли овардашуда истилоҳи дардузд (нафарест, ки дари хонаи Ҷуҳоро дуздидааст) истифода шудааст. Аслан дузд нафарест, ки пинҳонӣ чизеро тасарруф мекунад. Дар ин ҷо истилоҳи “дардузд”-ро метавон аз эҷоди махсуси Убайди Зоконӣ номид. Зеро ӯ рӯзашро бо дуздӣ мегузаронад.

Аъробӣ кӯзаро бардошт ва гуфт: – «Косаи аввал хӯрдӣ, даъвои хидматгорӣ кардӣ, дувум даъвои аморат кардӣ, сеюм даъвои хилофат кардӣ. Агар косаи дигаре хӯрӣ, ҳар ойина даъвои худоӣ кунӣ!» [1, с.21].

Дар мисоли мазкур се истилоҳи пешаварӣ дида мешавад. Ба назари мо истилоҳи чаҳорум - худоӣ махсуси эҷоди адиб мебошад. Дар ҳикояти мазкур арабе, ки бо Маҳдӣ-халифа ошноӣ надошт ва намедонист чӣ касест аз ин рӯ, ӯро чунин гуфт. Аз мисолҳои овардашуда метавон дарёфт, ки истилоҳоти махсуси эҷоди адиб аз рӯйи сохт бештар мураккаб мебошанд, ки аз ду реша иборатанд.

Ҳамин тавр, аз таҳлилу тадқиқи истилоҳоти пешаварӣ дар асари Убайди Зоконӣ чунин натиҷагирӣ метавон кард:

Асари Убайди Зоконӣ баёнгари ривоҷу равнақ доштани пешаву касбҳои гуногун дар давраи зулму истибдори темуриён мебошад. Истилоҳоти касбу ҳунари асари Убайди Зоконӣ исботи он аст, ки халқи тоҷик дар ин давра ба таври васеъ истифода мегардиданд. Ба назар менамояд, ки аксари касбу ҳунари замонашро Убайди Зоконӣ дар осораш ҷой додааст.

Убайди Зоконӣ дар асари хеш аз калимаҳои иқтибосии истилоҳоти касбу ҳунар, хусусан иқтибосоти арабӣ ва бештари он истилоҳоти ифодакунандаи диниро мавриди корбурд қарор додааст. Бештари он истилоҳҳо аз рӯйи калимасозӣ сода мебошанд. Аз ҷумла, қозӣ, хатиб, воиз, хатиб, амир, вазир, раммол, ҳаммом, табиб…

Истилоҳоти хосси диниро Убайди Зоконӣ бештар мавриди тозиёнаи танқид ба риштаи қалам кашидааст. Масалан, аз қозӣ пурсидани зани иблис, деҳхудо, боғхудо, хонахудо, худоӣ, дардузд ва ғайра.

Як гурӯҳ истилоҳоти пешаварӣ бо мурури замон ва бо пешрафти ҷомеа аз байн рафтаанд ва ҷойи онҳоро дигар истилоҳҳо иваз намудаанд: ғулом, хаттот, хоҷа, оинадор…

Муқарриз: ***Мавлонзода Ш.М.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Ахтарони адаб. Ҷилди 28. - Душанбе: Адиб, 2016. – 481 с.
2. Бобомуродов Ш. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ / Ш.Бобомуродов, З.Мухторов. – Душанбе, 2016. – 428 с.
3. Довудӣ Насруллоҳ. Дар шинохти Убайди Зоконӣ. - Машҳад: Пагоҳ, 1366.
4. Қосимова М.Н. Истилоҳоти қадимаи тоҷикӣ (маълумоти мухтасар) / М.Н. Қосимова. - Душанбе: Сино, 2007. – 172 с.
5. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н.Маъсумӣ. - Душанбе, 2011.
6. Мирзо Ҳасани Султон. Ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ. – Душанбе, 2008.
7. Назарзода, С. Забон ва истилоҳот (Андешаҳо дар атрофи забони тоҷикӣ ва ташаккули истилоҳот) / С.Назарзода. - Душанбе: Дониш, 2003.
8. Назарзода, С. Ташаккули истилоҳоти иҷтимоӣ-сиёсии забони тоҷикӣ дар садаи ХХ / С.Назарзода. – Душанбе, 2004. -302.
9. Назарзода, С. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гаройиш ва дурнамо / С.Назарзода. - Душанбе: Бухоро, 2013. - 371 с.

10. Насруллоев, М. Баъзе иқтибосоти арабӣ дар тавзеҳ ва тафсири Убайди Зоконӣ / М.Насруллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). - Душанбе: Сино, 2009. - №8 (56). - С.145-149.
11. Насруллоев М. Иқтибосоти арабӣ дар осори мансури Убайди Зоконӣ / М.Насруллоев. – Душанбе: Ирфон, 2012.- 182 с.
12. Убайди Зоконӣ. Куллиёт; бо эҳтимоми Парвизи Атобакӣ. – Теҳрон: Заввор, 1343 ш. - 568 с.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. - М.: С.Э., 1969. - 951 с.; - Ҷ.2. – 945 с.
14. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. - Душанбе: ҶММ «Ксерокс» бо ҳамкории интишороти «Сухангустар», Машҳад, 2008. - 950 с.
15. Ҳалимова С. Лексикаи соҳаи меъморӣ ва бинокорӣ дар осори Сайидо / С.Ҳалимова // Забон – рукни тоат. - Душанбе, 2002. - 184 с.

КОРБУРДИ ИСТИЛОҲОТ ДАР ОСОРИ УБАЙДИ ЗОКОНӢ

Дар осори Убайди Зоконӣ сарвати пурғановати луғавӣ, табъу завқ, панду ҳикмат, афкору ақида, танз, анъана ва касбу ҳунарҳои халқи тоҷику форс инъикос гардидааст. Аз осори бозмондаи ӯ маълум мешавад, ки ӯ касбу кор, пешаву ҳунарҳои гуногуни мардумашро хуб медонист. Муаллиф дар мақолаи хеш кӯшидааст, ки истилоҳоти касбу ҳунари осори Убайди Зокониро ба қисматҳои лексикаи сиёсату давлатдорӣ, динӣ, дигар соҳаҳои иҷтимоӣ ва истилоҳоти касбу ҳунари махсуси эҷоди адиб тақсимбандӣ намояд. Ба назари муаллифи мақола Убайди Зоконӣ аксари касбу ҳунари замонашро дар осораш ҷой додааст. Ӯ бар ин назар аст, ки истилоҳоти хосси диниро Убайди Зоконӣ бештар мавриди тозиёнаи танқид гирифтааст. Масалан, аз қозӣ пурсидани зани иблис. Як гурӯҳ истилоҳоти пешаварӣ бо мурури замон ва бо пешрафти ҷомеа аз байн рафтаанд ва ҷойи онҳоро дигар истилоҳҳо иваз намудаанд: ғулом, хаттот, хоҷа, оинадор…. Ҳамин тавр, осори Убайди Зоконӣ баёнгари ривоҷу равнақ доштани пешаву касбҳои гуногун дар давраи зулму истибдори темуриён мебошад. Забони осори Убайди Зокониро яке аз намунаи беҳтарини забони адабии тоҷик дар асрҳои XIII-XIV метавон арзёбӣ намуд.

Калидвожаҳо: забон, лексика, истилоҳот, касбу ҳунар, Убайди Зоконӣ, адиб, сиёсату давлатдорӣ, динӣ, маъно.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ТЕРМИНОВ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ УБАЙДА ЗОКОНИ

В творчестве Убайда Зокони отражены богатство лексики таджикско-персидского языка, восхищение и радость, нравоучение, мудрость, мысли, взгляды, насмешки и традиции таджикско-персидского народа. Из анализа его творчества можно сделать вывод, что автор был хорошо осведомлён о различных занятиях своего народа. Автор в своей статье делает попытку рассматривать профессиональную лексику, использованную в произведениях Убайда Зокони, классифицируя ее на группы политической и религиозной лексики и других социальных областей и терминов различных отраслей. По мнению автора, Убайд Зокони в своих произведениях рассказывает о большинстве ремесел своего времени. Убайд Зокони использовал термины, выражающие религиозные понятия, которые имели критический характер. Например: *Аз қозӣ пурсидани номи зани иблис (У князя (каазы) спросить имя жены дьявола).* Ряд профессиональных терминов по истечению времени и развитию общества вышли из употребления, и на их месте возникли другие термины, такие как *гулом* (**раб**), *хаттот* (**каллиграф**), *хоҷа* (**господин**) и другие. Таким образом, произведения Убайда Зокони являются отражением развития различных народных промыслов в эпоху правления темуридов.

Ключевые слова: язык, лексика, термины, промыслы, Убайда Зокони, литератор, политика и государственность, религиозные термины, семантика.

PROFESSIONAL LEXICA IN THE WORKS OF UBAID ZOKONI

In the work of Ubaid Zokoni are reflected the richness of the vocabulary of the language, admiration and joy, moralizing, wisdom, thoughts, views, ridicule, traditions and crafts of the Tajik-Persian people. According to his work, we can conclude that the author was well settled on the various trades of his people. The author in his article makes an attempt to consider the professional lexica used in the works of Ubayd Zokoni, classifying them into groups of political and religious terms of statehood and other social areas and terms of various crafts. According to the author, Ubayd Zokoni, in his works, talks about most of the crafts of his time. Ubayd Zokoni used terms expressing religious concepts that were critical. For example: *Az Kozi pursidani nomi zani iblis (Ask the prince (kozi) for the name of the devil's wife).* A number of professional terms fell out of use with the passage of time and the development of society, and other terms arose in their place, such as gh*ulom* (slave), *khattot* (calligrapher), *khoǰa* (lord), and others. Thus, the works of Ubayd Zokoni are expressively developed by various folk crafts during the Temurids reign.

Key words: language, lexica, terms, trade, Ubayda Zokoni, writer, politics and statehood, religious terms, semantics.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Насруллоев Муҳаммад*** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев, 17/6. E-mail: **n.muhammad@mail.ru**. Тел.: **(+992) 93-405-52-55**

Сведение об авторе: ***Насруллоев Мухаммад*** – Таджикский государственный институт языков имени С. Улугзода, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.Мухаммадиева 17/6. E-mail: **n.muhammad@mail.ru**. Тел.: **(+992) 93-405-52-55**

Information about the author: ***Nasrulloev Muhammad*** - Tajik State Institute of Languages named after S. Ulugzoda, candidate of philological sciences, associate professor of the Tajik language department. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str., 17/6. E-mail: **n.muhammad@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-405-52-55**

УДК: 42-11

КАЛИМАСОЗӢ ВА РОҲҲОИ СЕРМАҲСУЛИ ОН ДАР ТАШАККУЛИ КАЛИМАҲОИ МУРАККАБИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Ҷурақулов Б.Р., Муқимов О.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Истилоҳи калимасозӣ ду маънои асосӣ дорад, ки донистани фарқияти байни онҳо ҳатмӣ мебошад. Истилоҳи калимасозӣ дар **маънои якум** барои пай дар пай сохтани калимаҳои нав дар забон истифода бурда мешавад. Забон ҳамеша дар ҷараёни инкишофёбӣ ва қабулкунии калимаҳои нав мебошад, яъне баробари ҷамъият ҳамқадами замона аст. Ин ҷараён (протсес) дар забоншиносӣ «калимасозӣ» ном дарад.

Шакли ҳар як калимаи береша ва айни ҳол бисёри калимаҳои решагӣ боиси пайдоиши ин калимаҳои нав мегарданд.

Вазифаи ҷараёни калимасозӣ сараввал номгузорӣ кардан ва пайдо намудани калимаҳои ҳаммаъно ва баъдан табдил додани онҳо ба калимаи нав мебошад.

Истилоҳи калимасозӣ ба **маънои дуюм** бошад, барои аз нуқтаи назари илмӣ омӯхтани мафҳуми калимаҳои ҳаммаъно истифода бурда мешавад [12, с.20-29].

Дар ин мавриди вазифаи калимасозӣ аз номгузорӣ кардан иборат аст.

Маънои асосии ҷараёни калимасозӣ ин омӯхтани пайдоиши калимаҳои нав мебошад, ки аз ҷиҳати сохт, шакл, реша ва дигар хусусиятҳои маъноӣ дар забон ворид гардидаанд, инчунин онҳо дар инкишоф ва тағйир ёфтани ҳаёти ҷомеа аз ҷиҳати илмӣ ва сиёсӣ нақши калон доранд.

Ҷараёни калимасозӣ дар даҳсолаи охир як фанни алоҳидаи тадқиқотӣ эътироф карда шуд. Гарчанде, ки ҷараёни калимасозӣ як ҷузъи алоҳидаи тадқиқотии забон ба ҳисоб равад ҳам, лекин ӯ бо дигар ҷузъҳои забон ба монанди морфология, синтаксис ва лексикология алоқаи зич дорад.

Фаҳмиши калимасозӣ ҳамчун манбаи асосии на танҳо калимаҳои тайёр, балки қоидаи сохтори онҳо аз рӯйи намуна ва схемаҳои муайян дар муносибат ба фактҳои ғайризабонӣ имконият фароҳам овард, ки маълумотро оид ба моҳияти калимасозӣ вобаста ба принсипҳои муайян бисёр амиқ ва саҳеҳ гардонем. Илми калимасозӣ ду ҷанбаи омӯзиш дорад: диахронӣ ва синхронӣ.

Калимасозии диахронӣ – ин омӯзиши ҷараёни калимасозӣ, сохтори калимаҳои нав аз рӯйи қонуну қоида, тағйирёбии калимаҳои мавҷудбуда, ташкилёбии системаи калимасозии забон ва такмилёбии он мебошад.

Ҷараёни калимасозӣ дар забони англисӣ ин якҷояшавии ду решаи омонимӣ ба ҳисоб меравад. Масалан, headache - дарди сар, blackboard - тахтаи синф, makepeace - сулҳовар ва ғ. Чи тавре ки маълум аст, аз рӯйи қоидаи умумии забони англисӣ якҷояшавии калимаҳои дорои як намуд характери луғавӣ ва грамматикӣ имконпазир буда, дар ин мавриди муайян намудани мафҳуми онҳо хело мушкил аст. Масалан: “running water” «ҷумаки об» ва running water оби равон, dancing-girl “раққоса” ва “dancing girl” духтаре, ки рақс карда истодааст» ва ғ. [12, с.33-39].

Бинобар ин, дар ҳолати муайян намудани ҷойи зада мушаххас намудани ибора аз калимаҳои мураккаб имконпазир мегардад. Масалан, laughing boys - “кӯдакони хандонак” ибора, a laughing gas - “гази хушҳолкунанда” калимаи мураккаб.

Якҷояшавии ҷузъҳои калимаҳои мураккабе, ки як ҷузъи томро ифода мекунанд, дорои як парадигма мебошанд (ҷадвали тасрифи ягон калима). Ба таври дигар гӯем, суффиксҳои ивазкунандаи калимаҳо дар ҳолати сохтани шаклҳои гуногуни калимаҳо на ба ҷузъҳои алоҳида, балки ба комплекси пурраи калима илова карда мешаванд. Масалан, shipwreck “ғақшавии киштӣ” – shipwrecks; weekend “охири ҳафта” ва ғайра. Шакли том ва ҷудонашавандааш калимаи мураккабро аз ибора ҷудо мекунад, ки ҳар як ҷузъҳои он мустақилии худро нигоҳ медоранд. Нишонаи калимаи мураккаб нисбат ба ибора дар таѓйирдиҳандаҳои ҷузъҳояш мебошад. Калимаи мураккаб дар ҳолати нигоҳ доштани яклухтӣ ва ягонагии ҷузъҳояш ба зарф мутобиқат намекунад. Масалан, “grass-green” сабз мисли алаф, бо зарф мутобиқат намекунад.

Яклухтии калимаи мураккаб ҳамчун ягонагии луғавӣ инъикоси худро дар мустаҳкамии каму беш, алоқаи семантикии доимии ҷузъҳои он меёбад, ки барои меъёри семантики маҳдудкунии калимаҳои мураккаб ва ибораҳо бо шаффофии маъно асос меёбад [13, с.94].

Вобаста ба ин критерия (меъёр) калимаҳои railway «роҳи оҳан», slow-coach «одами кундзеҳн», know-all «ҳозирҷавоб» ва ғайра, калимаҳои мураккаб ба ҳисоб мераванд.

Вақтҳои охир дар забон боз як критерияи орфографӣ (имло) истифода мешавад, ки ин критерия калимаҳои мураккабе, ки якҷоя ё ин ки бо дефис навишта шудаанд ва ибораҳои мустақилро назорат менамояд. Қисми дуюми мушкилии ҳаммонандкунӣ ва муайян намудани меъёри калимаҳои мураккаб дар забони муосири англисӣ фарқкунонии калимаҳои мураккаб ва таркибиро зери суол қарор медиҳад.

Ба калимаҳои мураккаб инчунин калимаҳои таркибие, ки дар ҷараёни омехта кардани ду ҷузъи ягона пайдо шуданд, дохил мешаванд (ин ҷараён бо ягон амалиёти дериватсионӣ алоқамандӣ надорад). Ин калимаҳо инҳоянд mailbag «почтовая сумка», pillow-case «наволочка», gunpowder «черный порох», fishing-net «рыболовная сеть» ва ғайра. Инчунин, калимаҳои таркибие, ки дар ҳолати сохтор ба ягон ҷараёни дериватсионӣ вобастагӣ доранд, онҳо ба гуруҳи калимаҳои мураккаб дохил мешаванд (ба воситаи аффиксҳо ва конверсия). Ин калимаҳо чунин шакл доранд: blue-eyed «голубоглазый», three-decker «трехпалубное судно», three-incher «величиной в три дюйма», four-wheeler «извозничья карета» ва ғ.

Алоқаи байни ҷузъҳои калимаи мураккаби характери номӣ дошта гуногуншакланд. Ин алоқаҳо метавонанд агентивӣ (watchdog - саги посбонӣ), инструментативӣ (air-brake - тормози бо ҳаво), локативӣ (garden-party - «қабули меҳмонон дар боғ») ва ғайра бошанд. Барои барқарор намудани онҳо сарчашмаҳои мувофиқро мавриди таҳдид қарор додан лозим аст, инчунин хабари ҷумларо, ки ифодагари ду исм мебошад, бояд муайян кард. Типологияи махсуси калимаҳои мураккаб дар таснифоти онҳо аз рӯйи сохти мураккаб ва таркибӣ буданашон мебошад.

Калимаҳои мураккаб, дар умум ҳамчун калима – воҳидҳои бисёрҷабҳа мебошанд. Вобаста ба хусусиятҳои гуногуни калимаҳои мураккаб тансифоти гуногуни онҳо имкон дорад.

Сохти ҷузъҳои калимаҳои мураккабро ба назар гирифта, онҳоро аз рӯйи сохт ва таркибашон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

а) калимаҳои мураккаби аз як решаи сода ташкилёфта (heartache «дарди дил», blackbird «дурроҷ» и др.);

б) калимаҳои мураккаби аз як решаи сода ва таркибӣ ташкилёфта maid-servant «хизматгор», mill-owner «фабрикант».

в) калимаи содае, ки як ҷузъаш ихтисоршуда мебошад (V-day Рӯзи Ғалаба «, A-bomb «бомбаи атомӣ);

г) калимаҳои мураккаби аз як решаи мураккаб ташкилёфта (postmaster-general «вазири алоқа» [14, с.91-94].

Тансифоти калимаҳои муракаб ба чунин шакланд:

Исм

1) мураккаб:

n + n – seashore, dressmaker - соҳили баҳр, либосдӯз;

1. a + n – bluebell, sleepyhead - зангӯлаи кабуд, хоболуд;
2. v + n – flywheel, callgirl - чархи раванда, духтари банд;
3. adv + n – outpatient - касалии беморхона;
4. prt + v – outcome, upkeep - баромад, хизмат расонидан;
5. prt + n – onlooker, upbringing - шунаванда,тарбия;
6. num + n – twostep, twelvemonth - ду қадам, дувоздаҳ;
7. v + v – dropkick, hearsay - мушт задан, шунавоӣ;
8. v + adv – standstill, speakeasy - росто истодан, мағоза;

2) таркибӣ:

9. (v + prt)+ prt– hold-up, lay-off - гӯш кунед, аз кор озод шудан;
10. (v + -er) + prt – looker-on, passerby - нигаҳбон, роҳгузар;
11. (v + -ing) + prt – summing-up, warming-up - шумораи умумӣ, гармии сахт;

12. (num + n) + -er – four-wheeler – чорчарха.

Сифат:

1) мураккаб:

13. n + a – pea-green, milk-white - нахӯди сабз, шири сафед;
14. n + part II – tongue-tied, frost-bitten - забонгирифта, яхшуда;
15. prt + part II – bygone - гузашта;
16. adv + part II – newly-born, freshly-lit;
17. adv + a – upright - ҳаққонӣ;
18. prt + part I – outstanding - машҳур;
19. a + a – red-hot, white-hot – ба ҳаяҷон, то анҷоми кор;
20. a + adv – nearby - ба наздикӣ;
21. n + (v + -ing) – peace-loving - ватандӯстӣ;
22. v + n – hangdog - гунаҳгор;
23. adv +(v + -ing) – far-seeing - дунбин.

2) таркибӣ:

24. (a + n) + -ed – simple-minded - аз ақл берун;
25. (n + n) + -ed – life-sized-муҷассама;
26. (num + n) + -ed –four-footed - чорпоя;
27. (v + prt) + o – knockabout - нақш бозидан;
28. (v + -en) + prt – worn-out - монда шудан;
29. (adv + n) + -ed – down-hearted - ғамгин шудан [14, с.21-22].

Бояд қайд намуд, ки таснифоти семантикии калимаҳои мураккаб, ки ифодагари маъно мебошанд, алоқаи таҳҷойии онҳоро бо дигар ҷузъҳое нишон медиҳанд, мавриди таваҷҷуҳ қарор доранд. Дар ҳолати таҳқиқи калимаҳои мураккаб алоқаи маъноии онҳо бо дигар ҷузъҳо, ки базаи семантикӣ ба ҳисоб мераванд, ба рӯйхати зерин ҷудо карда мешаванд:

- Cause (hay fever, disease germ) - таби баланд, микроби беморӣ;
- have (sand beach) - офтобхӯрӣ;
- use (handwriting, footstep, handmill) - дастнавис, як қадам, кори дастӣ;
- be (oaktree, fighter-bomber, king-emperor) - дарахти сафедор, банишонгир, император;
- in (garden-party, headache) - шабнишинӣ, сардард;
- for (birdcage, raincoat, battleship) - қафаси паранда, палто, киштии ҳарбӣ;
- from (country boy) - писари шаҳрӣ;
- about (tax law) - қонуни андоз [17, с.29-33].

Мафҳум ва меъёрҳои калимаи мураккаб

Калимаи мураккаб - ин калимае мебошад, ки дар ҷараёни калимасозии морфологӣ аз ду ва зиёда реша сохта шудааст. Масалан, *toothache* - дарди дандон, *snowman* - барфгард.

“Масъалаи хаммонанд кардани калимаҳои мураккаби забони англисӣ хело мушкил буда, ҳатто дар забоншиносӣ мушкилтарин масъала этироф шудааст. Мушкилии ин масъала бисёрҷиҳата ва сернақша мебошад» [15, с.24].

Дар навбати аввал, омӯзиши масъалаи калимаи мураккаб аз ҳар ҷиҳат ба назар мерасад. Масалан, аз ҷиҳати морфологӣ ва аз ҷиҳати калимасозӣ, ки боз моро ба дигар масъала рӯ ба рӯ месозад: агар воҳиди лексикии калимаи мураккабро аз ҷиҳати морфологӣ қабул намоем, он гоҳ ин калимаи мураккаб ба ҳисоб намеравад, аммо агар таҳлили калимасозиро ба роҳ монем, бар акси ҳол мешавад.

Дар мавриди дуюм, дар забонҳои аналитикӣ пайдо намудани нишонаҳои расмӣ, ки барои бемаҳдуд кардани решаи як калима аз калимаи дигар истифода мешаванд ғайриимкон аст ва инчунин истифодабарии ин нишонаҳо меъёри расмӣ надорад. Дар ҳолати истифода бурдани яке аз ин нишонаҳо барои таҳлил намудани материали конкретӣ моро ба мушкилӣ дучор месозад.

Дар мавриди сеюм, бисёр вақт дар ҳолати муқоиса намудани калимаҳои мураккаб бо воҳидҳои лексикӣ забоншиносон онҳоро ба хусусиятҳои гуногун ҷудо мекунанд, ки ин ҳолат барои муайян намудани калимаи мураккаб мушкилӣ эҷод менамояд

Дар мавриди чорум, шаклҳои зиёди ҷудо намудани калимаҳои мураккаб мавҷуд аст: калимаи мураккаб – калимаи сода; калимаи мураккабшакл; калимаи мураккаби таркибӣ; калимаи мураккабе, ки дар луғат ҳамчун воҳиди лексикӣ дарҷ ёфтааст.

Мақсади мушаххас намудани калимаи мураккаб бисёр вақт мукаммалтар омӯхтани масъалаи омӯхташаванда ба ҳисоб меравад. Дар баъзе мавридҳо ҳангоми таҳқиқот бурдан ба натиҷаи хуб ноил намегардем, аммо бояд инро гуфт, ки дар ҳолати тадқиқ намудан маълумотҳои зиёдеро доир ба калимаи мураккаб ба даст меорем [6, с.49-53].

Мухолифи калимаи мураккаб калимаи содаро мавриди омӯзиш қарор медиҳем. Тавре маълум аст, бисёри калимаҳо аз рӯйи сохти морфологиашон мураккаб буда, дар гузашта дучори сода шудан гардидаанд ва айни ҳол аз рӯйи сохти морфологӣ калимаҳои сода мебошанд *(woman => wif+man)*.

Ҳамин тариқ, ин масъала асосан этимологӣ мебошад**.**

Мухолифи пайвасткунандаи шаклҳои калимаи мураккабро мавриди омӯзиш қарор медиҳем. Шаклҳои пайвасткунанда – инҳо дар забони муосир ҳамчун шаклҳои номустақили забонӣ истифода мешаванд, аммо онҳо дар забонҳои грекӣ ва лотинӣ, ки аз ин забонҳо иқтибос шудаанд, ҳамчун шаклҳои мустақили забонӣ истифода мешуданд.

Масалан, *Astron «star» - astronomy, autos «self» - automatic; bios «life» - biology, electron «amber» - electronics;1 ge «earth» - geology, graph-ein «to write» – typography* [6, с.59-62].

Саволе ба миён меояд, ки оё онҳо ҳамчун аффиксҳо муоина карда шаванд ва ба калимаҳои таркибӣ тааллуқ дошта бошанд ё ин ки онҳо ба ҷузъҳои калимасозӣ наздиканд, зеро онҳо дар он забоне, ки аз он иқтибос шудаанд, арзиши калимаро доштанд. Луғатнависон нисбат ба онҳо ақидаҳои гуногун доштанд ва акнун қариб дар ҳама ҷо эътироф шудаанд ва ба худ воҳидҳои навъи махсуси забонро ифода мекунанд. Шаклҳои мухолифро одатан дар луғатҳои махсуси илмӣ ва терминологияи санъат мушоҳида кардан мумкин аст. Бисёре аз онҳо дар нутқи гуфтугӯӣ истифода бурда мешаванд. Масалан, калимаи забони грекӣ *bios*- ҳаёт, ҳамчун калимаи интернатсионалӣ маълум буда, вай ба гурӯҳи калимаҳои зиёд ворид гашта, шохаҳои гуногуни омӯзишро, ки ба организми зинда тааллуқ дорад, ифода менамояд: bio-astronautics био-космонавтика, biochemistry. биохимия, *bio-ecology* био-экология, biology биология, bionics бионика *biophysics* биофизика [6, с.64].

Калимаҳои зерин *bio-astronautics, bio-ecology* ва *bionics* калимаҳои нав ба ҳисоб мераванд аз ин рӯ, ба тадқиқот ниёз даранд. Био-космонавтика – қобилиятҳои физикии инсон ва дигар талаботҳоро дар фазои кайҳонӣ меомӯзад. *Bioecology* - Биоэкология ин мисоли хело ҷолиб аст, чунки қисми дуюми ин калима *logos»-»logy»* дар шохаҳои гуногуни илм истифода мешавад. Масалан, *geology* - геология, *lexicology* - лексикология, *phonology* - фонология.

Шакли *eco* низ хело ҷолиб аст, чунки ин ҳолати дублетӣ мебошад. Қисми якумаш дар соҳаи иқтисодиёт - *economics, economist, economise* ва қисми дуюмаш бошад дар муҳити зист истифода мешавад: *eco-climate, eco-activist, ecotype, eco-catastrophe, eco-development «development which balances economicand ecological factors».*

Мухолифоти байни калимаҳои мураккаб ва ибораҳо яке аз мушкилтарин масъалаи забони англисӣ ба ҳисоб меравад. Ин масъала дар маркази диққати забоншиносон қарор дорад. Барои муоинаи масъалаи маҳдудияти калимаҳои мураккаб ва ибораҳо ду равиши омӯзиш мавҷуд аст: глобалӣ ва инфиродӣ. Масъалаи глобалиро В.И. Шадрина чунин шарҳ додааст: «Мушкилии масъала бо хусусиятҳои сохти забони англисӣ шарҳ дода мешавад, ки имконият доштани вазифаи муайянкунандаи исмҳоро дар падежи умумӣ бидуни пешоянд, инчунин мураттабии парадигматикии сифатҳо дар назар дорад».

Барои боз ҳам хубтару беҳтар муайян намудани калимаҳои мураккаб якчанд меъёр фарқ мекунанд, ки аз тарафи як зумра забоншиносон муоина гардидаанд: Аралов, А.М. Гинзбург, З.А. Харитончик [6, с.19-26].

Меъёри якум ин меъёри фонетикӣ мебошад, яъне калимаҳои мураккабе, ки ҳарду ҷузъашон зери як зада қарор доранд, бо як асос буданашон онҳоро аз ибора фарқ мекунонанд.

Калимаҳои мураккабро ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

1) як зададор дар ҷузъи якуми калима, ба монанди *«honeymoon», «doorway»*;

2) ду зададоре, ки задаи асосӣ дар ҷузъи якуми калима ва задаи дигар дар ҷузъи дуюми калима меояд, масалан: *´blood-`vessel, ´mad-`doctor - «apsychiatrist», ´washing-ma`chine.*

Ин ду намуди зада барои фарқ кунонидани калимаҳои мураккаб аз ибораҳо истифода мешавад. Масалан, калимаҳои зерин *«greenhouse*» - *«a glass house for cultivating delicate plants* - ***мухолифи ибораҳои*** *«green» house - «a house that is painted green»; «dancinggirl - «a dancer»* ва *«dancing» girl - «a girl who isdancing»; a´mad - `doctor – «psychiatrist» ва «mad»d octor - «a doctor who is mad».*

3) калимаҳои мураккабе, ки ҳарду ҷузъашон зери як зада қарор дошта бошанд, хело кам ба назар мерасанд: *«arm»-chair, «icy»-cold, «grass»-green.*

Омӯзиши морфологии ҷузъҳои калимасоз ифодагари як ҷузъи томи аз рӯйи шакл якхела мебошанд. Яъне, суффиксҳои калимасоз ба мафҳуми пурраи калима илова карда мешаванд, на ба ҷузъҳои алоҳидаи калима. Масалан: (шумораи ҷамъи исмҳо – shipwreck «ғарқшавии киштӣ» – *shipwrecks*) [5, с.36-44].

Сохтори мукаммал, якҷояшавӣ ва шакли ҷудонашавандаи калимаҳои мураккаб онҳоро аз ибораҳое, ки ҳар як ҷузъашон алоҳида навишта мешаванд ва маънои худро гум намекунанд, ҷудо менамоянд (*age-long*» куҳансол, бисьёр пир, қадимӣ « ва *ages ago* як вақтҳо, кадом як вақте). Дар забони англисӣ ба кор бурдани ин мушаххасот ба маврид нест, чунки бисёри ҳиссаҳои нутқи забони англисӣ аз ҳисоби аломатҳои морфологӣ ва шаклҳои морфологӣ танқисӣ доранд.

Хусусияти фарқкунандаи калимаҳои мураккаб аз ибора боз дар он мебошад, ки ҷузъҳои калимаи мураккаб ҷудонашаванда мебошанд. Дар ин ҷо як чанд тартиби табдилёбиро ба кор бурдан ба маврид аст. Мақсади асосии онҳо аз ин иборат аст: ибораи ***a stone wall*** метавонад ба ибораи *a wall of stone* табдил ёбад, аммо ибораи *a toothpick*- ро ба ибораи *a pick for teeth* табдил додан ғайриимкон аст. Калимаҳои мураккаб аз ибора бо ин ҳолат фарқ мекунанд.

Инчунин, формулаҳои сохтори калимаҳои мураккаб мавҷуданд, ки фарқияти калимаро аз ибора возеҳ нишон медиҳанд.

Масалан, калимаи *Starlit* ибора шуда наметавонад, чунки қисми дуюми ин калима сифати феълӣ мебошад ва сим наметавонад аз ҷиҳати синтаксисӣ сифати феълро тағйир диҳад.

Аз сабабе ки ҷузъи якуми калима маънои плюрализмро ифода мекунад, вай эквиваленти ибора шуда метавонад.

Параметрҳои синтаксисӣ (имконияти доштан/ имконият надоштани якҷояшавӣ бо калимаҳои муайяни ҳиссаҳои нутқ ва пайдарпайии мушаххаси ҷузъҳои он) на ҳама вақт барои ҳалли масъалаи бемаҳдуд сохтани калимаҳои мураккаб ва ибораҳо равона карда мешавад, чунки доираи мутобиқати ҷузъҳои ибора васеъ набуда, вале дар баъзе ҳолатҳо бо ҷузъҳои калимаи мураккаб алоқамандӣ пайдо мекунад (масалан: blue-stocking «синий чулок, педантка» и blue stocking «синий чулок», педант).

Мақсади лексикии калимаҳои таркибӣ ва алоқамандии семантикии ҷузъҳои он барои бесарҳад сохтани мафҳуми калимаҳо ва ибораҳо равона карда шудааст. Вобаста ба ин ақида калимаҳои, *slow-coach*» копуша, медлительный человек», *know-all* «всезнайка» ва ғайра, калимаҳои таркибӣ ба ҳисоб мераванд. Тарзи алоҳидагӣ ва мафҳуми муайяне, ки дар ҷараёни якҷояшавии ҷузъҳои онҳо ба даст оварда шудааст, хосси онҳо мебошад.

Аммо меъёрҳои семантикӣ нисбат ба синтаксисӣ мустаҳкамтар аст, барои ҳамин таҳияи принсипҳо ва дараҷаи ҷудокунӣ барои сохтани калимаи таркибӣ хело мушкил мебошад. Ҳатто ғайриимкон низ гуфтан ба маврид аст.

Албатта, ҷудо намудани калимаҳои таркибӣ аз ибораҳои фразеологие, ки бисёре аз онҳо бо компонентҳои худашон алоқаи семантикӣ ва мақсади ягонаи лексикӣ доранд, хело мушкил аст.

Дар вақтҳои охир боз критерияи (меъёр) морфологӣ низ истифода бурда мешавад, ки мақсади асосиаш омӯзиши тамоми гурӯҳи калимаҳои ҷудогона ё ин ки бо дефис нависташаванда мебошад. Алоқамандии калимаҳои таркибии мукаммал ва омехташуда, фарқ мекунанд. Комплексҳои қисми якуми калима (*well-,ill-* масалан, *ill-bred* «бадахлоқ», *ill-informed* «бедарак», *well-arranged* «хуб таҳия намуда», *well- chosen* «бо муваффақият

интихобшуда») дар 34% ҳолат ҷудо навишта мешаванд ва 66% – бо дефис навишта мешаванд [5, с.49-53].

Ҷудо намудани калимаҳое, ки бо дефис навишта мешаванд, мушкилтар аст, чунки онҳо ба гурӯҳи калимаҳое дохил мешаванд, ки характери фразеологии калимаро ифода менамоянд. Масалан, *mother-in-law, merrygo-round*. Ин ду шакли навишташуда шаклҳои махсус ба шумор мераванд, аммо байни навишти мукаммал ва навишти бо дефис мушкилӣ вуҷуд дорад. Аз як тараф, мушкилии ҷузъҳои аз рӯйи имло ҷудо навишта шуда, аз тарафи дигар, пайвастшавии номиналӣ ба монанди **(N+N).** Ин пайвастшавӣ аз рӯйи ақидаи забоншиносон гуногун мебошад, чунки як луғат аз луғати дигар фарқ мекунад.

Масалан, калимаи *war-path, war-time* ҳам бо дефис навишта мешавад ва ҳам омехта, *blood-poisonong, money order* - ҳам бо дефис навишта мешавад ва ҳам омехта, *underfoot, underhand* – омехта ва ҷудогона. Дар забони муосири англисӣ сохтори калимаҳои мураккаб аз ду решаи субстантивӣ иборат аст. Масалан: air piracy, chat show, coin change. Чунин таъсисҳо “block compounds” номида мешаванд [8, с.32].

Муқарриз: *Исмоилзода Э.* – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Амосова Н.Н. Основы английской фразеологии / Н.Н. Амосова. - ЛГУ, 1963. - 28 с.
2. Амосова Н.Н. Этимологические основы словарного состава современного английского языка / Н.Н. Амосова. - М., 1956. - 91 с.
3. Андреев В.Л. история английского языка / В.Л Андреев. - Киев: Победа, 1985. - 289 с.
4. Антрушина, Г.Б. Лексикология английского языка: учебное пособие для студентов / Г.Б. Антрушина, О.В. Афанасьева, Н.Н. Морозова. - М.: Дрофа, 2001. – 288 с.
5. Аракин В.Д. История английского языка. Учебное пособие. – 2. изд. / В.Д. Аракин. - М.: Физматлит, 2001. – 272 с.
6. Аралов, А.М. О широкозначности как лексико-грамматической категории / А.М. Аралов // Функциональный и методический аспекты изучения иностранных языков. – М., 1993. - С.24-35 с.
7. Арбеков Т.Д. Очерки по истории английского языка / Т.Д. Арбеков. – М.: Высшая школа, 1955. - 432 с.
8. Арбекова, Т.И. Лексикология английского языка (практический курс): учебное пособие / Т.И. Арбекова. - М.: Высшая школа, 1977. - 240 с.
9. Арнольд И.В. Лексикология современного английского языка: учебное пособие / И.В. Арнольд. - М.: Высшая школа, 1986. - 286 с.
10. Бабич, Г.Н. Лексикология английского языка: учебное пособие / Г.Н. Бабич. – М.: Флинта: Наука, 2008. - 200 с.
11. Блох М.Я. Теоретические основы грамматики / М.Я. Блох. - Москва: Высшая школа, 2002. - 356 с.
12. Виноградов В.В. Словообразование в его отношении к грамматике и лексикологии / В.В. Виноградов // ВЯ, 1952. - №5 - 230 с.
13. Гросул, Л.Я. К вопросу о многозначности и широкозначности английских слов / Л.Я. Гросул // Лингвистические основы преподавания иностранных языков. - Кишинёв, 1989. - С.3-9.
14. Мешков, О.Д. Словообразование в современном английском языке: учебное пособие / О.Д. Мешков. - М.: Высшая школа, 1976. - 232 с.
15. Ленца, А.Л. Широкозначность глагола и контекст / А.Л. Ленца. - Кишинёв: Штиница, 1987. – 97 с.
16. Кубрякова Е.С. Что такое словообразование / Е.С. Кубрякова. - М.: Наука, 1965. - 300 с.
17. Каращук Л.М. Словообразование английского языка / Л.М. Каращук. - М., 1977. - 300 с.

КАЛИМАСОЗӢ ВА РОҲҲОИ СЕРМАҲСУЛИ ОН ДАР ТАШАККУЛИ КАЛИМАҲОИ МУРАККАБИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақола оварда шудааст, ки дар забонҳои мавриди қиёс навъи морфологии калимасозӣ пурсамар ва тавсифшаванда мебошад. Дар системаи луғавӣ ва семантикии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ теъдоди зиёди антонимҳо, омонимҳо ва синонимҳо вуҷуд доранд. Дар забонҳои муқоисашаванда гурӯҳи калони калимаҳои иқтибосӣ бо аффиксҳои гуногуни калимасоз мавҷуд мебошанд. Дар натиҷаи таҳлил монандии ҳарду забон аз рӯйи навъи калимасозӣ-конверсия ошкор гардид. Ҳамчунин муаллиф қайд менамояд, ки нишон дода шудааст, ки феълҳои таркибии конверсионии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ бо феълҳои таркибии аз ҳиссаҳои нутқи номӣ ва феълҳои ёридиҳандаи навъи ***«кардан»*** ва ё ***«намудан»*** бо усули аналитикӣ сохташуда интиқол дода мешаванд. Илова бар ин, дар забони тоҷикӣ сифатҳо метавонанд бе артикл низ субстантиватсия шаванд: ***Касал сиҳат шуд.*** Дар забони англисӣ дар тафовут ба забони тоҷикӣ артикл воситаи асосии субстантиватсияи дигар ҳиссаҳои нутқ мебошад: ***The young were very unpractical.*** Ба ғайр аз ин дар ҳар ду забон дигар навъҳои калимасозӣ, ба мисли тақлиди овозӣ, тағйири зада ва сохтани ибора тавассути тақлид низ дида мешавад: ***У даромад-даромад- present-present.*** Барои муоинаи масъалаи маҳдудияти калимаҳои мураккаб ва ибораҳо ду равиши омӯзиш мавҷуд аст: глобалӣ ва инфиродӣ. Масъалаи глобалиро В.И.Шадрина чунин шарҳ додааст: «Мушкилии масъала бо хусусиятҳои сохти забони англисӣ шарҳ дода мешавад, ки имконияти доштани вазифаи муайянкунандаи исмҳоро дар падежи умумӣ бидуни пешоянд, инчунин мураттабии парадигматикии сифатҳо дар назар дорад». Системаи калимасозӣ ва шаклдигаркунии калимаҳо дар забонҳои муқоисашаванда нигоҳ дошта шудани унсурҳои флективиро дар қатори унсурҳои аналитикӣ нишон медиҳад. Арзиши назариявии кор аз гузоштан ва омӯзиши чунин

масъалаҳои назариявии омӯхтанашуда, ба мисли муқаррар кардани вобастагии интихобкунии мазмуни решаи таркибӣ аз шаклҳои сохтории онҳо, алоқаи тарафайни конверсия бо дигар намудҳои калимасозӣ иборат мебошад.

Калидвожаҳо: ҷараёни калимасозӣ, қоидаи умумии забони англисӣ, калимаи мураккаб, ҷузъҳои алоҳида, критерияи орфографӣ, калимаҳои таркибӣ, масъалаи глобали, морфологӣ, семантикӣ, инструментативӣ, таснифот.

СЛОВООБРАЗОВАНИЕ И ЕГО САМЫЕ ПРОДУКТИВНЫЕ СПОСОБЫ ФОРМИРОВАНИЯ СЛОЖНЫХ АНГЛИЙСКИХ СЛОВ

Практически во всех языках морфологический способ словообразования эффективен и желателен. В таджикском и английском языках существует множество синонимов. В сопоставляемых языках есть большая группа дополнительных слов с разными подтипами. Результаты анализа были схожи в исследуемых языках. Также показано, что английский перевод конвертируемых кодировок в таджикском языке будет передаваться составом существительных и вспомогательными словами «принятия» в аналитическом методе. Таджикский язык является важным инструментом для субтантивации частей речи: «молодые были очень непрактичными». Кроме того, в обоих языках есть и другие источники пополнения слов, такие как словарный запас, трансформация и лексика, использование Evolution-income-present-present. Есть два подхода к изучению ограничений сложных слов и фраз: глобальный и инфразвуковой. В. И. Шадрина объясняет глобальную проблему следующим образом: «Проблема объясняется структурными особенностями английского языка, из которых следует возможность функции определения существительных в общем падеже без предлогов, а также парадигматический порядок прилагательных». Система формулировки и формулировка слов в сопоставляемых языках показывает элементы активности в аналитической последовательности. Теоретическая ценность работы заключается во введении и изучении такой антропогенной проблемы, как установление зависимости корневого состава и структурных форм, взаимная взаимосвязь с другими видами абсорбции.

Ключевые слова: неотъемлемая часть английского слова, сложное слово, отдельные части, устные фразы, композиционные слова, глобальные, морфологические, сложные, инструментальные, качественные.

WORD BUILDING AND ITS MOST PRODUCTIVE WAYS OF FORMING COMPLEX ENGLISH WORDS

In virtually all languages, the morphological species are effective and desirable. There are many anti-Semites, amulets and synonyms in the Tajik and English languages. In the comparable languages there is a large group of extras words with different subtypes. The results of the analysis were similar to the language of each language by the wording word. It is also shown that the English translation of the convertible encodings in the Tajik language will be transmitted by the composition of the nouns and the supporting words of «making» in the analytical method. In addition, in Tajik, the qualities can be subjected to subjugation without delay. In English, the Tajik language is an essential tool for subtitulating other parts of the speech: «The young were very unpractical». In addition, in both languages, there are other remarkable varieties, such as vocabulary, transformation, and vocabulary using: Evolution-income-present-present. There are two approaches to studying the limitations of complex words and phrases: global and infrasound. VI Shadrina explains the global problem as follows: «The problem is explained by the structural features of the English language, which implies the possibility of the function of determining nouns in the general case without prepositions, as well as the paradigmatic order of adjectives». The wording system and the wording of the words in the comparable languages show the elements of the activity in the analytical sequence. Theoretical value of the work consists of the introduction and study of such anthropogenic problem such as setting the dependency of the root composition of their structural forms, the mutual interconnection with other types of removals.

Key words: An integral part of the English word, complex word, individual parts, oral phrases, composition words, global, morphological, sophisticated, instrumental, qualitative.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Ҷӯракулов Бозоралӣ Раҳмоналиевич*** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, номзади илмҳои филологӣ мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров 16. Тел.: **(+992) 985-47-91-47**

Муқимов Одинашо - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, ассистенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров 16. Тел.: **(+992) 985-38-80-35**

Сведение об авторах: ***Джуракулов Бозорали Рахмоналиевич*** – Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, кандидат филологических наук, заведующий кафедрой языкознания и сопоставительной типологии. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. С.Сафарова 16. Тел.: **(+992) 985-47-91-47**

Мукимов Одинашо - Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, ассистент кафедри лингвистика и сопоставительный типологии. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. С.Сафарова 16. Тел.: **(+992) 985-38-80-35**

Information about the authors: ***Dzhurakulov Bozorali Rakhmonalievich*** – Kulob State University named after A.Rudaki, candidate of philology science holder of the chair of linguistic and comparative typology. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S.Safarov Str., 16. Tel.: **(+992) 985-47-91-47**

Muqimov Odinasho - Kulob State University named after A.Rudaki, assistant of the chair of linguistics and comparative typology. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S.Safarov Str., 16. Tel.: **(+992) 985-38-80-35**

УДК: 4 (075)

ТАЪСИРИ ЗАБОНҲОИ ДУНЁ БА ТАРКИБИ ЛУҒАВИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Ҳикматуллоева Н.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Мусаллам асм, ки вомгирӣ ба ғаномандии таркиби луғавии ҳар як забон таъсири назаррас мерасонад. Чунин таъсир аз ҷумла дар лексикаи забони англисӣ низ ҳамаҷониба ба зуҳур омадааст. Дар забонҳои дигар вомгирӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ба захираи луғавии онҳо таъсири назаррас расонидааст, ки ҳатто вожаҳои ёвар мисли ҷонишинҳо, пешояндҳо, ки аз забонҳои дигар гирифта шудаанд, калимаҳои аслии ёридиҳандаро иваз карданд. Азбаски вомгирӣ ҳамчун раванди мусбат ба ҳар як забон, махсусан ба таркиби луғавии забони англисӣ хос аст, ин мавзӯъ ҳамеша муҳим ва мубрам мебошад. Чунонки маълум аст, забони зинда як падидаи ҳамеша дар такомул буда, як воҳиди луғавии нав меояд, вале ҳар чизи нолозим ва зиёдатӣ аз байн меравад.

Гап дар сари он аст, ки забони англисӣ дар тӯли таърихи тӯлонии инкишофи худ миқдори зиёди вожаҳои хориҷиро пазируфтааст, ки бо ин ё он роҳ ба таркиби луғавии забони мазкур ворид гаштаанд. Чунин гурӯҳи калимаҳо ҳам калимаҳои ёвар ва ҳам морфемаҳои ҳосилшударо фаро мегиранд. Вуруди теъдоди басо зиёди вомвожаҳо ба забони англисӣ боиси он шудааст, ки гурӯҳе аз забоншиносон доир ба забони англисӣ ва ҳувияти худро аз даст додани ин забон баҳс намоянд.

Бояд тазаккур дод, ки ба қабати вожаҳои ҳиндуаврупоӣ – ба қабати куҳантарини он вожаҳое дохил мешаванд, ки мафҳумҳои муҳимтарин ва асосиро ифода мекунанд, ки, қабл аз ҳама, барои дарки олами иҳоташуда зарур мебошанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки чунин вожаҳо аз маъхази маъмули забонҳои ҳиндуаврупоӣ арзи вуҷуд намуда, дар аксар забонҳо муодилҳои худро доранд [3, с.46].

Ба чунин гурӯҳҳо, аз ҷумла, истилоҳоти хешу таборӣ мансубият доранд:

Father (гот. fadar, шв. fader, ҳолл. vader, олм. Vater, юн. pater, лот. pater).

Mother (шв. moder, ҳолл. moeder, олм. Mutter, юн. meter, лот. mater, рус. мать).

Brother (шв. broder, ҳолл. broeder, олм. Bruder, лот. frater, рус. брат).

Daughter (гот. dauhter, шв. dotter, ҳолл. dochter, олм. Tochter, рус. дочь).

Son (гот. sunus, шв. son, олм. Sohn, рус. сын).

Номи узвҳои бадан:

Arm (гот. arms, шв., ҳолл. arm, олм. Arm, лот. armus).

Heart (гот. hairto, шв. hjarta, ҳолл. hart, олм. Herz, олм. kardia, лот. cordis, рус. сердце).

Гузашта аз ин, калимаҳое низ мавҷуданд, ки дар забонҳои ҳиндуаврупоӣ ё германӣ вожаҳои шабеҳ надоранд. Чунончи, калимаи Daisy дар натиҷаи пайвастан ва табдил ёфтани ибораи куҳани англисии daeges eage (day’s eye) ба як калима ва вожаи lady натиҷаи тахфифи hlaefdige-и англисии қадимист, ки бо унсури пайвандкунандаи hlaef- (loaf) + - dig (knead) - "он, ки нон хамир мекунад" шакл гирифтааст.

Лозим ба таъкид аст, ки пайдоиши калимаҳоро на ҳамеша бо итминон муайян кардан мумкин аст. Масалан, асли вожаҳои dodge, flaunt, job, wrinkle муайян нест. Чунончи, пайдоиши калимаи dog комилан равшан нест. Мувозиҳои мавҷуда (шв. Dogge, ҳолл. Dog олм. Dogge, фр. Dogue, рус. дог) вомвожаҳои возеҳи забони англисӣ мебошанд, ки нисбатан дертар аз худи калимаи “саг” дар забони англисӣ ба вуҷуд омадаанд.

Тавре ки пайдост, забони англисӣ ба зергурӯҳи ғарбии забонҳои олмонӣ тааллуқ дошта, вожаҳое, ки фонди куҳани забони англисиро инъикос менамоянд, аксаран дар забонҳои дигари олмонӣ мувозии этимологӣ пайдо мекунанд. Масалан, англисӣ house, олмонӣ Haus, голландӣ huis, норвегӣ hus, шведӣ hus; англисӣ day, олмонӣ Tag, голландӣ dag, норвегӣ dag, шведӣ dag ва ғайра.

Бисёр мувозиҳои этимологӣ, алалхусус ба калимаҳои аслии англисӣ дар забонҳои зергурӯҳи олмонии ғарбӣ, аз ҷумла, дар забони олмонӣ англ. day, олм. Tag; англ. night, олм. Nacht; англ. way, олм. Weg; англ. book олм. Buch ва ғ. ба назар мерасанд.

Иқтибосҳои фаронсавӣ аз асри XI сар карда, дар забони англисӣ арзи вуҷуд намудаанд, ки онҳоро ба ду қабат ҷудо мекунанд - қабатҳои пеш аз асри XVII ва баъд аз

он пайдошуда. Мушоҳидаю далелҳо собит менамоянд, ки иқтибосҳои фаронсавӣ ба забони англисӣ аз лаҳҷаи нормандӣ ва забони адабии фаронсавӣ ворид гаштаанд [6, с.87].

Иқтибосҳои фаронсавии қабати якум хеле зиёд буда, бо истилои норманҳо иртибот доранд. Мувофиқи маълумотҳои мавҷуда баъди ба сари қудрат омадани Вилями истилогар дар соли 1066 лаҳҷаи нормании фаронсавӣ забони давлатӣ гардид. Мурофиаи судӣ, таҳияи ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ, таълим дар мактабҳо ба забони фаронсавӣ сурат мегирифт. Забони англисӣ ҳамчун забони муошрати шифоҳӣ барои аксарияти аҳолии кишвар боқӣ мемонд. Ҳамчунин дар давраи англисии миёна байни забонҳои англисӣ ва фаронсавӣ мубориза ба назар мерасид. Забони англисӣ дар ин мубориза зафар ёфта, вожаҳои фаронсавиро низ ба лексикаи худ қабул мекунад [1, с.24]. Ин вомвожаҳо соҳаҳои гуногуни маъноии калимаҳоро фаро мегиранд.

1. Вожаҳои ифодагари мафҳумҳои маъмурӣ: state, country, county, parliament, people, nation ва ғ.
2. Вожаҳое, ки муносибатҳои феодалиро инъикос мекунанд: vassal, feudal, servant, peasant, prince, duke, baron ва ғ. Ба ин гурӯҳ калимаҳоеро метавон ворид намуд, ки ифодагари сифатҳои мухталиф мебошанд: fine, glory, honour, courage, noble, etc.
3. Истилоҳҳои ҳарбӣ: battle, war, peace, assault, defeat, defence, retreat, siege, victory, conquest, navy, vessel, soldier, captain, sergeant ва ғ.
4. Вожаҳои марбут ба мурофиаи суд ва муносибатҳои ҳуқуқӣ: court, justice, judge, jury, attorney, solicitor, accuse, crime, slander ғ..
5. Вожаҳои бо дин алоқаманд: communion, sermon, clergy, cloister, relics, saint, etc. Ба ин гурӯҳ калимаҳоеро низ мансуб донистан мумкин аст, ки дар забони муосир ҳамчун мафҳуми динӣ эътироф намегарданд, вале маҳз аз доираи дин сарчашма гирифтаанд. Чунончи: vice, virtue, tempt, blame.
6. Вожаҳои марбут ба адабиёт ва санъат: literature, art, architecture, prose, paint, design, arch, vault, porch, aisle ва ғ.
7. Вожаҳои марбут ба мӯд, амволи боҳашамат, пухтупаз, варзиш ва шикор. Ин гурӯҳи калимаҳои забони англисӣ қариб пурра бо иқтибосҳои фаронсавӣ, ки дар давраи англисии миёна ба забон ворид шудаанд, ифода меёбанд. Тибқи иттилои сарчашмаҳо дилхушӣ ва айшу нӯш насиби ашрофони Фаронса буданд, ки дар ин давра дар Англия низ онҳо ба назар мерасиданд. Ба ин гурӯҳ чунин вожаҳо мансубият доранд: dress, gown, costume, paste, pastry, roast, toast, sport, comfort, pleasure, luxury, ornament, jewels ва ғ..
8. Вожаҳои мафҳумҳои рӯзмарраро ифодакунанда: table, chair, autumn, river, matter, cause, use, cry, cover, clear, large, etc.

Ҳамон навъе, ки қаблан ишора гардид, ба забони англисӣ иқтибосҳои сершумор аз забонҳои лотинӣ, фаронсавӣ ва скандинавӣ дохил шудаанд. Иқтибосҳои лотиниро ба се қабат ҷудо кардан мумкин аст, ки ин қабатҳо бо хусусияти семантикии вомвожаҳо ва замони вуруди онҳо аз ҳам тафовут доранд. Қабати аввал ОН калимаҳоеро фаро мегирад, ки ҳанӯз пеш аз муҳоҷирати қабилаҳои германӣ ба ҷазира, яъне қабл аз асри V ворид гаштаанд. Бояд гуфт, ки онҳо аввалин калимаҳои иқтибосӣ дар забони англисӣ мебошанд. Гузаштагони англосаксонҳо бо империяи Рим фаъолона савдо мекарданд ва аз румиён як силсила калимаҳои марбут ба мафҳумҳои тиҷоратро вом гирифтаанд. Дар ин давра аз забони лотинӣ калимаҳои wine (лот. vinum), pepper (лот. piper), peach (лот. persicum), butter (лот. butyrum), dish (лот. discum), pound (лот. ponde), inch (лот. uncia), ass (лот. asinus), mule (лот. mulus) ва ғ. дохил шудаанд, ки онҳо калимаҳои содаи рӯзмарра мебошанд ва бо роҳи муносибати бевоситаи ду халқ иқтибос гардидаанд [2, с.120].

Ба қабати луғавии аввали вомвожаҳои лотинӣ воҳидҳое низ дохил мешаванд, ки пас аз ба Британия кӯчонидани қабилаҳои германӣ ба забон ворид шудаанд. Мувофиқи маълумоти муаррихон то замони кӯчонидани онҳо румиён, аллакай ҷазираро тарк карда буданд. Вомгирӣ тавассути аҳолии маҳаллии келтҳо сурат гирифт. Чунончи, street (лот. strata via - роҳи сангфарш), camp (лот. campus), port (лот. portus) ва ғайра намунаи онҳо мебошанд. Вожаҳои Colonia (колония) ва castra (қалъа)-ро дар як қатор номҳои ҷуғрофӣ - топонимҳо мушоҳида кардан мумкин аст: Lincoln, Worcester, Manchester, Gloucester ва ғ.

Қабати дуюми иқтибосҳои лотинӣ бо густариши масеҳият пайвастагӣ дорад. Тибқи нишондоди олимон дар асрҳои VI - VII воизони румӣ англосаксонҳои бутпарастро ба эътиқоди дини нав талқин намуданд ва забони ибодати калисо лотинӣ буд. Аз ин рӯ, аксар

калимаҳои лотинии дорои мафҳумҳои динӣ ба забони англисии қадим ворид гаштаанд. Чунончи, altar, angel, priest, monk ва ғ. Аксари онҳо аз забони юнонӣ гирифта шудаанд, агарчи онҳо аз лотинӣ ҳамчун забони бевосита - манбаи қарз маҳсуб меёбанд.

Мувофиқи иттилои донишмандон дини насронӣ ба тамоми фарҳанги англосаксонҳо таъсири бузурге расонида, алифбои лотинӣ ҷорӣ гардид, ки бо якчанд ҳарфҳои алифбои руникӣ такмил дода шуд. Ҳамчунин мактабе таъсис дода шуд, ки бо калимаи лотинии schola ифода ёфтааст. Теъдоди зиёди вожаҳои иқтибосгардида аз вусъати ҷаҳонбинии англосаксонҳо - номҳои наботот ва ҳайвонот, ашёҳои гуногуни рӯзмарра далолат медиҳанд. Вожаҳои lion, plant, chalk, copper, marble, palm-tree, fork, сар андешаи болоиро тасдиқ менамоянд.

Чунонки маълум аст, қабилаҳои германӣ - англҳо, саксонҳо ва ютҳо, ки дар асри V ба ҷазираҳои Британия кӯчиданд, бо аҳолии аслии ин ҷазираҳо - қабилаҳои келтҳо вохӯрданд. Бо вуҷуди ин, аз сабаби сатҳи пасти рушди фарҳангӣ ва иқтисодии қабилаҳо таъсири забонҳои келтӣ ба забони англисии қадим ночиз буд. Ин таъсир воқеан ба гирифтани чанд калима аз забонҳои келтӣ, ки дар забони англисии муосир то имрӯз боқӣ мондаанд, боис гардид. Аксар калимаҳои келтӣ дар даврaҳои баъдӣ, аллакай, аз забонҳои геликӣ (Ирландия) ва шотландӣ гирифта шудаанд. Калимаҳои зеринро метавон ҳамчун мисоли вомҳои барвақти забонҳои келтии онҳо зикр кард: bard — бард, овозхон, шоир; bin — халта, сабад; brat — кӯдак, насл; down— теппа; dun — қаҳваранг. Аммо азбаски ин калимаҳо аз забонҳои келтӣ ба забони англисӣ ворид шуданд, онҳо табиатан ҳамчун иқтибосҳои келтӣ маҳсуб меёбанд: bannock — нони чаппотӣ; cross — салиб; pillion — болин барои нишаст. Баъзе номҳои ҷуғрофӣ - топонимҳо инчунин калимаҳои келтии қадим дар забони англисӣ ба назар мерасанд. Чунончи: Aberdeen, BenLomond, Dunbar, Kildare, Dunstable, Billigshurt.

Лозим ба таъкид аст, ки иқтибос аз забони русӣ, хусусан дар давраи пас аз инқилоби октябр пажӯҳиши махсусро талаб мекунад. Дар забони англисӣ мисли дигар забонҳои германӣ, ҳатто дар замонҳои қадим калимаҳое мавҷуд буданд, ки бо вожаҳои славянӣ решаҳои муштарак дошта, зоҳиран аз лаҳҷаҳои қабилаҳои славянӣ дар асри XII гирифта шудаанд. Масалан: асал, шир, бангдона, шудгор ва ғайра, англисии қадим: meodu, англ. нав mead; англ. куҳан henap, англ.нав hemp; анг. куҳан. meolk, англ. нав milk; англ. куҳан. ploz, англ. нав plough [11, с.223].

Теъдоди зиёди калимаҳои иқтибосии русӣ дар забони англисӣ дар асри XVI пас аз барқарор шудани робитаҳои мунтазами иқтисодӣ ва сиёсии байни Русия ва Англия пазируфта мешаванд.

Калимаҳои русии дар он замон ба забони англисӣ воридшуда намудҳои гуногуни номҳои ашёи савдо, номҳои ҳокимон, амвол, мансабдорон ва тобеон, муассисаҳо, номгӯи ашёҳои хонагӣ ва номҳои ҷуғрофиро ифода менамуданд [3, с.65]. Дар ин давра вожаҳои русӣ чун beluga, sterlet, rouble, pood, czar, ztarosta, moujik, kvass, shuba, vodka, samovar, troika, babushka, pirozhki ба забони англисӣ иқтибос мегарданд.

Дар таркиби луғавии забони англисӣ теъдоди зиёди калимаҳое мавҷуданд, ки аз забони олмонӣ гирифта шудаанд. Ҳамзамон воҳидҳои луғавии забони олмонӣ, ки ба лексикаи забони англисӣ ворид шудаанд чандон зиёд нестанд. Лозим ба таъкид аст, ки теъдоди зиёди вожаҳои олмонии марбут ба илм решаҳои лотинӣ ва юнонӣ доранд, ки онҳо дар асл унсурҳои байналмилалианд.

Мувофиқи иттилои пажӯҳишгарон нахустин иқтибосҳо аз забони олмонӣ ба асри XVI пайвастагӣ доранд. Дар ин давра калимаҳои марбут ба тиҷорат, корҳои низомӣ, номи баъзе растаниҳо, вожаҳои тавсифкунандаи одамон иқтибос гардидаанд. Масалан: halt, lance-knight, Kreutzer, Junker. Ҳамчунин аз рӯйи маълумотҳои мавҷуда дар асри XVII иқтибосҳои нави соҳаи тиҷорат ва корҳои ҳарбӣ ворид гаштанд. Масалан, groschen; drillinq; plunder; staff; field marshal ва ғайра [11, с.123].

Дар қарни XIX доираи вомгирӣ хеле васъат пайдо кард ва як қатор иқтибосҳо аз фанҳои гуманитарӣ, ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ ба таркиби луғавии забони англисӣ дохил шуданд. Аксари истилоҳот ба соҳаҳои химия, физика, филология ва санъат таалллуқ дошта, аксари ин вожаҳо калимаҳои байналмилалӣ мебошанд. Намунаи истилоҳҳои ба вожашиносӣ иртиботдошта инҳоянд: ibdogermanic (Indogermanisch), Middle English (Mittelenglisch), umlaut, ablaut, grade (Grad), breaking, folk etymology (Folksetymologie),

vowelshift (Lauterverschieburg), loanword (Lehnwort).

Бояд хотирнишон сохт, ки қисме аз лексикаи забони англисӣ робитаҳои устувори тиҷоратӣ, ҳарбӣ ва иқтисодии байни Англия ва Нидерландияро инъикос менамоянд, ки муддати тӯлонӣ ҳифз гардидаанд. Тамоми соҳаҳои тиҷорат дар Англия то асри XVI дар ҳавзаи баҳри Балтика маҳдуд буданд. Гузашта аз ин, дар байни бандаргоҳҳои Англия ва Лигаи Ганзей робитаи қавӣ вуҷуд дошт. Миқдори зиёди калимаҳои марбут ба тиҷорат дар он замон аз забони ҳолландӣ гирифта шуда буданд. Қисми зиёди иқтибосот аз забони ҳолландӣ ба лексикаи забони англисӣ ҳанӯз дар асрҳои XIV-XVII ворид гашта буданд. Аз байни онҳо маъмултаринашон инҳоянд: bulwark; ledger; keel; freight; hose; Skipper; rover; deck; spool; nap.

Пайдост, ки қарни XVII марҳилаи гул-гулшукуфии мактаби машҳури рассомии Фламандӣ маҳсуб меёбад ва ин дар луғатномаи забони англисӣ дар шакли як қатор иқтибосҳои марбут ба санъат инъикос ёфтааст, чунончи: easel; landscape; sketch, acacia, barometer, beryl, church, devil, hyena, lexicology.

Метавон гуфт, ки робитаҳои иқтисодӣ ва сиёсии байни Англия ва Италия аз асри XIV босуръат рушд меёбанд. Иқтисодиёти Англия бо мануфактураи Италия иртибот дошт, ки бе пашми англисӣ вуҷуд дошта наметавонист. Дар асри XVI равобити иқтисодӣ бо Италия боиси вуруди иқтибосҳои ҷадид гардиданд: carat, traffic, porcelain, contraband, bankrupt, soldo, battalion, squadron, citadel, pistol.

Ҳамчунин дар асри XVII шумораи иқтибосҳои марбут ба ҳаёти иқтисодӣ, тиҷорат, инчунин санъат ва мусиқӣ афзуданд.Чунончи: manifesto, intrigue, bulletin, risk, umbrella, balcony, corridor, pedal, solo, opera, vivacity, piano, largo, allegro, grotto, volcano, cascade.

Дар асри XVIII майлу рағбати пайвастаи фарҳанги мусиқии Италия боиси вуруди нави истилоҳоти мусиқӣ аз забони итолиёвӣ гардид, ки дар ин давра чунин вожаҳо иқтибос шуданд: soprano, falsetto, viola, cantata, mandolin, trombone, trio, fantasia, aria, tempo, obligate, crescendo, andante.

Чун иқтибосҳо аз забони итолиёвӣ вомвожаҳои испанӣ аз асри XVI ба забони англисӣ гузаштанд. Воқеаҳои таърихӣ, ки вуруди иқтибосҳоро тақозо мекарданд, бо кашфиётҳои бузурги ҷуғрофии охири асри XV - ибтидои асри XVI пайвастагӣ доранд [8, с.33]. Ривоҷи тиҷорат пас аз кашфи Амрико (1492) ва кушодани роҳи баҳрӣ ба Ҳиндустон (1498) ва ҳамкории минбаъдаи Англия бо Испания ба вом гирифтани як қатор калимаҳои испанӣ, инчунин калимаҳо аз забонҳои мардуме, ки аз мустамлика гузаштаанд, боис гардид. Дар ин маврид аз калимаҳои бештар маъмули иқтибосии қарни XVII чунин далелҳоро метавон тазаккур дод: cargo, guitar, castanet, toreador, matador, duenna, dona, embargo, parade, escapade.

Дар байни иқтибосҳои дар асри XVIII гирифташуда, номҳои рақсу бозиҳо, хӯрокҳои испанӣ, сару либос, истилоҳоти иҷтимоӣ ва сиёсиро қайд кардан мумкин аст. Масалан, quadrille, bolero, picador, marinade, caramel, flotilla, cigar ва ғайра.

Бояд гуфт, ки вожаҳои байналмилалӣ як гурӯҳи махсусро ташкил медиҳанд. Аксар вақт чунин мешавад, ки ҳангоми ифодаи мафҳуми нави муҳим калимаҳо на аз як забон, балки аз бисёр забонҳо гирифта мешаванд. Ҳамин тавр, фонди байналхалқии луғавӣ ташкил карда мешавад, ки ба он истилоҳоти байналхалқии соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон, аз ҷумла сиёсат, фалсафа, илм, техника, санъат, инчунин бисёр калимаҳои абстрактмаъно тааллуқ доранд. Ҳамчунин бояд хотирнишон сохт, ки вожаҳои байналмилалие, ки аз як сарчашма гирифта шудаанд, шабоҳати графикӣ ва овозӣ дошта, то андозае аз ҷиҳати маъно мувофиқ омада, аз ҳисоби захираи луғавии лотинӣ ва юнонӣ моликияти умумии як қатор забонҳоро ташкил медиҳанд (democracy, proletarian, philosophy, atom, modern, program, system). Қисми дигари онҳо аз забонҳои муосир гирифта шудаанд. Чунончи soviet, kolkhoz, sputnik – аз забони русӣ; revolution, bourgeois, telegraph – аз забони фаронсавӣ. Он ҳамзамон теъдоди зиёди истилоҳоти физика, химия, биология, физиология ва ғайраро фаро мегирад.

Дар фарҷом метавон ба чунин хулоса расид, ки забони англисӣ бо қабули вожаҳои дигар забонҳо вижагиҳои худро тағйир надодааст. Баръакс, он лексикаи худро бо беҳтарин унсурҳои забонӣ ғанӣ гардонид, ки онҳоро дар ҳамаи марҳилаҳо аз худ кардан имконпазир аст.

Захираи луғати қадимаи забони англисӣ дар тӯли асрҳо тағйир меёфт, мукаммал

мегардид ва ҳоло дар таркиби худ калимаҳои зиёдеро дорад, ки ин омил ҳам дар ташаккули воҳидҳои луғавӣ нақши муҳим дорад. Бо вуҷуди ин, забони англисӣ ба ҳеҷ вақт асолати худро гум накардааст. Ҳамин тавр, дар ҷараёни таҳқиқ маълум гардид, ки забонҳои хориҷӣ дар таназзули таркиби луғавии забони англисӣ назар ба рушди дигар забонҳои аврупоӣ таъсири бештар доштаанд.

Муқарриз: ***Юсупова М.А.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДДХ ба номи Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Арбекова Т.И. Лексикология английского языка / Т.И. Арбекова. - М., 1977.
2. Арнольд И.В. Лексикология современного английского языка / И.В. Арнольд. - М., 1989.
3. Ахманова О.С. Очерки по общей и русской лексикологии / О.С. Ахманова. - М., 2004.
4. Войнова Е.А. Лексикология современного английского языка / Е.А. Войнова. - М., 1991.
5. Галова Л.Б. Неология в современной лингвистике / Л.Б. Галова. - Владикавказ, 2005.
6. Гинзбург, Хидекель. Лексикология английского языка / Хидекель Гинзбург. - М., 1981.
7. Дубенец Э.М. Современный английский язык. Лексикология / Э.М. Дубенец. - М. - СПб., 2004.
8. Заботкина В.И. Новая лексика современного английского языка / В.И. Заботкина. - М., 1989.
9. Ивлева Г.Г. Тенденции развития слова и словарного состава / Г.Г. Ивлева. - М., 1986.
10. Ожегов С.И. Толковый словарь русского языка / С.И. Ожегов, Н.Ю. Швецова. - М., 1995.
11. Смирницкий А.И. Лексикология английского языка / А.И. Смирницкий. - М., 1959.
12. Харитончик З.А. Лексика английского языка / З.А. Харитончик. - Минск: Вышейшая школа, 1992.
13. Howard Ph. New words for old / Ph.Howard. - L., 1980.
14. Modern English Lexicology. - Moscow external university of humanities, 1996.
15. Англо-русский лингвострановедческий словарь. - Американа.

ТАЪСИРИ ЗАБОНҲОИ ДУНЁ БА ТАРКИБИ ЛУҒАВИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Мақола ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии муосир – таъсири забонҳои дунё ба таркиби луғавии забони англисӣ бахшида шудааст. Таъкид гардидааст, ки вомгирӣ дар даврaҳои гуногуни таърихӣ ба захираи луғавии забон таъсири назаррас расонидааст. Азбаски вомгирӣ ҳамчун раванд ба ҳар як забон, махсусан ба таркиби луғавии забони англисӣ хос аст, ин мавзӯъ ҳамеша муҳим ва актуалӣ мебошад. Чуноне ки маълум аст, забони зинда як падидаи доимо рушдкунанда мебошад. Тазаккур бояд дод, ки ба таркиби луғавии забони англисӣ вожаҳои иқтибосӣ аз забонҳои мухталифи дунё ворид гардида, боиси ғаномандии забони англисӣ гардидааст. Дар асри XIX доираи вомгирӣ хеле васеъ шуд. Як қатор иқтибосҳо аз фанҳои гуманитарӣ, ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсат пайдо мешаванд. Бисёр истилоҳҳо (аз соҳаҳои химия ва физика, филология, санъат) гирифта шудаанд. Аксари ин вожаҳо калимаҳои байналмилалӣ мебошанд. Калимаҳои байналмилалӣ як гурӯҳи махсусро ташкил медиҳанд. Аксар вақт чунин мешавад, ки ҳангоми ифодаи мафҳуми нави муҳим калимаҳо на аз як забон, балки аз бисёр забонҳо гирифта мешаванд. Ҳамин тавр, фонди байналхалқии луғавӣ ташкил карда мешавад, ки ба он истилоҳоти байналхалқии соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон: сиёсат, фалсафа, илм, техника, санъат, инчунин бисёр калимаҳои абстрактӣ дохил мешаванд. Муаллиф ба хулосае омадааст, ки забонҳои хориҷӣ ба таназзули таркиби луғавии забони англисӣ таъсири калон расонидаанд, бо вуҷуди он забони англисӣ асолати худро гум накардааст.

Калидвожаҳо: иқтибос, таъсир, забони англисӣ, қарзгирӣ, забонҳои лотинӣ, фаронсавӣ, скандинавӣ, робита, захираи луғавӣ, ташаккул.

ВЛИЯНИЕ МИРОВЫХ ЯЗЫКОВ НА ЛЕКСИЧЕСКИЙ СОСТАВ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

Статья посвящена изучению одного из важнейших вопросов современной лингвистики - влияния мировых языков на лексическую структуру английского языка. Отмечается, что заимствования в разные исторические периоды оказали значительное влияние на лексические ресурсы языка. Поскольку заимствование как процесс специфично для каждого языка, особенно лексической структуры английского языка, эта тема всегда важна и актуальна. Как известно, живой язык - это постоянно развивающееся явление, что-то новое приходит, ненужное и лишнее исчезает. Следует отметить, что лексическая структура английского языка включает заимствования из разных языков мира, что обогатило английский язык. В 19 веке объем заимствований значительно расширился. Появляется ряд заимствований из гуманитарных наук, общественной жизни и политики. Многие термины (из области химии и физики, филологии, искусства) являются производными. Большинство этих слов являются международными. Международные слова образуют особую группу. Часто бывает, что при выражении нового важного понятия слово берется из многих языков, а не только из одного. Таким образом, будет создан международный лексический фонд, в который войдут международные термины в различных сферах человеческой деятельности: политика, философия, наука, технологии, искусство, а также множество абстрактных слов. Автор приходит к выводу, что иностранные языки оказали существенное влияние на упадок лексической структуры английского языка, хотя английский язык не утратил своей оригинальности.

Ключевые слова: заимствование, влияние, английский, латынь, французский, скандинавский, общение, лексический ресурс, развитие.

THE INFLUENCE OF WORLD LANGUAGES ON THE LEXICAL COMPOSITION OF THE ENGLISH LANGUAGE

The article is devoted to the study of one of the most important issues of modern linguistics - the influence of world languages on the lexical structure of the English language. It is noted that borrowings in different historical periods have had a significant impact on the lexical resources of the language. Since borrowing as a process is specific to each language, especially the lexical structure of the English language, this topic is always important and relevant. As we know, living language is a constantly evolving phenomenon, something new comes, unnecessary and superfluous disappears. It should be noted that the lexical structure of the English language includes borrowings from different languages of the world, which has enriched the English language. In the 19th century, the volume of borrowing expanded significantly. A number of borrowings from the humanities, public life and politics appear. Many terms (from the field of chemistry and physics, philology, art) are derived. Most of these words are international. International words form a special group. It often happens that when expressing a new important concept, a word is taken from many languages, and not just from one. Thus, an international lexical fund will be created, which will include international terms in various spheres of human activity: politics, philosophy, science, technology, art, as well as many abstract words. The author concludes that foreign languages have had a significant impact on the decline of the lexical structure of the English language, although the English language has not lost its originality.

Key words: borrowing, influence, English, Latin, French, Scandinavian, communication, lexical resource, development.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҳикматуллоева Наимахон Анварҳоҷаевна*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, муаллими калони кафедраи назария ва амалияи забони англисӣ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гуз.Мавлонбеков 1. E- mail: **naimakhon@bk.ru**

Сведение об авторе: ***Хикматуллоева Наимахон Анварходжаевна*** - Худжандский государственный университет имени Б.Гафурова, старший преподаватель кафедры теории и практики английского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. E- mail: **naimakhon@bk.ru**

Information about the author: ***Khikmatulloeva Naimakhon Anvarkhojaevna*** - Khujand State University named after academician B.Gafurov, Senior teacher of Department of Theory and Practice of English. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, pr. Mavlyanbekova 1. E-mail: **naimakhon@bk.ru**

УДК: 42+491. 71(076)

КОРБУРДИ КАЛИМАЮ ТАРКИБҲОИ ПАЙВАНДАКӢ ДАР ТАШАККУЛИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ ПУРКУНАНДА ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Шарифова А.Ш.
Донишгоҳи миллӣ-таҳқиқотии пӯлод ва хӯлаи Москва дар ш. Душанбе (МИСиС)

Дар забони англисӣ ва тоҷикӣ як гурӯҳ калимаю таркибҳое ҳастанд, ки дар алоқаи наҳвии ҷумлаи пайрави пуркунанда ба сарҷумла саҳми қалон доранд. Чунончи: “**tell**”, “**say**”, “**everyone**”, “**everybody**”, “**everything**”, “**anything**”, “**anyone**”, **«гуфта»**, **«гӯён»**, **«ҳар кас кӣ», «ҳар он кас кӣ», «ҳар кӣ», «ҳар чӣ», «он кӣ», «он чӣ».** Инҳоро пайвандак наметавон гуфт, зеро дорои хусусиятҳои муайяни морфологӣ буда, дар ҷумлаи сода низ вазифаҳои гуногуни наҳвиро иҷро мекунанд.

Дар забоншиносии тоҷик нахуст аз ҳама Ш. Рустамов чун пайвандак хизмат кардани калимаҳои «**гуфта»** ва «**гуён»**- ро зикр кардааст. «Калимаҳои «гуфта» ва «гӯён» асосан феъли ҳол мебошанд, вале онҳо барои ба ҳам тобеъ намудани сарҷумла ва як катор ҷумлаҳои пайрав низ истифода мешаванд. Дар чунин вазифа аз ҳусусиятҳои феълӣ ва ҳолии онҳо қариб ҳеҷ чиз боқӣ наемонад, онҳо вазифаҳои пайвандакиро адо мекунанд. Аз ин рӯ, мо онҳоро **калимаҳои пайвандакӣ** ном бурдем» [10, с.98-93].

Умумият ва тафовути ин калимаҳоро аз пайвандаки **«ки»** нишон дода, аз ҷумла чунин тафовутҳои калимаҳои пайвандакии **«гуфта»** ва **«гӯён»-**ро аз **«ки»** таъкид кардан лозим аст:

а) доираи истеъмоли «гуфта» ва «гӯён» мисли **«ки»** васеъ нест, онҳо ба сарҷумла асосан нақлҳоро тобеъ менамоянд, ки он аз тарафи ин ё он шахс изҳор карда шудааст ва ё худи нутқкунанда аз фикр гузаронидааст.

б) ҷумла пайрави пуркунанда бо калимаҳои пайвандакии «гуфта» ва «гӯён» бар хилофи ҷумлаҳои пайрави пуркунанда бо пайвандаки «ки» пеш аз сарҷумла меоянд…

в) пайвандаки «ки» дар аввали ҷумлаи пайрави пуркунанда меояд, пайвандакҳои «гуфта» ва «гӯён» бошад, пас аз ҷумлаи пайрави пуркунанда меоянд…» [1, с.98-93].

Ҳамчунин барҳақ зикр намудан мебояд, ки пайвандаки «**ки**» хосси услуби адабӣ - китобӣ буда, «**гуфта**» ва «**гӯён**» ба забони гуфтугӯӣ хос мебошанд. Аз ин калимаҳои пайвандакӣ «гуфта» серистеъмол буда, доираи истеъмоли «гӯён» маҳдудтар аст [10, с.94-95, 98].

Бисёр муҳаққиқон дар забонҳои туркӣ [1, с.70], пашту [1, с.49] чун воситаи алоқаи наҳвии ҷузъҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъ хизмат кардани калимаҳои пайвандакиро зикр кардаанд.

А.З. Абдуллоев таркибҳои нэ ки, her ким, her нэк и, her кас ки-ро калимаҳои пайвандакӣ номида, таъкид кардааст, ки дар забони озарӣ онҳо чун воситаи алоқаи ҷумлаҳои пайрави пуркунанда, мубтадо ва хабар саҳми арзанда доранд [2, с.70].

Муҳаққиқи забони пашту З.М.Калинина қайд мекунад, ки дар забони ҳозираи пашту зарфҳои нисбӣ ва ҷонишинҳои нисбӣ вазифаи калимаҳои пайвандакиро иҷро мекунанд. Ӯ таъкид мекунад, ки «онҳо мисли пайвандакҳои таркибӣ аз зарфҳои макон [helma] «он ҷо», черта «куҷо», миқдору дараҷа [цомра] «чанд» ва ғайра/ баъзе ҷонишинҳои саволӣ [ць] «чӣ», [цок] «ки» ва ғайра/, ҷонишинҳои ишоратӣ [да] «ин», [hага] «он»/ бо пайвандаки синтаксии «ки» таркиб меёбанд» [1, с.49].

Муҳаққиқ дар хусуси ҷой ва вазифаи қалимаҳо дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ чунин ақида дорад: «Ин калимаҳои пайвандакӣ **/ин ҷо, ҳар ҷо, ҳар куҷо, ҳар қадар, он чӣ, он ки** / монанди пайвандакҳои таркиби яклухт ба таркиби ҷумлаи пайрав дохил мешаванд. Аммо фарқашон аз пайвандакҳо он аст, ки на танҳо чун воситаи алоқаи ҷумлаи пайрав ба сарҷумла хизмат мекунанд, балки ба вазифаи аъзоҳои ҷумлаи пайрав /ҳоли макон, миқдору дараҷа, мубтадо/ низ меоянд» [10, с.19].

А. Шафоӣ онҳоро **калимаҳои ҳамнисбат** номида, чун воситаи алоқаи ҷумлаи пайрави пуркунанда хизмат карданашонро нишон додааст [11].

Дар забоншиносии тоҷик дар алоқаи наҳвии ҷумлаҳои пайрави мухталиф /мубтадо, муайянкунанда, пуркунанда …/ саҳм доштани ин таркибҳоро зикр кунад ҳам, истилоҳҳои мухталифро истифода мебарад.

С. Атобуллоев ба муҳаққиқони забони русӣ, туркӣ, пашту такя карда, онҳоро **«таркибҳои пайвандакӣ»** номида, яке аз воситаҳои муҳимми алоқаи грамматикии ҷумлаи пайрави мубтадо будани онҳоро нишон додааст [10, с.35-41].

Ш. Рустамов ақидаи А.Шафоӣ ва С.Атобуллоевро ба зери танқид гирифта, онҳоро **таркибҳои ҷонишинӣ** меномад [10, с.215-226]. Ҷумлаҳои бо чунин таркибҳо омадаро Ш.Рустамов ҷумлаҳои мураккаби тобеи бепайвандак меномад. Ӯ зикр мекунад, ки «яке аз қолибҳои машҳури ҷумлаи мураккаби тобеи бепайвандак бо ҷумлаи пайрави мубтадо он аст, ки ҷумлаи пайрав бо таркибҳои ҷонишинии **ҳар кӣ, ҳар чӣ, он кӣ, он чӣ, ҳар он кӣ, ҳар он чӣ,** ки мубтадои ҷумлаи пайрав шуда меоянд, ибтидо ёфта, пеш аз сарҷумла воқеъ мегардад:

Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор
Низ н - омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор [10, с.456].

Ҳар **чӣ омад**, хуш омад/зарб/» [3, с.112].

Ба ақидаи мо, чун сухан дар бораи алоқаи наҳвӣ меравад ва воҳидҳои номбаршуда ба ҳайси воситаи алоқаи грамматикии ҷузъҳои ҷумлаи мураккаби тобеъ нақши калон доранд, онҳоро таркибҳои пайвандакӣ номидан дурусттар аст.

Албатта, аломату хусусиятҳои морфологии қисмҳои он мавзӯи баҳси сарф аст.

Бад - ин тартиб таркибҳои пайвандакии **«гуфта», «гӯён», «ҳар кас», «ҳар он кас кӣ», «ҳар кӣ», «ҳар кас кӣ», «он кӣ», «он кас кӣ», «ҳар чӣ»** дар забони тоҷикӣ ва дар забони англисӣ пайвандакҳои "**tell**", "**said**", "**everybody**", "**everything**","**everyone**", "**anyone**", "**anything**" яке аз воситаҳои муҳимми алоқаи наҳвии ҷумлаи пайрави пуркунанда ба сарҷумла мебошад. Яке аз хусусиятҳои ҷумлаи пайрави пуркунанда бо чунин таркибҳои пайвандакӣ аз он иборат аст, ки ҷумлаҳои пайрав ҳангоми бо таркибҳои пайвандакӣ алоқа бастан дорои тобишҳои иловагии маъно мешаванд, ки он аз шаклҳои феълӣ ва худи таркиби пайвандакӣ бармеояд». Масалан, дар ҷумлаҳои зерини забони англисӣ ва тоҷикӣ таркибҳои пайвандакӣ чунин тарз ифода шудаанд: I'm sorry I'm late, she **said**, but I hope my niece has entertained you well. The doctors **told** me, he **said**, trying to change the subject, to have a rest here and to avoid anything that would make me feel nervous. He **told** me that he was afraid of dogs.

Албатта, дар ин хели ҷумлаҳои пайрави пуркунанда ҳам нақши ҳабари сарҷумла калон аст, зеро вай ҳамеша объектро тақозо мекунад: **Ҳар чӣ** Нуралӣ мегуфт, вай қабул мекард [7, с.358]. **Ҳар чӣ** осон ёфтӣ, осон аз даст диҳӣ /зарбулмасал/. **Он чӣ** бо тадбир тавон қардан, бо зӯру зар натвон кард /зарбулмасал**/**. **Ҳар чӣ** хоҳӣ дареғ надорам [3, с.187]. Ҳар чӣ дар бисот буд, баровардам [2, с.124].

Мавриди зикр аст, ки объекти сарҷумла аксаран дар забонҳои муқоисашаванда бо ҷонишин ё бандакҷонишинҳо ифода шавад ҳам, маънои умумӣ дошта ба шарҳу эзоҳ ниёз дорад. Он дар ҷумлаи пайрави пуркунанда тафсил ёфта маъноияш возеҳ мегардад: **Ҳар кас кӣ** ин илмро омӯхтан хост, ӯро ба шогирдӣ қабул намудам [4, с.27]; **Ҳар чӣ** дилаш мехост, ҳамонро мекард [1, с.6]; **Он чӣ** мол доштем, ҳамаро сарфа кардем [4, с.91]; **Everybody** expected her to marry Pete. I haven't heard **anyone** call me. He's a wonderful teacher and I've never seen him lose his temper or get angry about **anything**. I believe him to have no conscience **at all**. If you suppose that boy to be friendless, you deceive **yourself** [Dickens, с.236]. "I don't blame you for **anything**, Albert. "But all this time I've been doing **everything** in my power to interest you in art and literature" said Mrs Forrester.

Кунун **ҳар чӣ** гуфтам, гӯш дор
Суханҳои хуб андар оғӯш дор [17, с.151].

Бояд тазаккур дод, ки тафовути ҷумлаҳои пайрави пуркунандаи зикршуда аз ҷумлаи пайрави мубтадо он аст, ки аввалан, хабари ин ҷумлаҳои пайрав бо феъли гузаранда ифода шудааст. Сониян, ин ҷумлаҳои пайрав объекти сарҷумлаанд, на субъект /фоил/-и сарҷумла. С.Атобуллоев оид ба тафовути ҷумлаи пайрави мубтадо ва сарҷумла сухан ронда, ақидаи нодурустро пешниҳод мекунад. «…дар ҷумлаи пайрави мубтадо таркибҳои пайвандакҳои ҳар кас кӣ, ҳар кӣ, касе ки ба вазифаи мубтадои ҷумлаи пайрав меоянд ва дар айни замон ҳамчун воситаи алоқаи қисмҳои ҷумла хизмат мекунанд" [3]. Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ калимаҳои пайвандакии мазкур дар таркиби ҷумлаи пайрав на вазифаи мубтадои

ҷумлаи пайрав, балки вазифаи пуркунандаи онро адо мекунанд, ки мо онҳоро ҷо-ҷо шарҳ медиҳем.

… Ҷумлаи пайрав қариб ҳамеша дорои мубтадои хос мебошад. Мисолҳо: **Ҳар касе ки** ба назди Ҷомӣ меомадааст, … шоири бузург бо ӯ менишастааст» [10, с.112]. **Everybody** who was coming to Jomi's place … the great poet was sitting with them. I believe an Angels, **something** good in **everything**. **Nobody** phoned, did they? And **nothing** of vital importance had happened after that till the year turned. There is **nothing** to worry about. …she brought **nothing** with her but the feeling of adventure [8, с.82-83].

Ҳамон тавре, ки мебинем, ҳамин мисоли овардаи ӯ нодурустии фикрашро собит менамояд. Зеро дар ҷумлаи боло ҳар кас мубтадои ҷумлаи пайрави пуркунанда аст. Мисолҳои дигар низ далели ин амранд. **Ҳар чиз** аз ин ҷазира хезад, бад-ин шаҳр оранд ва аз ин ҷой ба шаҳрҳои ҷаҳон баранд [3, с.21].

Ҳар он кас кӣ зинда аст аз эрониён,
Биёрам, бибандат камар дар миён [10, с.53].

Everyone thinks that they have the answer. **Every** student has to hand in their paper today. He has not long in assuming that Brissenden knew **everything**.

On that train he thought **of nothing** but Lily. **Neither** of them answered; but their faces seemed to him as if contemptuous. **Neither** was wise enough to be sure of the working of the mind of the other. I like **neither** of them. **Neither** of us is/are married. **Neither** of the children wants/want to go to bed.

Бояд гуфт, ки таркибҳои номбаршуда ҳам ба вазифаи мубтадо, ҳам ба вазифаи пуркунандаи ҷумлаи пайрав омада метавонанд, ки ин комилан мутобиқи меъёри забони адабии тоҷик аст. Чунончи: ба вазифаи пуркунандаи ҷумлаи пайрав:

Ҳар чӣ ки Нуралӣ мегуфт, вай қабул мекард [8, с.368];
Дар ӯ **ҳар чӣ** обод бинӣ, бисӯз
Шаб овар ҳар ҷо ки бошӣ ба рӯз [16, с.43];
Он чӣ ман дидам, ту низ бубинӣ [12, с.11].

Ба вазифаи мубтадои ҷумлаи пайрави пуркунанда:

Он кӣ каззоб асту мегӯяд дурӯғ,
Нест ӯро дар вафодорӣ фурӯғ [16, с.18];
Ҳар кас омад, зуд бемораш мекунанд [13, с.261];
…**ҳар чӣ** андар миёни биёбон ва лаби дарё гузарад, онро шоха андак бошад [17, с.24].

Таркибҳои ҳар **кас**, **ҳар кӣ**, **ҳар чӣ** дар таркиби ҷумлаи пайрав омада бошанд ҳам, нисбат ба сарҷумла вазифаи пуркунандаро адо менамоянд.

Бад - ин тартиб калимаю таркибҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ: **"said", "tell", "everybody", "everything", "everyone", "anyone", "anything", «гуфта», «гӯён», «ҳар кас кӣ», «ҳар кӣ», «ҳар чӣ», «он кӣ», «он чӣ»** низ яке аз воситаҳои муҳимми алоқаи грамматикии ҷумлаҳои пайрави пуркунанда мебошанд. Инҳоро пайвандак наметавон гуфт, зеро дорои хусусиятҳои муайяни морфологӣ буда, дар ҷумлаҳои сода низ вазифаҳои гуногуни наҳвиро ичро мекунанд.

Яке аз хусусиятҳои ҷумлаҳои пайрави пуркунанда бо таркибҳои пайвандакӣ аз он иборат аст, ки чунин ҷумлаҳои пайрав дорои тобишҳои иловагии маъно мешаванд, ки он аз шакли феълӣ ва худи таркиби пайвандакӣ бармеояд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар ин хели ҷумлаҳои пайрави пуркунанда ҳам нақши хабари сарҷумла калон аст. Ҳамчунин ин объекти сарҷумлаи чунин ҷумлаҳои мураккаби тобеъ аксаран бо ҷонишин ва бандакҷонишинҳо ифода шавад ҳам, маънои умумӣ дошта, ба шарҳу эзоҳ ниёз дорад. Он бо ҷумлаи пайрави пуркунанда тафсил ёфта возеҳ мегардад.

Тафовути ҷумлаҳои пайрави зикршуда аз ҷумлаи пайрави мубтадо дар он аст, ки аввалан, хабари сарҷумлаи ин ҷумлаҳо аксаран бо феълҳои гузаранда ифода мешавад. Сониян, ин ҷумлаҳои пайрав объекти сарҷумлаанд, на ин ки субъекти сарҷумла.

Таркибҳои пайвандакии **«ҳар кӣ», «ҳар кас кӣ», «ҳар чӣ», «он кӣ», «он чӣ»** … ҳам ба вазифаи пуркунандаи ҷумлаи пайрави пуркунанда омада метавонанд.

1) Ҷумлаи пайрави пуркунанда бо пайвандакҳои таркибии **"аз хусуси ин ки", "аз он ки", " бар ин ки", "бар он ки"** омада бошад, маъмулан пеш аз сарҷумла ҷойгир мешавад.

Аз хусуси ин ки ҳозир ҳам ақлу ҳуши онҳо аз ақлу ҳуши мо – падаронашон – расотар аст, ман ба шумо гап зада намешинам [7, с.150].

Аз он ки китобхонаи фабрика дар вақтҳои охир китобҳои нави бадеиро кам мегирад, комитети комсомолии фабрика мулоқоти нависандагонро бо хонандагон кам ташкил мекунад, ҳарф зад...[6, с.320].

2) Ҷумлаи пайрави пуркунандае, ки бо таркибҳои **ҳар кӣ, ҳар он кӣ, ҳар чӣ/кӣ/, ҳар он кас кӣ** омадаанд, пас аз сарҷумла ҷой мегиранд:

Ҳар чӣ дар бисот буд, баровардам [14, с.124].

Кунун **ҳар чӣ** гуфтам гӯш дор,
Суханҳои хуб андар оғӯш дор [14, с.151].

Ҳар чӣ медоданд, шукрона карда мегирифт [13, с.49].

Ҳар кас Фирдавсиро биёрад, даҳ ҳазор динораш медиҳам [1, с.446].

Ҳар кас кӣ омад, зуд бемораш мекарданд [11, с.261]. **Он чӣ** мол доштем, ҳамаро сарфа кардем [9, с.191].

3. Аксаран ҷумлаҳои пайрави пуркунандаи бепайвандак пеш аз сарҷумла меоянд. Дар чунин ҷумлаҳо пайвандакҳо воситаи муҳимми алоқаи наҳвӣ буда, бо ҷумлаи пайрав ифода мегарданд.

Бояд тазаккур дод, ки дар забони англисӣ пайвандакҳои тобеъкунанда метавонанд ҷумлаҳои пайрави мубтадо, хабар, пуркунанда, ҳол ва муайянкунандаро нишон диҳанд.

Аксари пайвандакҳои тобеъкунанда хелҳои гуногуни ҷумлаҳои пайравро нишон медиҳанд. Масалан, **that** метавонад дар корбурди ҷумлаи пайрави мубтадо, хабар, пуркунанда, ҳоли мақсад, натиҷа ва муайянкунанда ширкат варзад [8, с.236].

That Ruth had little faith in his power as a writer did not alter nor her in Martin's eyes (subject clause).

What I mean is **that** you're the first man I ever met who's willing to admit out to a woman that he thinks she's better than he is. (The predicate clause)

He looked to the south and knew that somewhere beyond those blue hills lay the Great Bear Lake (The object clause).

He walked into the Green Park **that** he might cross to Victoria Station and took the Underground into the City (The adverbial clause of purpose).

He bailed wildly at first, splashing himself and flinging the water so short a distance **that** it ran back into the pool (adverbial clause of result).

Пайвандаки if ҷумлаҳои пайрави пуркунанда ва ҷумлаҳои пайрави ҳолро мефаҳмонад [6, с.546].

He was anxious to see **if** she had relapsed since the previous evening (The object clause).

If the man ran, he would run after him; but the man did not run (adverbial clause of condition).

Пайвандаки **as** бошад, ҷумлаи пайрави замон, сабаб ва муқоисаро мефаҳмонад.

These were the thoughts of the man **as** he strove on ward (adverbial clause of time).

As Jacob has made me captain, I must call the roll (adverbial clause of cause) [6, с.126].

That day had decreased the distance between him and the ship by three miles; the next day by two – for he crawling now **as** Bill had crawled (adverbial clause of comparison).

Пайвандаки **While** метавонад ҳам бо ҷумлаҳои пайрави тобеъ ва ҳам бо ҷумлаҳои пайрави пайваст ифода шавад. Он метавонад ҳамчун пайвандаки пайвасткунандаи хилофӣ ифода шавад (дар ин ҳолат он ба таври зайл тарҷума мешавад: то он даме ки) ё ҳамчун пайвандаки тобеъкунандаи замон (дар ин ҳолат он ҳамчун дар вақте ки, ҳоло тарҷума мешавад).

Older man probably resented him **while** others of his own generation could feel so inadequate when comparing their talent to his (Coordinating conjunction) [6, с.435].

While skating along at full speed, they heard the cars from Amsterdam coming close behind them (subordinating conjunction).

Бояд гуфт, ки пайвандакҳои тобеъкунанда ва таркибҳои пайвандакӣ метавонанд дар ҷумлаҳои сода низ ширкат варзанд. Онҳо ҳолҳоро ба хабари ҷумла мепайванданд. Пайвандакҳои ҳамчун **As if, as though б**ештар дар ҷумлаҳои сода истеъмол мешаванд [5, с.238].

Пайвандакҳои тобеъкунанда ҳам дар ҷумлаҳои сода истифода мешаванд.

He scowled at first; then, **as if** recollecting something, he said…

He seemed faint and dizzy and put out his free hand while he reeled, **as though** seeking support against the air [5, с.267].

Пайвадакҳои тобеъкунандаи **Though** ва **as if** ҳам дар ҷумлаҳои сода истифода мешаванд.

Though alone, he was not lost.

Next, he sheered to the left, to escape the foot of the bed; but this sheer, **if** to generous, brought him against the corner or the table [17, с.49].

Пайвандакҳои тобеъкунандаи замон хеле кам дар ҷумлаҳои сода вомехӯранд. Дар он ҳол онҳо аксаран бо сифати феълӣ ифода меёбанд.

That she was one of those women – not to common in the Anglo-Saxon race – born to be loved and to love, who **when not loving are not living**, had certainly never even occurred to him.

Танҳо пайвандакҳои тобеъкунанда қисмҳои ҳаммонанди ҷумларо ба ҳам мепайванданд.

He was cheerful **though** tired.

Ҷумлаҳои мураккаби бо ҷумлаи пайрав оғошудаи забони англисӣ, ки пеш аз хабари ҷумлаи асосӣ бо чунин пайвандакҳо ё калимаю таркибҳои пайвандакӣ ифода мешаванд, инҳоянд: **that, whether, when, where, how**.

Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави пуркунандаи бавосита бо хусусияти хоссаи худ аз ҳам тафовут доранд. Аз ҷумла, аз рӯйи воситаҳои алоқа (истифода шудани пайвандаку калимаҳои ҳамнисбат), мансубияти ҷумлаи пайрав ва аъзои сарҷумла, монандию шабоҳат ба дигар хелҳои ҷумлаҳои пайрав, тобишҳои маъноӣ ва ҳоказоро доро мебошанд.

Масалан, дар забони тоҷикӣ аз пайвандакҳои сершумори тобеъкунанда дар алоқаи грамматикии ҷумлаҳои пайрави пуркунанда фақат пайвандаки **“ки”, “то”** сермаҳсул мебошад.

Тавре зикр намудем, ҷумлаи пайрави пуркунанда ба эзоҳи хабар ё пуркунандаи бо ҷонишинҳои ишоратӣ ифодаёфтаи сарҷумла меояд. Аз ин рӯ, онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1. **Ҷумлаҳои пайрави пуркунандаи бевоситае, ки бар эзоҳи феъл-хабари сарҷумла омадаанд**.

2. Ҷумлаҳои пайрави пуркунандаи бевоситае, ки бар эзоҳи пуркунандаи бевоситаи сарҷумла омадаанд.

Хабари сарҷумлаи ин хели ҷумлаҳои пайрави пуркунанда бо феълҳои гузаранда ифода мешавад. Феълҳои гузаранда ҳамонест, ки “бевосита ба объект гузаштани таъсири амал, яъне ғайр аз муносибати субъектӣ маҳз ба объект нигаронида шудани амалро мефаҳмонад. Феълҳои гузаранда ҳатман пуркунандаи бевосита талаб мекунанд”. Масалан, **феълҳои донистан, омӯхтан, овардан, гуфтан, гирифтан, дидан, додан, даравидан, донистан, шунидан, шикастан, хӯрдан, хондан, пурсидан, бурдан, буридан, нӯшидан, такрор кардан, ҳис кардан, илтимос кардан, пешвоз гирифтан**.

1) Ҷумлаи пайрави пуркунанда бо пайвандакҳои таркибии **“аз хусуси ин ки”, “аз хусуси он ки”, “аз ин ки”, “аз он ки”, “бар ин ки”,”бар он ки”** омада бошад, маъмулан пеш аз сарҷумла ҷойгир мешавад.

Аз хусуси ин ки ҳозир ҳам ақлу ҳуши онҳо аз ақлу ҳуши мо – падаронашон – расотар аст, ман ба шумо гап зада намешинам [6, с.150].

About it that the mind of them are high from their fathers-, I didn’t say to you.

Аз он ки китобхонаи фабрика дар вақтҳои охир китобҳои нави бадеиро кам мегирад, комитети комсомолии фабрика дар вақтҳои охир мулоқоти нависандагонро бо хонандагон кам ташкил мекунад, ҳарф зад... [6, с.320]. They recommended **that through laboratory tests** should be conducted before the system is installed in the computing centre.

Ҷумлаи пайрави пуркунанда, ки бо таркибҳои пайвандакии **“ҳар кӣ”, “ҳар он кӣ”, “ҳар чӣ /кӣ/”, “ҳар он кас кӣ”, “ҳар кас кӣ” “everybody”, “everyone”, “anyone”, “everything”, “anything”, “everything”, “nothing”** омадаанд, пеш аз сарҷумла ҷой мегиранд.. **Ҳар чӣ** дар бисот буд, баровардам [14, с.124]. You walked into the waiting – room, into a great buzz of conversation, and there was **everybody**; you knew almost **everybody**. …he almost forgot the

nearly intolerable discomfort of his new clothes in the entirely intolerable discomfort of being set up as a target for **everybody's** gaze and **everybody's** laudations.

Кунун **ҳар чӣ** гуфтам гӯш дор,
Суханҳои хуб андар оғӯш дор [13, с.49].

Ҳар чӣ медоданд, шукрона карда мегирифт [13, с.49].

Ҳар кас Фирдавсиро биёрад, даҳ ҳазор дирамаш медиҳам [1, с.466].

Ҳар кас кӣ омад, зуд бемораш мекарданд [6, с.261]. **Он чӣ** мол доштем, ҳамаро сарфа кардем [6, с.191]. **Everyone** thinks that they have the answer. **Every** student has to hand in their paper today. He was not long in assuming that Brissenden knew **everything**.

Муқарриз: ***Абдулфайзов С.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулазизов В. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забони адабии тоҷик: автореф. номзадӣ: 10.02.20. / В.Абдулазизов. – Душанбе, 2016. – 24 с.
2. Арендс А.К. Наҳви мухтасари забони ҳозираи адабии форсӣ / А.К. Арендс. - М. - Л.: нашр. АФ СССР, 1941.
3. Атобуллоев С.Ҷумлаҳои пайрави мубтадо ва хабар дар забони адабии тоҷик / С.Атобуллоев. – Душанбе: Дониш, 1957. – 193 с.
4. Грамматикаи забони тоҷик. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. – Душанбе: Нашрдавлтоҷик, 1968. - С.128-155.
5. 5.Качалова Н.А. Практическая грамматика английского языка / Н.А. Качалова, М.К. Израилович. – Москва, 1975. – 576 с.
6. Калинина З.М. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии пашту / З.М. Калинина. - С.11-15.
7. Каушанская В.Л. Грамматика английского языка / В.Л. Каушанская и др. - Москва: Айрис - пресс, 2014. - 381 с.
8. Ниёзмуҳаммедов Б. Очеркҳо оид ба масъалаҳои забоншиносии тоҷик / Б.Ниёзмуҳаммедов. - Сталинобод: Нашр. дав. адабиёти таълимӣ-педагогии Тоҷикистон, 1960. – С.20-68.
9. Ниёзмуҳаммедов Б. Забони тоҷикӣ. Қ.2. Синтаксис. Барои синфҳои VII-VIII / Б. Ниёзмухаммедов ва диг. - Душанбе: Ирфон, 1962. - С.105-123.
10. Рустамов Ш. Ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забони ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов // Масъалаҳои забоншиносии тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1972. - С.82-101.
11. Шафоӣ А.Б. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони муосири форсӣ / А.Б. Шафоӣ // Ҷумлаи пайрави муайянкунанда: автореф. дис... канд. фил. наук. – Баку, 1953. - 18 с.
12. Қосимова М.Н. Маҷмӯаи машқҳо аз синтаксиси ҷумлаҳои мураккаби забони тоҷикӣ / М.Н. Қосимова. - Душанбе, 1981.

КОРБУРДИ КАЛИМАЮ ТАРКИБҲОИ ПАЙВАНДАКӢ ДАР ҶУМЛАҲОИ ПАЙРАВИ ПУРКУНАНДАИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Дар мақола оварда мешавад, ки дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ калимаю таркибҳое ҳастанд, ки дар алоқаи наҳвии ҷумлаи пайрави пуркунанда ба сарҷумла саҳми калон доранд. Онҳоро пайвандак наметавон гуфт, зеро дорои хусусиятҳои муайяни морфологӣ буда, дар ҷумлаҳои сода низ вазифаҳои гуногуни наҳвиро иҷро мекунанд. Яке аз хусусиятҳои ҷумлаи пайрав дорои тобишҳои маъноӣ будан аст, ки он аз шакли феълӣ ва худи таркиби пайвандакӣ, ибоарт була, дар ин хели ҷумлаҳои пайрави пуркунанда саҳми онҳо калон аст. Муаллиф ҳамчунин объекти сарҷумларо ҷумлаҳои пайрав медонад. Ҷумлаи мураккаби тобеъ аксаран бо ҷонишин ва бандакҷонишинҳо ифода шавад ҳам, ба шарҳу эзоҳ ниёз дорад. Он бо ҷумлаи пайрави пуркунанда тафсил ёфта возеҳ мегардад. Ба андешаи муаллиф, маводи забони адабӣ нишон медиҳад, ки воситаи асосии тобеияти ҷумлаи пайрави пуркунанда ба сарҷумла пеш аз ҳама вазифаю маъно ва табиати феъл /хабар/-и сарҷумла мебошад. Ҳамчунин пайвандакҳои тобеъкунанда, мутобиқати шаклҳои феълӣ /хабари сарҷумла ва ҷумлаи пайрав/, оҳанги гуфтор, калимаҳои ҳамнисбат, калимаю таркибҳои пайвандакӣ, ҳиссачаҳою калимаҳои модалӣ дар алоқаи наҳвии ин ҷумлаи пайрав ба сарҷумла ҳар кадом саҳми калоне доранд. Албатта, нақши ин воситаҳо дар ташаккули ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави пуркунанда як хел нест. Дар навбати худ муаллиф қайд менамояд, ки дар забони англисӣ бошад, пайвандакҳои тобеъкунанда метавонанд ба вазифаи ҷумлаҳои пайрави мубтадо, хабар, пуркунанда, ҳол ва муайянкунанда ширкат варзанд. Аксари пайвандакҳои тобеъкунанда дар ташаккули навъҳои гуногуни ҷумлаҳои пайрав нақши муҳим доранд. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави пуркунанда бо хусусияти хоссаи худ аз ҳам тафовут доранд, аз ҷумла, аз рӯйи воситаҳои алоқа/истифода шудани пайвандаку калимаҳои ҳамнисбат/ мансубияти ҷумлаи пайрав ба аъзои сарҷумла, монандию шабоҳат ба дигар ҷумлаҳои пайрав, тобишҳои маъноӣ. Масалан, аз пайвандакҳои сершумори тобеъкунанда дар алоқаи грамматикии ҷумлаҳои пайрави пуркунанда "ки" ва "то" истифода мешаванд.

Калидвожаҳо: калимаҳои пайвандакӣ, пайвандакҳо, ибора, сарҷумла, пайвандакҳои тобеъкунанда, пайвандакҳои пайвасткунанда, ҷонишинҳо, бандакҷонишинҳо, сарҷумла, ҷумлаи пайрав, оҳанги гуфтор, алоқаи наҳвӣ.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СЛОВ И СЛОВОСОЧЕТАНИЙ С СОЮЗАМИ В СЛОЖНОПОДЧИНЁННЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЯХ С ПРИДАТОЧНЫМ ДОПОЛНИТЕЛЬНЫМ

В таджикском и английском языках существуют слова и словосочетания слов, которые играют важную роль в синтаксической связи главного предложения с придаточным дополнительным. Их нельзя назвать союзами, потому что они имеют морфологические особенности и в простых предложениях они играют синтаксическую роль. Одна из особенностей придаточного предложения, состоит в том что оно имеет разные смысловые оттенки и состоит из формы глагола с сочетаниями союзных слов. В этих предложениях с придаточным дополнительным роль этих слов велика, и они являются объектом главного предложения. Сложноподчинённое предложение в большинстве случаев выражается местоимением или местоименными энклитиками и требует толкования. Они с помощью придаточного дополнительного становятся распространёнными. Материалы литературного языка показывают, что основным средством подчинения придаточного дополнительного с главным предложением является глагол. А также здесь для связи главного предложения с придаточным дополнительным играют большую роль подчинительные союзы, интонация, сходные по значению слова, словосочетания с союзами, частицы с модальными словами. Конечно, роль этих средств для образования сложноподчинённого предложения с придаточным дополнительным неодинарна.

Ключевые слова: союзные слова, союзы, словосочетания, главные педложения, подчинительные союзы, сочинительные союзы, местоимение, энклитики, придаточное предложение, интонация, синтаксическая связь.

USING CONJUNCTION'S WORD IN OBJECT CLAUSE IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

In English and Tajik languages we have some conjunctions expressions that they have a great contribution in syntax contact of object clause to principal sentences. We cannot named them conjunctions because of they have certain morphology character in the simple sentence they fulfilled different syntax duties. One of the peculiar of object clause with conjunctions combinations consist of that such clause sentences have additional shades of meaning that they come from verbs form the conjunctions expression. In such clause sentence is also the role of predicate of principal sentence is very great. Also the object clause of such sentence of compound subordinate with pronouns and enclitics expressed it has common meaning and needs to commentary. It will commentary with object clause and will clear. The material of literary language will show that the principal means of subordinating object clause to principal part is first of all means and duties of verb/predicate/ of principal part. It is also subordinating conjunctions. Agreement of verb's form/predicate of principal sentence and object clause, particles, modal words have a great contribution in syntax contact. In English subordinate conjunctions can express in duties subject clause, predicate clause, object clause, adverbial modifiers and attribute. Mostly subordinate conjunctions will show different kinds of clause sentences. For example conjunction **that**) can to use in formation subject, predicate, object, adverbial modifiers and attribute clauses. Subordinate compound sentences with object clause emphases with especially peculiarity. So as means of contact /to use of conjunctions and conjunctions phrases/ possessing clause sentence to member of principal sentence, identity with kind of clause sentences, meaning shadow.

Key words: conjunctions words, conjunctions, expressions, principal sentence, subordinate conjunctions, coordinate conjunctions, pronouns, enclitics, clause sentence, intonation, syntax contact.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шарифова Адолатхон Шарифовна*** – Филиали донишгоҳи миллӣ - таҳқиқотӣ технологии хӯла ва пӯлоди Москва (МИСиС) дар ш.Душанбе, дотсенти кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарӣ. **Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Назаршоев 7. E-mail: **adolat.sharifova@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-30-57-17**

Сведение об авторе: ***Шарифова Адолатхон Шарифовна*** – НИТУ МИСиС в г. Душанбе, доцент кафедры языков и гуманитарных дисциплин. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Назаршоев 7. E-mail: **adolat.sharifova@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-30-57-17**

Information about author: ***Sharifova Adolatkhon Sharifovna*** – National research Technology University "Moscow institute of Alloy and Steel" in Dushanbe, candidate of philological science, docent of languages and humanitarian subject's. 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nazarshoev 7. E-mail: **adolat.sharifova@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-30-57-17**

УДК: 81. 373 (03)

УСУЛҲОИ ШАРҲИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ФАРҲАНГҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАБОНҲОИ ГУНОГУНСОХТ

Воҳидова Н.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Фарҳангҳои тафсирӣ аз давраҳои аввали пайдоиши забонҳо аз манбаъҳои қулай ва муътамади забономӯзӣ ба шумор мерафтанд, ки бесабаб нест. Бартарии фарҳанг аз сарчашмаҳои илмию амалии дигар, амсоли асарҳои монографӣ, рисола, мақола ва ҳатто дастурҳои таълимӣ дар муҷазӣ ва мушаххасии маълумот аст, ки он аз моҳият ва рисолати фарҳанг бармеояд. Фарҳангҳо дар ҳамаи соҳаҳои илму фан ба сифати китобҳои рӯйимизӣ хидмат менамоянд.

Дар таърихи фразеографияи ҳамаи забонҳои ҷаҳон фарҳангҳои фразеологӣ падидаи нав буда, он дар забонҳо дар сатҳи гуногуни методӣ ба назар мерасад, ки онро омӯхтан, дастовардҳои беҳтаринро муайян ва дастраси умум гардонидан, доир ба ҳамаи забонҳо фарҳангҳои фразеологии мукаммалу ҳамгун таълиф кардан ба манфиати омӯзандагони якчанд забон хоҳад буд. Аз ин нуқтаи назар, бо усули муқоисавӣ-типологӣ омӯхтани фразеографияи забонҳои гуногунсохт, амсоли тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба манфиати ҳам ин забонҳо ва ҳам соҳаи забоншиносии умумӣ мебошад. Ба пешбурди муваффақонаи ин кор, пеш аз ҳама, таҳқиқоти мукаммали олимони шинохта Ҳ. Маҷидов ва М. Фозилов оид ба фразеологияи забони тоҷикӣ [11; 13; 14], ҳамчунин фарҳангҳои фразеологии забонҳои русӣ ва англисии луғатнигорони маъруф А.И. Молотков ва А.В. Кунин [15; 10] бештар имкон фароҳам меорад.

Дар аксари фарҳангҳои фразеологӣ қисмати даромади китоб («сарсухан») бо банди «сохти фарҳанг» анҷом меёбад, ки асосан аз масъалаҳои зерин иборатанд: а) усули интихоб ва ҷойгузинии моддаҳои фразеологӣ; б) тарзҳои шарҳи моддаҳои фразеологӣ; в) тавзеҳот роҷеъ ба истифодаи фарҳанг.

Дар фразеографияи тоҷик нахустин фарҳанги фразеологии қадима «Чароғи ҳидоят»-и Сироҷуддин Алихони Орзу [12] мебошад, ки дар соли 1734 ба табъ расидааст. Одатан ба фарҳангҳои асримиёнагӣ сарсухани муфассал хос нест, дар онҳо хеле мухтасар дар бораи сабаб ва матлаби таълифи китоб сухан меравад, вале аз рӯйи таҳлили матни фарҳанг оид ба принсипҳои шарҳи моддаҳои луғавӣ маълумот пайдо кардан мумкин аст, чунончи: дар «Чароғи ҳидоят»:

Ҷобаҷогузории моддаҳои луғавӣ мувофиқи тартиби ҳарфҳои аввалу дувум аст, тартиби ҳуруфи дигари дохилии калимаҳо ба эътибор гирифта нашудааст.

Таркибу ибораҳои озоду устувор низ чун воҳидҳои луғавии алоҳида, мувофиқи тартиби ҳарфҳои аввалу дувум ҷойгир шудаанд.

Эъробгузорӣ (яъне бо ҳаракатҳои фатҳа, касра, замма хондани ҳарф – овозҳои ҳамсадои калимаҳо) пурра риоя карда шудааст.

Мансубияти баъзе калимаҳо ба забонҳо зикр ёфтааст.

Барои таъйид ва таъкиди маънои калимаву ибораҳо аз ашъори шуаро мисолҳо оварда шудаанд.

Дар фарҳанг намудҳои зерини шарҳ истифода шудаанд: а) шарҳ бо синонимҳо; б) шарҳи пурра (ба воситаи як-ду ибора ё як ҷумлаи мухтасар); в) шарҳи энсиклопедӣ (дар истилоҳот); г) шарҳи антонимӣ.

Маълумоти лексикӣ – грамматикӣ дар дохили худи мақолаҳои луғавӣ оварда шудаанд.

Баъзе маъноҳои воҳидҳои луғавии барои хонанда фаҳмо шарҳ дода нашуда, бо ибораи «маъруф аст» ишора гардидаанд.

Дар вақти тавзеҳи калимаҳои омографӣ (калимаҳои ҳамшакл дар алифбои арабӣ) шарҳи сохти фонетикии калимаҳои дохили мақолаи луғавӣ (яъне эъробгузорӣ) нигоҳ дошта шудааст, амсоли:

Баҳорӣ – мансуб ба баҳор; ва дар ҳиндӣ ба касри аввал (яъне Биҳор)* ду маънӣ дорад … Ва аҳли Эрон дар ин лафз ғалат карда ба фатҳи аввал (яъне баҳорӣ)* хонанд ва дар

ашъор оранд [12, с.46]. **Бам** – муқобили зер (ба касри зои тозӣ) ва зарби дасте, ки бар сари касе зананд ва сарчанг ҳамин аст [12, с.44].

Фарҳанги фразеологии муосири тоҷикӣ аз нуқтаи назари сохтор ва моддаҳо нисбат ба луғатҳои пешин хеле мукаммал аст. Пеш аз ҳама, «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик»-и М. Фозилов [13] дар назар аст, ки он зери банди алоҳида (V. Сохти «Фарҳанг») маънидод гаштааст. Андешаҳои дар луғатнома зикршуда ва мушоҳидаҳои худро аз мутолиаи китоби мазкур ба таври зер шарҳ медиҳем:

Моддаҳои луғавӣ аз қисматҳои калима – меҳвар, рақам ва моддаи луғавӣ, шарҳи мазмун (мазмунҳо)-и воҳиди луғавӣ, зикри мисол (мисолҳо) ва сарчашмаи он иборат аст.

Моддаҳои луғавӣ дар зери калима – меҳвари воҳидҳои фразеологӣ оварда шудаанд, ки ба ин вазифа калимаҳои аввали мустақилмаънои моддаи луғавӣ хидмат кардаанд. Теъдоди воҳидҳои луғавӣ, ки зери калима – меҳвар оварда шудааст, аз як ё якчанд воҳиди луғавӣ иборат аст.

Агар моддаи луғавӣ дорои ду ё зиёда маънои мустақил (омоним) бошад, ҳар яки он маъно таҳти рақами алоҳида шарҳ дода шудааст; агар маъноҳо бо ҳам робита (полисемия) дошта бошанд, тавассути нуқтавергул, агар танҳо бо тобишҳои маъноӣ фарқ кунанд, бо вергул ҷудо карда шудаанд.

Дар ҳолати муродиф ё қарина доштани моддаи луғавӣ, ба шарҳи маънои он ҳавола карда мешавад: ***На ба он ёру на ба ин гамхор***. *Ниг.* На оташи сӯзон, на оби сард; ***Заҳр чошидан***. *Ниг*. Заҳр рехтан; ***Абраю астари касеро чаппа шудан***. *Ниг*. **Абраю астари касеро чаппа кардан (намудан)**.

Шарҳи моддаҳо дар «Фарҳанги зарбурмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ»-и М. Фозилов [14] дар банди «Таркиб ва сохти фарҳанг»-и муқаддимаи китоб ҷой дода шудааст, ки моҳияти онро мухтасар ба таври зер баён менамоем:

Дар як миқдор моддаҳои луғавӣ шарҳи мазмун таҳти ишораи «*Ниг*.» ба воҳидҳои ҳаммаъно ҳавола гардидаанд.

Дар мавридҳои дигар бар шарҳи воҳидҳои луғавӣ матнҳои иловагӣ ворид карда шудаанд.

Дар фарҳангнома бо номи «назир» ишорате ба кор рафтааст, ки он мавҷудият ё маъмул будани чунин воҳиди луғавиро дар шаклҳои дигар дар эҷодиёти адибон нишон медиҳад.

Дар гунаҳо (вариантҳо) агар маъноҳо фарқ дошта бошанд, онҳо аз рӯйи алифбо гузашта, бо ададҳо ҷудо карда шудаанд.

Гунаҳои луғавӣ (сохторӣ) дар қавсайн омадаанд, агар онҳо аз ҷиҳати маъно тафовут дошта бошанд, алоҳида оварда шудаанд, амсоли ***аввал андеша в-он гаҳе (баъд) гуфтор***.

Дар фразеографияи рус «Фарҳанги фразеологии забони русӣ» (нашри IV, зери таҳрири А.И. Молотков) [15] аз ҷониби мутахассисон ба сифати мукаммалтарин луғати фразеологӣ пазируфта шудааст, ки дар он усули ташреҳи моддаҳои фразеологӣ ба таври мушаххас дар қисмати «Аз фарҳанг чӣ навъ бояд истифода кард» дар чор банд ҷой дорад:

1. Низоми қайди номгӯи моддаҳои луғавӣ. Дар моддаи луғавӣ фразеологизм ба чунин тарз дода мешавад: **оставной козы барабанщик, у черта на куличках, к шапочному разбору, с азов.**

Дар қавсайни шикаста - ‹ › ҷузъҳои факултативии фразеологизм дода мешавад: **ни в зуб ‹ногой›, от ‹всей› души, до ‹последней› нитки, ‹хоть› топор вешай, ‹не› пришей кобыле хвост.**

Дар қавсайни мураббаъ - [ ] гунаҳои луғавии ҷузъҳои фразеологизм дода мешаванд: **по гроб жизни** [**дней**], **валить** [**сваливать**] **с больной головы на здоровую, стреляный** [**старый**] **воробей, до глубины души** [**сердца**], **валять** [**ломать, корчить**] **дурака** [**ваньку**].

Дар қавсайни давра – ( ) гунаҳои шаклии ҷузъҳои фразеологизм дода мешаванд: **открывать америку (америки), под сурдинку (сурдинкой), ума (уму) помраченье, положа (положив, положивши) руку на сердце.**

Дар мавриди дар фразеологизм дар як вақт мавҷуд будани гунаҳои луғавӣ ва шаклӣ, ё ҷузъи факултативии дорои гунаҳои луғавӣ фразеологизм дар намуди зер дода мешавад: **трепать юбки [хвосты (хвост)], садиться в лужу [в калошу (галошу)], ветер в голове ‹бродит [свистит, гуляет, ходит]›** *у кого.*

Муҳити луғавии фразеологизм дар унвонаи моддаи луғавӣ бо курсиви сиёҳтоб зикр мегардад, ки он одатан дар ҳамин шакл дар нутқ корбаст мешавад: ***денег*** **куры не клюют**, ***сидит*** **как на корове седло**, ***спать*** **без задних ног**, **как банный лист** ***пристал***, **ни зги** ***не видно*****.**

Дар баъзе мавридҳо алоқаҳои синтаксисии умумии фразеологизмҳо бо калимаҳои матн бо ёрии ишоратҳои тавзеҳӣ воқеъ шуда, бо курсиви сафед зикр мегарданд: **гайка слаба** *у кого*, **рыть яму** *кому, под кого*, **плясать под дудку** *чью*, **запускать руку** *во что, куда*, **под башмаком** *кого, чьим, у кого,* **делать упор** *на чем, на что*, **стоять на платформе** *чего, какой*, **набивать руку** *в чем, на чем*, **ноги не будет** *чьей, где*, **тыкать носом** *кого, во что*, **мерить на аршин** *какой, кого, что.*

2. Коркарди моддаҳои луғавӣ. Пас аз унвонаи моддаи луғавӣ пеш аз ташреҳи маъно (ё маъноҳо) аломате гузашта мешавад, ки ба хусусиятҳои услубӣ, таърихӣ – замонӣ ё ҳиссӣ – экспрессивии фразеологизм ишорат дорад[1].

Пас аз шарҳи мазмун бо ёрии аломати «ср. (сравни)» зикри шакл (ё шаклҳо)-и дигари истеъмолии фразеологизм меояд[2]. Масалан: **бросать [кидать, швырять, пускать] камнем [грязью]** *в кого* – касеро маҳкум, сиёҳ, айбдор кардан. муқ. – ср. забрасывать камнями *в кого*; **выбрасывать [выкидывать, вышвыривать] на улицу** *кого* – касеро аз кор сабукдӯш кардан, аз кор пеш кардан; **на полслова** – барои ду даҳон гап, ахбор, суҳбати хеле кӯтоҳ. муқ. – ср. выбрасывать за ворота кого.

Сипас, аз рӯйи тартиби хронологӣ иқтибосоти тасдиққунандаи мазмуни фразеологизм оварда мешаванд.

3.Ҷойгиркунии фразеологизмҳо дар фарҳанг. Бо мақсади осонтар кардани дарёфти фразеологизми дилхоҳ ҳар яке такроран аз рӯйи ҷузъи маънодор зикр ёфтааст, масалан, фразеологизми ***спустя рукава*** дар ду маврид омадааст: вобаста ба ҷузъи ***спустя*** дар ҳарфи ***с*** ва вобаста ба ҷузъи ***рукава*** дар ҳарфи ***р***; фразеологизми ***авгиевы конюшни*** ҳам дар ду ҷой зикр гардидааст: бо ҷузъи ***авгиевы*** дар ҳарфи ***а*** ва бо ҷузъи ***конюшни*** дар ҳарфи ***к***; фразеологизми ***седьмая*** [десятая] ***вода на киселе*** дар чор маврид омадааст.

Фразеологизмҳо аз рӯйи ҳарфи аввали ҳар як ҷузъ ба тартиби алифбо ҷойгиранд, новобаста ба он ки он ҷузъ дар куҷои фразеологизм ҷой дорад, масалан, фразеологизм бо ҷузъи *абордаж* дар ҳарфи ***а*** пеш аз фразеологизм бо ҷузъи ***абшуга***, аммо фразеологизм бо ҷузъи ***авансы*** – пеш аз фразеологизм бо ***авгиевы.***

4. Системаи ҳаволаҳо. Ҳарчанд ки фразеологизм дар фарҳанг аз рӯйи теъдоди ҷузъҳо такроран оварда мешавад, коркарди он як маротиба сурат мегирад – дар ҷое, ки созмони сохтории фразеологизм муайян карда мешавад. Дар мавридҳои дигар, ҳаволаи См. (*Ниг.*) дар ҷойи коркарди фразеологизм меояд. Масалан, дар ҳарфи ***П*** чунин ишорат оварда шудааст: **Панургово стадо.** См. стадо. Ин чунин маъно дорад, ки коркарди фразеологизмро дар ҷузъи ***стадо*** дар ҳарфи ***С*** бояд ҷуст.

Ҳамин тариқа, усули шарҳи моддаҳои луғавӣ дар фразеографияи рус ба туфайли таҷрибаи ғании фарҳангнигори номӣ А.И. Молотков бо назардошти маводи сарчашмаҳои дигар як навъ ҷамъбаст гардид [15], ки худи ӯ муҳаррираш аст.

Нисбати фразеографияи англисӣ бояд гуфт, ки олимони соҳаи фразеологияи умумӣ ва хусусӣ нашри 4-уми «Фарҳанги фразеологии англисӣ-русӣ»-и А.В. Кунинро комилтарин фарҳанги фразеологӣ [10] ба қалам додаанд. Далели эътироф ин аст, ки дар заминаи мавод ва принсипҳои ташреҳи ин фарҳанг даҳҳо луғатномаҳои хурду калон танзим шудаанд. Аз ин рӯ, шарҳи принсипҳои интихобу шарҳи маводи он имкон медиҳад, ки хонанда дар бораи асосҳои илмию методии фарҳанги фразеологии англисӣ тасаввуроти равшан пайдо намояд.

Муқаддимаи китоб аз даҳ банд иборат буда, дар ҳар яки он як масъалаи муҳимми интихоб, зикр, аломатҳо, тарҷума, ташреҳ, ишорот, усули шоҳидоварӣ ва баъзе маълумоти иловагӣ – эзоҳӣ маънидод карда шудаанд.

Дар аксар фарҳангҳои пешин яке аз ишоратҳои серистеъмол **sl** (slang – сленг) буд, ки он маънои жаргон, хусусан жаргони дуздонро дошт, ҳоло ин ишорат ба услуби ғайриадабӣ (лаҳҷа), профессионализм, вулгаризм ва м. инҳо далолат мекунад, яъне он маҳфуми хеле умумист. Аз ин рӯ, дар фарҳанги А.В. Кунин вобаста ба хелҳои услубӣ

[1] Ниг.ба банди «Ташреҳи таърихӣ – замонии фразеологизмҳо» [15, с.19].

[2] Ниг. ба банди «Фразеологизм ва шакли истеъмоли фразеологизм» [15, с.17].

истилоҳи хос (на sl), балки жаргон *(жарг.)*, диалектизм *(диал.)*, ифодаҳои дурушт *(груб),* таркибҳои авомона *(прост.)* ва монанди инҳо истифода гардидаанд. Масалан, be all of a muck *груб*., the kinchin lay *вор. жарг*. ва ғ.

Дар фарҳанг навъҳои гуногуни ишоратҳо ба кор рафтаанд:

1. Ишоратҳои услубӣ, ки хосияти баҳодиҳӣ доранд: abusive - *бран.*: бранное – таҳқирӣ, vulgar – *вульг.*: вульгарное – дурушт - вулгарӣ, coarse – *груб.*: грубое – дурушт, ironical – *ирон.*: ироничное – истеҳзоомез, affectionate – *ласк.*: ласкательное – навозишӣ, disapproving – *неодобр.*: неодобрительное – номақбул, contemptuous – *през.*: презрительное – таҳқиромез, jocular – *шутл.*: шутливое – ҳазломез, euphemism – *эвф.*: – эвфемистическое – эвфемистӣ – боадабона.

Ишоратҳои функсионалӣ-услубӣ - ифодаҳое, ки ба ин ё он шохаи функсионалии услубӣ мансубанд: *книжн.*: книжное – китобӣ, *разг.*: разговорное – шифоҳӣ, *воен.*: военное – ҳарбӣ, *ком.*: коммунистическое – коммунистӣ, *мед.*: медицинское – тиббӣ, *мор.*: морское – баҳрӣ, *охот.*: – охотничное – шикорӣ, *парл.*: парламентное – парламентӣ, *полит.*: политическое – сиёсӣ, *спорт.*: спортивное – варзишӣ, *театр.*: театральное – театрӣ, *юр.*: юридическое – ҳуқуқӣ.

2. Ишоратҳои грамматикӣ бо мақсади муайян намудани муносибати маъноҳои гуногуни фразеологизмҳо бо ҳиссаҳои нутқ: adj phr, adv phr, n phr, v phr мутаносибан ба фразеологизмҳои сифатӣ, зарфӣ, исмӣ ва феълӣ. Инчунин ишорати int phr (interjectional phrase) – фразеологизмҳои нидоӣ.

3. Ишоратҳои этимологӣ: a fly in the ointment *[этим. библ.]*, Pandora's box *[этим. миф.]* it ё that goes (ё went) without saying *[этим.фр.]*

4. Ишоратҳои муайянкунандаи мансубияти ҳудудии фразеологизмҳо: *австр., амер., ирл., шотл.* Ин ишоратҳо бештар дар таркиб ба кор мераванд: *австр*. *разг*. (гуфтугӯии австралӣ), *амер*. *жарг*. (жаргони америкоӣ), *преим*. *амер*. *разг*. (бештар гуфтугӯии америкоӣ) ва ғайра.

Дар асоси маводи назариявӣ ва амалии мавриди назар метавон чунин хулоса кард: усули шарҳи луғавӣ дар фразеографияи тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба принсипи ягона асос ёфтааст, яъне масъалаҳои шинохти ВФ, ҷойгиркунии онҳо дар луғатномаҳо, асосҳои ташреҳот, зикри мисолҳои шоҳид, роҳу усулҳои шарҳ, ишоратҳо ва ғайра ба ҳамаи забонҳои муқоисашаванда хоссанд. Чунончи, асосан чунин навъҳои ташреҳот дар фразеографияи забонҳои қиёсшаванда ба кор рафтаанд, ки онҳоро мушаххасан дар тасниф нишон додан ба мақсад мувофиқ аст. Навъҳои ташреҳи моддаҳои луғавиро бо назардошти чандомади онҳо дар фарҳангҳои фразеологӣ ба тартиби зер овардан мумкин аст:

1. **Шарҳи озод** тавассути ибораҳо ва ҷумлаҳои содаву мураккаб бо назардошти муҷазии баён, дақиқназарӣ ва мушаххасӣ. Масалан, дар фарҳанги тоҷикӣ: **сафири хоб** – овозе, ки аз гулӯи хуфта барояд (яъне хуррок-В.Н.) [12, с.146], **гап кофтан** – барои фаҳмидани чизе касеро ба гап андохтан, кунҷковӣ, тагпурсӣ кардан; дар луғати русӣ **служить верой и правдой** ва дар луғати англисӣ **to serve faithfully –** софдилона хизмат кардан; ташаббус нишон додан.

2. **Шарҳи омехта** аз рӯйи чандомад дар мавқеи дуюм қарор дорад. Ин мавридест, ки дар як вақт ду – се навъи усули шарҳ: ибораи озод + ҷумла + калима ва ё муродиф + ибораи озод + ҷумла ва м. инҳо ба кор бурда мешавад. Масалан, дар фарҳанги тоҷикӣ **бо теғу кафан омадан** – киноя аз омадан бо камоли аҷзу узрхоҳӣ. Ва ин дар асл узрхоҳист, ки пеши салотин мекарданд [12, с.32]; дар луғати русӣ: **между двух огней** – мавридест, ки хатар аз ду ҷониб таҳдид дорад, мушкилии сахт ≈ **байни обу оташ**; дар луғати англисӣ: **make a good thing of something** – аз коре фоида ҷустан ≈ манфиат ёфтан, баҳраманд шудан.

3. **Шарҳи муфассал** тавассути ҷумлаҳои мураккаб, сертаркиба, ду ё зиёда ҷумлаҳои содаи бо ҳам мантиқан марбут ифода мегардад. Чунончи, дар забони тоҷикӣ: **оина пеши нафас доштан** ва **бар нафас доштан** – киноя аз ҳолатест, ки «дар эҳзор ва қурбати мавт ойнаро дар пеши нафаси бемор гузоранд, то маълум кунад, ки майит аст ё сакта дорад. Аввал маъруф аст. Дувум аз Ашраф, байт... » [12, с.17].

Ин навъи ташреҳ дар забонҳои англисӣ ва русӣ низ серистеъмол аст, амсоли: weight of the world on one's shoulders or world on one's shoulders or world on one's back – a very

heavy load of worry or responsibility; very tired worried behavior, as if carrying the world; дар забони русӣ: злачное место – макони дилхушист, вале барои тасаввури пурра ҳосил кардани хонанда ин ибора бо унсурҳои иловагӣ тафсил дода шудааст: макони дилхушӣ, айшу нӯш, шаҳват ва бозиҳои дилхушкунанда.

4. **Шарҳ бо як калима** хеле каммаҳсул аст; бо як калима ифода кардани мазмуни моддаи луғавӣ низ ба назар мерасад, вале он чандон мувофиқи матлаб нест, зеро баёнгари танҳо маънои холиси воҳиди фразеологӣ буда, мазмуни эҳсосӣ ва тобишҳои маъноии таъбир нокушода мемонад, чунончи: **гули сари сабад** – беҳтарин, **думро хода кардан** – гурехтан, **собаку съел** – моҳир, **all over the place (everywhere)** – ҳамаҷоя ва ғ.

5. **Шарҳ бо зикри муродиф ё эквивалент** фаҳмост. Вале ин навъ низ аз нуқсон орӣ нест, зеро ду фразеологизмро, ки бо ҳам аз ҳар ҷиҳат – мавқеи истеъмолӣ, тобишҳои семантикӣ, ифодаи эҳсос бо ҳам мутобиқ бошанд, ёфтан маҳол аст.

Аммо умуман гирем, дар фарҳанги фразеологии тоҷикӣ муродиф дар мавқеъҳои мухталиф хеле васеъ корбаст шудааст, чунончи, бо ишорати «*Наг.*» ба муродифи фразеологӣ ҳавола карда мешавад, амсоли **коми касеро ширин кардан.** *Наг.* **Гулӯи касеро равған кардан.** Дар чунин маврид низ мутобиқати пурра вуҷуд надорад [13, с.236].

Фарҳангҳои фразеологии муқоисашаванда дар бобати воситаву аломатҳои шарҳ тафовутҳо доранд, чунончи, дар фарҳангҳои тоҷикӣ вожаҳои *киноя, маъруф, машҳур* ҳамчун воситаи зикри мазмун хосияти истилоҳӣ пайдо кардаанд. Масалан: **Чирки дунё** – *киноя* аз мол; **Аспи чӯбин** – *киноя* аз тобут; **Алиф ба хок кашидан** – *киноя* аз хиҷолат ва шармандагӣ; **Ҷоми ҷаҳоннамо** … - *маъруф* (яъне фаҳмо, ҳоҷат ба шарҳ нест); **Чашми бад дур** – *машҳур* (ҳамчунин фаҳмо, ҳоҷат ба шарҳ нест) [12, с.78].

Фразеографияи русӣ ва англисӣ чунин воситаҳо надоранд, вале дар онҳо афзалиятҳои дигар ба назар мерасанд, ки дар фразеографияи тоҷик ба назар гирифтан ба манфиати кор хоҳад буд.

Дар фарҳангҳои русӣ ва англисӣ хусусиятҳои истеъмолии моддаҳо, ки бо образнокӣ, ифодаи эҳсос ва аломатҳои услубӣ фарқ мекунанд, дорои ишоратҳои хос мебошанд. Онҳоро аз рӯйи мазмун ва вазифа ба чунин хелҳо ҷудо кардан мумкин аст:

1. Ишоратҳои мансуб ба соҳаи услубии муошират дар фарҳангҳои русӣ: *литературное* – адабӣ (бо ҷузъҳои *высокое* – услуби баланд, *книжное* – китобӣ, *поэтическое* – шоирона); *разговорное* – гуфтугӯӣ (бо ҷузъҳои *литературно-разговорное* – адабии гуфтугӯӣ, *разговорно - просторечное* - гуфтугӯии омиёна); *просторечное* – омиёна, *грубое* – дурушт; дар фарҳангҳои англисӣ: *literary* – адабӣ (бо ҷузъҳои bookish - китобӣ, poetic – шоирона, rude – дағалона).

2. Ишоратҳои мансуб ба соҳаи услубии вазъи муошират дар луғатномаҳои русӣ: *официальное* – расмӣ, *неофициальное* – ғайрирасмӣ, *фамилярное* - авомона, *эвфемизм* – боадабона; дар фарҳангномаҳои англисӣ: formal – расмӣ, unformal – ғайрирасмӣ, ewphemism – боадабона.

3. Ишоратҳои мансуб ба собиқаи корбурд дар фарҳангномаҳои русӣ: *архаистичное* – архаистӣ, *историческое* – таърихӣ, *неологичное* – навфразеологизмҳо; дар фарҳангномаҳои англисӣ: *archaic* – архаистӣ, *old fashion* – куҳна (қадима) *neologism* – навфразеологизмҳо.

4. Ишоратҳои мансуб ба забони табақаҳои иҷтимоӣ дар луғатномаҳои русӣ: *жаргон* – жаргон, *вульгарное* – дурушт, *табу* – табу; дар фарҳангномаҳои англисӣ: *jargon* – жаргон, *slang* – сленг, воҳиди хос, *vulgar* – дурушт, ***taboo*** – табу.

5. Ишоратҳои мансуб ба соҳаи фаъолияти одамон, аз он ҷумла, илм дар фарҳангномаҳои русию англисӣ бо истилоҳи **специальное – special** – махсус ба қайд гирифта шудаанд.

6. Ишоратҳои мансуб ба ҳудуди корбурд дар фарҳангномаҳои русӣ: *сибирское* – сибирӣ, *южное* – ҷанубӣ; дар фарҳангномаҳои англисӣ: *American* – америкоӣ, *Australian* – австралӣ, *Scottish* – шотландӣ.

Ҳамин тариқа, дар заминаи таҳқиқи қиёсӣ-типологӣ умумият ва тафовути усулҳои шарҳи моддаҳои луғавиро вобаста ба фарҳангҳои маъруфи фразеологии тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ аз рӯйи коркарди моддаҳои фразеологӣ, ҷойгиркунии фразеологизмҳо дар луғатнома, системаи ҳаволаҳо ва ишоратҳои фразеологӣ мухтасар чунин хулоса кардан мумкин аст:

• Бино ба таҳлилҳо, аломатҳо бештар дар луғатҳои фразеологии русӣ, камтар дар англисӣ, аҳёнан дар фарҳангҳои муосири тоҷикӣ ба кор рафтаанд.

• Дар фразеографияи англисӣ истилоҳи «лонаи фразеологӣ» маъмул аст, ки аз моддаи луғавӣ сар карда системаи ишорот, шарҳ, усули мисол – шоҳид ва маълумоти дигари иловагиро дар доираи ягона дар бар мегирад.

• Дар таҳқиқи фразеографияи англисӣ як масъалаи муҳим зикр ёфтааст, ки аз рӯйи он дар бораи сатҳи имрӯзаи системаи ташреҳот хулосаи илмӣ баровардан мумкин аст. Гап дар сари он аст, ки дар фарҳангномаҳои даврaҳои аввал шарҳ аз 1-2 ҷанбаъ иборат буд, он дар луғатномаҳои муосир аз ҳафт ҷанбаъ бо номи «параметры дефиниций» дар шакли формула оварда шудааст: ФЕ = ГП + ЛП + ДЗ + ИП + СП + ЭП + ФП (2,122). Пас аз ФЕ (фразеологические единицы) дар ҳар як воҳид ба таври ихтисор як навъи ҷанбаи шарҳ зикр ёфтааст. Аз назари мо, ҷанбаъҳоро аз рӯйи чандомадашон ба сифати шарҳи моддаи луғавӣ ба тартиби зайл (аз зиёд ба кам) гузаштан лозим аст. Формула ба тоҷикӣ чунин мешавад: ВФ = ҶМ + ҶГ + ҶШ + ҶЛ + ҶФ + ҶУ + ҶЭ[3]. Ба ҳамин минвол шарҳи як моддаи луғавӣ метавонад дар ҳафт ҷанбаи забонӣ сурат бигирад.

Дар фарҷом бояд гуфт, ки муқоисаи маводи назариявӣ ва амалии мақола ба он равона шудааст, ки мураттибон аз роҳу усулҳои шарҳи босамари моддаҳо дар фарҳангҳои фразеологии забонҳои қиёсшаванда огоҳ гашта, дар фаъолияти минбаъдаи худ ба кор баранд. Мукаммал ва бо ҳам наздик шудани принсипҳои фарҳангнигорӣ ба такомули фразеографияи забонҳо мусоид буда, истифодаи онҳоро дар таҳқиқ ва омӯзиши забонҳо осон мегардонад.

Муқарриз: ***Дӯстзода Ҳ.Ҷ.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳмадов, М. Бунёдгузори фарҳангнигории муосири тоҷик. Монография / М. Аҳмадов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2020. – 232 с.
2. Аюпова, Р.А. Фразеологическое описание татарского, русского и английского языков: дисс. ... д-ра филол. наук / Р.А. Аюпова. – Казань, 2009. – 360 с.
3. Воҳидова, Н.А. Марҳалаи нав дар таҳқиқ ва омӯзиши ҳамгирои забонҳо / Н.А. Воҳидова // Роҳҳои такмили сифати таълими забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар партави Паёми Пешвои миллат. Маҷмӯаи мақолаҳо. (ш. Душанбе, 22 майи 2019). – Душанбе, 2019. – С. 96-99.
4. Воҳидова, Н.А. Фарҳанги фразеологӣ ҳамчун сарчашмаи таҳқиқ ва таълими фразеология / Н.А. Воҳидова // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ таҳти унвони « Хусусиятҳои татбиқи имлои нави забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоӣ». – Хуҷанд, 2019. – С. 281-285.
5. Воҳидова, Н.А. Нақши «консепсияи Кунин» дар фразеографияи англис / Н.А. Воҳидова, А.А. Қурбонов // Масоили мубрами забоншиносии типологӣ, германӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ. Паёми МДТ «ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров». Факултети забонҳои хориҷӣ. – №10 (2020). – Хуҷанд, 2020. – С.63-68.
6. Гак, В.Г. Фразеологическая трансформировка и проблемы фразеографии (на материале русской идиоматики) / В.Г. Гак // Фразеологизм и его лексикографическая разработка (под ред. А.С. Аксиметова) – Минск, 1987. – С. 60-64
7. Дарвеш, Б. «Чароғи ҳидоят»- и Орзу ва забони тоҷикии форсӣ. Монография / Б. Дарвеш. –Душанбе: Дониш, 1992. – 105 с.
8. Долгопалов, Ю.А. Сопоставительный анализ соматической фразеологии (на материале русского, английского и немецкого языков: автореф. дис. ... канд. филол. наук / Ю.А. Долгопалов. – Казань, 1973.- 23 с.
9. Квеселевич, Д.И. Основные проблемы лексикографической разработки фразеологии в русско-английском фразеологическом словаре: автореф. дис. … филол. наук / Д.И. Квеселевич. - Житомир, 1973. – 25 с.
10. Кунин, А.В. Англо-русский фразеологический словарь. / А.В. Кунин. Изд. 4-е.– М.: Русс. язык, 1984. – 942 с.
11. Маҷидов, Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик. Дастури таълим / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 1982. – 103 с.
12. Орзу, Сироҷуддин Алихон. Чароғи ҳидоят; таҳияи матни Амон Нуров / Сироҷуддин Алихони Орзу.– Душанбе: Ирфон, 1992. - 288с.
13. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. (Фарҳанги фразеологӣ). Тартибдиҳанда М. Фозилов. – Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1963. – Ҷ.2. - 952 с. - 1964. - Ҷ.2. - 802 с.
14. Фозилов, М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. Ҷ.1 / М. Фозилов.– Душанбе: Ирфон. – 368 с.

[3] Шакли пурраи вожаҳои формулаи ташреҳот чунин аст: ВФ – воҳиди фразеологӣ, Ҷ – ҷанба, М – мазмунӣ, Г – грамматикӣ, Л – лексикӣ, У – услубӣ, Ф – фонетикӣ, Ш – шоҳид, Э – этимологӣ (экстралингвистӣ).

15. Фразеологический словарь русского языка. Изд. 4-е. / Под ред. А.И. Молоткова. – М.: Русс. язык. – 543 с.

УСУЛҲОИ ШАРҲИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ФАРҲАНГҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАБОНҲОИ ГУНОГУНСОХТ

Мақола ба таҳқиқи усулҳои шарҳ дар фарҳангҳои фразеологии се забони гуногунсохт – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Усули муқоисавӣ-типологии таҳқиқ имкон додааст, ки хусусиятҳои умумӣ ва тафовутҳои шарҳи луғавӣ мушаххасан дар тавзеҳи роҳу усулҳои интихоб ва ҷойгиркунии моддаҳои фразеологӣ, ҳамчунин воситаҳои маънидоди мазмун ва шарҳи мавқеи истеъмолӣ, мансубияти услубӣ, тобишҳои эҳсосӣ ва ғайра возеҳ гардад. Дар фарҳангҳои фразеологии тоҷикӣ ташреҳ аз рӯйи низоми зикри калима-меҳвар, рақамгузорӣ ба моддаҳои луғавӣ, шарҳи мазмун, овардани мисоли шоҳид, бо зикри манбаъ сурат гирифтааст. Дар фарҳангҳои русӣ усулҳои ташреҳ вобаста ба хусусиятҳои таърихӣ-замонӣ, шаклҳои истеъмолӣ, услуб ва системаи ҳаволаҳо маънидод шудаанд. Фарҳангҳои англисӣ аз рӯйи навъҳои ташреҳ дар шаш банд бо ишорати мансуб ба вазифаҳои истеъмолӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Таҳқиқ ба фарҳангҳои маъруфи фразеологии забонҳои номбурда асос ёфтааст. Маводи назариявӣ ва амалии мақола ба таълифи асарҳои илмии ҷамъбастӣ доир ба фразеография, таълими фарҳангшиносӣ, назария ва амалияи тарҷума, ташкили корҳои мустақилонаи донишҷӯён манзур мешавад.

Калидвожаҳо: фразеология, фразеография, фарҳанги фразеологӣ, забонҳои гуногунсохт, моддаҳои луғавӣ, усулҳои шарҳ, коркарди моддаҳои луғавӣ, истилоҳоти хосси шарҳ.

МЕТОДЫ КОММЕНТАРИЯ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ СЛОВАРЯХ РАЗНОСИСТЕМНЫХ ЯЗЫКОВ

Статья посвящена изучению особенностям фразеологических словарей разносистемных – таджикского, русского и английского языков. Сравнительно – типологический метод исследования позволяет выявить общие и отличительные особенности словарей, направленные на определение способов словарных дефиниций относительно выбора вокабул, их смысловых, функциональных, коннотативных и стилистических комментариев. В таджикских фразеологических словарях комментарий осуществлен по порядку изложения стержневых слов фразеологизмов, семантических особенностей, приведения утвердитеьных аргументов с указанием источников. В русских фразеологических словарях методы дефиниций основаны на историко-временных, функциональных и стилистических особенностей, а также системы ссылок. Вопросы словарных комментариев в английской фразеографии рассмотрены по шести параметрам, связанным с функциональными особенностями фразеологизмов. Работа выполнена на материале известных фразеологических словарей. Теоретические и практические материалы статьи предназначены для научного обобщения частной и общей фразеографии, составления учебных пособий по теории и практике перевода, анализу художественного текста, организации самостоятельных работ студентов.

Ключевые слова: фразеология, фразеография, фразеологические словари, разносистемные языки, словарная статья, способы словарных дефиниций, терминологическая система вокабул.

METHODS OF COMMENTING PHASEOLOGICAL UNITS IN PHASEOLOGICAL DICTIONARIES OF DIFFERENTIAL LANGUAGES

The article is devoted to the study of the peculiarities of phraseological dictionaries of different languages – Tajik, Russian and English. A comparatively - typological method of research allows us to identify common and distinctive features of dictionaries, aimed at identifying ways of vocabulary definitions regarding the choice of vocables, their semantic, functional, connotative and stylistic features. In Tajik phraseological dictionaries the commentary is carried out in the order of presentation of the core words of phraseological units, semantic features, affirmative arguments, indicating the sources. In Russian phraseological dictionaries the definition methods based on historical-temporal, functional and stylistic features as well as a system of references. Questions of vocabulary commentary in English phraseography are considered on 6 parametres connected with functional features of phraseological units. The work was carried out on the basis of well-known phraseological dictionaries. The theoretical and practical materials of the article are intended for scientific generalization of private and general phraseography, the compilation of textbooks on the theory and practice of translation, the analysis of literary text, the organization of independent work of students.

Key words: phraseology, phraseography, phraseological dictionaries, multisystem languages, dictionary entry, methods of interpretation, vocabulary terminological system.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Воҳидова Нодира Абдусатторовна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, омӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои хориҷӣ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гуз.Мавлонбеков 1. E-mail: **vohidova2020@mail.ru.** Тел.: **(+992) 927-65-85-56**

Сведение об авторе: ***Вохидова Нодира Абдусатторовна*** - Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова, преподаватель общеуниверситетской кафедры иностранных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. E-mail: **vohidova2020@mail.ru.** Тел.: **(+992) 927-65-85-56**

Information about the author: ***Vohidova Nodira Abdusattorovna*** - Khujand State University named after Academician B.Gafurov, teacher of the all-University Department of Foreign Languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekov Ave. 1. E-mail: **vohidova2020@mail.ru.** Tel.: **(+992) 927-65-85-56**

УДК: 492.7.09:491.550

ҶАМЪБАНДИИ АРАБӢ ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИКИИ ҚАРНҲОИ XVIII ВА XX

(дар мисоли усули ҷамъбандии солими арабӣ)

Мирмухамедов О.Т, Ашрапов Б.П.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Категорияи шумора яке аз вежагиҳои боризи грамматикии исм буда, исм бо ин хусусият аз дигар ҳиссаҳои нутқ фарқ мекунад. Аз ин ҷост, ки ин категорияи ҳиссаи нутқ дар забони адабии муосири тоҷикӣ ба монанди забонҳои дигари гурӯҳи эронӣ ҳамчун универсалия (муштаракот)-и муҳимми грамматикӣ маҳсуб гашта, солҳост, ки диққати муҳаққиқони соҳаи забоншиносии ҳам тоҷик ва ҳам форсро ба худ ҷалб намуда, дар ин росто як силсила пажӯҳишҳое аз ҷониби забоншиносону муҳаққиқони соҳа [8; 10; 14; 16; 11; 12; 17; 7; 12; 13; 15] анҷом дода шудаанд.

Мусалламан, баррасӣ ва омӯзиши масоили вежагиҳои сарфӣ ва маъноӣ ва ваҷҳи корбурди усули ҷамъбандии арабӣ дар забони тоҷикӣ нав нест. Рӯҷеъ ба масъалаи мазкур дар соҳаи забоншиносии тоҷик, хоссатан дар осори муътамаду бунёдии дастаҷамъона ва алоҳидаи марбута аз ҷониби забоншиносони тоҷику руси асри собиқ, пажӯҳишҳои муфассалу мухтасаре сурат гирифтаанд. Лек, ҳанӯз ҳам дар забоншиносии тоҷикӣ бархе паҳлуҳои ин падидаи сарфӣ, бавижа, вожагони иқтибосии арабӣ пурра омӯхта нашудаву дар робита ба дурустии комили корбурди ҷамъбандии арабӣ ва ё қубҳи пурраи он ҳарфи охир гуфта нашудааст.

Бояд иброизи ақида намуд, ки ҳангоми иқтибоси калима ё ибора аз як забон ба забони дигар, масалан исм дар шакли танҳо иқтибос карда мешавад, то дар забони иқтибоскунанда ба чаҳорчӯбаи грамматикӣ ворид шудаву ба қавоиди маъмули он забон ҷамъбандӣ гардад. Вале муносибати иқтибосгузинии забони тоҷикӣ аз арабӣ фаротар аз ин аст, ба ин маъно, ки калимаҳои иқтибосии арабӣ дар категорияи шумора низ таъсири худро дар забони тоҷикӣ гузоштаанд. Аз ҷумла “шакли солими ҷамъи арабӣ, ки ба забони тоҷикӣ дохил шудааст, ба воситаи суффиксҳои –“**от**” ва –“**ин**” ва шакли ҷамъи шикаста бо ёрии флексияи дохилӣ ба амал меояд.

Иқтибосоти арабии дар шакли ҷамъи шикаста бударо бо пасвандҳои ҷамъбандии тоҷикӣ ҷамъ бастан хосси имрӯз нест, балки дар гузашта низ роиҷ будааст. Чунончи, Маликушшуаро Баҳор мегӯяд: “*...намудортарин тасарруфоти эшон дар ҷамъҳои тозист, ки аз барои равшан будани иборат ва дарёфти порсизабонон он ҷамъҳоро ба порсӣ низ ҷамъ мебастанд, монанди аҳоибҳо, мулукон* ва...” [8, с.400].

Муҳаққиқи шинохтаи тоҷик Б.Сиёев аз таҳқиқи ҷамъбандии исмҳои “Таърихи Табарӣ”-и Балъамӣ сухан гуфта, ба кор рафтани ду навъи ҷамъбандӣ: а) усули ҷамъсозии анъанавӣ ва б) усули ҷамъсозии арабиро қайд намуда, сабаби истифодаи ҷамъбандии арабиро ба ҳуҷуми арабҳо алоқаманд медонад: “Сабаби дар сохти грамматикии забони асрҳои 1Х-Х мавҷуд будани шаклҳои гуногуни ҷамъбандии арабӣ ба ҳодисаҳои муҳимме, ки дар хоки Мовароуннаҳру Хуросон ва Балх (ки ин мавзеъҳоро дар сарчашмаҳо макони пайдоиши забони дарӣ, лафзи дарӣ меноманд) қабл аз асри Х рӯй дода буд, вобаста аст...” [12, с.37].

Чунончи, забоншинос Ш.Рустамов оид ба ин масъала мепиндорад, “дар забони тоҷикӣ чор ҳодисаи луғавии калимаҳои арабӣ мушоҳида мегардад:

1. Шакли танҳои калима маъмул буда, шакли ҷамъи он маъмул нест. Ин гуна калимаҳо асосан бо пасвандҳои тоҷикӣ ҷамъбандӣ мешаванд. Ин гурӯҳ қисми асосии калимаҳои ҳазмшудаи арабиро фаро мегиранд: вирд-аврод, бадан-абдон.

2. Ҳар ду шакли калима-ҳам танҳову ҳам ҷамъ, маъмул аст. Ин гурӯҳ маҳдудтар мебошад: валад-авлод, ваъз-авзоъ.

3. Шакли ҷамъи арабӣ маъмул буда, шакли танҳои он номаъмул аст. Ин қабил калимаҳо камтаранд:бир-аброр, явм-айём;

4. Ҳар ду шакл ҳам маъмул нест: буъд-абъод, замон-азмон [17, с.140].

Метавон чунин ҳадс зад, ки дар грамматикаи академии забони адабии муосири тоҷикӣ марбут ба пасванди –**ин** чунин маълумот оварда шудааст: “Суффикси арабии –**ин**

танҳо дар як ду калима (мусофирин, ҳозирин) вомехӯрад, ки хосси услуби поетикӣ ва архаистист. Ба шакли ҷамъи мардонаи солим омадани калимаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ ба таври маҳдуд дида мешавад, ки машҳуртарин намунаи онҳо калимаҳои *муаллим**ин*** (муаллимон), *муслим**ин*** (мусулмонон), *масъул**ин*** (масъулон), *муҳассил**ин*** (муҳассилон) шуда метавонанд” [4, с.101].

Такя ба меъёрҳои сарфии забони тоҷикӣ кас метавонад мувозатан тамоми калимоти аслии тоҷикиву иқтибосиро тавассути пасвандҳои тоҷикӣ ҷамъбандӣ намояд, ки:

Унсурҳои ҷамъсози *–ин*, *–от*, дутоӣ *–айн* ва *ҷамъи таксир* *(забони арабӣ)*	**Унсурҳои ҷамъсози *–он (-гон, -ён, -вон)* ва *–ҳо*** *(забони тоҷикӣ)*
*Мухолиф**ин***	*Мухолиф**он***
*Муаллим**ин***	*муаллим**он***
*Имтиёз**от***	*Имтиёз**ҳо***
*Ифтихор**от***	*Ифтихор**ҳо***
Макотиб	*Мактаб**ҳо***
Мадорис	*Мадраса**ҳо***
*Тарафа**йн***	*Тараф**ҳо***
*Наҳр**айн***	*Наҳр**ҳо***

ба ашколи дар болоҷадвал омада метавонанд ҷамъбандӣ шаванд [10, с.68].

Дар асоси усули эҳсоӣ ва қиёсӣ мо тасмим гирифтем, ки дар мақолаи хеш дараҷаи корбурд ва вежагиҳои сарфии усули ҷамъбандии арабии “Туҳфат-ул-хонӣ»-и Муҳаммадвафои Карминагӣ (а.XVIII)- ро дар муқоиса бо “Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро”, “Таърихи амирони манғитияи Бухоро. Исёни Муқаннаъ” ва “Ғуломон”-и С.Айнӣ (а.XX) ба риштаи таҳлил кашида бошем.

Дар забони даврони омӯзиш ба ҷуз роҳу воситаҳои ҷамъбандии тоҷикӣ, ҳамчунин, усули ҷамъбандии арабӣ низ мавқеи калидӣ дорад. Ҳамаи вожаҳое, ки дар осори қиёсшаванда бо тарзи ҷамъбандии арабӣ сурат гирифтаанд, асосан бо ду роҳ амалӣ мегарданд:

1. Ҷамъбандии дуруст ё “ҷамъбандии солим”;
2. Ҷамъбандии нодуруст ё “ҷамъбандии шикаста”.

Шоистаи зикр аст, ки унсури ҷамъсозии арабии –**ин** дар “Туҳфат-ул-хонӣ”- и Муҳаммадвафои Карминагӣ (а.XVIII) (то он ҷое, ки мо аз назар гузаронидем) ба чашм нарасид, вақте ба ҳолати имрӯзаи вачҳи корбурди ин воҳид назар кунем, маълум мегардад, ки доираи истеъмолаш маҳдуд аст. Лек, дар забони осори таърихии [1; 2; 3] устод С.Айнӣ бошад, пасванди номбурда бағоят маъмулу сермаҳсул буда, дар ҷамъбандии ҳам калимоти арабӣ ва ҳам тоҷикӣ мавриди истифода қарор гирифтааст: *оризин [3, с.120], ҳозирин [3, с.104, 183, 186, 191, 217, 217, 218, 225, 227, 230]:* ....хоҳиш дорем, ки умуми миллати **сокинини** пойтахт аз байни худҳо ашхосони соҳибмашварат... [3, с.185]; ...атфоли **маъсумини** ҳаштсола ва даҳсоларо «кофирбачча» [2, с.67]; бародарони **муслимини** худ [3, с.96; 2, с.62]; ...аз рӯйи дунё тамом барҳам нахӯрдани расми инсониятро ва дар байни **мазлумини** гирифтор ҳанӯз пойдор будани сифати шафкатро дида... [3, с.213; 2, с.58].

Аз мисолҳои дар боло овардашуда бармеояд, ки пасванди ҷамъбандии **-ин** дар забони асри XX роиҷ буда, тавассути он танҳо исмҳои ҷондор ҷамъбандӣ мешудаанд. Аммо дар забони адабии тоҷикии асри XVIII бошад доираи истифодаи он маҳдудтар гаштааст.

Ҷараёни таҳқиқот аз он дарак медиҳад, ки муаллифони осори муқоисашаванда [1; 2; 3; 6] пасванди –**ун**-ро боре ҳам истифода набурдаанд.

Ҷоиз ба таъкид аст, ки пасванди ҷамъбандии **–от** ҳам дар забони адабии муосири тоҷикӣ ва ҳам дар забони даврони омӯзиш яке аз унсурҳои ҷамъбандии фаъол ва маъмул ба ҳисоб меравад, ки муаллифони осори мавриди қиёс ин пасвандро дар мавридҳои алоҳида истифода намудаанд, ки онҳоро аз рӯйи маъно ба зергурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мувофиқи матлаб аст, минҷумла:

а) ***Исмҳои маънӣ:*** *хаёлот [6, с.90, 177; 3, с.128]:* …биатамми ваҷҳе анҳои мақосиду **муродоти** худро таҳсил намоянд [6, с.28, 52]; Лекин баъд аз ду-се рӯз ҳамон соҳибони афкори сақима, ки дар **хаёлоти** худ гирифтор буданд... [3, с.255].

б) ***Исмҳои ифодакунандаи олами набототу ҳайвонот:*** *наботот [6, с.172/341, 180/358, 206/409, 221/440, 226/449, 226/450, 258/514], зироот [6, с.141/280], ғаллот [6, с.36/68, 128/254, 141/280, 146/289, 152/302, 171/340, 179/356], ҳосилот [1, с.338] (21-маротиба):* …тамомии **ғаллоту ҳосилоти** он вилоятро эҳроз намуда, ба муҳосараи он қалъа дасти ҷалодат ёзиданд (6, с.22/40), …касе ба маръо ва мақоми он маҷмаи **ҳайвонот** дастбурду тасаллут намояд [6, с.114/225], Ва ҳудуди арозии он навоҳиро иҳота намуда, хору хошок то **наботот** ва шаҷари арок ва ақору зиёъи он рӯзбаргаштагонро зоеъ ва поймоли сутурон сохтанд [6, с.122/241]; Дар Расӣ заминҳои бойҳоро ҳам бо асбоби деҳқонӣ ва **ҳайвоноти** кориашон гирифта... [1, с.200] (22-маротиба).

Аз миёни мисолҳои фавқ устод С.Айнӣ танҳо дар “Ғуломон” “**ҳайвонот** ва **ҳосилот**”- ро мавриди истифода қарор додаанд.

в) ***Исмҳои ифодагари ҳарбу пайкор ва олатҳои ҷангӣ:*** *муҳоработ [6, с.40/75, 103/203 233/464 258/513 262/521, 264/526 276/549; 2, с.47, 57], музоработ [6, с.40/75], олот [6, с.289/575], адавот [6, с.289/575], инқилобот [3, с.160, 166, 194]:* Ва аз ҷонибайн **муҳоработи** м, ҳиб ва **ҷангҳои** азим ба ҳусул пайваста ва доди мардонагӣ медоданд [6, с.23-41]; …сурати иҷтимои ибоду раияти он фирқаи бад-мазоқро ба **ҳамлаҳои** мутавотир мутафарриқ забун сохтанд ва ба **заработи** паёпай алами инод ва рояти фасоди эшонро поймолу нагун карданд [6, с.68/131]; …бетаҳошиву таваққуф ҷамъе аз ҳамлаи суюф ва фавҷе аз манааи **миоту улуф** *(аз шумораҳои миқдории арабии **сад** ва **ҳазор** ташаккул шудаанд, ки муодили тоҷикии онҳо **сада**ву **ҳазора**анд – О.М., Б.А.)* дар ҷодаи суръату шитоб дуртар аз водии орому хоб тайи масофат холӣ аз эъдоду ҳисоб намуда… [6, с.82/162, 99/196, 133/264, 150/298].

Аз миёни мисолҳои боло устод С.Айнӣ танҳо “**муҳоработ** ва **инқилобот**”-ро истифода бурдаанд.

г) ***Исмҳои ифодагари хӯрокаву нӯшока ва туҳфаю ҳадоё:*** *маъкулоту машрубот [6, с.7/11, 185/367, 206/409, 221/439, 243/484], муҳодот [6, с.50/95], муғтанамот [3, с.157], таоруфот [2, с.137], қандолот [6, с.226/449], ниъамоти вофир ва эҳсоноти мутакосир [6, с18/31; 3, с.184], сақирлот [6, с.118/234, 180/358, 226/450], билокот [6, с.28/52, 48/91, 49/94, 115/227, 240/477, 250/498, 270/537], билокот ва суринот [6, с.234/466]:* …баковулони матбахи давлат симоти ниъам ва бисоти карам боз карда, чандон **қандолот** рехтанд ва **маъкулоту машрубот** ҳозир карданд [6, с.226/449], …фарроши баҳор атласи сабза ва **сақирлоти** раёҳинро ба тариқи пойандоз густурда… [6, с.118/234], Ва ба муқтазои фурсат **тансуқоти** гиромӣ ва **билокоти** фарохӯри дастгоҳи он подшоҳи номӣ гузаронида, ба назари имъони ӯ фоизу муваққар омад [6, с.30/56, 38/72, 176/349, 177/351]; Дар аксари маворид миқдори **таоруфотро** биззот таъйин мекард... [2, с.137].

Ба ҳамин минвол, М.Карминагӣ як силсила вомвожаҳои туркӣ-чағатойии “**сиқирл, билок, сурин** ва **тансуқ**”-ро бо ёрии пасванди –**от** ҷамъбандӣ намудааст, ки дар осори қиёсии [1; 2; 3] устод С.Айнӣ ин падидаи сарфӣ тазоҳур нашуд. Аз ин рӯ, метавон ҳадс зад, ки ин ҳодисаи сарфӣ яке аз вежагиҳои боризи забони даврaҳои муқоисашаванда буда, мисолҳои боло дол бар ин гуфтаҳост.

ғ) ***Исмҳои ифодакунандаи вақту соат ва ягон лаҳза:*** Дар ин **оноту соот** Муҳаммадюсуфбеки кенагос, ки ба ғайрату ҳамийят мавсуф буда, бино бар қаробати қурбат ба мусоҳарати мазкур аҳаққу авло буд [6, с.147/292, 28/51].

Дар асоси таҳлили қиёсӣ аён гардид, ки мисолҳои фавқуззикрро танҳо муаллифи таърихномаи асри XVIII мавриди истифода қарор додааст. Лек, устод С.Айнӣ калимаҳои “**онот** ва **соот**”-ро боре ҳам дар осори [1; 2; 3] хеш ба кор набурдааст.

Ҳамчунин, дар забони тоҷикӣ на фақат калимаҳои иқтибосии арабӣ, балки калимаҳои асили тоҷикӣ низ гоҳе ба таври арабӣ ва он ҳам бо суффикси ҷамъбандии **“–от”** ҷамъбандӣ карда мешаванд, ба монанди:

Бо пасванди –<u>от</u>	**Бо пасванди –<u>ҳо</u>**
Супоришот	*супоришҳо*
Навиштаҷот	*навиштаҳо*

Сабзавот	*сабзаҳо*
Деҳот	*деҳаҳо*
Мевaҷот	*меваҳо*
Гузоришот	*гузоришҳо*
Фармоишот	*фармоишҳо*
Озмоишот	*озмоишҳо*
Намоишот	*намоишҳо*
Пешниҳодот	*пешниҳодҳо*

ва ғ., дар ҳоле ки “**-от**” дар забони арабӣ ҳамчун суффикси ҷамъбандии занонаи солим ба кор бурда мешавад” [14, с.31-32]. Ин бошад, аз таъсири грамматикии забони арабӣ ба забони тоҷикӣ дарак медиҳад.

Гуфтан ба маврид аст, ки дар забони форсии тоҷикӣ ҳаргиз калимаҳои асил ба сурати ҷамъи мардонаи солими мардонаи арабӣ ҷамъбандӣ карда намешаванд.

Чун анъана, дар забони таърихномаи асри XVIII якчанд калимаҳои тоҷикӣ бо пасванди **–от** дар шакли ҷамъ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Лек, маҳз дар осори [1; 2; 3] таърихии устод С.Айнӣ вожагони тоҷикиасл хеле зиёд тавассути ин унсури ҷамъсози номбурда ҷамъбандӣ шудаанд, ки ваҷҳи корбурди онҳоро дар зерҷадвал дидан мумкин аст.

“Туҳфат-ул-хонӣ”	**“Таърихи амирони манғитияи Бухоро”**	**“Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро”**
боғот (6, с.19/33, 121/240, 123/244, 124/245, 124/246, 186/370, 289/576)	*мундариҷот (2,с.104, 134, 137, 149, 150)*	*навиштаҷот (3, с.55)*
ҳазораҷот (6, с.24/43, 29/53, 109/215, 149/296, 233/463, 248/493, 249/496, 253/503, 257/511	*рӯзномаҷот (2, с.127, 147)*	*мундариҷот (3, с.105, 153, 181, 240)*
“Ғуломон” (нест)	*мақолаҷот (2, с.127)*	
	корхонаҷот (2, с131)	
	дастаҷот (2, с.132)	
	рисолоҷот (2, с.147)	

Мисол: …дар атрофи он ба воситаи чашмаи обе, ки ҷорӣ аст, басотину **боғоти** мутанаввиа сабз шуда, сесад боғи бед тасарруфи нуввоби комёб тамаллук ёфт [6, с.189/375]; ...ҳар як ба қӯшунот ва **ҳазораҷоти** худ инсироф ва муовадат намуданд [6, с.93/183]; ...тамоми **рӯзномаҷоти** исломиро мехост барҳам занад [2, с.147]; Илова бар инҳо тоҷирон ва соҳибони **корхонаҷоти** Русия, ки аз Бухоро мисли пахта (панба), пашм ва пӯст ашёи хом харид мекарданд... [2, с.131]; Баъзе аз эшон ба **навиштаҷоти** муҳаррирон, яъне котибони фатво иктифо карда... [3, с.54].

Дар ин ҷо зикри ин нукта муҳим аст, ки дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX як қатор вомвожаҳои туркӣ, чиғатойӣ, юнонӣ ва русӣ тавассути пасванди **–от** ҷамъбандӣ гаштаанд, минҷумла: Хаймаву хиргоҳи суродиқу боргоҳро бар сутурони бодрафтор ва ҷамозаҳои кӯҳ-кӯҳон бору устувор карданд, тӯпҳои аждаходам ва **манҷаниқоти** (вожаи юнонӣ) [9, с.69] раъдшукӯҳро бар қуллаи гардунҳои сипеҳрмадор маҳмил қарор доданд [6, с.63/121] =...дар қубайли сипоҳи қул тӯпҳои қалъагиру арродаҳои раъдовоз ва дурандозҳои сафшикан ва **манҷаниқҳоро** бар гардунҳои фалакрафтор устувор карда, дар баробари он қалъа ясол оростанд [6, с.237/472, 259/515]; ...ирсоли марсули **телегрофоти** расмии табрикӣ байни маъмурони элчихона... [3, с.157; 2, с.122, 152]; ...мавкаби шоҳиро ба касрати ҷайш мамлӯ сохтанд ва тамоми мардуми **элоту** ҳазораҷот фавҷ-фавҷ омада, мулҳақи сояи хусрави ҳумоёнфол шуданд [6, с.24/43, 49/93, 137/272, 183/364, 184/365, 190/377, 202/402, 228/454, 240/478, 241/480, 241/479, 246/490, 247/491, 247/492, 248/493, 248/493, 256/510, 257/511, 258/514, 259/515, 264/525, 266/529, 278/553, 281/560, 291/580]; ...бо дастаҳои **қӯшуноти** тавобеи худ байрақи шуҷоат ва аъломи шавкат

афрозанд... [6, с.237/472]; ...ҳамагии вилоёти Моваруннаҳр аз шаҳри Бухоро ав тумоноти ӯ то қуро ва шуабу қасаботи ҳар ноҳият ва элу улус ва ҳазораҷоти он мамлакат ҳар фавҷе ва хайле, ҳар номдоре ва соҳибшавкате ё ҳар зихаёле, ки дар назари эътибор медарояд [6, с.29/53] = Аз тарафи дигар баъзе талабаҳо ба **тумонҳо** рафта… [3, с.202].

Бояд қайд намуд, ки дар асари «Туҳфат-ул-хонӣ» ба воситаи пасванди **–от** вожаҳои туркӣ низ ҷамъбандӣ шудаанд, ки дар мисолҳои боло оварда шудаанд. Аз ин нуқтаи назар, метавон чунин ибрози ақида кард, ки дар асари «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» вожаҳои туркӣ боре ҳам дар шакли ҷамъ мавриди истифода қарор нагирифтаанд, аммо устод С.Айнӣ ҳамагӣ як маротиба вожаи «**тумон**»-ро бо ёрии пасванди –**ҳо** дар шакли ҷамъ ба кор бурдааст, ки ин вежагӣ дар асари таърихии асри XVIII наомадааст.

Хулоса, муқоисаи ҷамъбандии тоҷикию арабӣ нишон дод, ки тамоили ҷамъбандии тоҷикӣ бартарӣ дорад, ки "Туҳфат-ул-хонӣ»-и Муҳаммадвафои Карминагӣ (а.XVIII) ва "Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро", "Таърихи амирони манғитияи Бухоро. Исёни Муқаннаъ" ва "Ғуломон"-и С.Айнӣ (а. XX) аз нигоҳи сохти сарфӣ намунаи беҳтарини осори таърихӣ буда, барои ривоҷи ин навъи очеркҳои таърихӣ дар илми забоншиносии тоҷик нақши муҳим бозидаанд. Таҳлили имконоти усули ҷамъбандии арабӣ дар забони даврaҳои мавриди қиёс шаҳодат аз он медиҳад, ки доираву ваҷҳи корбурд ва хасоиси сарфии унсурҳои ҷамъсози арабӣ васеъ будаанд, яъне онҳо метавонистаанд на фақат исмҳои арабиасл, балки дигар вомвожаҳо, аз ҷумла туркӣ, чиғатойӣ, юнонӣ ва русиро ҷамъ созанд.

Муқарриз: ***Очилова М.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Ғуломон. Роман. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2019, - 488 с.
2. Айнӣ, С. Таърихи амирони манғитияи Бухоро, Исёни Муқаннаъ. Ҷ.10. – Душанбе: Ирфон, 1966. - 243 с.
3. Айнӣ, С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. Куллиёт. Ҷ.14. / Тартибдиҳанда К.С. Айнӣ. – Душанбе: Матбуот, 2005. – 270 с.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
5. Ёрмирзоева М.М. Исмҳои ҷомеи иқтибосии туркиву муғулӣ дар забони тоҷикӣ / М.М. Ёрмирзоева // Номаи донишгоҳ «Илмҳои ҷомеашиносӣ». - Хуҷанд, 2016. - №2(47). - С.214-218.
6. Карминагӣ, М. Туҳфаи хонӣ / М.Карминагӣ. - Дастнависи №1426 Институти забон ва адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.
7. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н. Маъсумӣ. -Душанбе, 2011. – 385 с.
8. Муҳаммадтақӣ Баҳор. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ. - Теҳрон, 1381. – Ҷ.1. - 496 с
9. Муслимов Ҳ.А. Вижагиҳои луғавӣ ва маъноии осори Манучеҳрии Домғонӣ: дис… барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси: 10.02.22 / Ҳ.А. Муслимов. - Душанбе, 2019. - 162 с.
10. Парвиз Нотили Хонларӣ. Қавоид-ул-луғат-ил-форсия; таъриби Амин Абдулмаҷид Бадавӣ. – ал-Қоҳира, 2005. - 499 с.
11. Рустамов Ш. Исм / Ш. Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1981. – 220 с.
12. Сиёев Б. Аз таърихи ҷамъбандии исмҳо дар забони тоҷикӣ / Б. Сиёев // Масъалаҳои забоншиносии тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1976. - 170 с.
13. Холиқов М.Г. Шакли ҷамъбандии иқтибосоти арабӣ дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» / М.Г. Холиқов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – №3. - С.69-73.
14. Ҷалолов О.Ҷ. Категорияи ҷамъ ва баъзе масъалаҳои забони ҳозираи тоҷик / О.Ҷ. Ҷалолов. - Сталинобод: Академияи фанҳои РССТ, 1961. – 187 с.
15. Ҷобиров А. Корбурди пасвандҳои ҷамъбандӣ дар китоби «Бахше аз Тафсири куҳан» / А. Ҷобиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. - №8/1. - С.90-94.
16. Шарифов Б. Хусусиятҳои морфологии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ / Б. Шарифов. – Душанбе: Дониш, 1985. – 232 с.
17. Ш.Рустамов. Мақоми забон / Рустамов Ш. – Душанбе: Адиб, 1996. - 302 с.

ҶАМЪБАНДИИ АРАБӢ ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИКИИ ҚАРНҲОИ XVIII ВА XX

(дар мисоли усули ҷамъбандии солими арабӣ)

Дараҷаи корбурд ва вежагиҳои сарфии ҷамъбандии арабӣ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX дар мисоли усули ҷамъбандии солими арабӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Собит гардидааст, ки категорияи шумора яке аз вежагиҳои боризи грамматикии исм буда, исм бо ин хусусият аз дигар ҳиссаҳои нутқ фарқ мекунад. Муаллифони мақола дар асоси методҳои қиёсию эҳсоӣ усули ҷамъбандии арабии "Туҳфат-ул-хонӣ»-и Муҳаммадвафои Карминагӣ (а.XVIII)-ро дар муқоиса бо "Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро", "Таърихи амирони манғитияи Бухоро. Исёни Муқаннаъ" ва "Ғуломон"-и С.Айнӣ (а.XX) ба риштаи таҳлил кашидаанд. Дар ин ҷо зикри ин нукта муҳим аст, ки дар забони даврони омӯзиш ба ҷуз роҳу

воситаҳои ҷамъбандии тоҷикӣ, ҳамчунин, усули ҷамъбандии арабӣ низ мавқеи меҳварӣ дорад. Ҳамаи вожаҳое, ки дар осори қиёсшаванда бо тарзи ҷамъбандии арабӣ сурат гирифтаанд, чун анъана бо ду роҳ амалӣ мегарданд: а) ҷамъбандии дуруст ё "ҷамъбандии солим"; б) ҷамъбандии нодуруст ё "ҷамъбандии шикаста". Қайд карда шудааст, ки пасванди ҷамъбандии **-ин** дар забони асри XX роиҷ буда, аммо дар забони адабии тоҷикии асри XVIII бошад, вале корбурди он маҳдудтар гаштааст. Пасванди ҷамъбандии – **от** ҳам дар забони адабии муосири тоҷикӣ ва ҳам дар забони даврони омӯзиш яке аз унсурҳои ҷамъбандии фаъолу маъмул ба ҳисоб меравад, ки муаллифони осори мавриди қиёс ин пасвандро дар мавридҳои алоҳида истифода намудаанд, Хулоса карда шудааст, ки таҳлили имконоти усули ҷамъбандии арабӣ дар забони давраҳои мавриди қиёс шаҳодат аз он медиҳад, ки доираву вале корбурд ва хасоиси сарфии унсурҳои ҷамъсозии арабӣ васеъ будаанд, яъне онҳо метавонистаанд на фақат исмҳои арабиасл, балки вомвожаҳои туркӣ, чиғатойӣ, юнонӣ ва русиро ҷамъ созанд, бахусус вомвожаҳои туркӣ ва чиғатойӣ.

Калидвожаҳо: исм, забони адабии ҳозираи тоҷикӣ, пасванди ҷамъбандӣ, вежагиҳои сарфӣ, усули ҷамъбандии арабӣ, усули ҷамъсозии анъанавӣ, таҳлили қиёсӣ, забони давраҳои омӯзиш, «Туҳфат-ул-хонӣ»-и Муҳаммадвафои Карминагӣ,

АРАБСКАЯ ФОРМА ОБРАЗОВАНИЯ МНОЖЕСТВЕННОГО ЧИСЛА В ЛИТЕРАТУРНОМ ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ XVIII и XX

(на примере арабской формы множественного числа)

Подвергается анализу степень использования морфологических особенностей арабской формы образования множественного числа в литературном таджикском языке XVIII и XX вв. на примере «целого» способа образования множественного числа арабского языка. Доказано, что категория числа является одной из ярких грамматических особенностей имени существительного, тем самым отличая его от других частей речи. Авторы статьи, на основе сравнительного и статистического метода проанализировали способ образования множественного числа арабского языка в «Тухфат-ул-хони» Мухаммадвафо Карминаги (XVIIIв.) в сравнении с «Историей идейной революции в Бухаре», «Историей эмиров Мангитской династии», «Восстанием Муканны» и «Рабами» (XX) С. Айни. Стоит отметить, что в языке изучаемого периода помимо таджикского способа образования множественного числа, арабский способ образования множественного числа также занимает важное место. Все слова сравниваемых произведений, которые образовали множественное число по арабской модели, формировались двумя способами: а) при помощи применения целого (правильного) способа образования множественного числа; при помощи ломаного (разбитого) способа образования множественного числа. Отмечается, что присоединение окончания - ин для образования множественного числа было распространено в языке XX в., но в литературном таджикском языке XVIII в. степень его использования была более ограниченной. Арабский суффикс множественного числа –от, как в современном литературном таджикском языке, так и в таджикском языке изучаемого периода считается одним из активных и распространённых элементов образования множественности, который местами использовали авторы сравниваемых произведений. Анализ способов арабской модели образования множественного в языке изучаемых периодов свидетельствует, что круг применения и морфологические особенности элементов арабского языка, образующих множественное число были довольно обширными, следовательно, они использовались для образования множественного числа не только для слов арабского происхождения, но также для заимствований из тюркского, чагатайского, греческого и русского языков.

Ключевые слова: существительное, современный литературный таджикский язык, суффикс, образующий множественное число, способ образования множественного числа в арабском языке, традиционный способ образования множественного числа, язык изучаемого периода, «Тухфат-ул-хони» Мухаммадвафо Карминаги.

ARABIC PLURAL FORM IN THE LITERARY TAJIK LANGUAGE REFERRING TO THE XVIII-TH AND THE XX-TH CENTURIES

(on the example of the Arabic plural form)

The article dwells on an analysis beset with the degree of usage of morphological peculiarities of the Arabic plural form in the literary Tajik language referring to the XVIII-th and the XX-th centuries on the example of **"saheh"** way of formation of the plurality in Arabic language. It is proven that the numeral category is considered to be one of the brightest grammatical peculiarities of the noun, thereby distinguishing it from other parts of speech. Proceeding from a comparative and statistical method the authors of the article analyze the method of formation of plurality of Arabic language in "Tuhfat-ul-khoni" by Muhammadwafoi Karminagi (XVIIIc.) in comparison with "The History of Ideological Revolution in Bukhara", "The History of the Emirs of Manghit Dynasty", "Uprising Mukanna`s" and "Slaves" (XXc.) by S. Aini.It is worth mentioning that in the studied period language, in addition to the Tajik way of plurality formation, the Arabic one occupies an important place as well. All words of the comparative literary productions formed the plural noun according to the Arabic model were formed in two ways: a) usage of saheh (corrected) method of plurality formation; b) usage of taksir (broken) one. It is underscored that the addition of the ending **-in** to form the plural nouns was widespread in the language of the XX-th century, but in the literary Tajik language of the XVIII-th century its resorting was more limited, upon the whole.The Arabic plural suffix **-ot,** both in the modern literary Tajik language and in the Tajik language of the studied period is considered to be one of the active and widespread elements in reference to plurality formation, which was used by the authors of the comparative literary productions in certain cases.Adducing an analysis beset with the methods of the Arabic model in order to form plurality in the studied periods language they show that the range of usage and morphological peculiarities of the elements of the Arabic language plurality formation were quite extensive,

therefore, they were used to form the plural noun, not only for words of Arabic origin, but for borrowed ones from Turkic, Chaghatai, Greek and Russian languages either.

Key-words: noun, modern literary Tajik language, plural suffix, method of plural formation in Arabic, traditional method of plural formation, language of the studied period, "Tuhfat-ul-khoni" by Muhammadwafoi karminagi.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Мирмухамедов Осимҷон Тоҳирҷонович*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи грамматикаи забони арабӣ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузар.Мавлонбеков 1
Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлодович - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, унвонҷӯйи кафедраи грамматикаи забони арабӣ **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузар.Мавлонбеков 1

Сведение об авторах: ***Мирмухамедов Осимджон Тохирджонович*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, кандидат филологических наук, доцент кафедры грамматики арабского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, Мавлонбекова 1
Ашрапов Баходуржон Пулодович - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, кандидат кафедры грамматики арабского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, Мавлонбекова 1

Information about the authors: ***Mirmukhamedov Osimjon Tohirjonovich*** - Khujand State University named after academician B.Gafurov, candidate of philological sciences, associate professor of the Arabic language grammar department. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekova 1
Ashrapov Bahodurjon Pulodovich - Khujand State University named after academician Bobodzhon Gafurov, candidate of the department of grammar of the Arabic language. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekova 1

УДК: 81,2 (Англ)

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ ҲОДИСАИ ТАКРОР ДАР ЗАБОНҲОИ ДОРОИ СОХТОРИ ГРАММАТИКИИ ГУНОГУН

Абдукаримова Ф.Ш.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

1. Такрор яке аз хосиятҳои хосси гуфтори эҳсосию бадеӣ буда, дар таркиби ҷумлаи ҳар як забони алоҳида гирифташуда аҳамияти калон дорад. Аз ин рӯ, ин падида, асосан объекти синтаксиси услубӣ мебошад [2, 10, 16, 1, 12, 3].

Такрор иттилооти назарраси иловагии эҳсосӣ, ифоданокӣ ва услубиро интиқол медиҳад ва илова бар ин, аксар вақт ҳамчун воситаи муҳимми муошират байни ҷумлаҳо хизмат мекунад. Баъзан ҷудо кардани иттилооти субъектӣ-мантиқӣ аз маълумоти иловагӣ душвор аст [3, с.221].

Такрор дар баробари падидаҳои градатсия, параллелизм, антитезӣ ва хиазма ба системаи шахсият ва вазифаҳои синтаксисӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани ифоданокии на танҳо сухани образӣ ва бадеӣ, балки нутқи ғайримаҷозӣ, яъне забони умумӣ тааллуқ дорад [10, с.130] .

Ҳодисаи такрор кам омӯхтаву таҳқиқ шудааст. Аз ин рӯ, табиати забонии ин падида бо падидаи такрорӣ омехта шуда, доираи фаъолияти онро танг мекунад. Қайд мешавад, ки «такрор ё такрори пурра ё қисман такрори реша, поя ё як калима бидуни тағйир додани таркиби овоз ё қисман тағйир додани он иборат аст. Аксар вақт такрор барои ифодаи шакли ҷамъ истифода мешавад, масалан, дар забони малайӣ orang - "шахс", orang-orang - "халқ", дар забони мурдаи шумерӣ, кӯр - "кишвар", кул - кур "кишварҳо" - ” [15, с.287]- ро ифода мекунад. Воқеан, редупликатсия яке аз навъҳои такрор буда, он ба морфология ва қисман калимасозӣ дахл дорад.

Дар осори бархе аз муҳаққиқон такрор дар сатҳи луғавӣ бо номи «такрори луғавӣ» баррасӣ шудааст [2]. Дар онҳо такрори луғавӣ ба сифати яке аз таркибҳои ҷудошуда тавсиф карда шуда, чунин омадааст: «дар адабиёти забоншиносӣ такрор дар ҷанбаҳои ҷиҳатҳои гуногун ва дар асоси маводҳои материалҳои мухталиф баррасӣ мешавад, ки ин ба бисёрфунксионалӣ будани он алоқаманд аст» [2, с.125].

Бисёрфунксионалии падидаи такрорӣ бо нишон додани доираи фаъолияти он тавсиф мешавад. Доираи фаъолияти такрорро муносибати он ба ҷиҳатҳои гуногуни забон муайян мекунад. Ҳамин тавр, Г.Н.Акимова қайд мекунад, ки «Ба падидаи такрор омадани шакли калима бо маънои мустаҳкамкунанда (*ором-ором, тӯлонӣ;* Нӯги пойҳои **дароз-дарози** бақувваташ аз таги кӯрпа як ваҷаб берун буданд (14, 148)) тааллуқ доранд.

Доир ба аҳамияти такрор дар нутқи бадеӣ Х.Р. Қурбатов чунин қайд мекунад: «такрор... ҳамчун яке аз шаклҳои синтаксисӣ ба монанди таркибҳои мусиқӣ ба нутқ оҳанги махсус мебахшад ва бо ҳамин дарки онро осон мекунад. Аз ин рӯ, метавон онро то андозае мусиқии нутқи шифоҳӣ номид» [10, с.130].

Таснифоти гуногуни такрор вуҷуд дорад. Масалан, Э.Ризель ба ҷиҳати расмӣ таваҷҷуҳ намуда, се намуди онро нишон медиҳад: а) такрори калима; б) такрори калима бо тағйири шакли он; в) такрори калимаҳои синонимӣ. Ин навъҳои такрорӣ, дар навбати худ ба якчанд зернамудҳо ҷудо мешаванд [3, с.130].

Ба ғайр аз ин, такрор ба нақшаи мазмуни забон низ хос аст, ки онро «такрори семантикӣ» меноманд. Такрори семантикӣ ҳамчун як навъ системаи нақшаи мундариҷаи забон мафҳумҳоеро, аз қабили такрори семантикӣ ва параллелизми семантикӣ дар бар мегирад [4, с.118-119]. Масъалаҳои марбут ба такрори семантикӣ объекти тадқиқоти мустақили монографӣ маҳсуб меёбанд.

2. Истилоҳи «такрор», чунонки дар боло баррасӣ шуд, бо истилоҳи «редупликатсия» ҳамрадиф аст. Аммо байни ин падидаҳо фарқияти назаррас вуҷуд дошта, доираи фаъолияти такрорӣ аз доираи амали редупликатсия васеътар аст. Редупликатсия танҳо яке аз навъҳои такрор маҳсуб меёбад.

Зери мафҳуми редупликатсия ҳодисае фаҳмида мешавад, ки аз дучандшавии ҳиҷо (редупликатсияи қисман) ё тамоми реша (редупликатсияи пурра) иборат аст.

Редупликатсияи пурра такрор аст, яъне дучанд шудани калимаҳо дар маҷмӯъ (ниг. русӣ. «базӯр - базӯр», «аҳён-аҳён»), ташаккули ин гуна шаклҳо бо таркиби калима омехта мешавад. Ҳангоми такроршавӣ садонокҳои реша метавонанд такрор шуда, ҳамчунин садоноки дигаре пайдо шавад. Масалан, дар такрори навъи иш-пис («ҳар намуди кор»), туз - пуз («намакҳо») Қисми дуюм дар такрори лаш-луш («ҳар гуна чизҳо»), қора-сура («ҳама навъҳои сиёҳ»).

Редупликатсия хосси забонҳои сохти грамматикиашон гуногун аст. Навъи махсуси такрор дар забонҳои туркӣ бо такрорҳои нопурра ифода мешавад, ки дар ин ҷо ҳамсадоҳои аввал бо лаби / п /, / б / ё / м / иваз карда мешаванд; чунин ҷуфтҳои такрорӣ маънои исмҳои ҷамъӣ доранд: масалан ба забони қазоқӣ, жылқы «асп», жылқы-мылқы - «аспҳо ва дигар чорво» (коллективӣ «асп»); туё «уштур», тӯё-мӯё «уштур ва дигар чорво» (коллективи «уштур»); ба забони ӯзбекӣ чой-пой «чой», туркӣ китоп-митап «китобҳо»; дар забони русӣ чунин калимаҳои «аҷиб» бо маънои «маҷмӯи номуайян» мавҷуданд: тары-бары, шуры-муры, фигли-мигли, гоголь-моголь, шурум-бурум ва ғайра [2, с.288-289].

Вазифаҳои такроршавӣ (такрор) гуногунанд: он метавонад маъноҳои грамматикиро ифода кунад ва аксар вақт ҳамчун воситаи тағйир додани маънои луғавӣ, ифодаи шиддат, каср, камшавӣ ва ғайра амал мекунад.

Редупликатсия (ва такрор) дар ташаккули калимаҳои идеофонӣ ва ономатопеявӣ васеъ истифода мешавад [11, с.408-409].

3. Муҳаққиқон бар ин назаранд, ки мафҳуми такрор дар ибтидо дар синтаксиси гуфтугӯӣ ҳамчун унсури моддии зиёдатӣ, беихтиёр, ки дар натиҷаи шубҳа дар интихоби дурусти калима ба миён омадааст, пайдо шудааст. Дар забони адабӣ пайдо шудани такрор (дар синтаксиси адабӣ) падидаи баъдӣ мебошад.

Марҳилаи аввалӣ ибтидоӣ ворид шудани таркибҳои такрорӣ ба забони адабӣ инъикоси персонажҳои асарҳои бадеӣ мебошад, ки онро мисолҳои зерин аз насри бадеии аз забони русӣ гирифта тасдиқ мекунанд: Вы простите, простите меня, Николай Иванович (Крылов); Хватить бездельничать – все операции, операции (Крылов) ва ғайра.

Дар адабиёти бадеӣ такрор дар нутқи диалогӣ фаровон истифода мешавад. Ба ин порчаҳои зерин аз асарҳои муаллифони рус мисол шуда метавонанд: 1. Мария Львовна.— Я это не вижу в вашем друге, не вижу, нет (М. Горький. Дачнинс). 2. Варвара Ивановна. Но она..... эта ваша жена вашего солдата, очен глупа (Погодин). 3. Бессменов Ну да! Вы... вы! Как же ... вы образовались, а я дурак!

Такрор дар услуби наср ва назми бадеии русӣ якхела аст:

1. О, О умолкай, поток седой вымоли ее прощенье. Пади, пади к ее ногам!…(Лермонтов).

1. Шуми, шуми с крутой вершины.
о чем ты воешь, ветер ночной?
О чем так сетуешь безумно? (Ф. Тютчев).

Дар баъзе контекстҳои душвор, ки гуфторҳо ду ва зиёда такрорро истифода бурда метавонанд, мисоли хосси ин «контекст» мебошад, ки аз газетаи «Комсомольская правда» 26 июли соли 1973 гирифта шудааст: Одни говорят, что Эфенди Капиев создал Сулеймана Стальского. А другие говорят, что Сулейман создал Эфенди Капиева. На самом деле они были оба талантливы. Талант Эфенди создал Эфенди, а талант Сулеймана создал Сулеймана [13].

Такрор яке аз навъҳои тавтология мебошад. Бо вуҷуди он, дар байни онҳо фарқияти назаррас вуҷуд дорад.

Тафовути ин падидаҳо дар он аст, ки «тавтология баёни зиёдатии маъноии гуфтаҳост, ки дар такрори маъноии том ё қисми он зуҳур мекунад. Тавтология метавонад равшану лексикӣ бошад, яъне дар такрори калимаҳои якхела ё якхела ифодаёфта, пинҳонӣ, дар монандии маъноии субъекти мантиқӣ ва предикати ҷумла ифода ёфтааст [11, с.501]. Масалан, дар гуфтори «Утоплый труп мертвого человека» (Чехов) мо бо тавтология сару кор дорем, аммо дар ин ҷо такрорро намебинем. Бар хилофи тавтология такрор ба истиснои ҳолатҳои алоҳида ҳамеша ифодаи равшан дорад.

Тавтология зоҳиран ба плеоназм шабоҳат дорад ва онро баъзан плеоназми қавӣ меноманд (С. Балли), аммо тавтология бар хилофи плеоназм ҳамеша ба нутқ тааллуқ дорад, ба система ва меъёрҳои забон дохил нашуда, он ихтиёрӣ мебошад, одатан аз саводи нокифояи мантиқӣ ва забоншиносӣ доштани гӯянда шаҳодат медиҳад. Плеоназм «барзиёдатии воситаҳои экспрессивиест, ки барои ифодаи маънои луғавӣ ё грамматикии баён истифода мешавад» [11, с.379].

4. Ҳама навъҳои функсионалии такрор барои ҳамаи забонҳои ҷаҳон, сарфи назар аз муносибати онҳо бо сохторҳои гуногуни грамматикӣ хос мебошанд. Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки таносуби такрор дар забонҳои гуногун як хел нест, ки аз ҷониби бисёр муҳаққиқон қайд карда шудааст. Масалан, Х.Вейл зикр кардааст: «Дар забонҳои гурӯҳҳо ва оилаҳо такрори воҳидҳои забонӣ ҷойи дигарро ишғол намуда, нақши дигарро мебозад ва хусусиятҳои ба худ хос дорад». Э.Диккенман дар бораи маънои истисноии такрор дар забони немисӣ сухан ронда, таъкид кардааст, ки «дар забони немисӣ такрори калима воситаи дӯстдоштаи калимасозӣ мебошад» [6, с.37-38].

Забони англисӣ аз такрори навъҳои гуногун бой аст, ки онҳо метавонанд пурра бошанд (асосан ономатопеикӣ): quack-quack «кря-кря» (дар бораи мурғҳо), jug-jug – "сароидани булбул" ё “садои мотор", plod-plod –овози пойи асп, tick-tick - "гардиши соат" ва ғайра; нопурра (бо тағйири садонок): wig-wag -"аломати парчамӣ", zig-zag –«зигзаг», flick-flock - «овози шарфаи пой» ё riff-raff –"бекорхӯҷаҳо", wish-wash –«сухани беҳуда», ин инчунин номи бозиро дар бар мегирад: ping-pong - «тенниси рӯйи миз» (аз ономатопея «қатраҳои борон бар шиша»); ҳолати ҷолибтар sing- song ба маънои сифати «якранг», ки дар он ҷо sing -«суруд хондан» ва song -«суруд» [2, с.288-289].

Муаллифони «Грамматикаи назариявии забони англисӣ» такрорро яке аз падидаҳои асосии густариши сохтори синтаксисии ҷумла шуморида, кайд мекунанд, ки «Намуди одитарини васеъшавӣ такрори баъзе унсурҳои занҷири синтагматикист. Он метавонад узви ҷумла ё ҷузъи таркибии он бошад: I w a I t e d and w a I t e d (A.J. Gronin). N I k e. n I k e old woman (A.E. Copard). The ekcited voices grew I o i d e r and I o I d e r (I. Murdoch)» [8, с.214].

И.В. Арнолд дуруст таъкид мекунад, ки «...такрорҳоро метавон аз нуқтаи назари ихтилофи байни ифодакунандаи анъанавӣ ва ситуативӣ ҳамчун як қаҷравии барқастона аз меъёри синтаксисии бетараф баррасӣ кард, ки барои ин як истифодаи калима кофӣ аст: Beat! Beat! Drums! – blow! blow! (W.Whilman)” [3, с.121].

5. Дар байни такрор такрори луғавӣ мавқеи муҳим ва марказиро ишғол мекунад. Такрори характери шифоҳидошта. Дар сохтори гуфтори «табиӣ» ки бештар муошират занҷирӣ мебошад, дар байни ҷумлаҳои мустақил дар макроконтекст - дискурс алоқаи бевоситаи семантикиро муқаррар мекунад. Аммо такрори луғавӣ дар шакли холиси худ дар матнҳои наср нисбатан кам ба назар мерасад, зеро чунин такрор монеаи тавтологии номатлуб ба вуҷуд меорад, аммо ҷойгиршавии дури воҳиди луғавии такрорӣ ва тағйири шакли он бо ҳар як такрор тавтологии номатлубро суст мекунад ё тамоман аз байн мебарад [7, с.407].

6. Забони ӯзбекӣ аз омилҳои такрор хеле бой аст. Ҳамаи намудҳои такрор, махсусан дар гуфтори шоирона ва осори фолклорӣ, аз қабили зарбулмасалҳо фаъолона истифода мешаванд. Масалан, дар порчаи зерин, ки аз асари Э.Воҳидов гирифта шудааст, такрори фонетикӣ истифода шудааст, ки дар он калимаҳо бо ҳамсадоҳои ибтидоии «қ» такрор шудаанд:

Қаро қошинг, қалам қошинг,
Қийиқ, қайрилма қошинг,қиз.
Қилиб қатлимга қасд қайраб,
Қилич қотил қарошинг, қиз.
Қафасда қалб қушин қайраб,
Қанот қоқмоққа қўймайсан,
Қараб қўйгин қиё,
Қалбимни қиздирсин қуёшинг, қиз.

Мо ин маълумоти илмиро қисман бо баррасии баъзе хусусиятҳои синтаксисии такрори лексикии забони узбекӣ ба анҷом мерасонем.

Такрори луғавӣ дар забони ӯзбекӣ чун дар дигар забонҳо бо падидаи параллелизм алоқаи зич дорад, зеро параллелизм дар заминаи фаъолияти такрори луғавӣ ба вуҷуд меояд. Такрори лексикӣ ба монанди ҳар гуна такрори умумӣ, як роҳи таъкиди ифоданок, ҷалб намудани диққат мебошад [8, с.126]. Масалан, феъли мураккаб «яхшилик қилмоқ» («некӣ кардан») дар ҷумлаи мураккаби бепайвандак ду маротиба такрор мешавад.

«Яхшилик қилгилким, яхшилик қилгил.

Яхшилик қилгали берилгай умр» (С.Ҳожибоев), шеъри ифоданок ва возеҳияти мантиқии контексти бадеии додашударо таъмин мекунад.

Нутқи ӯзбекии шоирӣ, аз ҷумла забони осори фолклори ӯзбек ба мисли зарбулмасал аз параллелизм бой аст. Масалан: *Эскини эски дема: эскини топгунча эсинг кетади; Яхши меҳмон ош устига, ёмон меҳмон бош устига (зарбулмасал).*

Такрор дар контексти зарбулмасалҳои ӯзбек мавқеи гуногуни аъзои ҷумларо ишғол мекунад. Дар зарбулмасалҳои зерин калимаҳои аслӣ ва такрорӣ мавқеи якхелаи аъзои ҷумларо дар бар мегиранд:

а) дар мавқеи субъект: *Тоғнинг кӯрки тош билан, одамнинг кӯрки бош билан; Илоннинг боласи - илон, чаённинг боласи - чаён; Арпа эккан арпа олади, буғдой эккан буғдой олади;*

б) дар вазифаи предикат: *Тӯяр ошни кӯз танийди, ошнани кӯнгил танийди; Яхши қанд едирар, ёмон панд едирар; Аҳмоқ ҳориганини билмас, кӯса қариганини билмас; Ивогарнинг ӯзи ёмон, ӯзидан ҳам сӯзи ёмон; Салом ҳам - фарз, алик ҳам - фарз;*

в) дар мавқеи муайянкунанда. *Ҳар бир ишнинг чамаси бор, ҳар бир дарднинг давоси бор; Яхши қиз - ёқадаги қундуз, яхши йигит - кӯкдаги юлдуз;*

г) дар мавқеи пуркунанда: *Эр юзини ер очар, ер юзини эр очар; Севги пулга сотилмас, кӯнгил пулга топилмас; Яхши отга – бир қамчи, ёмон отга – минг қамчи;*

д) дар мавқеи ҳол: *Яхши уйдан кулги, ёмон уйдан йиги эшитилар.*

Муодили аслӣ ва такрорӣ метавонад мавқеъҳои гуногуни синтаксисиро ишғол кунад ва дар вазифаи аъзои гуногуни ҷумла истифода шавад. Ин хусусияти такрориро ба таври зерин ифода кардан мумкин аст:

а) муодили аслӣ дар мавқеи предметро, дар вазифаи пурракунанда такрор кунед: *Сен ӯзингни мақтама, сени биров мақтасин; Ӯтники ӯтга кетар, сувники сувга кетар; Ит итга буюрар, ит - қуйруғига;*

б) муодили аслӣ дар вазифаи предикат, такрор дар вазифаи предикат ва дар мавқеи аъзои дигари ҷумла: *Билим кучда, куч билимдадир; Сулув сулув эмас, севилган - сулув;*

в) муодили аслӣ дар вазифаи предикат, такрор дар вазифаи таъриф: *Онанинг кӯнгли болада (дир), боланинг кӯнгли далада (дир).*

Дар гуфтори гуфтугӯӣ ва бадеии ӯзбекӣ ва дар забони осори фолклорӣ низ ба истилоҳ «такрори маъноӣ» васеъ паҳн шудааст, ки ин бар хилофи такрори шифоҳӣ (луғавӣ) мебошад. Дар сохти такрории маъноӣ коррелятсияи (такрор)-и лексемаи аслӣ дар зери таъсири услуб ба редуксия (эллипсис) дучор шуда, мавқеи сифрӣ дорад. Мисол: *Тулкининг тавбасидан қӯрқ, муғамбирнинг ваҳмасидан (Тулкининг тавбасидан қӯрқ, муғамбирнинг ваҳмасидан қӯрқ); Ақлли ӯзини айблар, ақлсиз – дӯстини (Ақлли ӯзини айблар, ақлсиз дӯстини айблар); Меҳнатдан дӯст ортар, гийбатдан душман (Меҳнатдан дӯст ортар, гийбатдан душман ортар); Олтин ӯтда билинар, одам—меҳнатда (Олтин ӯтда билинар, одам меҳнатда билинар)* ва ғайра.

Дар гуфтори поэтикии ӯзбек ва дар забони осори халқӣ такрори луғавӣ дар вазифаи параллелизми синтаксисӣ фаъолона истифода мешавад.

Параллелизми синтаксисӣ ҳамон як сохтори грамматикии ду ё зиёда ҷумлаҳои ҳамсоя мебошанд, ки бо ҳамдигар робитаи образӣ - маъноӣ доранд - одатан параллели лексикиро дар бар мегиранд ё бо усули зиддитезӣ пайваст мешаванд. Мисолҳо оид ба параллелизми лексикӣ-грамматикӣ:

Муқаддас, муътабар улуғ Ватаним,
Шарафлар, шонларга тӯлиғ Ватаним (Уйғун);

Яхши бола шон келтирар, ёмон бола қон келтирар (пословица);

Дилга берар завқу ором ширин сӯз

Беморни ҳам этар соғлом ширин сӯз (Пӯлат Мӯмин).

Дар ҷумлаи (мақол) «*Одил киши сӯзига бино қӯяр, нодон киши ӯзига бино қӯяр*» параллелизми аввал*(одил киши-нодон киши)* бо қабули антитеза ба ҳам пайвастааст. Параллелизми синтаксисӣ, парадигмаи антонимҳои лексикӣ ҳамчун воситаи зиддитезӣ амал мекунад *одил (киши*) ва *нодон (киши)*.

7. Метавон ба хулосае омад, ки такрор воситаи муҳимми гуфтори бадеию шоирона барои ифодаи боварӣ, боварии маъниҳои гуногуни эҳсосиву экспрессивӣ мебошад.

Навъҳои такрор ва иртиботи он мулоҳизаҳои махсуси монографиро талаб мекунанд. Илова бар ин, такрорро аз рӯйи маводи забонҳои гуногунсохт, ки объекти тадқиқоти ҷиддӣ дар доираи монографӣ мебошад, омӯхтан лозим аст.

Хусусияти маводе, ки мо оид ба такрори луғавии забонҳои ӯзбекӣ ва англисӣ ҷамъ овардаем, нишон медиҳад, ки омӯзиши ин падида аз рӯйи маводи забонҳои гуногунсохт яке аз вазифаҳои таъхирнопазир ва саривақтии синхроншиносии муосир ба шумор меравад. Мушоҳидаҳои мо дар бораи хусусияти забонии такрорӣ сирф сатҳӣ буда, аз ин рӯ, таҳқиқоти ҷиддии минбаъдаро тақозо мекунанд.

Муқарриз: ***Раҷабова М.М.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДДХ ба номи Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдурахмонов Х. Ӯзбек халқ оғзаки ижоди асарларининг синтактик хусусиятлари бӯйича кузатишлар / Х.Абдурахмонов. –Тошкент: Фан, 1971.
2. Акимова Г.Н. Новое в синтаксисе современного русского языка / Г.Н. Акимова. –М.: Высшая школа, 1990.
3. Арнольд И.В. Стилистика современного английского языка / И.В. Арнольд. - Ленинград: Просвещение: Ленинградское отделение, 1973.
4. Аспекты общей и частной лингвистической теории текста. – М.: Наука, 1982.
5. Астафьева И.М. Виды синтаксических повторов, их природа и стилистическое использование: автореф. канд... дисс... / И.М. Астафьева. – М., 1964.
6. Васильевская Е.А. Словосложение в русском языке / Е.А. Васильевская. – М.: Учпедгиз, 1962.
7. Дудников А.В. Современный русский язык / А.В. Дудников. – М.: Высшая школа, 1990.
8. Иванова И.П. Теоретическая грамматика современного английского языка / И.П. Иванова, В.В. Бурлакова, Г.Г. Почепцов. – М.: Высшая школа, 1981.
9. Иванчикова Е.А. Лексический повтор как экспрессивный прием синтаксического распространения / Е.А. Иванчикова // Мысли о современном русском языке. – М.:Просвещение, 1969.
10. Курбатов Х.Р. Татарская лингвистическая стилистика и поэтика / Х.Р. Курбатов. – М.: Наука, 1978.
11. Лингвистический энциклопедический словарь. – М.: Советская энциклопедия, 1990.
12. Мамажонов А. Услубий воситалар / А.Мамажонов, У. Маҳмудов. – Фарғона, 1996.
13. Пример заимствован из коллективной монографии «Синтаксис текста». - М.: Наука, 1979. - С.190.
14. Пӯлод Толис. Куллиет. - Душанбе: Ирфон, 1975. - Ҷ.1. - 454 с.
15. Реформатский А.А. Введение в языковедение / А.А. Реформатский. – М.: Просвещение, 1967.
16. Сафиуллина Ф.С. Синтаксис татарской разговорной речи / Ф.С. Сафиуллина. - Казань: КГУ1978.
17. Структурный синтаксис английского языка. - Л.: ЛГУ, 1972.
18. Шмелев Н.Д. Об асимметричном параллелизме в поэтической речи / Н.Д. Шмелев // Русский язык в школе, 1970. - № 5.

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ ҲОДИСАИ ТАКРОР ДАР ЗАБОНҲОИ ДОРОИ СОХТОРИ ГРАММАТИКИИ ГУНОГУН

Дар мақола масъалаҳои умумии такрор дар забонҳои сохти грамматикиашон гуногун аз рӯйи маводи русӣ, англисӣ ва забонҳои алоҳидаи оилаи туркӣ, дар тобиши забони ӯзбекӣ баррасӣ шудааст. Такрор яке аз сарчашмаҳои муҳимми такмили таркиби луғавии забон буда, барои нависанда ва гӯянда имкониятҳои васеи баёни фикру мулоҳиза, ифодаи ҳиссиёт ва обурангдиҳиро фароҳам меоварад. Барои равшану фаҳмо гардидани нутқ ё гуфтор, шоир калима ва ё ибораҳоеро интихоб мекунад, ки бо он ақидаҳои асосӣ равшантар тасвир карда шаванд. Ин калима якчанд маротиба такрор карда мешавад, ки маънои ягона дорад. Такрор – яке аз хусусиятҳои суханронии эҳсосӣ ва ҳунарӣ дар сохтори ҳар як забони алоҳида муҳим аст. Инчунин қайд карда мешавад, ки падидаи мувозинат ва навъҳои асосии он дар асоси такрор ташаккул меёбад. Таъкид гардид, ки параллелизм як сохтори синтаксисӣ мебошад, ки дар он аъзоҳои ҷумла ё сегментҳо ба таври баробар ҷойгиранд. Дар гуфтори поэтикии ӯзбек ва дар забони осори халқӣ такрори луғавӣ дар вазифаи параллелизми синтаксисӣ фаъолона истифода мешавад. Ҳама навъҳои функсионалии такрор барои ҳамаи забонҳои ҷаҳон, сарфи назар аз муносибати онҳо бо сохторҳои гуногуни грамматикӣ хос мебошанд.

Калидвожаҳо: такрор, гуфтори эҳсосӣ, экспрессивӣ, эмотсионалӣ, синтаксисӣ, фонетикӣ, морфемикӣ, градатсия, параллелизм, зиддитезӣ, симои синтаксисӣ, нутқи образӣ ва бадеӣ, редупликатсия,

бисёрфункснягӣ, пайванди шаклҳои калима, дискурс, зиёдатӣ, плеоназм, тавтология, мавқеъ, такрори суръатнаёфта, эллипсис, забони осори фолклорӣ.

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ЯВЛЕНИЯ ПОВТОРА В ЯЗЫКАХ РАЗНОГО ГРАММАТИЧЕСКОГО СТРОЯ

В статье рассматриваются общие вопросы повтора в языках разного грамматического строя на материале русского, английского языков и отдельных языков тюркской семьи, в частности, узбекского языка. Повтор один из важнейших источников улучшения и трансляции широкого спектра возможностей для обратной связи, экспрессии, утилизации и спасения. Чтобы уточнить речь автор выбирает слово или фразы, которые описаны более четко. Слово повторяется несколько раз, это уникальный способ. Повтор - одно из своеобразных свойств эмоционально- художественной речи и имеет важное значение в строении предложения каждого отдельно взятого языка. Поэтому это явление преимущественно является объектом стилистического синтаксиса. Указывается также, что явление параллелизма и его основные разновидности формируются на основе повтора. Подчеркивается, что параллелизм – одинаковое синтаксическое построение, в котором в равной мере располагаются сходные члены предложения соседних предложений или отрезков речи. В качестве иллюстративного материала использованы данные художественных и фольклорных произведений русского, узбекского и английского языков. Наряду с отвлеченными значениями грамматического порядка повтор всегда вносит экспрессивные оттенки, акцентирует тот или иной смысл и функционирует как одна из продуктивных семантических фигур.

Ключевые слова: повтор, эмоциональная речь, экспрессивность, эмоциональность, синтаксический, фонетический, морфемный, градация, параллелизм, антитеза, синтаксическая фигура, образно-художественная речь, редупликация, полифункциональность, соположение словоформ, дискурс, избыточность, плеоназм, тавтология, нулевая позиция, немаркированная позиция, эллипсис, язык фольклорных произведений.

SOME FEATURES OF THE PHENOMENON OF REPEAT IN LANGUAGES OF DIFFERENT GRAMMATICAL SYSTEM

General questions of the repetition are considered in article in different grammatical languages building on material of the Russian, English and separate languages of the Turkic family, in Letin Uzbek language. Repetition is one of the characteristic of emotional artistic speech which is important in construction of the sentences of each language. So this phenomenon is considered as an object stylistic syntax. The article states that phenomena parallelism and its main varieties are formed on based the repetition. It is emphasized that parallelism – is an alike syntax building in which cognate members of the offer of the nearby offers are situated in equal world or length speech are used Russian, Uzbek and English literature as illustrative material. Repetition has the importance of the grammatical order repetition which contributes the expressive tone, accents one or another sense and functions as one of the productive syntax figures. Repetition is one of the characteristic of emotional artistic speech which is important in construction of the sentences each language. So this phenomenon is considered as an object stylistic syntax.

Key words: the repetition, emotional speech, expression, emotion, syntax, phonetic, morphology, gradation, parallelism, antithesis, syntax figure, figuratively-artistic speech, reduplicate, word forms, discuss, redundancy, tautology, zero position.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдукаримова Феруза Шуҳратовна*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори кафедраи назария ва амалияи забони англисӣ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гуз.Мавлонбеков 1. E-mail: rector@hgu.tj. Тел.: 6-52-73, 6-75-18, 6-47-39

Сведения об авторе: ***Абдукаримова Феруза Шухратовна*** – Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры теории и практики английского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. E-mail: rector@hgu.tj. Тел.: 6-52-73, 6-75-18, 6-47-39

Information about the author: ***Abdukarimova Feruza Shukhratovna*** - Khujand State University named after Academician B. Gafurova, Candidate of Philology, Senior Lecturer of the Department of Theory and Practice of the English Language. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekov Ave. 1. E-mail: **rector@hgu.tj.** Tel.: **6-52-73, 6-75-18, 6-47-39**

УДК: 491.550

МАВҚЕИ КОРБУРДИ ФЕЪЛ ДАР ҚИССАИ “ПИСАРИ ГАЗЕТА”-И ФАЗЛИДДИН МУҲАММАДИЕВ

Афғонова М.Х.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Феъл дар забон барои ифодаи матлаб муҳим аст. Феъл ҳамчун ҳиссаи нутқ асрҳои аср мавриди омӯзишу таҳқиқи шевашиносон, забоншиносон қарор гирифтааст. Аз аввалҳои садаи XX сар карда ин ҳиссаи нутқ таваҷҷуҳи олимонро бештар ба худ ҷалб менамуд. Соли 1926 олим ва маорифпарвари тоҷик Сайидризо Ализодаи Самарқандӣ бо номи “Сарфу наҳви забони тоҷикӣ” асаре навишт, ки дар он умдатарин хусусиятҳои маъноӣ ва сохтории феъл шарҳ ёфтааст. Мавсуф феълро аз ҷиҳати сохтор саҳеҳ шарҳ додааст. Баъдан Фитрат дар асараш “Қойидаҳои забони тоҷикӣ” зербоберо ба феъл бахшида, замонҳои феълро маънидод намудааст. Ин асарҳо аввалин асарҳои грамматикӣ маҳсуб меёбанд.

Шарқшиноси рус Розенфелд З.А. бо номи “Глагол” (1954) асаре навишт, ки феъл мукаммалтар дар ин асар шарҳу эзоҳ ёфтааст. Соли 1964 аз ҷониби шарқшиносони рус Расторгуева В.С. ва Керимова А.А. бо номи “Сохтори феъли забони тоҷикӣ” асари назариявӣ ва амалие рӯйи кор омад, ки дар он муҳимтарин хусусияти феъли забони тоҷикӣ дар асоси маводи асарҳои бадеӣ тавсиф гардидааст. Олими забоншиноси тоҷик Н. Маъсумӣ дар китоби “Очеркҳо оид ба инкишофи забони тоҷикӣ” ин боби сарфро дар асоси маводи повести “Марги судхӯр”-и С. Айнӣ баррасӣ намудааст. Боби “Феъл” дар “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” ба қалами Н. Маъсумӣ мансуб буда, дар тамоми макотиби олӣ ва миёна аз рӯйи он таълим дода мешавад. Мо тасмим гирифтем, хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии феълро дар асоси маводи қиссаи “Писари газета”-и нависанда Ф. Муҳаммадиев ба риштаи таҳқиқ кашида бошем.

Фазлиддин Муҳаммадиев аз зумраи қаламкашонест, ки услуб ва сабки нигориши ба худ хоссе дорад. Забони равону шево, тасвири образноки ҳодисаву воқеаҳо, истифодаи бомавқеи унсурҳои луғавӣ завқи хонандаро бедор мекунад.

Нависанда дар корбурди воҳидҳои луғавӣ, сарфию наҳвӣ маҳорати нотакрореро ба худ касб карда буд.

Феъл қисмати муҳим ва воситаи асосии ифодаи фикр аст. Онро ҷони сухан меноманд, ки бесабаб нест. Дар ин мақола ҷиҳати сохторӣ ва маъноии феълҳои таркибии номӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Феълҳои таркибии номӣ барои ифодаи матлаб нақши муҳим доранд. Онҳо аз ҳиссаҳои номӣ ва феълҳои ёвар таркиб меёбанд. Ба вазифаи ҷузъи номӣ- исм, сифат, шумора, калимаҳои тақлидӣ истифода мегарданд. Ба вазифаи ҷузъи феълӣ феълҳои ёвари кардан, шудан, гаштан, доштан, додан, гардидан, гирифтан, задан, намудан, ёфтан ва дигар истифода мешаванд. Албатта, дар қолаби як мақола мукаммал шарҳ додани феъл ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, баъзе хусусиятҳои маъноӣ ва сохтории он баррасӣ мегардад.

Феъли ёвари гаштан – сермаъно буда, маъниҳои зеринро молик аст:**1.** чархидан, давр задан. 2. давр зада баромадан, ҷустуҷӯ кардан. 3. роҳ рафтан, ҳаракат кардан; гардиш кардан, сайру гашт кардан. 4. баргаштан, риҷъат кардан, қафо рафтан. 5. *маҷ.* хамидан, поин фуромадан, ба нишастан сар кардан. 6. тағйир ёфтан, аз ҳоле ба ҳоле даромадан; тағйир додан, дигар кардан. 7. шудан, гардидан. 8. *дар феълҳои таркибӣ омада*, *маънои* давоми амал*ро медиҳад:* **бозӣ карда гаштан, давида гаштан** *ва г...* [ФТЗТ. Ҷ. 1.2008: 337].

Дар ҷумлаи зерин феъли **гаштан** бо феълҳои таркибии номӣ **фикр кардан, сайр кардан** омада**,** маънои давомнокии амалро ифода мекунад: *Як ҳафта* ***фикр карда мегашт,*** *ки ба куҷо барад (6, с.193).*

Мегуфтанд, ки чанд пораи майдатари минаи фашистон ҳоло дар байни гушту устухони баданаш ***«сайр» карда гаштааст*** *(6, с.194).*

Дар ҷумлаи зерин феъли **гаштан** ба маъноҳои **роҳ паймудан, роҳ рафтан, гардиш кардан** омадааст: *Аз он ҷо пиёда деҳа ба деҳа, колхоз ба колхоз* ***гашта****, рӯз то рӯз ба пойтахт наздиктар меомадам (196). Чойхоначӣ аз паҳлу* ***гашта****, оҳувоҳ карданҳои ман*

безор шуду нимишабӣ ба наздам омад ва гуфт, ки аз паси ӯ биравам, ҷойи хоб ёфта медиҳад (6, с.196).

Феъли **гаштан** дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ низ истифода мешавад. Дар мисоли зерин воҳиди фразеологии **мурда-мурда аз лабҳои гӯр гашта омадан** ба маънои баъди ранҷу азоби зиёд боз зинда мондан омада, ба замони гузаштаи дур далолат мекунад: Вай дар фронт чандин бор яродор шуда, чунон ки дар урфият мегӯянд, **мурда-мурда аз лабҳои гӯр гашта омада буд.**

Дар ҷумлаи зерин феълҳои таркибии номии **гуфтугӯ кардан** ба маънои **гуфтугузор, гуфтушунид, муколама, мусоҳиба, суҳбат; сабр кардан -таҳаммул, тоқат кардан, бардошт кардан** истифода гардидаанд: *Аз афти кор, онҳо дар хусуси ман пешакӣ **гуфтугӯ карда** будаанд, ки бародарам зуд аз пайи кораш рафт ва Арабов маро дар рӯ ба рӯйи мизаш, ба дивани нимдошти миёнаҷои нишастгоҳаш ҷуқуракшуда нишонида фармуд, ки **сабр кунам** (6, с.194)*.

Феъли таркибии номии назар кардан ба маънои нигаристан, нигоҳ кардан истифода гардидааст: *Ин буд, ки ба афту андому кору бори ошнои акаам бо шубҳа **назар карда**, бепарво менишастам (6, с.194)*.

Дар забони асарҳои бадеӣ дар бобати нишон додани ифоданокии фикр феълҳо роли муҳим мебозанд, зеро ҳама гуна фикр маҳз ба воситаи феъл ҷомаи амал мепӯшад. Ҳарчанд дар ифодаи фикр нисбат ба калимаҳои феълӣ дигар ҳиссаҳои номии нутқ: исмҳо, сифатҳо, шумораҳо, зарфҳо бештар истифода мегарданд, лекин ҳамаи онҳо танҳо ба туфайли ҳиссаҳои феълӣ ба мақсад нигаронида мешаванд. Аз ҳамин сабаб ҳам феълҳо нисбат ба дигар ҳиссаҳои номӣ зиёдтар қувваи ифоданокӣ дошта, яке аз воситаҳои асосии таъминкунандаи алоқаи маъногии калимаҳои ҷудогона ҳам ба ҳисоб мераванд [Ҳусейнов Х. 1973: 100-101].

Хусусияти муассирии феълҳо аз маънои лексикӣ ва грамматикии бармеояд. Ф. Муҳаммадиев дар истеъмоли феълҳо тамоми хусусиятҳои услубии хешро пеш гузошта, ҳодисаву воқеаҳоро барҷаста тасвир намудааст. Вожаи **раҳо** ба маънои наҷотёфта, халосшуда; озод; **раҳо кардан** халос (озод) кардан, сар додан; **раҳо гардидан (шудан)** халос шудан, наҷот ёфтан [2008: 21] истифода мегардад. Дар мисоли зерин ба маънои сар додан истифода гардидааст. Феъли **рафтан** дар ФТЗТ дорои ҳашт маъно мебошад. Рафтан дар ҷумлаи зерин чун синоними калимаи баромадан, хориҷ шудан истифода гардидааст: - *Ана ҳамин писар, - гуфт Арабов ва дастамро **раҳо карда** берун **рафт** (4, с.194)*.

Феъли **мондан** ба маъниҳои 1. гузоштан, ниҳодан; ҷо кардан. 2. шинондан, насб кардан. 3**.** таъйин кардан. 4. боқӣ будан, бозмондан. 5. сарфи назар кардан, даст кашидан аз коре. 6. истодан, ист кардан, будан, иқомат кардан. 7. қатъ шудан; боз истодан. 8. во гузоштан, ҳавола кардан, ба ихтиёри касе гузоштан. 9. иҷозат додан, раъй додан, имкони иҷрои кореро додан. 10. *дар таркиби ибораҳои феълиҳолӣ омада маъноҳои* тасодуфан иҷро шудани амал, оғоз ва устувор гаштани амалеро ифода мекунад [ФТЗТ. Ҷ. 1. 2008: 867]: *Ман дар остонаи кабинет **мондам** (4, с.194)*.

Феъли таркибии номии **назар афкандан** хосси услуби китобӣ буда, ба маънои нигоҳ кардан омадааст: *Самад Ғанӣ дар пешгоҳи хонаи васеъ, дар сари мизи калони рӯяш пур аз ҷузъгир, асбобҳои хатнависӣ, даста-даста қоғаз ва туда-туда газетаҳои наву куҳна нишаста, гоҳ-гоҳе ба сӯйи ман **назаре меафканд,** вале ҳарфе намегуфт(4, с.194)*.

Дар ҷумлаи зерин феълҳои ***мехондам, фаҳмидан мехостам, чала навишта бошам, роҳ додаам, ёфта нависам, дарозтар шавад*** истифода гардида, ки феълҳои роҳ додан, дарозтар шудан таркибии номӣ буда, матлабро муассир ифода намудаанд: *Аризаро такрор ба такрор **мехондам**, **фаҳмидан мехостам**, ки кадом ҷумларо **чала навишта бошам**, ба чӣ гуна хатое **роҳ додаам** ва боз чӣ иборае бояд **ёфта нависам**, то ки ариза **дарозтар шавад** (4, с.193)*.

Бояд зикр намуд, ки феълҳои таркибии номӣ дар ифодаи маъно ва тобишҳои маъноӣ нақши муҳим мебозанд. Феълҳои ёридиҳанда ба феъл маъниҳои гуногунро ифода мекунанд. Феълҳои ёридиҳандаи **кардан** ва **шудан** дар таркибсозии феъл серистеъмоланд. “Бо ёрии феъли ёридиҳандаи кардан аз ҳиссаҳои номӣ бештар тарзи фоили феъл, аммо бо ёрии шудан тарзи мафъулӣ, феъли монда сохта мешаванд ” [1985: 233].

Дар ҷумлаи зерин феълҳои таркибии номии **илова кардан, ходим шудан, илтимос кардан, рад накардан** истифода шуда, ки ба вазифаи ҷузъи номӣ исмҳои маънии: **илова,**

рад, ходим, илтимос кор фармуда шудаанд: *Охир **илова кардам,** ки орзуи деринаи ман **ходими** матбуот **шудан** аст, бинобар ин, аз муҳаррир самимона **илтимос мекунам**, ки хоҳиши маро **рад накунад** (4, с.193)*.

Дар маводи гирдовардаи мо феълҳои таркибии номӣ серистеъмоланд. Дар ҷумлаи зерин феълҳои таркибии номии **мавқеъ доштан, хизмат кардан** истифода гардидааст. Вожаи **мавқеъ** ба маъниҳои ҷойи воқеъшавӣ, маҳалли вуқӯи чизе; ҷой, макон; **мавқеи ҷуғрофӣ; мавқеъ гирифтан** ҷой гирифтан, мавзеъ гирифтан; **дар мавқеи иҷро гузоштан** иҷро кардан, ба ҷо оварданд. 2**.** *мақ.* мақом, мартаба: **мавқеъ пайдо кардан**. 3**.** вақт, ҳангом, фурсат, маврид, лаҳза истифода мегардад [2008: 781]. Вожаи **мақом** чун ҷузъи номии феълӣ таркибии номӣ бо феъли ёвари кардан омада, маънии мақому мартабаро мефаҳмонад. Феълӣ таркибии номии **хизмат кардан** ба маънои кори сазовореро барои касе иҷро кардан омадааст: *Медонистам, ки газетаю журналҳо дар ҳаёти мо **мавқеи** муҳимме **доранд**, **хизмати** босазое **мекунанд** (4, с.194)*.

Ба вазифаи ҷузъи номӣ калимаҳои иқтибосии арабӣ зиёд корбаст мешаванд. Қудратмандии забони тоҷикист, ки лексикаи арабӣ дар калимасозиву таркибсозӣ серистеъмоланд. Дар ҷумлаҳои зерин калимаҳои арабии эҳтиром, тоқат, хатм, вафот, ҳисоб, ихтисор бо феълҳои ёридиҳандаи доштан, кардан омада феълӣ таркибии номӣ сохтаанд. Вожаи арабии эҳтиром ба маънии ҳурмат, иззату икром истифода мегардад ва дар ҷумлаи зерин ба маънии ҳурмат кардан омадааст: *Ба касби ходими матбуот ҳам **эҳтироми** калон **доштам**, лекин на бештар аз дигар пешаю ҳунарҳо (4, с.194)*.

Феълӣ таркибии номии **хатм кардан** ба маънои **ба итмом расонидан, ба охир расонидани таҳсилот** ва феълӣ таркибии номии тоқат кардан ба маънои сабру таҳаммул кардан кор фармуда шудааст: *Азбаски мактаби миёнаро нагз **хатм карда** будам ва пояи дониш аз физика ва математика ба қадри кифоя тобовар буд, ба душвориҳои таҳсил дандон ба дандон монда **тоқат мекардам** (**4,**194)*.

Феълӣ таркибии номии вафот кардан ба маънои аз олам гузаштан, мурдан, аз олам реҳлат кардан, бандагиро ба ҷо овардан истифода гардида, серистеъмол аст. Дар ҷумлаи мазкур таркиби феълии монда рафта буд ба маънои замони гузаштаи дур далолат мекунад: *Як моҳ қабл аз он падарам **вафот карда,** маро гуё дар биёбони бекас танҳо монда рафта буд (4, с.195)*.

Феълҳои таркибии номии **чен кардан** ва **ҳисоб кардан** дар мисоли зерин истифода шудаанд, ки вожаи чен хосси услуби гуфтугӯист ва ба маънои андоза, миқёс, (барои муайян кардани дарозӣ, масофа ва ҳаҷми чизе); **чен кардан** андоза кардан [2008:573] фаҳмида мешавад. Феълӣ таркибии номии **ҳисоб кардан** маънии шумориданро ифода кардааст: *Яъне вазифаи табелчӣ аз чӣ иборат буд, чӣ хел замин **чен мекардӣ,** рӯзи меҳнати колхозчиҳоя чӣ тавр **ҳисоб мекардӣ** ва ҳоказо(4, с.195)*.

Дар феълҳои таркибии номӣ ҷузъи маънибар ҳиссаҳои номии нутқ буда, ҷузъи ёвар вазифаи вандро иҷро мекунад. Дар баробари калимаҳои аслӣ дар сохтани феълҳои таркибии номӣ лексикаи арабӣ низ серистеъмол аст. Феълӣ таркибии номии ихтисор кардан ба маънои кӯтоҳ кардани чизе истифода шудааст: *Онро дар шуъбаи саноат ва нақлиёт хеле **ихтисор карда**, аз саҳифаи якуми газета ҷой доданд (4, с.194)*.

Феъл чун ҷузъи воҳидҳои фразеологӣ низ серистеъмол аст. Дар ҷумлаи зерин ибораи фразеологии гӯшбақимор нишастан ба маънои ҳушу гӯш будан ба шунидани хабаре, хабареро интизор будан омадааст. *Феълӣ таркибии номии даъват кардан ба маънои ҷег задан омадааст: Ҳамаи рӯз то бегоҳ **гӯшбақимор менишастам**, ки кай ба назди муҳаррир **даъват мекарда** бошанд(**4,**194)*.

Дар бархе маврид феълҳои таркибии номӣ дар пояи маънои феълҳои сода ва феълҳои пешвандӣ ташкил шуда, ҳамчун муродифи ин феълҳо ба кор рафтаанд. Дар бархе маврид феълҳои таркибии номӣ бо тафовут аз феълҳои сода бо доштани вижагиҳои услубӣ маънои дақиқтарро ифода мекунанд. Ин қолаб бо истифода аз ҷузъҳои номии гуногун ва феълҳои ёвари мутаносиб дар ташкили феълҳои нав аз манбаъҳои доимӣ ва асосӣ маҳсуб мешаванд [Шодиев Р. 2014:112].

Ф. Муҳаммадиев аз ин воситаи забон барои тасвири ҳодисаву воқеаҳо мавридсанҷона истифода намуда, ба сухан ҷон бахшидааст. Дар маводи гирдовардаи мо феълҳои таркибии номӣ зиёд истифода гардидаанд. Дар ин вазифа аз ҳиссаҳои нутқ асосан исмҳои маънӣ серистеъмоланд. Чунончи: **сарф, қабул, ҳикоят, таъсир, таъйин** ва

ғайраҳо:...аз зисту зиндагонии халки тоҷик дар давраи пеш аз *Революотсияи Октябр* ***ҳикоят мекард****;- Мо ба комсомол асосан бо мақсади тарбият* ***қабул мекунем;*** *Самад Ғанӣ он чизро хонда, зери лаб «ҳм» гуфту фармуд, ки маро ходими адабии шуъбаи хоҷагии қишлоқ* ***таъйин кунанд****; Чунон ки сонитар фаҳмидам, сетои ин мизҳо ба калонтарин шуъбаи редаксия - шуъбаи хоҷагии қишлоқ* ***тааллуқ дошта,*** *боқимонда аз они дигар шуъбаҳо ва як мизи майда коргоҳи Мустафо Шарқӣ буд, ки варақаи сайёри «Тоҷикистони Сурх»-ро барои бинокорони ГЭС-и Варзоб* ***тайёр мекард*** *(4, с.194).*

Феъли **кардан** ҳам ба маънии мустақил ва ҳам ёвар истифода мешавад. Ин феъл дар маводи гирдовардаи мо зиёд истифода гардидааст. Феъли таркибии номии **сиёҳ кардан** чанд маъноро ифода мекунад: **сиёҳ кардан** а) бо ранги сиёҳ ранг додан; ба сиёҳӣ олонидан; б) айбдор кардан, бадном кардан [2008: 249]. Дар ҷумлаи зер ба маънои барои **ислоҳ кардани навиштае, хат задан, ишора кардан** омадааст: *Ёрдамчиёни мудир—ходимони таҷрибаноки адабӣ Юлдош Зиёев, Мурод Боғиров гоҳо хабари ислоҳкардаи маро аз таҳрир* ***сиёҳ мекарданд****, баъзан мефармуданд, ки аз нав нависам (4, с.193);*

Вожаи **таъйин** арабӣ буда, маъниҳои 1. муайян кардан(-и ҳадди фосила). 2. касеро гумоштан ба коре; **таъйин кардан (намудан)** а) касеро ба коре гумоштан б) муқаррар намудан; **таъйин шудан** а) гумошта шудан (*ба иҷрои вазифае*); б) муқаррар карда шудан; **таъйин будан** ҳатмӣ (аниқ, ногузир) буданро [2008: 346] мефаҳмонад. *Бо ҷузъи ёвари кардан ҳамроҳ шуда, ба маънои касеро ба коре гумоштан истифода гардидааст: Гоҳо навбатчӣ* ***таъйинам мекарданд,*** *ки шабона саҳифаҳои газетаро хонда ба чоп* ***тайёр намоем (****4, с.194).*

Феъли таркибии номии сар кардан ба маънои оғози коре далолат мекунад: *Аввал ҷойи кабуди талх ҳам мекарду сипас аз паси мизи худ нишаста, ба навиштани сармақола ё мақолае аз соҳаи хоҷагии қишлоқ,* ***сар мекард****(4, с.194).*

Феъли таркибии номии хитоб кардан-муроҷиат кардан аст: *Як рафиқи шӯхтабиатам, ки дар базаи автомобилҳои таксӣ ронандаи қаторӣ буду газетаҳои ҳаррӯзаро муттасил мехонд, дар ҳар мулоқот ба ҷойи салом* ***хитоб мекард*** *(4, с.194).*

Дар ин қолаб дар мисолҳои зерин таркибҳои **гӯш кардан, фахр кардан** истифода гардидаанд:*...вале сурудҳои бароям тоза, мароқангез ва бисёр форами ҳиндиро соатҳои дароз бо фараҳ* ***гӯш мекардам*** *(4, с.195);* ***Фахр мекардам****, ки акнун ҳамкорони ман на фақат журналистони соҳибтаҷриба, балки ҷанговарони ҷасуранд (4, с.196).*

Феъли ёридиҳандаи **шудан** чун феъли ёвари **кардан** серистеъмол аст. Феъли шудан бо феъли ёвари гаштан дар як маъно бо як ҷузъи номӣ ба кор меравад. Яъне ин ду феъли ёвар муродиф шуда метавонанд: *... ӯ офитсери Флоти Ҳарбии Баҳрӣ будааст, барои диловариаш ба гирифтани ордени адмирал Нахимов ва дигар мукофотҳо* ***шарафманд шудааст// шарафманд гардидааст*** *(4, с.196); Дар назди Сталинград сахт* ***маҷрӯҳ мешавад // мегардад*** *(4, с.197); ...вале ҳамаи ду соати ман дар шуъбаи якум* ***сарф шуд// сарф гардид****; Нақл мекарданд, ки ӯ аз як чашми худ ҳанӯз дар овони кӯдакӣ* ***маҳрум шудааст// гардидааст****: бобояш дарди чашмро даво мекунам гӯён доруи тезеро ба он бастааст ва дидаи дардманд «об туда» рехтааст (4, с.196). Вақте ки ҷанг* ***сар мешавад****, акаи Содиқ худи ҳамон соат ба сӯи комиссариати ҳарбӣ метозад ва* ***талаб мекунад****, ки ӯро фавран ба фронт бифиристанд (4, с.196).*

Феъли ёвари доштан ба маъниҳои доро (молик, соҳиб) будан ба чизе, дар тасарруфи касе будани чизе фаҳмида машавад. Дар ФТЗТ нуҳ маънои он зикр ёфтааст ва дар маънои ҳаштум он чун феъли ёридиҳандаи таркибсоз [2008:81] шарҳ ёфтааст. Дар маводи гирдовардаи мо бо ин феъл чунин таркибҳо истифода гардидаанд: ***Эътимод доштам****, ки он чиз ҳатман дар газета дарҷ хоҳад шуд. Намедонистам, ки газета ба мақолаю репортаж аз музей* ***эҳтиёҷе надорад...*** (*4, с.*196).

Феъли ёвари **гардидан** низ дар таркибсозии феъл истифода мегардад. Он чун муродифи феъли шудан истифода мегардад: *Саҳарӣ, ҳанӯз соат ҳафт нашуда, ҳанӯз нури офтоб ба сари шаҳр* ***паҳн нагардида****, Сардор ба кор меомад(****4,****194); дар болои он саҳифа ҳар рӯз ба истилоҳи журналистон, шапка - шиори «Ба мамлакат 140 ҳазор тонна пахта медиҳем!»* ***такрор мегардид*** *(4, с.194). Хурсанд мешудем, ки ба ин васила ҳам сифати материалҳои шуъба* ***баландтар гардид,*** *ҳам кори мо осонтар шуд (4, с.200).*

Феъли ёвари **бурдан** каммаҳсул буда, дар мавод бо он феълҳои таркибии номии ***пай бурдан, мубориза*** бурдан истифода гардидааст: *Нигоҳҳои саволомези маро* ***пай бурда*** *мегуфт, ки кори саҳари бобаракат аст (4, с.194). Баъзан дарди ҷароҳатҳои пешинааш тоза*

мешуд ва ӯ бо ранги парида аз ҷой бархоста, аз тиреза ба кӯча ва анбуҳи дарахтон нигариста, дар ҳамон ҳолат бо дарди домангираш ***муборизаи мебурд*** *(4, с.195).*

Феълҳои **додан** ва **кашидан** ҳам ба маънои мустақил ва ҳам ёвар истифода мегарданд. Дар ҷумлаҳои зерин ба вазифаи феъли ёридиҳанда омадаанд: *Рафиқ Исоев гоҳо ҳангоми навиштани сармақолача* ***душворӣ кашида****, пешониашро бо ду ангушти калони дасти рост сахт-сахт* ***молиш медод*** *ва бо таассуф «эҳ-сабил!» гӯён аз дар баромада мерафт (4, с.194); Албатта, обу ҳавои Ҳисор ба худаш хос аст, гуфт Сардор, лекин баъзе роҳбарони бегам ҳамин шароитро баҳона карда, маъракаи пахтачиниро* ***кашол медиҳанд*** *(4, с.197).*

Феъли задан дар асл мустақил буда, чун феъли ёридиҳанда дар таркибсозии феъл низ истифода мегардад. Дар маводи мо бо он феълҳои таркибии номии қадам задан, гап задан мушоҳида гардиданд: *Чанд дақиқа дар долони дароз ё болохонаи барҳавои пеши китобхонаи редаксияҳо* ***қадам зада*** *меомад...(4, с.195) Ҳарчанд диктор ҳаӯз ба забони англисӣ* ***гап мезад****...(4, с.195); Лекин муддате хамёза кашида истоду ногоҳ ҳисси меҳмоннавозиаш* ***ҷӯш зад*** *(4, с.198).*

Феъли **дӯхтан** ба маънои ду порчаро ба ҳам пайваст кардан истифода мегардад. Дар мисоли зерин он ба маънои маҷозии дурудароз нигаристан истифода гардидааст: - *А?* - *Сардор ҳайрон шуда, ба рӯям* ***чашм дӯхт*** *(4, с.195).*

Феъли **ёфтан** чун феъли ёвар дар сохтани таркибҳои номӣ истифода мегардад. Дар мисоли зерин феъли таркибии номии обутоб ёфтан омадааст, ки маънои ба камол расиданро дорад: *Аз суҳбати рафиқони калонсол кайҳо дарёфта будам, ки Бобоҷон Ғафуров, Баҳром Сирус, Набиҷон Почоҷонов, Қосим Дайламӣ барин олимон, ходимони машҳури давлат, журналистони номдори республика маҳз дар коргоҳи ҳамин идора* ***обутоб ёфтаанд*** *(4, с.196).*

Феъли **гузоштан** ба маънои гузоштан, мондан истифода мегардад: *Рафиқ Исоев варақаи сафарро ба дастам супурда, таъкид кард, ки ба ҳар куҷое наравам, дар паси он варақа бо имзои шахси масъул ва мудири расмии давлатӣ* ***қайд гузорам*** *(4, с.197).*

Нависанда дар корбурди феълҳои таркибии номӣ бисёр нозукбин буда, муродифоти феълҳоро ба эътибор гирифта, матлабро рангин ифода намудааст. Дар мисоли зерин феълҳои кардан ва намуданро истифода намудааст, ки хусусияти муродифӣ доранд: *Либосҳоямро кашида ба гӯшае* ***тӯда кард****, ба ман* ***таъйин намуд****...(4, с.198).*

Нависанда дар як ҷумла чанд феъли таркибиро истифода намудааст*:... дар маҷлисҳои пӯшидаи партиявӣ то даме ки гапи худро, меъёри баланди талаботи худро нагузаронад, бо ҳарорати тамом, бо тобу тафс ва самимияти ҳақиқатан публитсистона ва коммунистона* ***баҳс мекунад ва ором намегирад*** *(4, с.201). Пас аз ду сол мактаби адлияро* ***хатм намуда,*** *муфаттиши прокуратура, сонитар дар яке аз раёнҳои водии Вахш прокрор* ***таъин шуд*** *(4, с.201).*

Хулоса, феъл қисми муҳим ва мушкилтарини қисмати сарф буда, истифода бомавриди он ба сатҳи забондонии нависанда ва гӯянда алоқаманд аст. Феълҳо бо тобишҳои маъноӣ ва грамматикии худ, матлабро муассиру саҳеҳ баён мекунанд. Дар қиссаи "Писари газета"-и Фазлиддин Муҳаммадиев феъл нақши муҳим дошта, ҳам ба маънои аслӣ ва ҳам маҷозӣ ба кор бурда шудааст. Дар корбурди феъл бештар феълҳои таркибии номӣ истифода гардидаанд. Дар сохтани феълҳои таркибии номӣ дар асар ба вазифаи ҷузъи номӣ асосан, исм ва сифат зиёд истифода гардидаанд.

Муқарриз: ***Низомова С.Ф.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Фонетика ва морфология. Қ. 1. - Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
2. Григорев В.В. О некаторых событиях, происходивших в Бухаре, Хиве и Кокандском ханстве / В.В. Григорев // Ученые записки Казанского Университета, 1861.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. – Ҷ. I. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 451 с.
4. Камолиддинов, Б. Услубшиносӣ: учебное пособие / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 115 с.
5. Маъсумӣ, Н. Очерк оид ба забони адабии ҳозираи тоҷик / Н.Маъсумӣ. – Душанбе, 2010. – 385 с.
6. Муҳаммадиев Ф. Варта. Қиссаҳо ва очеркҳо / Ф.Муҳаммадиев. - Душанбе: Адиб, 1987. – 376 с.
7. Наврузшоев, Б. Глагольные устойчивые сочетания исловочетания в таджикском языке и способы их передачи на английский язык / Б. Наврузшоев // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2009. – №8. – С.49-50.

8. Расторгуева В.С. Система таджикского глагола / В.С. Расторгуева, А. А. Керимова. – Москва: Из. “Наука”, 1964. – 291 с.
9. Розендельд А.З. Очерки по грамматике таджикского языка. Вып. 1. / А.З. Розендельд // Издательство академии наук Таджикской ССР. – Сталинобод, 1953. – 47 с.
10. Розендельд А.З. Глагол / А.З. Розендельд. – Сталинобод, 1954. – 77 с.
11. Сайидризо Ализодаи Самарқандӣ. “Сарфу назви тоҷикӣ”; Фитрат “Қойидаҳои забони тоҷикӣ”; Бектош “Дар атрофи забони адабии тоҷик”.Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. – 186 с.
12. Сиёев Б. Очерк доир ба таърихи феъли забони адабии тоҷик / Б.Сиёев. - Душанбе: Дониш, 1968. – 164 с.
13. Ҳусейнов Х. Забон ва услуби “Одина”-и устод Айнӣ / Х.Ҳусейнов. - Душанбе: Ирфон, 1973. – 254 с.

МАВҚЕИ КОРБУРДИ ФЕЪЛ ДАР ҚИССАИ “ПИСАРИ ГАЗЕТА”-И ФАЗЛИДДИН МУҲАММАДИЕВ

Дар мақолаи мазкур ҷиҳати сохторӣ ва маъноии феълҳои таркибии номӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Мақолаи мазкур ба яке аз мавзӯъҳои мубрам - корбурди феъл дар қиссаи “Писари газета” -и Фазлиддин Муҳаммадиев бахшида шудааст. Муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки хусусиятҳои маъноии феълҳои таркибии номиро дар асоси сарчашмаҳо асоснок намуда, ба риштаи таҳқиқ кашид. Феълҳои таркибии номӣ барои ифодаи матлаб нақши муҳим доранд. Онҳо аз ҳиссаҳои номӣ ва феълҳои ёвар таркиб меёбанд. Ба вазифаи ҷузъи номӣ- исм, сифат, шумора, калимаҳои тақлидӣ истифода мегарданд. Ба вазифаи ҷузъи феълӣ феълҳои ёвари кардан, шудан, гаштан, доштан, додан, гардидан, гирифтан, задан, намудан, ёфтан ва ғайраҳо истифода мешаванд. Албатта, дар колаби як мақола мукаммал шарҳ додани феъл ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, баъзе хусусиятҳои маънои ва сохтории он баррасӣ мегардад. Феълҳо бо тобишҳои маъноӣ ва грамматикии худ матлабро муассиру саҳеҳ баён мекунанд. Дар қиссаи “Писари газета”-и Фазлиддин Муҳаммадиев феъл нақши муҳим дошта, ҳам ба маънои аслӣ ва ҳам маҷозӣ ба кор бурда шудааст. Дар корбурди феъл бештар феълҳои таркибии номӣ истифода гардидаанд. Муаллифи мақола маводи зиёдеро гирд оварда, аз ҷиҳати сохт ва маъно феълҳоро таҳлилу баррасӣ намуда, дар мавридҳои зарурӣ ба кадом замон мансуб будани онҳоро таъкид намудааст. Феълҳои ёридиҳандаро дар алоҳидагӣ аз ҷиҳати дараҷаи истеъмол баррасӣ намудааст, ки ҷолиб мебошад.

Калидвожаҳо: феъл, таркиб, калима, ҷузъ, феъли ёвар, таркиби номӣ, таркибсозӣ, забон.

РОЛЬ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ГЛАГОЛОВ В РАССКАЗЕ “СЫН ГАЗЕТЫ” ФАЗЛИДДИНА МУХАММАДИЕВА

В данной статье рассматриваются структура и значение структурных именных глаголов. Статья посвящена важной теме использования глаголов в рассказе “Сын газеты” Фазлиддина Мухаммадиева. Автор старается определить особенности значения именных составных глаголов на основе исторических источников и изучает данную тему. Именные составные глаголы играют важную роль для обозначения мысли. Они состоят из именных составов и вспомогательных глаголов. В качестве именной части выступают имена существительные, прилагательные, числительные и фразеологизмы. В качестве составного глагола выступают глаголы “делать”, “стать”, “ходить”, “иметь”, “давать”, “взять”, “ударить”, “найти” и другие. В рамках одной статьи объяснить все особенности глагола невозможно. Поэтому в данной статье рассмотрены некоторые особенности значения и структуры глаголов. Автор статьи, собрав много материалов из разных источников, анализирует и рассматривает структуру и значение глаголов. Также упоминает о временах, в которых должны быть использованы данные глаголы. Вспомогательные глаголы рассмотрены в отдельности от степени использования.

Ключевые слова: глагол, состав, слово, часть, вспомогательный глагол, именной часть, язык.

THE ROLE OF USING VERBS IN THE STORY "THE SON OF THE NEWSPAPER" BY FAZLIDDIN MUKHAMMADIEV

This article discusses the structure and meanings of structural noun verbs. The article is devoted to the important topic of using verbs in the story "The Son of the Newspaper" by Fazliddin Mukhammadiev. The author tries to determine the features of the meaning of nominal compound verbs on the basis of historical sources and studies this topic. Nominal compound verbs play an important role in denoting thoughts. They consist of nominal structures and auxiliary verbs. The nominal part is a noun, adjective, numerals and phraseological units. The verbs “do”, “become”, “walk”, “have”, “give”, “take”, “hit”, “find” and others are used as a compound verb. It is impossible to explain all the features of the verb within the framework of one article. Therefore, this article discusses some of the features of the meaning and structure of verbs. The author of the article, having collected a lot of materials from different sources, analyzes and considers the structure and meaning of verbs. Also mentions the tenses in which these verbs should be used. Auxiliary verbs are considered separately in terms of significance and degree of use.

Key words: verb, composition, word, part, auxiliary verb, nominal part, language.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Афгонова Моҳира Холмуродовна*** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч.Нахимов 64/14. Тел.: **(+992) 930-55-30-60**

Сведения об авторе: ***Афгонова Мохира Холмуродовна*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры гуманитарных дисциплин. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: **(+992) 930-55-30-60**

Information about the author: ***Afgonova Mohira Kholmurodovna*** - Tajik State Finance and Economics University, Assistant of the Humanities Department. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Str., Nakhimova 64/14. Тел.: **(+992) 930-55-30-60**

УДК: 491.550:008

НАҚШИ ДАСТУРИИ ЧАНД ПАСВАНД ДАР ФАРҲАНГИ «ҲАФТ ҚУЛЗУМ»

Додаров О.М.
Коллеҷи муҳандисӣ -техникии ноҳияи Нуробод, Тоҷикистон

Фарҳангнигориро метавон яке аз бахшҳои қадимтарин ва, ҳамзамон, мушкилтарини забоншиносӣ унвон кард, чун ин бахш на фақат мавриди истифодаи забоншиносону мутахассисон, балки мустафоди хоссу ом мегардад [9, с.11]. Дар таърихи тамаддуни башар тоҷикон дар улуми лисонию адабӣ ҷойгоҳи хос доранд. Агар ба таърихи фарҳангнигории забони дарии тоҷикӣ нигарем, мебинем, аксари ин фарҳангҳо дар мулки Ҳинд таълиф шудаанд, ки яке аз онҳо «*Ҳафт қулзум*» мебошад.

«*Ҳафт қулзум*» луғати тафсирӣ буда, дар асри XIX аз ҷониби донишманди улуми адабӣ Ғозиуддин Ҳайдар Подшоҳи Ғозӣ таълиф шудааст. Сохтор, номи бобу фаслҳо дар ин луғат тамоман аз фарҳангҳои пешин ва баъдинае, ки пас аз ин фарҳанг навишта шудаанд, фарқ дорад [7, с.47].

Луғати «*Ҳафт қулзум*» ба гурӯҳи фарҳангу луғатҳое дохил мешавад, ки дар баробари шарҳи луғавии вожаҳо дар муқаддима ё хотимаи он фарҳангу луғатҳо оид ба асосҳои дастури забони дарии тоҷикӣ шарҳу тавзеҳи муфиде оварда шудааст. Ин анъана ҳанӯз аз фарҳанги оим эвак (фарҳанги авастоӣ ба форсии миёна, яъне паҳлавӣ оғоз гардида, чанд аср ба таъсири низоми дастури забони арабӣ қатъ мегардад. Баъдтар, яъне шуруъ аз ибтидои асри XV хушбахтона, бо таълифи луғати «*Адот-ул-фузало*»-и Қозихон Бадр Муҳаммади Деҳлавӣ (соли 1419) ин анъана аз нав эҳё меёбад. Ин анъанаро муаллифи як даста фарҳангҳои дигаре, ки пас аз «*Адот-ул-фузало*» таълиф шудаанд, идома медиҳанд, чунончи «*Шарафномаи Аҳмади Мунярӣ*»-и Иброҳим Форукӣ (соли 1466), «*Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ*»-и Ҷалолиддин Ҳусайн Инҷӯи Шерозӣ (соли 1622), «*Бурҳони қотеъ*»-и Муҳаммадҳусайни Бурҳон (соли 1652), «*Фарҳанги Рашидӣ*»-и Абдуррашиди Татавӣ (1653-54), «*Ҳафт қулзум*»-и Ғозиуддин Ҳайдар Подшоҳи Ғозӣ (1815), «*Анҷуманорои Носирӣ*»-и Ризоқулихони Ҳидоят (соли 1851).

Луғати «*Ҳафт қулзум*», ҳарчанд ки анъанаи луғатҳои тафсирии пешинро идома дода бошад ҳам, дар шарҳи масъалаҳои дастури забони дарии тоҷикӣ аз роҳу усули анъанавие, ки мавҷуд буд, канор гирифта, усули хоси худро пеш гирифтааст. Масъалаҳои шарҳи дастури забони дари тоҷикӣ дар «*Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ*» дар 12 оин оварда шудааст, ки ҳар ойин як масъалаи муҳимеро дар бар гирифта, ҳамчун як мақолаи илмию таълимӣ ба назар мерасад. Дар луғати «*Бурҳони қотеъ*» бошад, муаллифи он ба ҷойи «ойин» истилоҳи «фоида»-ро ба кор бурдааст. Муаллифи луғат муҳимтарин масоили асосҳои дастури забони дари тоҷикиро дар 9 фоида матраҳ сохтааст. Дар «*Фарҳанги Рашидӣ*» ҳам истилоҳи «ойин» ва ҳам «фоида» корбаст шудааст. Муаллифи фарҳанги «*Анҷуманорои Носирӣ*» ба ҷойи истилоҳи «ойин»-у «фоида» вожаистилоҳи «ороиш»-ро ба кор бурдааст. Тавре ки таъкид гардид, муаллифи фарҳанги «*Ҳафт қулзум*» дар номгузории бобу фасл ва зерфаслҳо аз вожаю истилоҳоти соҳаи об истифода кардааст, чунончи баҳр, наҳр, ҷӯй, дарё, обгир, чашма ва ғ. Фарҳанг аз ҳафт қулзум иборат буда, қулзум ба маънии баҳр аст, аммо дар ин фарҳанг ба маънии ҷилд мебошад, яъне фарҳанг аз 7 ҷилд мураттаб шудааст. Масоили асосҳои дастури забони дари тоҷикиро муаллиф дар ҷилди охир, яъне ҷилди 7-ум, шарҳу тавзеҳ додааст. Ҷилди ҳафтум, яъне қулзуми ҳафтум аз 6 баҳр иборат буда, он ба 7 соҳил, 28 маъбар, 276 заврақ, 13 поёб, 7 обгир, 11 руд, 3 ҷиҳоз, 30 мавҷа ва 24 сафина тақсим мешавад. Муаллифи фарҳанг муҳтавои ҷилди ҳафтуми луғаташро чунин баён кардааст: «Қулзуми ҳафтум аз китоби «*Ҳафт қулзум*» ва он муштамил аст бар шаш баҳр ва он шаш баҳр муҳтавист бар ҳафт соҳил ва бисту ҳашт мавҷрав ва сездаҳ поёб ва ҳафт обгир ва ёздаҳ руд ва се ҷиҳоз ва се мавҷа ва бисту чаҳор сафина, ки киноя аст аз баёни ҳуруфи таҳаҷҷӣ ва ҳуруфи мураккабот ва изофат ва ғайра. Ва сарфи порсӣ ва аксоми назму наср ва саноеъи лафзӣ ва маънавӣ ва мураккабот, ки ғояти порсӣ бошад ва илми аруз ва қофия» [4, с.3].

Тавре ки аз ин тавзеҳи муаллифи фарҳанг бармеояд, китоби ё ҷилди 7-уми фарҳанги «*Ҳафт қулзум*» ба шарҳи масъалаҳои марбути асосҳои дастури забони дари тоҷикӣ ва улуми сегонаи адабӣ (бадеъ, арӯз, ва қофия) бахшида шудааст. Аз ин нуқтаи назар фарҳанги «*Ҳафт қулзум*» аз дигар фарҳангҳои тафсирии гузаштаю ҳамасрҳояш ва баъдӣ фарқ менамояд.

Дар шарҳи дастурии фарҳанги «*Ҳафт қулзум*» чунон ки худи муаллиф ҳам таъкид кардааст, «мураккабот, ки ғояти порсӣ бошад» калимасозӣ хеле бартарӣ дорад ва ин вижагиро дар фарҳангҳои тафсирии дигари ҳамтои фарҳанги «*Ҳафт қулзум*» ба мисли «*Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ*», «*Бурҳони қотеъ*», «*Фарҳанги Рашидӣ*», «*Анҷуманорои Носирӣ*» ва осори ба улуми сегонаи адабӣ бахшидашуда дида метавонем. Забоншинос Н. Ғиёсов ин бартариро дар «*Дастури ҷомеи забони форсӣ*»-и Абдурраҳим Ҳумоюнфаррух [15] ва «*Дастури забони форсӣ*»-и Муҳаммад Ҷаводи Шариат [13] мушоҳида карда, аз ҷумла чунин таъкид менамояд: «Таъкид кардан ҷоиз аст, ки мақсади муаллифони дастурҳои забони форсӣ аз эътимоди бештар ба калимаҳои мураккаб ва усули сохта шудани онҳо нишон додани бартарӣ, миқдори (?) фасоҳат ва майдони васеи забони мо мебошад, зеро ин яке аз ҷиҳатҳо ва далели суҳулату узубати забони форсӣ-тоҷикӣ аст» [3, с.45]. Дар воқеъ, ин яке аз асолатҳо ва вижагиҳои сохти сарфии забони дарии тоҷикӣ мебошад. Калимасозӣ бо роҳи пешвандию пасвандӣ ва роҳи мураккабшавӣ яке аз омилҳои бой гардидани таркиби луғавӣ ва бо ҷилоории маънӣ дар забони дари тоҷикӣ буда, имрӯз ҳам дар рушди забони адабии мо нақши муҳим дорад. Донишмандони гузаштаи мо ин асолати забонамонро хеле барвақт ҳис карда буданд ва дар осори илмию таълимиашон онро қайду таъкид ҳам кардаанд. Профессор Д. Хоҷаев дар иртибот ба ин қазия мегӯяд: «Дар «*Ал-муъҷам*» вазифаю маънои 35 пасванди калимасозу шаклсоз бо мисолҳои мушаххас шарҳ дода шудааст. Муаллиф ҳатто баъзе пасвандҳои сервазифаю муштараквазифаро низ нишон додааст. Масалан ӯ (Шамси Қайси Розӣ -Д.О.) чандин вазифаи пасванди «а»-ро бо мисолҳо шарҳ дода, дар иҷрои ҳар кадом вазифа ба вай ном ҳам ниҳодааст: «ҳо»-и тахсис (пасванди исмсози «-а»): дандона, чашма, забона, тана, пушта; «ҳо»-и сифат (пасванди сифатсози «-а»): омада, рафта, нишаста, хуфта, карда, гуфта (аз нигоҳи забоншиносии муосир ин калимаҳо сифати феълианд); «ҳо»-и фоил (пасванди сифати феълсози «-а»): донанда, гӯйанда, кунанда; «ҳо»-и лаёқату нисбат (пасванди сифати нисбисози «-а»): шоҳона, зиракона, мардона, занона» [16, 311].

Бояд гуфт, ки Шамси Қайси Розӣ, ҳамчунон ки муҳаққиқи таърихи афкори забоншиносии тоҷик Д. Хоҷаев таъкид менамояд: «Шамси Қайси Розӣ бо ҳамин қайдҳои дастуриаш дар «*Ал-муъҷам*» ба таври сазовор бунёдгузори дастури забони адабии тоҷик ба шумор рафта, дар таърихи забоншиносии тоҷик мақоми волою аразандае дорад» [5, с.155].

Ин анъанаи шарҳи дастурии забони дари тоҷикие, ки Шамси Қайси Розӣ асос гузошт, дар китобу рисолаҳои улуми адабӣ аз як тараф, аз тарафи дигар дар фарҳангҳо идома ёфт. Яке аз фарҳангҳое, ки муаллифи он ин анъанаро хеле устодона инкишоф додааст, фарҳанги «*Ҳафт қулзум*» мебошад.

Дар фарҳанги «*Ҳафт қулзум*» доир ба пасвандҳои калимасозу шаклсози зиёде шарҳу тавзеҳи мушаххасе оварда шудааст, ки аксари ин маълумотҳо дар муқаддимаи фарҳангҳои пешин низ дида мешаванд. Муаллифи фарҳанги «*Ҳафт қулзум*» вазифаҳои дастурии пасвандҳоро дар чандин фаслҳое, к ибо исми «поёб» зикр кардааст, овардааст. Масалан, поёби чаҳорум «Дар баёни калимоте, ки маънии худованд (соҳибият -Д.О.) кунад» ном дошта, муаллифи фарҳанг беҳеҷ шарҳ пасванди «-манд»-ро оварда, вожаҳои зеринро шоҳид нишон додааст: хирадманд, арҷманд, мустаманд, яъне соҳиби хирад, соҳиби арҷ, ки мартаба бошад ва соҳиби муст, ки ғаму гила бошад.

Муаллифи фарҳанг вожаи «шарманда»-ро низ ба ҳамин гурӯҳ дохил карда, чунин қазоват намудааст: «Шарманда» дар асл шарм+манда буд, як «мим» ба муҷиби қоидаи порсӣ ҳазф шуда ва «ҳо»-и ҳаваз дар охири ин зоид аст» [4, с.34].

Дигар пасванде, ки ба ин гурӯҳ дохил кардааст, -гор ва -гар мебошад: хидматгор ва хидматгар, ситамгор – ситамгар, гунаҳгор. Муаллиф пасванди «ур»-ро низ мансуб ба ҳамин гурӯҳ дониста, калимаҳои ганҷур, ранҷур, муздурро шоҳид овардааст. Пасванди «-вар» низ, аз назари муаллифи фарҳанг, ба ҳамин гурӯҳ дохил мешавад: тоҷвар, ҳунарвар, яъне дорои тоҷ ва ҳунар.

Дар «*Фарҳанги Рашидӣ*», ки таълифаш дар асри XVII аст, айнан ҳамин маълумот оварда шудааст, чунончи: калимоте, ки маънии худовандӣ диҳанд: -манд: мустаманд, арҷманд, оҳманд; -гор: хидматгор, ситамгор, гунаҳгор; -вар: тоҷвар, ҳунарвар; -ур: ганҷур, муздур.

Поёби панҷум «Дар баёни алфозе, ки мамаънии фоъил кунад» унвон дошта, ба як даста муаллифи фарҳанг пасвандҳои зеринро ворид кардааст: -гар, чун камонгар, заргар, оҳангар; -он, чунончи, хандон ва гирон; -ор чун харидор, фурухтор. Пасванди «-ор» мегӯяд муаллифи фарҳанг, ба маънои масдар низ омада метавонад, чун гуфтор ва рафтор. Ҳамчунин, – таъкид менамояд, муаллиф, ба маънии мафъул ин пасванд омада метавонад, чун куштор ба маънии забҳ ва кушташуда; -гор чун ситамгор; -шор, чун саршор ва обшор; -сор, чун шармсор [4, с.33].

Бояд як нуктаро таъкид кард, ки калимаи «шор» ба сифати ҷузъи вожасоз на дар осори илмию таълимии гузашта ва на муосир ба мушоҳида нарасид. –Нок. Бо ин пасванд танҳо як вожжа оварда шудааст: омӯзнок. Дигар пасванде, ки аз назари муаллифи фарҳанги «*Ҳафт қулзум*» исми фоил месозад, -анда аст, чун хуранда, зананда, кушанда, буранда ва ғ.

Бисёр ҷолиби таваҷҷӯҳ аст, ки муаллифи фарҳанги «*Ҳафт қулзум*» пасванди «чӣ»-ро ҳамчун пасванди исми фоилсоз оварда вожаҳои нақорачӣ, тупчӣ, боварчӣ ва танбурчиро шоҳид нишон дода, таъкид кардааст. «Бидон, ки ин лафз (чӣ -Д.О.) туркист» [4, с.33].

Дар «*Фарҳанги Рашидӣ*», «*Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ*», «*Бурҳони қотеъ*» ин пасванди исми фоъилсоз дида нашуд.

Поёби шашуми фарҳанги «*Ҳафт қулзум*» «Дар баёни алфозе, ки маънии анбуҳӣ ва бисёрӣ кунад» ном дорад. Муаллифи фарҳанг пасвандҳои зерини исми макону фаровониро овардааст: -лох: санглох, девлох ва рудлох. Барои тақвияти фикраш ин байти Шайх Саъдиро шоҳид нишон додааст:

Зи тоҷи малакзода, эй дар манох,
Шабе лаъле афтод дар санглох.

-Сор, чун ғамгусор, шохсор, кӯҳсор; -зор, чун гулзор, лолазор, корзор; -бор, чун дарёбор, рудбор, ҳиндубор; -стон, чун гулистон, бустон, шабистон ва дабистон; -дон, чун қаламдон, сурмадон ва наргистон; -ванд, чун ованд, ки дар асл обванд буд ва «бо»-ро ба «вов» бадал карданд, баъд аз он ба ҷиҳати иҷтимои вовайн (дар як ҷо омадани ду вов -Д.О.) як вовро ҳазф карданд; -када, чун майкада, ғамкада ва табкада.

Поёби ҳафтум «Дар баёни калимоте, ки маънии монанд кунанд», номида шуда, муаллифи фарҳанг оид ба якчанд пасванде, ки ба калима маънии монанду шабоҳат медиҳад, изҳори назар кардааст, чунончи: -дес: базмдес, ҳурдес; -ваш: маҳваш; -вон: палавон, яъне канораҳои зироат, ки монанди пал баланд шавад; -ван: устурван, пулван, форван; -ванд: худованд, пулодванд, пайванд; -ованд: хешованд, яъне монанди хеш; -осо, чун шеросо, мардосо; -вор: ғуломвор, хоҷавор; -сон: шерсон, бабрсон; -сор: хоксор, ғамгусор, сангсор [4, с. 33].

Пасвандҳои маънии лаёқатдиҳандаро муаллифи фарҳанг дар поёби ҳаштум шарҳ додааст, ки ин шарҳ дар ду фарҳанги ҳамгуни «*Ҳафт қулзум*» – «*Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ*» ва «*Фарҳанги Рашидӣ*» дида нашуд. Муаллифи фарҳанги «*Ҳафт қулзум*» чунин пасвандҳои маънии лаёқат диҳандаро зикр кардааст: -вор, чунончи: шоҳвор, гушвор ва ҷомавор; -она, чунончи: шоҳона, бузургона, ҳакимона, мардона [4, с.34].

Дар осори илмӣ ва таълимии баъзе донишмандони гузашта таркиби ин вожаҳои сохта ба ин тариқ ҷудо карда шудааст: шоҳ+он+а, бузург+он+а, ҳаким+он+а, мард+он+а. Ба назари мо, ба ҳамин тартиб ҷудо кардан саҳеҳ аст, зеро дар ин қолаби вожаҳои сохта ду пасванд аст, яке пасванди ҷамъи –он, дигаре пасванди лаёқату нисбат –гон, чун шойгон, ройгон, ки дар асл шоҳгон буд, яъне хуб ва ровгон ба маънии хор буд.

Баёни алфозе, ки маънии муҳофизат кунад, мазмуни поёби нуҳуми фарҳангро дар бар гирифтааст. Муаллифи фарҳанг ба ин гурӯҳ пасвандҳои зеринро мансуб донистааст: -бон, чун дарбон ва сорбон ба маънии нигоҳдорандаи дар ва нигоҳдорандаи сор, яъне шутур, филбон, чубон ва ғ. –Дор, чун чидадор ва роҳдор; -вон, чун паҳлавон ва бандавон ба маънии нигоҳдорандаи паҳла ва бандӣ [4, с.34].

Поёби даҳум «Дар баёни алфозе, ки барои иттисоф ояд» ном дошта, муаллифи фарҳанг ду пасванди ин гурӯҳро овардааст: яке –нок, чун ғамнок, дарднок, бимнок, саҳмнок ва хатарнок; дигаре -гин, чун андуҳгин, ғамгин ва саҳмгин [4, с.34].

Ниҳоят поёби ёздаҳуми фарҳанг ба шарҳи пасвандҳое бахшида шудааст, ки маънии нисбат мекунанд, чунончи: -ин, чун симин, заррин; -ок, чун фиҷок мансуб ба фиҷ, ки номи бут аст ва муғок мансуб ба муғ; -он чун Эрон, Турон, Кошон, ва пирон; -она, чун рӯзона, солона, моҳона, нурона ва ҳобона [4, с.34].

Бояд таъкид кард, ки муаллифи фарҳанги «*Ҳафт қулзум*» дар бораи як пасванд изҳори назар кардааст, ки дар дигар осори илмию таълимӣ ва фарҳангҳои пешин дида нашуд, чунончи: -вайҳ, чун Роҳвайҳ падари Исҳоқи муҳаддис мансуб ба роҳ, яъне дар роҳ таваллуд шуда буд, Мушквайҳ мансуб ба мушк, зеро ки хушхулқ буд, Умарвайҳ мансуб ба Умар, зеро ки ҷаддаш Умар ном дошт, бобвайҳ мансуб ба боб, яъне падар ва бобо ва зиёдатии алиф аст, Сибавайҳ – шогирди Халили наҳвии маъруф мансуб ба себ, зеро ки рухсораашчун себи сурх буд ва баъзе гӯянд, аксар ба себ бозӣ мекард.

Дар хотимаи ин поёб чанд пасванди маънии лавн (ранг) диҳандаро муаллиф овардааст, чун -дом, -фом, -ем, -гуна, -гун, -ҷирна, -ҷирда. Муаллиф таъкид менамояд, ки ин ду калима ба ғайр аз таркиб ба калимаи сиёҳ камтар омад, чунончи сияҳҷирда, ва сияҳҷирна, Ҳофиз гӯяд, байт:

Он сияҳҷирда, ки ширинии олам бо ӯст,
Чашми майгун, лаби хандон, дили хуррам бо ӯст [4, с.34].

Хулоса, муаллифи фарҳанги «*Ҳафт қулзум*» мисли муаллифони фарҳангҳои «*Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ*», «*Бурҳони қотеъ*», «*Фарҳанги Рашидӣ*» муҳимтарин пасвандҳои калимасозро шарҳ бастааст, ки аз нигоҳи асосҳои дастури забони адабии муосири тоҷикӣ низ арзишашонро гум накардаанд. Як ҷиҳати тафовутноки фарҳанги «*Ҳафт қулзум*» аз дигар фарҳангҳои ҳамгунаш ин аст, ки баъзе пасвандҳои овардаи муаллиф дар он фарҳангҳо ба назар нарасид.

Муқарриз: ***Солеҳов Н.Ҳ.*** – номзади илмҳои филологӣ, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳадов, Ҳ. Фарҳанги Рашидӣ – ҳамчун асари лексикографӣ / Ҳ.Аҳадов. – Душанбе: Дониш, 1981.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. – Душанбе: Дониш, 1981.-383 с.
3. Ғиёсов Н. Сӣ мақола / Н.Ғиёсов. – Хуҷанд, 2014. – 300 с.
4. Ғозиуддин Ҳайдар Подшоҳи Ғозӣ. Ҳафт қулзум.- Лакҳнав, 1822. Қулзуми ҳафтум. – с. 28-35.
5. Д. Хоҷаев. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI / Д. Хоҷаев. – Душанбе, 2013. – 344 с.
6. Додаров О. Масъалаҳои забоншиносӣ дар «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун»-и Воҷидалии Муҷмалӣ / О.Додаров. – Душанбе, 2019. – 152 с.
7. Додаров О. Шарҳи изофат дар луғати «Ҳафт қулзум» / О.Додаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ.(маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2020. - №4. - С.47-51
8. Донишномаи мухтасари таърихи афкори забоншиносии тоҷик. – Душанбе, 2017. – 340 с.
9. Исмонов К. Андешаҳои забоншиносӣ дар нахустин фарҳангномаи арабӣ – «Китоб-ул-айн» / К.Исмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2020. - №3. - С.11-15
10. Мирзоёров Ф.Н. Грамматические комментарии в таджикских толковых словарях 16-19 вв.: автореф. дисс. канд. филол. наук / Ф.Н. Мирзоёров. – Душанбе, 2011. – 22 с.
11. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ.1. – Душанбе, 1987. – 480 с.
12. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ.2. – Душанбе, 1988. – 416 с.
13. Муҳаммад Ҷаводи Шариат. Дастури забони форсӣ. – Теҳрон, 1375 ҳ.
14. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор. – Душанбе, 1998. – 116 с.
15. Ҳумоюнфаррух А. Дастури ҷомеи забони форсӣ. – Теҳрон, 1339 ҳ.

НАҚШИ ДАСТУРИИ ЧАНД ПАСВАНД ДАР ФАРҲАНГИ «ҲАФТ ҚУЛЗУМ»

Дар мақола қайду тавзеҳи муаллифи «*Ҳафт қулзум*» бозгӯ ва баррасӣ шудааст. Таҳқиқи маводи фарҳанг нишон дод, ки муаллиф, аз як ҷониб, анъанаи шарҳи дастури забони дарии тоҷикиро идома дода бошад, аз ҷониби дигар, дар баррасии пасвандҳои калимасоз ва густариши он саҳми муҳим гузоштааст. Бояд гуфт, ки баъзе пасвандҳое, ки муаллифи фарҳанги «*Ҳафт қулзум*» овардааст, дар дигар осори илмӣ-таълимӣ ва фарҳангҳои пешин дида намешаванд. Дар маҷмуъ қайду тавзеҳи фарҳанги «*Ҳафт қулзум*» барои таълифи дастури ҷомеи забони тоҷикӣ маводи хубе медиҳад. Муаллиф таъкид кардааст, ки луғати «*Ҳафт қулзум*» ба гурӯҳи фарҳангу луғатҳое дохил мешавад, ки дар баробари шарҳи луғавии вожаҳо дар муқаддима ё хотимаи он фарҳангу луғатҳо оид ба асосҳои дастури забони дарии тоҷикӣ шарҳу тавзеҳи муфиде оварда шудааст. Як ҷиҳати тафовутноки фарҳанги «*Ҳафт қулзум*» аз дигар фарҳангҳои ҳамгунаш ин аст, ки баъзе пасвандҳои овардаи муаллиф дар дигар фарҳангҳо ба назар нарасид.

Калидвожаҳо: дастур, пасванд, маънӣ, пасванди шаклсоз, фарҳанг, донишманд, забоншиносӣ

ГРАММАТИЧЕСКАЯ РОЛЬ НЕСКОЛЬКИХ СУФФИКСОВ В СЛОВАРЕ "ХАФТ КУЛЗУМ"

В статье рассматриваются и обсуждаются авторские замечания в словаре «Хафт кулзум». Изучение словарного материала показало, что автор, с одной стороны, продолжает традиции грамматической интерпретации таджикского языка, с другой - внес важный вклад в изучение словообразования и его развитие. Следует отметить, что некоторые ссылки, цитируемые автором словаря «Хафт кулзум», не встречаются в других научно-учебных работах и более ранних словарях. В целом, примечания и пояснения к словарю «Хафт кулзум» дают хороший материал для составления общей грамматики таджикского языка. Автор подчеркивает, что словарь «Хафт кулзум» относится к группе словарей, которые, наряду с лексическим объяснением слов, во введении или заключении на грамматической основе таджикского языка дают полезные пояснения. Одним из отличий словаря «Хафт кулзум» от других подобных словарей является то, что некоторые из упомянутых автором суффиксов не встречаются в других словарях.

Ключевые слова: грамматика, суффикс, значение, формирующий суффикс, словарь, ученый, лингвист.

THE GRAMMATIC ROLE OF SEVERAL SUFFIXES IN THE DICTIONARY "HAFT KULZUM"

The article examines and discusses the author's comments in the dictionary "Haft kulzum". The study of vocabulary material showed that the author, on the one hand, continues the traditions of grammatical interpretation of the Tajik language, on the other, he made an important contribution to the study of word formation and its development. It should be noted that some of the references cited by the author of the dictionary "Haft kulzum" are not found in other scientific and educational works and earlier dictionaries. In general, notes and explanations to the dictionary "Haft kulzum" provide good material for compiling a general grammar of the Tajik language. The author emphasizes that the dictionary "Haft kulzum" belongs to the group of dictionaries, which, along with the lexical explanation of words in the introduction or conclusion on the grammatical basis of the Tajik language, provide useful explanations. One of the differences between the "Haft kulzum" dictionary from other similar dictionaries is that some of the suffixes mentioned by the author are not found in other dictionaries.

Key words: grammar, suffix, meaning, formative suffix, dictionary, scientist, linguist.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Додаров Оятулло Мирзошариф*** – Коллеҷи муҳандисӣ-техникии н. Нуробод, номзади илмҳои филологӣ, директор. **Суроға:** 737450, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Нуробод.
Тел.: **(+992) 918-67-944-41**

Сведение об авторе: ***Додаров Оятулло Мирзошариф*** – Инженерно-технический колледж района Нуробод, кандидат филологических наук, директор. **Адрес:** 737450, Республика Таджикистан, район Нурабад.
Тел.: **(+992) 918-67-944-41**

Information about the author: ***Dodarov Oyatullo Mirzosharif*** - Engineering College of the Nurobod District, Candidate of Philological Sciences, Director. **Address:** 737450, Republic of Tajikistan, Nurabad district.
Тел.: **(+992) 918-67-944-41**

УДК: 81.1

АСИММЕТРИЯИ БАЙНИЗАБОНӢ ДАР ТАРҶУМАИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мақсудов У.О.
Маркази илмии Хуҷанди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Фразеология аз калимаи юнонии ***phrasis*** - *ибора, ифода ва logos* - *таълимот* гирифта шуда, маҷмӯи таркиб, ибора, ҷумлаҳои рехтаю устувор, қонуниятҳои инкишоф ва дигар категорияҳои забониро меомӯзад. Ибораҳои рехта (минбаъд ИР)-ро дар забоншиносӣ воҳидҳои фразеологӣ (минбаъд ВФ) низ меноманд. Ба ВФ-и забон ду ва ё зиёда калимаҳои мустақилмаъно (масалан, гурги борондида - шахси доно; маккор; салмаи сақат - чизи зиёдатӣ; аз сад гулаш як гулаш ҳам нашукуфтааст - хеле ҷавон; чашмаш равшан шуд - таваллуд кард ва ғайра) дохил мешаванд.

Воҳиди фразеологӣ дар «Луғати терминҳои забоншиносӣ» ин гуна ташреҳ шудааст: «Ибораи аз ҷиҳати сохту таркиб устувор, аз лиҳози ифодаи маъно яклухт чун воҳиди тайёри нутқ истифода мешавад: дудила шудан (нашудан), мижа таҳ накардан; ба ҷогаҳ нигариста пой дароз кардан» [9, с.34].

ВФ аз лиҳози таркиб устувор буда, унсурҳои таркибии онҳоро беасос тағйир додан ғайримумкин аст. Масалан, агар ИР-и “рости гап” ба шаклҳои “ҳақиқати гап”, “сухани ҳақ” ва ғайра иваз шавад, хусусияти фразеологиашро гум мекунад. Аммо ВФ-е низ ҳастанд, ки таркибашон тағйир меёбад. Масалан, ба ивази “аз дилу ҷон” баъзан “бо дилу ҷон”, “бо ҷону дил”, “аз ҷону дил” низ мегӯянд, ки ҳамагӣ як маъноро ифода мекунанд. Аксари ВФ дорои тобишу ҷилои хосси миллӣ буда, аммо ҳангоми тарҷума мушкилӣ пеш меоранд.

М.Фозилов дар китоби “Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик” дар бобати ибораҳои рехта зарурати таҳияи фарҳанги ИР-ро муҳим мешуморад. Мавсуф қайд мекунад, ки дар мавриди ибораи рехта будан ё набудани зарбулмасал, мақол, ибораҳои истилоҳӣ, афоризмҳои таърихӣ ду фикри ба ҳам муқобил ҳастанд. Ба илова, ибораҳои вирди забонгашта (крылатые слова), зарбулмасалу мақол, қолабҳои афсонавӣ, афоризмҳои таърихӣ, латифа ва дигар анвои осори бадеӣ ба таркибҳо ҷудо шуда, нишонаҳои сохтории худро гум мекунанд ва аз ҷиҳати сохт ба воҳидҳои фразеологӣ монанд гардида, ба қатори фразеология ворид мешаванд [12, VI].

Ҳудуди ибораҳои фразеологӣ ва ибораҳои одӣ то ҳол ба таври бояду шояд муқаррар нашудааст. Дар забоншиносӣ таърифи комил ва фарогири моҳияти ибораҳои фразеологӣ то ҳол вуҷуд надорад. Бархе аз олимон ибораҳои фразеологиро чун ибораҳои «маҷозӣ» ё «айнан тарҷуманашаванда» ҳисобидаанд [12, VI]. Бинобар ин, дар ҳоли набуди фарҳангҳои фразеологӣ, таҳияи он амри саривақтӣ аст.

Ба ақидаи А.В.Кунин, ВФ - таркибҳои устувори лексемаҳо буда, дар раванди тарҷума интиқоли пурра ё ҷузъиро тақозо мекунанд [4, с.157]. Аз сӯйи дигар, хусусиятҳои маъмули ВФ-ро таҳкими луғавӣ, маънои том ва низоми алоҳидаи ибораҳо» меноманд [1, с.45]. Омили асосии устувории ВФ дар забон фасоҳату маҷозияти онҳо мебошад, ки ба яке аз талаботи инкишофи забон, яъне эзоҳталабӣ, мувофиқат мекунанд.

Бояд қайд намуд, ки дар омӯзиши ибораҳои рехта А. Мирзоев, Р. Амонов, М. Фозилов, Р.Абдуллозода, Д.Т. Тоҷиев, Н.М. Маъсумӣ, Ҳ. Маҷидов ва дигарон саҳми бузург гузоштаанд. Ҳамзамон, дар мавриди қиёс ва муқобалаи ибораҳои фразеологии тоҷикӣ ва англисӣ профессор П. Ҷамшедов, Ф.М. Турсунов, М.Н. Азимова ва як қатор шогирдони эшон таҳқиқоти арзишманд анҷом додаанд.

Дар мавриди муқоисаи воҳидҳои фразеологии англисӣ ва тоҷикӣ олимони ватанӣ, аз ҷумла Баракаева Г. (1968), Аҳмадҷонов А. (1970), Бобоев Э. (1976), Азимова М. (1999) ва дигарон таҳқиқоти назаррас ба мерос гузоштаанд. Дар канори ин, дар муқоисаи ибораҳои рехтаи русӣ ва тоҷикӣ Юсупова М. (1966), Икромова Ҳ.И. (1967; 1968), Ибрагимова М. (1971), Тахохов Б.А. (1974; 1988) ва монанди инҳо рисолаҳои илмӣ навиштаанд.

Интиқоли ИР ва ВФ аз муҳимтарин масоили назария ва амалияи тарҷума ба шумор меравад.

Ш.Балли, В.В. Виноградов, Б.А. Ларин, Н.М. Шанский таснифоти луғавиро ба ҳайси сарчашмаи кори хеш қарор дода, асосан аз рӯйи меъёрҳои устувории ВФ, тағйирнопазирии таркибҳо, тобиши маъноӣ ва маҷозият бо унвонҳои ИР (ё идиомаҳо), ВФ (аз ҷумла воҳидҳои маҷозӣ), таркибҳои фразеологӣ ва ифодаҳои фразеологӣ муайян мекунанд.

Дар ин хусус, А.В. Фёдоров таъкид кардааст, ки ВФ аз нуқтаи назари тарҷума, маънои ягона, дараҷаи равонӣ ва номуайянии далелу бурҳонҳо ва тобишҳои услубӣ басо муҳимманд [7, с.161].

Таҳқиқоти А.В. Фёдоров дар ҳалли масъалаи таснифоти ВФ манбаи арзанда хоҳад буд. Ӯ нақшаи В.В. Виноградовро таъкид намуда, лоиҳаи луғавие бар асоси ин нақша таҳия кардааст ва онро аз нуқтаи назари тарҷумашиносӣ такмил додааст. Ҳамзамон, мавсуф дар мавриди «дараҷаҳои мухталифи далелнокӣ, фасоҳати таркиби дохилӣ ва арзишҳои миллӣ» таъкид намудааст, ки тарҷумаи ВФ бояд ба мисли ифодаи идиомаҳо роҳандозӣ шаванд [7, с.161].

Я.И. Ретскер низ ин таснифотро дуруст ҳисобида, бовар дорад, ки ИР ва ВФ бояд бо усулҳои гуногун маънидод гарданд. Яъне, ба андешаи ӯ тарҷумаи ВФ ба таври маҷозӣ сурат гирифта, интиқоли ИР ба тариқи тағйири кулл анҷом ёбад.

Ағлаби олимон чунин меҳисобанд, ки имконияти расидан ба ифодаи мутлақи ВФ бештар аз робитаҳои байни воҳидҳои забони асл ва тарҷума вобаста аст: а) ВФ, ки дар забони тарҷума дорои мафҳуми дақиқ мебошанд; б) ВФ-ро метавон тавассути ин ё он муодил бо каме тағйирот маънидод кард; в) ВФ на муодил ва на шабеҳ дошта, набояд таҳтуллафзӣ тарҷума шаванд.

Хулоса, ВФ-ро бо роҳи тарҷумаи фразеологӣ ё ба тариқи (дар сурати набуди муодилҳои фразеологӣ ва шабеҳ) тарҷумаи ғайрифразеологӣ тарҷума мекунанд. Ба илова, усулҳои маъмули тарҷума вобаста ба баъзе вижагӣ ва навъҳои ВФ (маҷозӣ, сода ва равон, ВФ дар таркиби зарбулмасал ва мақолҳо), бо назардошти услуб, тобиши маъноӣ, воҳидҳои худи муаллиф ва амсоли ин корбурд мешаванд.

Ин омилҳои иловагӣ мушкилоти интиқоли ВФ-ро ҳал менамоянд.

Масъалаи тарҷумаи ВФ-и муодил бо интихоби ибораҳои муодили тайёр роҳандозӣ шуда, онҳоро ба гурӯҳи муодил ва аналогҳо ҷудо мекунанд.

Мусаллам аст, ки интиқоли ВФ бояд мазмунан муодилнок сурат гиранд, зеро онҳо бо арзишҳои миллӣ ва фарҳангӣ алоқаманданд.

Муодилнокии ВФ-ро ба ду навъ ҷудо мекунанд: пурра ва ҷузъӣ.

Бояд қайд намуд, ки ҷиҳати тарҷумаи ИР тоҷикӣ бештар усули калкаро истифода мебаранд. Ҳамчунин, дар баъзе ҳолатҳо сарчашмаи ИР оёту аҳодиси набавӣ, ибораҳои фразеологии лотинӣ ва юнонӣ ба шумор мераванд.

Ҳангоми набуди муодилҳои фразеологӣ, ибораҳои шабеҳ (аналог) истифода шуда, бо ин роҳ мазмуну мундариҷаи матн интиқол меёбад.

Дар хусуси тарҷумаи ибораҳои фразеологӣ (минбаъд ИФ) В.Н. Комиссаров қайд намудааст, ки ҳифзи мазмун ва вижагиҳои услубӣ ва эстетикӣ муҳим аст [4, с.128].

Аммо дар ҳолати набуди муодил, мутарҷим бештар тарҷумаи тавсифӣ ва калкаро истифода мекунад.

Муодилнокии мутлақ: ВФ-е, ки аз лиҳози маъно, таркиби луғавӣ, маҷоз, услуб ва сохтори грамматикӣ пурра мувофиқат мекунанд.

Муодилнокии ҷузъӣ бештар аз ҷиҳати маънои луғавӣ ва грамматикӣ фарқ намуда, аммо аз лиҳози маънои маҷозӣ ва услубӣ қисман мутобиқ аст.

Ба ҷуз муодилнокии мутлақ ва ҷузъӣ, дар назарияи тарҷума корбурди ИР-и шабеҳ ба мушоҳида расида, ҷиҳати муодилнокии тарҷума истифода мешаванд. ИР-и шабеҳ мазмун ва мафҳуми монандро ташаккул дода, аммо аз лиҳози ифодаи арзишҳои миллӣ-фарҳангӣ баъзан бо нусхаи асл пайванд намегиранд.

Аксари муҳаққиқон, аз ҷумла В.Н. Комиссаров, Л.Ф. Дмитриева, С.Е. Кунтсевич, Э.А. Мартинкевич, Н.Ф. Смирнова чор тарзи тарҷумаи ВФ-и маҷозиро пешниҳод намудаанд, ки дар мавриди тарҷумаҳои муодилноки мутлақ, ҷузъӣ ва шабеҳ, аллакай, дар боло қайд намудем.

Дигар навъи интиқоли ИР - тарҷумаи тавсифӣ ба ҳисоб рафта, ҳангоми номуодил будан, тарҷумон усули тавсифро истифода мекунад ва мундариҷаи аслро возеҳ ва

мухтасар баён менамояд. Ин навъи тарҷума маҳорат, таҷриба, истеъдод ва маърифати васеъ тақозо мекунад.

Л.Ф. Дмитриева, С.Е. Кунтсевич, Е.А. Мартинкевич, Н.Ф. Смирнова таъкид мекунанд, ки тавзеҳи маънои ВФ-е, ки на муодил ва на шабеҳ доранд, набояд таҳтуллафзӣ маънидод шаванд, балки ба тариқи тарҷумаи тавсифӣ анҷом ёбанд.

Тарҷумаи таҳтуллафзии ВФ - дигар усули ифода ба шумор рафта, дар ҳоли набуди муодилҳо, ВФ бо чунин роҳ маънидод мешаванд. Зеро, ин навъи тарҷума дар сурате зарур аст, ки агар ифодаи ВФ ба хонанда норавшан бошад.

Ҳамзамон, ҳангоми омӯзиши дигар усули тарҷума маълум гардид, ки иловаи калимаҳо, табодули ибораҳои содаи синтаксисӣ бо таркибҳои мураккаб, хосса муъҷазбаёнӣ ва ҷудо кардани ҷумлаҳоро декомпрессия меноманд [3, с.2007]. Таҳвилҳои грамматикӣ ва луғавӣ миқдори калима, ибора ва аъзои ҷумларо ҳангоми интиқоли сохтор ва мундариҷа зиёд ё кам мекунанд [4, с.125].

Муодилҳои муаллифиро метавон шартан вожаҳои фразеологӣ номид. Зеро, тарҷумон баъзан дар матни тарҷума ВФ-и мувофиқро дарнаёфта, иҷборан бо роҳи иборасозӣ маънидод мекунад ва дар ин росто воҳиди фразеологии нав эҷод мешавад. Агар ин ибораи тарҷумон қобили қабул бошад, пас тарҷумон дар интиқоли мундариҷа ва услуби ин воҳиди фразеологӣ муваффақ мегардад.

Воҳидҳои фразеологии инфиродӣ аз ВФ-и асл бо он фарқ мекунанд, ки онҳо аз нав маънидод намешаванд. Фразеологизмҳои муодил ва шабеҳ аз намудҳои зерин иборатанд: а) фразеологияи байналхалқӣ: ВФ-е, ки ба забонҳои зиёд аз сарчашмаҳои таърихӣ, асотирӣ, бадеӣ ворид гашта, иқтибос мешаванд ё дар натиҷаи рушди муносибатҳои байналхалқӣ роиҷ мегардад.

Тарҷумаи луғавӣ дар мавриде истифода мешавад, ки ибора ё мафҳум тавассути воҳидҳои фразеологӣ дар забони тарҷума бо калима ифода гардад. Яъне, аксари феълҳои англисиеро, ки ба шакли ибора истифода шудаанд, метавон бо муодили луғавии онҳо маънидод кард.

Хулоса, ҳангоми тарҷумаи луғавии ВФ, мазмун ва шакли онҳо ба воҳиди фразеологӣ бояд монанд бошад ё баъзе унсурҳои онро муҷассам намояд.

Тарҷумаи антонимӣ: ифодаи ВФ-и асл бо мазмун ва муҳтавои муқобил, инчунин ибораи ҳикоягиро бо инкорӣ маънидод намудан (ё баръакс).

ВФ "***нохунашро ҳам хӯрда мепартофт***" дар тарҷума бо усулҳои калка ва тавсифӣ анҷом ёфтааст. Масалан, вожаи "***нохунаш***" маҷозан бо калимаи "***bird***" (паранда) ифода шудааст.

Агар гург мешуд, дилаш он тараф истад, ***нохунашро ҳам хӯрда мепартофт*** [11, с.3].

If it was a wolf, ***he would have eaten the whole bird*** [11, с.5].

Дар ҷумлаи баъдӣ, падидаи асимметрияи ҷузъӣ ҳангоми тарҷумаи "***чанг хӯрдан***" - "***to breath dust***" (чангро нафас кашидан) рӯй додааст.

Чангу туфаланги шаҳрро ***хӯрда гашта будем-да?*** [11, с.5].

To think that all our lives ***we've been breathing*** in the city ***dust***! [11, с.3].

Дар мисоли дигар, ибораи "***Кӯҳ мулки падарат не***" бо роҳи калка ва тарҷумаи тавсифӣ анҷом ёфта, калимаи "***мулки падарат***" - "***your property***" (моликияти ту) ва "***кӯҳ***" дар шакли ҷамъ "***These mountains***" (ин кӯҳҳо) маънидод шудааст, ки онро асимметрияи грамматикӣ мегӯянд.

Кӯҳ ***мулки падарат*** не-ку! [11, с.6].

These mountains aren't ***your property*** [11, с.6].

Аммо дар ибораи "***аз сад ҷонамон яктоаш ҳам саломат намемонд***" усули таҳвил (бо ҷумлаи одӣ бидуни муодил ё усулҳои ҳамоҳангсозӣ) тағйир ёфта, ин ҳодисаро асимметрияи мутлақ меноманд.

Хайрият, Юсуф ин харсангро дида будааст, зеро ҳозир дар поён мешудем, ***аз сад ҷонамон яктоаш ҳам саломат намемонд!*** [11, с.9].

As they rolled down, I felt relieved that ***Yusuf had spotted our shelter and dragged me under it*** [11, с.9].

Мисоли зерин бо роҳи корбурди ибораи шабеҳ (аналог) тарҷума шудааст:

Хуб боб шудед? [11, с.11].

Serves you right [11, 11].

Интиқоли ибораи "***ақли ӯ намегирад***" бо роҳи тарҷумаи тавсифӣ анҷом ёфтааст. Ин ВФ-ро М. Фозилов чунин тавзеҳ додааст: "*чизеро надонистан, нафаҳмидан, сарфаҳм нарафтан, бовар накардан"* [12, с.46].

Ҳанӯз ***ақли ӯ намегирад***, - гуфт бародарам ва гиря карда сар дода илова намуд: - намефуроям! [10, с.12].

"My little brother ***doesn't know what's going on yet***!" Then, bursting into tears, "I am coming down!" [14, с.40].

Ибораи "***аз ақли худ бароварда***" дар фарҳанг чунин маънидод шудааст: "*чизеро мустақилона эҷод кардан, фикр карда баровардан"* [12, с.49]. Тарҷумон ибораи "***аз ақли худ бароварда***"- ро чун "***invented***" бо истифода аз усули таҳвили луғавӣ-грамматикӣ дуруст анҷом додааст:

Ҳанӯз ***ақли ӯ намегирад***, - гуфт бародарам ва гиря карда сар дода илова намуд: - намефуроям! [10, с.12].

"My little brother ***doesn't know what's going on yet***!" Then, bursting into tears, "I am coming down!" [14, с.40].

Ибораи "***аз ақли худ бароварда***" дар фарҳанг ба маънои "*чизеро мустақилона эҷод кардан, фикр карда баровардан"* [12, с.49] омадааст. Тарҷумон ибораи номбурдаро "***invented***" (кашф кард, сохт, бикушод) тарҷума намудааст:

Ана ҳамин майдакориро ба дувоздаҳгиреҳи қадимӣ ман ***аз ақли худ бароварда*** ҳамроҳ кардам [10, с.43].

Well, I ***invented*** these extra curlicues and combined them with the traditional twelve knots [14, с.77].

Ибораи "***бастани роҳ***" бо чунин маънӣ омадааст: "*ба иҷрои нияти касе имконият надодан, ба кори касе мамониат кардан*" [12, с.78].

Албатта, ин кор ***барои бастани роҳи ишқбозии*** Ҳабиба бо писари косагар будааст [10, с.68].

It was, of course, ***to stop*** Habiba and the potter's son ***seeing each other*** [14, с.110].

Аммо ибораи мазкур аз тарафи профессор Ҷон Перрӣ бо роҳи тарҷумаи тавсифӣ маънидод шудааст.

Ибораи рехтаи "***баъд аз сари***" ифодагари маънои "*баъд аз вафоти касе*" [12, с.85] буда, комилан бо мазмуни дигар "***even then***" (ҳатто баъд) ифода шудааст:

Аммо падарам ***баъд аз сари*** онҳо ҳам истиқомати дуҷоягиро тарк накардааст [10, с.9].

But even ***then my*** father did not give up his double residence [14, с.36].

ИР "***аз болои касе калонӣ кардан***" дар фарҳанг чунин омадааст: "*1.ба мансаб ва мартабаи каси наздики худ болидан, ба дастгириш ягон кас умед баста ҳавобаландӣ ва калонигарӣ кардан; 2. аз ҳисоби касе хароҷот ё кайфу сафо кардан*" [14, с.124]. Аммо дар матни тарҷума нодуруст маънидод шудааст. ***thinking herself better than her parents***" (*аз падару модараш худро боло меҳисобид*).

Ибораи "***ба хушрӯии худ гарқа***" - "***being wrapped up in her own beauty***" ба тариқи калка маънидод шуда, аз лиҳози мазмун ва муҳтаво пурра пайванд гирифтааст. Ҳамчунин, феъли "***гарқа шудан***" ба англисӣ "***being wrapped up***" (печидан) тарҷума шуда, аз лиҳози маънои луғавӣ асимметрия мебошад.

Ва дар ғайби онҳо аз онҳо шикоят мекарданд: дар ҳаққи Қутбия «бадмуомила, бадгап, калонгир ва ***аз болои*** падару модараш ***калонӣ мекунад***» - мегуфтанд. Дар ҳаққи Ҳабиба бошад, «сабук, сергап, созандаҳо барин ғазал мехонад, ***ба хушрӯии худ гарқа***» - мегуфтанд [10, с.60].

They would find fault with both behind their backs, decrying Qutbiya for being spiteful, gossipy, haughty, and ***thinking herself better than her parents***, and Habiba for being flighty and overly talkative, singing love songs like a professional crooner, and ***being wrapped up in her own beauty*** [14, с.101].

ВФ "***бурду бой шуд***" ифодагари маънои "*пули бурду бохтшуда дар аснои гаравбандӣ ва қимор*" [12, с.124] буда, қисман бо усули фразеологияи шабеҳ тарҷума шудааст.

Дар он ҷо ҳам монанди хартозӣ дар тагалҷангандозӣ ҳарифон бо якдигар гарав мебастанд ва тамошобинон бологарав мемонданд, ки дар натиҷа маблағи бисёре ***бурду бой шуд*** [10, с.89].

Here, just as in the donkey-racing, the competitors bet against each other's animals and the spectators bet against each other on the outcome; as a result, a great deal of money ***changed hands*** [14, с.138].

Ибораи рехтаи "***changed hands***" дар фарҳанг бо чунин маъно омадааст:

Change hands - if something changes hands, it gets a new owner.

The house has ***changed hands*** several times in the last few years [15].

Ҳамзамон, Ҷон Перрӣ тарҷумаи ибораи "***аз гапи касе баромадан***"-ро дуруст бо усули озод "***disobey***" анҷом додааст. Зеро, ибораи номбурда дар фарҳанг бо маънои "*мувофиқи гуфтаи касе кор накардан, ба гуфтаи касе амал накардан, хилофи гуфтаи касе рафтор кардан*" [12, с.170] омадааст.

Дар идомаи ҷумла, ибораи "*аз даст ҷудо шудӣ*"-ро бо ибораи феълии "***lose the use of*** (something)" маънидод намудааст.

Аз гапи ман баромада аз даст ҷудо шудӣ [10, с.96].

You've disobeyed me and lost the use of your arm [14, 148].

Дар поён маънои луғавии ибораи "***lose the use of*** (something)" бо мисолҳо шарҳу тавзеҳ ёфтааст [35]:

lose the use of (something) - 1. To be unable to use some body part [35].

I lost the use of my eyes when I was only five, so I don't really have a sense of what anything truly looks like.

She lost the use of her left leg after it got trapped underneath the wheel of the tractor.

2. To have something taken away from one; to be deprived of something [35].

She lost the use of the PlayStation for failing another test.

Repeat offenders will lose the use of their company laptops outside of the office.

3. ***lose the use of something*** - to be deprived of the use of something.

After the accident, I lost the use of my left arm for a few days. Andy lost the use of the car for a week [35].

Дар ҷумлаи баъдӣ, ибораи "***гардан додан***" истифода шудааст, ки тибқи иттилои фарҳанг маънои "*1. розӣ шудан; 2. итоат намудан; таслим гардидан; тан додан*" [12, с.210]-ро ифода мекунад ва мазмунан бо ибораи рехтаи англисӣ симметрия мебошад. Ҳамчунин, ибораҳои "***худатонро калон мегирифтед***" - "***think you're so high and mighty***" ва "***назаратон намегирифт***" - "***never owned anyone as your equal***" бо роҳи тарҷумаи тавсифӣ тарҷума шудааст.

Шумо, ки, - гуфт акаам ба ӯ, - ***худатонро калон мегирифтед***, ҳеч касро ***назаратон намегирифт*** ва аз рӯфта тоза кардани ҷойи хоби худатон ор мекардед, чӣ навъ шуд, ки ба ин кори паст ***гардан додед***? [10, с.105].

"You" my brother said, "who ***think you're so high and mighty***, who ***never owned anyone as your equal*** and were ashamed to make your own bed - what made you ***stoop to such a menial job***" [14, с.148].

Тибқи луғатномаи Кембриҷ феъли "***stoop to sth***" чунин эзоҳ шудааст:

stoop to sth - to lower your moral standards by doing something that is unpleasant, dishonest, or unfair [15]:

I don't believe she would ever stoop to bribery or blackmail.

[+ -ing verb] He was amazed that a reputable firm would stoop to selling the names of their clients to other companies [15].

Ибораи "***чизе ба дард хӯрдан***" маъноҳои гуногунро ифода мекунад, аз ҷумла "*1. ба касе даркор будани чизе; 2. ба дарде дармон шудани чизе; 3. мувофиқи матлаб будани чизе*" [12, с.286], аммо дар матни тарҷума бо ҷумлаи одии "***with the necessary letter***" маънидод шуда, боиси зуҳури асимметрияи байнизабонӣ гаштааст.

Ман аз ин камбудии ҳарифи худ фоида бурда фиребгариро ба кор бурдан гирифтам: калимаҳои баъзе байтҳоро, ки ҳарфи аввалиашон ***ба дарди ман мехӯрд*** [10, с.125].

I took advantage of his weakness and began to cheat: sometimes I substituted a spurious word or phrase for the beginning of a verse that did not begin with the right letter, and other times I changed the word order of the verse so it would start ***with the necessary letter*** [14, с.126).

Ибораи "***дил гарм шудан***" ба маънои "*1. касеро дӯст доштан, ба касе меҳр, муҳаббат пайдо кардан; 2. ба касе боварӣ, эътимод пайдо намудан*" [12, с.355] омада, дар ҷумлаи "з*удтар тӯй карда ду дилдодаро ба муродашон*" ба тариқи тарҷумаи озод анҷом ёфтааст.

ИФ-и мазкур бо "***to soften the rich man's heart***" (барои ***ором кардани*** қалби боймард) дар ҳоли муодилнокии чузъӣ қарор дорад. Яъне, феъли "***гарм кардан***" бо феъли "***to soften***" (*ором, нарм кардан, таскин додан, мулоим кардан*) аз лиҳози маънои луғавӣ қисман муодил мебошанд.

Хизмати бойро бошад, аз пештара ҳам хубтар, бисёртар мекардааст, ки ӯ ***дилаш гарм шуда***, *зудтар тӯй карда ду дилдодаро ба муродашон расонад* [10, с.125].

From the very start he had worked especially hard in order ***to soften the rich man's heart*** and *hasten the marriage* [14, с.63].

Ибораи рехтаи "***ба дил задан***" дар фарҳанг ба маънои "*аз чизе безор шудан, аз касе, чизе малул, нохуш шудан, аз чизе, касе дилгир, дилтанг гардидан*" [12, с.372] омада, бо "***I'm sick and tired of***" (аз чизе бемор ё хаста шудан) қисман муодил шудааст.

Ман насиҳати Мавлоноро гӯш накарда ба саҳро омадам, саҳро ***ба дилам зад*** [10, с.125].

I ignored Mavlono's advice and came to the country, and now ***I'm sick and tired of*** it [14, с.189].

Ибораи "***to be sick and tired of (something)***" дар фарҳанг ба таври зайл тавзеҳ ёфтааст:

to be sick and tired of (something) - to be or become exceedingly wearied by, bored of, or exasperated with something [17].

I'm so sick and tired of doing my boss's errands. If something doesn't change soon, I'm going to quit! [17].

I was all gung-ho about this graduate program when I first began, but I must admit that I've been sick and tired of these boring lectures lately [17].

Маънои луғавии ибораи "***чизе аз дили касе нарафтан***" дар фарҳанг "*чизеро аз ёди худ набаровардан, фаромӯш накардан*" [12, с.376] зикр шуда, аммо бо тарҷумаи муқобил "***be still with smb***" (ҳанӯз бо касе будан) маънидод шуда, қисман пайванд гирифтааст.

Асари зарбаи торсакии Сайид Акбар аз гӯшу рӯям кайҳо рафта бошад ҳам, таъсири он ***зарба ҳанӯз аз дилам нарафта буд*** [10, с.73].

Now, although the marks of Sayid-Akbar's slap had long vanished from my face, its inner effects ***were still with me*** [14, с.117].

Таҳвили тарҷума яке аз усулҳои маъмули интиқоли матни асл буда, тақрибан дар тамоми асарҳои тарҷумавӣ истифода мешавад. Масалан, тарҷумаи "***дили соҳибкорон аз инҳо сард шуда***" бо роҳи тағйири сохтор ва муҳтаво сурат гирифта, "***employers would be reluctant***" (кордиҳандагон маҷбур мешуданд ё аз майлашон мемонданд) маънидод шудааст, ки онро асимметрияи фразеологӣ мегӯянд.

Дар натиҷаи дарбадарӣ аз баланд кардани дараҷаи ҳунармандии худ боз мемонанд ва ба болои ин, ***дили соҳибкорон аз инҳо сард шуда***, ба корхонае роҳ намеёбанд [10, с.80].

This nomadic existence would hinder them from improving their skills, and in consequence ***employers would be reluctant*** to hire them [14, с.126).

Дар мисоли дигар, ибораи "***аз дили худ шеър бароварда гӯяд***", ки дар фарҳанг бо мазмуни "*1. суханеро аз худ ёфта гуфтан; 2. чизеро эҷод кардан*" [12, с.395] баён шудааст, бо роҳи таҳтуллафзӣ тарҷума шудааст.

- Шоир касеро мегӯянд, ки – гуфт падарам, - ***аз дили худ шеър бароварда гӯяд*** [10, с.70].

"A poet" explained my father, "Is someone who composes - that is, ***makes up and recites - poetry***" [14, с.126).

Ибораи рехтаи "д***ар дили худ кина гирифтан***"- ро М.Фозилов чунин шарҳ додааст: "*нисбат ба касе дар дил адоват, бугз, душманӣ пайдо шудан, нисбат ба касе дар дили худ адоват нигоҳ доштан"* [12, с.397]. Ин ибора дар матни тарҷума муодилнок маънидод шудааст, ки онро симметрияи мутлақ меноманд.

Албатта, ман аз ӯ ***кинаи сахте дар дили худ гирифтам*** [10, с.64].

Naturally I ***conceived a deep grudge against him*** [14, с.105].

Ибораи рехтаи "***to have a grudge (against one)***" (ба касе кина доштан) дар фарҳанг ба таври зерин эзоҳ шудааст:

to have a grudge (against one) - (redirected from have a grudge against) - to remain angry with one about some past slight or misdeed [17].

Although our disagreement happened months ago, Lily clearly still ***has a grudge*** *because she won't say a word to me* [17].

My sister-in-law ***had a grudge against me*** *for years after she found out that I said her wedding dress was ugly* [17].

Ибораи "***забони хуш доштан***" муодилнок тарҷума шудааст.

Ӯ соҳиби хатту савод буд ва ба мардум ***забони хуш*** ва муомилаи нек ***дошт*** [10, с.28].

He was literate, had a sense of humor, and ***got on well with*** people [14, с.60].

Ибораи "***get on with something***" дар фарҳанг ба таври зерин ташреҳ шудааст:

get on with something (phrasal verb, transitive) - to give your time to something and make progress with it [15].

The sooner we finish the speeches, the sooner ***we can get on with*** *the celebration* [15].

get on with the job/business/work of something: *Our priority now is* ***to get on with the job*** *of developing a comprehensive test ban treaty* [15].

get on with doing something: *The government must* ***get on with addressing*** *these long-standing issues* [15].

Ибораи "***калонгир будан***" маънои "*мутакаббир, магрур, ҳавобаланд будан*" [12, с.515]-ро ифода намуда, он бо усули тарҷумаи тавсифӣ чунин ифода намудааст: "***proud of being descended***".

Ба илова, интиқоли ибораи "***аз хоҷагони хатчагӣ буда***"-ро бо усули калка анҷом додааст.

Духтарҳояш хурдсол буданд, занаш ҷавон ва ***аз хоҷагони хатчагӣ буда***, хеле ***калонгир буд***, ғайр аз пухтупаз ба дигар кор даст намезад [10, м29].

His wife was young, and very ***proud of being descended*** from ***a long line of khojas*** [14, с.60].

Ибораи "***масъалаҳои нӯгирӯймолӣ***" аз воҳидҳои фразеологии муаллифи асар ба ҳисоб рафта, онро Ҷон Перрӣ бо роҳи ибораи шабеҳ (аналог) маънидод намудааст. Ибораи мазкур дар фарҳанг ба маънои "*масъалаҳоеро, ки баъзе касон барои голиб омадан дар мунозира ёд гирифта мемонанд, чистонҳо, муаммоҳо ва ҳисоби абҷад барин чизҳоро, ки маънои баъзе шеърҳоро, ки фаҳмидани он ба донистани ягон воқеа мавқуф аст*" [12, с.623] зикр шудааст.

Вожаи "***headscratchers***" дар луғат маънои заринро ифода мекунад:

head-scratcher:

1. A person who scratches his or her head, especially in puzzlement or thought; (hence) a perplexed or thoughtful person. Compare to scratch one's head.
2. *US informal*. A perplexing problem or question; something which causes bafflement or puzzlement.
3. An implement for scratching the head. Now chiefly historical [17].

ИР-и "***маҳри духтари нададонӣ вазнин аст***" маънои "*касе, ки духтари худро ба касе ба занӣ нададонӣ бошад, узри бисёр меовард, маҳри аз ҳад зиёд талаб мекунад*" [12, с.627]-ро ифода намуда, аммо аз сабаби набуди муодил, он бо усули калка тарҷума шудааст.

Мо ягон касро ранҷондан намехоҳем, бинобар ин, ба хостгорҳо «***равед, мо ба шумо духтар намедиҳем***» намегӯем, лекин чунонки «***маҳри духтари нададонӣ вазнин аст***» гуфтаанд, ба ӯ баҳои баланд мемонем [10, с.31].

We don't want to hurt anybody's feelings, so instead of ***refusing the*** matchmakers ***outright***, we discourage them by setting such a high price for her that they ***think we really don't want to marry her off at all*** [14, с.64].

"***Номи худро дигар мондан (гардондан)***" дар фарҳанги номбурда чунин маънидод шудааст: "*қасам, ваъдаи сахт: агар дар қавли худ собит набошам, ман - ман нестам*" [12, с.715]. Лекин тарҷумон онро таҳтуллафзӣ тарҷума намудааст.

Ҳамзамон, ба тариқи таҳвили тарҷума ибораи "***лақаби*** «*Хархӯрӣ*» ***ба ман ҳаром шавад***"-ро "***I'll change my name***" бо шеваи равон баён намудааст, ки онро асимметрияи услубӣ мегӯянд.

Агар хари ман аз ҳамин хари маслух монад, ***номамро мегардонам*** ва ***лақаби*** «*Хархӯрӣ*» ***ба ман ҳаром шавад*** [10, с.88].

If my ass is passed by this carrion, ***I'll change my name*** from "*Ass-killer*" [14, с.137].

ИР-и навбатии "Оламро обу азоб гирад, ***парво надорам***" бо усули калка "***It doesn't worry*** if the world ends in flood or fire" тавзеҳ шудааст. Мувофиқи иттилои фарҳанг ин ибора маънои "*ба азобу машаққат, гаму гусса, мусибати касон парвое надорад, манфиати шахсии худро авлотар медонад*" [12, с.768-769]- ро ифода мекунад.

“***Оламро обу азоб гирад, парво надорам***” - гуфт, Алихон дар ҷавоб [10, с.24].

“***It doesn’t worry if the world ends in flood or fire***” Ali-Khan replied [14, с.54].

Дар намунаи дигар, ИР-и “***пасу пеши худро дидан***” мувофиқи маълумоти М. Фозилов маънои “*1. гузашта, ҳозира ва ояндаро ба назар гирифта... имконияти худро ба ҳисоб гирифта... фикру андеша, мулоҳизакунон...*” [12, с.813]- ро фаро гирифта, аммо дар тарҷума нобаробар ифода шудааст.

Писарам, ту дилтангӣ накун ва ҳар касро дар миёна наандоз, ман ***пасу пеши худро дида*** асбоби тӯйро тайёр кунам, амри хайри шумоёнро пеш мегирам [10, с.31].

No need to be upset, my son, nor to involve other people in our affairs. I ***have everything in hand*** for your wedding, so you will both live happily ever after [14, с.64].

ИР баъдӣ маънои “*хуррам, дилшод, хушҳол шудан*”- ро ифода мекунад [12, с.831], аммо таҳтуллафзӣ маънидод шудааст.

Падар аз ҷояш хеста нишаста ба чойнӯшӣ ва нонхӯрӣ даромад ва ҳоло ҳам ***пешонааш кушода намешуд*** [10, с.31].

My father roused himself and squatted to eat, but even then ***his expression remained troubled*** [14, с.88].

“***Пешонаи худро туриш кардан***” дар фарҳанг ба маънои “*1. чеҳраи худро газабомез, қаҳромез намудан, қавоқи худро овезон кардан; 2. бо ифодаи чеҳраи худ норизогӣ баён намудан*” [12, с.832] омада, бо ибораи феълии “***look daggers at***” қисман мувофиқ омадааст.

Духтари хатиб аз ин кори ӯ зоҳиран дар хашм мешуд, ***пешонаи худро туриш***, абрӯвонашро чин ва чашмонашро хашмгиннамо мекард [10, с.60].

The khatib’s daughter was visibly embarrassed by Habiba’s behavior. She would scowl and ***look daggers at*** her [14, с.101].

ИР-и номбурда дар луғатнома ба таври зайл тафсир шудааст:

look daggers at (one) - to glare at someone very angrily, spitefully, or disdainfully [15].

I noticed the bride ***looking daggers at*** *the best man as he started making vulgar jokes during his speech* [15].

look daggers at someone - Fig. to give someone a dirty look [15].

Tom must have been mad at Ann from the way he was ***looking daggers at her****. Don't you dare look daggers at me! Don't even look cross-eyed at me!* [15].

look daggers at - glare angrily or venomously at [15].

The expression speak daggers is also found and is used by Shakespeare's Hamlet in the scene in which he reproaches his mother [15].

Дар мисоли баъдӣ, ҳангоми ифодаи “***ба рӯйи ман мезанӣ***” муодили англисии “***fling it in my face***” қисман ғалат тарҷума шудааст. Зеро, пешоянди “***up***” аз ибора ҳазф шуда, бояд “***fling it up in my face***” навишта шавад.

Шарҳи маънои луғавии ин ибора чунин аст:

fling (something) up in (one's) face - to exploit some information or evidence as a means of accosting or upbraiding one [15].

The boss ***flings*** *that awful presentation* ***up in my face*** *anytime I ask for more responsibilities* [15].

The president's political opponents were eager ***to fling*** *his signature healthcare bill* ***up in his face*** *during the re-election campaign* [15].

fling something up in someone's face - Fig. to bring a problem up and confront someone with it [15].

Don't ***fling it up in my face****! It's not my fault! I don't like anyone* ***to fling up*** *my past* ***in my face*** [15].

Дар канори ин, бояд қайд намуд, ки ибораҳои “***сабукпо будааст***” ва “***Ту бо қитти ҷонат ҳар… ки ӯ хӯрдааст***” муодилнок тарҷума шудаанд.

Ҳабиба-ку як духтари аҳмақи ***сабукпо будааст***. ***Ту бо қитти ҷонат ҳар… ки ӯ хӯрдааст***, шарм накарда начакконда оварда ***ба рӯйи ман мезанӣ***, - гӯён кашидаву кушода як торсакӣ ба рӯйи ман зад [10, с.64].

“That Habiba is a stupid, ***flighty baggage***” he said in a strangled voice, “and you - ***you shovel up the shit she hands out***, bring it all wide-eyed innocence, and ***fling it in my face***!” And he slapped me hard across the face [14, с.105].

Ибораи “***The hell with luck***” ба тоҷикӣ бо ибораи маъмули “***Гӯр ба сари бахт***” маънидод шудааст. Лекин ибораи “***I am not lucky anymore***” иштибоҳан “***Дигар бахтам баргаштааст***” тарҷума шуда, мебоист “*Ман дигар некбахт нестам*” ифода мешуд.

“No. I am not lucky. I am not lucky anymore.” “***The hell with luck***,” the boy said. “I’ll bring the luck with me” [13, с.164].

- Не. Ман одами бетолеъ. Дигар бахтам баргаштааст.

- ***Гӯр ба сари бахт***. - гуфт писарак. - Ман бахтро мебиёрам [13, с.165].

Дар тарҷумаи ҷумлаҳои “***It is better to be lucky***” ва “***when luck comes you are ready***” усули калка истифода шудааст.

Every day is a new day. ***It is better to be lucky***. But I would rather be exact. Then ***when luck comes you are ready*** [13, с.38].

Ҳар рӯз рӯзи нав аст. **Беҳтар, ки бахт ёрӣ кунад**, вале одам бояд дақиққор бошад. Вақте ки ***бахт ба рӯят механдад*** бояд омода бошӣ [13, с.39].

Дар ҷумлаи дигар, идиомаи “***Anyone can be a fisherman in May***” бо истифода аз ВФ “***ҳар буз ҳам хирман мекӯбад***” маънидод шуда, сабаби симметрияи мазмун гаштааст.

Ба андешаи мо, шакли “***ҳар буз ҳам хирман намекӯбад***” ва шакли манзуми он “***кори ҳар буз нест хирман кӯфтан***” миёни мардум мутадовил аст.

“The month when the great fish come,” the old man said. “***Anyone can be a fisherman in May***” [13, с.18].

- Моҳи омадани моҳии бузург, - гуфт пирамард. - Дар моҳи май ***ҳар буз ҳам хирман мекӯбад*** [13, с.19].

“***Anyone can be a fisherman in May***.” Яъне, ҳангоми ҳаво сард будан, моҳӣ доштан мушкилтар аст, аммо Сантяго ба ин азоб омода буд. Ин ибораи рехтаро дар мавриди нодир будани қобилияти инсонӣ истифода мебаранд. Пас, ҳадафи мӯйсафед ин буд, ки Сантяго ба моҳигирӣ ҷидду ҷаҳд намояд.

Масъалаи интиқоли ВФ-и нобаробар бештар тавассути калка ва тарҷумаи тавсифӣ сурат гирифтааст.

Аз мулоҳиза ва баррасиҳо бармеояд, ки мушкилоти тарҷумаи ВФ-ро забоншиносон ба таври мухталиф баррасӣ намуда, усулҳои гуногунро тавсия додаанд ва ихтилофи назар низ вуҷуд дорад.

Ҳангоми интиқоли ВФ тарҷумон бо ибораҳои содаву мураккаб рӯ ба рӯ шуда, дар натиҷа ин ё он усули тарҷумаро ҷиҳати муодилнокии он интихоб намудааст.

Аксари тарҷумаҳо бо усулҳои калка, озод ва тавсифӣ анҷом ёфта, гоҳ-гоҳ ифодаи шабеҳи синтаксисӣ ва тарҷумаи фразеологӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Ба назари мо, тарҷумаи ВФ дар сурати набуди муодилҳо бо роҳи тарҷумаи фразеологӣ ё тарҷумаи озод роҳандозӣ шавад.

Тарҷумаи ВФ аз шахс огоҳии комил аз арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ, таърихӣ, урфу одат ва дину оини забонҳои муқоисашавандаро тақозо менамояд.

Ҳамзамон, дар раванди тарҷума, реалияҳо, арзишҳои фарҳангӣ ва ғояҳои аслро бо таҷрибаи баланди тарҷумонӣ бояд равон баён намуд. Аз ин рӯ, тарҷума ВФ танҳо аз истеъдод, ҷаҳонбинӣ, таҷриба ва маҳорати тарҷумон вобаста аст.

Муқарриз: Ҳомидова Н. – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДПДТТ ба номи М.Осимӣ.

А Д А Б И Ё Т

1. Арнольд И.В. Стилистика современного английского языка / И.В. Арнольд. - Л.: Просвещение, 1973. - 303 с.
2. Казакова, Т.А. Практические основы перевода / Т.А. Казакова. – СПб.: Лениздат: Союз, 2002. – 320 с.
3. Каминский, Ю.И. Комплементарное единство компрессии и декомпрессии в рамках закона языковой экономии / Ю.И. Каминский // Вестник Сумского гос. ун-та. Сер. «Филология». – 2007. – № 1, Т. 2. – С.109-112.
4. Комиссаров, В.Н. Современное переводоведение / В.Н. Комиссаров. – М.: ЭТС, 2001. - 278 с.
5. Кунин А.В. Курс фразеологии современного английского языка / А.В. Кунин. - М.: Высш. шк., 1986. 396 с.
6. Латышев Л.К. Перевод: теория, практика и методика преподавания / Л.К. Латышев, А.Л. Семенов. - М.: Академия, 2003. - 192 с.
7. Фёдоров, А.В. Основы общей теории перевода (лингвистические проблемы) / А.В. Фёдоров. - СПб., 2002. - 416 с.
8. Швейцер А.Д. Теория перевода: Статус, проблемы, аспекты / А.Д. Швейцер. - М.: Наука, 1988. - 215 с.

9. Ҳусейнов Ҳ. Луғати терминҳои забоншиносӣ / Ҳ. Ҳусейнов, К. Шукурова. – Душанбе: Маориф, 1983. – 256 с.

ФАРҲАНГУ МАНОБЕЪ

10. Айнӣ, С. Ёддоштҳо (чаҳор қисм) / С. Айнӣ. Иборат аз як китоб. - Душанбе. Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2009. - 680 с.
11. Муҳаммадраҳим Карим. “Ширин” (қисса) / Карим Муҳаммадраҳим, Ҷ. Қуддус. - Душанбе: Адиб, 2006. - 176 с.
12. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони тоҷикӣ. Ҷ.1.2. / М. Фозилов. – Душанбе: Нашр. дав. Тоҷикистон, 1963. - 952 с.; - 1964. - 803 с.
13. Эрнст, Хемингуей. Мӯйсафед ва баҳр. Повест / Хемингуей, Эрнст; бо иқдоми сафорати Амрико дар Тоҷикистон; тарҷумаи Муҳаммадсалим Азизмуродов. – Душанбе: Бухоро, 2014. - 168 с.
14. The Sands of Oxus: Boyhood Reminiscences of Sadriddin Aini by Sadriddin Ayni. Translated from Tajik Persian with an introduction and notes by John R. Perry and Rachel Lehr. Costa Mesa, California: Mazda Publishers. - 1998. +ix-275 pp.

Сомонаҳои электронӣ:

15. https://dictionary.cambridge.org/ (санаи истифода: 05.07.2021).
16. https://www.macmillandictionary.com/ (санаи истифода: 06.07.2021).
17. https://idioms.thefreedictionary.com/ (санаи истифода: 06.07.2021).
18. https://www.lexico.com/ (санаи истифода: 06.07.2021).

АСИММЕТРИЯИ БАЙНИЗАБОНӢ ДАР ТАРҶУМАИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ аз муҳимтарин масоили назария ва амалияи тарҷума ба шумор меравад. Мусаллам аст, ки тарҷумаи ВФ бояд мушаххас ва аз лиҳози мазмун ва муҳтаво муодил бошанд, зеро онҳо бо арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ, фолклори халқӣ, расму анъана ва дигар паҳлуҳои зиндагӣ алоқаи ногусаста доранд. Ҳадафи мақола ҳаллу фасли тарҷумаи ВФ дар забонҳои тоҷикӣ ва таъйини падидаҳои асимметрияи байнизабонӣ мебошад. Асари “Ёддоштҳо”-и С.Айнӣ бо тарҷумаи англисии он, тарҷумаи англисии қиссаи “Ширин”, повести “Мӯйсафед ва баҳр”-и Эрнст Хемингуей ва тарҷумаи англисии он мебошад. Масъалаи маънидоди ВФ асосан тавассути калка ва тарҷумаи тавсифӣ ҳал мегардад. Бинобар ин, мутарҷимон ифодаи ибораҳои рехтаро бештар бо роҳи калка ва тарҷумаи тавсифӣ ба хонанда пешниҳод намудаанд. Хулоса, муаллиф чунин меҳисобад, ки мушкилоти тарҷумаи ВФ-ро забоншиносон ба таври мухталиф баррасӣ намуда, усулҳои гуногуни тарҷумаро тавсия медиҳанд ва, албатта, ихтилофи назар вуҷуд дорад. Ҳангоми тарҷума тарҷумон бо ибораҳои содаву мураккаби фразеологӣ рӯ ба рӯ шуда, дар натиҷа ин ё он методи тарҷумаро интихоб мекунад. Аммо натиҷа ва сифати тарҷума аз истеъдод, ҷаҳонбинӣ ва таҷрибаи тарҷумон вобаста аст. Ҷиҳати тарҷумаи босифат, тарҷумон бояд қаблан аз арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ, таърих, урфу одат ва расму оинҳои забонҳои асл ва тарҷума хуб огаҳ бошад ва хештанро як ҷузъи ҷудонопазири фарҳанги он халқҳо ҳисобад, тамоми мушкилиҳои тарҷумаро ба тарзи мувофиқ ҳаллу баррасӣ намояд.

Калидвожаҳо: тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ, ибораҳои рехта, асимметрияи байнизабонӣ, тарҷумаи “Ёддоштҳо”, таҳлили муқоисавӣ.

МЕЖЪЯЗЫЧНАЯ АСИММЕТРИЯ В ПЕРЕВОДЕ ТАДЖИКСКИХ И АНГЛИЙСКИХ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ

Перевод фразеологических единиц - один из важнейших вопросов теории и практики перевода. Очевидно, что перевод ФЕ должен быть адекватным и эквивалентным по содержанию, так как они неразрывно связаны с национальными, культурными, фольклорными, традициями и другими аспектами жизни. **Цель статьи** - решить проблему перевода ФЕ и определить явление межъязыковой асимметрии. **Основные материалы** - «Воспоминания» С. Айни с английским переводом, английский перевод повести «Ширин», рассказ «Старик и море» Эрнста Хемингуэя и его английский перевод. **Результаты**. Проблема перевода ФЕ решается в основном калькой и описательным переводом. Следовательно, переводчики переводят фразеологическое сращение в основном этими методами. **Заключение**. Автор считает, что проблема перевода ФЕ по-разному решается лингвистами, которые рекомендуют разные методы перевода, и есть разногласия. Переводчик сталкивается с простыми и сложными фразеологизмами, в результате чего он выбирает тот или иной способ перевода. Но результат и качество перевода зависят от таланта, мировоззрения и опыта переводчика. Чтобы выполнить качественный перевод, прежде всего, переводчик должен ознакомиться с национальными, культурными, историческими, традициями и обычаями языков оригинала и перевода, и считая себя неотъемлемой частью культуры этих народов, должен решить все трудности перевода соответствующим образом.

Ключевые слова: фразеологизмы, перевод лишних словосочетаний, межъязыковая асимметрия, перевод «Воспоминания», сравнительный анализ.

INTERLINGUAL ASYMMETRY IN TRANSLATION OF TAJIK AND ENGLISH PHRASEOLOGICAL LOCUTIONS

Translation of phraseological locutions is one of the most important issues in the theory and practice of translation. Obviously, the translation of phraseological locutions should be adequate and equivalent in content, since they are inextricably linked with national, cultural, folklore, traditions and other aspects of life. ***The purpose of the article*** is to solve the problem of translation of phraseological locutions and to determine the phenomenon of

interlanguage asymmetry. ***The main materials*** are “Memories” by S. Aini with its English translation, English translation of the novel “Shirin”, the story of “The old Man and the Sea” by Ernst Hemingway and its English translation. ***Results***. The problem of phraseological locution translation is solved mainly by loan and descriptive translations. Consequently, translators translate phraseological locutions mainly using these methods. ***Conclusion***. The author believes that the problem of translation of phraseological locutions is discussed in different ways by linguists who recommend different methods of translation, but there are disagreements, too. The translator is faced with simple and complex phraseological locutions, as a result of which he chooses one or another method of translation. But the result and quality of the translation depend on the talent, mindset and experience of the translator. In order to perform a high-quality translation, first of all, the translator must familiarize himself with the national, cultural, historical, traditions and customs of the source and target languages, and considering himself an integral part of the culture of these languages, he must solve all the difficulties of translation accurately.

Key words: phraseological locutions, translation of fixed phrases, interlingual asymmetry, translation of "Memories", comparative analysis.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мақсудов Умед Олимович*** - Маркази илмии Хуҷанди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, унвонҷӯй. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 20.
E-mail: **olimi.umed@mail.ru.** Тел.: **(+992) 928-85-55-50**

Сведение об авторе: ***Максудов Умед Олимович*** - Худжандский научный центр национальной НАНТ, соискатель. **Адрес:** 735700, Таджикистан, Согдийская область, г. Худжанд, 20-й квартал.
E-mail: **olimi.umed@mail.ru.** Тел.: **(+992) 928-85-55-50**

Information about the author: ***Maksudov Umed Olimovich*** - Khujand Scientific Center of the National Academy of Sciences of Tajikistan, doctoral candidate. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Sughd, Khujand, 20th district.
E-mail: **olimi.umed@mail.ru.** Тел.: **(+992) 928-85-55-50**

УДК: 491.550

ИДИОМАҲОИ МУБОЛИҒАВӢ ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ

Забирзода Ш.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Пӯшида нест, ки омӯзиши самараноки масъалаҳои гуногуни шохаи фразеологияи забони тоҷикӣ баъд аз нимаи асри гузашта оғоз шуда, давра ба давра тавсеа ёфта истодааст. Агар дар солҳои 70-80-уми асри гузашта танҳо ба масъалаҳои сохториву маъноӣ ва нишонаҳои асосии фразеологизмҳо таваҷҷуҳ мешуд, айни ҳол дигар масъалаҳои ба онҳо алоқаманд – мундариҷаи маъноӣ, мавҷудияти воситаҳои тасвири бадеӣ дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ, услубиёти ин навъи воҳидҳои забон ва ғайра мавриди баррасӣ қарор доранд. Дар ин замина солҳои охир асару мақолаҳои зиёди илмӣ рӯйи кор омада истодаанд, ки паҳлуҳои норушани ин шохаи забоншиносии тоҷикро таҳқиқ карда истодаанд.

Албатта, дар рушд ва таҳқиқи масъалаҳои мубрами фразеологияи тоҷик нақши як қатор забоншиносон назаррас мебошад. Дар ин қатор аз хизматҳои шоёни забоншиноси варзида, профессор Ҳ. Маҷидов метавон ёдоварӣ намуд, ки ӯро дар ҳавзаи забоншиносии тоҷику форс ҳамчун бунёдгузори илми фразеология медонанд. Мавсуф тавонист бо таълифи китобу монография ва мақолаҳои бешумори худ фразеологияро ҳамчун илми мустақил муаррифӣ намояд, ҳадду ҳудуд, алоқаи он бо илмҳои дигар ва вазъи таърихиву имрӯзаи онро муқаррар созад. Маҳз ӯ воҳиди фразеологиро ҳамчун воҳиди мустақили забон нишон дода, хусусиятҳои асосиву фарқкунандаи онро аз дигар воҳидҳои забон ҷудо намудааст. Масъалаҳои таснифоти сохторӣ, маъноӣ, услубӣ, этимологӣ ва категорияҳои луғавии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ маҳз ба қалами ӯ тааллуқ дорад [7, 8, 9].

Забоншиноси дигар Хушенова С. бошад, ба таҳқиқи яке аз навъҳои воҳидҳои фразеологӣ – воҳидҳои фразеологии изофӣ машғул шуда, дар заминаи таҳқиқоти хеш асару мақолаҳои зиёдеро ба нашр расонидааст. Ӯ зикр менамояд, ки фразеологизмҳои изофӣ як қабати серистеъмоли ифодаҳои рехтаи забони тоҷикиро ташкил медиҳанд ва дар доираи қонунмандиҳои хос ба вуҷуд меоянд. Қолаби чунин ифодаҳои забонӣ дар асоси қолаби ифодаҳои озоди наҳвӣ шакл гирифта, он бо калимаҳои мансуби ҳиссаҳои гуногуни нутқ сурат мегирад [11].

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар, ки барои рушди илмҳои ватанӣ заминаҳои мусоидеро фароҳам овард, омӯзиши масъалаҳои фразеология суръат гирифта, як қатор таҳқиқотҳои судманд ба анҷом расиданд. Забоншиносон Муслимов М., Дӯстзода Ҳ., Зоғакова Г. ва дигарон сари мушкилоти алоҳидаи фразеология таҳқиқот бурда, китобҳои арзишмандеро таҳия намуданд [5, 6, 10]. Масалан, дар монографияи забоншинос Муслимов М. оид ба нақши вожаҳои арабӣ дар созмони воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ баҳс меравад. Таъкид мегардад, ки ҳарчанд дар шаклгирии ифодаҳои рехта бештар калимаҳои аслии тоҷикӣ фаъоланд, вале дар як гурӯҳи онҳо унсурҳои луғавии арабӣ метавонанд ба вазифаи ҷузъҳои алоҳидаи фразеологӣ истифода шаванд [10].

Дар таҳқиқоти мутахассиси соҳа Дӯстов Ҳ. зери унвони «Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ», ки ба омӯзиши яке аз навъҳои воҳидҳои фразеологӣ бахшида шудааст, ба масъалаҳои ташбеҳ ҳамчун санъати бадеӣ, нақши он дар созмони фразеологизмҳо, таснифоти сохториву маъноӣ, қолабҳо ва мансубияти ҳиссаинутқии ташбеҳоти фразеологӣ таваҷҷуҳ шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки ташбеҳ ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ дар шаклгирии фразеологизмҳои ташбеҳӣ нақши калидӣ дорад. Чунин ифодаҳо дар заминаи муқоисаи хусусияти як ашё бо дигаре ба вуҷуд омада, маънои дар онҳо хобидаро метавон маънои фразеологии ташбеҳӣ номид [5].

Муҳаққиқи дигари воҳидҳои фразеологӣ Зоғакова Г. бошад, асосан, ба масъалаи воҳидҳои фразеологии идиоматикӣ дахл намудааст. Ӯ дар заминаи назарияҳои фаровони олимони соҳа ва маводи бадеӣ аз осори С. Айнӣ нишонаҳои асосӣ ва иловагии фарқкунандаи идиомаҳоро муқаррар намуда, зикр менамояд, ки ин навъи ифодаҳои рехта сохтори луғавию сарфии хос дошта, маънои фразеологӣ дар онҳо нисбат ба дигар гурӯҳҳои маъноии фразеологизмҳои забони тоҷикӣ рехтаву муъҷаз аст. Дар таҳқиқоти мазкур ҳамчунин ифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар идиомаҳо, маъноҳои мафҳумӣ,

эҳсосотӣ, образнок, баҳодиҳӣ ва ифоданок дар мундариҷаи маъноии онҳо муайян карда шудааст [6].

Ҳамин тавр, дар хусуси гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ то имрӯз корҳои зиёде иҷро шудаанд. Метавон хулоса намуд, ки масъалаи таснифоти маъноии ифодаҳои рехта дар забон ба пуррагӣ ҳаллу фасл гардида, аксарияти олимони соҳа имрӯз таснифоти забоншинос Ҳ. Маҷидовро қабул доранд [9]. Дар асоси он воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ ба гурӯҳҳои маъноии идиомаҳо, фраземаҳо ва ифодаҳои ғайриидиоматикӣ тақсим мешаванд, ки ҳар яке аз онҳо нишонаҳои хосси худро доранд. Чунончи, идиомаҳо ибора, таркиб ва ҷумлаҳои рехтаву устуворе мебошанд, ки дар онҳо маҷоз нишонаи асосии муайянкунандаи дигар аломатҳои онҳо мебошад. Ба таври дигар, дар ин навъи фразеологизмҳо унсурҳои таркибии онҳо пурра маънои маҷозиро касб намуда, сохтори ифода низ дар заминаи маҷозонидани тамоми калимаҳои дохилии он устувор аст. Ҳамин аст, ки идиомаҳоро воҳидҳои рехтаи ниҳоят маҷозӣ ва устувор медонанд, ки ҳатто иваз намудани яке аз калима ё унсури грамматикии онҳо метавонад шаклу маънои ифодаро аз миён барад. Ин ҳодисаро дар мисолҳои зер ба равшанӣ метавон мушоҳида намуд:

Роҳбароне, ки чанде пеш нозпарвар буданд, акнун дар зиндонҳои тангу тор ба ҷойи барракабобу гӯшти будана ғаму **хуни дил мехӯранду** равғани шикаму гардан об мекунанд (15, с.11). Чун онҳо фаҳмиданд, ки ман дар хонаи худ ҳатто як пули сиёҳро ҳам нигоҳ намедорам, **ба дилашон оби сард зада**, маро ба ҳоли худ гузошта, паси кори худ рафтанд (14, с.29). Аслан ҳадафи ин моҷароҳо нишон додани зӯрӣ ва **гирифтани алови чашми якдигар** буд (15, с.24).

Зери мафҳуми идиома ҳама намуди ифодаҳои рехтае фаҳмида мешаванд, ки ба талаботи зикршуда ҷавобгӯ буда, дар сохтори худ метавонанд воситаҳои тасвири бадеии алоҳидаро ғунҷонанд. Яъне, дар идиомаҳо санъатҳои бадеии гуногунро метавон мушоҳида кард. Масалан, имрӯз дар забоншиносии тоҷик идиомаҳои ташбеҳӣ, киноявӣ, тавсифӣ ва ғайраро ҷудо кардаанд, ки аз мавҷудияти воситаҳои тасвири бадеии зикршуда дар сохтори онҳо дарак медиҳад [5, 7, 9]. Ин санъатҳои бадеӣ дар созмони фразеологизмҳои идиоматикӣ саҳми назаррас дошта, гурӯҳҳои алоҳидаро ташкил медиҳанд, ки яке аз онҳо идиомаҳои муболиғавӣ мебошанд. Идиомаҳоеро, ки дар шаклгирӣ ва мундариҷаи маъноии онҳо санъати муболиға ба назар мерасад, идиомаҳои муболиғавӣ меноманд. «Бояд ёдовар шуд, ки ин гурӯҳи фразеологизмҳо дар заминаи мавҷудияти муболиға ҳамчун як навъи воситаҳои тасвирӣ бадеӣ дар сохтори воҳиди фразеологӣ чунин номгузорӣ шудаанд» [3, с.187]. Аз қабили, **бори дил сабук кардан** «сухан, ғами дар дил бударо гуфтан», **ба чашми касе (чизе) хок пошидан** «касе (чизе)- ро фиреб додан», **касеро ба арши аъло расондан** «аз ҳад зиёд таърифу тавсиф кардан» ва монанди инҳо:

Не, дуздида-дуздида гоҳе ба Шаҳзода чашм медавонд ва аз ҳаракату дасташро алвонҷ дода, ба суҳбати ёрон ҳусну неру бахшидани ӯ бо табассуми таҳсиномез, барқи нигоҳ, ҷунбишу ифодаи абрӯ ва мушакҳои андом **бори дил сабук мекард** [15, с.18]. Пайравони Ленини муаззам бандаи нафс шуда, ба роҳи каҷ рафта **ба чашми давлату халқу ҳизби ҷоноҷон хок мепошиданд** [15, с.24]. … на танҳо соҳибмансабони гуногунсоли зинаҳои поину боло, балки чанд чоплусаки базлагӯ, ки ҳамеша ба ҳар баҳона занг зада, бо ситоишҳои беҳисоб **ӯро ба арши аъло бардошта**, аз бими зери шубҳа мондану зараре дидан кару гунг ва гуми гум шуданд [15, с.12].

Муболиға ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ навъи воситаест, ки дар асоси он ашё ва ҳодисаи мавриди таҳлил аз ҳолати муқаррариаш як андоза зиёд ё кам нишон дода мешавад. Ба қавли профессор Х. Шарифов: «Ба назари мо ҳамчун асос гирифтани он мувофиқтар менамояд, чунки иғроқ ҳадди ниҳоӣ буда, фақат дараҷаи муайяни сифати мавсуф мебошад ва дар мавқеи истилоҳ онро ба ҳамаи анвои бузургдошти авсофи ашё ба кор бурдан мумкин нест. Аз мавқеи ин истилоҳи умумӣ ва фаҳмиши он мумкин аст, онро ба дараҷаи муболиға муайян кард. Ҳусайн Воизи Кошифӣ муболиғаро аз таблиғ, иғроқ ва ғулув иборат медонад, ки ҳудуди қатъие дар байни онҳо гузоштан душвор аст. Азбаски ба воситаи муболиға ҳақиқате тасдиқ мегардад ва аз ин ҷиҳат, функсияи онҳо як аст, вазифаи ҳар яки онҳо моҳияти таъкидӣ аз ҷиҳати идроки ашё дошта, бо ин роҳ таъсири эмотсионалии он низ меафзояд» [12, с.108-109].

Мавҷудияти муболиғаро, умуман, дар воҳидҳои фразеологӣ танҳо бо роҳи дарки воқеияти аслӣ ва маҷозӣ дар сохтори онҳо фаҳмидан мумкин аст. Масалан, дар сохтори идиомаҳо муболиғаро вобаста ба моҳияти истилоҳиаш зуд мушоҳида намудан мумкин аст. Дар онҳо воқеият аз ҳолати муқаррарие, ки дар тафаккури мо инъикос меёбад, зиёд ё кам нишон дода мешавад. Чунин падидаи зиёдиву камиро дар мундариҷаи сохтории идиомаҳо маҳз муболиға таъмин карда метавонад. Агар дар идиомаҳои тавсифӣ чунин нишона ба тавассути сифатчинии махсус ва дар идиомаҳои ташбеҳӣ ба василаи муқоисаи хусусиятҳои муайяни ашёҳои гуногун сурат гирад, дар идиомаҳои муболиғавӣ онро ифодаи аз доираи дарки инсон як андоза берун ташкил мекунад. Воқеияте, ки аз доираи фаҳмиши инсон берун аст ва дар доираи камиву зиёдии аломат ё хусусият сурат мегирад. Чунончи, дар мисолҳои зайл ифодаи зиёдии ашё ва ҳодисаву воқеа дар сохтори идиомаҳо ба воситаи муболиға инъикос ёфтааст: **аз байни касе мӯ нагузаштан** ишора ба «дӯсту ҳамдами қарин будан», **бурути касеро табар намебурад** «ғурури зиёд доштан, пурғурур будан», **думи шутур ба замин расидан** «вақти зиёд гузаштан» ва ғайра:

Корҳо ҳама дар соҳаҳои хоҷагии республика бобарор, пешрав, назаррас, ситораи иқболаш чун котиби аввали ҳизби коммунист дурахшон, муносибаташ бо сарвари ҳизби коммунисти давлати Шӯрвӣ чунон наздики наздик буд, ки ба қавле **аз байнашон мӯ намегузашт** [15, с.7]. Эҳе, он вақт Қандаки ман **бурути маро табар намебураду** ту якбора аз сар то по ба зар меғӯтӣ [15, с.71]. То соҳиби хона шуданашон **думи шутур ба замин мерасад** [15, с.80].

Таҳлилҳои мо нишон доданд, ки идиомаҳои фразеологӣ бештар дар қолаби ибораҳои фразеологии феълӣ ташаккул меёбанд. Ин падидаи табиӣ мебошад, зеро дар захираи фразеологии забонамон шумораи бештари фразеологизмҳоро маҳз қабати ибораҳои фразеологӣ ташкил медиҳанд. Дар чунин навъи ибораҳо ҳама ҷузъҳои таркибии ифода, ки бо калимаҳои ҳиссаҳои алоҳидаи нутқ сурат мегиранд, аз маънои луғавии худ канда шуда, маънои маҷозӣ мегиранд ва ҷузъи асосии онҳо – феълҳои аз ҷиҳати сохтор гуногун ҳамчун ҷузъи асосии ифода меоянд. Ҳатто унсурҳои грамматикии дохили ибора, ки дар ибораҳои озоди наҳвӣ вазифаҳои муайян доранд, дар партави маҷозонидани калимаҳои дигар ба пуррагӣ аз вазифаҳои худ дур мешаванд. Ҳамин аст, ки аксарияти муҳаққиқони соҳа адами алоқаҳои зиндаи грамматикиро дар воҳидҳои фразеологӣ тасдиқ мекунанд. Дар маводи зерин унсурҳои грамматикӣ ҳамчун унсури ҳатмии дохили ибораҳои идиоматикии муболиғавӣ истифода шудаанду халос: **ҷон ба лаб расидан** «азоби зиёд кашидан», **дили касеро шикастан** «умеди касеро барбод додан, ноумед кардан», **вақти сархорӣ надоштан** «аз ҳад зиёд серкор будан»:

Ба дилам зад. **Ҷонам ба лаб расид**, безор шудам [15, с.73]. Аз паси зан рафтани бача **дилашро шикаст**, аз по афтондаш [15, с.95]. Аз серкорӣ **вақти сархорӣ надоштам** [15, с.95].

Дар ташаккули ибораҳои идиоматикии муболиғавӣ бештар феълҳои сода нақш доранд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки феълҳои сода дар ифодаи мафҳум ва маънои ягонаи идиомаҳои муболиғавӣ ҳамчун унсури асосӣ ва ҷамъбасткунанда саҳми назаррас доранд. Дар ин вазифа феълҳои содаи ифодакунандаи амали ашё бештар зоҳир мешаванд. Чунончи, **ҳуш аз сари касе паридан** ба маънои «ҳайрон шудан», **хоки касеро бехтан** ишора ба «касеро сахт ҷазо додан», **умри касеро дуздидан** «касеро аз будаш ҷавон нишон додан», **ба сари касе санги маломат борид** «касе мавриди маломат қарор гирифт»:

Ӯ ба осмон нигариста, **ҳуш аз сараш парид** [15, с.43]. Фашистонро мо шармандаву мағлуб кардем, - мегуфт ба авбошон бо хашм ва меафзуд, - ба роҳи рост одамвор наравед, **хокатонро мебезем** [15, с.41]. Ман дар ин механдам, ки бойҳои пештара меҳнат ва дастранҷи хизматгорони худро дузданд, хӯҷаини ман **умри маро дуздида**, маро «бача» мегӯяд [14, с.105]. Амаки Муҳиддин хаставу хашмгин ба хона баргашта, бар хилофи одат ба овози баланду ларзон, чашмони намнок моҷаро бардошт, **ба сари ҳамсар** ва хурду бузурги хонавода **санги маломат борид**… [15, с.53].

Феълҳои таркибӣ низ дар вазифаи ҷузъи асосии идиомаҳои муболиғавӣ зиёд кор фармуда мешаванд. Таснифоти ҳиссаинутқии фразеологизмҳои муболиғавӣ нишон медиҳад, ки дар ин вазифа бештар феълҳои таркибии номӣ истифода мешаванд. Феълҳои таркибии номие, ки ҷузъи номии онҳоро асосан исму сифатҳои гуногун ташкил медиҳанд. Аз қабили, **ба тахтачӯби лаҳад рост кардан** «сахт ҷазо додан», **ба дили касе дандон задан** «касеро беқарор кардан, дар шубҳа андохтан», **ба касе дил бастан** «нисбати кассе муҳаббат

доштан», **чашми касеро дар хато андохтан** «фиреби назар, чашми касеро фиреб додан» ва ғайра:

Дар хона **ба тахтачӯби лаҳад рост мекунам** [15, с.54]. Гурги ҳазору як гумони бад **ба дилаш дандон мезад** [15, с.52]. Ман **ба Шумо дил бастам** [15, с.90]. Ҳамин намуди зоҳирии кулӯхмонанд аст, ки шабона чашми маро дар хато андохтааст ва ман дарёи Зарафшони яхбастаро замини шудгоршуда гумон карда, бар рӯйи вай беибо асп рондам [14, с.60].

Қисмати дигари сохтории идиомаҳои муболиғавиро ҷумлаҳои фразеологӣ ташкил медиҳанд. Дар ин гурӯҳи идиомаҳо, ки сохтори ҷумлаҳои озоди наҳвиро ба хотир меоранд, маънои ягонаи он аз ҷамъи ҷузъҳои таркибӣ сар мезанад ва дар ифодаи он муболиға ҳамчун воситаи тасвири воқеият нақши калон дорад. Ҷумлаҳои фразеологии муболиғавӣ низ хусусияти хабаррасонӣ дошта, ин нишонаҳои онҳо дар дохили ҷумлаҳои наҳвӣ дар алоқамандӣ бо мазмуни он сурат мегирад. Метавон гуфт, ки онҳо низ дар дохили ҷумлаи наҳвӣ ба худ категорияҳои муайяни хабарӣ ва модалияту дигар унсурҳоли хабарсозро мегиранд ва ҳамчун аъзои яклухти ҷумла таҳлил мешаванд. Ба қавли профессор Ҳ. Маҷидов: «Хосияти предикативии ҷумлаҳои фразеологӣ дар матн дар алоқамандии онҳо бо ҷумлаҳои дигар зоҳир мегардад. Онҳо дар матн монанди ҷумлаҳои одии синтаксисӣ фикру интонатсияи ба охиррасидаро ифода карда, ба категорияҳои хабар, модалият ва унсурҳои дигари ҷумлаи тамомшуда соҳиб мешаванд» [9, с.44]. Барои муқоиса: **аз даҳон бӯйи шир меояд** ишора ба «хурдсол, бетаҷриба будан», **корди касе болои равған** ба маънои «кори касе омад кардааст, зиндагии касе хуб аст», **пашша пар намезад** киноя аз «орому сокит будан», **мисли чӯҷаи парӣ зебо** «ниҳоят зебо» ва монанди инҳо:

- Ҳанӯз **аз даҳонат бӯйи шир меояд**, аммо ту худро сисола мегӯӣ [15, с.48]. Коракат нағз, **кордат болои равған** [15, с.99]. Дар ҳавлӣ **пашша пар намезанад**, хонаҳо дар чашмаш сарду таъзиқовар метобид [15, с.5]. Он солҳо низ духтарҳои мисли **чӯҷаи парӣ барин зебо** дар Душанбе кам набуданд [15, с.20].

Нишонаи дигари муҳимми фарқкунандаи идиомаҳои муболиғавӣ аз дигар навъҳои идиома дар ифодаи маъноҳои гуногуни эҳсосотӣ дар мундариҷаи маъноии онҳост. Маънои эҳсосотӣ ҳамчун як навъи маънои озоди луғавӣ дар умумияти маънои яклухти идиомаҳои муболиғавӣ нақши фаъол дорад. Он маъноест, ки эҳсосоти мухталифи гӯяндаро дар қолаби воҳиди фразеологии алоҳида ифода мекунад. Дар илми равоншиносии муосир ду навъи эҳсосоти инсон муқаррар карда шудааст, ки онҳоро метавон тавассути воҳидҳои муайяни забонӣ ифода кард. Агар дар гурӯҳе аз ифодаҳои рехтаи муболиғавии забон эҳсосоти мусбат сабаби ғанӣ гардидани мундариҷаи маъноии фразеологизм гардида бошад, дар гурӯҳи дигар ифодаи маънои эҳсосотии манфӣ маънои воҳиди фразеологиро як дараҷа дар сатҳи воқеияти даркнашаванда инъикос намудааст. Дар ин гуна идиомаҳо эҳсосоти мухталиф, аз қабили шодӣ, нафрат, райъ, изтироб ва дигар қабатҳои эҳсосотии инсон бо иловаи олоишҳои маъноии дигар ифодаи мушаххаси худро ёфтаанд. Аз қабили, **ба сари касе санги маломат шикастан** «касеро сарзанишу маломат кардан», **мисли гӯшту нохун ҷудо набудан** «хеле наздик, қарин будан», **касеро ба хоки сиёҳ яксон кардан** «касеро зиёд ғам, азоб додан», **бахти касе хандид** «кори касе омад кард»:

Ниёз мисли дигар мусаввирони, ба қавле хуни нофашон дар ин хок рехта, аз гиребонгирӣ, **ба сари ҳамдигар санги маломат шикастану** маҳалбозиҳои шармовар… хаёливу роҳгум дар Душанбе истод [15, с.69]. **Мисли гӯшту нохун** аз шумо **ҷудоӣ надорам**, мани сарсахта партофта куҷо меравед? [15, с.90]. – О бачаи бемеҳре, - Бунафша ба писари ғарибаш гила кард, - **очата ба хоки сиёҳ яксон кардӣ**… [15, с.88]. – Табрик! – дасти ӯро фишурд пиракӣ: - **Бахтат хандид** [15, с.80].

Дар гурӯҳи дигари идиомаҳои муболиғавӣ ифодаи маънои эҳсосотӣ дар ҳамбастагӣ бо маънои мафҳумӣ зоҳир мегардад. Маънои мафҳумӣ, ки яке аз навъҳои серистеъмоли маънои озоди луғавии калима мебошад, метавонад ба воситаи фразеологизмҳо низ ифода шавад. Он, ки дар таснифоти мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ дар ҷойи аввал меистад, баъзан бо дигар тобишҳои маъноӣ ҳам ифода мешавад. Идиомаҳои муболиғавӣ низ, ки ба монанди дигар гурӯҳҳои фразеологизмҳои тоҷикӣ, пеш аз ҳама, ба мафҳуми мушаххас далолат мекунанд, баъзан дар худ тобишҳои маъноии зиёдро меғунҷонанд. Ҳар қадар ки дар мундариҷаи маъноии воҳиди фразеологӣ маъноҳо бештар инъикос шаванд, ҳамон қадар маънои ягонаи он пуробуранг ва муъҷаз баён мегардад. Масалан, дар

идиомаҳои муболиғавии зайл ҳамин ҳодисаро мушоҳида мекунем: **аз сари касе тангаву тилло рехтан** «касеро аз ҳад зиёд таърифу тавсиф кардан», **луқмаи касеро зада гирифтан** «ҳаққи касеро соҳиб шудан», **абраву астари касеро такидан** «касеро ғайбат кардан, дар ҳаққи касе бадгӯӣ намудан», **касеро ба осмон бардоштан** «касеро ситоиши зиёд кардан»:

Медонӣ, бачаи хола, **аз сарам тангаву тилло резӣ** ҳам, ман аз ин хел зиндагӣ безорам [15, с.78]. Агар дер монем, метарсам, ки ягон судхӯри дигар ин **луқмаи** чарбу нарми ба даҳони ман наздикомадаро **зада гирад** [14, с.93]. Онҳо, яъне ҷамъияти занҳои айбҷӯву фошгӯй, болои хараки таги тути ҳавлӣ нишаста, **абраву астари касеро** бо ғайбат **метакиданд**… [14, с.94]. – Агар дар мардум тамиз мебуд ва санъатро мешинохтанд… ба созандагони дигар он муомила ва ба ман ин муомиларо намекарданд, яъне **дигаронро ба осмон бардошта**, **маро ба замин намезаданд**… [14, с.21].

Дар мисоли охир нависанда бо маҳорати баланди забондонӣ аз ду идиомаи муболиғавӣ истифода намудааст, ки ба ҳамдигар муносибати антонимӣ доранд: **касеро ба осмон бардоштан** ва **касеро ба замин задан** ба маънои «касеро беобрӯ кардан».

Хулоса, идиомаҳои муболиғавӣ як гурӯҳи серистеъмоли идиомаҳоро ташкил медиҳанд ва бо як қатор хусусиятҳо фарқ доранд. Ифодаи маънои яклухти равшан, мансубияти муайяни ҳиссаинуткӣ, мавҷудияти ҷузъи феълӣ, сохтори устувор, ифодаи тобишҳои маъноии гуногун дар мундариҷаи маъноӣ ва дигар нишонаҳо шаҳодати онанд, ки идиомаҳои муболиғавӣ, ки дар заминаи тавсифу муболиғаи аз доираи фаҳмиш берун сурат мегиранд, дар ифодаи мафҳумҳои муайян мақоми сазовор доранд. Ба василаи онҳо ашё ва ҳодисаву воқеаҳои ҳаёти рӯзмарра дар сурати образнок ва пуробуранг зоҳир мешаванд, ки ин яке аз хусусиятҳои асосии фразеологизмҳои забони тоҷикӣ мебошад.

Муқарриз: ***Ҳайдаров М.М.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Аничков И.Е. Идиоматика идиом и идиоматика идиоматизов // Проблемы фразеологии: Исследования и материалы. – М. – Л.: Наука, 1964. – С. 37-69.
2. Арнольд И.В. Семантика. Стилистика. Интертекстуальност. – М., 2010. – 443 с.
3. Дӯстзода Ҳ. Воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ бо вожаи «дил» (аз рӯйи маводи «Восеъ»-и С. Улуғзода) // Ҳ.Дӯстзода // Маводи конференсияи байналмилалии «Сотим Улуғзода ва адабу фарҳанги миллӣ» бахшида ба 110-солагии С. Улуғзода. – Душанбе, 28-29.09.2021. – С.187-191.
4. Воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ ва гурӯҳҳои маъноии онҳо / Ҳ.Дӯстов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - № 4. – Душанбе, 2019. – С.17-20.
5. Дӯстов Ҳ. Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар забони адабии муосири тоҷик / Ҳ.Дӯстов. – Душанбе, 2014. – 186 с.
6. Зоғакова Г. Идиомаҳо дар забони адабии муосири тоҷикӣ: автореф. дис… канд. филол. наук / Г.Зоғакова. – Душанбе, 2011.
7. Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка / Х.Маджидов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 406 с.
8. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик / Ҳ.Маҷидов. – Ҷ.1. Луғатшиносӣ. – Душанбе, 2007. – 242 с.
9. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе, 1982. – 104 с.
10. Муслимов М. Воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ бо унсурҳои луғавии арабӣ: автореф. дис. канд. филол. наук / М.Муслимов. – Душанбе, 2005.
11. Хушенова С.В. Изафетные фразеологические единицы таджикского языка / С.В. Хушенова. – Душанбе, 1971. – 190 с.
12. Шарифов Х. Каломи бадеъ / Х. Шарифов. - Душанбе: Маориф, 1991. – 160 с.
13. Шанский Н.М. Фразеология современного русского языка. – М.: Высш. школа, 1985. – 160 с.

Сарчашмаҳо:

14. Айнӣ, С. Марги судхӯр / С.Айнӣ. – Душанбе, 2011. – 156 с.
15. Самад, А. Ёр дар бари ёр / А.Самад. – Душанбе: Адиб, 2019. – 192 с.

ИДИОМАҲОИ МУБОЛИҒАВӢ ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ

Таснифоти маъноии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ таснифоти илмии анҷомёфта буда, дар заминаи он идиома, фразема ва ифодаҳои ғайриидиоматикии фразеологиро ҷудо намудаанд. Идиомаҳо қабати серистеъмоли захираи фразеологии забони тоҷикиро ташкил дода, дар созмони онҳо воситаҳои тасвири бадеии гуногун нақш доранд. Яке аз воситаҳое, ки дар сохтори идиомаҳо ба таври фаровон мушоҳида мешавад, муболиға мебошад. Идиомаҳои муболиғавӣ фразеологизмҳои устувори маҷозимаъноянд, ки дар асоси онҳо шайъ, ҳодиса ё ягон ҷиҳати назарраси онҳо дар қолаби тасвири аз ҳад зиёд ё кам зоҳир мешавад. Тасвири образноки ашё ва ҳодисаи алоҳида, ки дар қолаби ибораву ҷумлаи устувор бо тасвири даркнашаванда сурат мегирад, идиомаи муболиғавиро ташкил медиҳад. Мундариҷаи маъноии идиомаҳои муболиғавӣ низ ҷолиб буда, онро дар баробари маънои мафҳумӣ боз маъноҳои

эҳсосотӣ, образнок ва ғайра ташкил медиҳанд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки қисмати бештари идиомаҳои муболиғавии забони тоҷикӣ дар қолаби ибораҳои фразеологии феълӣ ташаккул меёбанд. Ҷумлаҳои идиоматикии муболиғавӣ камтар дучор шуда, маънои онҳо низ яклухт ифода меёбад.

Калидвожаҳо: воҳидҳои фразеологӣ, ифодаҳои рехта, идиомаҳо, ибораҳои фразеологии феълӣ, идиомаҳои муболиғавӣ, маъноҳои эҳсосотӣ ва образнок.

переносные значения которых важнее, чем их буквальное значение.

ГИПЕРБОЛИЧЕСКИЕ ИДИОМЫ В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Смысловая классификация фразеологических единиц таджикского языка является законченной научной классификацией, и на его основе были разделены идиома, фразема и неидоматические фразеологические единицы. Идиомы составляют широкоупотребляемый пласт фразеологического ресурса таджикского языка и в их построении велика роль различных средств художественного изображения. Одним стредств, который наблюдается очень широко в построении идиом, является гипербола. Гиперболические идиомы являются устойчивыми метафоричными фразеологизмами, на основе которых предмет, случай или значимая сторона представляется в максимальной или минимальной формах. Образное изображение предмета или отдельного случая, который происходит в форме словосочетаний и устойчивого предложения с невоспринимаемым изображением, составляет гиперболическую идиому. Смысловое содержание гиперболических идиом также являются привлекательными и наравне с понятийными значениями, также составляют эмоциональные и образные значения. Анализ показывает, что основная часть гиперболических идиом таджикского языка формируются в форме глагольных фразеологических единиц. Идиоматические гиперболические предложения встречаются очень редко, и их смысл также выражается обобщенно.

Ключевые слова: фразеологические единицы, фразеологические словосочетания, идиома, глагольные фразеологические единицы, гиперболические единицы, эмоциональные и образные значения.

HYPERBOLIC IDIOMS IN MODERN TAJIK LANGUAGE

The semantic classification of phraseological units of the Tajik language is a complete scientific classification, and on its basis the idiom, phraseme and non-idomatic phraseological units were divided. Idioms make up a widely used stratum of the phraseological resource of the Tajik language, and various means of artistic representation play a great role in their construction. One technique that is seen very widely in idiom construction is hyperbole. Hyperbolic idioms are stable metaphorical phraseological units, on the basis of which an object, case or significant party is presented in maximum or minimum forms. A figurative image of an object or an individual case, which occurs in the form of phrases and a stable sentence with an unperceivable image, constitutes a hyperbolic idiom. The semantic content of hyperbolic idioms is also attractive and, along with conceptual meanings, also makes up emotional and figurative meanings. The analysis shows that the main part of the hyperbolic idioms of the Tajik language is formed in the form of verbal phraseological units. Idiomatic hyperbolic sentences are very rare, and their meaning is also expressed in general terms.

Key words: phraseological units, phraseological phrases, idiom, verbal phraseological units, hyperbolic units, emotional and figurative meanings.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Забирзода Шаҳло Маҳмадамин*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвончӯйи кафедраи забони адабии муосири тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 93-922-08-02**

Сведение об авторе: ***Забирзода Шахло Махмадамин*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры современного таджикского литературного языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 93-922-08-02**

Information about the author: ***Zabirzoda Shahlo Mahmadamin*** - Tajik National University, applicant for the Department of Modern Tajik Literary Language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 17. Tel.: **(+992) 93-922-08-02**

УДК: 491. 550-3

СОХТОРИ МОРФОЛОГИИ ИСТИЛОҲОТИ АХЛОҚӢ ДАР ОСОРИ ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ

Маҳмудзода М.Қ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забони тоҷикӣ яке аз шохаҳои бостонии забонҳои эронӣ ба ҳисоб рафта, дорои сохтори вижаи грамматикӣ ва таркиби луғавии ғаниву фарогири истилоҳоти соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ мебошад. Одатан, истилоҳоти соҳаҳои мухталифи забон зербинои ҳар як забонро ташкил медиҳанд, зеро истилоҳ нишондиҳандаи сатҳи илмии дониш ва тафаккури намояндагони забон буда, яке аз рукнҳои асосии истиқлолияти илмии ҳар як забон мебошад. Истилоҳ, пеш аз ҳама, воҳиди луғавӣ, яъне калима ё ибораи хоссест, ки мафҳуми муайяни ягон соҳаи илм, техника, маданият ва ё истеҳсолотро ифода менамояд.

Истилоҳ калимаи хос ва ё калимаест ба вазифаи хос. Вай калима ё ибораест, ки дар ҳавзаи амалкарди як илми махсус маънии ба худ хоссе дошта, мафҳуми муайянеро ба шакли дақиқ ифода мекунад. Истилоҳ метавонад дар матн маънии истилоҳии худро аз даст диҳад ва ба сифати калимаи маъмулии забон истифода шавад.

“Фарқияти истилоҳ аз калима ё вожаро чунин метавон таъйин намуд:

1. Истилоҳ калима (ё ибора) ба вазифаи махсус аст;
2. Истилоҳ маънии ягона, вижа ва дақиқ дорад, вале калимаи маъмулӣ метавонад сермаъно бошад;
3. Истилоҳ бо мафҳум тобеияти ногусастанӣ дорад, вале на ҳар гуна калима ба мафҳум алоқаманд аст;
4. Истилоҳ ҳадди муайяни маънӣ дорад” [11, с.17].

Масъалаи истилоҳу истилоҳофаринӣ дар айни замон аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии умумист. Алалхусус, истилоҳоти ахлоқии ҳар як забон яке аз бахшҳои асосии забоншиносии онро ташкил дода, чи аз назари забоншиносӣ ва чи аз дидгоҳи ахлоқӣ аҳамияти вижа дорад, зеро ахлоқ ҳамчун зерсутуни ҳастии ҷомеаи башарӣ дорои истилоҳоти фаровоне мебошад, ки қариб ҳама ниҳодҳои ҳаёти иҷтимоиро шомил аст.

Бо назардошти аҳамияти хоссаи ахлоқ омӯзиши сохтори морфологӣ ва маъноии истилоҳоти ахлоқии осори яке аз поягузорони илми ахлоқ дар забони форсӣ-тоҷикӣ Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар шароити кунунӣ дар забоншиносии тоҷик аҳамияти хосса касб кардааст, зеро бо васеъ гардидани раванди ҷаҳонишавӣ ва ба хатари маънавӣ дучор гардидани ҷомеа такя ба мероси ниёгон ва осори ахлоқии он аз воҷиботи илмҳои филология ва ҷомеашиносӣ мебошад.

Осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ, хусусан асарҳои “Ахлоқи Муҳсинӣ” ва “Футувватномаи Султонӣ” дар забоншиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик мақоми махсус дошта, то ҳол истилоҳоти он мавриди таҳқиқи ҷомеи забоншиносӣ қарор нагирифта, ҷойгоҳи ин суханвар дар пайдоиш, инкишоф ва пешбурди истилоҳоти ахлоқии забони тоҷикӣ муайян нагардидааст. Бинобар ин, дар мақола тасмим гирифтем, ки оид ба сохтори морфологӣ ва маъноии истилоҳсозӣ дар осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ, алалхусус, асарҳои “Ахлоқи Муҳсинӣ” ва “Футувватномаи Султонӣ”, таҳқиқи мухтасаре анҷом диҳем.

Яке аз воситаҳои асосии ғанӣ гардонидани таркиби луғавии ҳар як забон вожасозӣ дар пояи фонди луғавии худи забон ва истифода аз иқтибосот он мебошад. Дар забони форсии тоҷикӣ усулу шеваҳои асосии вожасозиву вожагузинӣ инҳо мебошанд:

1. усули сарфӣ: а) сохтани вожа бо пешванд: б) сохтани вожа бо пасванд;
2. усули наҳвию сарфӣ: а) сохтани вожаҳои мураккаб: б) сохтани вожаҳои омехта;
3. усули сарфию наҳвӣ: аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи дигари нутқ мубаддал шудани вожа;
4. усули луғавию наҳвӣ: ба вожаи мураккаб табдил шудани ибораи изофӣ. Ин шева дар вожасозии форсӣ каммаҳсул аст;
5. усули луғавию маъноӣ. Ин шева бо сермаъноии вожаҳо ва ба миён омадани омонимҳо вобастааст [11, с.48].

Ҳамагуна истилоҳоти илмӣ мисли калимаву вожаҳо бо ҳамин усулҳои маъмули вожасозӣ сохта мешаванд, ки истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ, алалхусус асарҳои “Ахлоқи Муҳсинӣ” ва “Футувватномаи Султонӣ” низ истисно нестанд.

Ба матлаби зерин таваҷҷуҳ намуда, мо усули сарфии истилоҳсозиву истилоҳнигории асарҳои “Ахлоқи Муҳсинӣ” ва “Футувватномаи Султонӣ” -ро аз лиҳози сохтмони дастурӣ мавриди таҳқиқ қарор хоҳем дод.

Усули сарфӣ. Ин гуна вожаҳо бо пешванд ё пасванд сохта мешаванд. Бо пешванд ва пасванд сохтани калима ва истилоҳот яке аз роҳҳои серистеъмоли калимасозӣ дар забони тоҷикӣ мебошад. Усули зерин дар корбасти истилоҳоти ахлоқӣ низ сермаҳсул мебошад:

а) Сохтани истилоҳ бо пешванд.

Дар забони тоҷикӣ пешвандҳо нисбат ба пасвандҳо миқдоран каманд, ки ин ҳолат дар вожасозии асарҳои Ҳусайн Воизи Кошифӣ низ ба мушоҳида мерасад. Мо он пешвандҳоеро, ки дар калимасозии забони тоҷикӣ сермаҳсуланд, дар зер бо тартиби алифбо ёдовар мешавем.

1. **Пешванди бе–**. Ин пешванди сифатсози сермаҳсул аст, ки ба набудани хосият далолат мекунад ва хусусан, дар сохтани истилоҳоти ахлоқӣ дар асарҳои мавриди таҳқиқ фаровон ба назар мерасад.

а) истилоҳоти ахлоқие, ки ба хислатҳои ҳамидаи инсонӣ далолат мекунанд: **беиллат** [5, с.130], **беғараз** [17, с.125], **бетамаъ** [17 с.125].

*Пас, бояд ки ҷамъе мардуми донову ҳушманд, нексиришту **бетамаъ** ва баландҳиммат мулозими вай бошанд* [17, с.127];

б) истилоҳоти ахлоқие, ки ба хислатҳои разилаи инсонӣ далолат мекунанд: **беадл** [5, с.210], **беақл** [5, с.151], **бедин** [5, с.239], **бедониш** [5, с.210], **беиродат** [5, с.62], **беномус** [5, с.151], **бемағз** [5, с.159], **беадаб**, [17, с.16], **бевафо** [17, с.17], **бетадбир** [17, с.68], **беҳаё** [17, с.93], **бешарм** [17, с.7].

*Қуввати **бедониш** чун подшоҳи **беадл** аст ва дониши беқувват чун подшоҳи одилу бе лашкар* [5, с.210].

2. **Пешванди бо–.** Ин пешванд бо исм омада, сифати аслие месозад, ки ба аломате ва ё хосияте доро будани предметро мефаҳмонад [2, с.190]. Истилоҳоти ахлоқие, ки бо ин пешванд сохта шудаанд асосан хислатҳои ҳамидаи инсониро ифода мекунанд: **бовиқор** [5, с.56], **бомурувват** [5, с.226], **бохабар** [5, с.42, 134], **боҷуръат** [5, с.242], **бомурувват** [17, с.51], **боҳуш** [17, с.117].

*Ҳар ки мизон ба даст гирад, **аввал** бояд ки бомурувват бошад* [5, с.226].

3. **Пешванди дар–.** Ин пешванд бештар бо феълҳо якҷоя шуда, вожаҳои нав месозад. Мо бо истифода аз ин пешванд дар китоби “Футувватномаи Султонӣ” танҳо як истилоҳи ахлоқиро мушоҳида намудем: **дарёбанда** [5, с.63].

*Ҳафтум, бояд ки мудрик бошад, яъне **дарёбанда** ва тезҳушу зирак, то ишорати тариқатро ба зудӣ дарёбад [5, с.63].*

4. **Пешванди но–.** Ин пешванд ба маънии инкор омада, дар асарҳои мавриди таҳқиқи мо сермаҳсул мебошад. Бо ин пешванд асосан истилоҳоти ахлоқии ифодакунандаи хислатҳои бади инсонӣ сохта шудаанд, ба монанди нодон [5, с.151], ноқобил [5, с.98], номақбул [5, с.190], нописандида [5, с.190], норост [5, с.152], ношоиста [5, с.194], нокас [17, с.84], нооқилон [17, с.92], номардӣ [17, с.125], носипос [17, с.125], нохалаф [17, с.112], ноҳақ [17, с.50].

Эътимод бар қавли нооқилон набояд намуд [17, с.92];

*Аввал, ақл, ки дар суҳбати беақл ҳеҷ хайр набувад, чи акобир гуфтаанд: «Душмани доно беҳ **аз дӯсти нодон»*** [5, с.151]**.**

5. **Пешванди ҳам–.** Дар забони тоҷикӣ дар исмсозӣ асосан, пешванди **ҳам–** истифода мешавад. Пешванди мазкур бо исмҳо омада, ҳамроҳӣ, шарокат ва алоқаи тарафайни шахсҳо ва предметҳоро мефаҳмонад [2, с.152]. Дар осори мавриди таҳқиқи мо калимаву истилоҳоте, ки бо роҳи корбасти пешванди **ҳам–** сохта шудаанд, аз қабили: ҳамсоягӣ [17, с.100], ҳамнишин [17, с.112], ҳамдам [17, с.112]. мебошанд.

*Дар хабар омада, ки **ҳамнишини нек** мисли аттор аст, агар чӣ аз атри худ чизе ба ту надиҳад, боре аз роиҳаи ӯ баҳраманд гардӣ* [17, с.112].

б) Сохтани истилоҳ бо пасванд.

Дар забони тоҷикӣ барои офаридани воҳидҳои нави луғавӣ нақши пасвандҳои калимасоз калон мебошад. Дар осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ пасвандҳо нақши муҳимму назаррасе доранд. Пасвандҳое, ки мутафаккир дар сохтани истилоҳот аз онҳо истифода кардааст, имрӯз низ дар калимасозии забони тоҷикӣ сермаҳсуланд. Пасвандҳое, ки дар сохтани истилоҳоти ахлоқии китобҳои "Ахлоқи Муҳсинӣ" ва "Футувватномаи Султонӣ" истифода шудаанд дар зер бо тартиби алифбо номбар мекунем.

1. Пасванди –а. Бо ин пасванд аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ калима сохтан мумкин аст. Кошифӣ дар сохтани истилоҳоти ахлоқӣ бо пасванди зерин бештар исмҳои мураккабро истифода кардааст:

а) аз исмҳои мураккаби тобеъ, ки аз ду исм таркиб ёфтаанд: **ситамкора** [17, с.57],

б) аз исму замони гузаштаи феъл: **бадандеша** [17, с.85], **ситамёфта**, [17, с.93].

Ҷиҳати он ки дар илми фаросат гуфтаанд, ки ҳар ки кӯтоҳқомат бувад пурҳилла ва ситамгар бошад. Пас, ин мард бедодгар аст на ***ситамёфта*** [17, с.93].

2. Пасванди –анда. Ин пасванд аз исмҳои мураккаб таркиб ёфта, истилоҳоти ахлоқӣ сохтааст: **ғайбаткунанда** [5, с.28], **лофзананда** [17, с.121], **озордиҳанда** [17, с.51].

Яъне шунавандаи ғайбат аз ҷамъи ***ғайбаткунандагон*** *аст* [5, с.28].

3. Пасванди -борӣ. Ин пасванд маънии афзуниро дошта, танҳо дар як истилоҳи ахлоқии асарҳои мавриди таҳқиқ ба мушоҳида мерасад: **бурдборӣ** [5, с.32, 264].

Бигӯй: «То» аз табарро аст, «бо» аз ***бурдборӣ*** *ва «ро» аз риёзат* [5, с.264].

4. Пасванди –вар. Ин пасванд бо исмҳо омада, ба аломате ва хислате доро будани шахс ё ашёро мефаҳмонад. Истилоҳоти ахлоқие, ки бо пасванди зерин сохта шудаанд, танҳо дар китоби "Ахлоқи Муҳсинӣ" ба мушоҳида расид: **суханвар** [17, с.113], **ҳунарвар** [17, с.126], **номвар** [17, с.48].

Наздики акобири ***ҳунарвар****,*
Айбе набувад зи бухл бадтар [17, с.126].

5. Пасванди –вор. Пасванди зерин маънии ба чизе доро буданро ифода намуда, сохтани истилоҳ бо ин пасванд низ як маротиба такрор ёфтааст: **умедвор** [5, с.42, 50].

Аввал, тарсидан аз хашми Худои таоло. Дуюм, ***умедвор*** *будан ба раҳмати Худои таъоло* [5, с.50].

6. Пасванди –гар. Ин пасванд аз исм исми дигар месозад, ки он:

а) шахсро аз рӯйи касбу ҳунар ифода менамояд;

б) шахсро аз рӯйи мавқеи иҷтимоӣ ва мансубият ба ин ё он муассиса мефаҳмонад;

в) шахсро аз рӯйи хислату кирдораш нишон медиҳад;

г) шахсро вобаста ба амалиёт, машғулият ва ҳаракаташ нишон медиҳад [2, с.132, 133].

Дар асарҳои Кошифӣ бо пасванди зерин бештар истилоҳоти ахлоқии ифодакунандаи хислатҳои разилаи инсонӣ таркиб ёфтаанд: **ғайбатгар**, **бедодгар**, **ситамгар** [17, с.63].

Ва суҳбати мулук бояд, ки аз луси ***ғайбатгару*** *буҳтонгӯӣ пок бошад.* [17, с.63].

7. Пасванди –гарӣ. Пасванди зерин дар забони имрӯзаи тоҷикӣ серистеъмол аст. Он хосияти доимиву давомнокӣ ва такрори амалу ҳолатро ифода мекунад. Бо пешванди **–гарӣ** таркиб ёфтани истилоҳоти ахлоқиро танҳо дар китоби "Ахлоқи Муҳсинӣ" мушоҳида намудем: **диёнатгарӣ** [17, с.52], **навозишгарӣ** [17, с.42].

Эй шуда з-имону амонат барӣ,
Дини ту фориғ зи **диёнатгарӣ**,
Тарс надорӣ, ки фаноет ҳаст,
Шарм надорӣ, ки худоет ҳаст [17, с.52].

8. Пасванди –гӣ. Ин пасванд як варианти пасванди **–ӣ** мебошад, он дар сохтани истилоҳоти ахлоқӣ фаровон истифода шудааст. Ба воситаи пасванди **–гӣ** аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ истилоҳоти ахлоқӣ тариб ёфтаанд:

а) аз исм: **бандагӣ** [17, с.137].

б) аз сифат: **мардонагӣ** [5, с.133], **оростагӣ** [5, с.37, 67], **оҳистагӣ** [5, с.56], **покизагӣ** [5, с.49, 232], **фарзонагӣ** [5, с.133], **озодагӣ** [17, с.51], **сифлагӣ** [17, с.122], **фурӯмоягӣ** [17, с.94].

в) аз сифати феълӣ: **афрӯхтагӣ** [5, с.255], **дилбастагӣ** [5, с.44], **тарсандагӣ** [17, с.94].

Касеро, ки ҳамчу Мусо масти ҷоми муҳаббати Илоҳӣ бошад ва дар шавқи лиқои дӯст аз сар гузашта, ҷон дарбозад ва дар беҳушӣ ва бехешӣ маҳв шуда, садои азалӣ дар олами ҷабарут андозад ва ливои ишқ бар сари майдони ***мардонагӣ*** *ва* ***фарзонагӣ*** *ба хулқи наълайн, муҳаббати кавнайн барафрозад* [5, с.133].

9. Пасванди –ин. Бо ин пасванд дар забони арабӣ аз исм ва сифат шакли ҷамъи солими ҷинси мардона сохта мешавад, ки ин гуна исму сифатҳо дар забони адабиёти классикӣ серистеъмоланд. Дар осори Кошифӣ низ пасванди зерин дар сохтани истилоҳоти ахлоқӣ корбаст шудааст: **муҳсинин, солиҳин** [17, с.61].

*Дар ҳикояти **солиҳин** омадааст, ки хоҷае гуломе дошт порсо ва бисёр худотарс* [17, с.61].

10. Пасванди –иш. Ин пасванд сермаҳсул буда, вай бо асоси замони ҳозираи феъл омада, исмҳои абстракт месозад, ки амалу ҳолатро мефаҳмонад [2, с.148]: **дониш** [5, с.30, 70], **кӯшиш** [5, с.38], **ситоиш** [5, с.154].

Назар кардам ба чашми ақлу **дониш**,
Надидам беҳ зи хомӯшӣ хисоле.
Нагӯям лаб бибанду дида бардӯз,
Валекин ҳар мақомеро мақоле [17, с.127].

11. Пасванди –ият. Ин пасванд аломати масдари синоии арабист. **инсоният** [5, с.218], **маъсият** [5, с.147], **ҳуррият** [5, с.43], **аҳлият** [17, с.37].

*«Алиф» **инсоният** аст. Бояд, ки хушхӯй ва некуниҳод бошад* [5, с.218].

12. Пасванди –ӣ. Ин пасванд дар сохтани исмҳои абстракт пасванди сермаҳсултарин ба шумор меравад. Ба воситаи вай аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исмҳои абстракт сохта мешавад. Дар сохтани истилоҳоти ахлоқӣ низ пасванди **–ӣ** сермаҳсул буда, бештар аз сифатҳо истилоҳот сохта шудааст:

а) истилоҳоти ифодакунандаи хислатҳои ҳамидаи инсонӣ: **шикебоӣ** [5, с.59], **дӯстӣ** [17, с.40], **меҳрубонӣ** [17, с.50], **мудбирӣ** [17, с.25], **нармӣ** [17, с.39], **некӣ** [17, с.85], **ростӣ** [17, с.95], **хубӣ** [17, с.151], **ҳушёрӣ** [17, с.150],

б) истилоҳоти ифодакунандаи хислатҳои разилаи инсонӣ: **бадӣ** [17, с.151], **густохӣ** [17, с.156], **дуздӣ, дуруштӣ** [17, с.95], **душманӣ** [17, с.141], **коҳилӣ** [17, с.21], **мастӣ** [17, с.92], **сахтӣ** [17, с.128], **хоинӣ, ҳасудӣ** [17, с.94].

*Яке аз чаҳор **ҳушёрӣ**, ки саранҷоми корҳо бидонанд. Дувум, **бедорӣ**, ки худро пеш аз вақт дар маҳолик наяндозад. Савум, **далерӣ** дар сохтани корҳои бузург. Чаҳорум, **ҷавонмардӣ*** [17, с.150].

13. Пасванди –манд. Ин пасванд аз исмҳо сифати аслие месозад, ки ба аломат ва хислате доро будани предметро мефаҳмонад: **хирадманд** [17, с.26], **ҳушманд** [17, с.87].

*Аввал, он ки бо дӯсту душман мадоро кун, дуюм, дар корҳо бе машварати **хирадмандон** шурӯъ манамой* [17, с.26].

14. Пасванди –мандӣ. Бо истифода аз ин пасванд танҳо дар китоби “Футувватномаи Султонӣ” истилоҳоти зерин ба мушоҳида расиданд: **ниёзмандӣ** [5, с.37, 73], **озмандӣ** [5, с.37], **ҳунармандӣ** [5, с.207].

*Ва ба воситаи он аст, ки ҳар кӣ дар **ҳунармандӣ** ва паҳлавонӣ бар сар омада, салотин ӯро бар сандалӣ нишонанд* [5, с.207].

15. Пасванди –нок. Ин пасванд бо исмҳо омада, сифати аслие месозад, ки ба аломати асосии калима соҳиб буданро ифода мекунад. Истилоҳи ахлоқие, ки бо истифода аз пасванди **–нок** таркиб ёфтааст, дар асарҳои мавриди таҳқиқи мо танҳо як маротиба такрор ёфтааст**: андешанок** [17, с.143].

*Ман аз бародари худ **андешанокам** ва пеш аз он ки аз ӯ қасде зоҳир гардад дар садади дафъи ӯ мебошам, бояд ки пайваста ту маро муҳофизат кунӣ* [17, с.143].

16. Пасванди –ор. Пасванди зерин бемаҳсул буда, он бо асоси замони гузаштаи феъл омада исм месозад, ки амалу ҳолат ва натиҷаи амалро ифода мекунад: **гуфтор, рафтор.**

Пой ба **рафтори** яқин сар шавад,
Санг ба **пиндори** яқин зар шавад [5, с.46].

17. Пасванди –он. Ин пасванд аломати ҷамъи форсӣ-тоҷикӣ буда, дар корбасти истилоҳоти асарҳои Кошифӣ фаровон истифода шудааст: **кофирон** [5, с.209], **мусалмонон** [5, с.220], **айёрон** [17, с.84], **баддилон** [17, с.82], **бадон** [17, с.81], **ғофилон** [17, с.112], **дуздон** [17, с.115], **лаимон** [17, с.122].

*Бар ин тақдир ӯро ба мусоҳибат ва мухолифати уламову фузало ва ҳукамову урафо майл бояд намуд ва аз **ҷоҳилону гофилон** ва **бадхоҳон** эҳтироз бояд фармуд* [17, с.112].

18. Пасванди -сор. Ин пасванд низ каммаҳсул буда, пасванди сифатсоз мебошад. Вай танҳо бо баъзе исмҳо омада, сифат месозад, ки предмет аз ягон ҷиҳат бо предмети дар реша номбаршуда монандӣ ва мувофиқат дорад [2, с.189]. Корбасти пасванди зикршуда дар асарҳои мавриди таҳқиқи мо танҳо дар ду истилоҳи ахлоқӣ ба мушоҳида мерасад: **хоксор** [5, с.24], **шармсор** [17, с.154].

... то борҳо наёзмуда бошад, бар вай эътимод накунад, то дар охири кор мунфаилу ***шармсор*** *нагардад* [17, с.154].

19. Пасванди –тар/тарин. Пасвандҳои мазкур дараҷаи сифатро ифода мекунанд: **диндортар** [17, с.70], **накутар** [17, с.45].

Таҷриба кардам зи ҳар андешае,
Нест **накутар** зи сахо пешае [17, с.45].

Дар баробари таҳқиқ ва баррасӣ намудани истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ чунин натиҷагирӣ карда метавонем, ки усули калимасозии пешвандӣ ва пасвандӣ яке аз унсурҳои асосӣ ва фаъоли истилоҳсозиву истилоҳнигорӣ ба шумор меравад. Ин таҳқиқ далолатгари он мебошад, ки дар забони тоҷикӣ усули калимасозии сарфӣ хеле роиҷ ва сермаҳсул аст.

Дар ҳақиқат, пешванду пасвандҳо дар забони тоҷикӣ воситаҳои асосии калимаву истилоҳсозӣ ба ҳисоб мераванд, вале дараҷаи истеъмол ва миқдори пасвандҳо нисбатан бартарӣ доранд. Дар натиҷаи таҳқиқи истилоҳоти ахлоқӣ низ муайян гардид, ки пасвандҳои калимасоз дар корбасти ин гуна истилоҳот нисбат ба пешвандҳои калимасоз бартарии зиёд доранд, чунки шумораи пешвандҳои калимасоз дар осори мавриди таҳқиқи мо 5 адад буда, шумораи пасвандҳо ба 19 адад мерасанд.

Дар маҷмӯъ, усули сарфии истилоҳсозиву истилоҳгузинии забони форсӣ-тоҷикӣ, махсусан дар китобҳои “Ахлоқи Муҳсинӣ” ва “Футувватномаи Султонӣ” ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифтааст, ки дар заминаи истилоҳнигорӣ аз имконоти васеъ доштани мутафаккир шаҳодат медиҳад.

Муқарриз: ***Саломов А.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Байзоев А. Истилоҳот ва калимасозӣ дар «Донишнома» - и Абуалӣ ибни Сино / А. Байзоев. – Душанбе: Андалеб Р, 2016. – 169 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ. 1. – Душанбе, 1985. – 356 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ. 2. – Душанбе, 1986. – 372 с.
4. Джураев Т.К. Отраслевая техническая терминология современного таджикского языка (в сопоставлении с русским, персидским и дари): автореф... дисс... док... филол... наук / Т.К. Джураев. – Душанбе, 2010. – 50 с.
5. Кошифӣ, Ҳусайн Воиз. Футувватномаи султонӣ. Нашри мукаммалгардида. – Душанбе: Дониш, 2010. – 272 с.
6. Кошифӣ, Ҳусайн Воиз. Футувватномаи султонӣ. Ахлоқи Муҳсинӣ. Рисолаи “Ҳотамия”. – Душанбе: Адиб, 1991. – 320 с.
7. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷ.1. / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 2007. – 242 с.
8. Мирзо Ҳасани Султон. Истилоҳоти илмии “Китоб ут-тафҳим” – и Абӯрайҳони Берунӣ / Султон, Мирзо Ҳасан. – Душанбе, 2003. – 170 с.
9. Назарзода С. Забон ва истилоҳот (Андешаҳо дар атрофи забони тоҷикӣ ва ташаккули истилоҳот) / С.Назарзода. – Душанбе: Дониш, 2003. – 141 с.
10. Нуров П. Истилоҳ ва истилоҳсозӣ дар забони илмии тоҷикӣ (бо замимаи Фарҳанги мухтасари истилоҳоти физика) / П. Нуров. – Душанбе, 2006. – 222 с.
11. Саидова Ф.Ҳ. “Китоб ус-сайдана фи-т-тиб”-и Абурайҳони Берунӣ – сарчашмаи ташаккули истилоҳоти тиббии тоҷикӣ: дис. ... номзади илми филология / Ф.Ҳ. Саидова. – Душанбе, 2013. – 207 с.
12. Сулаймонӣ С. Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ. Чопи дуюми ислоҳшуда ва иловашуда / С.Сулаймонӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 1564 с.
13. Попов З.Д. Стернин И. А. Общее языкознание / З.Д. Попов. – М., 2007. – 408 с.
14. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат – ҳастии миллат. - Душанбе, Душанбе, 2020. – 432 с.
15. Шарипов Н. Семантика общественно-политических терминов в таджикском языке / Н. Шарипов // Актуальные проблемы иранской филологии. – Душанбе: Дониш, 1985. – С.164-178.
16. Юсупов А. Истилоҳоти тиббии “Ҳидоят ул-мутааллимин фи-т-тиб”-и Ахавайни Бухороӣ: дис. ... номзади илми филология / А. Юсупов. – Душанбе, 2004. – 217 с.
17. اخلاق محسنی، حسین واعظ کاشفی، مطبعه نولکشور، 1279 ه. ق.

СОХТОРИ МОРФОЛОГИИ ИСТИЛОҲОТИ АХЛОҚӢ ДАР ОСОРИ ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ

Масъалаи истилоҳу истилоҳшиносӣ дар айни замон аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии умумист. Алалхусус, истилоҳоти ахлоқии ҳар як забон яке аз бахшҳои асосии забоншиносии онро ташкил дода, чи аз назари забоншиносӣ ва чи аз дидгоҳи ахлоқӣ аҳамияти вижа дорад, зеро ахлоқ ҳамчун зерсутуни ҳастии ҷомеаи башарӣ дорои истилоҳоти басо фаровоне мебошад, ки қариб ҳама ниҳодҳои ҳаёти иҷтимоиро шомил аст, чунки ахлоқ худ ҳастии ҳаёти инсон аст. Бо назардошти аҳамияти хоссаи ахлоқ омӯзиши истилоҳоти

ахлоқии ҳар як забон аз як ҷиҳат, бо пажӯҳиши забоншиносии истилоҳоти ахлоқии осори яке аз поягузорони ахлоқ дар забони форсӣ-тоҷикӣ Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар шароити кунунӣ дар забоншиносии тоҷик аҳамияти хосса касб кардааст, зеро бо васеъ гардидани раванди ҷаҳонишавӣ ва ба хатари маънавӣ дучор гардидани ҷомеа такя ба мероси ниёгон ва асари ахлоқии он аз воҷиботи илмҳои филология ва ҷомеашиносӣ мебошад. Истилоҳсозӣ яке аз заминаҳои асосии рушду пешрафти ҳама соҳаҳои илму фарҳанг ба ҳисоб меравад. Истилоҳоти ҳар як забон, аз ҷумла истилоҳоти ахлоқии он дар заминаи қолабҳои мавҷудаи калимасозии ҳамин забон сохта мешавад. Дар мақола дар заминаи таснифоти усулу шеваҳои асосии вожасозии забони тоҷикӣ тадқиқоти ҷолиб анҷом дода шудааст. Ва қайд кардан ба мавриди аст, ки яке аз роҳҳои асосии сохтани истилоҳоти ахлоқӣ дар забони тоҷикӣ, ин усулҳои сарфӣ, ки сохтани истилоҳ бо пешванду пасванд мебошад ба ҳисоб меравад. Ҳар як усули роиҷи вожасозӣ боз аз ҷиҳати сохт ба якчанд гурӯҳҳо ҷудо мешаванд ва хусусиятҳои хосси худро доранд. Илова бар ин, дар мақола мисолҳои зиёд оид ба масъалаи зерин аз осори ахлоқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ оварда шудааст.

Калидвожаҳо: истилоҳоти ахлоқӣ, усул, вожасозӣ, истилоҳнигорӣ, истилоҳти мураккаб, қолабҳо, исм, сифат, феъл, сифати феълӣ, пешванд, пасванд.

МОРФОЛОГИЧЕСКАЯ СТРУКТУРА НРАВСТВЕННЫХ ТЕРМИНОВ В ТВОРЧЕСТВЕ ХУСЕЙНА ВАИЗА КАШИФИ

Вопрос терминологии в настоящее время является одним из важнейших вопросов в общем языкознании. В частности, моральная терминология любого языка является одной из основных ветвей его лингвистики, как с лингвистической, так и с моральной точек зрения, потому что мораль как основа существования человеческого общества содержит множество терминов, охватывающих почти все институты социальной жизни, потому что мораль сама по себе есть существование человеческой жизни. Учитывая особую важность этики, описание этической терминологии каждого языка путем изучения лингвистики этической терминологии в трудах одного из основоположников этики на персидско-таджикском языке Хусейна Воизи Кашифи в нынешних условиях приобрело особое значение в таджикском языкознании. Потому что опора на наследие предков и его моральное влияние - одно из обязательств филологии и социальных наук. Терминообразование является одним из главных и основных путей развития всех областей науки и культуры. Терминология каждого языка, в том числе моральные термины, образуются на основе существующих, то есть традиционных форм словообразования этого же языка. В статье проводится интересное исследование на основе классификации основных методов и приемов лексикографии таджикского языка. Следует отметить, что одним из основных способов построения этических терминов в таджикском языке является морфологический метод, который представляет собой построение терминов с предлогами и суффиксами. Метод лексикографии далее делится на несколько групп по структуре и имеет свои особенности. Кроме того, в статье приводится множество примеров по каждому вопросу из морального наследия Хусейна Ваиза Кашифи.

Ключевые слова: этические термины, метод, словообразование, терминообразование, сложные термины, формы, существительное, прилагательное, префикс, суффикс.

MORPHOLOGICAL STRUCTURE OF MORAL TERMS IN THE WORK OF HUSSEIN VAIZ KASHIFI

The issue of terminology is currently one of the most important issues in general linguistics. In particular, the moral terminology of any language is one of the main branches of its linguistics, both from a linguistic and from a moral point of view, because morality, as the basis for the existence of human society, contains many terms covering almost all institutions of social life, because morality itself is itself is the existence of human life. Given the particular importance of ethics, the study of the ethical terminology of each language in a certain sense by studying the linguistics of ethical terminology in the works of one of the founders of ethics in the Persian-Tajik language, Hussein Voizi Kashifi, in the current conditions has acquired special significance in Tajik linguistics. Because relying on ancestral heritage and its moral influence is one of the obligations of the philology and social sciences. Term formation is one of the main and main ways of development of all areas of science and culture. The terminology of each language, including moral terms, is formed on the basis of existing, that is, traditional forms of derivational of the same language. The article provides an interesting study based on the classification of the main methods and techniques of the lexicography of the Tajik language. It should be noted that one of the main ways of constructing ethical terms in the Tajik language is the morphological method, which is the construction of terms with prepositions and suffixes, and the grammatical method, with the help of which complex and mixed terms are created. Each method of lexicography is further divided into several groups in structure and has its own characteristics. In addition, the article provides many examples on the following issue from the moral legacy of Hussein Waiz Kashifi.

Key words: ethical terms, method, word formation, term formation, complex terms, forms, noun, adjective, prefix, suffix.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи мутолиоти Шарқ, факултаи муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **umar.mo@mail.ru.** Тел.: **(+992) 988-57-77-37**

Сведение об авторе: ***Махмудзода Мунираи Каноатшох*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры восточной исследований факультета международных отношений. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **umar.mo@mail.ru.** Тел.: **(+992) 988-57-77-37**

Information about the author: ***Mahmudzoda Munirai Qanoatshoh*** – Tajik National University, assistance at the Department of East Research, Faculty of International Relations. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. . E-mail: **umar.mo@mail.ru.** Тел.: **(+992) 988-57-77-37**

УДК: 491.550

ҶАНБАҲОИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ ИСТИЛОҲОТИ ИФОДАКУНАНДАИ НОМИ БОЗИҲО ДАР ЛАҲҶАҲОИ ВОДИИ ҲИСОР

Абдуллоева Г.З.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Таҳқиқи истилоҳоти соҳавӣ яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии тоҷик гардидааст. Пас аз Истиқлолият дар кишвари мо ба ин масъала ҷиддитар назар менамоянд. Гарчанде дар даврони шӯравӣ ба истилоҳ ва истилоҳсозӣ дар забоншиносии тоҷик диққати махсус дода шуда бошад ҳам, аммо он маводҳо фарогири ҳамаи ҷанбаҳои истилоҳшиносиву истилоҳсозӣ буда наметавонанд. Бо фаро расидани Истиқлолият ва забони давлатӣ эълон шудани забони тоҷикӣ масъалаи забон аҳамияти хосса пайдо кард ва ба ҳадде мубрам гардид, ки онро метавон яке аз падидаҳои муҳимми шуури миллӣ ва афкори ҷамъиятии ин солҳо номид [17, с.11].

Ҳатто мавзӯи истилоҳоти забони тоҷикӣ ба андозае мубрам аст, ки дар суханронии Пешвоии муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷашни 10 - солагии қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ин масъала чунин зикр гардидааст: “... Мо бояд ба таҳия, танзим ва ҳамгунсозии истилоҳот, ки яке аз масъалаҳои муҳим дар роҳи рушди забони давлатӣ ба шумор меравад, эътибори ҷиддӣ диҳем. Дар замони пешрафти бесобиқаи илму техника таҳияи истилоҳ ё истилоҳсозӣ ба сифати омили тавонбахши забон дар ҷомеаи мо аҳамияти мубрам пайдо кардааст” [9, с.3].

Истилоҳоти варзишӣ як соҳаи муҳимми истилоҳоти соҳавии забон ба шумор меравад. Гарчанде ба ин масъала бештар муҳаққиқони тоҷик Н. Гадоев (2012), С. Матробиён (2012), Р. Сангинова (2012), С. Ҳалимиён (2014), Ш. Исмоилов (2018), А. Шафоатов (2019), И.Сулаймонов (2019) даст зада бошанд ҳам, аммо дар бахши истилоҳоти варзишӣ қабати номвожаҳои марбут ба бозиҳо таҳқиқи ҷиддиро талаб менамоянд.

Варзиш, тарзи ба роҳ мондани ҳаёти солим дар мардуми куҳанбунёди тоҷик аз қадимулайём шуғли асосӣ ба шумор рафта, дар ҳеҷ давру замон қурби худро гум накардааст, ба ҳар як шахс аз овони кӯдакӣ омӯзонида мешавад. Мо ҳақ надорем фаромӯш кунем, ки тарғиби тарзи зиндагии солимро ҳанӯз аз оила ва боғчаҳои бачагона оғоз карда, дар мактаб ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ идома додан зарур аст [19, с.5].

Машғулиятҳои гуногуни варзишӣ ва ҳар гуна бозиҳо дар ҳаёти гузаштагони мо мавқеи хосса дошт. Махсусан, дар базмҳо, рӯзҳои ид, тӯйҳо намудҳои гуногуни бозиҳои варзишӣ бисёртар намоиш дода мешуданд. Ин амали нек аз тарафи мардуми тоҷик то имрӯз идома ёфта истодааст, ҳам ҷашнҳои мавсимӣ ва ҳам ҷашнҳои хонаводагиро дар айни замон бидуни бозиҳои гуногун тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Бозиҳо низ аз бою ғанӣ будани фарҳанги халқ гувоҳӣ медиҳанд. Он истилоҳоту вожаҳое, ки дар ифодаи номи бозиҳо то ба имрӯз дар забони мо ҳифз шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд. Забон инчунин падидаи фарҳанги миллӣ буда, ба воситаи он ҳар як шахс ҳувияти хешро мешиносад, ҷаҳонбиниашро васеъ менамояд ва ҳофизаи маънавиашро қавӣ мегардонад. Илова бар ин, забон яке аз унсурҳои таконбахши таъриху фарҳанг ба шумор рафта, дар он анъана ва суннатҳои халқ ифода меёбанд. Маҳз тавассути забон инсон арзишҳои маънавии халқи худро ҳифз менамояд ва ба ин арзишҳо арҷи бештар мегузорад [18, с.5].

Бояд ҳаминро иброз намоем, ки калимаи “бозӣ”, тавре ки дар забони адабӣ истифода мешавад, миёни намояндагони лаҳҷаҳои водии Ҳисор низ дар ҳамин шакл мавриди истифода қарор дорад, аммо дар баъзе лаҳҷаву шеваҳо ба тағйироти фонетикӣ дучор гаштааст. Масалан, миёни тоҷикони арабзабон дар шакли “*бӯзӣ*”дар истифода қарор доштааст: Ку, бачаҳои мо йак *бӯзӣ* када битийа канӣ [16, с.212].

Дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор, махсусан дар ноҳияҳои Турсунзода, Шаҳринав ва Ҳисор ин вожа дар аксари ҳолатҳо дар шакли “ *бозӣ - бозӣ*” низ истифода мешавад ва дорои маъноҳои гуногун буда метавонад: 1. Ба маънои аслии худ, бо чизе андармон шудан: Рав, луфтакчета гиру қати ҳамроҳакот *бозӣ- бозӣ* карда гард(Қ); Манижа ҳеҷ каса ғам нимета

шикамша сер, кун бозӣ - *бозӣ* кара мегара (Ш. О) 2. Ба маънои беҳуда гузаронидани вақт: Умрата ба *бозӣ* - *бозӣ* гузаронидӣ, чӣ кор кар(д)и худат медониву худои тепи сарат(Ш); Ба *бозӣ- бозӣ* нисфи умрут гузашт, аку калата кор фармову номаъқулира камтар бъку(Т); 3. Ба маънои бо касе ҳазл кардан, фиребкорӣ кардан: Ту тирмизак кати ман *бозӣ- бозӣ* накун, чояш биёд ба хок яксон мекунам(Н); Ба бозӣ - *бозӣ* мана талаву тарака кад, хъдм нафаҳмида мондм, ки чӣ гап шид (Ч).

Гарчанде ки дар мавзеъҳои алоҳидаи Тоҷикистон номи бозиҳо гуногун бошанд ҳам, маънии онҳо як аст. Гӯйиши ин мавзеъ дар истеъмоли номи бозиҳо аз дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба куллӣ фарқ намекунад. Азбаски дар ин мавзеъ ҳам намояндагони шеваи шимолӣ ва ҳам намояндагони шеваи ҷанубӣ умр ба сар мебаранд, калимаю истилоҳоти ин бахш низ бо ҳам каме омезиш ёфтаанд. Ин хусусияти ин гурӯҳи калимаҳоро ба инобат гирифта, вожаҳои ифодакунандаи номи бозиҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо менамоем:

1.**Номи бозиҳои духтарона**: *алғакбозӣ/ ҳуйталак/, ҳоя, авлончакбозӣ/ ҳойсуворӣ/ аргунчакбозӣ* (бодпарӣ, дар шохи дарахт ресмони сахтро мебанданду, дар он мешинанд ва шахси дигар ин ресмони басташударо сахт алвонҷ медиҳад), *паракпарак/ симпарак/ куртикбозӣ/ скалкабозӣ* (бо ремонча паридан), *сангчабозӣ/ санчилбозӣ/ панҷакбозӣ* (ҳангоми ин бозӣ, бояд аз замин сангчаҳои ҳаҷмаш майдаро бо кафи даст гиранд ва ҳангоми дар як панҷа даҳто сангча ҷойгир шудан, ғолиб дониста мешаванд), *қолбозӣ/ макмак* (ин бозиест, санги ҳамвори паҳнро тавассути як пой ба хатҳои кашида мебарӣ, бояд санги паҳн аз хатҳои кашида набарояд), *кадукаду* (якчанд духтар дастҳоро аз таги дастони духтари якум нишастагие, ки дастонашро дар дарахт ҳалқа кардааст гузаронида, қатор паси якдигар ба мисли каду менишинанд ва ба духтари дигар супориш медиҳанд, ки кадуи пухтагиро интихоб кунад ва он духтар ба сари духтарон бо ангуштонаш сахт- сахт мезанад ва садои сари кадом духтаре, ки баланд барояд онро аз байни духтарон бояд ҷудо намояд, ҳангоми натавонистан худаш ба ҷойи он духтар менишинад), *қамбарқамбар* (аз хок мақбарачае месозанду болояшро андова менамоянд, бо дастони худ то пайдо шудани мӯй мақбарачаро *қабарқабар мӯй барор, мӯйи сафедак барор, мӯйи сиёҳак барор, гӯён* молиш медиҳанд, ҳангоми пайдо кардани мӯй ғолиб дониста мешаванд), *давакдавак* (дар гирди чоркунҷае, ки дар замин кофта шудааст, медаванд), *ҷигар-ҷигар* (як навъ бозии духтаронае, ки аз 12 нафар зиёд ширкат меварзанд, ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд ва гурӯҳи якум овози ягон ҳайвонро бароварда ба хонаи гурӯҳи дуюм ба меҳмонӣ мераванд), *баҷошавакон* (чашми як нафарро бо рӯймолча мебанданд, дигарҳо пинҳон мешаванд, касеро, ки аввал пайдо намуд, дафъаи дуюм чашми ӯро мебанданд), *хоначабозӣ* (аз латтачаҳои гуногун хонача оро медиҳанд, кадом духтарчае, ки хоначаи зеботар оро дода тавонист, ғолиб дониста мешавад), *луфтакчабозӣ* (рӯйи лухтакро аз танга, тугмаи калон сохта, тавассути ришта оро медиҳад).

Дар ин бахш лозим донистем, истилоҳи “*паракпарак”* ва “*алғакбозӣ”*- ро каме тафсир диҳем. Бозии *паракпарак*, аслан дар ҷамоати қишлоқи Қаратоғ бо номи *паракпарак* дар деҳаи Чиртак бо номи *симпарак* маъмул буда, муодили он дар деҳаи Тӯдаи ноҳияи Ҳисор *куртикбозӣ* ва дар байни мардуми ҳакимчӣ *искалкабозӣ (скакалька)* ба ҳисоб меравад*: Ман пъри пър шалпар шдм, дига фараи куртикбозира надорм (Т); Ё,ё бачаҳаки очат мура, Манзураҷон намебиёи қати Ашурбивичон иқаҳак искалкабозӣ кунӣ* (Ҳ,Б). Воҳиди луғавии *паракпарак* аз такрори калимаи *парак* ба вуҷуд омадааст, ки яке аз маъноҳои калимаи *парак* дар забони тоҷикӣ *садо* ва *нидо* мебошад” [6, с.231]. Шояд ҳамин маънои “*садо”* доштани ин калима боиси чунин номгузорӣ гаштани ин бозӣ шуда бошад, зеро ҳангоми бо ресмонча паридан садои пойҳо хеле баланд мебароянд. Шояд феъли *паридан* дар ин ҳолат дар ташаккули ин истилоҳ мавқеи асосиро бозида бошад. Ин калима дар лаҳҷаи Панҷакент дар шакли *“ресмончабозӣ*” маъмул аст.

Истилоҳи *алғакбозӣ* боз дар байни мардуми ин мавзеъ дар шаклҳои *бодпарак, бодравӣ, ҳайбодбозӣ, алғакбозӣ, ҳуйталак, ҳоя, авлонҷчакбозӣ, ҳойсуворӣ, аргунчакбозӣ* дар истифода қарор дорад. Аслан, миёни мардуми Батош, Меҳробод ва Қаратоғ дар ифодаи ин навъи бозӣ калимаҳои *бодпарак, бодравӣ, ҳайбодбозӣ* маъмул аст ва дар ташаккули ин калимаҳо феъли номии *бод додан* мавқеи асосиро ишғол менамояд: Духтаратон хаёлӣ шуда рафтас, очаҷон бағайри *бодпарак* дастакаша да ягон кори хона намезанад(Б.).; Нигина, ғамҳои дилаша *бодравиқати* буроварсос, а(з) дина боза намаки Худоя начашидас(М.).; Очабивем гуфтан, ки чиқа ҳайбодбодбозӣ кунӣ, ҳамуқа гуноҳот

мерезад(Қ.). Дар деҳаҳои Шунуку Даҳбед ба ин маънӣ калимаҳои *авлонҷчакбозӣ ва аргунчакбозӣ* серистеъмоланд. Ба мардуми Чиртакдара ва деҳаҳои гирду атрофи он, ки гӯйиши намояндагонаш бештар ба шеваи ҷанубӣ майл менамояд, номи ин навъи бозиро бештар дар шаклҳои *ҳуйталак/ҳойталак, ҳоя, ҳойсуворӣ*, ки дар ташаккули онҳо мавқеи феъли *ҳой* (алвонҷ) *додан* басе калон аст, ба забон меоранд. Илова бар ин, бояд ҳаминро зикр намоем, ки шаклҳои дигари ин истилоҳ "*ҳайучак/ аргунчак*" хосси мардуми Бухоро мебошанд.

Тазаккур бояд дод, ки ин истилоҳ дар аксарияти деҳаҳои Варгандок, Искич, Нилуи ноҳияи Ҳисор дар шакли "*алғак"* низ маъмул аст: *Алғака,* ки кашан дига гӯдако ғам наметиян *алғабозӣ* кара мегаран(И.). Алғакро аз ресмони ғафси абрешимӣ омода менамоянд, ки дар гузашта онро *аврак* ва бодпеч меномиданд [6, с.18] ва тафсири ин истилоҳ дар луғат чунин омадааст: *аврак* ресмоне бошад, ки атфол дар айёми ид ва Наврӯз дар шохи дарахт ва монанди он овезанд ва бар он нишаста дар ҳаво оянду раванд" [6, с.125]. Шояд ҳамин истилоҳи *алғаке,* ки дар ин мавзеъ маъмул аст, шакли тағйирёфтаи *аврак* бошад.

Истилоҳи *бачошавакон д*ар лаҳҷаи Тагнов муодили *ҷогашавакун* дорад [3, с.68]. Бояд ҳаминро зикр намоем, ки ин калима дар баъзе мавзеъҳо дар шакли *руствшавакон*, *пинҳоншавакон* низ маъмул аст.

2.**Номи бозиҳои писарона**: *тӯббозӣ* (бозӣ бо тӯб), *буҷулбозӣ* (бозӣ бо буҷул, ё устухончаҳо, ки чор тарафи онҳо бо тарзҳои гуногун номгузорӣ шудаанд ва тарафи асосиаш асп, тарафи дигараш хар, тарафи сеюмаш чук ва тарафи чорумаш пук номгузорӣ шудааст ва агар ҳангоми партофтани буҷул тарафи аспаш ояд, ғолиби бозӣ мешавад), *дулдулбозӣ/ чомоқбозӣ/ чормағзбозӣ* (чуқурча кофта чормағзҳои майдаро, ки *гела* ном доранд, дар гирди он ҷамъ менамоянд ва бо чормағзи калоне, ки *сакка* ном дораду барои задан аст чормағзҳои хурдро мезананд, агар ба чуқурча чормағзҳо ҷуфт афтанд бозиро буридагӣ ҳисоб мешаванд), *подшобозӣ* (бозӣ бо қуттии гӯгирд,), *чиликқаҳрӣ /ликдангал/ иликқаҳрӣ* (бозӣ бо чӯбчаҳо). Бозиҳои *дулдулбозӣ* (чормағбозӣ), *тоқигурбойдӣ* (тоқиғелонак) *ва мушкеттӣ* (муштҷангак) хосси мардуми Чиртакдара мебошанд [10, с.11].

Аслан, истилоҳи тӯббозӣ дар забонҳои бадахшонӣ, аз ҷумла рӯшонӣ, шуғнонӣ, ишкошимӣ, бо номи *putīozi* маъмул аст. Дар ин хусус муҳаққиқи рус Пешерева Е.М. чунин овардааст: "Бозичае, ки бо он писарон ва духтарон бозӣ менамоянд, тӯб ба ҳисоб меравад, ки дар байни тоҷикони кӯҳӣ ва яғнобиҳо номи **tup/tuf** гирифтааст [7, с.60]. Ин мафҳум дар забони форсӣ ҳам маъмул аст, лекин дар аксари ҳолатҳо вожаи **guy** онро иваз месозад. С. Матробов тахмин мекунад, ки вожаи **tup//tud** "тӯб" ба забони тоҷикӣ аз забони туркӣ иқтибос шудааст [5, с.46].

Агар ба баромади истилоҳи *дулдулбозӣ* жарфтар, амиқтар назар афканем, пас собит месозем, ки пайдоиши номи ин бозӣ бо калимаи *дул* (чуқурчае, ки масоҳати он ба кафи даст баробар аст) алоқамандии зич дорад. Дар деҳаҳои Шунук, Даҳбед ва Имоми Аъзам ин бозӣ бо номи "*чомоқбозӣ*" (чормағз) маъмул аст, ки аслан барои пайдоиши ин истилоҳ худи "*чомоқ"* (чормағз), ки тавассути он ин бозиро оғоз менамоянд, нақши беандоза гузоштааст. Бархе аз забоншиносон истилоҳи "чомоқ"-ро ба луғати туркӣ шомил медонанд, ки ин андеша чандон дуруст нест, зеро вожаи *чормағз* ба забони туркӣ *yongoq* тарҷума мешавад. Дар луғати " Чароғи ҳидоят" оварда шудааст, ки *чумоқ*- зоҳиран лафзи туркист, зеро ки қоф дар форсии асл нест, ба маънии чӯбдасте ба шакли махсуси маъруф. Ва ин аксар ривоҷи аҳли Эрон аст. Ва аҳли Тӯрон аломати ташайюъ донанд, зеро ки пеши арбоби ташайюъ нигоҳ доштани чӯби бодом ба шакли мазкур маснун аст [8, с.79]. Илова бар ин, бояд ҳаминро зикр намоем, ки дар водии Рашт "*дулдулбозӣ"*-ро бо номи *генабозӣ* мешиносанд. *Гена* чормағзи пухта нарасидаест, ки зӯран аз пӯсташ ҷудо менамоянд [4, с.121]. Дар лаҳҷаи Қаратоғ бошад, ин навъи чормағзҳоро ғелла меноманд. Калимаи *дулдул* дар луғат айнан ба ҳамин шакл оварда шудааст, аммо ин калима ба луғати забони арабӣ шомил буда, маънои "*хачири савории Алӣ, ки домоди Муҳаммад буд"* ва илова бар ин, "*хачир ва маркаби тезравро"* ифода менамояд [11, с.398].

Таҳлилҳо собит намудаанд, ки калимаи *подшобозӣ* низ дар лаҳҷаву шеваҳо муодилҳои худро дорад. Масалан, дар водии Рашт дар шакли *поҳчобозӣ*, дар водии Зарафшон *подшобозию* бо *дуррабозӣ* ва дар баъзе мавзеъҳои дигар бо номи **г***угирдбозӣ*

маъмул аст. Дар луғати “Чароғи ҳидоят” истилоҳи *бозии миру вазир*- бозиест, ки аксар атфол ва ҷавонон бозӣ кунанд, омадааст [8, с.30].

Тавре маълум гашт, дар ин таркиби луғавӣ ба ҷойи калимаи *подшоҳ* муодили он *мир* оварда шудааст, ки ин аз ғановатмандии забони тоҷикӣ дарак медиҳад. Инчунин, ба ғайр аз калимаи *мир,* синонимҳои дигари ин калима аз қабили *ҳоким, ҳаким, шоҳ, сарвар, роҳбар* ва ғайраро вохӯрдан мумкин аст, ки ҳар яке аз онҳо мавқеъ ва мавридҳои истеъмоли худро соҳиб мебошанд. Калимаи *подшо* баромади форсӣ -тоҷикӣ дошта, аслан дар забони адабии тоҷик дар шакли “*подшоҳ*” маъмул аст ва ба гурӯҳи калимаҳои қадимаи форсӣ - тоҷикӣ дохил мешавад. *Подшоҳ* – номест форсии бостонӣ мураккаб аз *под* ва *шоҳ*; ва *под* ба маънии пос ва посбон ва нигоҳбон ва пойидан ва дорандагии тахту авранг бошад, чунонки гузашт ва *шоҳ* ба маънии асл ва худованд ва домод ва ҳар чиз, он ба сират ва сурат ва амсол ва акрои беҳтар ва бузургтар бошад [6, с.213]. *Подшоҳ* - (ба бои форсӣ маъруф); таҳқиқи дар луғоти қадима навишта омада ва ин ки дар Ҳиндустон ба бои тозӣ (яъне бодшоҳ) шуҳрат дорад, зоҳиран аз ҷиҳати истикроҳи ҳарфи аввал аз калимаи мазкур аст, ки ба забони ҳиндӣ қабеҳ аст [8, с.50].

Гарчанде ки дар айни замон доираи истеъмоли ин калима каме танг шуда, ба ҷойи он калимаҳои “*президент” ва “сарвар”* дар истифодаанд, аммо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор ин вожа дар нутқи куҳансолон дар айни замон низ ба маънии аслии худ серистеъмол аст. Илова бар ин, ҳаминро қайд карданием, ки ин калимаро қариб ҳар як адиби тоҷик дар осори худ истифода намудааст ва менамояд. Масалан, устод Айнӣ низ дар повести “Одина” ҷойи ин калимаро муайян карда овардааст: - “Худо *подшоҳ* аст,” гуфта нишастан кори бевазанон аст, - гуфт Одина. Як хусусияти барҷастаи насри С. Айнӣ дар он аст, ки вай мақолу масалро дар айни тасвири авҷи воқеа кор мефармояд [14, с.66].

Истилоҳи *чиликқаҳрӣ* ифодакунандаи мафҳуми яке аз бозиҳои маъмул ва қадимаи тоҷикона аст. Ин бозӣ дар лаҳҷаву шеваҳои тоҷик бо номҳои гуногун номгузорӣ шудааст. Масалан, дар лаҳҷаи водии Рашт дар шакли *чиликдангал*, дар лаҳҷаи тоҷикони Самарқанд бо номи *чилакбозӣ* ё *чакалакбозӣ,* дар Панҷакент бо номи *чиликбозӣ,* дар Бадахшон бо номи *чӯкӯлӯк* маъмул аст. Аз рӯйи зикри муҳаққиқ В.Гордлевский маълум мешавад, ки дар байни халқи қирғиз ин бозӣ бо номи *«cikit ва cikelek*», дар байни туркҳо бо номи “*celik* - игра в чижика” [3, с.23]. маъмул аст. Истилоҳи *буҷулбозӣ* низ барои намояндагони дигар лаҳҷаву шеваҳо дар ҳамин шакл маъмул буда, дар забони адабии тоҷик ҳам айнан дар ҳамин шакл мавриди истифода қарор дорад. Ин калима аз ду ҷузъ *буҷул* ва *бозӣ* сохта шудааст. Вожаи *буҷул* дар луғати “Бурҳони қотеъ” чунин тафсири худро ёфтааст: устухони шитолинг ва он дар миёни бандгоҳи соқи пой мебошад, ва ба тозӣ каъб мегӯянд [6, с.55].

Боиси зикр аст, ки дар айни замон лаҳҷаҳои Водии Ҳисор ба мисли дигар лаҳҷаҳо аз исмҳои иқтибосии *нарда, шашка, шахмат*, *кубик*, *карта, денди, компютер*, *автомат*, *пистолет*, *мошин*, *хокей*, *футбол* ва *рагатка* бо илова кардани исми тоҷикии *бозӣ* дар қолаби мураккаби вожасозии навъи тобеъ истилоҳоти *нардабозӣ, шашкабозӣ, шахматбозӣ, кубикбозӣ, карта/ қартабозӣ, дендибозӣ, компютербозӣ, автоматбозӣ, пистолетбозӣ, мошинбозӣ, хокейбозӣ, футболбозӣ ва рагаткабозӣ* сохта шудаанд. Истилоҳоти *пабедабозӣ* ва *резинкабозӣ* низ бо ҳамин роҳ пайдо шудаанд.

Илова бар ин, бояд ҳаминро дарҷ созем, ки истилоҳи *ланкабозӣ* (бозӣ бо пӯстаки тагаш сурбдор) низ дар байни мардуми ин мавзеъ хеле васеъ истифода бурда мешавад. Ба андешаи мо решаи ин калима “*лама”, “ламка*”-и забони русӣ аст, ки ба тағйироти фонетикӣ гирифтор гашта, шакли “*ланка”*- ро гирифтааст. Калимаи *лама*, аслан аз забони испанӣ дар шакли “ilama”, ки маънои “ҳайвони аз оилаи ширхорҳои хурди шутурҳои амрикоӣ” – ро дар худ нигоҳ медорад ба забони русӣ иқтибос шудааст [12 с.112].

4. **Номи бозиҳои гурӯҳӣ**: *сарҷанг* (ду нафар сари худро ба якдигар мезанад), *муштҷан*г (қувваозмоии ду нафар бо мушт), *куштинг* (қувваозмоии ду нафар тавассути муҳориба), *дастхowонак* / *дастҷиқак* (қувваозмоии ду нафар бо як даст), *тухмҷангак* (дар рӯзи идҳои рамазону қурбон бачаҳо тухмҳоро бо ҳам мезананд, тухми касе шиканад, мағлуб аст), *гӯшмолак/гуштовонак* (то сурх шудан гӯшро мемоланд, касе тоқат кунад, ғолиб дониста мешавад), *кawкҷангак* (ду кабкро ҷанг меандозанд), *хурӯсҷангак* (ду хурӯсро ҷанг меандозанд), *чавгонбозӣ* (хокей), *бузкашак* (човандозҳо ба чоҳи кандагӣ бузро кашола карда меоранд), *ҷангаратуй* (бо харҳо бузро кашола карда то ҷоҳи кандашуда меоранд), *тановкашак* (ду гурӯҳ шуда ресмонро ба тарафи худ мекашанд, кадом гурӯҳе, ки бандро

кашида гирад, ғолиб дониста мешавад), *пайга* (пойгаҳ, давидан), *асптозӣ* (мусобиқаи аспронӣ). Асптоз маъруф аст, ки аспдавонанда бошад [6, с.87]. Бояд тазаккур дод, ки истилоҳи *човандоз* дар асл шакли *"чоҳандоз*"- ро дошта бо мурури замон ба тағйироти фонетикӣ гирифтор шудааст.

Ҳангоми таҳлили мавод собит намудем, ки дар ин бахш дар ифодаи номи бозиҳо калимаҳои мураккаб хеле зиёд ба чашм мерасанд, ки аксарияти онҳо бо калима " ҷанг" сохта шудаанд. Муҳаққиқ А.Шафоатов овардааст, ки дар ин маврид вожаи ҷанг маънои "ҳарб, муҳориба, қувваозмоӣ"-ро ифода мекунад ва зимни истилоҳсозӣ бо исмҳои гуногун алоқа баста, номи бозиҳои мухталифро низ ба вуҷуд меорад [15, с.27].

5. **Номи бозиҳои хушҳолкунанда**: *аспакбозӣ* (як навъи рақс бо аспаки чӯбин), *нағмабозӣ*(масхарабозӣ), *дорбозӣ* (ҳаракат дар болои банд) ва ғайра. Бояд ҳаминро дарҷ намоем, ки истилоҳи *дорбоз* низ ба луғати забони форсӣ - тоҷикӣ шомил буда, дар забони адабии тоҷик боз дар шаклҳои "*расанбоз" ва "ресмонбоз"* дар истифода қарор дорад, ки ин аз ғановатмандии забони нобу шевои мо дарак медиҳад.

Илова бар ин, бояд ҳаминро зикр намоем, ки ҳар як бозиро дар мавридҳои муайян ташкил менамоянд. Барои гузаронидани бозиҳо вақту соат, замону макон мавқеи муайянро мебозанд. Масалан, бозии *бузкашакро* дар ягон давра дар тобистон ташкил намекарданд, зеро дар ҳавои гарм аспҳо ташна монда хуб давида наметавонанд. Бозиҳои дорбозию аспакбозӣ, нағмабозӣ дар рӯзи тӯй гузаронида мешаванд [1, с.82]. Истилоҳи *дорбозӣ* аз давраҳои аввали рушди забонамон сарчашма мегирад, зеро дорбозӣ яке аз ҳунарҳои қадимӣ ва машҳури тоҷикон аст.

Гӯштингирӣ яке аз намудҳои қадимии варзиш буда, то ҳол идома дорад. Махсусан, ҳангоми истиқболи ҷашни Наврӯз гӯштингирӣ яке аз қисматҳои муҳимми ин ҷашнвора гардидааст. Гӯштингирӣ инчунин яке аз намудҳои варзиши ҷаҳонӣ мебошад.

Гарчанде истилоҳи гӯштин дар ин мавзеъ дар ҳамин шакл мавриди истифода қарор дошта бошад ҳам, аммо дар осори ниёгонамон, махсусан дар осори Сайидо дар шакли *куштӣ // гӯштӣ* омадааст [13, с.69]:

Касе, ки ба *гуштӣ* набард оварад,
Сари меҳтаре зери гард оварад (Сайидо).

Шӯхи *куштингир* бошад дар фанни худ устод,
Хонаи худ бурдам ӯрову ба зӯри худ фитод (Сайидо).

Илова бар гуфтаҳои боло, ҳангоми таҳқиқи мавод собит намудем, ки бо калимаи *бозӣ* як силсила истилоҳоти нав сохта шудаанд, ки онҳо хусусияти этнолингвистӣ ва сотсиолингвистӣ дошта, ба истилоҳоти соҳаи варзиш дохил намешаванд. Масалан, дар суҳбат бо мардуми куҳансоли ин мавзеъ як силсила истилоҳоти иҷтимоии хусусияти маҳаллӣ доштаро бо вожаи бозӣ аз қабили *ӯйношбозӣ* (ишқварзии зани шавҳардор бо марди бегона), *ойимбозӣ* (ишқварзии марди зандор бо зани дигар), *ҷувонбозӣ/ ҷувоншинонӣ* (ишқварзии мард бо мард) номбар намуданд. Маълум гашт, ки ин истилоҳҳо дар як давраи хосси таърихӣ, яъне давраи Аморати Бухоро фаъол буда, ҳоло ба вожаҳои таърихӣ - архаистӣ табдил ёфта, аз истифода баромадаанд. Инчунин, дар ин мавзеъ калимаҳои оббоз, *аспбоз, гургбоз, морбоз, сагбоз, хурӯсбоз, қиморбоз* маъмуланд ва дар гузашта низ дар ҳамин шакл корбаст мешудаанд.

Калимаи *бозингар*, асосан дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор, махсусан ҷамоати қишлоқи Қаратоғ ба маънои раққос, раққоса мавриди истифода қарор дорад, ки дар луғат низ ин маънои он қайд шудааст: *бозингар* - он ки дар ягон бозӣ маҳорат дорад, монанди дорбоз, раққос, шатранҷбоз [11, с.195].

Аммо бидуни маънои аслии худ ин вожа ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор боз ба маънои *"шахси ҳилагар*" низ мавриди истифода қарор дорад. Инчунин, муодили ин вожа дар баъзе лаҳҷаҳо, аз он ҷумла Тӯдаву Ноҷии водии Ҳисор вожаи "*арғушт*" ба ҳисоб меравад ва бештар дар шеваи ҷанубӣ маъмул аст. Аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ки калимаи *арғушт* баромади тоҷикӣ дорад. Дар луғати " Бурҳони қотеъ" калимаи *арғуштак,* ки аз исми *арғушт* тавассути ҳамроҳ кардани пасванди - ак сохта шудааст, далели ин ақидаҳост: *арғуштак* - навъе аз бозӣ бошад, ки дӯшизагон ва духтарон кунанд; ва он чунон аст, ки бар сари ду по нишинанд ва кафҳои дастҳоро бар сари зонуҳо моланд ва чизҳо гӯянд ва ҳамчунон нишаста бар сари пойҳо барҷаҳанд ва

кафҳои дастҳоро бар ҳам зананд [6, с.80]. Аммо илова бар ин, бояд ҳаминро қайд намоем, ки ба намояндагони ин лаҳҷаҳо на ҳамаи калимаву истилоҳоте, ки дар забони адабии тоҷик ва дигар лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ маъмуланд ошно мебошанд. Масалан, истилоҳоти "*сахтбоз* – касе, ки дар қиморбозӣ дасти тамом дошта" , "*хишти қимор*-хиште, ки бар он қаъбатайн буҷул андозанд", "суроҳибозӣ – навъе аз рақс аз олами шишабозӣ", *тосбоз*- касе, ки ба тос бозӣ кунад, аз олами шишабозӣ*"* [8, с.124, 92, 145, 149].

Номи бозиҳо вобаста ба пайдоиш ва доираи интишорашон чунин гурӯҳҳоро дар бар мегиранд:

а) номи бозиҳое, ки хусусияти умумитоҷикӣ доранд: *луфтакчабозӣ, хоначабозӣ, подшобозӣ, тухмҷангак, кавкҷангак, хурусҷангак, буҷулбозӣ;*

б) номи бозиҳои хосси лаҳҷаҳои мазкур: *дулдулбозӣ, чомоқбозӣ, ҷигар-ҷигар, паракпарак, гӯшмолак, аспакбозӣ, ҷувонбозӣ, ҷувоншинонӣ*;

в) номи бозиҳое, ки аз забони туркӣ-ӯзбекӣ иқтибос шудаанд: *тӯббозӣ, чиликқаҳрӣ, ӯйношбозӣ,ойимбозӣ;*

г) номи бозиҳое, ки аз забони русӣ иқтибос шудаанд: *футбол, валибол, мак-мак, пабеда, рагатка* ва ғайра.

Аз таҳлилу таҳқиқи мавод бармеояд, ки истилоҳоти ифодакунандаи номи бозиҳо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор як қисми калони луғати ин мавзеъро ташкил намуда, бештар хусусиятҳои этнолингвистӣ доранд.

Муқарриз: ***Назарзода С.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессор.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоева Г. Лексикаи лаҳҷаи Қаратоғ / Г. Абдуллоева. - Душанбе, 2017. – 190 с.
2. Гадоев Н. Лексикаи лаҳҷаи Тагнов / Н.Гадоев. – Душанбе, 2012. – 208 с.
3. Гордлевский В.А. Игры анатолийских турок / В.А. Гордлевский // Известия О-ва обследования изучение Азарбайджана 5. - Баку, 1927. - С.89-122.
4. Исмоилов Ш. Лексика лаҳҷаи водии Рашт / Ш. Исмоилов. – Душанбе, 2018. – 306 с.
5. Матробов С. Робитаҳои забонӣ (дар мисоли лексикаи бозиҳои сунатии вахониҳо аз назари қиёс / С. Матробов // Паёми Донишкадаи давлатии забонҳо. - Душанбе, 2011. - №1(4). - С.43-51.
6. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ.1. - Душанбе: Адиб, 1993. – 280 с.
7. Пещерева Е.М. Игрушки и детские игры у таджиков и узбеков / Е.М. Пещерева // Сб. музея антропологии и этнографии. - Том.17. - М.:-Л., 1957. - 65 с.
8. Сирочуддин Алихони Орзу. Чароғи ҳидоят. – Душанбе, 1992. - 238 с.
9. Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҷумҳурият, 7.10. 2019. - №189(23792).
10. Турсунов Ш. Таърихи деҳаи Чиртак ва Чиртакиён / Ш. Турсунов. – Душанбе, 2013 .– 208 с.
11. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М., 1969. - Ҷ.1. - 947 с.
12. Фасмер, М. Этимологический словарь русского языка / М. Фасмер. – М.: Прогрес, 1986. – Том 2. - 871 с.
13. Халимиён С. Лексикаи касбу ҳунар дар осори Сайидои Насафӣ / С. Ҳалимиён. – Душанбе, 2014. - 152 с.
14. Ҳусейнов Х. Забон ва услуби "Одина"-и устод Айнӣ / Х. Ҳусейнов. – Душанбе, 1973. - 253 с.
15. Шафоатов А.Н. Истиҳоти мураккаби соҳаи варзиш / А.Н. Шафоатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – №5. – С.25-29.
16. Ҷӯраев Ғ. Лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон / Ғ. Ҷӯраев. - Душанбе, 1975. - 227 с.
17. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат ҳастии миллат. Кит.1. - Душанбе, 2016. – 516 с.
18. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат ҳастии миллат. Кит.2. - Душанбе, 2020. – 431 с.
19. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷ.3. - Душанбе: Ирфон, 2002. – 512 с.

Ихтисораҳо: Қ.- Қаратоғ,н. Турсунзода; И.А- Имоми Аъзам,н. Турсунзода; Ш.-Шунук, н. Турсунзода; Д.-Даҳбед,н. Турсунзода; Ч. – Чиртак, н. Турсунзода; Ш. –Шарифобод, н. Шаҳринав; Н.– Навобод,н. Шаҳринав; Ҳ, Б. – Ҳакимчиҳо, Бузуқ, н. Шаҳринав; Т– Туда,н. Ҳисор; И– Искич, н. Ҳисор.

ҶАНБАҲОИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ ИСТИЛОҲОТИ ИФОДАКУНАНДАИ НОМИ БОЗИҲО ДАР ЛАҲҶАҲОИ ВОДИИ ҲИСОР

Дар мақола оид ба истилоҳоти варзишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор сухан меравад. Чунончи машғулиятҳои гуногуни варзишӣ ва ҳар гуна бозиҳо дар ҳаёти гузаштагони мо мавқеи хосса доштанд. Вобаста ба ин муаллиф қайд намудааст, ки бозиҳо низ аз бою ғанӣ будани фарҳанги халқ гувоҳӣ медиҳанд. Он истилоҳоту вожаҳое, ки дар ифодаи номи бозиҳо то ба имрӯз дар забони мо ҳифз шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд. Гарчанде ки дар мавзеъҳои алоҳидаи Тоҷикистон шакли талаффузи ин навъи истилоҳот гуногун бошад ҳам, маънии онҳо як аст. Дар мақола қайд шудааст, ки истилоҳоти ифодакунандаи номи бозиҳо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор ба духтарона, писарона, гурӯҳӣ ва хушҳолкунанда гурӯҳбандӣ мешаванд. Баъзе аз ин гурӯҳи калимаҳо аз даврaҳои аввали рушди забонамон сарчашма мегиранд. Махсусан, муаллиф таъкид намудааст, ки бо калимаи *"бозӣ"* як силсила истилоҳоти нав сохта шудаанд, ки онҳо хусусияти этнолингвистӣ ва сотсиолингвистӣ доранд. Калимаҳои ифодакунандаи номи бозиҳо дар лаҳҷаҳои водии

Ҳисор ба калимаҳои хосси лаҳҷа, ба калимаҳои туркӣ-ӯзбекӣ ва забони русӣ- аврупоӣ чудо мешаванд. Ҳамин тавр, истилоҳоти ифодакунандаи номи бозиҳо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор як қисми калони луғати ин мавзеъро ташкил намуда, бештар хусусиятҳои этнолингвистӣ доранд.

Калидвожаҳо: истилоҳ, калима, лаҳҷа, шева, водии Ҳисор, номи бозиҳо, забони адабӣ, калимаҳои лаҳҷавӣ, забоншиносии қавмӣ.

ЭТНОЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ТЕРМИНОВ, ОБОЗНАЧАЮЩИХ НАЗВАНИЯ ИГР В ГОВОРАХ ГИССАРСКОЙ ДОЛИНЫ

В этой статье рассматриваются спортивные термины в говорах Гиссарской долины**.** Так как различные спортивные мероприятия и игры в жизни наших предков играли важную роль**.** Также автор отмечает, что игры тоже свидетельствуют о богатстве народной культуры, слова и термины, свидетельствующие об этом, обозначают названия игр, до сих пор сохронившиеся в нашем языке и дошедшие до нас. Хотя в отдельных местностях Таджикистана формы произношения этого вида терминов разные, но значения у них одинаковые. В статье отмечается, что термины, обозначающие названия игр в говорах Гиссарской долины, группируются на девчачьи, мальчиковые групповые. Некоторые слова из этой группы происходят из ранних стадий развития нашего языка. Особенно автор показывает, что от слова “игра” был создан ряд новых терминов, что они имеют этнолингвистический и социолингвистический характер. Слова, обозначающие названия игр в говорах Гиссарской долины, разделяются на диалектизмы, тюрко-узбекские и русско - европейские. Таким образом, термины, обозначающие названия игр в говорах Гиссарской долины, составляют большую часть лексики данного региона и имеют больше этнолингвистических особенностей. Статья имеет научную обоснованность, в ходе ее написания проводилось изучение особенностей терминов.

Ключевые слова: термин, слово, говор, диалект, Гиссарская долина, название игр, литературный язык, диалектизмы, этнолингвистика.

ETHNOLINGUISTIC ASPECTS THE TERMS DESIGNATING THE NAME OF GAMES IN DIALECTS OF THE HISAR VALLEY

In this article sports terms in dialects of the Hisar valley are considered. As various sporting events and any games in life of our ancestors played an important role. Also the author notes that games demonstrate richness of national culture too, the words and terms confirming it designate called games still remained in our language and reached us. Though in certain areas of Tajikistan a form of pronunciation of this type of terms different, but values at them identical. In article it is noted that the terms designating the name of games in dialects of the Hisar valley it is grouped on girlish, boyish, group. Some words from this group come from early stages of development of our language. Especially the author shows that from the word "game" a number of new terms was created that they have ethnoliguistic and sociolinguistic character. The words designating the name of games in dialects of the Hisar valley are divided into dialectic words, into the Turkman - Uzbek and Russian - European. Thus the terms designating name of games in dialects of the Hisar valley makes the most part of lexicon of this region and has more ethnolinguistic features. Article has scientific validity, during the research which it was carried out studying of features of terms.

Key words: terminology, word, dialect, sub-dialect, Hisar valley, name of games, literary language, dialectic words, ethnic words.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна*** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч.Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: **(+992) 917-11-64-26**

Сведение об авторах: ***Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна*** – Таджикский государственный институт языков им. Сотима Улугзаде, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. Тел.: **(+992) 917-11-64-26**

Information about the authors: ***Abdulloeva Gulrukhsor Ziyodulloevna*** - Tajik State Institute of Languages named after Sotima Ulugzade, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Tajik language. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str., 17/6. Tel.: **(+992) 917-11-64-26**

УДК: 81’33:398.91:811.161.1

ЛИНГВОСТАТИСТИЧЕСКИЕ ХАРАКТЕРИСТИКИ ПОСЛОВИЦ РУССКОГО ЯЗЫКА С БАЗОВЫМ ПОНЯТИЕМ ЧЕЛОВЕК И С КЛЮЧЕВОЙ ЛЕКСЕМОЙ «ЧЕЛОВЕК»

Камбарова М.А.
Узбекский государственный университет мировых языков

Паремиология – это раздел лингвистики, область филологии, которая занимается изучением пословиц, поговорок, присловий, изречений и т.д. Паремия – это устойчивое высказывание, представляющее собой целое предложение с дидактическим уклоном и нравоучительным характером, обладающее семантически и структурно законченным содержанием. Понятие паремия определяется в многочисленных словарях по-разному. В.И. Даль в толковом словаре объясняет паремию как «нравоучительное слово» [9]. М. Фасмер указывает на то, что «паремия происходит от греч. παροιμία – притча, пословица» [21, с.206]. В Толковом словаре Д.Н. Ушакова паремия определяется как чтение, отрывок из Ветхого завета, дается этимология (от греч. paroimia– притча) и указываются сферы употребления (литературное и церковное) [20]. Итак, пословицы – разновидность паремии, которые являются и коммуникативными единицами языка и речи.

Ниже рассмотрим несколько определений пословицы, предлагаемых известными учеными-лингвистами. А.В. Кунин определяет пословицу следующим образом: «Под пословицами обычно понимают афористически сжатые изречения с назидательным смыслом в ритмически организованной форме» [17, с.339]. В.Л. Архангельский в работе, посвященной устойчивым фразам в современном русском языке, рассматривает пословицы и поговорки «как особый тип вторичных языковых знаков» и как элемент в составе «круга фразеологических единиц» [2, с.147]. Г.А. Пермяков дает следующее определение пословице: «Пословица – грамматически законченное (имеющее вид предложения) изречение с образной мотивировкой общего значения, т.е. требующее расширительного толкования» [18, с.150]. В.И. Даль, расширяя свое понимание пословицы, рассматривает её как продукт народного общения, результат народного и общественного быта, а не результат развития науки: «Что за пословицами и поговорками надо идти в народ, в этом никто спорить не станет, в образованном и просвещенном обществе пословицы нет. Готовых пословиц высшее общество не принимает, потому что это картины чуждого ему быта, да и не его язык; а своих не слагает, может быть, из вежливости и светского приличия: пословица колет не в бровь, а прямо в глаз» [7, с.10].

Таким образом, паремиология занимается изучением устойчивых выражений, таких как пословицы, поговорки, фразеологизмы и др. Пословицы являются народным достоянием, результатом общения людей, передающихся от поколения к поколению, от уст в уста. Пословицы в разных языках, как и в близкородственных, так и в неродственных характеризуются единой (или очень схожей) моделью образования (структуры) и содержания. Это касается краткости пословицы, меткости её содержания в оценке, в определении, в описании человека и в целом социальной структуры, социальных взаимоотношений между людьми, психологии и культуры личности и народа. Многие из этих понятий в пословицах являются общечеловеческими с проявлением национальной специфики как в культуре, так в повседневном и в долгосрочном поведении, реакции человека и социума на происходящее. Общечеловеческое и национально-культурное выпукло просматриваются в пословицах русского языка с понятием человек и с ключевой лексемой человек. Общечеловеческое и национально-культурное в пословицах русского языка, как и в пословицах других языков, взаимосвязаны и взаимообусловлены.

Вильгельм фон Гумбольдт считал язык «внешним проявлением ***духа народа***» [6, с.68]. Пословица, как и другие паремии, выражает дух народа, потому что «...это свод народной премудрости и суемудрия, это стоны и вздохи, плач и рыдание, радость и веселье, горе и утешение в лицах; это цвет народного ума, самобытной стати; это житейская, народная правда, своего рода судебник, никем не судимый» [8, с.110]. Приведем примеры пословиц русского языка, выражающие ***дух народа*****:** *«Где дым, там огонь, где народ, там жизнь», «Народ - что бор дремучий: весь до корня не вырубишь», «Солнце не померкнет - народ не сломится», «Тучи*

соберутся — будет дождь, народ соберётся - сила», «Человек без народа, что дерево без плода», «Будь не только сыном своего отца, будь и сыном своего народа», «В народе найдутся сильнее сильного, умнее умного».

Пословицы могут иметь разные тематики как положительные, так и негативные. В них обычно возвышаются добрые поступки людей, хорошие семейные и дружеские отношения, уважительное отношение к другим и т.д., а всё плохое опускается, не приветствуется. Рассмотрим пословицы русского языка на материале сборника «Пословицы, поговорки и крылатые выражения» И.В. Клюхиной, в которых показаны положительные отношения между людьми [16].

1. Брат
   - ✓ Брат брата не выдаст;
   - ✓ Брат брату головою в уплату;
   - ✓ Братская любовь пуще каменных стен;
   - ✓ Свой своему поневоле брат [16, с.5].
2. Дружба
   - ✓ Дружба крепка не лестью, а правдой и честью;
   - ✓ Дружбой дорожи, забывать не спеши;
   - ✓ Дружбу помни, а зло забывай;
   - ✓ Птица сильна крыльями, а человек дружбой [16, с. 25].
3. Люди
   - ✓ Мир не без добрых людей;
   - ✓ На людях и горе вполгоря;
   - ✓ Возле людей поотирайся да ума набирайся;
   - ✓ Каков есть, такого и в люди несть [16, с.39].
4. Народ
   - ✓ В какой народ попадешь, такую и шапку наденешь;
   - ✓ Если народ един, он непобедим;
   - ✓ Жить с народом в ладу – не попасть в беду;
   - ✓ Народу служить, не ворон ловить [16, с.45].

Таким образом, пословицы отражают жизнь, мировоззрение и дух народа. Они охватывают все стороны человеческой жизни, и поэтому их тематика разнообразна. Они занимают значительное место в жизни народа, так как именно пословицы передают социальные, религиозные, бытовые, философские, моральные и эстетические взгляды народа.

В системе изучения пословицы большое место занимают и лингвостатистические исследования пословицы, что позволяет выявить не только количественные, но, прежде всего, и качественные особенности пословиц, классифицированных по тематике, по структуре и т.д., что имеет большое лингвотеоретическое, лингводидактическое и лингвометодическое значения [10; 11; 12; 13; 29; 23].

Ниже мы обратимся к лингвостатистическому анализу и описанию пословиц русского языка с базовым понятием человек, выраженных словами разных именных частей речи и пословиц с ключевой лексемой человек, которые входят в состав номиноцентрических пословиц.

Основной задачей лингвостатистики является проведение статистического анализа языковых структур с использованием статистического метода. В данном исследовании был проведен лингвостатистический анализ номиноцентрических пословиц русского языка с целью определения в нем количества номиноцентрических пословиц, а также пословиц с понятием или относящихся к понятию «человек» и с ключевой лексемой «человек». Прежде чем начать непосредственный статистический анализ остановимся на определении понятия лингвостатистики в целом и на ее направлениях в частности.

М.В. Арапов в своей монографии «*Квантативная лингвистика»* излагает основы квантативного подхода к языку и пытается связать результаты, полученные от исследовательских работ над языком, осуществлённых с помощью качественных методов, с количественными математическими методами. Он также пытается установить связь между

информационной ценностью единиц языка и количественными характеристиками слов: частотой употребления, степенью многозначности и т.д. [1].

3. Когнитивная лингвистика / З.Д. Попова, И.А. Стернин. - М.: АСТ: Восток-Запад, 2007. - 314 с.
4. Кубрякова Е.С. Проблемы представления знаний в языке / Е.С. Кубрякова // Структура представления знаний в языке. - М.: ИНИОН РАН, 1993. – 245 с.
5. Мухаммадиев М. Краткий словарь синонимов таджикского языка / М.Мухаммадиев // Душанбе, 1975. - 256 с.
6. Маслова, В.А. Лингвокультурология: исследования. стипендия. 3-е изд. / В.А. Маслова. - Испр. Московская академия, 2007. - 208 с.
7. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А. Мамадназаров. – Душанбе: Эр-граф, 2011. - 1015 с.
8. Национальный корпус таджикского языка - [Электронный ресурс]. - Режим доступа: http://tajik-corpus.org. (07.09.20).
9. Русско-таджикский словарь / Под редакцией А.П. Деҳотӣ и Н.Н. Ершова Государственное издательство Таджикской ССР. – Москва – Сталинабад, 1949. - 880 с.
10. Таджикско-Русский словарь / под редакцией М.В. Рахими и Л.В. Успенской. - М., 1954. - 789 с.
11. Шлет Г.Г. Введение в этническую психологию / Г.Г. Шлет. В.1. - М., 1927; Сепир Э., Язык, пер. с англ., М. - Л., 1934; Hymes D. H., Directions in (ethno)-linguistic theory, «American anthropologist», 1964, v. 66, № 3, pt. 2, p. 6 — 56).
12. «Great Soviet Encyclopedia». - Moscow, 1998. - 1978 p.
13. Jackendoff R. Languages of the Mind: Essays on Mental Representation. Cambridge (Mass.) / R. Jackendoff // The MIT Press, 1993. - 384 p.
14. James W. Underhill, Université Stendhal, Grenoble / W. James Publisher: Cambridge University Press; Online publication date: June 2012; Print publication year, 2012. - 198 p.

15. Oxford Advanced Learner's Dictionary of Current English A.S. Hornby Eighth edition, 1795 с.

ТАҲЛИЛИ ЛУҒАВИИ ЛЕКСЕМАИ "БОВАР - BELIEF - ВЕРА" ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар мақола омӯзиши лингвокогнитивии лексика, бахусус таҳлили лексикаи «бовар» дар Пайкараи миллии забони тоҷикӣ оварда шудааст. Инчунин таҳлили когнитивӣ-консептуалӣ ва роҳҳои татбиқи мафҳуми «бовар» дар сатҳи воҳидҳои маъноӣ дар забони тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта шуда, дар натиҷаи таҳлил хусусиятҳои консептуалии мафҳуми лексикаи таҳқиқшаванда, яъне «бовар» муайян карда шудааст. Дар мақола як қатор синонимҳое, ки мафҳуми «бовар»- ро доранд, оварда шуда, мисолҳои гуногун аз китобҳои бадеӣ, ки дар Пайкараи миллии забони тоҷикӣ вуҷуд доранд, оварда шудаанд. Дар натиҷа маълум гардид, ки мафҳуми «бовар» дорои чунин периферияҳо мебошад: решаи калима дар забони тоҷикӣ калимаи «бовар» буда, синонимҳои калима: имон, эътиқод, қаноат, қаноатмандӣ, эътимод, қавл, дилпурӣ мебошанд. Ҳангоми баррасии ифодаи мафҳуми «бовар» маълум гардид, ки ин калима дорои периферияи зайл мебошад: асли калима дар забони тоҷикӣ вожаи эътиқод – имон, наздиктарин периферия калимаҳои боварӣ, имон, эътимод мебошанд. Периферия канори вожаҳои қавл, дилпурӣ ва қаноат мебошанд. Таҳлили маводҳо оид ба расму оин, фарҳанги моддию маънавии дорандагони забон имкон дод, ки семантикаи он муайян гардида, маъноҳои этникӣ ва фарҳангӣ муқаррар карда шуданд.

Калидвожаҳо: имон, этнолингвистика, луғат, забни тоҷикӣ, муқоиса, бовар, қаноат, эътиқод, қаноатмандӣ, анъана.

ЛЕКСИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ЛЕКСЕМЫ «БОВАР - BELIEF - ВЕРА» В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В данной статье представлены лингвокогнитивные подходы исследования лексики, в частности анализа лексики «поверья» в Национальном корпусе таджикского языка. Также рассмотрен когнитивно-концептуальный анализ способов реализации концепта вера на уровне семантических единиц в таджикской картине мира. В результате проведенного анализа были выявлены концептуальные особенности исследуемого понятия. В статье рассматривается ряд синонимов, образующих понятие убеждения. Следовательно, было выявлено, что данный концепт имеет следующую периферию: ядром в таджикском языке является слово бовар; синонимами выступают слова: имон – *вера, верование;* боварӣ – *доверие;* қаноат – *удовлетворение,* эътимод – *уверенность;* қавл – *обещание,* дилпурӣ – *уверенность;* эътиқод – *убеждение.* Анализ показывает, что лексема «*бовар*» отражает различные ключевые мифические и религиозные аспекты и человеческие существа, которые находят свое отражение в номинативных единицах, которые вербализует понятие поверье в таджикской языковой картине мира. При рассмотрении средства репрезентации концепта «belief» выявлено, что данный концепт имеет следующие периферии: ядром в таджикском языке является слово belief - вера, ближней периферией выступают слова боварӣ, имон, эътимод. Дальней периферией являются слова қавл, дилпурӣ и крайней периферией являются слова қаноат, эътиқод. Анализ лингвистических материалов, нравов и обычаев, материальной и духовной культуры носителей языка позволили определить их семантику и установить этнические и культурные значения.

Ключевые слова: вера, этнолингвистика, лексика, таджикский язык, сравнение, уверенность, убеждение, поверье, традиция, доверие, удовлетворение.

LEXICAL ANALYSIS OF THE LEXEMA "BELIEF - БОВАР - ВЕРА" IN THE TAJIK LANGUAGE

This article presents linguo-cognitive approaches to the study of vocabulary, in particular the analysis of vocabulary, **«belief»** in the Tajik National Corps. Cognitive and conceptual analysis of ways of implementing the concept of faith at the level of semantic units in the Tajik world is also considered. As a result of the analysis, the conceptual features of the concept under study were identified. The article discusses a number of synonyms that form the concept of persuasion. Consequently, it was revealed that this concept has the following peripheries: the core in the Tajik language is the word belief; synonyms are the words: faith, trust; satisfaction, confidence; promise, conviction. Analyzes show that the lexeme "belief" reflects various key mythical and religious aspects and human beings, which are reflected in the nominative units that verbalize the concept of belief in the Tajik linguistic picture of the world. Considering the means of representing the concept of "belief", it was revealed that this concept has the following periphery: the core in the Tajik language is the word belief - faith, the nearest periphery are the words, religion and trust. The further periphery are the words promise, confidence and the extreme periphery are the words satisfaction, credit. Analysis of linguistic materials, morals and customs, material and spiritual culture of native speakers made it possible to define their semantics and to establish their ethnic and cultural meanings.

Key words: faith, ethnolinguistics, vocabulary, Tajik language, comparison, confidence, conviction, belief, tradition, trust, satisfaction.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муҳиддинова Таҳмина Ҳамроқуловна*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Muhiddinova_t@mail.ru.** Тел.: **(+992) 936-01-49-94**

Сведение об авторе: ***Мухиддинова Тахмина Хамрокуловна*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **Muhiddinova_t@mail.ru.** Тел.: **(+992) 936-01-49-94**

Information about the author: ***Muhiddinova Takhmina Hamrokulovna*** – Tajik National University, candidate of Philology, Docent of the Department of English language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Muhiddinova_t@mail.ru.** Тел.: **(+992) 936-01-49-94**

УДК: 891.550

МАЪНИГАРОӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ СОИБИ ТАБРЕЗӢ

Ӯрунова М.Р.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Дар идомати назарияи Арасту перомуни шеъру шоирӣ ҳам сухансанҷон, мисли Абӯнасри Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд, Насируддини Тӯсӣ (1) ва ҳам суханварони асримиёнагии форсу тоҷик, шабеҳи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Ҳаким Низомӣ, Шайх Саъдӣ, Мавлоно Ҷомӣ ва дигарон андешаҳои мухталиф баён сохтаанд. Суханварони форсу тоҷик дар осори хеш на танҳо дар бораи чигунагии шеър, ҳамчунин дар хусуси тарзу шеваи гуфтор, сабки нигориш ва махсусиятҳои каломи хеш низ андешаҳои судманд ироа намудаанд. Ба андешаи адабиётшинос Н.Нуров “дар таърихи адаби форсӣ дидгоҳҳои шоирон роҷеъ ба чигунагии шеър ва асолати он дар осорашон ба таври барҷаста баён гардида, ин нақду назарҳо аз ҷойгоҳи вежае бархӯрдоранд” (8, с.43). Соиби Табрезӣ низ аз шумори он шоиронест, ки дар ғазалҳояш ба сабку салиқа ва хоссагиҳои гуфтораш муттасил ишораҳои ҷолиб баён доштааст. Суханвар “дар аксари маврид аз шеваи хосси баён, маъниофарӣ, ҳунари олӣ, завқи баланди хеш ҳарф задаву бо он ғурур ва ифтихори шоирона дорад” [9, с.71], бинобар ин, баррасиву таҳлили ғазалиёти шоир аз ҳайси баҳодиҳӣ ба ҳунари суханофариниаш метавонад бисёр паҳлуҳои ашъори Соиби Табрезиро рӯшанӣ бахшад.

Воқеан, бунёди ҳама гуна ҳақиқати бадеиро воқеият, муносибату муошират, ҳодисоти замониву самовӣ, амволу ашёи дунёи моддӣ, дар маҷмӯъ, ҳақиқати воқеӣ ташкил медиҳад. Ҷараёни бадалшавии ҳақиқати воқеӣ ба ҳақиқати бадеӣ аз диди эстетикӣ, завқу зарфият ва истеъдоду маҳорати сухангустарии адиб вобастагӣ дорад. Ҳақиқати воқеиро ҳама баробар дарк менамоянд, лекин на ҳама қудрати суханофаринӣ доранд. Танҳо нафароне, ки Офаридгор истеъдоду қудрати суханофариниро барояшон арзонӣ доштааст, метавонанд ба ин дунёи моддӣ нигоҳи ғайримуқаррарӣ андозанд ва ба қавли Муҳаммадтақии Баҳор «марворидҳои дарёи ақлро суфта бошанд». Беҳуда нагуфтаанд, ки «шоир он касест, ки ҳоли хор бубинаду аҳволи чаман гӯяд”. Шоир соҳиби тахайюлоти баланд аст ва дар нигоҳи муъҷизаофари вай тамоми ашёи табиату воқеияти замон ба тарзи ғайривоқеӣ ҷилва менамояд. Ҳар як санъаткор дар ҷараёни офариниши тимсолоти бадеӣ мехоҳад беҳтарину олитарин хислату хусусияти ҳамон образро маҷмаъ карда бошад. Аз ин рӯ, санъаткор барои рехтани тарҳи ҳар як образи муъҷаз аз торҳои нозуки хаёлу тафаккур истифода мекунад, то мазмуну маънии бикр ба даст оварда бошад. Чуноне ки Мирзо Абдулқодири Бедил дар суҳбат бо яке аз муосиронаш Муҳаммадафзали Сархуш, ки муаллифи тазкираи «Каломот-уш-шуаро» мебошад, гуфтааст: «Шоирӣ иборат аз маънии тозаёбист».

Табиист, ки ҳангоми баррасии ашъори суханварони классик ба касрат маъниҳоеро дучор меоем, ки перомуни як образ ба ҳам омада, дар коргоҳи эҷодии суханвар дафъатан ҷилваи тозае ба худ касб менамоянд ва боиси тасхири хотири мутолиагарон мегарданд. Чунончи, Соиб тавассути образҳои маъмули шеъри тоҷикӣ-форсӣ – тир ва камон ба тариқи тамсил чандин мазомини тоза офаридааст:

Ҳиммати пирон далели мост ҳар ҷо меравам,
Қуввати парвоз чун тир аз камон дорем мо [14, с.54].

Дар ин байт суханвар бо истифода аз санъати тамсил мазмуни зебоеро ба ҳам оварда, гуфтанист, ки маҳз ба туфайли роҳнамоии бузургсолон мо дар зиндагӣ комгору сарбаланд ҳастем, шабеҳи он ки тир ҳам ба туфайли камон баланду рост парвоз намуда, ба ҳадаф мерасад.

Мешавад зиндагӣ аз қомати хам по ба рикоб,
Тирро меҳвари парвоз камон мебошад [14, с.292].

Дар ин байт низ Соиби Табрезӣ образи тиру камонро дар меҳвари тасвир қарор дода, таъкид бар он дорад, ки мисли он ки камон бо каҷии хеш сабабгори парвози тир мегардад, зиндагии инсонҳо низ аз таҷрибиҳои ҳаётии пирон бастагӣ дорад.

Саҳл машмор ҳиммати пирони ботадбирро.
Аз камоли болу пар парвоз бошад тирро [14, с.102].

Ин байт низ тақвиятгари андешаҳои боло буда, шоир қайд месозад, ки дар зиндагӣ аз маслиҳату машварат бо пирон набояд канорачӯӣ кард, аз он ки пирон ҳаётдида ҳастанд ва тамсил мезанад ба парҳои ба тир насбшуда. Чунки ҳар қадар парҳо бузургу паҳно бошанд, тир ҳамон андоза бехато ба ҳадаф хоҳад расид.

Куҷо тадбири пирони куҳансол аз ҷавон хезад,
Наёяд аз дами теғ он чӣ аз пушти камон хезад [14, с.479].

Ба ҷуз оне ки дар боло зикраш рафт, ҳамчунин образҳои гавҳару ришта, ҳумову устухон, сарву қумрӣ, қатраву уммон, оинаву тӯтӣ ва ғайра борҳо ба коргоҳи эҷодии Соиб ворид шуда, ҳар бор бо ҷилову дурахши тозае ба назари хонанда муҷассам мегарданд. Соиби Табрезӣ суханварест, ки қудрату тавони волои суханофариниву мазмунсозӣ дорад. Аз наззораи ҳар як ашёву манзараҳои дунёи имкон ин қадар мазомини тоза пайрезӣ менамояд, ки ақли афроди одӣ дар тасаввур намудан оҷиз мегардад. Соиб тарзу услуби хос дар офариниши шеър дорад ва ҳамвора дарёфти маонии латифу ҷаззоб ва андешапарвар насибаш гардидааст. Чунончи, дар байти зерин метавон қудрати суханофаринии шоирро ба хубӣ мушоҳида кард:

Равшандилон ҳамеша ба сахтӣ ба сар баранд,
Дар санг зиндагӣ ба сар омад шарораро [14, с.176].

Ба ақидаи суханвар одамони равшанзамир дар зиндагӣ ҳамвора дар риёзат қарор доранд, мисли он ки зиндагии шарора низ аз соиши ду санг ибтидо мегирад.

Хок афканад чу луқмаи талх аз даҳон бурун,
Он синаро, ки махзани асрори ишқ нест [14, с.222].

Суханвар ишқро арҷ мегузорад ва қайд месозад, ки ҳар диле, ки дар он бори ишқ вуҷуд надорад, ҳатто дар хок осудагӣ намеёбад. Барои ифодаи маънии мазкур шоир бо истифода аз санъати ташхис (хок ташхисонида шудааст – М.Ӯ.) ва корбасти ифодаи “луқмаи талх аз даҳон бурун овардан” мазмуни зеҳнрасеро пайрезӣ намудааст.

Соиб борҳо ба тарзу услуби нави эҷодиёти худ, сабку салиқаи ашъораш ишора намуда, аз ҷумла дар яке аз байтҳояш фармудааст:

Мунсифон устод донандам, ки дар маъниву лафз,
Шеваи тоза, на расми бостон овардаам [14, с.587].

Ё ки:

Зи тарзи тоза, Соиб, доғ созам нуқтасанҷонро,
Аҷаб дорам к-аз Омул чун ту хушгуфтор бархезад [14, с.419].

Аз гуфтаҳои Соиб метавон чунин натиҷабардорӣ кард, ки ӯ дар танзими шеър, воқеан, роҳи хоссеро дарёфт намуда, соҳибсабк гардидааст. Ба андешаи худи суханвар ин тарзу шеваи тоза дар сухан иборат аст аз маънии печида ёфтан, ки ба соҳибсухан ба осонӣ даст нахоҳад дод:

Нест осон маънии печида Соиб ёфтан,
Раҳнамо аз печутоб аст ин раҳи печидаро [14, с.91].

Ё ки:

Домани фикри баланд осон намеояд ба даст,
Сарв мепечад ба худ то мисрае мавзун кунад [14, с.447].

Суханвар борҳо дар ғазалиёташ таъкид бар он месозад, ки пайрезӣ намудани маонии тозаву бикр ба осонӣ насиби кас намегардад ва ҳамин мазмунро низ дар ашъораш ҳар дафъа ба тарҳи нав гӯшзад менамояд. Чунончи, дар байти зерин ишора бар он менамояд, ки “маънии равшан”-ро наметавон аз ҳар “дили афсурда” бозҷуст, аз он ки ин “гавҳар”, яъне маънии тоза дар сурати “об гаштани дил”, яъне риёзати беандоза ба каф хоҳад омад:

Маҷӯ зи ҳар дили афсурда маънии равшан,
Ки дил чу об шавад, ин гуҳар шавад пайдо [14, с.150].

Соиб пайваста дар ғазалиёташ гӯшзад месозад, ки манзури ӯ аз эҷоди шеър, қабл аз ҳама, дарёфти маънии тозаву олист. Бинобар ин, шоир ба маротиб таъкид менамояд, ки

вай ҳамвора маъниро пос медораду дили мушкилписандаш гирди мисраъҳои барҷаставу маонии рангин мегардад. Чунончи:

Бо либоси қурби зоҳир бо хаёлаш фориғам,
Нукта аз ҳар кас, ки бошад, поси маънӣ аз ман аст.
Хилвати андешаам чун ғунча лабрези гул аст,
Хона девор аст, ҳар нақше ки берун аз ман аст.
Аҳли маънӣ мезананд аз ғайрати ман печутоб,
Мисраеро мекунад гар сарв мавзун, аз ман аст [14, с.246].

Ҷойи дигар мегӯяд:

Маънии рангин шароби лоларанги ман бас аст,
Нест, Соиб, дидаи ҳасрат ба ҷоми мул маро [14, с.178].

Суханвар таассуф аз он дорад, ки фарди борикбину нуктасанҷе дар замони ӯ пайдо намешавад, то ба умқи суханони шоир бирасад, чунки дар ниҳоди ҳар як лафзи пӯшидаи ӯ ҳазору як маънӣ нуҳуфтааст:

Хурдабине нест, Соиб, в-арна чун холи бутон,
Як ҷаҳон маънист дар ҳар нуқтаи музмар маро [14, с.55].

Ё худ, дар байти зерин суханвар гила аз он дорад, ки дар “бисоти рӯзгор”, яъне байни суханварону сухансанҷони замона “мӯшикофӣ” – маънисанҷӣ мушоҳида намегардад, бинобар ин, қадру манзалати шеъри шоир сазовор баҳогузорӣ намешавад, “чун мӯйи камар нозук будани андеша”-и суханвар ҳамоно ишора ба мазмунҳои баланди ашъораш далолат дорад. Чунончи:

Нест, Соиб, мӯшикофӣ дар бисоти рӯзгор
В-арна чун мӯи камар андешаи мо нозук аст [14, с.254].

Соиби Табрезӣ ба василаи санъати таҷоҳули ориф қоил бар қалами сеҳрофарини хеш буданашро таъкид месозад ва мегӯяд, ки ҳар сатри ашъори ӯ “ба худ аз дард чун тӯмор мепечад”, яъне бори маънӣ мекашад - маънии тозаву рангин. Чунончи:

Намедонам чӣ мерезад зи килки номапардозам,
Ки ҳар сатре ба худ аз дард чун тӯмор мепечад [14, с.344].

Соиб таъкид месозад, ки тавлиди мазомини бикр аз эҷодкор риёзати афзун талаб дорад ва барои гавҳари маъниро суфтан дорои ақли дарроку диди хосса будан лозим аст. Аз ин рӯ, ба қавли худи шоир, гирди як нуқта монанди паргор борҳо гардиш кардан лозим меояд:

Сухансанҷе сар омад дар фанни гуфтор,
Ки чун паргор гирди нуқтае сад бор мегардад [14, с.364].

Ба ин мазмун дар ҷойи дигар мегӯяд:

Чу зулф то ба ҳам орӣ ду мисраи мавзун,
Ҳазор ҳалқа туро печутоб мебояд [14, с.430].

Суханвар ҳамеша имтиёзи маъниро дар лафз бозгӯ ва таъкид менамояд. Ба андешаи шоир лафз сурат асту маънӣ сиришт:

Рӯи хуш лафзу бӯи хуш маъност,
Маънӣ аз лафз дилпазиртар аст [14, с.253].

Аз ин рӯ, шоир ҳамнавъони хешро таъна мезанад, ки эшон талоши сурат доранд, вале Соиб маънии бегона талаб дорад:

Ёрон талоши тозагии лафз мекунанд,
Соиб талоши маънии бегона мекунад [14, с.332].

Ё ки:

То метавон ба олами маънӣ сафар кунем,
Соиб, чаро ба олами сурат сафар кунем [14, с.581].

Ба андешаи шоир ҳар суханваре, ки дилбохтаи сурат, яъне лафзи зебост, наметавонад ба маънии баланд даст ёбад ва тамсил мезанад ба оина, ки ҳамвора аз бозор тиҳидаст бармегардад. Чунончи:

Раҳ ба маънӣ набарад ҳар ки ба сурат, Соиб,
Ҳамчу оина тиҳидаст зи бозор шавад (14, с.321).

Лекин суханвар бар он аст, ки маънии ғариб тавассути алфози латиф бояд бо ҳам ояд, дар сурати норасоии лафз маънии нозук пӯшида хоҳад монд:

Чунонки маънии нозук зи норасоии лафз,

Нуҳуфта монд дар ин тангно, чунон мондам [14, с.602].

Ин аст, ки шоир лафзу маъниро ба ҳам тавъам медонад ва ишора бар он дорад, ки дар алоҳидагӣ на лафз ва на маънӣ эътиборе надоранд:

Лафзу маъниро ба теғ аз ҳамдигар натвон бурид,
Кист Соиб, то кунад ҷонону ҷон аз ҳам ҷудо [14, с.79].

Соиб андеша дорад, ки нозукхаёлӣ оқибат сабабгори шуҳратёрӣ мегардад ва тавассути санъати мисолия фикрашро тақвият мебахшад:

Хаёли нозук охир мефурӯзад чеҳраи шуҳрат,
Моҳи нав мешавад тамом оҳиста-оҳиста [14, с.666].

Соиби Табрезӣ соҳибтарз дар олами эҷод буданро шабеҳи фарзанд доштан ва ҳуқуқи падарӣ касб кардан дар олами эҷод медонад, дар сурати сабку услуби хосса пайдо накардан, шеваи хос надоштан, ба андешаи суханвар, худро шоир пиндоштан хатост:

То соҳиби фарзанд нагардӣ, натавон ёфт,
Дар олами эҷод ҳуқуқи падариро [14, с.104].

Чуноне ки қайдаш рафт, Соиб шоире буд соҳибзавқу соҳибтарз ва комилан ин гуфтаҳояшро дар амал намоиш дода тавонист. Баррасиву таҳлили абёти болоӣ, ки намунаи баланди паҳлугардониҳои сухан ва шеърияти олиянд, даъвои шоирро далеланд. Ба ин мазмун худи суханвар гуфта:

Соиб, аз тарзи наве, к-андар миён андохтӣ,
Дудмони шеърро ҳар дам бақои тозае [14, с.651].

Аз ин боис, Соиб ба қатъият мегӯяд, ки пас аз ӯ суханваре дар жанри ғазал ҳамсанги ӯ шудан наметавонад, мисоли он ки рубоиро ба пояи Саҳобӣ касе мавзун натавонист кард:

Ғазалгӯӣ ба Соиб хатм шуд аз нуктапардозон,
Рубоӣ гар мусаллам шуд зи мавзунон Саҳобиро [14, с.164].

Дар ҳақиқат, Соиби Табрезӣ шоири бисёр тавоно ва мушкилписанд аст. Ӯ дар ғазалҳояш борҳо ишора ба маонии тозаву бикри ашъораш намуда, онро бо ибораҳои “маънии рангин”, “маънии баланд”, “маънии равшан”, “маънии печида”, “маънии дургард”, “маънии бегона”, “шеъри саркаш”, “ашъори рангин”, “гуҳари шоҳвор”, “ҳарфи сабз”, “фикри рангин” ва ғайра ёд менамояд ва шахсияти шоириву тахайюлоти бадеии хешро бо ифодаҳои “мӯйшикоф”, “дили мушкилписанд”, “гули ҳамешабаҳор”, “фидоии сухан” ва мисли инҳо баҳогузорӣ менамояд, ки далел бар сабку шеваи хосси ӯ дар ҷодаи шеър аст. Ин ҷо метавон боз даҳҳо санадҳо овард, ки перомуни ба даст овардан, таҳрезӣ кардан ва баён намудани маонии оливу баланд суруда шудаанд. Таҳлили байтҳои болоӣ, ки дар зикру таъкиди маҳфуми «маънии тоза» гуфта шудаанд, худ далели қудрати суханофаринӣ ва шеваи хосси баёни ин шоири шаҳиранд.

Афзудан ҷоиз аст, ки Соиби Табрезӣ, дар ҳақиқат, дилбохтаи сухани олист. Дар байни ғазалиёти ӯ метавон бо ғазалҳое барҳӯрд кард, ки саропо дар васфи сухани оливу бикр ва расолати шоирӣ мурассаъ гардидаанд. Таваҷҷуҳ менамоем ба ғазали зерин:

Чароғи хилвати ҷон рӯшноии сухан аст,
Баҳори зиндадилон ошноии сухан аст.
Агар сухан ба дил аз гӯш бештар нарасад,
Яқин шинос, ки аз норасоии сухан аст.
Макидани сари ангушти хома чун тифлон,
Гувоҳи бекасиву бенавоии сухан аст.
Зулоли Хизр гиреҳ дар сиёҳии зулмот,
Чу хуни мурда зи шарми равоии сухан аст.
Маро чу маънии бегона муғтанам донанд,
Ки ошноии ман ошноии сухан аст.
Чу ғунча сар ба гиребони худ фурӯ бурдан,
Гули сари сабади ошноии сухан аст.
Шикасти зулфи сухан мешавад дуруст аз ман,
Дили шикастаи ман мумиёии сухан аст.
Агар Сикандар аз оина сохт лавҳи мазор,
Чароғи турбати ман рӯшноии сухан аст.
Гузоштӣ сари худ чун қалам дар ин савдо,
Дигар кӣ ҳамчу ту, Соиб, фидоии сухан аст?! [14, с.219].

Дар ин ғазал ҳам суханвар ёд аз маънии бегона месозад ва сухани олиро равшангари хилвати ҷон ҳисобида, ошноӣ бо суханро баҳори зиндадилон арзёбӣ менамояд. Соиб сухане, ки танҳо ба гӯш мерасаду ба дил даст намеёбад, ноқис медонад. Худро аз посдорандагони сухани воло ҳисобидан, барои дарёфти маънии баланд чун ғунча сар дар гиребони худ фурӯ бурдан, шикасти сари зулфи суханро соз намудан, дили шикастаро мумиёии сухан гардонидан, чароғи турбати хешро аз рӯшноии сухан баршуморидан ва сар дар савдои сухан ниҳодану худро фидоии роҳи сухан донистани суханвар ҳама далел бар салиқаву ҳунари хосси сухантирозиву маъниофарии ин сарсупурдаи ҷодаи шеъру шоирист, ки аз ҳар сатри ин ғазали мавриди назар рӯнамо мегардад.

Ҳамин тавр, Соиби Табрезӣ аз ҷумлаи суханваронест, ки яке аз аввалинҳо шуда, роҳи нави эҷоди шеърро интихоб кард ва бо тарҳи тозае, ки дар ин ҷода андохт, муваффақ гардид. Маънибандиву мазмунофариҳои ӯ, воқеан, аз ҳунари волои сухангустарии шоир дарак медиҳанд ва худи шоир борҳо дар абёти ҷудогонаи ғазалҳояш ёд аз маонии тозаву бикр ва баланду олии баҳамовардааш сохтааст ва ифтихор аз он дорад, ки соҳиби чунин истеъдоди хосса ва фавқулода дар ҷодаи суханварӣ аст.

Муқарриз: ***Собиров Ҳ.Ю.*** – номзади илмҳои филологӣ, устоди ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Арасту. Поэтика (андар шеъру шоирӣ): тарҷума ва пешгуфтору тавзеҳи Истад Қосимзода. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 170 с.
2. Аристотел, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд, Насируддини Тусӣ. Фанни шеър (доир ба санъати шеърӣ). - Душанбе: Ирфон, 1985. – 192 с.
3. Девони Соиби Табрезӣ / Бо эҳтимоми Ҷаҳонгири Мансур. Иборат аз ду ҷилд. - Теҳрон: Муассисаи интишороти Нигоҳ, 1384. - 1896 с.
4. Зеҳнӣ, Тӯрақул. Санъати сухан / Тӯрақул Зеҳнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1979. - 279 с.
5. Маонӣ, Аҳмад Гулчин. Фарҳанги ашъори Соиб / Аҳмад Гулчини Маонӣ. Иборат аз се ҷилд. - Теҳрон: Муассисаи мутолиот ва таҳқиқот, 1365. - 1652 с.
6. Муҳаммадзодаи Сиддиқ. Шарҳи ғазалҳои СоибиТабрезӣ / Сиддиқ, Муҳаммадзода. - Теҳрон, 1370. - 456 с.
7. Насриддинов А. Сеҳри мубин / А.Насриддинов. - Хуҷанд, 1996. - 196 с.
8. Нуров Н. Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил / Н.Нуров. – Хуҷан: Ношир, 2020. – 443 с.
9. Нуруллоева М. Соиби Табрезӣ (пажӯҳише дар ҳунари шоирӣ) / М.Нуруллоева. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2005. - 78 с.
10. Пригарина Н.И. Индийский стил и ее место в таджикско-персидской литературы / Н.И. Пригарина. - М., 1991. - 212 с.
11. Саъдиев С. Адабиёти тоҷик дар асри XVII / С.Саъдиев. - Душанбе: Дониш, 985. - 284 с.
12. Соиб ва сабки ҳиндӣ дар густураи таҳқиқоти адабӣ; бо кӯшиш ва эҳтимоми Муҳаммад Расули Дарёгашт. - Теҳрон,1371. – 456 с.
13. Соиби Табрезӣ. Куллиёт; бо муқаддима ва шарҳи ҳоли шоир аз Муҳаммад Аббосӣ. - Теҳрон: Исфанд, 1371. - 1834 с.
14. Соиб. Мунтахабот. – Душанбе: Ирфон, 1980. - 703 с.
15. Ҳотамӣ, Аҳмад. Пажӯҳише дар сабки ҳиндӣ ва давраи бозгашти адабӣ / Аҳмад Ҳотамӣ. - Теҳрон, 1342. - 234 с.
16. Шамисо, Сирус. Сабкшиносии шеър / Сируси Шамисо. - Теҳрон, 1346. – 420 с.

МАЪНИГАРОӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ СОИБИ ТАБРЕЗӢ

Дар мақола перомуни дидгоҳи Соиби Табрезӣ доир ба шеъру шоирӣ ва сабку салиқаи гуфтори ӯ маълумот фароҳам оварда шудааст. Муаллиф дар натиҷаи омӯзишу таҳқиқи ғазалиёти суханвар собит намудааст, ки Соиб аз шоирони маънигаро буда, пайваста дар роҳи дарёфт кардани маонии тозаву бикр кӯшиш ба харҷ додааст ва маъниҳои олиро ба василаи алфози хушоянд тарҳрезӣ намудааст. Муаллифи мақола таъкид бар он дорад, ки Соиби Табрезӣ соҳиби тахайюлоти хосси бадеӣ буда, тавонистааст зимни як тимсоли шеърӣ чандин мазмунҳои тозаро пайрезӣ намояд, чунки ҳадаф аз гуфтани шеър ба даст овардани маонии бикр аст. Аз баррасиву таҳлили ғазалиёти Соиби Табрезӣ аз ҷиҳати худбаҳодиҳӣ ба сабку салиқаи гуфтораш ва шеваҳои дарёфти мазомини олӣ аз ҷониби ӯ муаллиф ба чунин натиҷа расидааст, ки Соиби Табрезӣ, воқеан, аз ҷумлаи суханваронест, ки яке аз аввалинҳо шуда, роҳи нави эҷоди шеърро интихоб кард ва бо тарҳи тозае, ки дар ин ҷода андохт, муваффақ гардид. Маънибандиву мазмунофариҳои ӯ аз ҳунари волои сухангустарии шоир дарак медиҳанд ва ашъораш ифшогари соҳиби чунин истеъдоди хоссаву фавқулодаи ӯст.

Калидвожаҳо: Соиби Табрезӣ, ғазалиёт, ҳақиқати воқеӣ ва бадеӣ, сабки ҳиндӣ, лафзу маънӣ, маънии тоза, мазмунсозиву маъниофарӣ, ҳунари суханварӣ.

СМЫСЛОВОЕ ПРЕДПОЧТЕНИЕ В ГАЗЕЛЯХ СОИБА ТАБРЕЗИ

В статье автор приводит сведения относительно взглядов Соиба Табрези относительно поэзии и поэтики и стиля и манеры его изложения. Автор в результате изучения и исследования газелей поэта доказал, что Соиб приложил очень много усилий в дело поиска новых и оригинальных смысловых значений и привнес их в свою

поэзию в качестве изысканных слов. Автор статьи подчеркивает, что Соиб Табрези обладал особенным художественным воображением и смог посредством одного поэтического образца создать несколько новых смысловых значений, так как цеоью создания его газелей было достижение нового и оригинального смысла. Из рассмотрения и анализа газелей Соиба Табрези с точки зрения самооценки стиля и способности речи и приёмов распознавания высшего смысла и содержания с его стороны автор пришел к такому результату, что Соиб Табрези, в действительности является одним из тех поэтов, который одним из первых выбрал новый путь сочинения поэзии и достиг успехов в этом деле. Его смысловые предпочтения свидетельствуют о его высоком поэтическом мастерстве, а его поэзия является обличителем яго особенного и неполвторимого поэтического таланта.

Ключевые слова: Соиб Табрези, газели, рельная и художественная действительность, индийский стиль, речь и смысл, новый смысл, содержательность и значение, искусство њунари красноречия.

MEANINGFUL PREFERENCES IN SOIB TABREZI GAZELS

In the article, the author provides information on the views of Soib Tabrezi regarding poetry and poetics and the style and manner of its presentation. As a result of studying and researching the poet's gazelles, the author proved that Soib put a lot of effort into the search for new and original semantic meanings and introduced them into his poetry as refined words. The author of the article emphasizes that Soib Tabrezi had a special artistic imagination and was able to create several new semantic meanings through one poetic model, since the goal of creating his gazelles was to achieve a new and original meaning. From the consideration and analysis of the gazelles of Soib Tabrezi from the point of view of self-assessment of the style and ability of speech and the methods of recognizing the higher meaning and content on his part, the author came to such a result that Soib Tabrezi, in fact, is one of those poets who was one of the first to choose a new path. compositions of poetry and achieved success in this matter. His semantic preferences testify to his high poetic skill, and his poetry is the denouncer of a special and incomparable poetic talent.

Key words: Soib Tabrezi, gazelles, real and artistic reality, Indian style, speech and meaning, new meaning, content and meaning, the art of unari eloquence.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ӯрунова Мавҷуда Рустамовна*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи адабиёти классикии тоҷик. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, кӯч. Мавлонбеков, 1. E-mail: umavchuda@mail.ru**.** Тел.: **(+992) 92-736-02-51**

Сведение об авторе: ***Урунова Мавджуда Рустамовна*** - Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, кандидат филологических наук, доцент, заведующая кафедрой классической таджикской литературы. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1. E-mail: **umavchuda@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-736-02-51**

Information about the author: ***Urunova Mavjuda Rustamovna*** - Khujand State University named after B. Gafurova, Candidate of Philology, Associate Professor, Head of the Department of Classical Tajik Literature. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov pass., 1. E-mail: **umavchuda@mail.ru.** Tel.: **(+992) 92-736-02-51**

УДК: 892.7.09

РОМАНТИЗМ ДАР ШЕЪРИ МУОСИРИ АРАБ

Шодиев М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Нимаи дувуми асри XIX ва аввали асри XX замони таҳаввулоти бузург ва густурда дар адабиёти араб ва бавижа дар шеъри арабӣ буд. Аввалан, гурӯҳе аз адибон саъйю талош ба харҷ доданд, то шеъри асили классикии арабро, ки дар вазъи рукуд қарор дошт, эҳё намоянд. Дар баробари ин гурӯҳи дигаре аз адибон, ки таҳсилкардаи Аврупо буданд, тарафдори таҷдиду таҳаввули ин шеър аз роҳи пайравӣ аз шеъри нави ғарбӣ ва озод сохтани қасида аз қайду банди арӯзи классикӣ ва озод шудани шахсияти адиб аз пойбандӣ ба қолабҳои кӯҳан шуданд. Иддае аз онҳо таъсирпазир аз шеъри романтики англис ва иддае пайравони шеъри романтики Фаронса шуданд ва дар оғоз онҳо аксаран рақибони сарсахти шеъри классикии араб буданд, бинобар ин дар ибтидои асри XX даст ба таъсиси мактабҳои адабии пайрав аз шеъри нави ғарбӣ заданд. Аз ҷумла, адибони арабнажоди маҳҷар дар Амрико ҷамъияти адабии «ар-Робитату-л-қаламия» (Ҷуброн Халил Ҷуброн), дар Миср ҷамъиятҳои адабии «ад-Дивон» (Маҳмуд ал-Аққод) ва «Аполло» (Абу Шодӣ) таъсис доданд.Ин падидаро Абдулҳамид ал-Ҷийда чунин ба қалам додааст: “Ҳанӯз асри 19 ба поён нарасида буд, ки навъи наве аз шеър зуҳур кард. Ин шеър аз лиҳози шаклу мазмун ва услуб, бо шеъри гузашта фарқ дошт. Аз як сӯ услуби шеъри классикиро ҳифз карда буд ва аз сӯйи дигар, аз отфаҳо ва инфиолоти зуҳури шеъри романтикии нав баҳраманд гардид. Ин навъ шеър дар ҳақиқат пайрави адабиёти аврупоӣ ва иникоси ҷунбиши фикрии омма буд, ки ин тағйиру дигаргуниро дар майдони адабиёт ба вуҷуд меовард” [2, с.45]. Омӯзиши ин падида , ки натанҳо дар мамолики араб, балки дар дигар кишварҳои шарқӣ низ доман паҳн кардааст, муҳим аст.

Мубрамияти омӯзиши мавзӯи романтизм дар адабиёти араб дар он қарор дорад, ки аввалан ин ки аз ошноӣ бо равияҳои гуногуни адабӣ дар кишварҳои арабӣ мо метавонем омилҳо, заминаҳо ва роҳҳои таъсирпазирии шеъри арабро аз мактабҳои адабии ғарбӣ ва хоссатан мактаби романтикӣ, ки дар кишвари мо қариб, ки омӯхта нашудааст, муайян намоем ва аз ин таҷриба дар омӯзиши таъсирпазирии бавосита ва ё бевоситаи шеъри муосири тоҷик аз ҷараёнҳои адабии ғарбӣ истифода намоем. Мавзӯи таъсирпазирии адабиёти араб аз адабиёти Ғарб чӣ дар киршварҳои арабӣ ва чӣ дар Эрон мавриди пажӯҳишу ковишҳои зиёде қарор гирифтааст, вале дар кишвари мо то ҳанӯз таҳқиқоти ҷиддие анҷом напазируфтааст ваин мақоламаълумоти мухтасаре хоҳад буд дар мавзӯи романтизм дар шеъри муосири араб ва баррасии мавзӯоти асосии он дар ашъори баъзе аз шоирони пайрави ин мактаб. Сараввал дар мавриди мафҳуми романтизм чанд сухане гуфтан ҷоиз хоҳад буд. Дар адабиёт романтизм (аз франсавӣ romantisme), методи маъмули эҷоди бадеиест, ки мувофиқи он ҳаёти воқеӣ дар асар ба таъбири файласуфи немис В. Шеллинг (1755-1854), «на чунонки ҳаст, балки чунонки мебояд» тасвир мешавад [6, с.108]. Пайравони романтизм муътақиданд, ки ҳастӣ, чунон ки ҳаст, барои тасвири бадеӣ муносиб нест, онро ба муроди хеш аз нав бояд сохт. Идеали романтикӣ хилофи воқеият буда, зуҳури дилмондагию норозигӣ ва нафрату эътироз гаштааст. тавре ки ишора шуд романтизм чун истилоҳҳои адабӣ нимаи аввали асри X1X дар Аврупо пайдо шуд, вале тасвирҳои романтикӣ таваҷҷуҳи адибону мутафаккирони ҷаҳонро аз даврaҳои қадим ба худ ҷалб намудааст. Масалан, тасвирҳои романтикӣ дар осори адибони классикии форсу тоҷик ба воситаи ифодаи ғояҳои халқпарварона, шоҳи одилу афсонавӣ, асотир, ҳаёти шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ ва ғайра фароҳам омадаанд. Баёни рамзиву тамсилӣ ва муболиғаомез чун усули истифодаи асарҳои романтикӣ дар адабиёти давраи нави тоҷик ҳам мавқеи муносиб дорад [6, с.108].

Дар мавриди мафҳуми романтизм орои муҳаққиқон яксон нест, масалан муҳаққиқи англис Морес Буро дар бораи романтизм чунин мегӯяд: “Калимаи романтизм он қадар густурдааст ва барои ағрози гуногун ба кор рафта, ки ифода кардани он ба як маънӣғайримумкин ба назар мерасад ва ҳар гуна талош барои ироаи таърифи тозае аз он низ ҳамин ҳукмро дорад”[19, с.21].

Муҳаққиқони Шарқ низ дар ин маврид ибрози назар кардаанд, масалан адабиётшиноси шинохтаи эронӣ А.Зарринкӯб дар бораи мактаби романтизм мегӯяд: “Адабиёти романтик баръакси классик, ки бештар бар ақл такя дорад, муттакӣ ба шуур, завқ, эҳсос ва тахайюл аст, асоси биниш ва идроки романтизм унсури шахсӣ ва фардӣ аст. Ақидаи романтизм бештар муштамал бар эътиқод ба нисбӣ будани зебоӣ ва ҳунар, бартарии эҳсосот ва авотифи қалбӣ бар соири қувваи зеҳнӣ, таъкид бар ваҳдат ва ҳамоҳангии шеър дар назди тамоми миллат, эътиқод ба робита байни шеър ва мусиқӣ, зарурати раҳои аз қайду суннатҳо дар адаб ва пардохтан ба авотифи фардӣ аст” [3. с.428-454]. Ба назари мунаққиди муосири мисрӣ Муҳаммад Мандур асоси ин мактаб “шӯриш ва қиём алайҳи усули хушки классик буда, ҷавҳар ва хамирмояи он, озодсозии адаб аз ҳукмронии меъёрҳои ҳунарии ғайри қобили инъитоф аст. Романтизм ҳамчун мактаби адабӣ, ҳаёти адабии ҷаҳонро хоҳ дар фалсафаи отифӣ ва усули инсонӣ ва хоҳ дар осори адабӣ ва иҷтимоӣ шинохтаву маъруф гардонидааст” [16, с.11]. Дар маҷмӯъ, мунаққидону муҳаққикон ба ин назаранд, мактаби романтизм ҳунаре аст, ки осори адабиро тақдими миллатҳо мекунад ва дар навъи худ бузургтарин лаззатеро эҷод карда, пешниҳоди хонанда месозад. Аз ҷумла, таваҷҷуҳ ба отифа ва хилоф, ҷойгузин сохтани қалб ба ҷои ақл, таваҷҷуҳ кардан ба шеъри ғиноӣ, хаёлпардозӣ, ҳузну андӯҳ, фирор аз воқеият, ғаму ғурбат ва фардгароӣ аз муҳимтарин мавзӯоти ҷараёни романтизм ба ҳисоб меравад [ниг.1, с.200].

Ба гунае, ки қаблан ишора шуд, ин мактаби адабӣ дар адабиёти араб дар аввалҳои асри ХХ дар натиҷаи пайвандҳои адабии Шарқу Ғарб арзи вуҷуд кардааст. Пайвастани шоирони муосири араб ба мактабҳои романтикӣ нуқтаи оғози таҷдид ва таҳаввул дар шеъри муосири араб ба шумор меравад. Дар ин ҷодда шоирони романтик аз гурӯҳони пештозе маҳсуб мешаванд, ки дар дигаргунии адабиёти арабӣ ва ҳамқадам сохтани он бо асри нав саҳми бориз доштанд. Гарчанде ки шумораи ҷамъиятҳои адабии пайрави романтизм дар ибтидо зиёд набуд ва бештар тағйир дар ҳавзаи маъонии шеърро мадди назар доштанд, замоне нагузашт, ки теъдоди онҳо афзуд ва доманаи ислоҳотхоҳии онҳо низ густариш ёфт ва дар як муддати кӯтоҳ муҳтаво ва сохтори шеъри муосири арабӣ дигаргун гашт. “Ин таъсиргузорӣ ба ҳадде густурда буд, ки дар фосилаи миёни ду ҷанги ҷаҳонӣ, барҷастатарин шоирони араб, ки осори ҷаҳонӣ падид овардаанд, аз пайравони мактаби романтик гаштанд. Дар ҷой-ҷойи ашъори ин гурӯҳ аз шоирон, намунаҳои барҷастае аз шеъри романтикӣ падид омадааст, ки баёнгари дар таъсири ин мактаби адабӣ дар шеъри муосири арабӣ аст. Пайванд миёни нобасомониҳои иҷтимоии ҷаҳони араб ва андӯҳ, ки яке аз дарунмояҳои аслии шеъри романтикӣ аст, аз авомили густариш ва мондагории ин таъсиргузории жарф ба шумор меравад” [ниг.22, с.4]. Ҳамин тавр шеъри муосири араб, ҳамчун дигар шохаҳои адабиёти арабӣ, дар даврони нав ва таҳти таъсири адабиёти Ғарб, ба худ як шакли аз гузашта фарқкунандаро гирифт. Ба ақидаи аксари муҳакиқони адабиёти муосири араб беҳтарин намунаи ин услуби нав дар шеър, ҳамон аст, ки дар осори Халил Мутрон (т.1849), ки шефтаи адабиёти Фаронса буд, дида мешавад. Дар ин бора муҳақиқи эронӣ Шафиъи Кадканӣ чунин изҳори назар кардааст: «Мутрон дар муқаддимаи кӯтоҳе, ки бар ҷилди аввали девони худ навишта ва низ дар хилоли ашъораш, мафоҳим ва мавқеиятҳои тозаеро вориди шеъри муосири арабӣ кард, ки дар давраи баъд ва дар миёни шоирони мутаҷаддид, ба гунаи усуле мусаллам ва тардиднопазир даромад. Шояд муҳимтарини ин мафоҳим ду нукта бошад, яке ваҳдати шакли шеърӣ ва дигарӣ тақаддуми маъно ё мазмун бар вожаҳо ва шакл» [17, с.78]. Ин нақши Мутронро дар пайванд додани шеъри арабӣ бо романтизм муҳаққиқони мухталифи осори ӯ чунин иброз доштаанд: «Мутрон нақши бисёр муҳиме дар кашондани адаби арабӣ ба самти мактаби романтикӣ дошт. Ӯ дар сояи тахаййули беназире, ки дошт аз табиат ва зиндагӣ таъсир пазируфт ва романтизми арабиро бар асоси маворидри зер бино кард:

-Роҳёбии мавзӯъҳои романтикии ғарбӣ ба шеъри арабӣ;

-Азнавсозии баёнии шеър, бо ба кор бурдани лафзҳо, таркибҳо ва санъатҳои баёнии нав;

-Таваҷҷуҳ ба ваҳдати қасида ва ягонагии аҷзоъ ва рабти абёти он бо якдигар» [18, с.34]. Аз ҳамин ҷост, ки ӯро муассиси мактаби романтикӣ дар шеъри араб меҳисобанд. Ҳамчунин, дар мавриди таъсири мактаби романтикӣ дар шеъри муосири арабӣ Шафиъии Кадканӣ меафзояд: «Аз ҳақ набояд гузашт, ки романтик дар шеъри араб, яке-ду насл аз барҷастатарин истеъдодҳои ин забонро ба худ шефта кард… ҷунбиши романтик дар шеъри ҷадиди араб пайравони бисёр дошт ба ҳадде, ки агар касе бихоҳад ба дурустӣ намояндагони ин ҷунбишро интихоб кунад, ба душворӣ метавонад аз инҳироф ба канор бимонад» [3, с.83].

Ба ҳар сурат, перомӯни он ки чӣ касе пешрав ё муассиси ҷараёни романтикӣ дар адабиёти муосири араб ба шумор меравад, миёни адибон ва мунтақидон ихтилофи назар вуҷуд дорад, гурӯҳе Ҷуброн Халил Ҷубронро пешвои ин мактаб муаррифӣ карданд, иддаи дигар бар он бовараанд, ки Халил Мутрон чун муддате аз умри худро дар Фаронса сипарӣ карда буд, сахт таҳти таъсири романтикҳои Фаронса қарор гирифт ва дере нагузашт, ки ин таъсир дар осори ӯ падид омад ва сари забони хоссу омм гашт. «Бо таъсирпазирӣ аз мактаби романтикии Фаронса барои аввалин бор ин гироишро дар шеъри хеш ба зуҳур расонд. Шоирони маҳҷар низ бо илҳом аз Мутрон ва таъсири шароити хосси муҳит, аз ҷумла: дурӣ аз ватан, рӯёрӯйӣ бо фақру нокомӣ, ноумедию узлат, ба ин мактаб рӯй оварданд ва андешаҳои сӯфиёнаи хешро бо эҳсосоти романтикӣ дар ҳам омехтанд»[5, с.34]. Ҳарчанд ки Мутрон аз шеъри нави ғарбӣ пайравӣ карда бошад ҳам, вале «ӯ намехост шеъри арабӣ ранги шарқӣ ва асолати худро аз даст бидиҳад ва дар пайи он буд, ки шеъри арабӣ дар тамоми арсаҳои дигаргунӣ ва пешрафт, оинаи ростини рӯзгори худ бошад» [8, с.198].

Пас, бо ин ҳама, ки перомуни романтизм дар шеъри муосири араб гуфта шуд, ин шеър чӣ вижагиҳое дорад? Дар мавриди вежагиҳои романтизм дар шеъри муосири арабӣ аз ҷониби муҳақиқон андешаҳои зиёд иброз гардидааст. Аз ҷумла, адиб ва муҳаққиқи араб Аҳмад Ҳайкал чунин баён доштааст: «Аз назари мазмун ва муҳтаво, шоирони романтик бо ҳоким кардани эҳсоси дарунӣ (яъне паноҳ бурдан ба табиат ва пайвастан ба виҷдони инсонӣ) бар шеъри хеш, аз ҳокимияти ақл дар офариниши асари ҳунарӣ костаанд ва шеъри худро аз отифаи омехта бо эҳсоси андӯҳ, талхӣ ва навъе дилтангӣ, ки гоҳе ба навмедӣ меанҷомад, бархӯрдор сохтанд» [9, с.170]. Таврe ки мебинем, онҳо дар офариниши асари бадеӣ тасаллути ақлро костаанд ва ба эҳсосоту тахайюл дар шеъри худ бартарӣ додаанд. Аз вижагиҳои дигари шеъри романтикӣ ин аст, ки дар он, зиддияти миёни шаклу муҳтаво тақрибан аз миён рафтааст ва дар шеъри лирикӣ, отифаҳо ва эҳсосоти шахсӣ фармонраво мебошанд. Ин ба он чи ки дар шеъри романтикии Аврупо мавҷуд аст, монандӣ дорад, яъне “дарунмояи аслии шеъри романтикӣ аз андӯҳ ва шавқи мубҳам, тамоюл ба маъсумияти даврони кӯдакӣ, орзуҳои дастнаёфтанӣ, ҳайрат ва розҳои ниҳон ва дигар чизҳои ношинохта аз ин навъ, хоҳ дар даруни шоир бошад ва хоҳ дар зуҳуроти печидаи табиат бошад, иборат мебошад” [ниг.22, с.11]. Таҳти таъсири андешаҳои романтикӣ қарор гирифтани шоирони арабро муҳаққикон дар ду шакл мебинан, яке таъсирпазирии бевосита аз шеъри романтикии Аврупо (тақлид) ва дигар таъсири мавқеъгирии шоир нисбат ба фарҳанг ва сиёсат давр буд. «Бе ҳеч тардид ташхиси ин ки чӣ қисматҳое натиҷаи тақлид ва таъсири адабӣ аст ва чӣ қисматҳое ҳосили вазъи умумии фарҳанг ва тамаддун, бисёр душвор аст, ҳар чи ҳаст, падидае қобили таваҷҷуҳ аст ва тардиде дар заминаи дарунӣ ва иҷтимои он нест, ин аст, ки ин шеваи ҷадиди шеърӣ ба суръате бисёр дар тамоми манотиқи ҷаҳони араб интишор ёфт [9,с.83]. Аз навгониҳои дигаре, ки шоирони романтик роҳандозӣ карданд, ин буд, ки “ба ягонагии мавзӯъ дар шеър бисёр аҳамият медоданд ва ҳамвора дигаронро ба риояти он даъват мекарданд” [15, с.23]. Ба андешаи онҳо ҳангоме ки муҳаббат, эҳсосот ва хаёл бар шеър ҳоким бошад, як фазои рӯҳии ягона саросари қасидаро фаро мегирад, «дар ин ҳол қасида аз як навъ ваҳдати узвии «органикӣ» бархӯрдор мегардад, ба гунае, ки шоир, бо фармонравоии отфаҳо ва эҳсосот ба сурудани ашъори лирикӣ пардохта, дардҳо, ранҷҳо, маҳрумиятҳо ва орзуҳои хешро ба тасвир мекашад, он гоҳ бо паноҳ бурдан ба табиат, миқдоре аз аламҳои дарунии хешро коста, ба оромиши хостааш даст меёбад. Дар ин ҳолат, шоир тавре бо

табиат омехта мешавад, ки гӯё, табиат чизе хориҷ аз таҷрибаи шеърии ӯ нест ва мазҳари табиат замзамае аз эҳсосоти дарунии шоир ба ҳисоб меояд» [1, с.200].

Шоирони романтик аз назари бадеият бо даст кашидан аз образҳои баёнии анъанавӣ ба истифода аз образҳои дигар, аз тасвирҳои маҷозӣ пардохтанд ва бо ворид кардани тағйирот дар услубҳои баёнӣ, забони шеъри худро ба забони маъмулӣ ва наздик ба мардум сохтанд. «Онҳо бо зарофати хос, бо истеъмоли таркибҳои осон ва калимаҳои сода ба баёни ҳолатҳои отифӣ ва эҳсосоти дарунии хеш пардохтанд. Албата ин содагароӣ дар баён, ба маънои он набуд, ки шоирон аз назари қомуси шеърӣ, ба навъе камбуд ва костӣ дучор шаванд, зеро бештари онҳо, шоирони забоншинос ва ошно ба асрору нозукиҳои забон буданд, ҳамчун Мутрон, Башора Хурӣ, Абӯ Шабака, Алӣ Маҳмуд Таҳо ва ғайра…» [1, с.200]. Дар баёни он ки чаро шоирони романтики араб ин услубро пеш гирифтанд, муҳаққиқи адабиётшинос Шафиъии Кадканӣ мегӯяд: «Онҳо бо равиш монеъ аз он мешуданд, ки калимот ва алфози маснуъ, шоирро фиреб диҳад ва ӯро аз мақсади худ боз дорад. Аз сӯйи дигар, онон бо бакоргирии ин шева, зудтар метавонистанд эҳсосот ва авотифи худро бо хонанда пайванд диҳанд. Бо ин ки ин шоирон гом дар масири сода кардани забони шеър бардоштанд, аммо мусиқии шеъри бисёре аз онон, хонандаро ба ёди шоирони асри аббосӣ меандозад. Аз ин рӯ, ҳирси эшон бар ҳифзи рӯҳи забон, ҳамон гуна аст, ки дар шеъри қадим будааст» [17,81]. Пажӯҳишгарони адабиёти романтикӣ ба хусусиятҳои баёнии зерини шеъри романтикҳои араб ишора кардаанд: «Дурӣ аз мушкилбаёнӣ ва калимасозӣ ва саъй дар истифода азалфози сода ва равон, такя бар мусиқӣ ва ҳамоҳангии калимаҳо ва ибораҳо ва истифода аз тасвиргароиҳое, ки такя бар хаёлу эҳсосот доранд» [20 ,с.133].

Дигар аз навгониҳои шоирони романтик ин ворид кардани тағйирот дар вазни шеър буд. Онҳо вазнҳоеро истифода карданд, ки аз вазнҳои шеъри суннатӣ фарқ доштанд. Гарчанде романтикҳо дар заминаи иртиботи лафз ва маъно, аҳамиятро дар мадди аввал ба маъно медоданд, боз ҳам «...овозҳо ва услубҳои баёнии тозаеро низ ба кор мебурданд, ки ҳам дақиқ буданд ва ҳам бо забони фасеҳҳамоҳангӣ доштанд. Ҳамин кор боис шуд, ки калимаҳою ибораҳо, дар ин мактаби адабӣ, арзиши худро ҳифз кунанд» [20, с.199].Дар баробари ин адибоне буданд, ки нисбати асолат ва сохтори забон беэътиноӣ мекарданд ва «ҷумлаи маъруфи Ҷуброн «*Лӣ луғатӣ ва лакум луғатукум»* («Барои ман забони ман ва барои шумо забони шумо»), ки аз сӯйи вай, барои мухолифинаш баён шудааст, намунае аз ин гироиш аст ва ҳамин мавзӯъ яке аз заминаҳои ихтилоф миёни онон ва пайравони ҷамъияти Девон дар Миср шуд» [12, с.73].

Бо вуҷуди дар интихоби мавзӯъ маҳдудияте надоштани адабиёт ва шеъри романтикӣ, адибони романтик, аксаран ба мавзӯъҳое рӯ меоварданд, ки дар онҳо бори отифӣ ва эҳсосии бештаре дида мешуд.. Муҳимтарин мавзӯъҳое, ки онҳо дар ашъорашон истифода кардаанд, ин «васфи табиат», «ишқ», «эҳсоси дарду ранҷ», «ёди марг», «озоди аз қайду бандҳо ва бозгашт ба даврони гузашта» ва ғайра буданд.

Васфи табиат барои шоирони романтик аз муҳимтари мавзӯоти эҷодӣ маҳсуб мешавад, чун агар ҷомеа ӯро (адибро) дарк намекард, пас вай ба табиати зебо фирор мекард ва дар он паноҳ мебурд.

Шоири романтик табиатро поку бе риё ва орӣ аз кинаву кудурат мебинад, худро дар домани табиат шоду хушнуд дарк мекунад, боварӣ дорад, ки табиат ӯро дӯст медорад ва ӯро ба сӯйи худ мехонад ва вай дар табиат ҳамсуҳбате хоҳад ёфт, ки дар ҷомеа пайдо кардан наметавонад. Бино бар ин, табиат ва падидаҳои зебои он, монанди куҳҳои баланд, осмони обӣ, дарёчаҳо, ҷангалҳо, гулҳо, шабу рӯз ва ғайра, аз мавзӯоти муҳим дар осори романтикҳо гардид.

Халил Мутрон, ки ҳамчун падари шеъри романтикии муосири арабӣ эътироф удааст, табиатро ба унвони ҳамдарди хеш ва барои посухгӯйи ба саволҳои худ интихоб кардааст ваҳолати инсониро бо олами ҳастӣ муқоиса менамояд:

الحسنُ كلُّ الحسنِ في البيعة
انظر إلى آياتها البديعة
ماذا تقول الزهرة الوديعة؟

Ҳама зебоиҳо дар табиат аст, ба нишонаҳои беназираш нигоҳ кун, шукуфаи зебо ва бовиқор чӣ мегӯяд?

Мутрон дар қасидаи «ал-Масоъ» («Шом») бо як санъати баланд ранҷ ва эҳсоси дарунии хешро бо табиат пайванд дода, мегӯд:

الهوجاءه فيجيبني برياحخواطري إلى البحر اضطراب شاك
لي و ليت ثاو على صخر اصم اء قلبا كهذه الصخرة الصم

Парешонҳолии хешро ба баҳр шикоят мекунам, пас баҳр бо бодҳои тӯфонии худ ба ман посух медиҳад, бар тахтасанги бузург нишастаам, эй кош диле чун кӯҳпора диле сахт медоштам. Шигифто аз ғуруб ва аз ашкҳое ки барои ошиқон ва ибратҳое, ки барои бинандагон бо худ дорад. [21:144].

Шоири дигари табиатгаро Башора Абдуллоҳ (Ахтал ал-Асғар низ ба табиат таваҷҷуҳи хос дошт ва пайваста бо он дар муноҷот буд ва дар хилватҳои худ, соатҳо бо он дарди дил мекунад. Вай бо дили шикаста бо торикӣ ва насим рози дил мекунад ва мегӯяд:

أين من مقلتي الكري يا ظلام
أنصف الليل و الخليون ناموا
مسحت راحة الكري أعين الناس
فنامت و نام فيها الغرام
و أنا تذكر الضياء عيوني
مثلما يذكر الغصون الحمام
الدجى اللطيفي نسي
عند النسيم لزاما حتملني، لى عهد
كلنا ناحل: فانت براك الله
لكن أنا برانى السقام

Эйторикӣ, хоби чашми ман куҷо рафт? Шаб ба нима расида ва осудагон дар хобанд. Хоб, чашми мардумонро фаро гирифта, онҳо ва ошиқон ба хоб рафтаанд. Ва чашми ман, монанди кабутаре, ки ба ёди шохаҳост, нурро ба хотир меоварад. Аз насими латифи торикӣ, маро бар худ бардор, ман бо насим аҳде воҷиб дорам. Мо ҳардуи лоғару заиф шудаем, туро Худованд наҳиф карда ва маро бемориҳо лоғар намудаанд [7, с.144].

Шоир Илёс Абу Шабака бошад, шефтаи табиати рустоӣ аст. Вай бо як шӯру шавқи хосса, манзараҳои гуногуну зебои сарзамини худ Лубнонро васф мекунад (“Ё билодӣ” (Эй сарзамини ман). Аз забони кишоварзон ва бо ибораҳои бисёр соддаву дилнишин, муҳаббат ба зиндагиро баён мекунад ва онро бо корҳои рӯзмарраи ҳаёт пайванд дода мегӯяд (“ал-Ҳассодун” (Даравгарон):

الى الحصاد
جني الجهاد
قلب البلاد يحيا بنا
هيا أحصدوا و أنشدوا
الحب قلب و يد
و العمر زرع و جنى
حقولنا، سهولنا، كلها طرب، كلها غنى
الشمس فيها ذهب، و السواقى منى

Бишитобедбадаравкардан. Самараи талошу кӯшиш.Қалби сарзамин, бо мо зиндааст, биёеду дарав кунед ва бисароед: Ишққалб асту даст, умри одамӣҳама кишту дарав. Мазраъаҳои мо … даштҳои мо, ҳама шодӣ, ҳама суруданд, хуршед дар он ба ранги тиллост ва рудҳои он орзуҳоянд [13, с.3]. Ин гуна васфҳо дар ашъори Абу Шабака ва дигар шоири романтик хеле зиёд ба назар мерасад. Дар ин миён шоири тунисӣ, Абулқосим аш-Шобӣ, ки аз пайравони ҷамъияти адабии Аполло буд, бо эҳсоси жарфу романтикӣ дар дили осмони пурситора ва зебогии шаб ғутавар шуда, сармаст аз ин зебогии масҳуркунанда, месарояд:

و في ليلة من ليالى الخروف
مثقلة بالاسى و الضجر
سكرت بها من ضياء النجوم
و غنيت للحزن حتى سكر

Даршабеазшабҳои пурситора, ки боре аз андӯҳу дард бо худ доштам, аз нури ситорагон дар он маст шудам ва барои андӯҳ, нағмае сар додам, ки ӯҳам маст шуд [4, с.91].

Қасидаи машҳури “Иродату-л-ҳаёт”-и ӯ низ баёнгари андешаҳои романтикиаш мебошад. Вай дар он эҳёи доимӣ дар табиатро бо қиёми миллатҳо бо ҳам мепайвандад ва ба шеъри романтикии арабӣ ранги хоси инсонию иҷтимоӣ мебахшад. Ӯ иродаи миллатҳоро ба донаҳои пинҳоншуда дар дили хок ташбеҳ мекунад, ки хоби зимистонӣҳаргиз онҳоро нобуд кардан наметавонад ва онҳо дубора боз хоҳанд рӯйид [ниг.4, с.92].

Дармаҷмӯъметавонгуфт, ки шоирони романтик саъю талош мекунанд то табиатро зинда ба қалам диҳанд, ба садои он гӯш фаро диҳанд ва асрори онро кашф намоянд. Дар ин масир онҳо гоҳе хушбин ва гоҳе бадбин ва гоҳе ҳайратзадаю шаккоканд. Ин аст табиати шоири пайрави мактаби романтикӣ.

Аз дигар мавзӯъҳои роиҷдар шеъри романтикӣ ин мавзӯи ишқ аст. Аз назари шоири романтик ишқ як сарчашмаи абадист, ки шоир аз тавассути он ҳақиқати ҳастиро дарк мекунад ва ҳиҷоби танро канор мегузорад. Ба андешаи онҳо агар ишқ набошад, «шохаҳои зиндагӣ бараҳна, бебарг, бесамар ва бидуни латофат ва шодӣ мемиранд» [ниг.12, с.179]. Аз дидгоҳи онҳо ҷоне, ки аз ишқ холӣ бошад, пажмурда мешавад ва мемирад:

و اي بهجه للنفس تبفى
إذا ذهبت أحبتها الكرام
ألا إن الحياة بلا حبيب
كمثل الكأس فارقها المدام

Барои инсон чӣ шодӣ боқӣ мемонад, замоне, ки дӯстонаш кӯч кунанд?
Зиндагӣ бе дӯст монанди ҷомест, ки дар он шаробе набошад. [7, с.138].

Ишқ аз дидгоҳи шоирони романтик, асли ҳастӣ мебошад. Шоир Абу Мозӣ, ошиқонро мурдагони беқабру бе кафан медонад:

عِبراه من الحب، كله
عندي منه الدموع و السهر
صر عى الغرام، إنهمو ويح
موتى، و ما كفنوا و ما قبر!
ما جحد الحب غير جاهله
أيجحد الشمس من له بصر؟

Оҳазишқ, ки ҳамааш ашк аст, баҳраи ман аз он бехобӣ ва ашкҳост.
Вой бар қурбониёни ишқ, ки мурдагони бекафану бегӯранд!
Оё ба ҷуз нодон касе ишқро инкор мекунад? Оё шахси бино хуршедро инкор мекунад? [11, с.351].

Дар адабиёти романтикӣ ишқ дорои мақоми хос буда, аз робитаҳои ҷисмонӣ фаротар рафтааст ва як навъ иттиҳоди арвоҳ ба шумор меравад…чунон ки Ҷуброн онро “маъбади рӯҳ” меномад, ки ҳамроҳи дарду ранҷ, қалби башарро пок мекунад. Бинобар ин, ишқ яке аз меҳварҳои аслии мактаби романтик аст, ки шоир ба он пайваста халои вуҷуди худро пур мекунад ва нуқсҳои даруниашро ба воситаи он бартараф менамояд. Аз ин рӯ, ба иллати нақши меҳварии ин мавзӯъ дар адабиёти романтик, онро “қалби адаб” медонанд ва зербинои аслии ин мактаб ном гирифтааст (ниг. 22, с.15).Мавзӯи ишқ дар назари онҳо боис шудааст, ки арзиши зан дар адабиёти романтик бисёр баланд шавад ва ҳамчун фариштаи осмонӣ талаққӣ гардад, ки ба муҷарради поксозии қалбҳо ба василаи ишқ аз осмон фурӯд омадааст. Илова бар ин, дар осори романтикҳо, дидгоҳи фалсафӣ дар бораи ишқ вуҷуд дорад. Дар назари бархе аз онҳо, ишқ асоси ин олам ва сабаби вуҷуди махлуқот аст ва давоми ҷаҳони ҳастӣ низ бад он вобаста аст. Ҳатто баъзе аз шоирони пайрави мактаби романтик дар ҷой-ҷойи ашъори худ ба мафҳуми ишқ мафҳуми қудсиисият додаанд.

- Мавзӯи дигаре, ки фарогири ашъори шоирони романтик аст, ин «эҳсоси танҳоӣ ва дарду ғам» мебошад. Замоне, ки ягон мушкилот, ҷабру ситам ва умуман расму русуми ғалат дар ҷомеа ба миён ояд, шоирони романтик ба табиат, ба худ ва ё олами хаёл паноҳ мебаранд. Дар чунин ҳолат ӯ дар худ дарду азоб мекашанд ва худро танҳо меҳисобад ва эҳсосиғурбат мекунад. «Озодӣ аз муҳит ва замони мавҷуд ва фирор ба сӯи фазоҳо ё

замонҳои дигар даъват ба сафарҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ, сафари воқеӣ ва ё бар болҳои хаёл, яке аз дигар мушаххасоти осори романтизм аст» [19, с.181] .

Дар адабиёти муосири араб эҳсоси ғурбат ба шакли нолаву зорӣ ба ёди Ватан, бештар хоси шоирони маҳҷар буд, чун дурӣ аз Ватан ва муҳаббат ба он ва мушкилоти зиндагӣ дар ғурбат барои онҳо муҳимтарин омили эҷод ва илҳом гашта буд. Ҷуброн Халил, Насиб Ариза, Рашид Аюб Рашид Салим ал-Хурӣ, Илия Абу Мозӣ, Умар Абу Риша ва ғайра аз ҷумлаи шоироне буданд, ки ин эҳсосро таҷриба кардаанд ва нишонаҳои ин таҷриба дар ашъори онҳо ҳувайдост. Қасидаи "Эй ҳамсоя" (Ё ҷоратӣ)-и Абу Мозӣ забони ҳоли ин гурӯҳ аз шоирони романтикии араб аст. Дар ин қасида, шахсе дар бораи андӯҳе, ки дар чеҳраи шоир намоён аст, аз ҳамсояҳои ӯ суол мекунад:

ما هذا الفتى في الدار معتزلا؟
كما توحد نساكو رهبان يأتي المساء عليه و هو مكتب
رجع الليل عنه وهو حيران

Чаро ин инсон монанди зоҳидон ва раҳбонон гӯшаи танҳоӣ ва узлат баргузидааст?
Шабу субҳ бар ӯ мегузарад ва ӯ андӯҳноку ҳайрон аст.

Сипас,ҷавон ки ҳамон худи шоир аст, дурӣ аз ватанро сабаби ин ҳама андӯҳ мешуморад ва посух медиҳад:

فاليوم كل الذي في مهجتى الم
و كل ما حولهم بؤسو احزان و كان لي أمل إن كان لي وطن
فيه لنفسي لباناتو خلان فلا المغاني التي اشتاق رؤيتها
تلك المغاني، و لا السكان سكان

Ин рӯз ҳар чи дар даруни ман аст, ғаму андӯҳ аст,
Ва ҳарчи дар атрофи мардум мебинам дарду ранҷ аст.
Агар соҳиби сарзамине будам, ки ниёзҳоям дар он бароварда мешуд,
Ва дӯстоне дар он доштам, дар он сурат орзуҳо доштам.
Акнун ин манзилгоҳе, ки иштиёқи дидори онро дорам, он
манзилгоҳ нест ва сокинон ҳам, он сокинон нестанд. [11, с.687].

Ҷуброн дар баёни эҳсоси ғурбати хеш мегӯяд: "Ман дар ин дунё ғарибам ва дар ғурбат эҳсоси танҳоӣ ва ваҳшат мекунам, аммо ин ғурбат боис мешавад, ки ман ҳамеша ба Ватани афсонавӣ фикр кунам, ки онро намешиносам ва эҳсоси ғурбат, маро бо хаёлам ба сарзамини дурафтода мебарад, ки ҳаргиз онро надидаам. Аз хонавода ва дӯстонам дур ҳастам ва ҳаргоҳ яке аз онҳоро мебинам, дар зеҳни худ мегӯям: ин кисту чӣ гуна мешиносӣ ва чӣ чизе туро бо ӯ пайванд мекунад? Чӣ гуна баӯ наздик мешавӣ ва бо ӯ менишинӣ?" [12, с.209].

Ғаму дардҳои инсонӣ дар мактаби романтикӣ, масъалаи басо муҳим аст ва ба ҳамин сабаб, нолаву зорӣ дар ашъори пайравони ин мактаб зиёд ба назар мерасад. дарду ранҷиши як романтик, замоне шиддат меёбад, ки эҳсос кунад, Замоне, ки романтик эҳсос кунад, ки миёни он чи ки ӯ орзу кардааст ва он чи ки тавоноии анҷоми онро дорад, фосилаи зиёд вуҷуд дорад, ранҷу азоби ӯ шиддат мегирад. Ҳангоме ки аз Абу Шабака пурсон шуданд: "Чаро як адиб эҳсоси ранҷу азоб мекунад?" Ӯ посух дод: "Зеро ӯ саъй дорад, дунёе ғайр аз он чи ки дар он зиндагӣ мекунад, биофарад".

Омилҳои муҳимтарини ғаму андӯҳ барои шоирони романтик ин зулму ситам дар ҷомеа мебошад. Шоир ҷиҳати фароҳам гардонидани саодати инсонҳо тамоми саъю талоши хешро ба харҷ медиҳад ва ҳангоме ки аз ҷониби онҳо ҳеч таваҷҷуҳу хӯшбиние наёбад, ба сурати эътироз ба домони табиат паноҳ мебарад, то даме ҳам бошад, дар осоишу оромиш қарор гирд. Забони шеъри шоирони романтик бештар забони ситоиши ғаму дард аст чун барои расидан бақуллаи камол онро гуворо меёбанд. Шоири лубнонӣ Фавзӣ Маълуф, дар қасидаи "аш-Шоиру-л-мунтаҳир" ба хотири гитори шикастааш мегиряд. Барои ӯ гитор рамзи ҳаёти пур аз ранҷ ва ҷавонии сипаришудааст. Вай аз қабрҳо мехоҳад, ки ба меҳмони навашон хушомад гӯянд. [20, с.127]. Ин эҳсос дар ашъори Халил Мутрон низ хеле зиёд дида мешавад. Масалан дар шеъри «ал-Асад ал-бокӣ» мегӯяд: «*Маншеригирёнамвакӯҳиғамуандӯҳ, Манқабризахмӣҳастам, ки бар рӯйи қабрҳо роҳ меравад. Ман дарди сокит ҳастам, зеро наменолам,Ман орзуи тираву тор ҳастам, ки ҳанӯз чароғ хомӯш нашуда*»[21, с.17].

Масъалаи дигаре, ки дар ашъори шоирони романтик ва бавижа дар шеъри пайравони ҷамъиятҳои адабии Девон, Апполо ва маҳҷар дида мешавад, ин баёни масъалаи марг аст. Марг он қадар дар адабиёти романтикӣ шиддат ва вусъат дорад, ки як шохаи алоҳидаро ба худ ихтисос додааст. Шоири романтик барои он таманнои марг менамояд, ки мехоҳад тавассути ин роҳ ба олами идиалҳо ва ормонҳои худ бирасад.
«Дар ин сурат марг барои ӯ гуворо мешавад ва дар назараш ҳамчун фариштаи дӯстоштанӣ хоҳад буд. Аз нигоҳи ӯ марг навъе аз тавсеа дар рӯҳи шоир аст, ки дар қафаси танги тан асир шудааст» [10, с.130]. Дар шеъри зерин отифаҳо ва хаёлҳои тираву тор, ба тавре дилу ҷони Халил Мутрон фаро гирифтааст, ки гӯё гурӯҳе аз ҷинҳо ӯро иҳота карда бошанд:

أري روضة لكنها روضة الرّدي
ما في مسمعى غير وسواس و أضغى و
و أنظر من حولي مشاة و ركاب
على مزجيات من دخان و أفراس
كأنى في رؤيا يزف الأسى بها

Боғеро мебинам, аммо он боғи марг аст,
Ва гӯш медиҳем, аммо ҷуз васваса чизе намешунавам.
Ва пиёдаҳою савораҳоро дар атроф мебинам,
Ки гарду хоки онҳо ва аспҳояшон низ дарбар гирифтааст.
Гӯйи хобе дидам, ки дар он ғаму андӯҳ,
Гурӯҳе аз ҷинҳоро бар маркабҳои арусӣ савор кард буд? [21, с. 267].

- *Озодӣ аз қайду бандҳо***.** Дар адабиёти муосири араб, дар оғози асри нав, кӯшишҳое барои озодӣ аз қайду бандҳо аз ҷониби шоироне, чун Сомӣ Борудӣ, Аҳмад Шавқӣ, Ҳофиз Иброҳим, Маъруф Русофӣ ва дигарон таҷриба шуда буд, вале ин мавзӯъ аз ҷониби шоирони ҷавон ва обхӯрда аз чашмаи шеъри ғарбӣ ва хоссатан пайравони мактаби романтикӣ аз назари онҳо роҳи ҳалли худро ёфт. «Ҳарчанд романтикҳо низ бовар доштанд, ки озодӣ гоҳе дар баробари ситам зону мезанад ва аз пой дар меояд, аммо ба ақидаи онҳо дар чунин ҳолат, ниёз ба дамидани рӯҳи тоза дар колбади он аст, то дубора зинда гардад [ниг.12, с.199-205]. Дар маҷмӯъ, шоирони романтик бар он мекушиданд, ки «воқеияти мавҷудро аз байн бибаранд ва сурати амалии орзуҳои худро ба ҷойи он бинишонанд Аз ин, майли онҳо, ҳам дар арсаи шеъру адаб ва ҳам дар биниши иҷтимоӣ ва сиёсии онҳо худнамоӣ мекунад»[22,с,20]. Дар шеъри зерин Абулқосим аш-Шобӣ, орзу дорад, ки ҳезумшикан бошад, то боғашро аз шохаҳои хушк тоза намояд:

ليتني كنت حطاب أيها الشعب
بفأهوي على الجذوع بفأسى
ليتني كنت كالسيول إذا يأت
تحد القبور، رمسا برمس
ليتني كنت كالرياح فأطوي
كا ما بخنق الزهوربنحس
ليتني كنت كالشتاء، أغشى
كل ما أذبل الخريف بترسي

Эй мардум, кош ман як ҳезумшикан мебудам, то бо табарам бар решаи дарахтон мезадам,

Кош ман монанди сел мебудам, ки чун ҷорӣ шавад, қабрҳоро яке пас аз дигаре, бо хок яксон кунам.

Кош ман мисли бодҳо будам, то ҳар он чиро ки хазон пажмурда намудааст, бо сипарам мепӯшонидам [4,с.45].

Дар ин шеър ҳезумшикан рамзи инсонест, ки мехоҳад ҳама қайду бандҳои мавҷударо бартараф намояд, бо амали хеш ҷомеаро аз мушкилот бираҳонад, ҳастиро аз нобудшавӣ раҳо созад. Вале шоири романтик на дар ҳама ҳолат тавони дигаргун кардани вазъияти мавҷударо дорад ва беҳтарин василаи наҷотро аз ғаму андӯҳ ӯ дар паноҳ бурдан ба табиат ва ба гузашта мебинад. Яъне, шоир ногузир ба дунёи хаёли хеш паноҳ мебарад ва он ҷойро ҷойгоҳи амалӣ шудани орзуҳои барнаёмадаи хеш қарор медиҳад, «ки маҳдуд ба замон ва макон нест»:

رآني الله ذات يوم

في الأرض أبكى من الشقاء
فرق و الله ذو حنان
على ذوي الضر و العناء

Худовандяк рӯз маро дар замин дид, ки гиря мекардам, пас Худои меҳрубон бар ҳоли ранҷдидагон меҳр варзид ва гуфт: замини хокӣҷойи шеър нест, пас ту ба осмон баргард ва бар фазои осмон хонае бароям бино намуд ва подшоҳии маро дар фазо густурд. [11, с.125].

Чи гуна ки дида шуд, гурез аз воқеият аз андешаҳои вижаи романтикҳост ва ҷаҳону паноҳгоҳҳои отифӣ ва равоние, ки онҳо паноҳ мебаранд, ҷаҳони фардӣ мебошад. Ин ҷаҳон ва паноҳгоҳҳои отифӣ ва рӯҳӣ, ки романтикҳо дар он паноҳ мебаранд, тафовут дорад. Гоҳ замони гузашта ё оянда, гоҳ олами хаёл ва авотиф ва фосила гирифтан азҷаҳони хориҷ боиси дарунгароии ифротӣ дар байни бисёре аз онҳо шудааст.

Ҳамин тавр, романтизм ҷараёни адабӣ-фарҳангиест, ки аз Аврупо сарманшаъ мегирад ва дар нимаи дувуми асри 19 ва оғози асри бистум тавассути ҷавонони дар Аврупо таҳсилкардаи араб ва ошноии онҳо бо андешаҳо ва аҳдофи ин мактаби нави адабӣ, вориди фарҳангу адабиёти араб гардид. Ин раванд дар дигар кишварҳои шаркӣ низ ривоҷ гирифта буд. Аз муассисони ин мактаб дар ҷаҳони араб Халил Мутрон маҳсуб мешавад, ки бо эҷодиёти ғании ҳуд тавонист иддаи зиёди шоирони арабро ба пайравии ин мактаб ҷалб кунад ва андешаҳои романтикиро дар шеъри муосири араб ҷой диҳад.ва як таҳаввулоти назаррасеро дар ин самтбароҳ монад.Ҳамчунин Романтикҳо дар шаклу муҳтавои шеъри арабӣ низ тағйирот ворид карданд. Бо ворид кардани андешаҳои романтикӣ ва тағйирот дар шаклу муҳтавои шеъри арабӣ онҳо дар адабиёти муосири араб таҳаввулоти бузургеро бароҳ андохт, ки пояи шеъри классикии арабро мутазалзил сохт. Ин таҳаввулот асосан аз сода сохтани забон, истифодаи мавзӯъҳои тоза, санъатҳои баёнии нав, истифодаи озоди вазнҳои нави шеърӣ ва қофияи ягона дар шеър ва ғайра иборат буд. Мавзӯъҳои асосии ашъори шоирони романтики араб асосан ишқ, табиат, ҳузну андӯҳ, ноумедӣ аз зиндагӣ, ёди ватан, масъалаи марг ва ғайра буданд васабаби рӯй овардан ба чунин мавзӯъҳо аз авзои бади сиёсию иҷтимоии вақти кишварҳои арабӣ низ вобаста буд.

Муқарриз: ***Нуриддинова Ш.И.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулатиф Шарора. Маъорик адабия қадима ва муосира. - Бейрут, Дору-л-илм лилмалойин, 1984. – 406 с. [бо забони арабӣ]
2. Абдулҳамид ал-Ҷийда. Ал-Итиҷоҳоту-л-ҷадида фи-ш-шиъри-л-арабӣ. – Бейрут, муассат ан-Навфал, 1980. – 136 с. [бо забони арабӣ]
3. Абдулҳусайн Зарринкӯб. Нақди адабӣ, ҷ.2, -Теҳрон, интишороти Амири кабир, 1369 ҳ. – 508 с. [бо забони форсӣ]
4. Абулқосим Аш-Шобӣ.Дивон аш-Шобӣ ва расоилиҳи. - Бейрут, Дору-л-китоб, 1994. – 310 с. [бо забони арабӣ]
5. Амин Диб Вадиъ. Аш-Шиъру-л-арабӣ фи-л-маҳҷар. – Дор ар-Рийҳонӣ, 1995. – 136 с. [бо забони арабӣ]
6. *Асозода* Х. *Адабиёти* тоҷик (давраи нав) / Х.*Асозода*, А. Кучаров. – Душанбе: Маориф, 2006. – 291с.
7. Ал-Ахталу-с-сағир (Башора ал-Хурӣ). Дивон ал-Ахталу-с-сағир. -Бейрут, Дор ал-китобу-л-арабӣ, 2006. – 358 с. [бо забони арабӣ]
8. Аҳмад Қабш. Торих аш-шиър ал-арабӣ ал-ҳадис. Муассат ан-Нурӣ, 1980. – 827 с. [бо забони арабӣ]
9. Аҳмад Ҳайкал. Татаввур ал-адаби-л-ҳадис фи Миср. -Ал-Қоҳира,Дор ал-маъориф, 1994. – 440 с. [бо забони арабӣ]
10. Ёсин ал-Айюбӣ. Мазоҳибу-л-адаб. Маъолим ва инъикосот,ҷ.2.
-Бейрут, Дору-л-илм лилмалойин, 1984. – 270 с. [бо забони арабӣ]
11. Илиё Абу Мозӣ. Дивон Аби Мозӣ. -Бейрут, Дору-л-ъуда, 1980, -857 с. [бо забони арабӣ]
12. Илиё Ал-Ҳовӣ. Халил Мутрон талиъату-ш-шуъарои-л-муҳадасин.ҷ.2, -Бейрут, Дор ал-китоб ал-арабӣ, 1981. – 252 с. [бо забони арабӣ]
13. Илёс Абу Шабака. Ал-Аъмол аш-шиърия ал-комила. - Бейрут, Дору-л-ъуда, 1999. – 567 с. [бо забони арабӣ]
14. Масъуд Ҷаъфарӣ. Сайри романтик дар Урупо.-Теҳрон, нашри Марказ, 1378. – 416 с. [бо забони арабӣ]
15. Мустафо Ҳаддора. Буҳус фи ал-адаб ал-арабӣ ал-ҳадис. Дор ан-наҳза ал-арабия, - Бейрут, 2003. – 318 с. [бо забони арабӣ]
16. Муҳаммад Мандур. Аш-шиъру-л-мисри баъда Шавқӣ. Ҷомеат ад-дувал ал-арабия, Маъҳад ад-дирасот ал-арабия ал-ъолия, 1955. – 104 с. [бо забони арабӣ]
17. Муҳаммадризо Шафиъии Кадканӣ. Шеъри муосири араб. -Теҳрон, Интишороти Сухан, 1380, - 356 с. [бо забони форсӣ]
18. Раззуқ Фараҷ. Илёс Абу Шабака. – Бейрут: Дораш-шуун ас-сақофия. – 288 с. [бо забони арабӣ]

19. Саидҳусайн Ризо. Мактабҳои адабӣ. - Теҳрон, Интишороти нигоҳ, 1376ҳ. – 498 с. [бо забони форсӣ]
20. Фойиз Тарҳинӣ. Ал-Адаб, анвоъ ва мазоҳиб. - Теҳрон, интишороти Сухан, 1380(1995). – 224 с. [бо забони арабӣ]
21. Халил Мутрон. Дивон Халил Мутрон. – Бейрут: Дор ал-ъуда. 1984. – 1640 с. [бо забони арабӣ]
22. Ҳусайнризо Ахтар, Алӣ Салимӣ. Таъсирпазирии шоирони муосири араб аз мактаби адабии румонтик. Донишгоҳи Розӣ, 1391. – 25 с. [бо забони форсӣ]

РОМАНТИЗМ ДАР ШЕЪРИ МУОСИРИ АРАБ

Дар мақола омилҳои таъсирпазирии адабиёти муосири араб, бавижа шеъри арабӣ аз андешаҳои романтикӣ, ки дар Ғарб ҳамчун ҷараёни фарҳангию адабӣ пайдо шуда буд,баррасӣ шуданд. Ҳамчунин, дар бораи аввалин пайравон ва муассисони ин мактаби адабӣ дар кишварҳои арабӣ (чун Мисру Лубнон), вижагиҳои ин мактаби адабии романтикии араб ва мавзуъҳои асосии он маълумот дода меравад. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки таъсирпазирии шоирони арабро аз ин мактаби адабӣ дар асоси баррасии мавзуии ашъори баъзе аз пайравони ин ҷараёни адабӣ, мисли Халил Мутрон, Абумозӣ, Абушабака, Абулқосим аш-Шобӣ ва дигарон муайян намояд. Муҳимтарин мавзуъҳое, ки онҳо дар ашъорашон истифода кардаанд, ин «васфи табиат», «ишқ», «эҳсоси дарду ранҷ», «ёди марг», «озоди аз қайду бандҳо ва бозгашт ба даврони гузашта» ва ғайра буданд. Гарчанде дар ибтидо ин ҷараёни адабӣ-фарҳангии ғарбӣ дар кишварҳои арабӣ ва умуман шарқӣ пайравони кам дошт, вале бо ошноии бештари адибони ин кишварҳо бо андешаҳои романтикии ғарбӣ, ҳаводоронаш хеле афзуданд ва он мавқеи худро дар адабу фарҳанги онҳо мустаҳкам намуд.

Калидвожаҳо. Романтизм, шеър, мактаби адабӣ, Мутрон, васфи табиат, маҳҷар, адабиёт, дарду ранҷ.

РОМАНТИЗМ В СОВРЕМЕННОЙ АРАБСКОЙ ПОЭЗИИ

В данной статье рассматривается влияние романтических идей Запада на современную арабскую литературу, особенно на арабскую поэзию. Эти романтические идеи возникли у представителей романтических школ еще в XVIII веке. В нем также представлена информация о первых исследователях и основоположниках этой литературной школы в арабском мире (например, в Египте и Ливане), обособенностях этой романтической школы арабской литературы, ее основных темах. Автор пытается определить влияние арабских поэтов данной литературной школы на основе тематического разбора стихов некоторых последователей этого литературного движения, таких как Халил Мутран, Абу Мази, Абу Шабака, Абул Касим аш-Шаби и других. Самыми важными темами, которые они использовали в своих стихах, были «восхваление природы», «любовь», «чувство боли», «память о смерти», «свобода от рабства и ностальгия по прошлому» и так далее. Несмотря на то, что вначале у этого западного культурно-литературного движения было мало последователей в арабских странах и на Востоке в целом, в результате более глубокого знакомства литераторов этих стран с романтическими идеями Запада, круг его поклонников значительно расширился и укрепились позиции в их литературе и культуре.

Ключевые слова: романтизм, поэзия, литературная школа, Мутрон, восхваление природы, магия, литература, боль и страдание.

ROMANTISM IN CONTEMPORARY ARAB POETRY

This article examines the influence of Western romantic ideas on contemporary Arabic literature, especially Arabic poetry. These romantic ideas arose among representatives of romantic schools as early as the 18th century. It also provides information about the first followers and founders of this literary school in the Arab world (for example, Egypt and Lebanon), about the features of this romantic school of Arabic literature, its main themes. The author tries to determine the influence of Arab poets from this literary school based on a thematic analysis of the poems of some followers of this literary movement, such as Khalil Mutran, Abu Mazi, Abu Shabak, Abul Qasim al-Shabi and others. The most important themes that they used in their poems were "praising nature", "love", "feeling of pain", "memory of death", "freedom from slavery and nostalgia for the past" and so on. Despite the fact that at first this Western cultural and literary movement had few followers in the Arab countries and in the East as a whole, with the deeper acquaintance of the writers of these countries with the romantic ideas of the West, the circle of its admirers has significantly expanded, and strengthened their positions in their literature and culture.

Keywords. Romanticism, poetry, literary school, Mutron, praise of nature, emigration, literature, pain and suffering.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шодиев Мирзохуҷа*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи араб. **Суроға**: 735025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **mir_shod1955@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-96-00-61**

Сведение об авторе: ***Шодиев Мирзохуджа*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабской филологии. **Адрес**: 735025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **mir_shod1955@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-96-00-61**

Information about the author: ***Shodiev Mirzohuja*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Arabic Philology. **Address**: 735025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **mir_shod1955@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-96-00-61**

УДК: 882.1

СИМИН ВА МАСЪАЛАИ НАВОВАРӢ

Амирқулов Н.А.
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Масъалаи анъана ва навоварӣ яке аз мавзӯъҳои калидии адабиёти муосири ҷаҳон маҳсуб мешавад ва ин бесабаб нест. Гап дар ин аст, ки адабиёт мисли дигар падидаву зуҳуроти иҷтимоӣ наметавонад ҳамеша дар чаҳорчӯби қолабҳои таъйиншуда пойдору собит бимонад. Бо гузашти замон ва дигаргуниҳое, ки дар ҷомеаи инсонӣ падид меоянд, адабиёт низ дучори тағйиру таҳаввул мешавад. Масъалаи мазкур барои адабиёти муосири Эрон низ бегона нест. Аз оғози қарни ХХ ба баъд дар қаламрави ин адабиёт бар мабнои суннату таҷаддуд дигаргунии шигарфе дар шеъру насли форсӣ ба амал омадааст. Барои равшан шудани масъала танҳо ба ёд овардани Нимо ва мактаби ӯ, ки бо номи “мактаби нимоӣ” ёд мешавад, кофист. Зуҳури мактаби Нимо натиҷаи набарди тӯлониест, ки ибтидои қарни ХХ миёни суннату таҷаддуд даргир ба зуҳур расидааст. Номдортарин чеҳраҳои суннату таҷаддуд Маликушшуаро Баҳор ва Тақӣ Рафъат буданд, ки афкору андешаи хешро перомуни масоили буғранҷу печидаи суннату навоварӣ тавассути маҷаллаҳои адабии хеш баён медоштанд. Дар ин мақола ҳадафи мо нигоҳе кӯтоҳе ба тозакориҳои яке аз чеҳраҳои дурахшони адаби муосир Симини Беҳбаҳонӣ аст. Симинро ба таври яқин наметавон пайрави мактаби Нимо донист. Ҳарчанд шеъри нимоӣ зиёд эҷод карда, вале ҳаргиз ба таври қотеъ аз суннат канор нарафтааст.

Аз суннат нагусастан ба ин маънӣ нест, ки Симин дар сояи низому қавоиди марбути арӯз ва суннат маҳдуд боқӣ мондааст. Ин шоири боқариҳа тозакориҳои зиёде дар марзи шеъру шоирӣ ва махсусан ғазал ворид сохта, ки ба гумони мо ҳеч шоири дигаре наметавонад ба ӯ паҳлу занад. Перомуни ашъори ӯ олимону пажӯҳишгарон мақолаҳои зиёде ба нашр расонида, паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти ӯро мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додаанд. Доир ба зиндагиномаи ӯ ҳанӯз аз нимаи дуюми асри гузашта мақолаю навиштаҳое дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ ба табъ расидаанд.

Симинро дар адабиёти форсӣ дар радифи бузургоне мисли Нодири Нодирпур, Фурӯғи Фаррухзод, Ҳушанги Соя, Парвини Эътисомӣ, Сиёваши Касроӣ, Аҳмади Шомлу ва дигарон мешуморанд, ки дар ҳаққонияти ин андеша тардиде нест, вале замоне, ки мавзӯи ғазал мавриди баҳсу мубоҳиса қарор мегирад, номи Симин дастури нахустини баҳс мегардад.

Симин умри бобаракате дидааст ва тамоми зиндагии вай сарфи эҷоду офаридани шеъри воло гардидааст. Шеъри ӯ оинаест, ки зиндагии воқеии мардуми Эронро дар худ мунъакис гардонидааст.

Пажӯҳишчиёну тадқиқгарон ҳар кадоме ба андозаи диди худ ва ба дараҷаи фаҳмиши хеш ба осори гаронбаҳои Симин арҷ гузоштаанд ва воқеан ҳам, ҳамагон ба эҷодиёти ин шоираи сеҳрнигор баҳои арзанда додаанд. Ин ҷо оиди баъзе нозукиҳои ғазали Симини Беҳбаҳонӣ чанд ақидае иброз мегардад.

Устод А.Зарринкӯб дар атрофи вижагиҳои шеъри Симин чунин ибрози назар намуда: «аммо ӯ дар бештари ашъораш, то ҳадди ба шеваи Парвини Эътисомӣ ба аҳволи маҳрумони ҷомеаву омолу оломи онҳо низ алоқаи хос нишон медиҳад. Мааҳаззо, дар шеваи ғазал дар солҳои охир аз маъониву ва авзони ҷорӣ дастфарсуд фосила мегирад ва тафаннунҳое, ки дар ин замина мекунад, гоҳ-гоҳ шеваи А.Бедил ва Сафои Исфаҳониро тадоъӣ менамояд» [10, с.154].

Қобили зикр аст, ки дигаргунӣ ва таҳаввулеро, ки донишманди фозил А.Зарринкӯб дар мутуни шеъри Симин дида, наметавон инкор кард, вале нуктае, ки дар натиҷаҳои мӯшикофонаи муҳаққиқ муқаррар шуда, «омехтаи шеъру адаби сабки ҳиндиву давраи бозгашт аст. Наметавон инкор кард, ки шоир аз таваҷҷуҳ ба дақоиқу намунаҳои шеъри классики Эрон фурӯгузор намекунад. Аммо он чӣ дар кори ӯ диққату тааммули бештареро бар меангезад, нигоҳ ба адабу шеъри навгароёнаи даҳаҳои охир аст» [8, с.36].

Бояд гуфт, ки шоире, ки сухани наву тоза намегӯяд ҳеҷ гоҳ дар назди аҳли адаб ва ҷомеа ҷойгоҳи арзишмандеро пайдо карда наметавонад ва дар зиндагӣ муваффақ ҳам намешавад, зеро маҳз мардум ва ҷомеа ба навиштаю осори эҷодкорон баҳои сазовору ҳаққонӣ медиҳанд. Худи Симин дар иртибот бо шеъру шоирӣ изҳор дошта, ки ҳадафи ӯ аз эҷод даст ба иззату обрӯ, ё худнамоӣ нест, балки бозтобу ифодаи дарди ҷомеа аст.

Дарунмояҳои ашъори ин шоираи сеҳрқаламро мавзӯъҳои ватанпарастӣ, ишқи поки инсонӣ, мавзӯъҳои иҷтимоӣ, некию накукорӣ, ҷавонмардӣ, саховатпешагӣ ва дигар арзишҳои волои инсонӣ ташкил медиҳанд, ки таҳқиқи ҳамаҷонибаи онҳо мавқеу фурсати алоҳидаро тақозо мекунад.

Мавзӯи меҳварӣ дар шеърҳои Симини Беҳбаҳонӣ меҳану меҳанпарастӣ мебошад, ки бо як шакли наву тоза ва бо ибораву тобишҳои дилнишин ба қалам дода шуда, дар назари хонанда бо тариқи дигар ҷилвагар мегардад. Дар шеъри “Дубора месозамат Ватан” шоира мардумро ба он даъват кардааст, ки агар зарурат бошад, кас хоку гили Ватанашро бо хишти ҷони худ ва ҳар як сутуни онро бо устухони худ бояд бисозад, ки ин тобиш ниҳоят нишонрасу дақиқназарона сурат гирифтааст:

Дубора месозамат Ватан! Агарчи бо хишти ҷони хеш,
Сутун ба сақфи ту мезанам, агарчи бо устухони хеш.
Дубора мебӯям аз ту гул, ба майли насли ҷавони ту,
Дубора мешӯям аз ту хун, ба сели ашки равони хеш... [1, с.98].

Перомуни вазни ин ғазал бояд изҳор дошт, ки шоира онро дар баҳри ҳазаҷ иншо кардааст, вале ба таври бисёр ҳам нозуку борикбинона қолабҳои маъмулиро шикаста, дар байни ҳар ду рукни аввалу ду рукни охири мисраъҳо

“мафоилун (тун) мафоилун мафоилун (тун) мафоилун”
v - v - (-) v - v - v - v - (-) v - v -

як ададӣ ҳиҷои дарозро илова кардааст. Яъне, агар мо ин байтро ба баҳри ҳазаҷи мусаммани махбун нисбат диҳем, дар он сурат тавре ишора рафт, бояд аз ҳар мисраъ дутогӣ ҳиҷои дароз аз байн мерафт. Масалан, агар ба байти:

“Дубора месозамат Ватан! Агарчӣ бо хишти ҷони хеш,
Сутун ба сақфи ту мезанам, агарчӣ бо устухони хеш”.

назар андозем, мебинем, агар он дар қолаби арӯз дуруст ҷой дода шавад, пас ин байт ба шакли зер бояд навишта мешуд:

“Дубора (ме) созамат Ватан! Агарчӣ бо (хиш)ти ҷони хеш,
Сутун ба сақ(фи) ту мезанам, агарчӣ бо (ус)тухони хеш”.

Қисмате аз навовариҳои кори шоир бастагӣ ба тағйиру таҳаввуле дорад, ки дар вазни ашъораш ба зуҳур расидааст. Ба қавли муҳаққиқ Комёр Обидӣ «ӯ гоҳ аз авзони камистифодашудаи шеъри форсӣ баҳра мегирад ва гоҳ аз пораҳои вазне, ки ӯро ба вазнҳои истифоданашудае мерасонад. Дар ҳар ду сурат ин ташаккули зеҳнии қудратманд ва тасаллут бар оҳангу овои шеър ва каломи мавзуни форсӣ аст, ки шоирро дар ҳангоми сурудан ёрӣ медиҳад. Бар як таъбир тасаллуте огоҳона дар матни лаҳзаҳо ва ҳисҳои шоиронаи нохудогоҳ қарор мегирад» [8, с.37].

Худи шоира зимни як мусоҳиба перомуни авзони ашъораш чунин назар дода: «ин пораҳои калом дар бархӯрди аввал, бевазн ба назар мерасанд. Аз он рӯ, ки вазни муаллиф мустаъмал надоранд ва мисли шеърҳои гузаштагон, ҳазор сол дар ҳофизаи миллии мо такрор нашудаанд. Аммо аз он ҷо, ки ман муътақидам, ки вазн бо таваҷҷуҳ ба маънии луғавии он, вақте эҷод мешавад, ки амали тавозун ба вуҷуд омада бошад. Бовар дорам, ки дар баробари ҳар пораи калом, ки дар бархӯрди аввал бевазн ба назар мерасад, агар порае ба ҳамон вазн қарор диҳем, такрори ин тавозун, меъёри мушаххас аз вазни тозае ба даст медиҳад» [7, с.9].

Бояд гуфт, ки қисмати дуюми навовариҳои Симин аз нигоҳи муҳаққиқон пураҳамияттаранд ва он бастагӣ дорад ба талоше, ки ӯ дар роҳи боз кардани фазоҳову марзҳои тозаи маънавӣ дар домани шеъру ғазал намудааст. Дар ин росто ӯ таъбирҳову баёни дигаргунаеро бо кумаки вожагону каломи шоирона вориди шеър намудааст. Ошноӣ бо шеъри Симин нишон медиҳад, ки чӣ гуна каломи ӯ сохту резиши хос, чиниши кашандаву ҷаззоб дорад. Ба қавли худи ӯ «ман камтар ба тасвир сарфаҳм аз ҷанбаи тасвирии он фикр кардам, балки ҳамеша дар ҷустуҷӯйи чизе барои айният бахшидан ва отифа будаам ва шояд ҳамеша ҳамин отифа муҷиби тадоъии тахайюл шудааст ва шояд ба

ҳамин иллат тасвирҳои ман камтар интизоӣ ҳастанд. Ва бештар риштаи отифии ман аст, ки онҳоро ба сӯям мекашад. Аз тарафи дигар, тасвир ё тахайюлро ҳамеша дар тақорун ё таззод ё ташобеҳ ба кор гирифтаанд» [9, с.18].

Ба сифати намуна аз шеъри дигари шоира, ки “Биравед, то бимонам” унвон дорад, пораеро нақл мекунем, ки бо лаҳни соддаю сабки оммафаҳм эҷод шуда ва дар дили хонанда ҳиссиёти баланди ватанпарварӣ ва муҳаббати поку беолоиши меҳандӯстиро бедор менамояд:

Биравед, то бимонам, биравед, то бимонам,
Ки ман аз Ватан ҷудоӣ, ба Худо, наметавонам.
Чу маҷоли тан шавад тай, чу бирезадам рагу пай,
Ту ҳамон ҳикояти “най” шунавӣ зи устухонам.

Шаби ғурбат арчи рангин зи булуру нуру озин,
Ба чӣ кор оядам ин, ки аз ӯ на шодмонам?
Зи гудозаҳои оташ шабу рӯз дар кашокаш,
Чу хаёли ман мушавваш шуда зеҳни осмонам.

Гули рӯшанӣ ниҳон беҳ, хафа дар чароғдон беҳ,
Ки ба гӯшҳо синон беҳ зи хурӯши газмагонам.
Ҳараме, ки соя мезад, ба сарам агар бирезад,
Дили ман куҷо гурезад, ки муқими остонам?

Ману кӯдакону пирон, ғами ҷангҷӯ далерон,
Ба ҳамин хамӯши вайрон, ки дар ӯст ошёнам.
Ману кунҷи ин парешон, ба диёри сифлакешон,
Наравам, ки меҳри эшон ба гадовашӣ ситонам.
Агар ин кабудайвон на кушода асту хандон,
Зи ман асту шаҳрвандон, ки ба вом соябонам.
Ба умеди рӯзи беҳтар пайи гом-гоми дигар,
Задаам ба сӯйи бовар, биравед, то бимонам.

Тавре аз мушоҳидаи шеъри болоӣ ба назар мерасад, муаллиф барои ифодаи афкори меҳанпарастонаи худ як лаҳну вазни равон ва оҳангине истифода намуда, ки сурудаҳои Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ (“Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад, В-аз ҷудоиҳо шикоят мекунад”) ва Нодири Нодирпур (“Куҳан диёро, диёри ёро, дил аз ту кандам, вале надонам, Ки гар гурезам, куҷо гурезам, в-агар бимонам, куҷо бимонам?”)-ро ба ёд меорад. Лозим ба таъкид аст, ки агар устод Нодири Нодирпур дар шеъри худ ба тариқи пурсиш ба мухотаби худ муроҷиат ба амал оварда бошад, ки дар сурати фирор кардан аз Ватан ба куҷо раваду дар сурати мондан дар куҷо бимонад, Симин ба таври қотеъона тасмим гирифтааст, ки агар ҳатто эҳтимолияти кушта шудан ҳам мавҷуд аст, вале дар ҳама ҳолат ӯ аз Ватани худ ба ҳеҷ ҷой фирор нахоҳад кард.

Ин шеър дар баҳри рамали мусаммани ахраби махбун (фаилоту фоилотун фаилоту фоилотун) эҷод гардидааст, ки вазни он барои ифодаи афкори меҳанпарастона хеле ҷаззобу равон ва даъваткунандаю ҳаяҷоновар буда, ба гӯши шунаванда хеле хушоянд садо медиҳад ва дар хотири вай нақш мебандад.

Қайд намудани он нукта мусаллам аст, ки Симин дар ифодаи афкори худ ба хотири роҳ ёфтан ба дили хонанда вазнҳои гуногуни арӯзро интихоб кардааст. Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки шоира барои ифодаи мавзӯъҳои ҳузнангезу дорои андешаҳои ғамангезу ҳолати рӯҳафтодагӣ вазнҳоеро интихоб намудааст, ки ба ҳолати рӯҳии ӯ мутобиқат намуда, ба нишонрас гардидани гуфтаҳояш авзони дарозро кор бурдааст. Масалан, шеъри зеринро мегирем:

Марг дар мурдоби худ бас нобаҳангомам кашид,
Оҳ аз ин мурдоби ваҳшатзо, ки дар комам кашид.
Марги пеш аз марг, яъне зиндагӣ бе шӯру ишқ,
Инчунин маргишикорам карду дар домам кашид.

Дар ин ғазал, ки дар вазни баҳри рамали мусаммани маҳзуф иншо гардидааст ва он баробар ба ҳашт бор фоилотун фоилотун фоилотун фоилун (-v-- -v-- -v-- -v-) дар як байт аст, мавзӯи ишқу муҳаббати поки инсонӣ тараннум шуда, набудани ишқро ба марг баробар медонад ва ин маъниро бо ибораи зебои “марги пеш аз марг” ифода месозад.

Албатта, тозакориҳои Симини Беҳбаҳонӣ дар шеъри муосир чи дар сабку чи дар забону баён фаровонанд, ки дар як мақола наметавон аз ҳамаи онҳо ёдовар шуд, вале як нуктаи муҳимро набояд сарфи назар намуд. Муҳимтарин хусусияти тозакориҳои Симин дар он зоҳир мешавад, ки ӯ зеҳнияти суннатиро бо зеҳнияти навгароёна ба таври нохудогоҳ омезиш медиҳад ва дар натиҷа як омезаи ибдоъомез пеши назар меояд.

Симин ба масъалаи таносуби андешаву мазмуну мундариҷа ва оҳангу зарби мусиқӣ аҳамияти ниҳоят бузурге аз худ нишон додааст. Қобили зикр аст, ки шохистарин коре, ки дар қисмати таҷаддуду навоварӣ шоир анҷом дода, ба авзони тозаи ӯ иртибот мегирад. Бар асоси пажӯҳишҳое, ки дар атрофи шеъри ӯ анҷом шуда дар ашъори худ 63 вазни тозаву бесобиқа ва 25 вазни нодири камсобиқаро ба кор гирифтааст. Бинобар ин ашъори Симинро месазад бузургтарин ганҷинаи авзони нодири арӯзи форсу тоҷик арзёбӣ кард.

Муқарриз: ***Қосимов Ҷ.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Беҳбаҳонӣ, С. Дашти Аржан / С.Беҳбаҳонӣ. – Теҳрон: Интишороти “Завор”, 1370. - С.143.
2. Беҳбаҳонӣ, С. Ҷойи по / С.Беҳбаҳонӣ. - Теҳрон, 1956. - С.229.
3. Беҳбаҳонӣ, С. Чилчароғ / С.Беҳбаҳонӣ. - Теҳрон, 1957. - С.200.
4. Беҳбаҳонӣ, С. Маҷмӯаи ашъор / С.Беҳбаҳонӣ. - Теҳрон: Муассисаи интишороти «Нигоҳ», 2001. - С.1380.
5. Доктор Аҳмад Маҳбуб. Гаҳвораи сабзафзо (Зиндагӣ ва шеъри Симини Беҳбаҳонӣ). – Теҳрон: Нашриёти «Солис», 1989. - С.188.
6. Зарқонӣ, М.А. Чашмандози шеъри муосири Эрон / М.А. Зарқонӣ. – Теҳрон: Нашри «Солис», 1386. - С.739.
7. Маҷаллаи Эроншиносӣ. – Теҳрон, 1376. - №1.
8. Обидӣ, Комёр. Тараннуми ғазал / Комёр Обидӣ. – Теҳрон: Ношир «Китоби Нодир», 1379. - С.187.
9. Ҳунар ва адабиёти имрӯз. – Бобул: Китобсаройи «Бобул», 1368.
10. زرين كوب عبد الحسين.شعر بي دروغ شعر بي نقاب. تهران، جاويدان، ١٩٨٦، ص ٣٣٨
11. Шамс Кайси Рози. «Аль-Муджам фи мауири шеир-уль-аджам»; автора введения, комментария и ведущего У. Тоирова. - Душанбе: Адиб, 1991. – 464 с.
12. Журнал о культуре и искусстве "Бухара". - Тегеран, Мехр-Обони, 1382. - Выпуск 32.
13. Сафар У. Учимся патриотизму (сборник статей) / У.Сафар. - Душанбе: Эр-граф, 2012. – 184 с.
14. Фуладванд. С лиц современной поэзии. - Тегеран, 1387. - 374 с.
15. Журнал иранских исследований. - Тегеран, 1376. - № 1.

СИМИН ВА МАСЪАЛАИ НАВОВАРӢ

Мақолаи мазкур ба таҳлилу баррасии масоили навгароӣ дар ашъори шоираи маъруфи адабиёти муосири Эрон Симини Беҳбаҳонӣ ихтисос дорад. Қобили қайд аст, ки масъалаи суннат ва навоварӣ яке аз мавзӯъҳои калидии адабиёти ҷаҳон ва аз ҷумла Эрон ба шумор меравад. Равшан аст, ки дар оғози қарни XX бар мабнои масоили мазкур дар адабиёти муосири Эрон тағйироти муҳимме ба амал омад. Махсусан, дигаргуниҳои маҳсус дар шеър сурат гирифт, ҷараёнҳои тоза ба зуҳур расиданд, ки дар натиҷаи он мактаби Нимо Юшиҷ шакл гирифт. Ҷонибдорони суннат бо сарварии Маликушшуаро Баҳор “муборизаи ошкоро”-ро ба муқобили навҷӯӣ ва шоирони навгаро, ки ба онҳо Тақӣ Рафъат роҳбарӣ мекард, оғоз намуданд. Симини Беҳбаҳонӣ ҳарчанд аз афкори таҷаддудхоҳонаи Нимо ҷонибдорӣ менамуд, вале ҳаргиз ба таври мустақим аз мактаби ӯ пайравӣ накардааст. Симин аслан бар мабнои суннат эҷод карда ва асоси ашъорашро жанри ғазал ташкил медиҳад. Шоира дар муқоиса бо муосиронаш аз шоирони классик пайравӣ накардааст. Дар имтидоди фаъолияти эҷодӣ Симин ҳамеша кӯшидааст, то дар сохтори ин жанри классикӣ ва махсусан вазни он тозагӣ ворид созад. Ҷанбаи дигари ғазалиёти шоира дар забони шоиронаи он зоҳир мешавад, ки аз дигар муосиронаш мутафовит аст.

Калидвожаҳо: суннат, навоварӣ, шоир, ғазал, таҳаввул, адабиёт, ҷараён, арӯз, вазн, жанр.

СИМИН И ПРОБЛЕМЫ НОВАТОРСТВА

Статья посвящена анализу проблемы новаторства в творчестве знаменитой поэтессы современной иранской литературы Симин Бехбахони. Следует отметить, что тема традиция и новаторства является одной из ключевых вопросов мировой и в том числе пресидской литературы. Известно что начало XX века на базе данной проблемы на современной иранской литературе произошли значительные изменения. Ощутимую трансформацию притерпела поэзия, появились новые течения, в результате которого сформировалась школы Нима Юшиджа. Стороники традиции в лице Маликошшуара Бахор вели “открытую борьбу” против новаторств и поэтам модернистам во главе Таки Рафат. Что касается Симин Бехбахони, то она подерживая новаторские идеи Нима и его стороников, никогда не явилась непосредственным последователем его школы. Симин в основном творила на традиционном стиле. Основу ее творчества составляет жанр газел. Поэтесса в отличие от многих современников не подражает поэтов классиков. На протяжение творческой деятельности всегда Симин постаралась ввести новшества в структуре этого классического жанра и особенно на метрике. Симин на почве классического аруза создала более 63 новых арузовых метрик. Другой новаторский аспект

газели поэтессы заключается в поэтической лексике, которая в корне отличается от других современников Симин.

Ключевые слова: традиция, новаторство, поэт, газел, трансформация, литература, течение, аруз, метрика, жанр.

SIMIN AND THE CHALLENGES OF INNOVATION

The article is devoted to the analysis of the problem of innovation in the work of the famous poetess of modern Iranian literature Simin Behbahoni.It should be noted that the topic of tradition and innovation is one of the key issues of world literature, including Presidic literature. It is known that at the beginning of the 20th century, on the basis of this problem, significant changes took place on modern Iranian literature. Poetry suffered a tangible transformation, new trends appeared, as a result of which the school of Nimo Yushij was formed. The supporters of the tradition, represented by Malikoshshuar Bahor, waged an "open struggle" against innovations and poets to modernists led by Taki Rafat. As for Simin Behbahoni, supporting the innovative ideas of Nimo and his supporters, she was never a direct follower of his school. Simin mainly worked on the traditional style. The basis of her work is the ghazal genre. The poetess, unlike many contemporaries, does not imitate classical poets. Throughout creative activity, Simin always tried to introduce innovations in the structure of this classical genre and especially on the metric. Simin on the basis of the classic aruse created more than 63 new aruse metrics.Another innovative aspect of the poetess's ghazal is poetic vocabulary, which is fundamentally different from other contemporaries of Simin.

Key words: tradition, innovation, poet, ghazal, transformation, literature, current, aruse, metric, genre.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Амиркулов Нуриддин Амиркулович*** - Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, муаллими калон. **Суроға:** 734035, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Н.Қарабоев, 63/2.
Тел.: **(+992) 919-53-40-01**

Сведение об авторе: ***Амиркулов Нуриддин Амиркулович*** - Технологический университет Таджикистана, старший преподаватель. **Адрес:** 734035, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Н.Карабаев 63/2.
Тел.: **(+992) 919-53-40-01**

Information about the author: ***Amirkulov Nuriddin Amirkulovich*** - Tajik technological University, Senior teacher. **Address:** 734035, Republic of Tajikistan Dushanbe, Str., N.Karabaev, 63/2. Tel.: **(+992) 919-53-40-01**

УДК: 892.7.09

ОМИЛҲОИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ НАҚДИ АДАБӢ ДАР АДАБИЁТИ АСРҲОИ XVI-XVII

Маҳмадшоев М.М.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Адабиёти бадеӣ ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ инъикоси образноки ҳаёт мебошад. Аз ин рӯ, адибон дар ҳамаи давру замонҳо ба қавли нависандаи маъруфи англис Оноре де Балзак “котибони ҷамъият” ба шумор мерафтаанд, ки тамоми ҳодисаву воқеаҳо ва тағйироту таҳаввулоти дар ҷомеа ба амал меомадаро, инчунин олами ботинӣ, эҳсосу завқ ва маънавиёти инсонро тавассути каломи бадеӣ оливу арзишманд, таъсирбахшу ҳаяҷоновар инъикос намудаанд. Ба андешаи муҳаққиқони соҳа ин тасвири хушку холии ҳодисаҳои ҷамъиятиву таърихӣ, сиёсиву фарҳангӣ, ё саргузашти муқаррарии инсон, тақлиду нусхабардории холии зебоиҳои табиӣ набуда, тасвири образнокест, ки дорои марому мақсади ниҳоӣ, яъне ғояи муайянеро пайгирикунанда мебошад. Маҳз ҳамин образнокиву аҳамияти эстетикӣ доштани он “хусусияти асосиву принсипиалии адабиёти бадеӣ” ба шумор меравад [8, с.65].

Аз ин ҷост, муҳаққиқони соҳа образи адабиро “тасвири мушаххас, дар айни замон умумиятдодашудаи ҳаёти инсон, ки бо ёрии тахайюлот офаридашуда, дорои аҳамияти эсетикӣ мебошад” [8, с.63] таъриф кардаву адабиёти бадеиро ҳамчун навъи санъати тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятиро фарогиранда, ё худ, “фаъолияти идеологии инсон” маънидод намуда [8, с.4], бе бунёд будани ақоиди сохтаи “санъат барои санъат”, “санъати соф”- ро бо овардани далелу бурҳони қотеъ аз осори бузургтарин намояндагони адабиёт, исбот кардаанд.

Аз ҳамин ҷост, ки адабиёти бадеӣ нисбат ба дигар анвои санъат, монанди саноеи мусиқиву наққошӣ, рассомиву ҳайкалтарошӣ дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ таъсири бештаре дорад. Бино ба хулосаи донишмандон ягон соҳаи фаъолияти инсон нест, ки адабиёти бадеиро фаро нагирифта бошад ва дар ин росто шоҳкориҳои адабии арзишманд таълиф нагардида бошад. Бо ибораи дигар, адиб ҳангоми тасвири манзараи табиат, ҳусни гулу нолаи булбул, амвоҷу тӯфони баҳру ҷӯшу хурӯши наҳр, акси садои кӯҳу торикии ҷангали анбуҳ, хуллас, аҷоиботи ниҳону ошкори офоқу анфус ҳам инсонро дар мадди назар дорад ва тавассути тасвири ҳодисаву воқеаҳои рӯзмарраи ҳаётӣ, саргузашти инсон, воқеаҳои таърихӣ, вазъи мавҷудаи сиёсиву фарҳангиву иҷтимоиву ахлоқии замон, орзуву омоли аҳли ҷомеаро ифода мекунад. Арзиши осори бадеиро, пеш аз ҳама, муносибати адиб ба масоили мутазаккира, то кадом дараҷа таъсир намудани андешаҳои суханвар ба мухотаб, созгории афкори дар асари бадеӣ баёншуда ба талаботи давру замон ва меъёрҳои фарҳангиву иҷтимову ахлоқии ҷомеа муайян менамояд.

Суханвар маҳз тавассути образнокии каломи бадеӣ ба эҳсос, зеҳну шуури инсонҳо таъсир расонида, мехоҳад бад-ин васила ғояеро, ки аъзоёни ҷомеа ба даркаш расидаанд, ё нарасидаанд, пазиро гаштаанд, ё қабул надоранд талқин намояд. Бегумон, адибе, ки дар ин ҷода муваффақ аст, имкони васеи пайвастан ба абадиятро молик мегардад. Ба ибороти дигар, адиб бо тасвири ҳаводиси табииву таърихӣ ва ҷамъиятӣ, тасвири саргузашти инсон, олами ботинии персонажи асараш, ҳатто тасвири манзараи мафтункунанда, ё маҳкумкунандаи табиии муҳит, муносибати хешро баён менамояд ва мехоҳад ба дигар аъзоёни ҷомеа таъсир расонида, эҳсоси ононро ба таҳрик оварад ва муносибати эшонро муайян намудаву мавқеи ишғолнамудаашонро тақвият бахшад, ё тағйир диҳад.

Мусаллам аст, ки ҳар як давраи таърихӣ вобаста ба вазъи сиёсиву иқтисодиву иҷтимоӣ, инкишоф ё инқирози соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла, ҳаёти илмиву фарҳангиву ахлоқӣ вижагиҳои хосси хешро дорад ва муҳим ҳамон аст, ки мавҷудияти шароити мусоиди сиёсиву иқтисодӣ боиси инкишофи ҳаёти илмиву фарҳангӣ гашта метавонад. Яъне шароити таърихии мавҷуда индикатор- нишондиҳандаи вазъи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятист, ки дар осори адабӣ низ акс меёбад. Ба ибораи дигар, шеъри шоир садои баланди ҳамовозии амиқ ва ё эътирози шадид нисбат ба вазъи ҳукмфармост, ки ин таъсири мутақобилаи адабиёти бадеӣ ва ҷомеаро таъмин менамояд.

Адабиёти асрҳои XVI-XVII, ки дар навбати худ ба ду давра тақсим мешавад бо чанд хусусияти хосси худ аз адабиёти дигар давраҳо тафовути ҷиддӣ дорад. Хусусияти асосии адабиёти ин давра ба ду қисм ҷудо шудани муҳити адабии дар давоми қарнҳо шаклгирифтаву ташаккулёфта, коста шудани равобити адабии Хуросону Мовароуннаҳр, рӯ ба сӯйи Ҳиндустон овардани адибони Хуросону Мовароуннаҳр мебошад.

Намояндагони адабиёти нимаи аввали асри XVI асосан бо сабкҳои хуросониву ирокӣ эҷод карда, анъанаҳои мактаби адабии Ҳиротро идома додаанд. Аз нимаи дуюми асри XVI пайдо шудану густариш ёфтани сабки ҳиндӣ, дар асри XVII бошад, дар эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил ба авҷи аълои рушд расидани ин сабк ва пайдо намудани пайравони зиёд, таъсири амиқ расонидан ба давраҳои минбаъдаи адабиёти тоҷик ва ба майдони ҳунар омадани мактаби ҷадиди адабӣ аз шумори вижагиҳои хосси ин давра маҳсуб мешавад.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихиву адабӣ дар натиҷаи низоъҳои зиёди Сафавиёну Шайбониён, махсусан, авҷ гирифтани зиддиятҳои мазҳабӣ ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва илмиву адабии Хуросону Мовароуннаҳр куллан тағйир ёфт ва илму адаби ҳар ду мамлакат талафоти зиёди моддиву маънавӣ диданд. Тибқи маълумоти маъхазҳои хаттии таърихиву адабӣ авҷ гирифтани таассуби мазҳабӣ, аз рӯйи мавзӯъҳои мазҳабӣ муайян намудани эътибори шоирон аз тарафи ҳукуматдорони сафавия сабабгори ба таъқибу озору шиканҷа гирифтор гардида, ҳатто қатли шоирони тавонои давр гардида буд. Чунончи барои ба қасидаи “Дарёи аброр”- и Амир Хусрав ҷавоб гуфтани адиби тавоно Огаҳӣ, ки матлааш:

Арсаи шаҳри Ҳарӣ рашки сипеҳри ахзар аст,
Даргаҳашро шамсаи хуршед гулмехи зар аст [6, с.140]

буда, дар идома байти

Чархи каҷрав бин, ки аз таъсири ӯ шаҳре чунин,
Маскани ҷамъе парешонрӯзгори абтар аст,

омадааст, бо фармони ҳокими шаҳри Ҳирот забони шоирро буридаанд, ки дар ин бора Фахрии Ҳиротӣ, Хондамир, Соммирзо, Нисорӣ дар асарҳои хеш маълумот додаанд [6, с.140].

Мувофиқи маълумоти Соммирзо бо фармони ҳокими Ҳирот Амирхон забону дасти рости шоир Аҳмади Табасиро, ки ҳокиму атрофиёнашро ҳаҷв намуда буд, бурида буданд. Тибқи маълумоти сарчашмаҳо Мавлоно Замириро барои гуфтани қитъае дар сараш тахтакулоҳ пӯшонидаву рӯяшро сияҳ карда гирди шаҳр давр занонидаанд [6, с.141]. Инчунин мувофиқи ахбороти Амин Аҳмади Розӣ шоҳ Таҳмосп чашмони шоири номдору ангуштнамои замони худ Мавлоно Абулқосим Амирро гӯё барои ба мазҳаби тансух майл карданаш кӯр месозад, ки дар ин бора худи шоир гуфта:

Шоҳо, зи либоси нур урам кардӣ,
В-аз даргаҳи худ ба ҷабр дурам кардӣ,
Се сол, ки маддоҳи ту будам шабу рӯз,
Ин ҷоизаам буд, ки кӯрам кардӣ [6, с.141].

Тибқи маълумоти сарчашмаҳо дар ин давра бо гуноҳи ночизе, махсусан, аз рӯйи таассуби мазҳабӣ шумори зиёди аҳли завқ ба қатл расонида шудаанд. Мувофиқи маълумоти Восифӣ гумоштагони сафавия шоир Ҳофиз Зайниддинро бо ҷурми суннӣ буданаш дар байни издиҳом бо шамшер пора-пора кардаанд [11, с.82]. Бино ба маълумоти Нисорӣ шоири навҷавон Нуриддин Муҳаммадро муҷтаҳидини қизилбошия бо табар пора кардаанд [6, с.141]. Ҳамчунин, маъхазҳои адабиву таърихӣ кушта шудани шоирон Наҷмиддин Кавкабии Бухороӣ, Мавлоно Монӣ, Ятими Машҳадиро низ хабар медиҳанд [6, с.140].

Аз ин мисолҳо бармеояд, ки “вазъи адабии солҳом 30-уми Хуросони асри XVI воқеан муҳити пурфитнаи шоиркуш будааст” [6, с.142]. Маҳз ҳамин муҳити тоқатфарсо бисёр намояндагони аҳли фазлро водор намуд, ки иҷборан ҷилои ватан намуда, роҳи Ироқу Мовароуннаҳру Ҳиндро пеш гиранд.

Ҳамин тариқ, офарандагони каломи бадеъ ҳамчун пешқадамтарин намояндагони қишри ҷомеа зуҳуроти ҳама гуна падидаи ҳаёти ҷамъиятиро бо тезӣ пай пай бурдаву эҳсос мекунанд ва гоҳо таҳти таъсири эҳсосоти хеш осори бадеӣ меофаранду муносибати хешро муайян менамоянд, яъне вокунише нисбат ба зуҳуроти падидомада нишон медиҳанд, ки ин

ҳол ба эҳсоси мардум таъсир расонида, боиси пайдоиши вокуниши аъзоёни ҷомеа ба асари бадеӣ гардида метавонад.

Яъне, ҳамин вокуниши аъзоёни ҷомеа бар асари бадеӣ омили пайдоиши нақди адабӣ мегардад. Дар айни замон ба таъқибу фишору таҳдид, ҳатто қатл муҷозот шудани равшанфикрон аз тарафи зимомдоронро метавон вокуниш ба вокуниш номгузорӣ кард. Дар мисолҳои зикршуда баръало ба мушоҳида мерасад ва метавон гуфт, ки ин аксуламали ҳукуматдорони ҳамон давр худ навъе нақд аст, ки ҷанбаи иҷтимоӣ дораду ангезаи сиёсӣ ё ақидавӣ доштани он ба мушоҳида мерасад.

Ҳаёти ҷовидонӣ ёфтани номи адибу осори ӯ, ба қавли Фирдавсӣ **“аз боду борон газанд наёфтани кохи бинокардааш”** ва ё дар дили хонанда раҳ наёфтану зуд ба коми фаромӯшӣ фурӯ рафтани осори бадеӣ, пеш аз ҳама, ба ҳамин талабот вобастагии ногусастанӣ дорад, яъне адиб ҳамчун намояндаи пешқадами қишри ҷомеа ҳама гуна падидаи ҷамъиятиро зуд пай мебарад ва муносибати хешро баён мекунад ва вокуниши дигар аъзоёни ҷомеаро ба вуҷуд меорад, ки ин ҳол тибқи хулосаҳои донишмандони соҳа бидуни шуури интиқодӣ, ё худ андешаи интиқодӣ ғайриимкон аст, ки ҳамин вокуниши аъзоёни ҷомеа нисбат ба осори бадеӣ, хоҳ аз ҷониби донишманди соҳаву адибон (ҳирфавӣ-М.М.), хоҳ аъзоёни қатории ҷомеа (ҳаваскорӣ-М.М.) худ нақди адабист.

Нақди адабӣ аз ибтидои пайдоиш ҳамқадами адабиёти бадеист. Дар тӯли таърихи мавҷудият, таҳаввул ва инкишофи худ на танҳо сабабгори тараққиёти адабиёти бадеӣ гардидааст, инчунин, дар ташаккулу рушди афкори интиқодии ҷомеа таъсири бевосита расонидааст. Ба қавли донишманди тоҷик Х. Шарифзода “...аҳамияти ин илм (нақди адабӣ -М.М.) нисбат ба арӯзу қофия барои таърихи адабиёт бузургтар аст” [12, с.20], зеро адабиёти бадеӣ дар муайян намудани муносибати аҳли ҷомеа нисбат ба ин ё он зуҳуроти ҷамъиятӣ, аз ҷумла, вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ахлоқиву фарҳангиву эстетикӣ нақши калидӣ мебозад. Чунки адибон ҳамчун қишри пешсафи ҷомеа пайдоиши ҳама гуна падидаро зуд пай мебаранд ва нисбат ба ҳама гуна падидаҳои мақбул ё номақбул, матлуб ё номатлуб вокуниш нишон медиҳанд ва маҳз ҳамин андешаи пешқадам зуд дар байни аъзоёни ҷомеа мунташир мегардад.

Маънои луғавии “нақд” дар луғатҳо сара кардани динору дирам, назар кардан ба динору дирамҳо, то сара аз носара шинохта шавад; беҳин чизе баргузидан; ошкор кардани айб каломро; назар кардан ба шеъру сухан ва тамйиз додани хуби он аз бадаш, ҷудо кардани сара аз носара [3, с.1530]; “муайян намудани арзишҳо, санҷидан, таъйин кардани қазоват ва судури ҳукм дар мавриди амр ё умурҳо” [4, с.18] маънидод шудаву фоъили он саракунандаи дирҳамҳо; тамйиздиҳандаи миёни пули сара ва носара, сарроф, инчунин ба маънои маҷозии хурдагир, нуктагир, нуктасанҷ, борикбин маънидод шудааст [3, с.1084].

Ба маънои истилоҳӣ нақди адабӣ навъе аз анвои улуми адабист, ки шинохту муайян намудани арзиши воқеии осори адабӣ буда, аҳамияти беандоза калон дорад, зеро “агар интиқод дар миён набошад, арзиши воқеии осори ҳунарӣ маълум намегардад” [5, с.52] ва дар он сурат ба қавли шоирони соҳибмақоме чун Хоҷа Ҳофиз, Шайх Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Нозими Ҳиротӣ, Абдулқодири Бедил ва Сайидои Насафӣ **“саррофони гавҳарношинос хармуҳраро бо дурр баробар”** мекарданду бозори **“сустназмон”** ривоҷ ёфтаву **“бар фарқи ҳарифони қолабигӯй”** хиште назада мемонд ва **“оне, аз ҷаҳл ҳирро аз бир”** фарқ намекард, худро **“шоир”** мехонду **“ба шамъи назм ҳасудон чун муми оташдида”** гудохта нагардидаву **”хирасарон”** даъвии **“рамзошноии маънӣ”** кардаву **“кӯроне чанд саррофӣ”** карда **“обрӯро ба хоки тира баробар ”** менамуданд ва **“дуздони маъонӣ”** дар **“суханчинӣ”** густохтар гардида, каломи беманфиати тақлидӣ, ҳиҷогӯӣ ва сухани камарзиш равнақ ёфта, адабиёт мавқеъ ва имконоти васеи **“инсонсози”-**и худро аз даст медод ва ба бозори колои беарзишу нолозим табдил меёфт ва адиб, ки Балзак **“омӯзгори одамон”** номида буд, ин салоҳиятро аз даст медод ва ба гуфтаи Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ **“бе шоир синаи миллат бе дил”** мемонду **“миллати бе шоир ба анбори гил”** табдил меёфт.

Дар адабиётшиносии тоҷик бобати ташаккулу таҳаввули нақди адабӣ, рисолаву мақолаҳои зиёд таълиф шудаанд. Ҷонон Бобокалонова дар “Назаре ба таърихи танқиди адабии тоҷик” ном асараш оид ба таърихи пайдоиш ва инкишофи нақди адабии тоҷик, аз ҷумла, падидаҳои нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ дар ёдгориҳои хаттии қадим ва асрҳои миёна, марҳилаҳои инкишофи танқиди адабии муосири тоҷик, нақди адабӣ ва адабиёти атфол, имрӯзу фардои танқиди адабии тоҷик мулоҳизаронӣ намудааст [2].

Инчунин, Ҷумъақул Ҳамроев дар “Асрори нақди адабӣ” ном таълифоти хеш оид ба нақди адабӣ, анвои равишҳову жанрҳои он ва вижагиҳои жанрҳои нақди адабӣ маълумот додааст [10].

Агар ба таърихи нақди адабӣ назари иҷмолӣ андозем, ба зудӣ пай хоҳем бурд, ки он аз ибтидои пайдоишаш таъсири басо бузурге андар кашф, шинохту эътироф, муайян намудани арзиши воқеии каломи бадеӣ бар дӯш дошта, ба ин васила на танҳо омили рушди адабиёти бадеиву муаррифии шоистаи он саҳим аст, инчунин, яке аз васоити муассири ташаккули шуури интиқодии ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Дар баробари нақди адабӣ таърихи адабиёту назарияи адабиёт барин илмҳо низ ба таҳқиқу пажӯҳиши паҳлуҳои мухталифи осори бадеӣ сару кор доранд, ки ҳар яке аз улум доираву ҳудуди мушаххасу мавзӯи муайяни таҳқиқу баррасии худро дошта бошанд ҳам, аввалан бидуни объекти таҳқиқ, сониян бидуни якдигар арзи вуҷуд доштанашон амрест мутлақо ғайриимкон. Аз ин рӯ, миёни донишмандони соҳа оид ба муносибати мутақобилаи ин илмҳои фунуни адабӣ ихтилофи назар ва андешаҳои мухталиф ҷой доранду гурӯҳе бар онанд, ки нақди адабиву таҳқиқи адабӣ як мафҳуманд ва қисмати дигар равобити байни ин илмҳоро тамоман инкор месозанд” [4, с.18].

Устоди гурӯҳи забон ва адабиёти форсии донишгоҳи Лакҳнав доктор Осифа Замонӣ дар асараш “Муҳаққиқин ва мунтақидини маъруфи забон ва адабиёти форсии Ҳинд дар асри бистум” [4] мафҳуми “нақд” ва бо зиндагӣ робитаи мустаҳкам доштани онро шарҳ дода, оид ба нақди адабӣ андешаҳои ҷолибе баён карда, навиштааст: “Нақд ба шакли асосӣ вокуниши фитрии инсон аст ва аз ҳеҷ талоши шуурӣ сарчашма намегирад” [4, с.18].

Вай дар шуури инсон пайдо шудани аксуламали интиқодиро ба об андохтани сангреза, ки боиси пайдоиши амвоҷи зудгузар мегардад, монанд карда, ба эҳсосу таъсир робита доштани нақдро таъкид намуда менависад: “Дар шуури инсон бо дидани чизе амвоҷе ба ҳамин гуна ба шӯр меояд ва бад-ин сурат дида мешавад, ки оғози нақд бо эҳсосу таъсир робитаи мустаҳкаме дорад. Бояд гуфт, ки ҳамроҳи эҳсос шуур ҳам ба фаъолият мепардозад ва баъд аз он амали ҷустуҷӯ ва бозёбии хубӣ ва зиштиҳо оғоз мегардад, аммо бояд гуфт, ки ин амал фақат вобаста ба зиндагии худи шахс нест, балки саҳми бахшҳои гуногуни муҳити иҷтимоии вай низ дар он қобили ёдоварӣ аст ва бад-ин сурат дида мешвад, ки нақд робитае мустаҳкам бо зиндагӣ дорад” [4, с.18]

Баъдан, Осифа Замонӣ мафҳуми “таҳқиқ”-ро низ шарҳ дода, таҳқиқи адабиро “санади иртиқои (болоравӣ-М.М.) зеҳни инсон” маънидод карда, бо далелу бурҳони муътамад андешаҳои як чиз будани нақди адабиву таҳқиқи адабӣ ва ҳам мавҷуд набудани равобити байни ин илмҳоро ботил ҳисобида, дар асоси хулосаҳои донишмандон Калимиддин Аҳмад, Абдулҳусайн Зарринкӯб ва Доктор Сикандар “на як чиз будани нақди адабиву таҳқиқи адабӣ ва на беробита будани нақди адабиву таҳқиқи адаби”- ро таъкид намуда, андешаҳояшро ҷамъбаст намуда менависад: “Аз ин нуктаҳо ба таври куллӣ чунин натиҷа ба даст меояд, ки таҳқиқу нақд бидуни якдигар ба шакли воқеӣ наметавонанд вуҷуд дошта бошад” [4, с.20].

Равобити ҷудонашаванда доштани таърихи санъат бо назарияи онро муҳаққиқу мунаққиди варзидаи рус рус Н.Г. Чернишевский мавриди таҳқиқ қарор дода, хулосаи ҷолиби таваҷҷуҳ бароварда, навиштааст: “Таърихи санъат ҳамун асоси назарияи санъат хидмат мекунад, сипас назарияи санъат барои пажӯҳиши нисбатан комилтару пурратари таърихи санъат ёрӣ мерасонад. Бидуни таърихи ашё назарияи ашё вуҷуд надорад, аммо бидуни назарияи ашё таърихи он ҳам ҳеҷ маъние надорад, зеро оид ба ашёву аҳамият ва ҳудуди он ҳам тасаввуроте вуҷуд дошта наметавонад” [8, с.265-266].

Соҳаи пажӯҳиши илми адибиётшиносии кунунро муҳаққиқини мутақаддами тоҷику форс “улуми адабӣ” номидаву анвои онро мушаххасан нишон дода буданд [12, с.56; 3, ҷ.2, с.1552]. Оид ба миқдори дақиқи анвои улуми адабӣ дар байни уламои соҳа ихтилофи назар вуҷуд дошта, агар гурӯҳе 12 навъи улуми адабиро номбар карда бошанд, гурӯҳи дигар ин миқдорро то 15 расонидаанд [12, с.56; 3, ҷ.2, с.1552]. Имрӯз таҳти мафҳуми “адиб” танҳо офарандагони каломи бадеъ фаҳмида мешавад, аммо тибқи маълумоти маъохизи илмиву адабӣ дар гузашта шахси дар тамоми улуми адабӣ, ё яке аз илмҳо тахассус пайдо кардаро ҳам “адиб” меномидаанд [12, с.21].

Дар таърихи адабиётшиносии классикии тоҷику форс олимоне, ки ба таҳқиқи яке аз навъҳои улуми адабӣ, аз ҷумла: арӯз, қофия, нақд-уш-шеър (илми тақриз-М.М.),

санъатҳои бадеӣ, иншо, илми бадеъ, илми баён машғул шудаву осори илмии арзишманд таълиф намудаанд, зиёд мебошанд.

Нақди адабии классикии тоҷик, ки онро нақд-уш-шеър, қарз-уш-шеър ҳам мегуфтанд, ҳамқадами адабиёти классикӣ буда, то замони таълифи аввалин асарҳои адабиётшиносӣ дар ашъори шоирон арзи вуҷуд дошт, ки онро нақди шоирона ҳам мегӯянд. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои илмиву адабӣ ва хулосаҳои донишмандони соҳа аз устод Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ сар карда, дар ҳамаи давру замонҳо шоирон аз балоғату нафосати шеъри худ бо ифтихор сухан кардаанд ва ё оид ба нуқсу уюби шеъри шоирони дигар мулоҳизаронӣ намудаанд.

Андешаҳои адабӣ, аз ҷумла, ноқидии шоирон дар осори бадеии хеш мавриди таҳқиқу баррасии донишмандони соҳа гардида, оид ба ин масъала мақолаву рисолаҳои зиёде таълиф шудаанд.

Адабиётшиносони тоҷик Ҳусейнзода Ш., Ҳодизода Р., Бақоев М., Шарифов Х., Сатторов А., Мақсудов Б., Шарифзода Б., Шарифов М., Насриддинов А., Ҳоким Қаландариён, Нуралӣ Нурзод дар таълифоти хеш оид ба нақди адабӣ дар ашъори шоирон андешаҳои ҷолиб баён намудаанд.

Дар ҳамаи даврaҳои адабӣ шоирон дар ашъори худ андешаҳои судманде оид ба муносибати суханвар ба шеъру шоирӣ, вазифаи шоир ва мақому мартабааш, таъсири ашъори ӯ дар ҷомеа, иртиботи лафзу маънӣ дар шеър, шеъри маснуъ ва матбуъ афкори адабии шоирони пешинро баён кардаанд, ки барои равшан намудани бисёр паҳлуҳои эҷодиёти адибон аҳамияти назаррас доранд.

Муаллифи китоби “Шамс Қайси Розӣ-ноқиди шеър” афкори адабии шуарои асрҳои X-XII-ро мавриди пажӯҳиши муфассал қарор додаву оид ба вижагиҳои хосси ин шеваи нақкодӣ дар мисоли андешаҳои адибон мулоҳизаронӣ намуда, афкори адабии суханварони даврaҳои мутазаккираро таҳлил намудааст [12, с.29-36].

Дар ин шеваи нақди адабӣ асосан шоирон ба шеъри якдигар баҳо додаанд, бузургиву мартабаи гузаштагонро эътироф намудаанд ва ҳисси ихлосу эҳтироми хешро баён намудаанд, гоҳо дар пояи ашъори бузургон қарор доштани шеъри худрову пайрави эшон буданашонро таъкид намудаву гоҳо худситоӣ карда, даъвии сахти суханварӣ намуда, худро аз тамоми шоирони гузаштаву ҳамасрони хеш афзалтар донистаанд. Ҳамчунин, ба ҳасудону нотавонбинону ба қавли Хоҷа Ҳофиз **“сустназмон”** ҷавоби муносиби дандоншикан додаанд ва ниҳоят, барои ҳимояи сабку равиши шеъри худ ва ҳифзи мартабаи шоириву обрӯйи хеш садо баланд кардаанд, ки муҳаққиқони соҳа ин навъи нақкодиро “нақкодии шуаро” номидаанд, ки бештар ҷанбаи завқӣ дорад [5, с.54].

Мувофиқи хулосаҳои Худоӣ Шарифов дар ин шеваи нақд “на ҳамаи ақидаҳои назарии шоирон хусусиятҳои умумии тараққиёти адабиёти даврро ифода мекунанд. Ақидаҳои адабӣ-эстетикии шоирон мисли ҳамаи даврaҳо бештар бо хусусиятҳои услубии эҷодиёти онҳо алоқаманд аст ва дар ҳамин асос то андозае хусусиятҳои субъективӣ доранд” [12, с..120]

Ин равиши нақди адабӣ дар адабиёти асрҳои XVI-XVII низ идома ёфтааст ва аксар суханварони шинохтаи даврaҳои адабии мазкур мисли Камолиддини Биноӣ, Абдуллоҳи Ҳотифӣ, Абдурраҳмони Мушфиқӣ, Бадриддин Ҳилолӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Нозими Ҳиротӣ, Шавкати Бухороӣ, Соиби Табрезӣ, Сайидои Насафӣ, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ, Мулҳами Бухороӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил оид ба мақому мартабаи сухан, ҳунари шоирӣ, хусусиятҳои услубии ашъори хеш сухан рондаанд, ё дар ҷавоби ҳарифону муддаиён дар гуфтани шеър бартарӣ доштани худро таъкид намудаанд.

Дар даврaҳои гуногуни рушди улуми адабӣ ва таълиф шудани осори зиёди адабиётшиносӣ амсоли “Чаҳор мақола”- и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, “Маҳосин-ул-калом”-и Марғинонӣ, “Тарҷумон-ул-балоға”-и Муҳаммад бинни Умари Родуёнӣ, “Ҳадоиқ-ус-сеҳр фи дақоиқ уш-шеър”-и Рашидаддини Ватвот, “Роят-ул-арӯзайн”, “Канз-ул-қофия”, “Ҳуҷистанома дар илми арӯз”-и Имом Ҳасани Қатто, “Ал-муъҷам”- и Шамси Қайси Розӣ, “Бадоеъ-ус-саноеъ”- и Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ равияи наве дар нақд-уш-шеър падид омад, ки муҳаққиқони соҳа ин навъи нақди адабиро, ки асосан мувофиқату мутобиқат кардани осори бадеӣ ба қавоиду талаботи низоми назарияи маъмулу роиҷгардида, амсоли арӯзу қофияву саноеи бадеъ ва уюби ашъор аз ҷиҳати ҷой доштани сирқоти шеъриву таворуд ва шартҳои танзиму татаббуъ ва ҳам маъониву балоғату

қавоиди забону сабкро арзёбӣ мекунад, нақди ҳирфавӣ ё худ нақди фаннӣ номидаанд [5, с.342].

Равияи дигари инкишофи нақди адабӣ дар асрҳои XVI-XVII осори мансури адабиву ёддоштӣ амсоли “Наводир-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, “Бобурнома”-и Мирзо Бобур, “Латоиф-ут-тавоиф”-и Фахриддин Алии Сафӣ ва асарҳои таърихӣ амсоли «Ҳабиб-ус-сияр»-и Хондамир мебошанд. Осори мутазаккира барои равшан намудани масоили зиёди таърихиву фарҳангӣ ва адабии асрҳои XVI-XVII аҳамияти назаррасро дорост. Зеро муаллифони осори зикршуда аввалан, худ дар фунуни улуми адабӣ дасти тамом доштаанд, сониян худашон иштирокчиёни бевоситаи маҳфилҳои илмиву адабӣ будаанду ҷараёни бисёр маҳфилҳои илмиву адабиро бо тамоми ҷузъиёташ қаламдод намуда, андешаву бардоштҳои ҷолиби хешро воқеъбинона баён кардаанд ва ашъори адибони муосири худро таҳлилу баррасӣ намудаанд. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои илмиву адабӣ дар асрҳои XVI-XVII низ мисли дигар даврaҳо дар ҳавзаҳои бузурги адабӣ, аз ҷумла, дар доираҳои адабии Хуросон, Самарқанд, Бухоро ва Ҳирот маҳфилҳои илмиву адабӣ баргузор мегардиданд ва аҳли илму адаб дар ин маҳфилҳо маҳорату истеъдоди худро намоиш медодаанд, мушоираву сабқатҳову табъозмоиҳо баргузор намуда, оид ба ҳусну қубҳи осори якдигар изҳори назар мекардаанд, ки бидуни тардид аз мавҷудияту фаъолияти маҳфилҳо дар инкишофи адабиёт, аз ҷумла инкишофи нақди адабӣ аҳамияти беандоза калон доштаанд.

Ниҳоят, равияи охирин интишори нақди адабӣ дар асрҳои XVI-XVII баҳои тазкиранависон ба ҳусну қубҳи ашъори шоирон мебошад.

Ҳамин тариқ, дар ин даврaҳои адабӣ наққодии маҷолису маҳофили адабӣ, нақдҳои нависандагони осори ёддоштиву таърихӣ ва муаллифони тазкираҳои адабӣ дар ҳоли рушд қарор дошта, яке аз маъмултарин анвои нақди адабӣ, ки наққодии шуаро ва ё нақди завқӣ ҳам мегӯянду суханварон оид ба мақому мартабаи шоирони гузашта ва ё ҳамзамонони худ андешаронӣ намуда, бад-ин васила ашъори хешро дар пояи шеъри бузургон, гоҳо аз онон ҳам болотар гузоштаву худситоӣ мекунанд, бештар ривоҷ ёфтааст. Адибони маъруфи ин даврaҳои адабӣ амсоли Камолиддини Биноӣ, Осафӣ, Ҳотифӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Восифӣ, Шавкати Бухороӣ, Саққо, Сайидо, Соиби Табрезӣ, Низоми Ҳиротӣ, Бедил ба камоли ихлосмандиву эҳтироми хосса ва арҷгузории самимӣ аз шуарои мутақаддам амсоли устод Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хоқонӣ, Низомӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдӣ, Хоҷа Ҳофиз, Ҷомӣ, Ҳасани Деҳлавӣ ёд мекунанд ва ашъори онҳоро татаббуъ гуфтаву худро пайрави эшон меҳисобанд. Ҳамчунин аз вежагиҳои хосси ашъори худ, бозёфтҳову маъниофарӣ ва тарзи нодири баёну бесобиқа будани шеъри волои хеш бо ҳисси баланди ифтихор изҳори андеша намудаанд.

Муқарриз: Ҳамробоев Н. – доктори илмҳои филологӣ,
ДДХ ба номи Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Биноӣ, Камолиддин Ҳикоёт ва тамсилот; бо саъй, кӯшиш ва таҳияи умумии Абдулғанӣ Мирзоев. - Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. - 218 с.
2. Бобокалонова Ҷ. Назаре ба таърихи танқиди адабии тоҷик / Ҷ. Бобокалонова. - Душабе: Ирфон, 2003. - 360 с.
3. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатномаи Деҳхудо. Ҷидди аввал. - Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи донишгоҳи Теҳрон, чопи дуюм аз давраи ҷадид 1377. – 1597 с.
4. Замонӣ, Осифа. Муҳаққиқин ва мунаққидини забон ва адабиёти форсӣ дар ҳинд дар қарни бистум (Ҳамроҳ ба таърихи мухтасари нақд ва таҳқиқ дар адабиёти форсӣ). Маркази таҳқиқоти форсӣ. Ройзани фарҳангии Ҷумҳурии исломии Эрон. - Деҳлӣ: Навчопхона, 1993. – 393 с.
5. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Ошноӣ бо нақди адабӣ. Чопи ҳафтум / Абдулҳусайни Зарринкӯб. – Теҳрон: Интишороти “Сухан”, 1383.
6. Каримов Усмон. Адабиёти тоҷик дар асри XVI / Усмон Каримов**.** - Душанбе: Дониш, 1980. - 228 с.
7. Мирзоев, Абдулғанӣ. Биноӣ / Абдулғанӣ Мирзоев. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1957. – 490 с.
8. Тимофеев Л.И. Основы теории литературы.Учеб.пособия для студентов пед.ин-тов.Изд.4-е испр. / Л.И. Тимофеев. - Москва: Просвещение, 1971. – 464 с.
9. Фахриддин Алии Сафӣ. Латоиф-ут-тавоиф. - Душанбе: Адиб, 2011. – 336 с.
10. Ҳамроев, Ҷ. Асрори накди адабӣ / Ҷ. Ҳамроев. - Душанбе: Деваштич, 2005. - 128 с.
11. Ҳодизода Расул. Адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри бист / Расул Ҳодизода, Усмон

Каримов, Садрӣ Саъдиев. - Душанбе: Маориф, 1988. - 416 с.
12. Шарифов Х. Каломи бадеъ / Х.Шарифов. - Душанбе: Ирфон, 1991. - 160 с.
13. Чалисова Н.Ю. «Тазкират аш-шу'ара» Давлатшаха - источник и памятник литературы / Н.Ю. Чалисова // Памятники истории и литературы Востока. Период феодализма. Статьи и сообщения. - М., 1986. - С.221-236.
14. Hofinan H.F. Turkish Literature. A bio-bibliographical survey / H.F Hofinan. - Section III. - Part I. - Vol. 1-6. Utrecht, 1969.
15. Storey C.A. Persian Literature. A bio-bibliographical survey / C.A. Storey. Biographes. - Vol. II. - P. 2. - London, 1953.

ОМИЛҲОИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ НАқДИ АДАБӢ ДАР АДАБИЁТИ АСРҲОИ XVI-XVII

Муаллиф дар мақолаи мазкур дар бораи омилҳои асосии ташаккул ва рушди нақди адабӣ дар осори шоирони асрҳои XVI-XVII сухан гуфта, таъкид намудааст, ки адабиёти қарнҳои мазкур ба ду давра тақсим шуда, бо чанд хусусияти хосси худ аз адабиёти дигар давраҳо тафовути чиддӣ дорад. Хусусияти асосии адабиёти ин давра ба ду қисм чудо шудани муҳити адабии дар давоми қарнҳо шаклгирифтаву ташаккулёфта, коста шудани равобити адабии Хуросону Мовароуннаҳр, рӯ ба сӯйи Ҳиндустон овардани адибони Хуросону Мовароуннаҳр мебошад. Баъдан дар бораи намунаҳои эҷодиёти адибони ин садаҳо маълумоти мухтасар дода, менависад, ки намояндагони адабиёти нимаи аввали асри XVI асосан бо сабкҳои хуросониву ироқӣ эҷод карда, анъанаҳои мактаби адабии Ҳиротро идома додаанд. Аз нимаи дуюми асри XVI пайдо шудану густариш ёфтани сабки ҳиндӣ, дар асри XVII бошад, дар эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил ба авҷи аълои рушд расидани ин сабк ва пайдо намудани пайравони зиёд, таъсир расонидан ба давраҳои минбаъдаи рушди адабиёт аз шумори тозагиҳои хосси ин давра маҳсуб мешавад. Тибқи ахбороти овардаи муаллифи мақола нақди адабии шоирона дар адабиёти асрҳои XVI-XVII низ идома ёфтааст ва аксар суханварони шинохтаи давраҳои адабии мазкур мисли Камолиддини Биноӣ, Абдуллоҳи Ҳотифӣ, Абдурраҳмони Мушфиқӣ, Бадриддин Ҳилолӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Нозими Ҳиротӣ, Шавкати Бухороӣ, Соиби Табрезӣ, Сайидои Насафӣ, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ, Мулҳами Бухороӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил оид ба мақому мартабаи сухан, ҳунари шоирӣ, хусусиятҳои услубии ашъори хеш сухан рондаанд, ё дар чавоби ҳарифону муддаиён дар гуфтани шеър бартарӣ доштани худро таъкид намудаанд. Муҳиммияти мақола дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф тавонистааст бо овардани далелҳо нишон диҳад, ки равияи дигари инкишофи нақди адабӣ дар асрҳои XVI-XVII осори насрии адабиву ёддоштӣ, амсоли “Наводир-ул-вақоеъ”- и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, “Бобурнома”- и Мирзо Бобур, “Латоиф-ут-тавоиф”- и Фахриддин Алии Сафӣ ва асарҳои таърихӣ монанди «Ҳабиб-ус-сияр»-и Хондамир мебошанд. Осори мутазаккира барои муайян намудани масоили зиёди таърихиву фарҳангӣ ва адабии асрҳои XVI-XVII аҳамияти назаррасро дорост.

Калидвожаҳо: адабиёти тоҷику форс, нақд, шоирон, асрҳои XVI-XVII, сарчашмаҳои адабиву таърихӣ, маҳфилҳои адабӣ, санъатҳои бадеӣ, ёддошт.

ФАКТОРЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ЛИТЕРАТУРНОЙ КРИТИКИ В ЛИТЕРАТУРЕ XVI-XVII вв

В данной статье автор отмечает основные факторы становления и развития литературной критики в творчестве поэтов XVI-XVII веков, подчеркивая, что литература этих веков делится на два периода и существенно отличается от литературы других периодов. Главной особенностью литературы этого периода является разделение литературной среды, сформировавшейся на протяжении веков, ослабление литературных связей между Хорасаном и Мавераннахром, отъезд писателей Хорасана и Мавераннахра в Индию. Далее автор, описывая творчество писателей этих веков, отмечает, что представители литературы первой половины XVI века творили в основном в хорасанском и иракском стилях, продолжая традиции литературной школы Герата. Возникновение и развитие индийского стиля во второй половине XVI века и в XVII веке в творчестве Мирзо Абдулкадира Бедиля стало кульминацией развития этого стиля и обретением множества последователей, повлиявших на дальнейшее развитие литературы. По мнению автора статьи, поэтическая литературная критика в литературе XVI-XVII веков также продолжалась, и многие известные писатели и поэты этого периода, такие как Камолиддини Бинои, Абдуллох Хотифи, Абдурахмон Мушфик, Бадриддин Хилоли, Зайниддин Махмуд Восифи, Нозим Хироти, Шавкат Бухорои, Соиб Табрези, Сайидо Насафи, Фитрат Зардузи Самарканди, Мулхам Бухорои, Мирзо Абдулкодир Бедил определяют в своих произведениях статус языка, говорят об искусстве поэзии, стилистических особенностях своих произведений, или определяют свое превосходство в чтении стихов в ответ оппонентам. О важности статьи свидетельствует тот факт, что автору удалось показать, что еще одним направлением развития литературной критики в XVI-XVII веках были литературные и монументальные произведения прозы, такие как «Наводир-ул-вакоеъ» Зайниддина Махмуда Восифи, «Бобурнома» Мирзо Бобура, Латоиф-ут-тавоиф Фахриддина Али Сафи и такие исторические произведения, как «Хабиб-ус-сияр» Хондамира. Эта работа имеет большое значение для выявления многих исторических, культурных и литературных проблем XVI-XVII веков.

Ключевые слова: таджикская и персидская литература, критика, поэты, XVI-XVII века, литературные и исторические источники, литературные круги, художественное искусство, мемуары.

FACTORS OF THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF LITERARY CRITICISM IN THE LITERATURE OF THE XVI-XVII CENTURIES

The article is devoted to the analysis of the main factors of the formation and development of literary criticism in the work of poets of the 16th-17th centuries, emphasizing that the literature of these centuries is divided into two periods and differs significantly from the literature of other periods. The main feature of the literature of this period is the division of the literary environment, which has been formed over the centuries, the weakening of literary ties between Khorasan and Movarounnahr, the departure of the writers of Khorasan and Movarounnahr to India. Further has been described the work of the writers of these centuries by the author, has been noted that the representatives of the literature of the first half of the 16th century worked mainly in the Khorasan and Iraqi styles, continuing the traditions of the literary school of Herat. The emergence and development of the Indian style in the second half of the 16th century and in the 17th century in the work of Mirzo Abdulkadir Bedil became the culmination of the development of this style and the acquisition of many followers that influenced the further development of literature. According to the author, poetic literary criticism in the literature of the 16th-17th centuries also continued, and many famous writers and poets of this period, such as Kamoliddini Binoi, Abdulloh Hotifi, Abdurahmon Mushfik, Badriddin Hiloli, Zainiddin Mahmud Vosifi, Nozim Hiroti, Shavkatii, Soib Tabrezi, Sayido Nasafi, Fitrat Zarduzi Samarkandi, Mulham Bukhoroi, Mirzo Abdulkodir Bedil define the status of the language in their works, talk about the art of poetry, stylistic features of their works, or define their superiority in reading poetry in response to opponents. The importance of the article is evidenced by the fact that the author was able to show that another direction in the development of literary criticism in the 16th-17th centuries were literary and monumental works of prose, such as "Navodir-ul-wakoe". Zainiddin Mahmud Vosifi, "Boburnom" by Mirzo Bobur, Latoif-ut-tavoif by Fakhriddin Ali Safi and such historical works as "Habib-us-siyar" by Hondamir. This work is of great importance for identifying many historical, cultural and literary problems of the XVI-XVII centuries.

Key words: Tajik and Persian literature, criticism, poets, XVI-XVII centuries, literary and historical sources, literary circles, art, memoirs.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Маҳмадшоев Маҳмадшо Мирзошоевич*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классикӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, кӯч. Мавлонбеков, 1. E-mail: **komron74@mail.ru.** Тел.: **(+992) 938-74-80-00**

Сведение об авторе: ***Махмадшоев Махмадшо Мирзошоевич*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской классической литературы. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1. E-mail: **komron74@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 938-74-80-00**

Information about the author: ***Mahmadshoev Mahmadsho Mirzoshoevich*** - Khujand State University named after academician B.Gafurov, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor at Department of Tajik Classical Literature. **Address:** 735700, Tajikistan Republic, Khujand, Str. Mavlonbekov, 1. E-mail: **komron74@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 938-74-80-00**

УДК: 8 Т2

ТАСВИРИ СИМОИ ЁР ВА МАЪШУҚ ДАР АШЪОРИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

Аҳророва Г.У.
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Донишмандону суханварони адабиёти форсӣ дар қарнҳои мухталиф бар он муваффақ шудаанд, ки ғановати маънавӣ, зоҳиру ботин ва хислату сифоти ёрро дар осори бадеии хеш ба тасвир ованд ва дар ин мавзӯъ силсилаи симоҳои ҷовидонае биофаранд.

Ҷараёни таҳаввули офариниши чеҳраи зан ва ёр дар адабиёти хаттӣ аз достону маснавиҳои Рӯдакӣ, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, "Хамса"-и Низомӣ ва дигарон оғоз ёфта, ин анъана дар асрҳои минбаъда низ дар як силсила осори адабӣ идома ва инкишоф ёфтааст. Тасвири бадеии симои занон ва андешаву афкори адибон роҷеъ ба мақому мартабаи онон дар заминаи ақоиди некбинона ва хайрхоҳонаи гузаштагон ҳанӯз дар замонҳои дури таърих аз асотир, осори ривоятии куҳан ва достонҳои ҳамосавии қадим ибтидо ёфта, дар адабиёт ва фарҳанги қуруни мобаъд заминаи мусоиде барои офариниши ҷилваҳои хосси шахсият ва нақши занон гардидааст. Дар радифи қадимтарин ва муътамадтарин сарчашмаҳое, ки ба шинохти шахсияти зан ва тарвиҷи симои ӯ дар адабиёт мусоидат кардаанд, «Авасто» ва «Қуръон»-и карим мақоми махсус доранд.

Нигоҳи иҷмолӣ ба асарҳои машҳури ҳамосавии асрҳои X-XII «Вомиқу Узро»-и Унсурӣ, «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа ва шариат-ут-тариқа»-и Санойӣ, «Хусравнома»-и Фаридуддини Аттор, «Вис ва Ромин»-и Фахриддини Гургонӣ ба хулосае оварда, ки офариниши симои зан бо ҳама гуногунрангӣ, ихтилоф ва муаммоангезиаш мавриди тадқиқи бадеӣ қарор гирифтааст. Дар ин осор ду ҷанбаи чигунагии сирати зан ба мушоҳида мерасад. Аз як ҷониб, хислати зан аз нигоҳи башардӯстона ба таъкид омада бошад, аз ҷониби дигар, нақши манфии вай дар раванди зиндагӣ ба равшанӣ бозгӯйӣ шудааст. Мо бар ин боварем, ки ин маънӣ аз чигунагии дунёи ботинии зан сар мезанад. Аз ақидаҳои ихтилофангези садаҳои миёна аст, ки барои зан дар баробари арҷгузорӣ марзҳое эҷод карда буд. Аммо кӯшишҳои суханварони пешин дар мавриди бозгӯйи чигунагии сиришти зан бо он ҳама бартариву сифоти зишташ хеле ҷолибанд ва ибтикороти эшон аз ҳақиқати айнии офаринишгарии онҳо дар мавриди зан дарак медиҳад. Онҳо ҳангоми тасвири манзараҳо, рӯзгор, зисту зиндагии қаҳрамонҳои асар таҳти таъсири ақоид ва одобу русуми асри хеш қарор нагирифта, дар ҷараёни воқеаҳои давр ва тақдири носозгор сабру таҳаммул, фидокориҳои беназир, диловарӣ ва шуҷоати занонро ба зуҳур овардаанд.

Шайх Камоли Хуҷандӣ аз машҳуртарин ғазалсароёни форсист, ки бо назокати сухан, қудрати тахайюл ва фасоҳати калом маъниву лафзро ҳусни нотакрор бахшидааст. Адабиётшинос Саъдулло Асадуллоев ба маврид зикр кардаанд, ки "Агар Шайх Саъдӣ мавзӯи ғазали худро ба танқиди аҳли риё бахшида, ба хуш гузаронидани айём даъват намояд, Хоҷа Камол ғазали худро фақат ба мавзӯи хуш гузаронидани умр бахшидааст" [1, с.72]. Камоли Хуҷандӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик лутфи сухан ва каломи бадеъро ба зинаи нави тасвир бардоштааст. Ӯ дар офариниши симои зан, маъшуқа ва ёр мақоми махсус дошта, шоири ишқ ва муҳаббат аст. Аз ин рӯ, шеърҳояш бисёр самимӣ буда, оинаи эҳсосот ва дили шайдои ӯро тасвир намудаанд. Чи хеле ки профессор Абдулманони Насриддин менигорад, "санъати сухантирозии Шайх Камол аз чандин унсур ташаккул ёфта, ҳар яке дар бунёди ин пайкараи маънавӣ нақши хоссаи худро дорад. Садои ҳар як овоз дар симфонии шеър муҳим аст" [11, с.209]. Олими маъруф Аълохон Афсаҳзод ба хулосае меояд, ки "Камол устоди бемонанди шеъри тоҷикӣ буда, чун давомдиҳандаи сабки саҳли мумтанеъ суханҳои ширин, ибораҳои рехта, таъбирҳои халқӣ, алфози зебо, калимаҳои мутаносиб, ташбеҳу истиораҳои нодир, таҷнису муболиғаҳои дилфиреб, зарбулмасалу мақол ва таъбирҳои ширадори мардумиро чунон моҳирона ба кор мебарад, ки шеъри ӯро ниҳоят намакин ва хушоҳанг мегардонанд" [2, с.139].

Ба назар чунин мерасад, ки камтар шоире монанди Камол ишқро дарк намуда, баён кардааст. Ба андешаи профессор Бадриддин Мақсудов "шоир эҳсосоти мураккаби шахси ошиқро ифода намудааст" [9, с.97]. Ӯ ҳар лаҳза ва дар ҳама ҷо бо хаёли маъшуқаи саркаш ва нигори нозанине зинда буда, бо муҳаббати ӯ нафас гирифтааст. Ин навъ ҷонбозӣ ва

фидокорӣ дар роҳи ишқ, асири ҳусни фиребандаи маъшуқа шудан ба вай ихтиёрӣ набуда, балки фитрӣ, зотӣ будааст. Ба қавли Ҷонон Бобокалонова “ҳар куҷое, ки ишқ бошаду сухан дар бахши ишқ равад, он ҷо ҳатман симои зан пеши назар меояд” [4, с.126]. Чунонки худи шоир мегӯяд, бе ишқи гулрухе ғазал насароидааст:

Бе ишқи гулрухе насарояд ғазал Камол,
Булбул, ки маст нест, тараннум намекунад.

Камоли Хуҷандӣ дар таҷассуми нигориши симои ёр дар жанри ғазал ба беҳтарин анъанаҳои гузаштагони худ пайравӣ кардааст. Камол низ мисли дигар шоирон дарду алами ишқро сароида, тавассути он ба эҷоди образи қаҳрамони анъанавии ғазал – маъшуқа рӯ овардааст. Рӯйи маъшуқа дар тасвири Камол зебо, нозук, наку буда, рухаш афрӯхта, чун шамъи шабистон аст. Орази тобон, дилафрӯз, маҷлисоро ва дар бари рӯй холи мушкин дорад. Чашмони маҳбуба сиёҳ, шӯх, ҷоду, пурхумор, наргис аст, ки ошиқро мафтуну маҷнун мегардонад.

Ин чӣ сарви қад, ин чӣ рафтор аст,
Ин чӣ шириндаҳан, ин чӣ гуфтор аст?!

Симинбаданӣ, сарвқадӣ, пистадаҳонӣ,
Ҳар васф, ки ояд ба забонам, беҳ аз онӣ!
Ороми дилӣ, дафъи ғамӣ, марҳами дардӣ,
Ёри куҳанӣ, умри навӣ, муниси ҷонӣ!

Шоир ончунон ғарқи ҳодисоту олам аст, ки метавонад бо тафсилоту ҷузъиёте, ки тахайюли парвозиаш пеши назар меоварад, саҳифаҳои зиёдро пур кунад ва дар айни замон ин амалро бо шефтагии тамом анҷом бидиҳад. Танҳо шефтагии худи ҳунарманд аст, ки ба ҳунари ӯ ҷозибаи нотакрор мебахшад ва ин шефтагиро хонанда аз даруни матн ба хубӣ эҳсос мекунад. Камол чун аз хислати хосси маъшуқа сухан меронад, калимаву ибороти тоза ва тавсифоти ҷолиб ба кор мебарад. Ширинии лафз ва нозукии хаёли Камол аз ҳар мисраи осори ӯ аён мегардад. Вобаста ба ин, адабиётшинос Саидумрон Саидов чунин таъкид мекунад: “Ҷаҳоне, ки Хоҷа Камол аз хаёлоти “нозуку латифаш” офаридааст, ҷаҳони пурнақшу нигори ишқу зебоист, ки ҳар нақше дар гардиши худ чандин маъноҳои мармуз ниҳон дорад ва ба асрору хилқати офариниш ишорат мекунад. Ҳусну зебоӣ, ки ангезаи воқеӣ ва завқи шеър аст, аз тариқи тайи маротиби сулук ва водии ишқу маърифат шоирро ба кашфи олами маъниҳо ҳидоят мекунад” [13, с.89].

Дар ашъори шоир кам санъати лафзӣ ва маънавие вуҷуд дорад, ки ба кор гирифта нашуда бошад. Шоир дар тарҳрезии ақоиду афкори хеш ҳунари наҷиби сухангустарӣ намоиш дода, тасвироти хуби шоиронаро корбаст намудааст. Чунончи, ибораву тавсифоти «хушманиш, симинбадан, сарвқомат, ширинлаб, шириндаҳан, хушсухан, дилнишин, хуштабъ, порсо, луъбати хуби ман, хушхӯи ороста, паричеҳра, ширинлаб, сарвқад» бофтаи хаёли шоиронаи ин суханвар аст:

Ба рух қадри гулу гулзор бишкан,
Сухан гӯ, қандро бозор бишкан.
Шикасти ман дилат гар мекунад хуш,
Ба рӯзе хотирам сад бор бишкан.

Ширинлабӣ, шириндаҳанӣ, сарвқоматӣ,
Кӯтаҳ кунам ҳадис, ба хубӣ қиёматӣ.
Шӯхиву фитнагару сангдилу аҳдшикан,
Чашми бад дур аз чандин ҳунар оростаӣ.

Чунон ки мебинем, шоир дар васфи ёр ҳама гуна тавсифоту ташбеҳотро кор фармудааст. Камол, тавре ишора шуд, маъшуқаи худро аз тамоми қиёсҳо боло медонад. Дар назари ӯ маъшуқаро на танҳо бо моҳ, балки бо офтоб низ муқоиса кардан раво нест, зеро “офтоб аз ӯ ҳусн медуздад”, дар ҳоле ки дар қиёс бо офтоби рӯйи ёр аз зарра беш нест. Дар тасвири шоир рухи офтоби осмон бо ҳама оламафрӯзӣ дар назди партави ҳусни маъшуқ (офтоби ҳақиқӣ) қадри зарра аст:

Офтоб аз ту ҳусн медуздад,
Субҳ з-ин рӯ чароғро куштааст.

Бо рухи он маҳ ба даъво гар барояд офтоб,
Кай намояд зарра, ҳар ҷо рух намояд офтоб.

Шайх Камол дар ғазалиёташ, дар тасвири ёр маъмулан аз он тасвирҳое истифода бурдааст, ки дар ашъори шуарои дигар низ муқарраран ба кор рафтаанд. Чунончи, сарву маҳ, зулфу чашм, гулу булбул, ҷону дил, шамъу парвона ва монанди инҳо. Дар ин бобат профессор Матлубаи Мирзоюнус таъкид мекунад: “Тахайюли тавонои ӯ тасвирҳоро чунон бо латофати маънӣ ва зевари сухан ороста, ки хонандаро ба ҷуз ангушти ҳайрат газидану қоил мондан чораи дигаре нест” [11, с.99].

Камол дар татбиқи ҳунари бадеии анъанавии классикии адабиёти форсу тоҷик аз шоирони забардаст маҳсуб мешавад. Ӯ ҳар як мисраъ ва ҳар байти худро заргарона бо ҷавоҳири лафзӣ ва асоси маънавӣ ороста, арӯси суханро бо ҳусни тамом ҷилва додааст. Ба гуфти шоираи ширинкалом Фарзона “ғазалҳои Шайх Камол мисли хони малоҳат аст, мисли дастурхони бозест, ки дар рӯйи он қанд ниҳодаанду набот, шарбату гулоб, мавизу бодом ва анвои ширинихое, ки ҳар чӣ қадар хоҳед, чошнӣ мебардоред” [14, с.9].

Истиора ва ташбеҳ чун барои зинати калом ё табъ ба кор бурда шавад, чандон муҳим ба назар намерасад, лекин баъзе истиорот ва ташбеҳот ба мазмуни асар таъсири амиқ бахшида, арзиши онро меафзоянд. Дар шеъри Камол низ ин мазмун бештар падидор гаштааст. Камоли Хуҷандӣ шоирест, ки андешаҳои орифонаю ҳакимонаи хешро дар китоби худ ба манзури бедоргарии инсон барои растагорӣ дар ҳар ду ҷаҳону расидан ба бародарию баробарӣ баён кардааст. Он чӣ шеъри Камолро зебоии хос мебахшад, тарзи баёни ӯст, ки пур аз маҷозу истиора ва киноя аст. “Шайх Камоли Хуҷандӣ, ки бо лутфи беназири сухан дар шеъри форсӣ шуҳрат дорад, дар сар то сари девонаш барои маънисозӣ ва тасвирпардозӣ аз заминаҳои гуногуни суханварӣ истифода намудааст” [12, с.75].

Маҳорати Камол дар чеҳранигорӣ ва хислатофаринӣ бо истифода аз саноеи бадеӣ беназир аст. Ташбеҳи қомати зани зебо ба нахли симин, дандонҳо ба марворид, гесӯ ба каманди тобдода, бинӣ ба теғе аз сим, лабу дандон ба ёқуту дурр, рухи насрину бӯйи насрин - ин ҳама ибороту лафзи ширин ҳусну латофати шахсияти занро афзудаанд. Маҳбуба дар нигориши шоиронаи шоир моҳи тобон, лабонаш ҳадиси ҷон, даҳон гули хандон буда, аз санъати олимақоми Камол огаҳӣ медиҳанд:

Гуфтамаш: номи ту? Гуфто: аз маҳи тобон бипурс!
Гуфтамаш: номи лабат? Гуфт: ин ҳадис аз ҷон бипурс!
Гуфтамаш: боре нишоте з-он даҳон бо ман бигӯй,
Зери лаб хандон шуду гуфт: аз гули хандон бипурс.
Гуфтамаш: дилҳо кӣ дуздид он ҳама шаб бо чароғ?
Ҳолу хат бинмуду гуфт: инҳо аз ину он бипурс.

Ёр дар тасвири Камол, пеш аз ҳама, маҳбуба ва маъшуқаи зебоест, ки шоир ӯро гоҳе бут, санам, нигор, парӣ мегӯяд, баъзан моҳпора, маҳҷабин, моҳталъат, хуршедлиқо, ғунчадаҳон, тангдаҳон, ширидандон, парипайкар ва мӯрчамиён меномад. Дар мавриди дигар якбора чандин сифатро ба ӯ нисбат медиҳад:

Нигори сарвқади гулъузори пистадаҳон,
Бути шаккарлаби бодомчашми мушкинхол.

Аслан мафҳуми “ёр” дар ашъори шоир азизтарин инсон, ҳабибу пайванд, рафиқу мӯнис ва шарику дамсоз мебошад. Масалан, ба маънии ҷуфту ҳамсар ва зани меҳрубон шоир мегӯяд:

Маҳбуби ману ҷони ману ҳамнафаси ман,
Хеши ману пайванди ману ёри ман ин аст.

Ё дар байти зерин “ёр”-и аввал мурод аз офаридгор буда, “ёр”-и дувум ба маънии ошиқи Ҳақ, солики ориф омадааст:

Пур шуд дару боми ёр аз ёр,
Ағёр дар он миён нағунҷад.

Ҳамзамон, дар шеъри Камол “ёр” ба маънии маъшуқу маҳбуба ҳамчун фарди ҷафоҷӯву бераҳм тасвир ёфтааст. Чунончи:

Одамият маҷӯ зи ёр, Камол,
К-он ҷафоҷӯ париваш афтодааст.

Шайх Камол ҳамоно дар ҷустуҷӯи ёри воқеӣ аст, ки ҳамдилу ҳамнафас ва ҳамдарди ӯ бошад:

Гар ба ҷустан ёфт гаштӣ ёри мо,
Ғайри ҷӯёӣ набудӣ кори мо.

Ин маъшуқаи нозанин ва маҳбубаи чолоку бебок бо ҳусни ҷаҳонгири фиребо ва ҷамоли расо, бо итобу хитоб ва нозу ишва ҷони ошиқро ба оташкада табдил медиҳад, бо дигарон дар зери оҳанги чангу рубоб, рӯду уд, дафу чағона ва най бода паймуда, бо ширкати мутрибу муғаннӣ базм меорояд. Ин ёри боданӯш мазҳари ҳаёт, ҷононаи дилрабои кони малоҳату латофат аст, ки, қабл аз ҳама, бо ҷозиба, қувваи илҳомбахш ва ҳусни табиии худ ошиқро тобеъ мегардонад. Камол маҳви ҷамоли ёри гандумгуни хушхиром аст, ки худи ҳамин образ ҳам лирикаи ӯро ба лирикаи халқӣ наздик мегардонад. Аммо шоир ҳамин симоро ҳам бо таъбирҳои мардумӣ ва суханбозиҳои шоирона ба қалам медиҳад:

Ёри гандумгуни ман гӯ, рӯйи хирмансӯз пӯш,
В-арна хоҳад сӯхт хирман, ҳар киро ақл ҳасту ҳуш!
Рӯйи гандумгун намуду ҷони мо як ҷав фурӯхт,
Аз чӣ шуд ёр инчунин гандумнамойи ҷавфурӯш?!

Зикр кардан ба маврид аст, ки масъалаи ёри гандумчеҳрае, ки дар ғазали боло гандумнамои ҷавфурӯш аст, дигар инкишоф намепазирад. Дар ғазали мазкур шоир маъшуқаро дар тамоми ҷилванамойӣ тавсиф дода, ки аз ҳусни беназири ӯ на фақат ошиқ шефта аст, балки сӯфию зоҳид ва булбулону андалебон низ аз роҳ мебароянд:

Шоҳидон аз гӯшҳо карданд дурҳоро раҳо,
Бар ҳадиси нозукат як-як чу бинҳоданд гӯш!
Сӯфии пашминапӯше гар бубинад чашми маст,
Зоҳидӣ аз сар ниҳад, гирад сабӯйи май ба дӯш!
Баски рухсори ту дилҳо бурду бар оташ ниҳод,
Об ба дарёи чашми ошиқон омад ба ҷӯш!
Зулфи ӯ умр аст, он кас ёбад он умри дароз,
К-аз лабаш бар ваъдаи неш оби ҳайвон кард нӯш!
Булбулон бар шоххо карданд з-он боло ҳадис,
Аз дарахтони чаман бархост афғону хурӯш!
Қиссаҳо хондию нашнид аз ту ҳам ҳарфе, Камол,
Андалеб аз сад варақ баргуфт ҳоли гул хамӯш!

Ҳусну ҷамоли маъшуқа дар тасвири Камол, гоҳе ҳатто аз моҳу хуршед ҳам рахшон, аз фариштаву парӣ афзун, аз гулҳои чаманзор назарработар аст. Вай бо абрӯву гесӯи сиёҳи мушкин чун товуси хиромон сармаст шуда, бо нозу карашма, ғамзаи ҷоду, табассуми малеҳу намакин ва хандаи нӯшин, бо рӯйи чун маҳ ва қадду болои чун сарв ошиқро мафтуну маҷнун мегардонад:

Ёри мо рӯйи чу маҳ дораду болои чу сарв,
Кас надидаст чунин маҳ, ки ба боло бошад!

Ғазал, ки муҳтавои он асосан аз тавсифи муҳаббат, тараннуми ишқ, хосса аз лаҳзаҳои висолу ҳиҷрон, изтироби ошиқ, нозу карашмаи маъшуқа ва дарди фироқу лаззати дидор барин ҳолатҳо иборат аст, заминаи фарохе барои густариши ибораҳои маҷозӣ фароҳам меоварад. Маҷоз аст, ки сӯзу гудоз ва ангезаҳои дилнавози дилдодагонро бо беҳтарин ваҷҳ таҷассум менамояд. Дар ашъори худ шоир ба маҷоз, киноя, таъриф, муболиға, тазод, такрор, нидо, суолу ҷавоб, алалхусус ба ташбеҳу истиора аҳамияти махсус медиҳад ва ин навъи саноеи бадеиро дар иртибот бо чеҳраи зан васеъ истифода мебарад.

Як хусусияти барҷастаи санъатҳои сухани Камол, аз ҷумла ташбеҳоти ӯ он аст, ки дар зимни худ боз ягон санъати дигар доранд. Масалан, қади ёрро ба дарахт ва ошиқони сершумори ӯро, ки шумурдан ғайриимкон аст, ба баргҳои дарахт монанд кардани ӯ муболиға ҳам мебошад.

Ошиқи сарви қадатро натавон кард шумор,
Ба дарахтон адади барг кӣ донад, чанд аст?

Фикр ва санъатҳои бадеие, ки хосси эҷодиёти худи шоиранд, маҳсули ҷустуҷӯҳои эҷодиаш мебошанд. Тозакорӣ ва навовариҳои Камоли Хуҷандӣ ҳам дар ифодаи мазмун ва ҳам бо либоси бадеӣ ифода намудани онҳо қариб аз ҳар ғазал ва ҳатто байтҳои ҷудогона эҳсос карда мешавад. Бино ба андешаи адабиётшинос Худоӣ Шарифзода “эҷоди ғазал барои Камол шуғле ҳунарӣ аст, ки ба ҳар ҳол аз андеша ва фикри маънавӣ мерӯяд” [16, с.67].

Ҳамин тавр, Шайх Камол дар нигориши ёр, маҳбуба яке аз он қаламкашони нотакрорест, ки дар адабиёти форсизабони Шарқ, дар тасвири симои зан аз санъатҳои гуногуну рангоранги бадеӣ истифода бурда, тимсоли нотакрору ҷозиб офаридааст. Шоир дар осори гаронбаҳои хеш аз сифатҳои неки занон ёдовар шуда, эшонро чун мазҳари зебоиву муҳассанот ва шоистаи ситоиш муаррифӣ кардааст. Камол ҷиҳати афзалияти қудрати баён ва таъсири каломи худ, аз анвои зиёди саноеи бадеъ бо камоли устодӣ ва маҳорат истифода намудааст. Ба гуфти адабиётшинос Саидумрон Саидов “содаву равонии забон, ифодаҳои зебо, вожаву ибороти балеғ ва ширин, тасвирҳои хоссаи шоир ғазалро дилнишину гӯшнавоз кардааст” [13, с.94]. Ашъори Камол бо содагиву равонӣ, балоғату малоҳат ва мазмуни баланду санъати олӣ имрӯз ҳам вирди забонҳо буда, хонандаи худро мафтун мегардонад, ба дилҳо суру ба дидаҳо зиё мебахшад. Профессор Шарифҷон Ҳусейнзода Камоли Хуҷандиро ҳамчун шоири сарояндаи олами ботинии инсон, суханвари хирадманду бомаҳорат шинохта, зикр кардаанд: “Аз ин ҷост, ки ғазалҳои диловези ӯ асрҳо инҷониб барги сабзи ҳофизон ва сурудхонони халқи сарзамини мо гардидаанд” [15, с.200]. Аз ғазалҳои ӯ дар давоми асрҳо Ҳофиз, Ҷомӣ, Навоӣ, Ҳилолӣ, Мушфиқӣ, Сайидо, Бедил, Шоҳин барин суханварони бузург файз бурда, ин суннати шоистаро давом додаанд, ки тасдиқи дигари устоди беҳамтои мактаби хосси ғазалсароӣ будани Шайх Камоли Хуҷандӣ мебошад. Ба таври куллӣ, дар ашъори Шайх Камол қудрати тахайюл ва андеша, таъсири баён, ҳунарнамоӣ, мавзунӣ ва дигар хусусиятҳо ҷилвагарӣ менамоянд, ки хонандаро волаи қудрату истеъдод ва тавоноӣ мекунанд.

Муқарриз: ***Собиров Ҳ.Ю.*** – номзади илмҳои филологӣ, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Асадуллоев С. Камоли Хуҷандӣ / С.Асадуллоев. - Хуҷанд, 1996. – 160 с.
2. Афсаҳзод А. Камоли Хуҷандӣ - устоди ғазал / А.Афсаҳзод. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 220 с.
3. Афсаҳзод А. Дар сафи бузургон / А.Афсаҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 334 с.
4. Бобокалонова Ҷ. Зан ва замон / Ҷ. Бобокалонова. – Душанбе: Адиб, 2002. – 270 с.
5. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро; таҳияи Мухлиса Нуруллоева. – Хуҷанд: Ношир, 2015. – 544 с.
6. Девони Камоли Хуҷандӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2020. - 1328 с.
7. Ёдкарди Камоли Хуҷандӣ (Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ). – Хуҷанд: Ношир, 2020. - 640 с.
8. Маводи конференсияи байналмилалии “Камоли Хуҷандӣ: ташаккули адабиётшиносӣ ва равобити адабӣ”. - Хуҷанд: Ношир, 2016. - 616 с.
9. Мақсудов Б. Рӯзгор ва осори Камоли Хуҷандӣ / Б.Мақсудов. - Душанбе: Сино, 1994. - 163 с.
10. Мирзоюнус М. Адабиёти миллӣ ва муколамаи фарҳангҳо / М.Мирзоюнус. – Хуҷанд: Ношир, 2015. – 514 с.
11. Насриддин А. Чиҳил мақола / А.Насриддин. – Хуҷанд, 2007. - 577 с.
12. Оинаи пажӯҳишгоҳ. Вежаномаи Камоли Хуҷандӣ. – 2020. - №3(3),
13. Саидов С. Калиди ганҷи маънӣ (Масъалаҳои адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ) / С.Саидов. – Хуҷанд: Ношир, 2016. - 280 с.
14. Туҳфаи ҷон (Шарҳи 40 ғазали Камоли Хуҷандӣ). – Хуҷанд: Ношир, 2020. – 288 с.
15. Ҳусейнзода Ш. Ҳабдаҳ мақола / Ш.Ҳусейнзода. – Душанбе: Ҳумо, 2007. - 346 с.
16. Шарифов Х. Бунёди мардумии ирфони Камоли Хуҷандӣ / Х.Шарифов // Озурдагон ва умедворон. – Душанбе, 2001.

ТАСВИРИ СИМОИ ЁР ВА МАЪШУҚ ДАР АШЪОРИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

Дар мақола таъкид гардидааст, ки Камоли Хуҷандӣ дар татбиқи ҳунари бадеии анъанавии классикии адабиёти форсу тоҷик аз шоирони забардаст маҳсуб мешавад. Ӯ ҳар як мисраъ ва ҳар байти худро заргарона бо ҷавоҳири лафзӣ ва асоси маънавӣ ороста, арӯси суханро бо ҳусни тамом ҷилва додааст. Шайх Камол дар ғазалиёташ, дар тасвири ёр маъмулан аз он тасвирҳое истифода бурдааст, ки дар ашъори шуарои дигар низ муқаррараn ба кор рафтаанд. Чунончи, сарву маҳ, зулфу чашм, гулу булбул, ҷону дил, шамъу парвона ва монанди инҳо. Ӯ дар офариниши симои маъшуқа ва ёр мақоми махсус дошт. Камол шоири ишқ ва муҳаббат аст. Вобаста ба ин, муаллиф андеша дорад, ки шеърҳояш бисёр самимӣ буда, оинаи эҳсосот ва дили шайдои ӯро тасвир намудаанд. Маҳорати Камол дар чеҳранигорӣ ва хислатофаринӣ бо истифода аз саноеи бадеӣ беназир аст. Ташбеҳи қомати зани зебо ба нахли симин, дандонҳо ба марворид, гесӯ ба каманди тобдода, бинӣ ба теғе аз сим, лабу дандон ба ёқуту дурр, рухи насрину бӯи насрин - ин ҳама ибороту лафзи ширин ҳусну латофати шахсияти занро афзудаанд. Камоли Хуҷандӣ дар таҷассуми нигориши симои ёр дар жанри ғазал ба беҳтарин анъанаҳои гузаштагони худ пайравӣ кардааст. Камол низ мисли дигар шоирон дарду алами ишқро сароида, тавассути он ба эҷоди образи қаҳрамони анъанавии ғазал – маъшуқа рӯ овардааст. Рӯйи маъшуқа дар тасвири Камол зебо, нозук, наку буда, рухаш афрӯхта, чун шамъи шабистон аст. Орази тобон, дилафрӯз, маҷлисоро ва дар бари рӯй холи мушкин дорад. Чашмони маҳбуба сиёҳ, шӯх, ҷоду, пурхумор, наргис аст, ки ошиқро мафтуну маҷнун мегардонад. Муаллиф ба хулосае меояд, ки Шайх Камол

дар нигориши ёр, маҳбуба яке аз он қаламкашони нотакрорест, ки дар адабиёти форсизабони Шарқ, дар тасвири симои зан аз санъатҳои гуногуну рангоранги бадеӣ истифода бурда, тимсоли нотакрору ҷозиб офаридааст.

Калидвожаҳо: ёр, маҳбуба, маъшуқ, санъати бадеӣ, ҳунари чеҳранигорӣ, ғазал, тасвир, лутфи сухан, калом, ашъор.

ОПИСАНИЕ ОБРАЗА ЖЕНЩИН И ЛЮБИМОЙ В ПОЭЗИИ КАМОЛА ХУДЖАНДИ

В статье подчеркивается, что Камоли Худжанди - один из знаменитых поэтов персидско-таджикской литературы. В своих газелях Шейх Камол, изображая образы женщин, использовал образы, которые обычно используются в поэзии других поэтов. Например, красивые глаза, пение соловья, душа, свеча, мотылек, луна и так далее. Поэт занимал особое место в создании образа влюбленной девушки. Камол - поэт любви и привязанности. В связи с этим, автор считает свои стихи очень искренними, они отражают зеркало его эмоций и сердца. Мастерство Камола Худжанди в создании персонажей с использованием художественного искусства уникально. Сходство красивой женской фигуры с пальмой, ее зубы с жемчугом, ее волосы с тетивой, ее губы с рубином, ее дух с прозой и ее запах - все эти сладкие выражения и слова добавляют красоту личности женщины. Камол Худжанди в лучших традициях своих предков воплотил образ любимой женщины в жанре газели. Камол, как и другие поэты, воспел боль любви, через которую обратился к созданию образа традиционного героя газели - возлюбленной. Лицо влюбленной в образе Камола красивое, нежное, доброе, в душе её зажжена свеча. Глаза возлюбленной черные, забавные, волшебные, полные, самовлюбленные, что делает любовника очаровательным и сумасшедшим. Автор приходит к выводу, что Шейх Камол по описанию возлюбленной - один из уникальных поэтов, который в персидской литературе Востока использовал различные художественные приёмы для изображения женщин и создал уникальный и привлекательный образ.

Ключевые слова: друг, возлюбленная, изобразительное искусство, мимика, газель, образ, красноречие, слово, стихотворение.

DESCRIPTION OF THE IMAGE OF WOMEN AND LOVED IN POETRY KAMOL KHUJANDI

The article emphasizes that Kamoli Khujandi is one of the famous poets of Persian-Tajik literature. In his gazelles, Sheikh Kamol, depicting the image of women, used images that are usually used in the poetry of other poets. For example, beautiful eyes, nightingale singing, soul, candle, moth, moon and so on. The poet occupied a special place in creating the image of a girl in love. Kamol is a poet of love and affection. In this regard, the author considers his poems to be very sincere, they reflect the mirror of his emotions and heart. Kamol Khujandi's skill in creating characters using art is unique. The resemblance of a beautiful female figure to a palm tree, her teeth with pearls, her hair with a bowstring, her lips with a ruby, her spirit with prose and her scent - all these sweet expressions and words add to the beauty of the woman's personality. Kamol Khujandi, in the best traditions of his ancestors, embodied the image of his beloved woman in the gazelle genre. Kamol, like other poets, sang the pain of love, through which he turned to the creation of the image of the traditional hero of the gazelle - the beloved. The face of the lover in the image of Kamol is beautiful, gentle, kind, a candle is lit in her soul. The eyes of the beloved are black, funny, magical, full, narcissistic, which makes the lover charming and crazy. The author comes to the conclusion that Sheikh Kamol, in describing his beloved, is one of the unique poets who, in the Persian literature of the East, used various artistic arts to depict women and created a unique and attractive image.

Key words: friend, beloved, fine art, facial expressions, gazelle, image, eloquence, word, poem.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Аҳорова Гулчеҳра Усмоновна*** - Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиё.И.Сомонӣ, 169. E-mail: **g_ahrorova@iet.tj.** Тел.: (**+992) 927-42-25-65**

Сведение об авторе: ***Ахорова Гулчехра Усмоновна*** - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского и русского языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. И.Сомони, 169. E-mail: **g_ahrorova@iet.tj.** Тел.: (**+992) 927-42-25-65**

Information about the author: ***Akhrorova Gulchekhra Usmonovna*** - Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Tajik and Russian languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, I.Somoni Ave., 169. E-mail: **g_ahrorova@iet.tj.** Тел.: (**+992) 927-42-25-65**

УДК: 891.550-1

ФАЪОЛИЯТИ МАОРИФПАРВАРИИ САДРИ ЗИЁ АЗ ДИДГОҲИ САДРИДДИН АЙНӢ

Абдулҳаев З.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Сарчашмаҳои адабии нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX муҳимтарин рӯйдодҳои сиёсиву таърихӣ ва равандҳои эҷодии ин даврараро дар худ таҷассум кардаанд. Аз ҷумла, осори С.Айнӣ барои омӯзиш ва таҳқиқи чеҳраҳои тобноки аҳли илму адаб, равшанфикрону тараққихоҳон сарчашмаи муътамад ба шумор рафта, ба мо маълумоти пурқимат дода метавонад.

Асарҳои С. Айнӣ дар шинохти ҳаёти адабии замон нақши равшане доранд. Ҳаёти адабӣ дар ин давра ба тағйирот ва дигаргунии куллӣ дучор омад, ки авомили асосии он наҳзати маорифпарварӣ ё ба истилоҳи дигар ислоҳотхоҳӣ аст. Бино ба таъкиди адабиётшинос С. Амирқулов, «равияи нави адабиёти нимаи дувуми асри XIX падидаи мушобеҳи типологии адабиёти дигар халқҳои туркнажоди Осиёи Миёна намебошад, балки ҳамчун падидаи адабӣ ва зеҳнии хосси тоҷикон зуҳур кард» [9, с.109].

Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ бошад, ин «падидаи адабӣ ва зеҳнии хосси тоҷикон»-ро худшиносии тоҷикон номида, онро «аз шартҳои асосии ҳаёти огоҳонаи таърихӣ ва муборизаи роҳи сарнавиштсозӣ» [13, с.5] унвон кардааст.

Дар адабиётшиносии тоҷик нахустин касе, ки оид ба шахсият ва фаъолияти маорифпарварии Садри Зиё муфассалтар маълумот додааст, С.Айнӣ мебошад. Зеро С. Айнӣ худ аз зумраи маорифпарварон ва равшанфикрони раддаи аввали Бухоро ба ҳисоб рафта, дар масири шинохти арзишҳои инсонӣ, (монанди Садри Зиё ва дигар маорифпарварон), дарки моҳияти оламу одам, баррасии масоили муҳимму мубрами иҷтимоӣ, сиёсӣ, мафкуравӣ, адабӣ ва маданӣ гомҳои устувор бардоштааст. С. Айнӣ бо такя ба иттилоот ва манобеи дастрас, лаҳзаҳои муҳимтарини зиндагӣ ва фаъолияти маорифпарварии Садри Зиёро дар асарҳои худ инъикос намуда, даҳҳо маротиба номи ин шахсиятро зикр кардааст.

Аз миёни мансабдорони рӯҳонии амир якчанд нафар ба ҷунбиши маорифпарварӣ ҳамроҳ гардида буданд, ки машҳуртаринашон қозӣ Шарифҷон-махдуми Садри Зиё мебошад. Аз ин лиҳоз, дар қисми «Қайдҳо ва эзоҳот»-и нашри ҷудогонаи «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам», ки бо қалами тартибдиҳандагони китоб Р. Ҳодизода ва К. Айнӣ мансуб аст, дар қатори дигар шахсиятҳо номи Шарифҷон-махдуми Садри Зиё низ шарҳ ёфтааст. Муаллифони қайду эзоҳот дар аҳди ду амири охири Бухоро – Абдулаҳад (1885-1910) ва Олимхон (1910-1920) вазифаҳои давлатӣ ва маъмурӣ иҷро кардани Садри Зиёро махсусан қайд намуда, дар айни ҳол «мухлис ва тарафдори бисёр маорифпарварон, шоир ва нависандагони пешқадами охири асри XIX ва аввали асри XX» [3, с.331] будани ӯ ва барои омӯхтани ҳаёти адабии он давр аҳаммияти бузург доштани хотираҳои вайро таъкид кардаанд.

Дар ин мақола, мо дар мавриди фаъолияти маорифпарварии Садри Зиё аз назари С. Айнӣ сухан ронда, паҳлуҳои гуногуни ҳаёт, фаъолияти маорифпарварӣ ва ақидаҳои пешқадами ин марди донишманд ва равшанфикри маъруфро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор медиҳем. Пеш аз он ки фаъолияти маорифпарварии Садри Зиё мавриди баррасӣ қарор гирад, мафҳуми маориф, маорифпарварон ва омилҳои пайдоиши ҷараёни маорифпарварӣ бояд шарҳ ёбад, ҳамчунин шахсияти Садри Зиёро бар пояи он муайян намудан ва хулосабарорӣ кардан яке аз авлавиятҳои кор ба ҳисоб меравад, зеро шаҳомати ахлоқӣ, фаросати адабӣ ва хулқу атвори инсонӣ аз ҷузъҳои муҳимми ногусастании хусусиятҳои маънавии маорифпарварӣ ба ҳисоб рафта, жарфандешию пухтакорӣ ва хислатҳои олии гуманистиро ба вуҷуд меоранд.

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» (ҷ. 2, 2008) маориф ба маънои ҷамъи маърифат омада, соҳаест, ки маҷмӯи корҳои оид ба таълиму тарбия ва муассисаҳои таълимию тарбиявиро дар бар мегирад. Зери мафҳуми маорифпарвар бошад, фаъолияти маърифатпарварӣ ва ё маърифатгустарӣ дар назар дошта мешавад.

Маорифпарварӣ ҷараёни адабию фарҳангӣ ва иҷтимоию сиёсиест, ки пайравони он дар ҷаҳлу нодонӣ мондани оммаро сабабгори асосии рӯзгори бади халқ ҳисоб мекарданд ва роҳи наҷотро танҳо дар баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия дида, бо роҳи тарғиби ғояҳои хайр, илму маърифат ҷорӣ кардани адолат ва бо ҳамин иллатҳои сохти муайяни ҷамъиятиро барҳам зада, сиёсати онро тағйир додан мехостанд [21, с.758]. Асоси ҷаҳонбинии ин таълимоти намояндагони маорифпарварӣ бар пояи ақидаҳои идеалист. Пайравони ҷараёни маорифпарварӣ шуурро омили ҳалкунандаи тараққиёти ҷамъият, бемаърифатии одамонро сабабгори иллатҳои иҷтимоӣ медонистанд.

Қафомонии иқтисодию маданӣ, қашшоқию бенавоии омма, ҷаҳолат, ҳукмронии зулм, маҳрумияти сиёсӣ, истибдоди феодалӣ, истисмори мустамликавӣ дар аморати Бухоро омилҳои асосии пайдоиши ҷараёни маорифпарварӣ гардиданд. Махсусан шиносоии қишри андешаманди ҷомеа, ба мисли Аҳмади Дониш бо маданияти рус заминаҳое буданд, ки маорифпарвариро ба майдон овард.

Барои ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ дар байни қувваҳои прогрессивӣ – унсурҳои демократӣ, маорифпарварон, аз як сӯ ва қувваҳои иртиҷоии куҳнапарвари феодалию ҷоҳилони динӣ, аз сӯйи дигар, муборизаи оштинопазир ҷараён дошт. Дар ин муборизаи давраи аввали намояндагони равшанфикри маорифпарварии тоҷик пешвои маорифпарварон – Аҳмади Дониш, инчунин Возеҳ, Шоҳин, Савдо, Садри Зиё, Ҳайрат, Асирӣ ва дигарон фаъолона ширкат доштанд.

Охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX дар Бухоро давраи муборизаҳои сахти ғоявию маслакӣ авҷ гирифта буд. Дар ин миён равшанфикрону донишмандони қаламрави Бухоро, ки худро дар рафъи бухрони амиқи фикрӣ масъул медонистанд, бар он кӯшиданд, ки бо фаъолияти густардаи фикрию фарҳангӣ ин мушкилоти саросариро ҳаллу фасл намоянд. Яке аз ин пешгомони ҷараёни ба истилоҳ маорифпарвар ва ҳувиятсоз Садри Зиё мебошад, ки бо фаъолияти илмию адабӣ ва амалиёти ҷамъиятии хеш дар пешрафти илму адаб хидмати шоёне кардааст.

Дар арсаи таърих шахсиятҳо ва чеҳраҳои таъсирноке арзи ҳастӣ намудаанд, ки бо донишу хирад ва заковати худ барои баланд бардоштани дониш, ҳувият ва рушди маданию маънавии ҷомеаи хеш худро дар маърази хатар гузошта, ҷонбозиҳо кардаанд.

Садри Зиё яке аз чунин шахсонест, ки роҳ ва равиши мардонагию равшангарӣ ва донишгустариро пеш гирифта, барои рушди ҷомеаи худ чи басо корҳоеро анҷом додааст. Устод Айнӣ дар асарҳои худ, дар ҳар мавриде ки аз Садри Зиё ном мебарад, ӯро боиси ифтихори хеш ва миллати тоҷик меҳисобад. Зеро таъсири афкору ақидаҳои пешқадами Садри Зиё ба сифати яке аз уламои тозафикру навназар ва тараққихоҳ нисбат ба С.Айнӣ ва дар ташаккули ҷаҳонбинии ӯ ниҳоят бузург аст. Аз ин ҷост, ки устод Айнӣ Садри Зиёро «аввалин тарбиятгари маънавии худ» [8, с.296] медонад.

Он солҳо, ки Аҳмади Дониш ҳанӯз дар қайди ҳаёт буд, марказе пайдо шуд, ки як идда пайравони ӯро ба ҳам пайваст. Ин марказ маҳфили адабии Садри Зиё буд. С. Айнӣ ошноии худро бо чеҳраҳои маорифпарвари рӯзгор ба маҳфили адабии хонаи Шарифҷон-махдум марбут донистааст. Устод Айнӣ аз соли таҳсили 1891-1892 (то охирҳои моҳи сентябр) ба хонаи Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, ки таҳти таъсири Аҳмади Дониш чанд асари насрӣ таълиф карда, дар якҷоягӣ онро «Наводири Зиёия» номидааст, меояд ва аз ин ҷо бо аъзои маҳфили адабӣ ошно мегардад. Садри Зиё равшанфикрони озодандеш ва ҷасоратмандони Бухороро дар маҳфили худ гирд оварда, бо баррасии муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангиву адабӣ, бо музокираву мубоҳисаҳо ҷасоратмандонро ба ҷаҳду ҷадал рӯҳбаландӣ мебахшид. Вай на танҳо нигоштаҳои парокандаи Аҳмад-махдумро ҷамъоварӣ кард, балки бо таблиғи омӯзаҳои ӯ фикри як идда ҷавононро ба ҷунбиш овард ва барои ин ки ба гуфти С.Айнӣ «як инқилоби фикрӣ» [2, с.55] ба вуҷуд биёяд, мусоидат намуд.

Садри Зиё воқеан маорифпарвар, равшанфикр ва тараққихоҳ буд. Сарчашмаҳои зиёде мавҷуданд, ки фаъолияти равшангарии ӯро дар худ таҷассум намуда, аз ӯ ҳамчун як симои барҷастаи сиёсию адабӣ ба некӣ ёдоварӣ кардаанд: «Шарифҷон-маҳдум бешубҳа, аз ҷумлаи маорифпарварон ва тараққихоҳони замони худ буд» [4, с.44]; «Зиё аз ҷумлаи уламои тараққипарвар ба шумор меравад» [1, с.240]; «Бо Шарифҷон-махдум, ки фозили машҳури замони мо буда, ҳавлии ӯ мактаби адабиёти ҳамин давра аст, алоқа бастан ва шинос шудан бад нест» [8, с.410]; «...маълум шуд, ки қозии мазкур яке аз раисони

тараққипарварон будааст» [12, с.45-46]; «Муҳаммад Шарифҷон-махдуми Садри Зиё яке аз намояндагони интеллигентсияи пешқадами замони худ буд» [3, с.331].

Аввалин иқдоми Садри Зиё ба сӯйи маорифпарварӣ ин созмондиҳии маҳфили адабӣ дар хонаи худ дониста мешавад. Солҳое, ки Шарифҷон-махдуми Садри Зиё дар мадраса таҳсили илм мекард, ӯ ҳавлии хешро ба маҳфилгоҳи адабӣ табдил дода, аз шарикдарсонаш гурӯҳеро дар атрофи худ ҷамъ карда буд. Яъне, Садри Зиё аз замони донишҷӯйӣ тарҳи дарозмуддати маҳфили адабии тафаккурсоз ва равшангарои хешро кашида, бо вуҷуди он ки ӯ дар ин вақт бояд аз пайи тақвияти илму дониш мешуд, ё орзуи дар ҷое қозӣ шуданро мекард, баръакс дар пайи эҷоди маҳфил ва шаклдиҳии он бо рӯҳияи равшанфикрона ва ғояҳои башардӯстонаи Аҳмади Дониш пардохт. Аз ин ҷо метавон пай бурд, ки ин «толибилми барушд» аз давраи донишҷӯйии хеш заминагузори аҳдофи бузурге буд, дарозмуддат. Фарзанди Садри Зиё – Муҳаммадҷони Шакурии Бухорӣ дар ин бора барҳақ гуфтааст: «Аз чанд ҷиҳат метавон гуфт, маҳфили адабии Садри Зиё ба мактаби адабии маорифпарварӣ табдил ёфта буд, ки шаклгирии завқу салиқаи зебошинохтии (эстетикии) ҷавононро ба самте, ки созгор ба марому маслаки нави замон, ба хостаҳои ҷараёни маорифпарварӣ бошад, равон месохт, барои қувват додани равандҳои адабии тоза ва умедбахш мусоидат мекард» [15, с.15-16].

Аз сабаби он ки Садри Зиё ба ҳайси як равшанфикр ва оянданигар дар хонаи худ маҳфили адабӣ созмон дод, муҳаққиқ Нозим Нурзода чунин созмондиҳии равшанфикриро вокуниши саривақтӣ ба воқеияти давр ва бархӯрд ба он медонад: «Аз ин ҷост, ки равшанфикр бо фарогирии доираи донишҳои амиқ ва диду биниши воқеӣ бо масоил ва мушкилоти башарӣ бархӯрд мекунад ва сари вақт вокуниш нишон медиҳад. Аз ҷониби дигар, равшанфикр воқеиятҳои давру замонро бо дарки амиқи масъулият бозгӯ месозад ва ҷиҳати ислоҳи камбуду навоқиси иҷтимоӣ, фикрӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ, динӣ ва фарҳангӣ, ки пеши роҳи рушду тараққиро банд мекунанд, ҷиддӣ иқдом менамояд. Ба сухани дигар, равшанфикрон дар ҳар давру замоне дар раддаи пеши мубориза қарор дошта, бо ҷавҳари мушкилот дасту панҷа нарм мекарданд» [18, с.49].

Воқеан, давру замон равшанфикрон ва озодихоҳони миллии худро ба вуҷуд овардааст ва он равшанфикрону озодихоҳони миллӣ барои бурунрафт аз мушкилот ва пешрафти кишвари худ, гоҳе бо қувваи бозу, мисли Муқаннаъ, Темурмалик, Восеъ, гоҳе бо қувваи қалам ва илму маърифат, монанди Аҳмади Дониш, Садри Зиё ва дигарон талошҳо намудаанд.

Таҳкурсии маънавии ҷустуҷӯҳои фикрии аҳли маҳфили адабии Садри Зиёро омӯзаҳои Аҳмади Дониш устувор карда буд. Аҳмади Дониш, ки сардафтар ва пешвои равшангарони тоҷик буд, дар маҳфили Шарифҷон-махдуми Садри Зиё ҳамеша ғоибона ҳузур дошт ва инро С.Айнӣ баръало мушоҳида карда гуфтааст: «Як каси ғоибе, ки зикри ӯ дар маҷлисҳо диққати маро ба худ бисёр мекашид, ҳамин Аҳмади Дониш буд. Ҳар кадоми аҳли он маҷлисҳо ин зоти бузургро дар ғайбаш ҳам «шумо-шумо» гуфта, ном мебурданд ва дар ҳаққи ӯ бо эҳтиром гап мезаданд... қисми дигараш ӯро дар некӣ ба дараҷаи фариштa мебаровард» [8, с.283].

Маҳфили адабии Садри Зиё аз масъалаҳои иҷтимоии замон дур набуда, балки дар он доғтарини масъалаҳо ба баррасӣ гирифта мешуд. Чунонки С. Айнӣ мегӯяд: «Дар маҷлисҳое, ки дар хонаи Шарифҷон-махдум барпо мешуд, чунонки аз бадкирдориҳои роҳбарони ҳукумат ва калонони ҳамон замон шикоят мерафт...», [8, с.281] инчунин онҳо «ҳамеша як навъ ҳаракатҳои оппозитсионӣ нишон медоданд» [2, с.34].

Чунин шикоятҳо кардан аз бадкориҳои ҳукумат ва сохторҳои фасодпешаи зертобеи ӯ, ба назари С. Айнӣ, як навъ «ҳаракатҳои оппозитсионӣ» нишон додан аст. Аз сабаби он ки «С. Айнӣ ва ҳамкорони ӯ дастпарвари мактаби равшангарии Аҳмади Дониш мебошанд ва нуфузи омӯзаҳои ӯ нахуст ба воситаи маҳфили адабии Шарифҷон-махдуми Садри Зиё ва баъд бевосита аз осори Аҳмади Дониш гузашта, онҳоро бо роҳи маорифпарварӣ ва ислоҳталабӣ равон кардааст», [16, с.13-14], мавқеъгириҳои аҳли маҳфили Садри Зиёро бисёр дуруст таҳлил намудааст, то ин ки ба характери кори онон баҳо диҳад. Дар ояндаи наздик дида мешавад, ки ин ҳаракатҳои дар ҳоли ташаккулёбии хомӯшонаи оппозитсионӣ, ба «ҳаракати худшиносии миллӣ», «ҳаракати тараққиталабӣ», «ҳаракати муқовимат» ё худ «ҳаракати ислоҳотхоҳӣ» мубаддал мегарданд.

Дар зимн бояд қайд кард, ки «шикоятҳои дарборӣ» ва «ҳаракатҳои оппозитсионӣ»-и хонаи Садри Зиё барои ин ки С. Айнии ҷавон моҳияти воқеаҳои атрофро амиқан ва бо диди башардӯстӣ бубинаду бифаҳмад, барои ташаккули назариёти иҷтимоиву сиёсии ӯ бағоят аҳаммият дошт. Аз ин рӯ, Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ дар ин бобат дуруст қайд кардааст: «Садри Зиё дар маҳфили адабии худ, бо ин, ки маҳфили ӯ «мактаби адабиёти давра» шуд, барои ташаккули адабиёти маорифпарварии тоҷикон дар оғози садаи бист хидмат кардааст... Маҳфили адабии Садри Зиё нуфузи андешаи маорифпарвариро дар ҷомеа густариш дод, бо парвариши озодандешони ҷавони фаъол ва барои домангустарии маорифпарварӣ дар ду даҳаи аввали садаи бист ба сифати яке аз омилҳои пурзӯр имкон фароҳам овард» [15, с.16].

Дар баробари ин, бо шунидани хубиҳои баъзе аз шахсони муайяни маҳфили адабии Садри Зиё, дар дили С. Айнӣ нисбат ба онҳо меҳр пайдо мешавад: «инчунин хубиҳои баъзе касони намоён ҳам зикр меёфт, ки ман ғоибона ба он гуна одамҳо муҳаббат пайдо карда будам» [8, с.281].

Дар идома С. Айнӣ мегӯяд, ки одамони аҳли он маҷлисро дурусткирдор мешумурд ва аз суҳбатҳои онон биёр хушаш меомад: «ман аз рӯйи дарёфти худ аҳли маҷлисҳои Шарифҷон-махдумро одамони дурусткирдор медонистам» [8, с.283]. Натиҷагириҳои С.Айнӣ аз маҳфилҳои адабии Садри Зиё ба тариқи зайл аст: «Ана ҳаминҳо буданд гули сари сабади маҷлисҳои Шарифҷон-махдум, ки ман аз суҳбати онҳо бӯйи хушеро мешамидам» [8, с.281].

Ба гуфтаи Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ, суҳбатҳои хонаи Садри Зиё ба ҷанбаи иҷтимоии рӯйдодҳо маҳдуд нагардида, он заминаи густурдаи маънавӣ дошт: «Гуфтугузори аҳли суҳбатҳои маҳфили Садри Зиё танҳо бо ҷанбаи иҷтимоии рӯйдодҳои рӯз маҳдуд намегардид, балки заминаи густурдаи маънавӣ дошт. Аксари озодфикрони ин маҳфил аҳли фарҳанги маънавӣ буданд ва одитарин масъалаҳои ҳастии маънавии инсонро ба доираи андеша ва мизони хеш мекашиданд» [14, с.12].

Бо назар ба он ки ҳавлии Садри Зиё ба гуфтаи устод Айнӣ «ҳар ҳафта се шаби таътил – сешанбе, чоршанбе ва панҷшанбе одатан ранги анҷумани шоирон, шеършиносон, латифагӯён ва ширинкоронро мегирифт» [8, с.271] ва онҳо бо шеърхонию азназаргузаронии шеър, танқиди ашъори якдигар ва дар бораи навиштаҳои тозаи нависандагони замон изҳори ақида мекарданд, С. Айнӣ онҳоро «доираи зиндадилон» [2, с.33] ном мебарад.

Аз суханони С. Айнӣ маълум мегардад, ки аҳли маҷлисҳои Садри Зиё шахсони фозилу донишманд ва дар айни замон адибони пешқадам буданд, ки дар асарҳои худ нуқсону қабоҳатҳои замонро ҳаҷву танқид мекарданд. Ҳатто Садри Зиё дар бораи он гуна одамон асари ҷудогонаи ҳаҷвии «Тазкират-ул-ҳумақо»-и худро таълиф намудааст. Ин аст қадами аввалини Садри Зиё дар роҳи маорифпарварӣ, ки заминаи ғояҳои он башардӯстӣ ва инсонпарварӣ буд, ки дар хонаи худи ӯ ташаккул меёфт.

Устод Айнӣ аввалин нафарест, ки на танҳо ба шахсият, балки ба фаъолияти маорифпарварии Садри Зиё баҳои баланд дода, ӯро «тараққихоҳ», яъне нафаре, ки бо дидгоҳи амиқи илмию фалсафӣ, рушди иҷтимоиву сиёсӣ, маданию ахлоқӣ ва зерсохториро бо як биниши хосси «модерн» дар он фазои ҷаҳолатгустар медид, баён намудааст: «Шарифҷон-махдум бешубҳа, аз ҷумлаи маорифпарварон ва тараққихоҳони замони худ буд» [4, с.44]. Суоли матраҳ ин аст, ки чунин баҳодиҳӣ аз куҷо сарчашма мегирад ва бо кадом натиҷагирӣ анҷом меёбад. Барои посух ба ин, фаъолияти маорифпарварии Садри Зиёро бояд аз назар гузаронид ва дидгоҳи воқеъбинонаи С. Айниро дарёфт.

Дар боло то ҳадде оид ба фаъолияти маорифпарварии Садри Зиё посухи зарурӣ ба ин суоли матраҳшаванда дода шуд, дар идома бошад, мо онро тақвият мебахшем.

Барои тақвияти калом, суханони Муҳаммадсиддиқи Ҳайратро оид ба маҳфили адабии Садри Зиё ва шахсияти ӯ аз иқтибоси С.Айнӣ овардан бисёр баҷост: «Бо Шарифҷон-махдум, ки фозили машҳури замони мо буда, ҳавлии ӯ мактаби адабиёти ҳамин давра аст, алоқа бастан ва шинос шудан бад нест» [8, с.410].

Агар ба умқи ин сухани Ҳайрат назар андозем, пас мефаҳмем, ки ӯ ба шахсият ва фаъолияти маорифпарварии Садри Зиё на танҳо холисона баҳои сазовор додааст, балки воқеъбинона ва объективӣ ба ҳайси як сокини Бухоро хулосаи шахсии худро нисбат ба ӯ баён кардааст.

Ғайр аз ин, С. Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» низ такроран ва таъкидан Садри Зиёро маорифпарвар ва аз ҷумлаи уламои тараққихоҳ номидааст: «Зиё аз ҷумлаи уламои тараққипарвар ба шумор меравад» [8, с.240].

С. Айнӣ дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» оид ба Садри Зиё фикрҳои ҷолиби диққат овардааст. Муаллиф дар ин асар, оид ба Садри Зиё, маълумоти басо муҳим оварда, соданависии ӯро махсусан қайд кардааст, ки ин дар «Ёддоштҳо» ва дигар асарҳо дида намешавад: «Шарифҷон-махдум аз иншонависони машҳури замони худ буда, аз мухлисони Аҳмади Дониш ва Сомӣ буда, иншо, мактуб ва хотироти худро (нисбат ба он ду шахс – З. А.) боз ҳам содатар ва оммафаҳмтар карда менавишт» [2, с.59].

С. Айнӣ дар «Ёддоштҳо» гуфтааст, ки «Шарифҷон-махдум ошиқи асарҳои Аҳмад-махдум буд» [4, с.444]. Аз ин хотир, Садри Зиё «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Донишро нусхабардорӣ намудааст.

Замоне ки С. Айнӣ ва Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат (1878-1902) аз Садри Зиё супориш гирифтанд, ки нусхаи дастнависи Мунзимро бо «Наводиру-л-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш муқобала ва тасҳеҳ кунанд, С.Айнӣ таъкид мекунад, ки пас аз хондани «Наводир-ул-вақоеъ» «ба ман ва баъзе шариконам инқилоби фикрӣ рӯй дод», [2, с.55] «назари мо ба амиру вазир, ба муллоҳо ва ба зиндагонии онрӯза қариб тамоман дигар шуд» [2, с.56].

Он «инқилоби фикрӣ», ки ба С.Айнӣ рӯй дод, танҳо дигаргуние дар ақидаҳои иҷтимоиву сиёсӣ набуда, дар андак муддат асоси маънавии шахсияти ӯро фаро гирифт.

Бояд гуфт, ки Садри Зиё аз нусханависии «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш бо хатти Абдулвоҳиди Мунзим чанд ҳадафро дар пай дошт. Аввалан, ӯ мехост, ки бо нусханависӣ хатари нобудшавии ин китоб пешгирӣ шавад ва он интишор гардад, зеро дар он замон хондан ва интишори «Наводир-ул-вақоеъ» ҷурм ба ҳисоб мерафт. Сониян, аз сабаби он ки «Наводир-ул-вақоеъ» асоси ғоявии таълимоти маорифпарварӣ ва маҳфили адабии Садри Зиёро ташкил мекард, ин китобро дар маърази маҳфил гузоштан ва сари он мубоҳисаҳо оростан аҳаммияти зиёд дошт. Солисан, бо вуҷуди он ки Садри Зиё худ хаттот ва хушнавис буд, ӯ мехост бо зебонависии Абдулвоҳиди Мунзим ва тасҳеҳу муқобалаи С.Айнӣ ҳамроҳ бо Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат шогирдони худро аз марому мақсади ин китоби «прогрессивӣ» огоҳ гардонад ва дидгоҳу зеҳни онҳоро такони ҷиддӣ бахшад, то атрофу ҳаводиси рӯзро бо диди нав бубинанд.

Аз фаъолияти баъдии устод Айнӣ маълум мешавад, ки дарунмояи маънавии ақидаҳои пешқадами Аҳмади Дониш ва маҳфили адабии Садри Зиё дар афкори С. Айнӣ таъсири амиқ гузоштаанд.

Зимнан бояд гуфт, ки то он вақт С.Айнӣ чун аҳволи замонро мушоҳида мекард, худро бо ин байти Бедил тасаллӣ медод:

Зиндагӣ дар гардан афтодаст, Бедил, чора чист?

Шод – бояд зистан, ношод – бояд зистан [4, с.445].

Ҳангоме ки С. Айнӣ «Наводир-ул-вақоеъ»-ро хонд, дар бораи «аҳволи фалокатиштимоли»-и охири қарни Х1Х ба чунин натиҷа омад, ки: «Ин аҳволро ислоҳ кардан лозим аст, модоме ки ман ислоҳ карда наметавонам, аз вай нафрат кардан зарур аст» [4, с.446].

Соли 1903 мулло Абдулқодири Шакурӣ (1875-1943) дар Самарқанд мактаби усули нав кушод ва муваффақ шуд, ки талаба дар шаш моҳ хатту савод барорад ва сипас аз ҳисоб, ҷуғрофия, таърих ва ғайра маълумоти ибтидоӣ пайдо кунад. Бинобар ин, ҷавонбухориён аз ин илҳом гирифта, шоирони намоёни замон Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, ки низ аз дастпарвардаҳои Садри Зиё буд, Садриддини Айнӣ, Аҳмадҷони Ҳамдӣ (1884-1946) ва Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ (ки 9-и марти соли 1918 аз дасти ҷаллодони амир кушта шуд) соли 1908 дар Бухоро мактаби нав кушоданд. Садри Зиё ва ду се нафари дигар барои харҷи ин мактаб ва таблиғоти равшангарон ҳар моҳ маблағи муайян медоданд ва таъминоти моддии ҷамъияти «Тарбияи атфол»-ро ба дӯш гирифта буданд. Устод Айнӣ ба ин ишора намуда мегӯяд: «Ионаҳое, ки баъзан ҷавонон ва ҷавонфикрон мекарданд, аз тарафи аъзои ҷамъият ба хазинаи ҷамъият супурда мешуд. Аъзои ҷамъият сирри онро накушода, аз чанд нафар маорифпарварон ҳар моҳ маблағе ба тариқи иона мегирифтанд. Мирзо Муҳиддин Мансуров, қозӣ Шарифҷони Садр, қозӣ Саидҷон ва боз чанд нафаре, ки номашон дар хотирам намондааст, ҳар моҳ маблағи муайяне медоданд» [5, с.133].

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки шогирдони Садри Зиё қадамҳои аввалини худро дар роҳи маърифатгустарӣ аз таъсиси мактаби усули нав оғоз бахшида, ин орзуи деринаи худ ва устоди хешро ҷомаи амал пӯшониданд. Вале набояд фаромӯш кард, ки ин ташаббус бевосита аз ҷониби Садри Зиё дастгирӣ меёфт ва ӯ дар раъси чунин иқдомот қарор дошт. Зеро замоне ки бо эҷоди фитна ин мактаби навтаъсиси тараққипарвари миллӣ баста шуд, амир Абдулаҳад на ба каси дигар, балки ба Садри Зиё нома фиристода, масъалаи мактабро пурсид ва худро моил ба тарафдории чунин макотиб нишон дод. Ин ҳолатро С. Айнӣ дар «Таърихи инқилоби Бухоро» бисёр возеҳ баён медорад: «Абдулаҳад мустабидди мунофиқ ва риёкоре буд. Дар сурате ки барои бастани мактаб то Тошканд муроҷиат мекард, дар назари ҷавонон худро ба мактаб бетараф ва ҳатто моил ба қалам доданӣ мешуд. Барои ҳамин пас аз бастани мактаб ба қозӣ Муҳаммадшариф, ки бо ҷавонон робита дошт, дастхате фиристода, масъалаи мактабро пурсид ва ба тарафдории худ аз мактаб ишорате кард» [5, с.84].

Чуноне ки баръало мушоҳида гардид, амир Абдулаҳад бо он риёкорӣ, худ тарафдори мактаби усули нав набуда, мехост бо ҳар роҳ монеи басташавии мактаби равшанфикрӣ гардад ва баъдан бо дасти рӯҳониёни мутаассиб онро баст.

Шарифҷон-махдуми Садри Зиё дар ҷунбиши ҷадидон бевосита ширкат надошт, лекин ҷадидон ҳамеша аз дастгирии ӯ бархӯрдор будаанд ва ӯ иртиботи худро бо онон қатъ намекард. Ҳамон тавре ки С.Айнӣ гуфтааст: «қозӣ Муҳаммадшариф бо ҷавонон робита дошт» [5, с.84].

Вале Ибни Қурбон дар китоби худ «Фавоҳиш ва раҳоиш» гуфтааст, ки пас аз ташкил гардидани Иттиҳоди Шӯравӣ Садри Зиё ҳеҷ гоҳ худро тарафдори маорифпарварӣ нишон намедод ва инро як бечуръатӣ меҳисобад: «Садри Зиё баъдан дар замони Шӯравӣ, ҳангоме ки ҷадидон ба азаматталабии туркгароӣ сахт гунаҳгор карда шуданд, пайваста исрор мекард, ки бар ӯ туҳмат бастанд, ки ҷадид буд» [10, с.29-30]. Албатта, Садри Зиё ҳам дар замони Бухорои амирӣ ва ҳам дар замони Шӯравӣ ошкоро худро саркарда ва тарафдори маорифпарварӣ нишон намедод ва ба забон ҳам намеовард. Чаро? Ба тавзеҳи худи Ибни Қурбон «пеш аз ҳама, барои моён саводи сиёсӣ лозим аст, зеро бе омӯзиши он худшиносии миллӣ даст намедиҳад» [10, с.48]. Ин «саводи сиёсӣ»-и гуфтаи Ибни Қурбонро ба инобат гирифта, мавқеъгирии Садри Зиёро метавон аз се ҷиҳат шарҳ дод. Аввалан, бо сабаби он ки Садри Зиё саводи фавқулодаи сиёсӣ дошт ва сароҳатан медонист, ки агар шахсияти ӯ ошкор мегашт, ҳам дар замони амирӣ ва ҳам Шӯравӣ на танҳо ҷони ӯ дар хатар буд, балки кулли нақша ва тарҳҳои сиёсии маорифпарварӣ фош мегардид, беш аз ин, ҷони аъзоёни он низ таҳти хатари ҷиддӣ қарор мегирифт. Дуюм, агар ӯ худро ошкор мекард, хавфи он буд, ки асарҳои такроран бо хуни ҷигар навиштаи ӯ мисли гузашта нобуд гардад. Сеюм, ӯ сиёсати боздоранда (политика сдерживания)-ро пеш гирифта буд, то ин ки «ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад» [10, с.22-23]. Аз ин хотир, баъдан С.Айнӣ аз Садри Зиё ибрат гирифта, дар замони Шӯравӣ бо роҳи миёнаи муътадили замон амал кард, то ин ки барои ояндаи миллати хеш дар шароити нав ва фазои созгор хидматҳои беназир анҷом бидиҳад.

Садри Зиё дар нахустин соли таъсиси мактаби тараққихоҳон фарзанди худ Зарифро ба ин мактаб дод ва бо ин амал эътибори мактаби усули навро баланд бардошт: «Ба ҳамин тариқ, дар 10 моҳи шавволи соли 1326 ҳ. (октябри соли 1908) дар дохили шаҳри Бухоро, дар гузари Саллоҳхона, дар ҳавлии Мирзо Абдулвоҳид, махсус барои бухориён ба забони форсӣ аввалин мактаби усули навро кушодем.

Шогирдоне, ки дар ин мактаб дар навбати аввал қайд шуданд, инҳо буданд: Абдурраҳмонбек писари Абдуллобек, Абдуғанӣ хизматгори вай, Афзал ва Акрам – писарони Аҳмадҷонмахдум, Абдурраҳим писари Ҳоҷӣ Абдусаттор, Зарифҷон – писари қозӣ Шарифҷон, Муҳаммадамин писари Саидҷонмахдум, Абдуқайюм писари Абдушшукур. То иди Қурбон, дар муддати ду моҳ шумораи шогирдон ба 12 расид» [5, с.33].

Дар осори Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, ки «чеҳраи шукӯҳманди як равшанфикри барҷаста ва маорифпарвари фаъол» [15, с.3] дар адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX ба шумор меравад, «идеалҳои олии маорифпарварии тоҷикӣ аз баъзе ҷиҳатҳо хеле мукаммал ифода ёфтааст» [15, с.3]. Дар эҷодиёти ӯ нукоти муҳимми маорифпарварии

тоҷикӣ баррасӣ шуда, онҳо барои равшан шудани масъалаҳои асосии таърихи маънавии миллат судманд мебошанд.

Садри Зиё ба сифати тарафдори ислоҳот ва идомадиҳандаи афкори маорифпарварии Аҳмади Дониш дар роҳи татбиқсозии ормонҳои мактабу маориф ба таҷрибаи таърихии кишварҳои ҷаҳон бо чашми ибрат нигариста кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар баробари масъалаҳои ислоҳи мактабу мадраса ва муборизаи зидди ноинсофиву беадолатиҳо паҳлуҳои гуногуни масъалаи пешрафти кишварро бо овардани мисолҳо аз тараққиёти кишварҳои Ғарб дар «Рӯзнома»-и худ хеле васеъ нишон диҳад. Мақсади асосии пешрафти кишвар аз шарофати фарҳангу маънавият ба ҳисоб мерафт. Ба таъкиди Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ Садри Зиё: «эътимод дошт, ки равшангарӣ ва ислоҳоти куллии фарҳангӣ кишварро ба эҳёи маънавӣ хоҳад овард... ва маорифпарварони тоҷик барои эҳёи маънавии миллат мубориза мекарданд» [14, с.26].

С. Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» дар бораи тазкираи шеърии Садри Зиё ишора менамояд: «дар назм асари намоёнаш «Тазкират-уш-шуаро»-и манзума аст, ки дар он шуарои муосирро ба тариқи интихоб дарҷ намуда» [1, с.240].

«Тазкори ашъор» гӯё ҳамон маҳфили адабии Садри Зиёро идома дод ва бархе маорифпарваронро як ҷо гирд оварда, ба аҳли ҷомеа муаррифӣ намуд ва бар хилофи бадгӯиҳои доираҳои расмӣ ҳастии воқеии равшангаронро ба ҷомеа шиносонид. «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё ҳимоятномаи маорифпарварӣ, адабиёти ҷадида ва шеъри нав буд» [15, с.54].

Садри Зиё китобҳои худро бо рӯҳи ҳаракати маънавии ҷадид тадвин намуд ва навишт, зеро дар замони нав, яъне оғози қарни бист дар ин ришта тақозои таҷдиди назар дошт. Доштани ҳофизаи қавӣ дар тадвин, таҳия ва таълифи дубораи осори хеш «алайҳи таассубҳои фарҳангии он замон кӯшиши беназир, амали махуф ва ҷасорати воқеӣ ба шумор мерафт» [6, с.10].

Садри Зиё дар миёни мардуми Бухоро бо инсонияти баланд, шафқату меҳрубонӣ, инсофу масъулиятшиносӣ, саховату адолат обрӯ ва нуфузи баланд касб карда буд. Аммо ин хислатҳо ба амир ва доираҳои муфтхӯри ӯ мақбул набуд ва ӯ Садри Зиёро азл карда, ба Қаршӣ бадарға намуд: «Чун амир аз фармони нашркардааш нузул намуд, Зиёро низ маъзул карда, зоҳиран дар Қаршӣ қозӣ, ҳақиқатан аз Бухоро табъид намуд» [1, с.401-402].

Тақдири минбаъдаи Садри Зиё аз «Таърихи инқилоби Бухоро» ба мо маълум мегардад: «Бо сар шудани ҷанг қозикалон Бурҳониддин аз қушбегӣ Усмонбек ба ҳокими Қаршӣ хат фиристод, қозӣ Мирзо Шарифро ҳабс кунонида, ҷиянаш Абдувакилро куштанд» [5, с.218].

Оқибат, тақдир чунин шуд, ки «қозӣ Шарифҷон барин шахсе, ки дар Бухоро қозикалон шуда буд, дар ҳабсхона мехобиданд» [5, с.232] ва орзуву умеди ин равшанфикр ва ғамхори миллат барбод рафт.

Ҳамин тариқ, аз ин ҳама маълумоти пурқимате, ки С.Айнӣ оид ба Садри Зиё овардааст, симои барҷастаи ходими сиёсиву иҷтимоии як равшанфикри миллат, ки худ маорифпарвари фаъол ва ҷонибдори афкору ақидаҳои пешқадами маорифпарварӣ мебошад ва дар фаъолияти ӯ олитарин ормонҳои маорифпарварӣ инъикос ёфтаанд, намоён гардид.

Дар асарҳои С.Айнӣ таҷассуми бештар пайдо кардани шахсият ва фаъолияти маорифпарварии Садри Зиё, ин худ далел бар он аст, ки Садри Зиё аз ҷойгоҳи хосса ва эҳтироми баланд назди устод Айнӣ дар ҳама давру замон бархӯрдор буд. Нуфузи афкор ва андешаи Садри Зиё то ҳадде таъсиррасон буд, ки ягона шахсияте, ки беш аз сад маротиба номи ӯро дар осори худ зикр намудааст, С.Айнӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, С.Айнӣ дар рисолаҳои илмӣ ва асарҳои таърихии худ тамоми паҳлуҳои ҳаёт, шахсият ва алалхусус фаъолияти маорифпарварии Садри Зиёро зикр намуда, бо баҳои сазовор додан ба эҷодиёти ӯ ҳамчунин хизматҳои ӯро дар инкишофи муҳити адабӣ, бо далелҳои раднопазир зикр намудааст. С.Айнӣ ғояҳои пешқадами Садри Зиёро дар ҷодаи кишвардорӣ, бунёдкорӣ, маърифатпарварӣ, илмдӯстиву фарҳангдорӣ ва хештаншиносӣ мояи ибрат ба дигарон дониста, чун баҳри пургавҳар арзишмандии онро таъкид намудааст.

Осори С.Айнӣ сарчашмаи муҳим барои бозёфти ақидаҳои пешқадами маорифпарварӣ буда, зикр гардидани Садри Зиё, ҳамчун яке аз пешвоҳои

маорифпарварон, барои пажӯҳишгарон даст медиҳад, ки зиндагиномаи ин шахсиятро ба таври илмӣ-муқоисавӣ таҳқиқ намуда, ҳақиқат ва адолати таърихиро дар ҳама давру замон дар нисбат ва ҳаққи ӯ воқеъбинона инъикос намоянд.

Муқарриз: ***Кӯчарзода А.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик / С. Айнӣ. – М.: Чопхонаи Нашриёти Марказии халқи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сусиёлистӣ, 1926. – 626 с.
2. Айнӣ, С. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1958. – 128 с.
3. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ.1. / С. Айнӣ; ба чоп тайёркунандагон: К. Айнӣ ва Р. Ҳодизода. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1958. – 327 с.+19 с.
4. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ.7. / С. Айнӣ; ба чоп тайёркунандагон: К.Айнӣ ва Р.Ҳодизода. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1962. – 644 с.
5. Айнӣ, С. Таърихи инқилоби Бухоро / С. Айнӣ; баргардонанда аз ӯзбекӣ ба тоҷикӣ ва мураттиб: Р. Ҳошим. – Душанбе: Адиб, 1987. – 240 с.
6. Айнӣ, С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро / С. Айнӣ // Куллиёт. Ҷ.14; бо кӯшиш ва муқаддимаи Камолиддин Садриддинзода Айнӣ; таҳиякунандаи матн, мураттиби вожанома ва муҳаррири масъул: Муҳаммадҷон Умаров. – Душанбе: Матбуот, 2005. – 272 с.
7. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ.15. / С. Айнӣ; ба кӯшиш ва муқаддимаи К.Айнӣ. – Душанбе: Матбуот, 2007. – 220 с.
8. Айнӣ, С. Ёддоштҳо (Чаҳор қисм). Иборат аз як китоб / С. Айнӣ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи миллии тоҷик, 2009. – 680 с.
9. Амирқулов, С. Нигоҳе ба инкишофи таърихии адабиёти тоҷик дар Мовароуннаҳр (қарни XIX). (Мунтахаби мақолаҳо). – Душанбе: Ирфон, 2010. – 155 с.
10. Ибни Қурбон. Фавоҳиш ва раҳоиш. – Душанбе: ЭР-граф, 2003. – 195 с.
11. Маҳмадаминов, А. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ / А. Маҳмадаминов; тазкираи С.Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик». – Душанбе: Сино, 2008. – 211 с.
12. Муҳаммадалӣ бинни Муҳаммадсайиди Балҷувонӣ. Таърихи нофеъ; ба эҳтимом, тасҳеҳ, ҳавошӣ ва пешгуфтори Аҳрор Мухторов. – Душанбе: Ирфон, 1994. – 173 с.
13. Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Истиқлол ва худшиносии иҷтимоиву маънавӣ / Бухороӣ, Муҳаммадҷони Шакурӣ. – Душанбе: Интишороти бунёди Оли Сомон. Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, 1999. – 160 с.
14. Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Садриддин Айнӣ – равшангари бузурги таърихи тоҷикон / Бухороӣ, Муҳаммадҷони Шакурӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2001. – 104 с.
15. Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Садри Бухоро. Чопи дувум / Бухороӣ, Муҳаммадҷони Шакурӣ; бо тасҳеҳ, такмил ва иловаҳо. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 186 с.
16. Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Равшангари бузург / Бухороӣ, Муҳаммадҷони Шакурӣ. – Душанбе: Адиб, 2006. – 340 с.
17. Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист / Бухороӣ, Муҳаммадҷони Шакурӣ. – Душанбе: Чопхонаи «Пайванд», 2006. – 456 с.
18. Нурзода Н. Симои равшанфикрони миллӣ дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ / Н.Нурзода // Илм ва ҷомеа. – 2018. – №3 (11). – С.48-63.
19. Сиддиқ, С. Садри Зиё ва тазкираҳои ӯ / С.Сиддиқ. – Душанбе: Ройзании фарҳангии сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, 2010. – 200 с.
20. Табаров С. Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ (1875 – 1899) / С. Табаров. – Душанбе: Матбуот, 2008. – 479 с.
21. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ. – Душанбе, 2008. – 950 с.
22. Хади-заде, Р. Источники к изучению таджикской литературы второй половины XIX века / Р.Хади-заде. – Сталинабад: Издательство Академии наук Таджикс-кой ССР, 1956. – 140 с.
23. Ходжаев, Ф. К истории революции в Бухаре / Ф.Ходжаев. – Ташкент: Узб. гос. изд-во, 1926. – 77+55 с.
24. Ҳодизода, Р. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX / Р.Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 294 с.
25. Ҳотамов, Н. Инъикоси Револютсияи Халқии Советии Бухоро дар асарҳои Садриддин Айнӣ / Н.Ҳотамов. – Душанбе: Дониш, 1980. – 200 с.
26. «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё; ба тасҳеҳи Саҳобиддини Сиддиқӣ; ба кӯшиши Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. – Теҳрон: Суруш, 1380. – 428 с.
27. Шукуров, М. Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ / М.Шукуров. – Душанбе: Дониш, 1966. – 260 с.

ФАЪОЛИЯТИ МАОРИФПАРВАРИИ САДРИ ЗИЁ АЗ ДИДГОҲИ САДРИДДИН АЙНӢ

Масъалаи маорифпарварӣ дар аморати Бухоро, ки маркази тамаддуни тоҷикон дониста мешавад, аз ҷумлаи масоили муҳимму мубрами иҷтимоӣ, сиёсӣ, илмӣ ва фарҳангӣ маҳсуб гардида, пайваста дар асарҳои С.Айнӣ возеҳ инъикос ёфтааст. Дар ин мақола фаъолияти маорифпарварии Садри Зиё аз назари С.Айнӣ мавриди баррасӣ қарор ёфта, чеҳраи воқеии ин маорифпарвари фидокор ва тараққихоҳи жарфбин баён гардидааст. С.Айнӣ фаъолияти иҷтимоии Садри Зиёро дар асарҳои хеш бо овардани санадҳои муҳим оид ба корномаи ӯ дар замони зиндагӣ ва қарор ёфтан дар маркази ҳаводиси он вақт гузоришҳо додааст, ки назири онро аз ҳеҷ сарчашмаҳои таърихии дигар, ҳатто аз навиштаҳои худи Садри Зиё наметавон пайдо кард. Дар асарҳои С.Айнӣ таҷассуми бештар пайдо кардани шахсият ва фаъолияти маорифпарварии Садри Зиё, ин далели он аст, ки Садри Зиё аз ҷойгоҳи хосса ва эҳтироми баланд назди устод Айнӣ дар ҳама давру замон бархӯрдор буд. Нуфузи афкор ва андешаи Садри Зиё то ҳадде таъсиррасон буд, ки ягона шахсияте, ки бештар аз сад маротиба номи ӯро дар осори худ зикр намудааст, С.Айнӣ мебошад. С.Айнӣ дар рисолаҳои

илмӣ ва асарҳои таърихии худ тамоми паҳлуҳои ҳаёт, шахсият ва алалхусус фаъолияти маорифпарварии Садри Зиёро зикр намуда, бо баҳои сазовор додан ба эҷодиёти ӯ ҳамчунин хизматҳои ӯро дар инкишофи муҳити адабӣ, андешаҳояш дар соҳаи давлатдорӣ, маърифатпарварӣ, хештаншиносӣ, таъсис ва бунёди муассисаву корхонаҳо бо далелҳои раднопазир зикр намудааст. Осори С.Айнӣ сарчашмаи муҳим барои бозёфти ақидаҳои пешқадами маорифпарварӣ буда, зикр гардидани Садри Зиё, ҳамчун яке аз пешвоҳои маорифпарварон барои пажӯҳишгарон даст медиҳад, ки зиндагиномаи ин шахсиятро ба таври илмӣ-муқоисавӣ таҳқиқ намуда, ҳақиқат ва адолати таърихиро дар ҳама давру замон дар нисбат ва ҳаққи ӯ воқеъбинона инъикос намоянд.

Калидвожаҳо: С.Айнӣ, «Намунаи адабиёти тоҷик», «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам», «Ёддоштҳо», «Таърихи инқилоби Бухоро», «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», маорифпарварӣ, равшанфикрон, Садри Зиё, «Рӯзнома», Бухоро, ҷамъияти «Тарбияи атфол», мактаби усули нав, амир Абдулаҳад, амир Олимхон, «Таърихи нофеъ», «Фавоҳиш ва раҳоиш», «Мероси давлатдории Манғит».

ПРОСВЕТИТЕЛЬСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ САДРИ ЗИЁ, С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ САДРИДДИНА АЙНИ

Проблема образования в Бухарском эмирате, который считается центром таджикской цивилизации, является одной из важнейших социальных, политических, научных и культурных проблем, что постоянно находит отражение в творчестве С.Айни. В статье рассматривается просветительская деятельность Садри Зиё с точки зрения С.Айни, и выражается истинное лицо этого самоотверженного и прогрессивного просветителя. Также С.Айни сообщает о социальной активности Садри Зиё в своих произведениях, цитируя важные документы о его достижениях в течение его жизни и находясь в центре событий того времени, которые нельзя найти ни в одном другом историческом источнике, даже в трудах самого Садри Зиё. Тот факт, что личность и образовательная деятельность Садри Зиё отражены в произведениях С.Айни – это доказательство того, что Садри Зиё во все времена занимал особое место и относился с высоким уважением к С.Айни. Влияние мыслей и идей Садри Зиё было настолько велико, что единственным человеком, который упомянул его имя в своих произведениях более сто раз был С.Айни. В своих исторических произведениях С.Айни отмечал все стороны жизни, личности, и в частности, просветительскую деятельность Садри Зиё, приводя неоспоримые факты. Работы С.Айни являются важным источником для открытия передовых идей образования, а упоминание Садри Зиё как одного из лидеров просветителей позволяет исследователям изучить биографию этого человека и отразить историческую правду и справедливость.

Ключевые слова: С.Айни, «Образец таджикской литературы», «Краткое изложение моей биографии», «Воспоминания», «История Бухарской революции», «История интеллектуальной революции в Бухаре», образование, интеллигенция, Садри Зиё, «Воспоминания», Бухара, общественное объединение «Воспитание детей», школа новых методов, амир Абдулахад, амир Алимхан, «История благоденствия», «Наследие мангытской власти».

EDUCATIONAL ACTIVITIES OF SADRI ZIYO FROM THE POINT OF VIEW OF SADRIDDIN AINI

The problem of education in the Bukhara Emirate, which is considered the center of Tajik civilization, is one of the most important social, political, scientific and cultural problems, which is constantly reflected in the work of S.Aini. The article discusses the personality and educational activities of Sadri Ziyo from the point of view of S. Aini, and expresses the true face of this selfless and progressive educator. S.Aini also reports on the social activity of Sadri Ziyo in his works, citing important documents about his achievements during his life and being in the center of the events of that time that cannot be found in any other historical source, even in the works of Sadri Ziyo himself. The fact that the personality and educational activities of Sadri Ziyo are reflected in the works of S.Aini is proof that Sadri Ziyo at all times held a special place and high respect for S.Aini. The influence of Sadri Ziyo's thoughts and ideas was so great that the only person who mentioned his name in his works more than a hundred times was S.Aini. In his historical works, S.Aini vividly noted all aspects of life, personality and, in particular, the educational activities of Sadri Ziyo with indisputable facts. The works of S.Aini are an important source for the discovery of advanced ideas of education, and the mention of Sadri Ziyo as one of the leaders of the enlighteners allows researchers to scientifically - comparatively study the biography of this person and at all times reflect historical truth and justice.

Key words: S.Aini, «Sample of Tajik literature», «A summary of my biography», «Memoirs», «History of the Bukhara revolution», «History of the intellectual revolution in Bukhara», education, intelligentsia, Sadri Ziyo, «Memory», Bukhara, public association «Education of children», School of New Methods, amir Abdulahad, amir Alimkhan, «History of Prosperity», «Legacy of the Mangyt Authority».

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдулҳаев Зоҳид Муҳаммадович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **zohidiabdulhay@gmail.com**. Тел.: **(+992) 000-20 20-94**

Сведение об авторе: ***Абдулхаев Зохид Мухаммадович*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедри теории и современной таджикской персидской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **zohidiabdulhay@gmail.com.** Тел.: **(+992) 000-20 20-94**

Information about the author: ***Abdulkhaev Zokhid Mukhammadovich*** - Tajik National University, Doctor Ph.D, Department of Theory and Contemporary Tajik Persian Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **zohidiabdulhay@gmail.com.** Tel.: **(+992) 000-20 20-94**

УДК: 891.550+891.4

ТАСВИРИ МАМОЛИКИ АРАБ ДАР ШЕЪРИ МУҲАММАД ИҚБОЛ

Саидзода В.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Адабиёти садаи бистуми урду дар байни адабиёт ва фарҳанги гуногунзабони Ҳинду Покистон мавқеи намоёне дорад. Он аз сарчашмаҳои адабиёти бою пурғановати тоҷикӣ-форсӣ ва аз адабиёти халқҳои гуногуни Ҳиндустони қадимаву муосир ғизо гирифтааст. Аз ин хотир, доираи мавзӯву фарогирии масъалаҳо дар адабиёти мазкур басо васеъ мебошад.

Адабиёти урду яке аз адабиётҳои ғании шабаҳқораи Ҳинд ба шумор меравад, ки он бо бисёр шоирону нависандагони барҷастаи худ, ки асрҳои зиёд шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардаанд, ифтихор мекунад. Асарҳои фанонопазири шоирони бузурги Шарқ – Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хисрав, Умари Хаём, Мавлонои Балхӣ, Ҳофиз, Саъдӣ, Ҷомӣ ва дигарон барои бисёр наслҳои адибони шибҳқораи Ҳинд, ки бо забони урду асар меофариданд, ҳамчун сарчашмаи илҳоми фаъолият ба шумор мерафтанд.

Аллакай, баъзе таълифот бахшида ба ҷабҳаҳои мухталифи эҷодиёти Аллома Муҳаммад Иқбол аз чоп баромадаанд. Лозим ба ёдоварист, ки то имрӯз дар бобати омӯзиши забону адабиёти Ҳинду Покистон ва таҳқиқи осори адибони ин манотиқ олимони тоҷик корҳои зиёдеро ба анҷом расонидаанд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки таърих, адабиёт ва фарҳанги ин мардум дар маркази афкори илмию адабии донишмандону мутафаккирони мо низ нақши босазое гузоштааст.

Аллома Мухаммад Икболи Лоҳурӣ аз поягузорони тафаккури ҷадиди исломӣ буда, дар бедории зеҳнии мусалмонон хидмати беназир анҷом додааст. Бисёре аз рӯшанфикрони мусалмон вақте ба Урупо рафтанд, маҷзуби ҷилваҳои фиребои дунёи пурнақшу нигори Ғарб шуданд ва аз як муҳаққиқ ба як муқаллид табдил шуданд. Магар Аллома Иқбол, ки дар Урупо таҳсил кард, аммо бо ҷаҳонбинӣ ва шинохти бунёдӣ ва асиле, ки аз ҷаҳон дошт, бо такя ба фитрати солим ва худогоҳии динии хеш ва муқоисаи Шарқи мусалмон бо Ғарби динситез ҳақоиқ ва дақоиқеро кашф кард, ки мояи баракат ва бедории мусалмонони худбохта хоҳад шуд.

Асарҳои шоирону нависандагоне, ки то ба ҳол ба хонандаи тоҷик номаълум буданд, аз тарафи олимон ва донишмандони тоҷик тарҷума ва мавриди таҳқиқот қарор дода шуда, сабку усулу забони осори онҳоро муайян кардаанд. Дар ин ҷабҳа мақолаву асарҳо ва рисолаҳои диссертатсионӣ ва докторӣ навишта шудаанд, ки дар қатори онҳо метавонем олимон А. Ғаффоров, Ш. Пӯлодова, М. Қаноатов, профессор Ҳ.Р. Раҷабов, М. Нурова, З. Раҳматуллоева, Ҷ. Холов[4], аз олимони хориҷ Абдулвоҳид С., Алиев Г.Ю., Аникеев Н.П., Глебов Н., Сухочев А., Пригарина Н.И., Сайид Г.Р., Ҳодизода Р., Эҳтишом Ҳ.С. ва дигаронро ном барем, ки ин боз ҳам донишу ҷаҳонбинии хонандаи тоҷикро роҷеъ ба эҷодиёти шоирону нависандагони Ҳинду Покистон меафзояд.

Аллома Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ (1877-1938) аз зумраи бузургтарин ва машҳуртарин суханварони форсизабон ва мутафаккирони исломии нимаи аввали қарни ХХ қораи Ҳинд буда, бо осори ғановатманду пурмазмун ва саршори ғояҳои олии инсондӯстии худ дар тамаддуни ҷаҳонӣ мақоми баландеро ишғол менамояд. Ӯ чи дар Ҳинду Покистон ва чи дар мамлакатҳои дигари ҷаҳон маҳз ба воситаи ашъори дорои мазмунҳои баланди иҷтимоию сиёсӣ ва фалсафии худ мақбулияту маҳбубият пайдо намудааст. Беҳуда Аллома Иқболро Бедили замон наномидаанд. Адабиётшиноси Эрон Маликушшуаро Баҳор гуфтааст:

Бедиле гар рафт Иқболе расид,
Бедилонро навбати ҳоле расид.

Адабиётшиноси Покистон Манзурулҳақ дуруст қайд мекунад, ки «шеъри дарӣ дар Ҳиндустон ба вуҷуди аллома Муҳаммад Иқбол музайян ва ороста шуд. Вай на танҳо яке аз бузургтарин шуарои форсигӯи Покистон маҳсуб мешавад, балки шеъри форсиро ба мунтаҳои камол расонидааст» [9, с.28].

Аллома Иқбол аксари осори манзуми худро ба забони форсӣ-тоҷикӣ эҷод кардааст ва тақрибан асари назаррасе ба забони арабӣ надорад, вале забони арабӣ дар умқи рӯҳи ӯ танинандоз буд, зеро забони арабӣ барои ӯ хеле азизу гиромӣ ва дар қалбу ақли ӯ насибае

[4] Холов Ҷ. Адабиёти урду дар садаи бистум (Нигориши мухтасар). – Душанбе, 2010.

аз муҳаббатро эҷод карда ва дар фазои зеҳнии ӯ таъсир гузошта буд. Шояд ҷараёни бедории бардавом дар кишварҳои арабӣ омили муҳим ва асосие дар низоми оми фикрии Аллома Иқбол бошад.

Шайх Абул Ҳасани Надавӣ сухани Алломаро, ки дар мавриди забони арабӣ ба ӯ гуфта буд, чунин овардааст: “Ман ба баъзе амирони мусулмон, ки бо ҳокимони Ҳиндустон дӯстӣ доштанд, дар мавриди нашри Ислом дар миёни ғайримусулмонон ва нашри фарҳанги исломӣ, ҳамзамон, бо эҳёи забону адабиёти арабӣ дар ин кишвар ишора кардам... [10, с. 7].

Аллома Иқбол ҳанӯз аз овони хурдсолӣ ба забону адабиёт ва фарҳанги арабӣ таваҷҷуҳи хосса дошт. Бешак, Аллома Иқбол аҷзои зиёде аз Қуръони каримро дар он айём ҳифз карда буд. Овардани иқтибосоти зиёде аз Қуръон дар ашъораш аз он далолат мекунад.

Агарчи Аллома Иқбол дар ҳаёти худ ба ҷуз ду давлати арабӣ – Мисру Фаластин, дигар ягон кишвари арабиеро надидааст, вале ӯ бо рӯҳу равон ва зеҳну афкораш пайваста дар ин кишварҳо аз Мағриб то ба Машриқаш сайр мекард ва дар ғаму шодии онҳо шарик буд. Дар ғамашон андуҳгин ва дар шодиашон хушнуд мешуд.

Албатта, қадамҳои нахустини адиб дар кишварҳои арабие, ки барояш бисёр азиз буданд, чӣ гуна расидаанд, Аллома дар номае, ки ба яке аз дӯстонаш навиштааст, равшанӣ андохтааст. Вақте ки адиб дар соли 1905 ба Британия барои донишомӯзӣ аз тариқи баҳр аз бандари Бомбей сафарашро оғоз мекунад, киштии онҳо дар бандари Бур Саъиди Миср таваққуф мекунад, Иқбол аз киштӣ фуромада, баъзе макотиб ва масоҷиди он шаҳрро зиёрат менамояд.

Аллома менависад, ки “соати 3-и субҳ мо дар Бур Саъид расидем. Маро доктори мисрие, ки номаш Сулаймон буд, аз хоб бедор кард. Ҳамроҳи ӯ бо як идда ҷавонони мисрӣ вохӯрдем, ки ҳамаашон аъзои ҷамъияти “Ҷавонони мусулмон” буданд. Ман аз ин вохӯрӣ бисёр хушнуд гаштам. Лутфибек ном вакили машҳури Қоҳира аз тариқи доктор Сулаймон салому паём фиристода, барои зиёрат кардани Қоҳира ба ман даъватнома ирсол намуд” [11, с.45].

Ҳамин тавр, Муҳаммад Иқбол ба зиёрати Миср меравад ва сипас, дар Кунгураи исломии Қудс, моҳи декабри 1931 ширкат меварзад. Сафари худро аз шаҳри Искандарияи Миср оғоз карда, аз он ҷо ба Қоҳира меравад ва бо як идда уламои бузурги Қоҳира мулоқот мекунад. Дар ҷамъияти “Ҷавонони мусулмон” суханронӣ намуда, баъдан, аз он ҷо ба ҷониби Фаластин барои ширкат варзидан дар Кунгураи исломии оламӣ дар Қудс, пиромуни қазияи Фаластин, раҳсипор мешавад. Аллома аз таассуроти бардоштааш, аз дидани Фаластин дар асараш чунин қайд кардааст: “Сафари Фаластин дар таърихи ҳаёти ман ҷовидона хоҳад монд” [11, с.46] ва дар рафти ин сафар бо намояндагони кишварҳои исломӣ мулоқотҳо барпо менамояд. Аллома Иқбол ҳамеша дар фикри олами исломӣ ва бахусус, олами арабӣ буд ва тамоми ҳаводисе, ки дар он мегузашт, пайгирӣ мекард. Дар ашъори ӯ ба ҳолатҳое дучор мешавем, ки ин гуфтаҳоро таъйид мекунад.

Тасвири Андалус:

Ҳангоме ки Аллома Иқбол дар соли 1932 ба Испания мерасад, дар яке аз меҳмонхонаҳои бузурги шаҳри Қуртуба ҷой гирифта, аз мудири меҳмонхона мепурсад, ки: “Наберагони арабҳо дар ин кишвар куҷоянд?” Мудир мегӯяд: “Ман худам аз ҷумлаи ҳамонҳоям”, сипас, як идда аз шахсиятҳои машҳури онҳоро даъват мекунад. Аллома ин ашъорро ба он муносибат эҷод мекунад:

Ин ҳама оҳувони шаҳлочашм,
Ҳамчу моҳи тамом зебоянд.
Аз барои шикори шери жаён,
Ҳама дам қодиру тавоноянд.
Хубрӯйӣ гирифтаанд зи Ҳиҷоз,
Аз насими Яман гуворояндг.
Гарчи рафтаст аҳли ин хитта,
Баҳри эҳё ҷасуру доноянд [11, с.49].

Аллома бо тавозӯъ ва хоксорӣ дар назди масҷиди ҷомеи бузурги Қуртуба истода, аз аҳли он - шахсоне, ки ин масҷидро бо сарварии сарлашкари умавӣ Абдурраҳмони Дохил бино кардаанд, ёдовар мешавад, яъне, адиб ба сӯйи он масҷид нигоҳе карда, мебинад, ки он дар болои сутунҳои зиёде бино карда шудааст, ки ин сутунҳои бешумори баланд хурмозореро дар биёбонҳои Арабистон ба ёд меорад. Аллома аз ин масҷид мепурсад:

Куҷост ғолибони майдонҳо,
Ҳамон диловарони Араб?
Куҷост аҳли маънию афкор?
Куҷост аҳли илму адаб?
Куҷост аҳли дину хулуқ?
Куҷо шуданд, аҷаб?
Куҷо шуда ҳама маҷду шараф?
Куҷо? Ё Раб???

Тасвири Миср:

Чуноне ки дар боло қайд намудем, сафари Аллома Иқбол ба Миср дар моҳи декабри соли 1931 сурат гирифта буд. Ӯ дар ҷамъияти "Ҷавонони мусулмон" суханронӣ мекунад. Дар шаҳри Қоҳира гаштугузор карда, осори таърихии қадимаи онро ба назари ибрат тамошо мекунад ва он ҳама саҳифаҳои таърихи гузашта дар ашъораш инъикос ёфтааст. Мебинем, ки гоҳе аз Абулҳавл ва гоҳе аз Аҳромҳои бузурги Миср сухан мегӯяд. Аллома соҳиби ақлу фаҳми комил буд. Ӯ ҳар он чӣ аз афкор ва ҳаракатҳои динӣ ва сиёсие, ки дар Миср вуҷуд дошт, ба хубӣ аз онҳо огоҳ буд.

Аллома дар рӯ ба рӯйи Абулҳавл, ҳамон муҷассамае, ки сари инсон ва бадани шер дорад ва рамзи қуввату ҳикмат аст, истода, зери унвони "Ба мардуми Миср" ин шеъри худро эҷод мекунад:

Эй, мардумони Миср бидонед ин сухан,
Ман ҳикмат аз нигоҳи Абулҳавл гирифтаам.
Ӯ ҳаст соҳиби ҳама асрори рафтагон,
Ман ин ҳама зи оҳи Абулҳавл гирифтаам.
Гуфто ба ман, ки ҳеҷ туро ҳаст ин хабар,
Тақдири ҳар милал ба ҳадди саъю кӯшиш аст,
Он қувваро на ақли ҳакиме биофарад,
Он қувва ҳар замона чу вулкон ба ҷӯшиш аст [6, с.113].

Аллома дар қасидаи дигаре аҳроми Мисрро чунин васф намудааст:

Тақлид накардаанд бо талли регҳо,
Аҳромҳои худ, созандагони он.
Ин санъати заранг, аз фитрати баланд,
Ин соҳибони фан сайёди илм дон [6, с.94].

Тасвири Сурия ва Шом:

Аллома Иқбол оламеро дар ашъораш тасвир мекунад, ки пур аз муҳаббат, инсондӯстӣ ва бародарӣ мебошад. Дар он тамоми монеаҳои нажодию рангӣ ва хунию забонӣ бартараф гаштааст. Ӯ ба олами поке даъват мекунад, ки дар он оромию сакинат ҳукмфарост, дар он ҳеҷ гуна ҷангу ҷидол ва хунрезиҳою кашмакашиҳо вуҷуд надорад. Аз ҳамин хотир, мебинем, ки ӯ вақте мебинад, ки Фаронса Сурияро ба хоку хун оғушта намуда, истеъмор мекунад ва тамоми сарватҳои онро талаву тороҷ мекунад, бисёр ғамгину дилозурда мегардад:

Ин Шом буд, ки дирӯз ҳадя кард,
Бар Ғарбиён Масиҳ ибни Батулро,
Имрӯз Ғарбиён ба мо ҳадя кардаанд,
Фисқу фасоду хамру занони ҷаҳулро.

Яъне, сарзамини Шом, ки Фаластин ҷузъе аз он аст ба Ғарб, ба монанди Исо писари Марям паямбаре ҳадяи гаронбаҳое тақдим кард, ки сабаби ҳидояти онҳо гашт, аммо имрӯз Ғарб ба Шарқ фасоду расвогӣ, фоҳишагию шаробхорӣ ва судхӯрию қиморбозӣ тақдим мекунад.

Аллома дар соли 1932, вақте ки аз Париж дидан мекард, ҳукумати Фаронса барои ӯ ба хотири зиёрати масҷиде, ки дар Париж нав бино шуда буд, даъвати расмӣ фиристод, вале шоир ин даъватро напазируфт, зеро ҳавопаймоҳои ҷангии ҳукумати Фаронса дар он айём шаҳри Димишқи Сурияро бомбаборон мекарданд. Аллома Иқбол ин даъвати онҳоро як навъ фиреб ва хокпошӣ ба чашми мусулмонон шумурд, ки ба воситаи он мехоҳад ҷиноятҳояшро аз назари оламиён бипӯшонад. Ӯ ин манзараро дар қасидае зери унвони "Масҷиди Париж" чунин баён кардааст:

Эй, дидагон фиреби кас нахӯред,
К–ӯ масҷиду ҳарамеро бино созад.
Макри Фаранг пӯшида чун розест,

Аз пушти он надонӣ чиҳо созад?
Як масҷиде, ки дар ин ҷо сохт,
Сад масҷиди Шом зери по созад [11, с.54].

Тасвири Фаластин:

Баъд аз зиёрати Миср Муҳаммад Иқбол дар соли 1931 ба Фаластин раҳсипор мешавад. Аз ҷумлаи касоне, ки ӯро дар истгоҳи роҳи оҳан пешвоз мегирад, шайх Амин Ҳусайнӣ муфтии Фаластин буд. Аллома дар он ҷо дар конфронси исломӣ дар бораи қазияи Фаластин иштирок ва суханронӣ мекунад. Баъди бозгашт ба Лоҳур баёнияе содир карда, дар он менависад: “Сафари Фаластин дар таърихи ҳаёти ман ҷовид хоҳад монд, зеро дар рафти он бо намояндагони давлатҳои исломӣ гирди ҳам омадем...” [12, с.95]. Аллома дар он конфронс суханронии самимӣ эрод намуд ва ҳамчунин таассуроти худро аз ин сафар бо ҳарорат ва сӯзиши қалб дар ашъораш баён медорад:

Абри шабона дар само,
Ранги бунафша вогузошт.
Кӯҳи Изам ба қадди худ,
Қабои чандранга дошт.
Насими хушгувори он,
Ҳама ғами замона бурд...
Римоли Макка чун ҳарир,
Ба зери пой дакка хӯрд [11, с.70].

Истеъморгарони ғарбӣ ва сеонистҳо ҳамеша барои ҷалои мусулмонони Фаластин аз диёрашон нақша кашида, тадбир меҷустанд, то ки дар заминҳои онҳо яҳудиёнро ҷойгир созанд. Аллома Иқбол ин сиёсати истеъморгаронро хуб дарк карда буд, ки мехостанд мусулмононро нобуд ва пароканда сохта, кишварашонро ғасб намоянд. Ӯ мегӯяд: “Модоме, ки истеъморгарони ғарбӣ даъво доранд, ки сарзамини Фаластин мулки аҷдодии яҳуд аст ва онҳо ҳақ доранд, ки дубора дар ин сарзамин сукунат кунанд, пас чаро иҷозат намедиҳанд, ки мусулмонон дар сарзамини Андалус (Испания ва Португалия), ки чандин аср дар он ҷо ҳукумат доштанд, дубора зиндагӣ кунанд?” [11, с. 72]. Аллома Иқбол дар манзумаи ***“Шом ва Фаластин”*** ба ин маъно мегӯяд:

Бингар ба дӯкони Фаранг,
Обгинаҳое аз Ҳалаб.
Андар Фаластин шуд яҳуд,
Испониё буд аз араб.
Мақсуди афрангӣ ниҳон,
Андар паси шаҳду рутаб [6, с.119].

Аллома Иқбол баён медорад, ки роҳи халосӣ аз яҳуд дар Фаластин тавассути кумак хостан аз Аврупо номумкин аст, балки роҳи ягона барои берун рондани ғосибону истеъморгарон, муборизаву муқовимат бо онҳост, зимоми кори Аврупо дар панҷаи яҳуд аст:

Олам андар даҳони оташи ҷанг,
Монда аз дасти фитнаҳои дуранг.
Ту илоҷе маҷӯ зи Ландану Женев,
Ки ба дасти яҳуд шуд зимоми Фаранг.
Аз барои наҷоти миллатҳо,
Қуввати бозу лозим асту хаданг [6, с. 121].

Тасвири Либия:

Либия кишвари арабиест дар қитъаи Африқо. Дар моҳи сентябри соли 1911 Италия ба пойтахти Либия ҳуҷум кард. Пешвоҳои миллат мардумро ба муборизаи мусаллаҳона зидди таҷовузгарони истеъморгар даъват карданд, вале имкониятҳои кофӣ барои гирифтани пеши ин таҷовузи итолиявӣ дар ихтиёр надоштанд. Алорағми ин ҳама тамоми мардумро ба муқовимат даъват карданд ва ин мубориза тақрибан бист сол давом кард. Ҳангоми ин мубориза ҷавондухтари чордаҳсолаи либиягӣ дар қатори ҷанговарон баромада, маҷрӯҳонро об медод ва тиморбинӣ мекард. Ногоҳ тире аз ҷониби душманон ба ӯ расид ва фавран шаҳид шуд. Қиссаи диловарии ин ҷавондухтари қаҳрамони либиягӣ 12-ми ноябри соли 1912 дар ҷаридаи **“Ҳилол”**, ки ба забони урду чоп мешуд, нашр гашт. Муҳаммад Иқбол аз хондани ин қисса бисёр мутаассир гашта, марсияе зери унвони “Фотима бинти Абдуллоҳ, ҷавондухтаре, ки ҳангоми об додани маҷрӯҳон дар ҷанги

Тароблус шаҳид гашт”, навишт [11, с.57]. Ин қасидаро Аллома бо забони урду навишта буд, ки дарҳол бо арабӣ тарҷума гашт:

Эй, Фотима бешак, ки ту фахри ду ҷаҳонӣ,
Бар миллати марҳума басо фахри гаронӣ.
Ҳар зарраи дар ҷисми ту он қадр, ки пок аст,
Гарчанд, ки дар зери замин гашта чу хок аст...
Ай, Фотима чашмони ман аз баҳри ту гирён,
Аммо ҳама аъзои ман аз кори ту ҳайрон....
Аз хомӯшии қабри ту, ай ҳури биёбон,
Ошӯб занад сар ба ҳама хонаи инсон.
Аз миллати навзинда паёме бирасонад,
Аз уммати поянда саломе бирасонад [11, с.58-59].

Ҳамин тавр, Аллома Иқбол мехоҳад, ки рӯҳи Фотима дар қабраш оромиш ёбад. Агарчи дар ёдбуди ӯ шоир ашк мерезад, вале аз он хурсанд аст, ки чунин шахсиятҳои бузурге, ба монанди Фотима хотирае аз уммати мусулмони пешинро барояш эҳё менамояд ва аз шаҳодати ӯ эҳсос мекунад, ки уммат дар баробари ин золимони истеъморгар дубора ба по мехезад ва ҳақталошӣ мекунад.

Тасвири Нимҷазираи Арабистон:

Аллома дар ҳаёти худ Арабистонро зиёрат накардааст. Ин кишвар ҳанӯз бо номи сарзамини Ҳиҷоз маъруф буда, ин қитъаи замин барои шоир бисёр арзишманд аст, зеро отифаю эҳсос, фикру шавқ ва муҳаббати шоирро ба худ ҷазб карда буд, ки ҳеҷ қитъаи дигаре ин хосиятро доро набуд. Ин ҳама ҷаззобият ба хотири он буд, ки дар ин сарзамин Маккаи мукаррама воқеъ аст. Ҷойи таваллуд ва биъсати бузургтарин инсон, Паёмбари Худо ﷺ мебошад. Ҳамчунин, дар ин сарзамин Мадинаи мунаввара воқеъ аст, ки дар он оромгоҳи шарифтарин ва маҳбубтарин инсон дар қалби шоир, Расули Худо ﷺ ҷойгир мебошад. Шоир дар васфи Ӯ мегӯяд:

Падарам фидою модар,
Ба қудуми ту Паёмбар,
Ки назода то ба имрӯз,
Ба ту модаре баробар.
Ту кушодӣ сафҳаи нав,
Ба саҳифаҳои таърих,
Чу тулӯи субҳи содиқ,
Зи лафифаҳои таърих.

Дар ҷойи дигар мефармояд:

Хоки Ясриб дӯсттар бошад маро,
Аз ҳама олам, чаро гӯйӣ аҷиб?
Чунки дар ин хоки поки дилрабо,
Ҷой дорад турбати поки Ҳабиб.

Муҳаббати Паёмбари Худо дар қалби Аллома ба андозае ҷой гирифта буд, ки ҳатто дар охирҳои ҳаёташ, вақте дар мачлисе номи Паёмбари Худо ва ё Мадинаи мунаввара садо медод, худро дошта наметавонист ва беихтиёр аз чашмонаш ашк мешорид [10, с.26].

Ҳамчунин нимҷазираи Арабистон, бахусус, ду Ҳарами шарифи он, яке Масҷид-ул-Ҳаром дар Макка ва дигаре Масҷиди Набавӣ дар Мадина, ки манбаи ташаккул ва густариши Ислом буданд, дар ашъори шоир ба таври фаровон таҷассум ёфтаанд.

Аллома Иқбол ҳар ҷое, ки мерафт нимҷазираи Арабистонро ва мардуми онро ёд мекард. Дар вақти ба Миср сафар кардан ва ҳамчунин, вақте ба Фаластин, Аврупо, Афғонистон ва Ҳиндустон меравад, ёде аз он сарзамини муқаддас мекунад, зеро ҳамаи ин марзу бум иртиботи мустаҳкаме ба ҳабиби Худо, Паёмбари Худо ﷺ доранд:

Дар дили муслим мақоми Мустафост,
Обрӯи мо зи номи Мустафост.
Дар шабистони Ҳиро хилват гузид,
Қавму оину ҳукумат офарид...
Дил зи ишқи ӯ тавоно мешавад,
Хок ҳамдӯши сурайё мешавад.

Дар девони ***“Боли Ҷабраил”*** дар қасидае зери унвони “Замини Фаластин” мебинем, ки шоир номи маконҳои зиёдеро аз сарзамини Ҳиҷоз зикр мекунад, зеро ӯ бо ин маконҳо иртиботи рӯҳӣ дошт:

Ин парда фурӯ рафт зи домони Изам,
Барқе бидурахшид ба шомони Изам.
Дар доманаи Козима бин реги равон,
Чун пораи шишае, ки дар фасли хазон.

“Изам” номи кӯҳест дар Маккаи мукаррама ва “Козима” номи водиест, ки дар он Мадинаи мунаввара воқеъ шудааст. Шоир баён медорад, ки қалбу ҷони ӯ шавқу рағбати зиёрати Мадинаи мунаввара доранд.

Дар ***“Девони Армуғони Ҳиҷоз”*** чунин омадааст:

Дар он дарё, ки ӯро соҳиле нест,
Далели ошиқон ғайр аз диле нест.
Ту фармудӣ роҳи Батҳо гирифтем,
Вагарна ҷуз ту моро манзиле нест.

Адиб пайваста дар ашъораш аз дидори Хоҷаи худ, Паёмбари Худо ва пойбӯсии турбати поки ӯ ёдовар мешавад.

Дар ҷойи дигар мефармояд:

Биё, ай ҳамнафас, бо ҳам бинолем,
Ману ту куштаи шаъни ҷамолем.
Ду ҳарфе бар муроди дил бигӯем,
Ба пои Хоҷа чашмонро бимолем.

Шоир Муҳаммад Иқбол нимҷазираи Арабистонро дар ҳаёташ бо ҷисму баданаш зиёрат накардааст, балки зиёрати ӯ бо шавқу отифа ва рӯҳаш буд. Зикри ин амокини муқаддас дар ҳеҷ ҷое аз забонаш ва аз нӯги қаламаш ҷудо набуд, ки ин худ бузургтарин далеле бар алоқамандӣ ва муҳаббати бепоёни шоир ба ин ҷойҳои муқаддас мекунад. Ӯ пеш аз он бемории шадиди ахираш, ки сабаби вафоташ гашта буд, орзуи адои фаризаи ҳаҷро дошт.

Хулоса, Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ аз зумраи шоирони раддаи аввали адабиёти оламгири форсӣ-тоҷикӣ мебошад, ки бо истеъдоди фитрӣ ва эъҷози сухани хеш шеъри Аҷамро нафаси тоза бахшида, забони форсии дариро дар сарзамини Ҳинду Покистон аз сари нав зинда гардонид ва ба мусалмонон ва умуман. ба мардуми ситамдидаи ҷаҳон паёми озодиро расонид ва ба василаи ин корномаи бузург номи хешро дар ҷаридаи олам ҷовидон сабт намуд. Мутафаккири Шарқ чи дар Ҳинду Покистон, чи дар мамолики араб ва чи дар мамлакатҳои дигари ҷаҳон маҳз ба воситаи ашъори дорои мазмунҳои баланди иҷтимоию сиёсӣ ва фалсафии худ мақбулияту маҳбубият пайдо намудааст.

Муқарриз: ***Шодиев М.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Аззом А. Шарҳи ҳол, фалсафа ва шеъри Муҳаммад Иқбол. – Қоҳира, 1960. – 160 с.
2. Бауззани А. Шоири Машриқ. – Қарочи, 1956.
3. Воҳид С.А. Иқбол: эҷодиёт ва ҷаҳонбинӣ. – Душанбе, 1958. – 98 с.
4. Гелонӣ. Н. Иқбол - шоири мубориз. - Бейрут, 1980.
5. Ғӯрӣ С.А. Куллиёти Муҳаммад Иқбол. - Димишқ, 2007.
6. Иқбол, М. Зарби Калим // Таҳияи С.А. Ғӯрӣ. - Димишқ, 2007.
7. Куллиёти Иқбол (форсӣ). – Лаҳор, 1990. - 475 с.
8. Мавдудӣ А.А. Иқболиёт. - Деҳлӣ, 1979.
9. Манзурулҳақ. Шеъри форсӣ дар аҳди ҳозир. – Қарочӣ, 1953.
10. Надавӣ А.Ҳ. Равоии Иқбол. - Димишқ, 1960. – 128 с.
11. Самир А.И. Иқбол ва араб. - Араб. Саъудӣ, 1993.
12. Халил-ар-Раҳмон А. Муҳаммад Иқбол ва мавқифи ӯ аз тамаддуни ғарбӣ. - Маккаи мукаррама, 1988. – 336 с.
13. Ҳамавӣ Ё. Муъҷам-ул-удабо. Иршод-ул-ариб ило маърифатил-адиб. - Бейрут, 1933. – 3560 с.
14. Ҳошимӣ С.А. Ҷавоҳир-ул-адаб. - Бейрут, 2005. – 983 с.
15. www.aljazeera.net.about M.Iqbal.

ТАСВИРИ МАМОЛИКИ АРАБ ДАР ШЕЪРИ МУҲАММАД ИҚБОЛ

Аллома Муҳаммад Иқбол яке аз намояндагони дурахшони назму насри муосири ҳиндустонӣ ва форсу тоҷик буда, дар осмони илму адаб монанди ситораи дурахшон ҷилвагар аст. Дар мақолаи мазкур робитаҳои маънавии Аллома Иқбол бо олами араб, таваҷҷуҳи беандозаи адиб ба забону адабиёти он, олами Ислом, тасвири мамолики араб, инъикоси масоили олами муосири он дар афкору ашъори адиб мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмиву адабӣ қайд менамояд, ки Аллома Иқбол оламеро дар ашъораш тасвир мекунад, ки пур аз муҳаббат, инсондӯстӣ ва бародарӣ мебошад ва дар он тамоми монеаҳои нажодию рангӣ ва хунию забонӣ бартараф гаштааст. Инчунин, қайд карда мешавад, ки Ислом ба унвони дини ҷадид бо болу пари забон ва адаби форсӣ-тоҷикӣ вориди шибаҳқораи Ҳинд шуд ва тавонист илова бар тасаллути сиёсӣ, бар минтақа, фарҳанг ва тамаддуни мардуми бумиро низ таҳти

таъсир қарор диҳад. Доир ба таваҷҷуҳи хосса доштани адиб ба забону адабиёт ва фарҳанги арабӣ, аз худ кардани ачзои зиёде аз Қуръони карим, овардани иқтибосоти маъонии қуръонӣ ва мафҳуму истилоҳоти адабии арабӣ дар ашъору афкори адиб, сифати Паёмбари Худо муаллиф шарҳу тавзеҳ додааст. Ҳамчунин, доир ба ҳар як кишвари араб, ки дар ашъори адиб тасвир шудаанд, аз ҷониби муаллиф маълумот дода шудаанд, хусусан, нимҷазираи Арабистон, бахусус, ду Ҳарами шарифи он, яке Масҷид-ул-Ҳаром дар Макка ва дигаре Масҷиди Набавӣ дар Мадина, ки манбаи ташаккул ва густариши Ислом буданд, ки дар ашъори шоир ба таври фаровон таҷассум ёфтаанд, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Калидвожаҳо: Аллома Иқбол, мардуми араб, Ислом, осори назмӣ, Шарқ, Ғарб, мамолики араб, ҷаҳонбинӣ.

ОПИСАНИЕ АРАБСКИХ СТРАН В ПОЭЗИИ МУХАММАДА ИКБАЛА

Мухаммад Икбал является одним из самых ярких представителей индийской и персо-таджикской литературы XX века. В данной статье исследуются духовные связи эрудита Мухаммада Икбала с арабским миром, беспрецедентной приверженностью его языка и литературы к исламскому миру, описание арабских стран и отражение его современных проблем. Автор на основе изучения научной и художественной литературы отмечает, что Мухаммад Икбал в своем произведении описывает мир полной любви, человечности и братства, и в нем устранены все расовые и этнические барьеры. Ислам был введен в Индии в качестве новой религии с помощью персо-таджикского языка, литературы и культуры и смог повлиять помимо политического давления, на регион, культуру и цивилизацию коренных народов Индии. Дается анализ об уделении особой внимании поэта в своем произведении к языку, литературе и арабской культуре, осваивание священного Корана, приведение коранских смыслов и значений, терминологии арабских писаний, качество исламского Пророка, вклад поэта в развитие исламской мысли в большей мере, чем его политические и философские воззрения, определил ему достойное место в культурной жизни мусульман. Также комментируется описание каждой арабской страны, особенно мечеть аль-Харам в Мекке и другой мечети Набави в Мадине на Аравийском полуострове, которые был источником формирования и развития ислама, который был подробно описаны в произведениях эрудита Мухаммада Икбала.

Ключевые слова: Муҳаммад Икбал, арабский народ, Ислам, Восток, Запад, поэтические произведения, арабские страны, мировоззрение.

DESCRIPTION OF ARAB COUNTRIES IN POETRY MUHAMMADA IKBALA

Muhammad Iqbal is one of the most prominent representatives of Indian and Persian-Tajik literature of the twentieth century. This article explores the spiritual connections of the erudite Muhammad Iqbal with the Arab world, the unprecedented adherence to his language and literature, the Islamic world, a description of Arab countries and a reflection of his contemporary problem. The author, on the basis of studying scientific and fiction literature, notes that Muhammad Iqbal in his work describes a world of complete love, humanity and fraternity, and all racial and ethnic barriers are eliminated in it. Islam was introduced to India as a new religion with the help of Persian-Tajik language, literature and culture and was able to influence, in addition to political pressure, the region, culture and civilization of the indigenous peoples of India. An analysis is given about the particular attention of the poet in his work to language, literature and Arab culture, mastering the holy Quran, bringing Koranic meanings and meanings, terminology of Arabic writings, the quality of the Islamic Prophet, the poet's contribution to the development of Islamic thought to a greater extent than his political and philosophical views, identified him a worthy place in the cultural life of Muslims. Also commented on the description of each Arab country, especially the Al-Haram mosque in Mecca and another Nabawi mosque in Madinah on the Arabian Peninsula, which was the source of the formation and development of Islam, which was described in detail in the works of the erudite Muhammad Iqbal.

Key words: Muhammad Iqbal, Arabs, Islam, East, West, poetic works, Arab countries, worldview.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Саидзода Вайсиддин*** - Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, номзади илми филология, мудири кафедраи филологияи Осиёи Шарқӣ ва Ҷанубӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч.Мухаммадиев 17/6. E-mail: **vays.saidzoda@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-999-60-65**

Сведение об авторе: ***Саидзода Вайсиддин*** - Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода, кандидат филологических наук, заведующей кафедры филологии Восточной и Южной Азии. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. E-mail: **vays.saidzoda@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-999-60-65**

Information about the author: ***Saidzoda Vaysiddin*** - Tajik State Institute of Languages named after S.Ulugzoda, Candidate of Philology, Head of the Department of Philology of East and South Asia. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Mukhammadieva 17/6. E-mail: **vays.saidzoda@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-999-60-65**

УДК: 882.12

ГУЗАШТАЕ, КИ ҲАМЕША БО МОСТ

Боронов У.Х.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ёддоштнависӣ имрӯз дар адабиёти мо расм шудааст. Ҳар касе ба ҳар тарзе ки мехоҳад ёдвораҳояшро менависаду чоп мекунад. Аксари ин гуна асарҳо нақду баррасӣ ҳам намешаванд. Вале дар ин мақола сухан аз намуди дигари ин гуна осор меравад, ки офарандааш нависандаи касбӣ ва ҳунарманд аст. Оҳанги ёддоштгуна ва шахсиятҳову санадҳои воқеии таърихӣ дар ин гуна асарҳо ҳамчун усули бадеӣ ва василаи ба даст овардани ҳадафи ғоявию ҳунарӣ истифода гардидааст.

Дар адабиёти навини тоҷик дар радифи “Ёддоштҳо”-и устод Айнӣ ва “Субҳи ҷавонии мо”-и Сотим Улуғзода романи Ҳасан Ирфон “Дар кулбаи косибон” нахустин намунаи жанри тарҷумаи ҳоли бадеӣ буда, бо сохтори хосси мундариҷавию жанрӣ аз дигар осори ҳаммонандаш тафовут дорад. Дар ин замина романи Ҳасан Ирфон бо хусусиятҳои хосси ёддоштиву бадеӣ ва фарогирии пурвусъати воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии як давраи тӯлонии Осиёи Миёна дар таърихи адабиёти навини тоҷик ҷойгоҳи арзандаеро соҳиб аст.

Ин роман нахуст дар маҷаллаи “Садои Шарқ” чоп гардида, баъдан қисми якуми он зери таҳрири Сотим Улуғзода аз тариқи нашриёти “Ирфон” дар соли 1964 ба чоп мерасад. Баъди ду соли нашри роман Мирзо Турсунзода дар анҷумани панҷуми нависандагони Тоҷикистон асарро таҳлил карда, ба он чунин баҳо додааст: “Мо Ҳасан Ирфонро ҳамчун тарҷумони пуристеъдод мешиносем ва пайдо шудани чунин як китобро фақат табрик кардан лозим аст. Муаллиф воқеаҳои тасвиркардаашро нағз дар хотир дорад. Дар пеши назари мо образи марди сангдили бераҳме таҷассум меёбад, ки ҳатто хонаи худро ба зиндон табдил додааст. Зиндагии пурмашаққати косибон, истисмори бераҳмона, беҳуқуқии занон-ҳамаи инҳо бо камоли дақиққорӣ тасвир шудааст. Аммо бо вуҷуди ин, хонанда як қатор ноқаноатмандӣ ҳис мекунад. Ба фикри ман, сабабаш дар он аст, ки ҳамаи инро мо пештар, аз ҷумла, дар асарҳои С.Айнӣ хондаем. Дар ин ҷойи тааҷҷуб ҳам нест, чунки тарҷимаи ҳоли Ирфон ва Айнӣ ба ҳам монандӣ доранд” [6, с.77].

Баъди ин нақд Мирзо Турсунзода романро ба тариқи умумӣ, бе зикри далелҳои кофӣ зери танқид мегирад, ки хеле ҷиддӣ, вале собитнашуда мебошад. Аз ҷумла ӯ мегӯяд, ки “Такрор дар адабиёт хавфи ҷиддӣ аст. Ирфон мебоист асарашро ин қадар кашол намедод ва чанд бобро ба тасвири воқеаҳое, ки ба хонанда ягон чизи наве намедиҳад, намебахшид. Ин бошад романро суст ва дилгиркунанда кардааст. Алалхусус, он чизи нави муҳимме, ки нависанда ҳикоя мекунад, яъне дар Осиёи Миёна ҷамъ оварда шудани капитал, охири охирон ногузир ба завод омадани косибон, дониши сиёсӣ ҳосил кардани онҳо, ҳамраъйии пролетарӣ, иштирок дар корпартоиҳо ва ғайра номаълум шуда меравад. Агар чизҳои зиёдатӣ аз роман бароварда мешуданд, эҳтимол, образҳои муаллимони мактабҳои нав (Саидризо Ализода, Мирзоҳалим), ки онҳоро муаллиф нағз тасвир кардааст, боз ҳам пурратар мегардиданд” [6, с.77].

Ҳамзамон Сотим Улуғзода дар анҷумани зикршуда баромад карда, аз роман қотеъона ҳимоят мекунад ва аз ҷумла изҳор медорад, ки “Дар ин ҷо ман на он қадар ҳамчун муҳаррир, балки бештар ҳамчун як нафар хонанда бо як қисм фикрҳои танқидие, ки Мирзо Турсунзода дар бораи ин асар изҳор карданд, розӣ шуда наметавонам. Дар асар чизҳои худӣ ва оригиналӣ, ки то ин вақт дар адабиёти мо набуданд, бисёранд. Ҳаёти косибони Осиёи Миёна, муборизаи оммаи косибони камбағали истисморшаванда бо соҳибкорон ва ғайра бори аввал аст, ки дар асари Ирфон ба таври зиндагишиносона ва дақиқона тасвир карда мешавад. Фаъолияти аввалин муаллимони мактаби нав-мактаби дунявӣ (светская) дар Осиёи Миёна, ҳаёт ва фаъолияти чандин арбобҳои номии маориф дар китоби ӯ акс ёфтаанд. Асар аз муҳассаноти бадеӣ холӣ нест ва ба замми ин қимати санадӣ-ҳуҷҷатӣ ҳам дорад ва маълум аст, ки устод Горкий ба ин қабил асарҳо баҳои калон медод” [7, с.122].

Сотим Улуғзода аз аввалин касоне буд, ки ба романи “Дар кулбаи косибон” баҳои мусбат дода, нақш ва ҷойгоҳи онро дар таърихи адабиёти навини тоҷикӣ муайян ва

мушаххас намуд. Баъдтар ин роман аз ҷониби М. Шукуров (М. Шакурӣ), М. Раҷабов ва баъзе муҳаққиқони дигар низ нақд ва арзёбӣ гардида, баъзе хусусиятҳои ҳунарии он ба таври мухтасар нишон дода шудааст. Ба ин тартиб, ин роман ҳамчун яке аз аввалин асарҳо дар жанри тарҷумаи ҳоли бадеӣ эътироф гардидааст [12, с.133], ки бо хусусиятҳои хосси мундариҷавӣ ва сохтори бадеиву жанрӣ аз осори ҳамсонаш фарқ мекунад.

Романи “Дар кулбаи косибон”, пеш аз ҳама, асари тарҷумаҳолӣ буда, нависанда дар он суннатҳои ёддоштнависиро, ки дар адабиёти тоҷик таърихи қадима дошта, ба воситаи “Ёддоштҳо”-и устод Айнӣ ва “Субҳи ҷавонии мо”-и С. Улуғзода зинаи нави ташаккулро тай намудааст, идома ва такмил бахшидааст. Нависанда ин асарро роман гуфта бошад ҳам, аз нақли ёддоштҳо ва тасвири воқеаҳое, ки адиб шоҳиди бевоситаи онҳо будааст, иборат мебошад. Қаробати онро ба жанри роман, пеш аз ҳама, хусусияти бадеӣ ва истифодаи ҳунармандона аз сувари хаёл таъмин намудааст. Ба ин далел, ҳамчунон ки Сотим Улуғзода низ ишора кардааст, ин роман бо фарогирии воқеаҳо, замону макон, ҷуғрофиёи тасвир ва тарзи бадеии нигориш асари муҳим ва арзишманд ба шумор меравад [7, с.116].

Воқеаҳои роман зиндагии ҳамаи табақоти ҷомеа ва мардумро бо ҷузъиёташ фаро гирифтааст. Хонанда ҳамроҳ бо ровии роман, ки Ҳасан ном дошта, ранҷҳо ва сарсониҳои зиёдеро мутаҳаммил шудааст, ба сайри Самарқанд ва шаҳрҳои водии Фарғона меравад, ба умқи фоҷеаҳои зиндагии мардум ва заминаҳои таҳаввулоти сиёсиву иҷтимоии минтақаҳои гуногуни Осиёи Миёна дар фосилаи замонии нимаи дувуми садаи нуздаҳ ва ибтидои асри бист ошно мегардад. Ин роҳ ӯро гоҳ ба манзили бечорагон, гоҳ ба муҳити зиндагии сарватмандон, гоҳи дигар ба муҳити шеъру шоирӣ ва гоҳе ба дарсхонаҳои мадрасаву таълимгоҳҳои нав мебарад. Ин роман хонандаро бо фарогирии воқеаҳо аз муҳити хонаводагиву Самарқанд то ба гӯшаву канорҳои Афғонистону Эрон ва бузургтарин шаҳрҳои он замонии Осиёи Миёна, аз ҷумла Хуҷанду Хӯқанд, Марғелону Намангону Фарғона мебарад ва ӯро бо ҷараёни зиндагӣ ва амалу кирдори табақоти мухталифи ҷомеа ошно месозад. Ба ин далел, романи “Дар кулбаи косибон”-ро метавон қомуси ҳаёти Осиёи Миёна дар нимаи дувуми садаи нуздаҳ ва ибтидои асри бист номид.

Роман бо усули силсилабандии ҳикояҳо, ки ҳар кадоме ҳикояи комил аст, сохта шудааст. Ҳар боби асар аз чанд ҳикоя ба ҳам омада, моҳияти як ҳодисаи зиндагиро мекушояд, як шахсият ва як типи ҷомеъ ба вуҷуд меоварад. Ҳадафи нависанда аз чунин усули тасвир он будааст, ки воқеаҳо ва шахсиятҳои мавриди назарашро ҳар чӣ пурратар тасвир намояд. Аз ин ҷиҳат, вақте романро мутолиа мекунед, типҳои гуногуни шахсиятҳо ва тасвири барҷастаи воқеиятҳои зиндагӣ мисли лентаи кино аз пеши назар мегузаранд ва дар хотир нақш мебанданд. Аз маҷмӯи ҳикояҳо як тасвири пурвусъати ҳамосӣ шакл гирифтааст, ки баёнгари вазъи замон ва зиндагии пурмоҷарои мардуми он рӯзгор аст. Ба ин сабаб, ин асарро метавон “ҳамосаи ёддоштӣ” [11, с.218] унвон кард.

Зимнан бояд гуфт, ки ҳадафи Ҳасан Ирфон аз таълифи ин роман фақат баёни саргузашти худаш ҳам набудааст. Ҳадафи нависанда аз руҷӯъ ба сарнавишти худаш нишон додани вазъи зиндагӣ ва аҳволу афкори табақоти мухталифи ҷомеаи он рӯзгор ва таҳқиқу тасвири равандҳои асосии сиёсиву иҷтимоии он замон будааст. Аз рӯйи мавқеи шахсиятҳо дар роман ва талаботи назарии шинохти шахсият мо метавонем Ҳасанро, ки худи нависанда аст, қаҳрамони асосии “Дар кулбаи косибон” шиносем, вале тарзи тасвир ва вусъати воқеиятҳову сарнавишти инсонҳо далолат бар он мекунанд, ки қаҳрамони асосӣ дар ин роман халқ аст. Нависанда аз оғоз то анҷоми роман намояндагони табақоти гуногуни халқро ба тасвир гирифтааст, ки ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ як образи ҷомеи умумиятёфтаи бадеии халқро ташкил медиҳанд. Дар тасвири нависанда халқ на фақат ситамдидаву бенавову беҳуқуқ, истеҳсолкунандаи неъматҳои моддӣ, адолатхоҳу ҷӯяндаи роҳи саодат ва озодӣ аст, балки бавуҷудорандаи дороиҳои маънавии ҷомеа низ мебошад. Нависанда дар роман симои ҷомеи ҳамин гуна шахсиятҳоро, ки образи таъмимии халқ ҳастанд, бо камоли ҳунар ва дақиқназарӣ ба тасвир кашидааст.

Ифодагари ҳаёти маънавии мардум дар роман, пеш аз ҳама, образи Ҳасан, мактабдор Ҳоҷишайх, Қориака, Абдурраҳмон, Файёзи Хуҷандӣ, Салоҳиддин Маҷидӣ ва монанди инҳо мебошанд, ки таҷассумгари маънавиёти инсонҳои покраву покдин ва росткору ростҷӯ ва фидокор ҳастанд.

Ҳасан аз овони ҷавониаш ҳушёру ҳолшиносу ормонгарост. Умеди раҳоӣ аз “зиндони зану фарзанд” ӯро ба саҳнаи гиру дори зиндагӣ мекашад. Ин образ ифодагари талош ва ҷонсупории як инсон барои саодати дорайн мебошад, ки нависанда бо камоли диққат тасвир кардааст. Масъалаи дигаре, ки нависанда ба миён гузошта, ба ин васила симои шахсиятҳои фарҳангиро муҷассам сохтааст, нақши равшанфикрон дар ҷомеаи он рӯзгор мебошад.

Дар роман нависанда дар баробари симои рӯҳониёни мутаасссиб, олимони беилму ҷоҳил, табибони нодон, мактабдорони бесаводу бемасъулият ва ғайра, нақши табақоти корсози ҷомеаро низ дар пешрафти ҷамъият бо камоли ҳунар нишон додааст. Аз ин ҷиҳат, дар ин асар мавзӯи зиёиён, равшанфикрон ва нақши онҳо дар ҷомеаи инсонӣ мавқеи калон дошта, бағоят вусъатнок ба тасвир омадааст. Нависанда дар баробари тасвири симои равшанфикрони беҳунару худкома ва муллоҳои ҷоҳилу ситезакор, як идда образҳои барҷастаи мунавварфикрони вақт, зиёиёни олимашраб, мутафаккиронеро, ки ҷонсупори халқу кишвар будаанд, тасвир кардааст, ки ифодагари диди амиқи ӯ дар шинохти рӯҳи инкор ва қувват гирифтани рӯҳи тасдиқу қабулдошти равишҳои созанда дар ҷомеаи он рӯзгор аст.

Зиёиёни пешрафта ва тараққихоҳ дар романи Ҳасан Ирфон зиёданд, чунончи, Ғуломризохони донандаи “мақомоти дувоздаҳгонаи мусиқии классикӣ”, Аббосамаки қуръондону китобхон, “пиразани оқилаи ҳунарманд”, Ҳоҷишайхи мактабдор, Саидризо (Саидризо Ализода), Мирзоҳалим, Исматулло Раҳматуллозода аз ин ҷумлаанд. Муаллифи роман барои дарки мазмуни замон ва равандҳои муҳимми иҷтимоии он ба офаридани чеҳраи инсонии ин гуна шахсиятҳо даст ёфтааст. Савияи фикрӣ, хислатҳои инсонӣ, тарзи тафаккур ва фаъолияти ҷамъиятии ин гурӯҳи зиёиён аз ҳам фарқ кунанд ҳам, дар шинохти воқеиятҳо ва интихоби ҳадафҳои ояндасоз онҳо ҳамсонанд. Ҳамаи онҳо дар шинохт ва арзёбии раванди ҳодисаҳои ҳаёти ҷомеа, камиву костии он ва авзои умумии замон дидгоҳҳои муштарак доранд.

Нависанда бо тасвири симои зиёиёни пешқадам, пеш аз ҳама, зуҳури шаклҳои гуногуни муборизаро барои беҳбуди авзои иҷтимоии ҷомеа таҷассум кардааст, ки намунаи он Мирзоғаффор дар фасли “Дар “шоми ғарибон”-и боби чаҳоруми роман мебошад. Нависанда навиштааст: “Дар маҷлиси шоми ғарибон, ки мардум хеле ба шӯр омада буданд, ногоҳ Мирзоғаффор ном шахсе ба зинаи якуми минбар баромада, рост истод ва бо овози ҳаяҷоннок нутқи шӯрангезе эрод намуда, мардумро бар аҳволи ҷонсӯзи муборизони инқилоб гирёнид ва ба ғундоштани иона барои зану бачагони онҳо ташвиқ намуд. Ин аввалин нутқи инқилобӣ буд, ки ман ба забони тоҷикӣ шунидам. Аз таъсири суханони ҳаққонии ҷигарсӯз мӯйи бадани кас сих мешуд” [1, с.73].

Ин ва дигар санадҳои воқеии дар роман тасвиршуда нишон медиҳанд, ки нависанда фаъолиятҳои сиёсӣ ва иҷтимоии шахсиятҳои мавриди тасвирашро аз мавқеъҳои гуногун ва рангоранг ба тасвир кашидааст. Дар байни чунин шаклҳои гуногуни муборизаи зиёиёни пешқадам баъзе иқдомҳои ниҳоӣ, масалан даъвати ошкоро ба ҳаракатҳои ҷасоратомез, ба ҳимояи ҳуқуқ ва шарафи инсон низ ба назар мерасад. Дар ин маврид шахсиятҳои роман ба воқеаи “инқилоби коргарони рус” ва зери таъсири он “дар Эрон ва Усмонӣ байрақи шӯриш бар зидди подшоҳони золим бардоштан”-и “мардуми ҷон ба лаб расида” [1, с.72-73] талмеҳ мезананд.

Ба ин тартиб, Ҳасан Ирфон бо тасвири шахсиятҳои таъмимӣ ва воқеиятҳои пурвусъати сиёсию иҷтимоии замон инқилоби қарибулвуқӯи Осиёи Миёнаро на фақат ҳадс мезанад, балки зуҳури онро ногузир медонад. Ин масъаларо дар роман ба миён гузоштани масъалаи худшиносии шахс тақвият бахшида, раванди асосии дигаргуниҳои бунёдиро дар зеҳнияти инсон муайян месозад, ки аз тозакориҳои нависанда дар шинохт ва тасвири воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоии он рӯзгор мебошад.

“Дар кулбаи косибон”-ро муаллиф роман гуфта ва жанрашро низ мушаххас намудааст. Ин роман, чунонки ишора рафт, савумин асари бадеии тарҷумаҳолӣ дар адабиёти навини тоҷик аст, ки бо вуҷуди бо “Ёддоштҳо”-и устод Айнӣ ва повести “Субҳи ҷавонии мо”-и Сотим Улуғзода қаробатҳое доштан, вижагиҳои хосси ҳунарии худро низ дорад, ки бозгӯи маҳорати нависандагии соҳибаш аст [14, с.17].

Нависанда дар ин роман бо тасвири вазъи иҷтимоиву сиёсӣ ва зиндагии сокинони шаҳри Самарқанд ва маҳаллоти атрофи он, водии Фарғона, Эрону Озарбойҷон аввалин

бор пайвандҳои иҷтимоиву маънавии сокинони ин манотиқро ҳунармандона ва огоҳона ба тасвир гирифтааст, ки то ӯ дар насри тоҷикӣ мавриди тасвири бадеӣ қарор нагирифта буд. Аз назари таърихият, замону макон ва ҷуғрофиёи тасвир низ нигориши Ҳасан Ирфон пурвусъат, ҷолиб ва ҳунармандона буда, рӯйдодҳои замони мушаххаси таърихи халқҳову кишварҳои гуногун ва манотиқи мухталифро дар бар мегирад, ки барои хонанда маълумоти тозаи иҷтимоиву фарҳангии дақиқро ироа менамояд [15, с.415].

Романи “Дар кулбаи косибон” дар жанри тарҷумаи ҳоли бадеӣ таълиф шуда, нависанда дар он сарнавишти даврони бачагии худро дар алоқамандӣ бо воқеаҳои сиёсиву иҷтимоии нимаи дувуми садаи Х1Х ва ибтидои садаи ХХ ба тасвир гирифтааст. Ин роман на фақат аз ҷиҳати тасвири маҳдудаи замониву маконӣ, балки аз назари инъикоси воқеиву бадеии ҳаводиси иҷтимоӣ ва амалу кирдори шахсиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ низ ҷолиб ва таъсиргузор аст. Дар маркази роман сарнавишти муаллиф ва воқеиятҳои замони зиндагии ӯ қарор дошта бошад ҳам, онро наметавон комилан “романи тарҷумаиҳолӣ” [2, с.72] шинохт, зеро он, ба ифодаи М. Шукуров (М. Шакурӣ) ҳамчун “жанри тарҷумаи ҳоли бадеӣ дар насри тоҷик аҳамияти калон пайдо” [13, с.159] карда бошад ҳам, дарк ва тасвири бадеии воқеиятҳои як давраи муайян ва сарнавишти чеҳраҳои таърихиву бадеӣ дар он имтиёз доранд, ки ифодагари арзиши ҳунарии роман мебошад.

Воқеаҳое, ки дар роман ба тасвир омадаанд, аз сарнавишти муаллиф ҷудо нестанд. Бинобар ин, А. Қамарзода дуруст мегӯяд, ки “муаллиф дар он воқеаҳои овони бачагии худро, ки дар байни солҳои 1900-1913 рӯй додаанд, тасвир менамояд. Дар асар ҳаёти шахсии Ҳасани ҷавон пайваста ба воқеаҳои муҳимми сиёсӣ-иҷтимоии дар атроф рӯй додаистода, бо тасвири характери одамони касбу кори гуногун ба ҳам омехта дода шудааст” [2, с.73]. Дар ин замина муаллиф фақат ба тасвири ҳаёти косибони шаҳри Самарқанд ва атрофи он маҳдуд нашуда, ҳамроҳи падараш ба Кавказ ва ҳамроҳи бобояш ба водии Фарғона сафар карданашро низ тасвир мекунад ва хонандаро бо ҳаёти тираву тори сокинони ин минтақаҳо ошно месозад, ки ба тарзи бадеӣ нигошта шуда, ҷанбаи қавии ҳунарӣ дорад.

Зимнан бояд гуфт, ки чунин асар дар ҷойи холӣ ба вуҷуд наомадааст. Мутолиаи огоҳона ва тарҷумаи осори баргузидаи адибони ҷаҳон, аз ҷумла асарҳои нависандаи рус Максим Горкий “Бачагӣ”, “Дар байни мардум” ва “Университетҳои ман” ҳанӯз дар солҳои сиюм заминаро барои эҷоди ин роман фароҳам оварда буд [10, с.221-227]. Дар солҳои баъди ҷанги ҷаҳонии дувум дар адабиёти тоҷик пайдо гардидани асарҳои тарҷумаиҳолии Садриддин Айнӣ “Ёддоштҳо” ва Сотим Улуғзода “Субҳи ҷавонии мо” ва ниҳоят тарҷумаи ду ҷилди аввали сегонаи нависандаи туркман Собит Муқанов “Мактаби ҳаёт” Ҳасан Ирфонро ба эҷоди романи “Дар кулбаи косибон” савқ дод. Дар ин боб суханони зерини нависанда ҳуҷҷати қотеъ аст: “Махсусан ман баъди тарҷумаи “Қиссаи бачагӣ” ва “Қиссаи ҷавонӣ” ном асарҳои Собит Муқанов ба навиштани “Дар кулбаи косибон” шуруъ намудам...” [2, с.73].

Романи Ҳасан Ирфон аз ҷиҳати сохтори жанрӣ бештар ба асари Собит Муқанов қаробат дошта бошад ҳам, ин ҳарф чунин маънӣ надорад, ки нависанда ин асарро дар пайравии сегонаи нависандаи туркман офарида бошад. Баръакс, романи Ҳасан Ирфон аз сездаҳ боб ва зербобҳо иборат аст, ки ҳар кадоме аз онҳо номи алоҳида дошта, ба сари худ ҳикояти алоҳидаро ташкил медиҳанд ва муҳтавою ғояи худро доранд. Чунин тарзи нигориш ба Ҳасан Ирфон имкон додааст, ки дар доираи як воқеаи бузург ҳодисаҳову воқеиятҳои гуногунро бо маҳорати хос тасвир намояд. Масалан, боби аввали роман аз нуҳ ҳикояи ҷудогона иборат буда, сирату сурат ва амалу кирдори хонаводаи Алиҷон-падари нависандаро ошкор мекунад. Аз тасвири амиқ ва воқеъбинонаи Ҳасан Ирфон, ба ифодаи Мирзо Турсунзода “образи марди сангиндили бераҳме” [6, с.77] пеши назари хонанда пайдо мешавад, ки бо истифода аз “ҳодиса-воқеаҳои ҳаётӣ хеле таъсирбахш тасвир” [9] шудаанд.

Ҳасан Ирфон дар фасли “Зиндони зану фарзанд”-и боби аввали роман бо тасвири лаҳзаҳои таъсиргузори муносибати ҷобиронаи падар ба ҳамсару фарзанд “давраи зиндоннишинии” худро, ки то ба мактаб рафтанаш идома ёфтааст, хеле таъсиргузор муҷассам сохтааст. Давраи зиндоннишинӣ барои Ҳасан “агар ба тахмин дар солҳои сеюм ё чоруми” ҳаёташ “тоқатфарсо шуда бошад”, барои “модари бечорааш” “басе пештар сар шуда буд” [1, с.5]. Нависанда рӯзҳои сиёҳи давраи бачагиашро ба тариқи зер ба тасвир

кашидааст: “Дарду аламҳои ин ҳаёти зиндонӣ нахустин бор, вақте ба дили ман нештарвор фурӯ рафта, таъсири талхи худро абадӣ дар лавҳи хотирам ҷойгир намуд, ки ман рӯзе дар набудани падарам бо ҳирси кӯдакӣ чанд бор пай дар пай ба сӯйи дарвозаи баста равона гашта будам ва модарам ҳар бор давон худро ба ман расонда, бо забони нарму ширини модарона маро оварда дар назди худ менишонид ва чун сараш ба чарху дукаш андармон мешуд (вай барои Устобобом ва шоҳибофони дигар найчаи муздӣ меандохт), ман аз ғафлати ӯ истифода намуда боз рӯ ба дарвоза медавидам. Оқибат ҳавсалаи он фалакзада ба сар омада, маро дар пушти дарвоза дошта гирифту тозон ба хона даровард, аз сари ғазаб маро сахт ба замин кӯфта нишонид ва гӯё дарҳол аз ин ҳаракати хашмгинонаи худ нисбат ба ҷигаргӯшаи азизаш пушаймон гашта, бо чашми ашкбор ва садои ларзон гуфт:

-Эй гавҳараки чашми модар, раҳме ба ҳоли модари зорат намекунӣ? Падарат омада, туро дар пушти дарвоза бинад, маро накушта намемонад, охир!...” [1, с.5].

Ба ин тартиб, нависанда дар боби аввал, ки аз нуҳ фасл иборат аст, дар доираи воқеаи хонаводагӣ ҳодисаҳои гуногунро ба тасвир гирифта, ба ин васила амалу кирдор ва хислати хонаводаи Алиҷон-падари Ҳасанро ба хонанда менамоёнад, ки арзиши фаровони ахлоқӣ дорад.

Доираи мавзӯъ ва мундариҷаи ин роман фақат бо тасвири зиндагӣ ва амалу кирдори шахсиятҳо маҳдуд нашуда, саҳнаҳои пуртаҳарруки таърихи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла шаҳрҳои Самарқанд, Хуҷанд, Хӯқанд, Марғелон ва Намангонро низ дар бар гирифтааст. Аз ҷумла, нависанда дар роман зиндагии тоинқилобии аҳли касабаи Осиёи Миёна ва Хуросонро бо камоли диққат тасвир кардааст, ки собиқа надорад. Нависанда ҳаёти иҷтимоӣ, меҳнати тоқатфарсо, омилҳои ба муфлисӣ гирифтор шудани аҳли касб ва бо таъсири инқилоби солҳои 1905-1907 ва иттиҳоди коргарони гуногунмиллат, матбааи Самарқанд, корпартоии умумии онҳо (дар мисоли образи Иван-Абдурраҳмон), бо ҳам иттифоқ шудани намояндагони ҷудогонаи аҳли касабаро муфассал ба тасвир гирифтааст. Ба ифодаи дигар, дар роман талоши доимии аҳли касаба, аҳливу тифоқӣ, якдигарро дастгирӣ намудани онҳо, ки дар бунёди дӯконхонаи ҷамоатӣ зоҳир мешавад, воқеъбинона ба тасвир омадааст. Нависанда дар матни воқеияти рӯзгор омилҳо ва заминаҳои рушди ҷомеаи Осиёи Марказиро ҳам аз назари иқтисодӣ ва ҳам ақидативу мактабу маориф бо камоли дақиқназарӣ ва ҳолишиносӣ тасвир ва таъбир кардааст, ки аз назари фарогирии воқеаҳо, тасвир ва тафсири вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва сатҳи маънавии ҷомеа бесобиқа мебошад.

Чунонки ишора шуд, нависанда дар боби аввали роман хонандаро бо вазъи иҷтимоиву ахлоқии хонадони падариаш, ки барояш зиндони воқеӣ буд, шинос карда, дар замина ҷараёни зиндагӣ ва касбу кори падару модарашро низ тасвир мекунад. Хонандаи огоҳ аз тасвирҳои нависанда зуд дармеёбад, ки аз ибтидо падар ва модари Ҳасан аз аҳли касб-аз хонаводаи шоҳибоф будаанд. Номи роман низ ба он ишораи саҳеҳ дорад. Аз ин ҷиҳат, дар роман ҷойгоҳи хос доштани зиндагии тоинқилобии косибони Самарқанд ва водии Фарғона ҳодисаи тасодуфӣ нест. Муаллиф талош кардааст, ки воқеаҳои муҳимми ҳаётии сарнавишт ва амалу кирдори косибонро тасвир карда, ба ин васила пастиву баландии рӯзгори шахсиятҳои осорашро бо тамоми ҷузъиёташ равшан созад. Масалан, ба зиндон монанд кардани хонаи падар, ки санадаш дар боло иқтибос шуд, баёнгари рӯзгори тира, ахлоқу маънавиёт ва беҳуқуқии инсон дар он рӯзгор мебошад, ки бисёр дардовар ба тасвир омадааст. Муколамаи падар бо писар, ки дар зайл нақл мешавад, баёнгари вазъи номусоиди иҷтимоиву маънавии инсон дар он рӯзгор буда, нависанда бо тамоми ҷузъиёташ ба тасвир кашидааст.

“-Дадаҷон, чӣ сирре ё ҳикмате дар ин бошад, ки шумо модаронамро ин қадар фишор дода, ҳатто баъд аз чиҳилсолагӣ ҳам онҳоро ба ҳеҷ маърака-мавриди занона намегузоред?

-Писарам, дар ин кор хеле ҳикмати дақиқе ҳаст. Ту бача ҳастию намедонӣ: аввал ин ки ҳаргиз набояд бигзорӣ зери чашми зан хушк гардад. Агар ба рӯйи зан хандидӣ, ӯ филфавр дандонатро мешуморад ва дигар ҳарифаш намегардӣ. Зан, ки тарс аз чашмаш дур гардид, дигар вой ба ҳоли он мард. Зан аз хушхулқии мард маст мешавад. Зан, ки маст шуд, дигар нафси худро саришта карда наметавонад-лаҷоми номус аз дасташ мегурезад... Зане ҳам, ки қадаме каҷ гузошт, дигар ҳаргиз қадамаш рост нахоҳад шуд... Пас марди дурандеш бояд ҳамеша Азроил барин чангаки ҷонситонашро дар болои сари зан ларзонда

истад, то зан ҳар дақиқа маргро дар болои сар муҳайё ва аз мижгони чашмаш наздиктар бинад...” [1, с.43].

Ҳасан Ирфон дар роман ба масъалаи таъсири инқилоби русии соли 1905 ба ҳаракати милливу озодихоҳии мардуми Осиёи Миёна таваҷҷуҳи хос зоҳир карда, дар бобҳои “Рӯзе аз инқилоби соли 1905”, “Иван-Абдурраҳмон” ва ғайра ҷараёни таъсиргузории онро тасвир кардааст. Муаллиф ба воситаи образи “Иван, ки падари Ҳасан-Алиҷон ба вай либоси миллӣ пӯшонида ӯро Абдурраҳмон номида буд,” таъсиргузории ҳаракати озодихоҳии русро дар кори паҳн намудани ғояҳои инқилобӣ дар муҳити Осиёи Миёна таъкид менамояд.

Романи “Дар кулбаи косибон”-ро метавон қомуси ҳунари он рӯзгор номид, ки дар он нависанда на фақат дар бораи корхонаҳои ҳунарӣ маълумоти фаровон овардааст, балки симои косибони Ҳирот, Самарқанд ва дигар шаҳрҳои Осиёи Миёнаро ба хубӣ тасвир намудааст. Нависанда хислатҳои муҳимми аҳли касаба, аз ҷумла ҳалолкорӣ, ҳунармандӣ, меҳнатдӯстиву рафоқат ва ҳамдилӣ ба ҳамкоронро дар симои Устомадризои бофандаи гулдаст бо камоли ҳунар таҷассум намудааст.

Дар роман нависанда ба мавзӯи дигар, бунёди мактабҳои нав ва аввалин муаллимони он, бартарии барномаҳои таълимӣ, дарачаҳои маълумотгирӣ ва тарзи таълим дар макотиби он рӯзгор таваҷҷуҳ карда, бо камоли диққат симои нахустин муаллимону танзимдиҳандагони мактабҳои нави тоҷикӣ-Ҳоҷӣ Шайх, Саидризо Ализода, Мирзоҳалим, Абдуқодир Шакурӣ, Исматулло Раҳматуллозодаро, ки аз озодфикрону ҷоннисорони роҳи маърифати халқ буданд, офарида, дар ин замина маълумоти саҳеҳ меоварад ва аҳамияти корномаҳои ононро барои имрӯзу оянда таъкид менамояд.

Романи “Дар кулбаи косибон” маводи фаровони этнографӣ, топографӣ, таърихиву адабӣ, касбӣ, ҷуғрофӣ ва диниро низ фаро гирифтааст, ки бар арзиши сарчашмашиносии он таъкид дорад. Усули тасвири нависанда низ вобаста ба воқеаҳои тасвиршуда хусусияти хос дошта, аз ҷанбаҳои тарҷумаиҳолӣ, илмӣ, воқеанигорӣ, нақли саргузаштҳо, унсурҳои ҳангомаписандӣ ва гоҳо романтикӣ ба ҳам омадаанд. Нависанда дар роман аз қиссаҳо, тамсилоту ривоят, шеъри классикӣ ва зарбулмасалу мақол низ барои тақвияти усули тасвир ва ғояи асар ҳунармандона истифода кардааст, ки омили тақвияти ҷанбаи бадеии асар мебошанд.

Ба ин тартиб, романи “Дар кулбаи косибон”-и Ҳасан Ирфон дар роҳи тадқиқи бадеии воқеият ва шахсияти инсон баъди “Ёддоштҳо”-и Айнӣ ва “Субҳи ҷавонии мо” қадами наве дар таърихи насри навини тоҷик буда, бунёди маънавӣ ва сохтори бадеии насрро амиқтар сохт, ки метавонад ҳамчун таҷрибаи муваффақи ҳунарӣ мавриди таваҷҷуҳ бошад.

Муқарриз: ***ҲамроевА.З.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

А Д А Б И Ё Т

1. Ирфон, Ҳасан. Дар кулбаи косибон / Ҳасан Ирфон. - Душанбе: Ирфон, 1964. - 415с.
2. Қамаров, А. “Дар кулбаи косибон”-романи тарҷимаиҳолӣ / А.Қамаров // Маҷмӯаи асарҳои илмии аъзоёни кафедраи забон ва адабиёти тоҷик. – Университети давлатии Самарқанд ба номи Алишер Навоӣ. Серияи нав. - 2013. - С.72-76.
3. Наҷафӣ, А. Масъалаи амонат дар тарҷума / А. Наҷафӣ. - Нашри дониш, соли 6, шумораи 4. – Хурдод ва тири 1365. – С. 3-13.
4. Николаев, П.А. История русского литаратуроведения / П.А. Николаев, А.С. Курилов, А.Л. Гришунин. – Москва: Висшая школа, 1980. – 349 с.
5. Нойдо, Ю. Нақши мутарҷим / Ю. Нойдо. - Нашри дониш, соли 6, шумораи 4. – Хурдод ва тири 1365. – С.15-29.
6. Турсунзода, М. Адабиёти тоҷик дар мубориза барои идеалҳои коммунизм / М.Турсунзода // Садои Шарқ, 1966. – №5. – С.49-81.
7. Улуғзода, С. Серталабӣ ва ғамхорӣ / С.Улуғзода // Садои Шарқ, 1966. – №5. – С.117-122.
8. Фёдоров, А. В. Основы общей теории перевода (лингвистические проблемы) / А.В. Фёдоров. – Москва, 1983. – 264 с.
9. Ҳамидзода, Ҳ. Ҳасан Ирфон / Ҳ.Ҳамидзода // Маориф ва маданият, 1964. – 4-уми июл.
10. Ҳошим, Р. Горкий дар забони тоҷикӣ / Р.Ҳошим // Солҳо дар саҳифаҳо: Мақолаҳо ва ёддоштҳо. – Душанбе: Ирфон, 1988. - С.221-227.
11. Шукуров, М. Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ / М.Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 456 с.
12. Шукуров, М. Паҳлуҳои таҳқиқи бадеӣ. Баъзе масъалаҳои адабиёти ҳозираи тоҷик / М.Шукуров. - Душанбе: Ирфон, 1976. – 273 с.

13. Шукуров, М. Жанри таърихӣ ва худогоҳии халқ / М.Шукуров // Пайвади замонҳо ва халқҳо. - Душанбе: Ирфон, 1982. – С. 159-168.
14. Юнусов, К. Сотим Улуғзода ва повести тарҷумаиҳолии ӯ “Субҳи ҷавонии мо” / К.Юнусов. - Душанбе: Ирфон, 1968. – 126 с.
15. Энциклопедияи советии тоҷик. Ҷилди 3. - Душанбе, 1981. – С.514-515.

ГУЗАШТАЕ, КИ ҲАМЕША БО МОСТ

Дар мақола яке аз асарҳои бадеии Ҳасан Ирфон романи “Дар кулбаи косибон” аз ҷиҳати сохтори мундариҷавӣ ва жанрӣ таҳқиқ ва арзёбӣ шуда, моҳияти ҷустуҷӯҳои бадеии нависанда муайян ва мушаххас гардидааст, ки баёнгари мавқеи ин асар дар насри навини тоҷик мебошад. Муаллиф дар мақола хусусиятҳои ёддоштӣ ва усули тасвири шахсиятҳо ва санадҳои воқеии таърихиро дар роман бо шинохти мушаххасоти ҳадафҳои ғоявию бадеии нависанда муайян намуда, дар радифи “Ёддоштҳо”-и устод Айнӣ ва “Субҳи ҷавонии мо”-и Сотим Улуғзода нахустин намунаи муваффақи жанри тарҷумаи ҳоли бадеӣ будани “Дар кулбаи косибон”-ро собит намудааст. Дар мақола муаллиф бо таҳқиқи муқоисавӣ муайян намудааст, ки романи “Дар кулбаи косибон” асари тарҷумаИҳолӣ буда, нависанда бо корбурди суннатҳои ёддоштнависии дар таърихи адабиёти тоҷик шоеъ дар эҷоди ин асар зинаи нави ташаккул ва таҳаввули ин жанрро таъмин кардааст. Нависанда ин асарро роман гуфта бошад ҳам, аз нақли ёддоштҳо ва тасвири воқеаҳое, ки адиб шоҳиди бевоситаи онҳо будааст, иборат мебошад. Муаллиф дар заминаи таҳлили мушаххас қаробати ин асарро ба жанри роман дар заминаи усули тасвир, хусусияти бадеӣ ва истифодаи ҳадафмандонаи сувари хаёл мушаххас сохтааст.

Калидвожаҳо: Ҳасан Ирфон, роман, ёддоштҳо, бадеӣ, асар, адиб, жанр, замина, муаллиф, тасвир.

ПРОШЛОЕ ВСЕГДА С НАМИ

В статье исследуется и оценивается одно из художественных произведений Хасана Ирфона в романе «В доме ремесленников» с точки зрения содержания и жанровой структуры, выявляется и уточняется сущность творческих поисков писателя, отражающая положение этого произведения в современной таджикской прозе. Автор в статье описывает особенности заметки и способ описания. В статье автор выявляет особенности мемуаров и приемов изображения личностей и реальных исторических документов в романе, признавая специфику идейно-художественных целей писателя. Доказана артистичность «В доме ремесленников». В статье автор путем сравнительного исследования констатирует, что роман «В хате ремесленников» является переводным произведением, и автор, используя традиции мемуаров в истории таджикской литературы, предусмотрел новый этап в становлении и эволюция этого жанра. Хотя автор называет это произведение романом, оно состоит из повествования и описания событий, свидетелем которых был писатель воочию. На основе конкретного анализа автор выясняет отношение этого произведения к жанру романа, с точки зрения способа изображения, художественного характера и целенаправленного использования воображения.

Ключевые слова: Хасан Ирфон, роман, мемуары, искусство, произведение, писатель, жанр, предыстория, автор, описание.

THE PAST IS ALWAYS WITH US

The article examines and evaluates one of the works of art of Hasan Irfon in the novel "In the House of Craftsmen" from the point of view of content and genre structure, reveals and clarifies the essence of the writer's creative searches, reflecting the position of this work in the modern world. Tajik prose. The author in the article describes the features of the note and the way of description. In the article, the author reveals the features of memoirs and methods of depicting personalities and real historical documents in the novel, recognizing the specificity of the ideological and artistic goals of the writer. The artistry of In the House of Craftsmen has been proven. In the article, the author, through a comparative study, states that the novel "In the House of Craftsmen" is a translated work, and the author, using the traditions of memoirs in the history of Tajik literature, foresaw a new stage in the formation and development. evolution of this genre. Although the author calls this work a novel, it consists of a narration and description of events that the writer witnessed with his own eyes. On the basis of a specific analysis, the author finds out the relationship of this work to the genre of the novel in terms of the method of depiction, artistic character and purposeful use of the imagination.

Key words: Hasan Irfon, novel, memoirs, art, work, writer, genre, prehistory, author, description.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Боронов Умедҷон Хуҷамуродович*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, муаллими калони кафедраи назарияи тарҷума ва услубшиносӣ **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 121. Тел.: **(+992) 901-03-00-25**

Сведение об авторе: ***Боронов Умеджон Худжамуродович*** - Таджикский государственный педагогический университет им. С.Айни, старший преподаватель кафедры теория перевода и стилистики. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистн, г.Душанбе, пр.Рудаки 121. Тел.: **(+992) 901-03-00-25**

Information about the author: ***Boronov Umedjon Khujamurodovich*** - Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, Senior Lecturer of the Department of Theory of Translation and Stylistics. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121. Tel.: **(+992) 901-03-00-25**

УДК: 891.550

СИМОИ МАНИЖА ДАР “ШОҲНОМА”-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

Ашурова Н.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Баъзан адабиётшиносон жанри ҳамосасароиро мехоҳанд аз ошиқонАсароиҳо дар ҷудоӣ бингаранд, ки ба гумони мо чунин фаслсозии қатъии жанрҳо на он қадар дуруст мебошад. Албатта, ҳамоса ба шарҳи диловарӣ ва паҳлавонии мардон дахл дорад ва дар он вуҷуд ва амалҳои занон бегона аст. Аммо ба ҳар ҳол занон бахше аз зиндагонии паҳлавонон ва қаҳрамононанд. Бигзор онҳо дар намодҳои асосии ҳамоса ҷой надошта бошанд ҳам дар баъзе ҷойҳо онҳо кушояндаи гиреҳҳои асосии ҳамосаҳо мебошанд.

Чунончи мо метавонем бисёре аз достонҳои ҳамосии «Шоҳнома»- ро зери таҳлил қарор дода, магар метавонем ҷойгоҳи Рудоба, Таҳмина, Манижаро кам бубинем. Ин ҳар се зан шоҳзода мебошанд ва дар сарнавишти худ нақши асосӣ доранд. Онҳо бо паҳлавонон ишқварзӣ мекунанд ва ба сарнавишти худ бетафовут намебошанд. Дар ин росто достони «Бежан ва Манижа» дархӯри баъзе унсурҳое мебошад, ки ба назари мо аз ишқварзиҳои Рустам ва Таҳмина ва достони «Зол ва Рӯдоба» зеботар мебошад.

Достони “Бежан ва Манижа” аз ошиқонасароиҳое мебошад, ки гӯё Ҳакими фарзона нияти ба ҳам пайвастани ду дилдодаро надорад, зеро ӯ бо хоҳиши мардуми шаҳр ва фармони шоҳ Кайхусрав барои аз байн бурдани гурозоне, ки киштзорҳову чарогоҳҳои мардумро поймол карда аз байн мебурданд, пардохта буд. Аз байни паҳлавонон ду тан, яке Бежан ва дигаре Гургин омода мешаванд, ки бо гурозон биразманд. Дар роҳ Гургин мебинад, ки Бежан чолок аст ва хукону гурозонро ба танҳоӣ метавонад аз байн бибарад ва дар натиҷа номи ӯ бе асар монад, мехоҳад Бежанро аз пайкор бероҳа карда худ яктан бо гурозон биҷангад. Дар ҳамин маврид Манижа, духтари шоҳи Тӯрон Афросиёб бо чанд тан аз паричеҳрагон дар домани кӯҳсор ҷашнгоҳ ороста буд ва ба рақсу хӯшиҳо машғул буданд. Гургин бо ҳилаву афсун коре кард, ки Бежанро ба ҷашнгоҳ баранд ва чун Бежан бо Манижа дар рӯёрӯйи ҳамдигар афтоданд, барқи ишқ бар танашон таъсир карда ниҳодашонро оташ фаро гирифт. Бежан чунон гирифтори ишқи Манижа гашт, ки се рӯз дар хаймаи ӯ монд. Ин хабар ба Афросиёб расид ва шоҳ аз густохии Бежан ва Манижа дар ғазаб омада Бежанро ба чоҳ афканд.

Гургин ба назди Кайхусрав баргашта дандонҳои гурозонро ба шоҳ нишон дод, вале Кайхусрав аз пирӯзии Гургин чандон изҳори хушнудӣ накард ва аз вай хост ҳақиқати ҳолро барояш бозгӯ намояд. Гургин дар ҷавоб ба саволи шоҳ лол монд ва шоҳ донист, ки кадом сире дар ин ҷо ниҳон аст. Ва чуноне аз достон медонем, Гев падари Бежан чун мебинад, ки аз писараш хабаре нест, назди шоҳ Кайхусрав шитофта, хоҳиш мекунад, ки шоҳ дар Ҷоми ҷаҳоннамо бингарад. Ва ба дастури Кайхусрав, пас аз расидани Наврӯз ба Ҷоми Ҷам нигариста, пай мебаранд, ки Бежан дар чоҳи торике зиндонӣ аст. Бо дастури шоҳ Рустам либоси бозаргонӣ пӯшида бо корвони бозаргонон ба пеши чоҳи Бежан меояд ва духтари зебоеро мебинад, ки хору зор дар назди чоҳ нишастааст. Рустам санги вазнини сари чоҳро бардошта, бо ёрии Манижа Бежанро аз чоҳ берун дармеоварад.

Бузургии Ҳаким Фирдавсӣ дар он аст, ки мобайни достонҳои хислати ҳамосидошта, вобаста ба ҷангу кушторҳо, як саргузашти ошиқонаи инсониро устодона ҷой медиҳад. Яке аз вижагии ҳамосароии Ҳаким Фирдавсӣ дар он аст, ки ба ҳангоми тасвири қаҳрамониҳои намоди ҳамосавӣ, муносибати ҷавонмардонаи ӯро бо зан, эҳсосоти ботинии ҷавонмарди силаҳшӯрро намоён месозад. Ҳамон гуна ки Бежан метавонист аз дасти дастгиркунандагонаш раҳоӣ ёбад, вале чун фикр мекунад, мабодо ба Манижа осебе бирасад, худро ба дасти лашкариёни Афросиёб месупорад.

Ин нуктаро низ мебояд ёдовар шуд, ки аслан нигоҳи Ҳаким Фирдавсӣ ба зан ва ишқ дар саросари «Шоҳнома» мусбат аст, ба ҷуз дар мавриди бозтоби намоди Судоба.

Бад - ин тартиб метавон натиҷагирӣ кард, ки занони «Шоҳнома» дар нисбат бо занони асарҳои дигари адабиёти форс - тоҷик ва умуман Шарқ озоду фаъолтар мебошанд. Ҳамчунин ишқ дар «Шоҳнома» - и Ҳаким Фирдавсӣ афсонагуна ва чун асотири Юнони бостон осмониву хаёлӣ нест, балки заминӣ аст. Ҳаким Фирдавсӣ низ дар тавсифи ишқи хатту холу сӯзу гудози дилдодаҳо чун дар ошиқонасароиҳои дигар сатрҳои бешуморро пур намекунад. Паҳлавонон асосан дар мавриди иҷрои супорише тасодуфан чашм ба

дӯшизаи, ё шоҳдухтари тарафи муқобил вохӯрда ба ӯ дил мебандад. Бо ин ҳама аз шайдоиву дилдодагии худ масъулияти хешро дар назди меҳану шоҳ фаромуш накарда, дар пайи анҷоми кору пайкор мебошанд ва хостҳои меҳандориро аз хостҳои шахсӣ баландтар медонанд.

Чуноне гуфта шуд, дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ чанд тан аз занон бо нишон додани хислатҳои садоқатмандию вафодорӣ, шуҷоатмандию далерии худ дар роҳи ишқ ба ҳам монанд мебошанд. Ба монанди Рудоба, Таҳмина, Манижа, Фарангис, Ширин, ки тимсоли занони вафодору сарсупурдаи достон дар ин роҳ мебошанд.

Достони «Бежан ва Манижа» пас аз достони «Зол ва Рудоба» дуюмин достонест дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ки мавзӯи ишқ дар он фарогир мебошад.

Достонҳои ошиқонаи таркиби “Шоҳнома” дар маҷмӯъ ду роҳи ифода доранд: а) ба сурат пароканда дар миёни бахшҳои дигари асар ҷой дода шудаанд ва б) ҳамчун достони мустақил дар таркиби “Шоҳнома” дида мешаванд [3, с.5]. Вижагии муҳимми ин достонҳо бо ҳамоса дар ҳам омехта шудани мавӯи ишқ мебошад, ки достони “Бежан ва Манижа” дар байни чунин достонҳо қарор дорад. Қасди ба ҳам расидани Бежан ва Манижа, нисбат ба дигар лаҳзаҳои ошиқонаи “Шоҳнома” шомили печидагиҳову гиреҳхӯрданҳо ва моҷароҳои қавмиву хонаводагӣ мебошад, ки тариқи ҳалли низоъҳо дар достон ба навъе намоёнгари ҳувияти миллии мардумони эронинажод мебошад. Дар баробари моҷароҳои ишқӣ дар ин достон ба масъалаҳое таваҷҷуҳ шудааст, ба мисли тақдири инсон, додхоҳӣ, инсонпарварӣ, ватанхоҳӣ, мардумшиносӣ, муносибати байни падару писар, моҷарои падару духтар, муносибати байни подшоҳоне, ки ба ҳам ихтилоф доранд ва расму ойини ҷории замон, ки ҳама бунёди иҷтимоӣ доранд.

Дар масъалаи ишқ ва гирифтории ду ҷавон Фирдавсӣ ниҳоят устодона сухан оростааст. Дар достони «Зол ва Рудоба» мақсад издивоҷ аст, аммо дар достони «Бежан ва Манижа» дилдодагон гирифтори шавқи висол буда, дигар неку бадро намешиносанд, ба айшу ишрат дода мешаванд. Вақте ки ин гуна хоҳишҳо қувват меёбанд, инсонро аз андозаи меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳатто аз русуми инсонӣ ва хонаводагӣ берун мебаранд. Ин ҳам як сифати ахлоқи одамист, ки танҳо санҷишҳо ва тобовариҳо дар роҳи ишқи ҳақиқӣ пеши роҳи камандешагӣ ва булҳавасии давраи шӯру шавқи ҷавониро мегирад. Айёми ҷавонӣ замони ишқу меҳр ҷустан аст ва бо ин ду ҷавон ҳамин чиз рӯй додааст. Бежан дар дидаи Манижа аз мардуми дигар болотар аст ва касеро ҳамтои ӯ надидааст. Бежан ҳам чеҳраи духти Афросиёбро дидан мехоҳад. Алоқаи ин ду ҷавон дар ибтидо берун аз одобу русум сурат мегирад, ки боиси ғазаби падари Манижа – шоҳ Афросиёб ва муҷозот дидани ҳар ду дилдода мегардад.

Дар ҳар аҳде ва дар ҳар қавме порсоиву тамкинӣ аз бузургтарин сифатҳои зан дониста шудааст. Дар фарҳанги гузаштагони мо нигоҳ доштани иффату покдомании зан, бавижа то ба шавҳар расидан дӯшиза мондан, гувоҳи покиву одоби ӯ мебошад. Ҳаким Фирдавсӣ дар ин маврид пайваста ишора менамояд:

Бар ӯ пирмард офарин карду гуфт,
Ки “Ин духтарони маро нест ҷуфт.
Расида бад-ин сол, дӯшизаанд,
Ба дӯшизагӣ низ покизаанд” [10, с.108].

Дар «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ дар фасли «Фиристодани Қайсар лашкар ва духтар назди Хусрави Парвиз» ин нукта оварда шудааст, ки Қайсари Рум, ки духтарашро ба Хусрави Парвиз ба занӣ медиҳад, ба ӯ супориш медиҳад, ки мабодо шоҳ дар роҳ бар ӯ даст ёбад:

Бад-ӯ гуфт: “То марзи эрониён
Нигаҳ дору макшой банд аз миён.
Бараҳна набояд, ки Хусрав туро
Бубинад, ки коре расад нав туро” [11, с.57].

Дар фарҳанги мардумони ориёитабор нигаҳдории иффати занони хонавода на танҳо ба уҳдаи худи занон, инчунин, ба зиммаи мардони хонадон – падар ва бародарон гузошта мешуд. Духтаре, ки монанди Манижа гунаҳкор ба беиффат мегашт, ба сахттарин ҷазо гирифтор мешуд.

Дар достони «Бежан ва Манижа» чунин тасвир шудааст, ки Манижа –духтари подшоҳи Тӯрон мисли дигар шоҳдухтарони нозпарварда дар аввал рӯзгори худро бо базму айшронӣ мегузаронад. Дар саҳро ҷашнгоҳи махсус дошта, бо як дидани Бежан ошиқаш мешавад. Ба воситаи доя дилдодагон роҳи дидору алоқа меҷӯянд. Кулоҳи

базмгоҳии падарашро, ки аз ӯ ҳама базмгоҳ равшан мешуд, пӯшида, либоси румии рахшанда дар бар карда ба хаймаи духтар меояд. Вақте Бежан ба хаймаи духтар медарояд, ин ҳол рӯй медиҳад:

Ба парда даромад чу сарви баланд,
Миёнаш ба зарринкамар карда банд.
Манижа биёмад, гирифташ ба бар,
Кушод аз миёнаш каёнӣ камар.
Бипурсидаш аз роҳу аз кору соз,
Ки бо ту кӣ омад ба ҷанги гуроз?
Бишустанд пояш ба мушку гулоб,
Гирифтанд аз он пас ба хӯрдан шитоб [9, с.362].

Чи тавре ки аз кирдори Манижа пайдост, ӯ дар ишқварзӣ пешраву фаъол аст. Манижа меҳмони бегонаи эронии худ – Бежанро бо рӯйи хуш, иштиёқи тамом ва қаноатмандӣ пешвоз гирифта, базми духтарона меорояд:

Нишастангаҳи руду май сохтанд,
Зи бегона хиргаҳ бипардохтанд...
Майи солхӯрда ба ҷоми булӯр
Бароварда бо Бежани Гев зӯр [9, с.363].

Дар ин тасвир озодии ирода доштани Манижа, ба урфу одат ва қаҳру ғазаби падар ва гуфтаи мардум эътибор надодани ӯ намудор шудааст. Нақши Манижа бо Бежан монандӣ дорад. Вай духтари подшоҳи бузурги Тӯронзамин Афросиёб аст, бо базму ишрат вақти худро мегузаронад. Аммо дар марҳилаи аввал аз рӯйи ҳавас, худхоҳӣ ва майли хурсандию шодкомӣ ба ишрат машғул шудани ӯ ва ба фиреб, дар ҳолати мадҳушӣ ба дарбор овардани Бежан далели кӯтоҳандешии Манижа мебошад.

Пас аз чанд рӯзро бо шодию нишот паси сар кардани дилдодагон аз ин ҳол Афросиёб огоҳ шуда, ҳар дуро ҷазо медиҳад. Ӯ аввал дастури куштан ва сипас бо таъсири сухан ва хоҳиши Пирони ботадбир ба чоҳ андохтани Бежанро амр мекунад ва сипас мегӯяд, ки Манижаро

Бараҳна кашонаш, бубар то ба чоҳ,
Ки дар чоҳ бин, он ки дидӣ ба гоҳ.
Баҳораш туӣ, ғамгусораш ту бош,
Дар ин тангзиндон завораш ту бош.
Бубар зуду ӯро ба Бежан супор,
Бимон, то бимиранд ҳар ду ба зор [9, с.384].

Афросиёб аз беобрӯ шудани худ ба Пирон шиква мекунад:

Ки Бежан надонӣ, ки бо мо чӣ кард,
Ба Эрону Тӯрон шудам рӯйзард.
Набинӣ, к-аз ин беҳунар духтарам,
Чӣ расвоӣ омад ба пиронсарам?
Ҳама номи пӯшидарӯёни ман
Зи парда бигустард бар анҷуман,
К-аз ин нанг то ҷовидон бар дарам
Бихандад ҳама кишвару лашкарам [9, с.381-382].

Падар хатои духтарро барои худ бенангӣ ва бешарафӣ мешуморад:

Маро чашм агар тира гаштӣ ба ҷанг,
Беҳ астӣ зи дидори ин рӯзи нанг [9, с.384].

Ба духтар ва дилдодааш муҷозоти шадид: якеро аз мақоми шоҳдухтарӣ маҳрум, бо тани бараҳна ва дасти тиҳӣ ба берун ва дигареро ба чоҳ меандозад ва духтар доштанро, агар шоҳ бошад ҳам, бадбахтӣ мешуморад:

Киро аз паси парда духтар бувад,
Агар тоҷ дорад, бадахтар бувад [9, с.366].

Ин қоидаи ҳар як хонадони шарқӣ мебошад ва Фирдавсӣ русуми эронӣ ва замони худашро дар онҳо тасвир кардааст.

Дар давраи аввал муносибати Бежану Манижа ноандешида ва аз ҳавои ҷавонӣ сар задааст. Агар чунин намебуд, ӯ як ҷавони бегонаро пинҳонӣ ба дарбори падараш намеовард. Аммо рафтори Манижа пас аз ба чоҳ афкандани Бежан ва ғорати дороии шоҳдухтар шоёни ибрат мебошад.

Муҳаққиқ Абдолов Н. дар мавриди ба ишқи ҳақиқӣ табдил ёфтани ишқи Бежану Манижа ва садоқату вафодории ин духтари соҳибирода дар роҳи ишқ чунин овардааст: «Дар давраи аввал муносибати Манижа бо Бежан аз рӯйи ҳавас, худхоҳӣ ва майли хурсандию ишрат аст. Баъдан муносибаташ ба Бежан ба самимият ва дӯстдорӣ табдил меёбад. Манижа ба ҳоли бенавоии худ ба хотири Бежан қаноат мекунад, бо луқмаи гадоӣ Бежанро бо ғизо таъмин мекунад. Манижа барои ёфтани роҳи халосии Бежан ба суроғи эрониён меравад, аз Рустам, ки ба шакли бозаргон омада буд, суроғи падари Бежанро мекунад. Ба ин восита хабари дар чоҳ будани Бежан ба Рустам расонида мешавад. Манижа ба хотири ишқи Бежан аз мақоме, ки чун духтари шоҳ дошт, даст мекашад ва душмании доимии Эрону Тӯронро ҳам гӯё намебинад [1, с.70-71].

Нақши Манижа аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки ӯ ба мавқеи иҷтимоии худ, ки духтари шоҳи як мамлакати муқтадир аст, нигоҳ накарда, пас аз ба ғорат додани молу дороияш ва ҳатто бе луқмаи нон ва сарпаноҳ монданаш дар роҳи ишқ устувор мемонад, дилшикаста намешавад, ошиқи худро дар ночорию дармондагӣ ва бадбахтию навмедӣ танҳо намегузорад, бо дарюзагӣ дӯстдорашро аз ҳалокати гуруснагӣ наҷот медиҳад. Инсон дар ҳоли сахтӣ ба садоқату некӣ озмуда мешавад. Манижа озмоиши бузургеро аз сар мегузаронад. Ёри ояндаи ӯ ба чоҳи дар банди занҷир афтода ва санги азиме бар сари он чоҳ ниҳода шудааст. Дар чунин ҳоли навмедӣ каси ноустувор метавонад аз баҳри ёрӣ ва вафодорӣ бигзарад. Аммо Манижа навмед намешавад, ба ёраш кумак мекунад ва роҳи халосиро барояш меҷӯяд. Инро донишманди тоҷик Худоӣ Шарифзода “рамзи дар бечорагӣ меҳру садоқатро нигоҳ доштан” номидааст [13, с.233].

Вай аз омадани паҳлавони эронӣ, ки Рустам будани ӯро намедонист, истифода карда, дар бораи аҳволи Бежан ба вай хабар медиҳад:

Манижа хабар ёфт аз корвон,
Якояк ба шаҳр андаромад давон.
Бараҳнасар он духти Афросиёб
Бари Рустам омад ду дида пур об.
Ҳаме б-остин хуни мижгон бируфт,
Бар ӯ офарин карду пурсиду гуфт...
“Наёмад зи Бежан ба Эрон хабар?
Ниёяш нахоҳад будан чорагар?..
Кашида ба занҷиру баста ба банд,
Ҳама ҷома пурхун, аз он мустаманд.
Наёбам зи дарвешии хеш хоб,
Зи нолидани ӯ ду чашмам пуроб...
Манижа манам – духти Афросиёб,
Бараҳна надида танам офтоб” [9, с.438-442].

Манижа аз шахси ношинос хоҳиш мекунад, ки падару бобои Бежан ва паҳлавони эронӣ ӯро аз чоҳи зиндон халос кунанд. Рустам кӣ будани худро нагуфта, дар байни ду нон мурғбирён ва ангуштарини худро гузошта, бо Манижа ба Бежан мефиристад. Бежан дар чоҳ аз ангуштарӣ омадани Рустамро фаҳмида, аз шодӣ хандаҳои баланд мекунад. Манижа дар ҳайрат меафтад, ки магар ӯ девона шудааст. Бежан ӯро савганд медиҳад, ки агар ба касе нагӯяд, сабаби хандаи худро изҳор менамояд.

Фирдавсӣ бо ёрии ҷавоби Манижа ба бадгумонии Бежан аҳволи бади ӯро ба сифати садоқат ва вафодории вай тасвир намудааст:

Манижа чу бишнид, нолид сахт,
Ки “Бар ман чӣ омад зи бадхоҳ бахт.
Дареғо, ки шуд рӯзгорони ман,
Дили хаставу чашми гирёни ман-
Бидодам ба Бежан дилу хонумон,
Кунун гашт бар ман чунин бадгумон.
Падар гашта безору хешон зи ман,
Бараҳна давон бар сари анҷуман.
Ҳамон ганҷу динору тоҷу гуҳар
Ба тороҷ додам ҳама сар ба сар.
Аз уммеди Бежан шудам ноумед,
Ҷаҳонам сиёҳу ду дида сапед.

Бипӯшад ҳаме роҳ бар ман чунин,
Ту огоҳтарӣ, эй ҷаҳонофарин” [9, с.446].

Манижа ҷавоби Бежанро оварда, аз иқрори шахси эронӣ Рустам будани ӯро мефаҳмад ва бо маслиҳати вай амал карда, аз кӯҳ ба сари чоҳ ҳезум ҷамъ карда, оташ меафрӯзад, то ки сари чоҳ равшан шавад ва Рустам Бежанро аз чоҳ барорад:

Манижа ба ҳезум шитобид сахт,
Чу мурғон баромад ба шоху дарахт.
Ба хуршед – бар чашму ҳезум ба бар,
Ки то кай барорад шаб аз кӯҳ сар.
Манижа бишуд, оташе барфурӯхт,
Ки чашми шаби қиргунро бисӯхт [9, с.451].

Ҳамин тавр, Манижа бо кумаки Рустами Дастон ва Кайхусрав ва бо иродаи қавии худ дилдодааш Бежанро аз чоҳ озод карда ба мақсад мерасад. Ҳатто бо дастури шоҳи Эрон – Кайхусрав ҷойи дороиҳои аз ӯ рабудашуда аз хазинаи шоҳ ҷуброн мешавад.

Симои Манижа диққати ховаршиносони аврупоиро низ ба худ ҷалб кардааст. Донишманди маъруфи немис Теодор Нелдеке ба образи Манижа баҳои баланд дода, дар қиёс бо Гурдия ва ҳатто Гурдофарид симои Манижаро ҷолибтар мешуморад. Ба ақидаи вай, «...як шахсияти бисёр зебо шахсияти Манижа –духтари Афросиёб аст. Вай ба хотири Бежан, ки бисёр зуд дилдодаи ӯ шуда ва аз ин лиҳоз, ӯро ба бадбахтӣ афкандааст, аз тамоми зебоиҳо чашмпӯшӣ карда ва барои Бежан хӯроки зарурии зиндагониро ба гадоӣ ҷамъ мекунад. Аммо аз Манижа низ то вақте ки ҳатман аз лиҳози афсонасароӣ лозим ва заруре аст, сухан ба миён меояд» [8, с.161-162].

Мақсади Ҳаким Фирдавсӣ низ дар ҳамин аст, ки инсонҳо дар ҷавонӣ ба ҳам мепайванданд. Онҳо ба умеди оянда ва саодати якдигар бояд зиндагӣ кунанд. Агар ҳамин тавр рафтор кунанд, оқибат ба некию саодат мерасанд, ҳамчунон ки бо Золу Рудоба - дилдодагон, қаҳрамонони марказии достони “Зол ва Рудоба”-и Фирдавсӣ ва Бежану Манижа рӯй дод. Ҳам Рудоба ва ҳам Манижа дар роҳи ишқ бо амалу нияти нек қадам ниҳода, аз санҷиши сарнавишт бо сарбаландӣ гузаштанд, новобаста аз мушкилиҳо ба дилдодагони худ содиқу вафодор монда, барои саодати хеш кӯшиш намуда, охируламр ба мақсад расиданд.

Аз ин тасовир бармеояд, ки, дар ҳақиқат, консепсия ва идеали марказии эстетикии Фирдавсиро на инсони одӣ, балки шахсияти пурзӯр ва қаҳрамонҳои он ташкил додааст [2, с.89].

Агар дар тафаккури бадеии устод Рӯдакӣ ва як қатор шоирони асри Х зебоии инсон, пеш аз ҳама, аз рӯйи ташаккули маънавию ахлоқии он муайян шавад, барои Фирдавсӣ дар баробари зебоии маънавӣ инсони мубориз, инсони фаъол, эҷодкору тавоно ва мағлубнашаванда дар мадди аввал меистад, зеро нобиғаи андешаи баланд зебоии инсонро, пеш аз ҳама, дар далерӣ, шуҷоат, қаҳрамонӣ ва матонати ҳайратангези он мебинад. Чунин консепсияи шоирро дар баробари мардони майдони разм: Рустам, Сиёвуш, Пирон, инчунин, занон низ ба монанди Гурдофарид, Фарангис, Манижа, Гурдия барин шахсиятҳои достон ба хубӣ собит мекунанд, ки ҳар кадоме дар баробари зоҳир намудани шуҷоату қаҳрамонӣ боз ба покии маънавӣ низ мумтозанд.

Инсони ҳам маънаван пок ва ҳам ҷисман қавиро аввалин маротиба Ҳакими Тӯс дар «Шоҳнома»-и худ тасвир намудааст. Тасвири инсони маънаван поку мукаммал ва ҷисман қавию мубориз дар адабиёти асри Х то эҷоди шоҳкории Фирдавсӣ ба маънии пурраш вуҷуд надошт. Маҳз ба василаи шахсиятҳои офаридаи Фирдавсӣ “инсони қавирӯҳ ва шуҷоеро мебинем, ки ба майдони васеи мубориза ва қаҳрамонӣ ворид шудааст. Бузургиву ҷасорати адабӣ ва дар хусуси инсону бузургдошти он сухани нав гуфтани шоир ҳам дар ҳамин маврид ба хубӣ зоҳир мегардад” [12, с.110].

Набояд фаромӯш кард, ки барои ба мақсад расидани инсони маънаван поку мукаммал ва ҷисман қавию мубориз эҳсосоти муҳаббат, садоқату вафодорӣ ва ҳатто ҷасорату шуҷоат доштан кофӣ нест. Ҷавонон ҳангоми ба мушкилии сахт афтодан роҳи раҳо ёфтан аз онро намедонанд, ғамхории дигарон сабаби халосиашон мешавад. Фирдавсӣ бо ин достон ба мо мегӯяд, ки камбудии ҷавонон коре бахшиданӣ аст, ҳамчунон ки мардумон аз подшоҳ то дигар афроди ҷамъият бояд ба онҳо ёрӣ расонанд [14, с.229].

Чунонки дар боло оварда шуд, дар достони “Бежан ва Манижа” ғояи мардумшиносӣ ва иззату эҳтироми шахсият дар рафтори подшоҳ Кайхусрав ва ҷаҳонпаҳлавон Рустам ба мушоҳида мерасад. Шоҳ Кайхусрав вақте ки бо оинаи гетинамой дар куҷо будан ва ба

мушкилӣ афтодани Бежанро мефаҳмад, зуд ба ёрӣ ва кумаки ӯ Рустамро даъват мекунад. Дар ин ҷо ҳам мақсади подшоҳ ҳимояти шахс ва дар мушкилиҳо дастгирӣ кардани ӯст. Барои иҷрои ин кор ҳам подшоҳ молу гуҳар ва чизҳои қиматбаҳои зиёде ба Рустам медиҳад, то ки сафари ӯро ба баҳонаи тиҷорат пӯшонида бошад. Дар ин лаҳзаҳо назари мардумпарварӣ ва гуманистии Фирдавсӣ зоҳир шудааст. Ҳатто подшоҳ ба Бежан хостаи зиёде медиҳад, ки ба Манижа "духти равонхаста" бибарад. Бо фармони Афросиёб молу дороии Манижа ба ғорат рафта буд. Барои ҷуброни ин гирифторӣ ва осуда сохтани Манижа Кайхусрав ин иқдомро ба ҷой меорад, то ҷаҳонро онҳо ба шодӣ гузаронанд. Ин ҳам яке аз иқдомоти бисёр шоистаи инсонпарварона мебошад, ки саодату некии ду ҷавонро таъмин мекунад:

Бибахшиду бахшоиш овард сахт,
Зи дарду ғами духти гумбуда бахт.
Бифармуд сад ҷома дебои рум,
Ҳама пайкараш гавҳару зар-ш бум.
Яке тоҷу даҳбадра динор низ,
Парастандаву фаршу ҳар гуна чиз.
Ба Бежан бифармуд, к-"Ин хоста
Бубар сӯи духти равонкоста.
Ба ранҷаш мафарсою сардаш магӯй,
Нигар, то чӣ овардӣ ӯро ба рӯй [9, с.475].

Пас, ғояи асосии достон ин аст, ки ҳама бояд барои некӣ дар ҳаққи гирифторони бегуноҳ ва наҷот аз бадбахтиҳо бикӯшанд. Аз подшоҳи кишвар то ҷаҳонпаҳлавоне ба монанди Рустам, аҳли лашкар ва дигарон барои некӣ ва саодати як ҳамватани ба нокомӣ дучоромадаи худ бикӯшанд. Аз ин ҷиҳат, достони "Бежан ва Манижа" арзиши олии инсонӣ ва гуманистӣ дорад.

Гузашта аз ин, шоири бузург ба василаи нигориши симои Манижа як қатор масъалаҳои муҳимми зиндагӣ, аз қабили муҳаббат, садоқату вафодорӣ ва ҷасорату ҷоннисории занро дар роҳи расидан ба мақсуд вориди достон намуда, ба ин васила гуногунмавзӯии асарро таъмин намудааст. Ва бо ин метавон хулоса намуд, ки занон дар "Шоҳнома" на танҳо дар ишқу муҳаббат содиқ ва ҷоннисоранд, балки ишқу ошиқиро бо ҷасорату мардонагӣ ба ҳам пайвастаанд.

Муқарриз: ***М.Нарзиқул*** – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдолов, Н. Достонҳои ишқӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ / Н. Абдолов. – Душанбе: Сино, 2007. – 180 с.
2. Асроров, Ш. Достони «Сиёвуш» дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ: рисола барои дарёфти дараҷаи илмии ном. илмҳои фил. / Ш. Асроров.–Душанбе. – 1975.– 184 с.
3. Ашурова Н. Муқаддимаи зуҳури Рустам (Ҷустор дар сохтор ва хусусиятҳои ғоявию бадеии достони "Зол ва Рӯдоба"-и Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ). Рисолаи илмию тадқиқотӣ / Н. Ашурова. – Душанбе: Сино, 2014. – 140 с.
4. Бертелс, Е.Э. Таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ / Е.Э. Бертелс. –Душанбе: Эр-граф, 2015. – 584 с.
5. Бобокалонова Ҷ. Нақши занон дар номаи шоҳон / Ҷ. Бобокалонова. – Душанбе: Адиб, 1998. – 163 с.
6. Инсофпур, Ғуломризо. Ҳуқуқ ва мақоми зан дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ.– Теҳрон, 1355 – 120 с.
7. Иттиҳодия, М. Зан аз назари Фирдавсӣ / М. Иттиҳодия // Адабиёт ва санъат. – №10 (1617). – 3-юми марти соли 2012. – С.3.
8. Нелдеке, Т. Ҳамосаи миллии Эрон / Т. Нелдеке; тарҷумаи Бузург Алавӣ, бо муқаддимаи устод Саид Нафисӣ. – Теҳрон: Нигоҳ, 1379. – 239 с.
9. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ: таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – Ҷ.4. – 480 с.
10. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ: таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – Ҷ. 8. – 480 с.
11. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ: таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2010. – Ҷ.10. – 410 с.
12. Хокироев, Р. Сайри таҳаввули симои Сиёвуш дар адабиёти форсу тоҷик / Р. Хокироев. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 146 с.
13. Шарифзода, Х. Достонҳои бузурги "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ / Х. Шарифзода. - Душанбе: ЭР-граф, 2018. - 400 с.
14. Шарифзода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (аз аҳди қадим то оғози асри XIII) / Х. Шарифзода, М. Нарзиқул. – Душанбе: ТоРус, 2017. – 416 с.
15. Шофақирова, Р. Симои зан-модар дар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ / Р. Шофақирова: рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2004. – 160 с.

СИМОИ МАНИЖА ДАР “ШОҲНОМА”-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

Достони «Бежан ва Манижа»- и Ҳаким Фирдавсӣ яке аз достонҳои зебои «Шоҳнома» - и безавол мебошад. Гумон меравад шоири бузург дар ин достон ба исбот расонидааст, ки наметавон мобайни достонҳои хислати ҳамосӣ дошта, вобаста ба ҷангу кушторҳо, як саргузашти ошиқонаи инсониро ҷой надод. Дарвоқеъ, Ҳакими фарзона ба ҳангоми тасвири қаҳрамониҳои намоди ҳамосавидошта, муносибати онҳоро, эҳсосоти ботинии силаҳшӯронро бо зан, яке аз хислатҳои ҷавонмардӣ донистааст. Бад-ин тартиб, Фирдавсии бузургвор дар байни ҳамоса ва ошиқонасароиҳо «Садди искандарӣ» нагузоштааст. Вижагиҳои дигари ин достон дар он аст, ки ошиқ ва маъшуқа намояндагони ду кишвари бо ҳам душмани дар ҳолати ҷанг қарордошта мебошанд. Ҳамон гуна ки бузургон гуфтаанд «ишқ марзҳоро намепазирад» ва ин ошиқиҳову ҷуфтҷӯиҳо дар «Шоҳнома» фаровон ба чашм мехӯранд. Ба монанди ишқварзиҳои Зол бо Рудоба, Рустам бо Таҳмина, Гуштосп бо Катоюн, Сиёвуш бо Фарангис ва дигарон. Мебояд ба ин нукта таваҷҷуҳ дошт, дар ҳалли муаммоҳои зиндагии паҳлавонон, ки дар ҷараёни ишқварзиҳо ба миён меоянд, чеҳраи марказии «Шоҳнома» Рустами Дастон нақши асосӣ мебозад. Дар достони «Бежан ва Манижа» низ Манижа бо кумаки Рустами Дастон Бежанро аз чоҳ озод карда ба мақсад мерасад. Бад - ин тартиб метавон натиҷагирӣ кард, ки занон дар «Шоҳнома» на танҳо дар ишқу муҳаббат содиқ ва ҷоннисоранд, балки ишқу ошиқиро бо ҷасорату мардонагӣ ба ҳам пайвастаанд.

Калидвожаҳо: гурозон, чоҳ, зиндон, бозаргон, паҳлавон, шоҳ, ҷоми ҷаҳоннамо, духт, паҳлавон, достон, муҳаббат, садоқат.

ОБРАЗ МАНИЖЫ В “ШАХНАМЕ” АБУЛЬКАСЫМА ФИРДОУСИ

Поэма «Бежан иа Манижа»- Абулькасыма Фирдоуси является одним из прекрасных поэм бессмертного произведения «Шахнаме». Думается, что великий поэт в данной поэме доказал, что невозможно не поместить среди поэм о войне и убийства, любовную поэму. В действительности Великий Фирдоуси при изображении героизма героев своего произведения их чувства и отношение к женщине считает одним из достойных героических качеств. Таким образом, великий Фирдоуси между эпическим и любовным произведениями не ставил преграду. Другая особенность данной поэмы в том, что возлюбленный и возлюбленная являются представителями двух противоборствующих стран, которые находятся в положении войны. Как отметили достопочтенные мужи «любовь не признаёт границ и такие любовные истории очень часто встречаются в «Шахнаме» на примере любви Зола и Рудобы, Рустама и Тахмины, Гуштоспа и Катоюн, Сиёвуша и Фарангис и других. Нужно обратить внимание на тот факт, что в решении жизненных перепетий героев-богатырей поэмы, которые возникают в процессе их любовных похождений, главный образ «Шахнаме» Рустам играет основнубю роль. В поэме «Бежан и Манижа» также Манижа с помощью Рустама освобождает Бежана из колодца и достигает своей цели. Можно придти к результату о том, что женщины в «Шахнаме» нне только верны в любви, но также связывают любовь с мужеством и героизмом.

Ключевые слова: плавный, колодец, тюрьма, торговец, богатырь, шах, вольшебный кубок, дочь, поэма, любовь, верность.

IMAGE OF MANIZH IN “SHAKHNAM” OF ABULKASYM FIRDOUSI

The poem "Bezhan ia Manizha" - Abulkasim Firdousi is one of the wonderful poems of the immortal work "Shahnameh". It seems that the great poet in this poem proved that it is impossible not to place a love poem among the poems about war and murder. In fact, the Great Ferdowsi, when portraying the heroism of the heroes of his work, considers their feelings and attitude towards a woman to be one of the worthy heroic qualities. Thus, the great Ferdowsi did not put a barrier between epic and love works. Another feature of this poem is that the beloved and beloved are representatives of two warring countries that are in a state of war. As the honorable men noted, “love knows no boundaries and such love stories are very often found in“ Shahnama ”on the example of the love of Zola and Rudoba, Rustam and Takhmina, Gushtospa and Katoyun, Siyovush and Farangis and others. It is necessary to pay attention to the fact that the main image of the "Shahnameh" Rustam plays the main role in solving the life repertoires of the heroes-heroes of the poem, which arise in the process of their love affairs. In the poem "Bezhan and Manizha" Manizha also frees Bezhan from the well with the help of Rustam and reaches his goal. One can come to the conclusion that women in "Shahnama" are not only faithful in love, but also associate love with courage and heroism.

Key words: smooth, well, prison, merchant, hero, shah, volshebny cup, daughter, poem, love, fidelity..

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ашурова Нодира Ҷумаевна*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистика факултаи филология. **Суроға:** 735340, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯч. С.Сафарова 16. E-mail: **Shokhnoma@mail.ru**

Сведение об авторе: ***Ашурова Нодира Джумаевна*** - Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской литературы и журналистики филологического факультета. **Адрес:** 735340, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. С.Сафарова 16. E-mail: **Shokhnoma@mail.ru**

Information about the author: ***Ashurova Nodira Jumaevna*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Tajik Literature of the Philological Faculty. **Address:** 735340, Republic of Tajikistan, Kulyab, Str.S. Safarov 16. E-mail: **Shokhnoma@mail.ru**

УДК: 398.1(575.3)

ТАҲҚИҚИ ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛ ДАР АДАБИЁТИ ШИФОҲӢ ВА ХАТТӢ

Каримов Б.Ҷ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Аз жанрҳои маъмултарину серистеъмоли адабиёти шифоҳӣ ва хаттӣ зарбулмасалу мақол ба ҳисоб мераванд. Онҳо тӯли қарнҳои мадид аз донишу таҷриба, бардошт, маърифат ва хиради халқ, сарчашма гирифта, падид омада, шаклу мазмуни хоссеро ба худ гирифта, ҳам мустақилан ва ҳам ғайримустақил вориди нутқи мардум, бавижа ғайри адабӣ шуда, зебу зиннат, бадеият, муъҷазӣ, муҳтавои каломи бадеиро тақвият ва ғановат бахшидаанд.

Ин аст, ки олимони суханшинос чун Р.Амонов, Б.Тилавов, А.Афсаҳзод, Р.Ҳодизода, В.Асрорӣ, М.Фозилов, Р.Раҳмонӣ, С.Қосимов ва дигарон таваҷҷуҳи худро ба зарбулмасалу мақол равона карда, натоиҷи матлуб ба даст овардаанд, ки дар ҷараёни таҳқиқи мавзӯи мавриди назарамон аз он дастовардҳо ба таври дилхоҳ ёд хоҳем кард.

Дар адабиётшиносии тоҷик зарбулмасал ва мақол ҳамчун жанрҳои алоҳида қаламдод шудаанд. Вале дар адабиётшиносии Ғарб ин дуро як жанри адабӣ шумурдаанд. Чи дар адабиёти шифоҳӣ ва чи дар адабиёти хаттӣ вожаи зарбулмасал нисбат ба мақол пеш меистад, аммо дар гуфтори мардумӣ калимаи зарбулмасал қариб ки истифода намешавад. Барои ифодаи мафҳуми зарбулмасал калимаҳои «масал», «матал» ва «мақол» ба кор меравад. Дар навишт зарбулмасал якҷоя бо мақол меояд, яъне зарбулмасал ва мақол. Зарбулмасалу мақол умумияти бештаре доранд, баъзан онҳоро аз ҳам фарқ кардан душвор аст. Муҳаққиқ Б.Тилавов чунин андеша дорад, ки то ҳол умумият ва фарқияти зарбулмасалу мақол таъйин нашудааст, барои мисол: «Фарқи мақол аз зарбулмасал ин аст, ки дар мақол муҳокимаю хулосаи пандомӯз дида намешавад ва мақол танҳо аз тасвири образноки ягон ҳодисаи ҳаёт иборат аст. Масалан, дар мақоли «Нон дар нондон, калидаш дар осмон» фақат сурати воқеа зикр шудааст, аммо хулоса аз он бароварда нашудааст» [21, с.51].

М.Фозилов инро зарбулмасал шуморидааст: шахсе хоҳони нон ва ё чизи дигар бошаду вале имконияти ба даст даровардани онро надошта бошад, инро зарбулмасал мегӯянд [23, с.401].

Баъзан, ба маънои зарбулмасал ва мақол афоризм меояд. Афоризм сухани кӯтоҳи ифоданок аст, ки мазмуни хулосакунанда дорад.

Зарбулмасал сухани кӯтоҳи мардумӣ буда, мазмуни андарз ва афоризмро дорад.

Дар мавриди маънои мақол дар китоб чунин оварда шудааст: сухани устувори кӯтоҳ, муъҷаз, образнок, ки дар тафовут бо зарбулмасал фикри тамомшуда надорад.

Ба андешаи А.Мирзоев ва Н.Маъсумӣ «зарбулмасал аз мақол аз он ҷиҳат фарқ мекунад, ки барои зарбулмасал ифодаи пурраи маъно, муҳокима ва хулоса характернок аст. Зарбулмасал аз ду қисмат иборат буда, қисми аввал баёни матлаб ва қисми дуюм хулосаи мақсад аст. Чунончи: «Ростию растӣ» ё «Дили нохоҳам узри бисёр». Дар мақол қисми дуюми зарбулмасал – хулоса ба назар намерасад: «Айнакам дар хона мондааст» ё «Аз таги дор гурехтагӣ» ва монанди инҳо» [1, с.11].

В.Асрорӣ тафовути зарбулмасал ва мақолро дар маъно мебинад: «Зарбулмасалҳо маънои маҷозӣ доранд, яъне мо онҳоро дар маънои бевоситаашон нафаҳмида, балки ба маънои ягон ҳодиса, амалиёт, хислат ва психологияи шахс, ки ба маънои бевоситаи зарбулмасал алоқа надорад, кор мефармоем ва мефаҳмем, чунончи: «Забони мурғонро мурғон медонанд», «Об аз сар лой»…

Аммо дар мақол ҳолати дигар аст. Мақол хусусияти мазкури зарбулмасалро надорад, яъне, ташбеҳ, истиора – образнокии фикр дар маҷоз дида намешавад. Предмет ё ҳодиса дар ҷой ва маънои худ фаҳмида мешавад:

Дар ҳама кор машварат бояд,
Кори бемашварат нак н-ояд» [1, с.33].

Р.Раҳмонӣ низ тарафдори ин андеша аст: «Зарбулмасал ба воситаи санъатҳои бадеӣ ба мисли истиора, киноя, тавсиф, ташбеҳ, ташхис, маҷоз ва амсоли ин баён мегардад. Масалан, «Шохи дарахти мевадор хам аст». Ин зарбулмасал бо маҷозу киноя нисбат ба

шахси бомаърифат, хоксор ва ҳалим гуфта шудааст. Мақол бидуни санъатҳои бадеӣ гуфта мешавад. Масалан, «Пушаймонӣ суд надорад»» [13, с.62].

М.Фозилов навиштааст, ки «зарбулмасал ва мақолҳоро берун аз нутқ ва хориҷ аз матн тасаввур кардан мушкил аст, зеро онҳоро ҳеҷ кас бе эҳтиёҷе ба хотири худ намеорад. Барои он ки фикре тасдиқ ё рад гардад, ё амали ношоистае маҳкум карда шавад, зарбулмасал ва мақолҳо оварда, фикри худро асоснок менамоянд» [22, с.9].

Барои муайян намудани ҳудуди зарбулмасал ва мақол ба гумони ин ҷониб таърихи баромади онро бояд ҷуст. Маълум аст, ки бештари зарбулмасалҳо ҳикояте доранд ва баромади ин ё он зарбулмасалро ифода менамоянд. Масалан, ҳикоятҳои «Бузина ва наҷҷор», «Зоғ ва кабк», «Рӯбоҳ ва табл» ва амсоли инҳо. Мазмуни ҳикоят дар як ҷумла хулоса карда шудааст. Шояд бештари зарбулмасалҳо чунин баромад доранд, ки ҳикоятҳо фаромӯш шуда, танҳо хулосаи он мондааст, ки имрӯз дар шакли зарбулмасал зиндааст.

Муҳаммад ибни Умар ар-Родуёнӣ дар «Тарҷумон-ул-балоға» дар фасли 66 «Фи тақриб аламсол бил оёт» навиштааст: Ва яке аз ҷумлаи балоғати мардум он аст, ки тақрибҳои афсонаҳои Аҷам ва оёти Қуръон бишиносад ба вақти хеш. Чунонки гӯянд: Ҳар чӣ кунӣ, худ [бинӣ] [Дар матн калима нохоно ва ё ғалат омадааст, вале мазмун «бинӣ»- ро талаб менамояд]. Ин афсона наздик аст ба қавли Худои азза ва ҷалла: Фаман яъмал мисқола зарратин хайран яраҳ ва ман яъмал мисқола зарратин шаррай яраҳ [9, с.121]. – [Касе, ки карда бошад ба қадри як зарра некӣ бубинад онро ва касе, ки карда бошад ба қадри як зарра бадӣ бубинад онро [7, [Зилзол, оёти 7;8]].

Ин зарбулмасал чӣ дар байни мардум ва чӣ дар адабиёти хаттӣ машҳур аст:

Ҳар кас кунад ба худ кунад,
Хоҳ нек кунад хоҳ бад кунад [3, с.87].
Ҳар чӣ кунӣ ба худ кунӣ,
Гар ҳама неку бад кунӣ.
Кас накунад ба ҷойи ту,
Он чӣ ба ҷойи худ кунӣ [12, с.390].

ё:

Ба кирдори нек – сазои нек,
Ба кирдори бад – сазои бад [12, с.391].

Тавре ки мебинем, Муҳаммад бинни Умар ар – Родуёнӣ калимаи «афсона»-ро ҳамчун истилоҳ ба кор бурдааст. Шояд ин бесабаб набошад. Дар манзумаи паҳлавии «Дарахти Асуриг» буз ба дарахти хурмо ин вожаро низ ба маънои «масал» истифода мебарад:

Гӯяндам ба афсона / Порсӣ мардум [он].
Ки коҳиву бадхирад / [Аз] бесуд дарахтон.

То ту бор оварӣ / Барои мардумон.
Гушнат [гушн – нор, норӣ] бар Хиланд / Ба оини говон [15, с.72].

Муҳаммад ар – Родуёнӣ дар «Тарҷумон – ул - балоға» 18 афсонаро, ки ба оёти Қуръон наздикӣ доранд, мисол овардааст. Бештари онҳо имрӯз ҳам дар байни мардум бо андаке тағйирот зиндаанд. Масалан:

1. Бадкор бадандеш бувад.
2. Умед ба навмедӣ андар аст.
3. Сагро бизананд, юз панд гирад.
4. Туро даст додам, оринҷ гирифтӣ.
5. Худкардаро дармон набувад.
6. Ҳар гӯсфандро бо пойи худ овезанд [9, с.122-123].

Родуёнӣ пеш аз ҳар масал «афсона» ё «афсонае гӯянд» меоварад. Ишораи муаллиф ба баромади масал аст, ки шояд маълуму машҳур будаанд ё вожаи «афсона» маънои зарбулмасалро ифода мекардааст.

Вожаи дигаре, ки низ метавонад ба маънои зарбулмасал ояд, «андарз» аст. Имрӯз андарз ба маънои панду ҳикмат фаҳмида мешавад. Муҳаққиқон андарзро як жанри адабиёти давраи Сосон донистаанд. Чунки дар аҳди Сосониён ин навъи баён хеле рушд кард ва андарзномаҳое ба монанди «Андарзномаи Бузургмеҳр», «Андарзномаи Анушервон», «Андарзи Озарбоди Меҳроспандон» ва амсоли онҳо, ки саросар махзани панду ҳикмати мардумӣ мебошанд, ба вуҷуд омаданд.

Бино ба андешаи Саймиддинов Д. танзими андарз дар шакли рисола маҳз дар замони Сосониён оғоз шудааст: «Чанде аз андарзҳо бунёди авестоӣ дошта ва онҳо дар осори дигари паҳлавӣ ҳамчун пораҳои ҷудогона аз матни Авесто баргардон шудаанд. Аз ин рӯ, он такрорҳо ва ҳамоҳангиҳое, ки дар андарзномаҳо мушоҳида мешаванд, ба ҳамон манобеъ иртибот доранд» [15, с.117]. Шояд зарбулмасалҳо низ дар шакли андарз баён ёфта, навъи идомаи андарз дар адабиёти дарӣ шакл гирифтаанд.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» андарз ба маънои панд, насиҳат омадааст [22, с.73]. Ба андешаи Саймиддинов Д. андарз [handarz]ба маънои «дастур», «машвара», «ҳукм», «қонун» меояд, ки мутлақо дуруст аст, чунки насиҳат андарз шуда наметавонад. Андарз ҳукми сабакро дорад, меомӯзонад ва як навъ роҳнамои зиндагии инсон аст. Андарз шеваи махсуси нигориши одобу ахлоқ дар асоси фармудаи дину мазҳаб ва суннатҳои ниёгон аст.

Зарбулмасал аз ҷиҳати шакл, мазмун, шеваи нигориш ба андарз ҳамоҳангӣ дорад ва таъсире аз андарз бардоштааст, чун андарз аз таҷрибаи зиндагӣ ва рӯзгори мардум берун омадааст. Аз ин ҷиҳат, зарбулмасал, андарз, панд баъзан як маъноро ифода мекунанд.

Ба қавли Саймиддинов Д. панд идомаи авестоии panti, ба маънои «роҳу равиш» аст, ки баъдҳо дар замони пас аз Сосониён маъруф шуд ва имрӯз бо андарз дар як поя меистад.

Зарбулмасалу мақолҳо бо сабабҳои мухталифи замонию маконӣ дар авҷи сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошанд, ки бо тағйироти шаклию маъноӣ мувоҷеҳ шаванд. Аз он ҷумла тағйирёбии онҳо ба зарбулмасал ва мақолҳои хаттӣ амри табиист. Дар ин маврид андешаи муҳаққиқон қариб як хел аст. Зарбулмасалу мақолҳои халқӣ аз тарафи шоирону нависандагон ороиши бадеӣ ёфта, бо тарзи суфтаву ихчам, шево ва ҷаззоб садо медиҳанд ва гуфторро низ рангин месозанд ва таъсирнокӣ низ пурзӯр мегардад. «Ҷолиби диққат аст, ки устодони сухан дар баробари истеъмоли зарбулмасалу мақолҳои халқӣ худашон дар он қолаб афоризмҳои зиёде эҷод кардаанд, ки бо гузашти рӯзгор ба қатори зарбулмасал ва мақолҳои китобатӣ дохил шудаанд. Ин навъ зарбулмасалу мақолҳо ва мисраву шоҳбайтҳои ҳикматомези шоирон дар рӯйи қоғаз намонда, аз тарафи дигарон низ истифода мешуданд» [22, с.4].

Дар адабиёти классикии тоҷик, хусусан шеърро бе зарбулмасал тасаввур кардан душвор аст. Шоирон баъзан панд ё ҳикматеро ба кор мебаранд, ки метавон онро боқимондаи ягон зарбулмасал донист. Имрӯз байни зарбулмасали мардумӣ ва зарбулмасали китобӣ ҳудуд гузоштан маҳол аст. Гуфтан душвор аст, ки кадоме аз кадоме таъсир бардоштааст. Масалан, «Гулистон»-и Саъдӣ ё «Баҳористон»-и Ҷомӣ, ки бо наср иншо шудаанд. Одатан дар наср зарбулмасалҳо дар ҳамон ҳолате ки ҳаст, зикр мешаванд. Гуфтан муҳол аст, ки кадом зарбулмасал моли халқ аст ва кадоме моли муаллиф. Ё худ бигирем «Калила ва Димна», ки аз забони ҳиндӣ ба забони паҳлавӣ тарҷума шуд. Баъдан Ибни Муқаффаъ аз забони паҳлавӣ ба забони арабӣ тарҷума кард. Дар асри Х онро аз забони арабӣ ба забони дарӣ тарҷума карданд ва устод Рӯдакӣ ба назм даровард. Баъдҳо Абулмаолии Насрулло аз нав тарҷума кард ва ниҳоят Ҳусайн Воизи Кошифӣ онро аз сари нав баргардон намуд. «Калила ва Димна» хазинаи зарбулмасалҳост. Суоле ба миён меояд, ки оё ҳамаи зарбулмасалҳои «Калила ва Димна» баромади ҳиндӣ доранд ё на? Табиист, ки муайян кардан душвор аст, ки дар ҳар тарҷума ва таҳрир зарбулмасалҳо коҳиш ёфтаанд ва ё зарбулмасалҳои наве афзуда шудаанд ва ё таҳрири зебою гуворои зарбулмасалҳои куҳна дида шудааст. Чунки ҳар муҳаррир [муаллиф] вобаста ба замони таълифи асар онро тағйир медиҳад ва зарбулмасали ба замони худ маълуму машҳурро дохил менамояд. Баъзе тамсилҳоро метавон дар чандин китобҳои дигар вохӯрд, бо ҳамон қолаб ва ҳамон услуб бо баъзе тағйироте, ки ба номи макон иртибот доранд. Аз ин рӯ, ҷустани номи муаллиф корест заҳматталаб ва қариб ки ношуданӣ. Андешаи донишманди озарӣ Х.Кёроглӣ комилан дуруст аст, ки мегӯяд: «Муайян намудани он ки зарбулмасал ва мақол ба кӣ мансуб аст, ба халқ ва ё ба шоир ҳоҷат надорад. Муҳим он аст, ки бештари зарбулмасал ва мақолҳои машҳур пас аз таҳрири бадеӣ [шеърӣ] байни мардум ба монанди варианти фолклор… маъруф аст [11, с.30]. Барои мисол метавон … зарбулмасале, ки дар боло зикр намудем, «Умед дар навмедӣ андар аст»-ро бигирем. Ин зарбулмасал ҳам дар эҷодиёти Ф.Гургонӣ, ҳам дар эҷодиёти Низомӣ, ҳам дар эҷодиёти Саъдӣ, ҳам дар эҷодиёти Зебуннисо ва умуман бисёр шоирон ба шаклу рангҳои нав ба нав дучор меояд. Вале дар миёни мардум гуфтаи Низомӣ:

Дар навмедӣ басе умед аст,

Поёни шаби сиёҳ сафед аст [12, с.347].

ва Зебуннисо:

Навмед набояд шудан аз гардиши айём,
Ҳар шом, ки ояд зи пайи он саҳаре ҳаст [5, с.47].

ва варианти халқии он «Одам ба умед зинда аст» ё «Банда ба умед, шайтон ноумед» маъруф аст. Албатта, варианти дувуми халқӣ хусусияти динӣ дорад, вале аз ҷиҳати истифода корбурди бештар дорад.

Зарбулмасал ва мақолҳоро муҳаққиқон ба ду гурӯҳ ҷудо кардаанд: мансур ва манзум. Пас метавон бо боварӣ гуфт, ки зарбулмасалҳои манзум бо оғози шеъри навини дарӣ пайдо шуданд. Шеър то замони адабиёти дарӣ ҳам вуҷуд дошт, ки имрӯз онро шеъри ҳиҷоӣ меноманд. Вале пас аз ба қолаби арӯз даровардани зарбулмасалҳо таъсири онҳо бештар шуд. Ба қавли Б.Ғафуров бештари зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ, ки аз тарафи классикон таҳрир дида, шакли чиндаро гирифтаанд, то замони мо ба ҳамон шакл расидаанд [18, с.4].

Дар ашъори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Асадии Тӯсӣ, Саъдӣ, Мавлонои Балхӣ, Ҷомӣ ва дигарон бисёр байтҳое вомехӯранд, ки имрӯз чун зарбулмасал дар миёни мардум мавриди истифодаанд.

Омӯзиш ва ҷамъоварии зарбулмасал ва мақолҳо дар кишвари мо асосан дар замони шӯравӣ сурат гирифт. Ҳарчанд муҳаққиқон хабар додаанд, ки омӯзиши онҳо ҳанӯз дар замонҳои қадим шурӯъ шудааст.

К.В.Тревер менигорад, ки таърихшиноси итолиёвӣ [Рими қадим]-и асри 1 мелодӣ Курсий Руф ду зарбулмасали бохтарии аз забони мардум шунидаашро қайд кардааст: «Садои саги тарсу аз газиданаш сахттар аст» ва «чуқуртарин ҷойи дарё он ҷост, ки ҳамвор ҷорӣ бошад» [19, с.27].

Иржи Сечпек навиштааст, ки Абулфазл Шакурии Марвӣ дар авохири асри X зарбулмасалҳои форсиро ба забони арабӣ тарҷума кардааст, ки баъдҳо Низомии Ганҷавӣ ва дертар Соиби Табрезӣ аз он истифода кардаанд.

Унсурулмаолии Кайковус дар «Қобуснома» чанде аз зарбулмасалҳои арабиро мисол овардааст. Гумон меравад, ки ин зарбулмасалҳо дар байни мардум маъруф будаанд, ки муаллиф аз онҳо истифода кардааст.

Бештарин бар ин андеша муътақиданд, ки омӯзиши зарбулмасалҳо аз асри XVII шурӯъ шудааст. Муҳаммад Ҷабалрудӣ маҷмӯаи зарбулмасалҳоро бо номи «Маҷмаъ-ул-амсол» таълиф намуд ва ин маҷмӯа оғози ҷамъоварии зарбулмасал ва мақолҳо гардид. Баъдтар маҷмӯаҳое ба монанди «Ҷомеъ-ут-тамсил» ва «Матлаъ-ул-умум» ба миён омаданд.

Бештари муҳаққиқони аврупоӣ оид ба омӯзиши зарбулмасалҳо изҳори таассуф кардаанд, ки эрониён дар ин замина фаъолияти чандоне надоштаанд. Зарбулмасалҳои форсӣ дар Ҳиндустон мунташир шудаанд. Ҳатто туркҳо дар ҷамъоварии зарбулмасал нисбат ба эрониҳо фаъол буданд.

Омӯзиши зарбулмасал ва мақолҳои форсӣ аз даҳсолаи дуюми садаи XX оғоз гардидаст. Соли 1913 бо кӯшиши Горделевский В. китоби «Персидские пословицы» аз чоп баромад, ки дар он 500 зарбулмасал шарҳ ёфта буд. Дар ҷамъоварӣ ва шарҳи зарбулмасалҳо хизмати донишманди эронӣ Алиакбари Деҳхудо хело бузург аст. Деҳхудо дар чор ҷилд зарбулмасал ва мақолҳоро аз навиштаҳои адибони форсу тоҷик бо номи «Амсолу ҳикам» нашр намуд. Ин асар заминае барои асарҳои дигар аз қабили: «Зарбулмасалҳои форсӣ дар Афғонистон» [М.Муқтадирӣ], «Зарбулмасалҳои форсӣ ва англисӣ» [Сулаймон Хайём], «Фарҳанги авом» [Амирқул Аминӣ], «Фарҳанги амсоли форсӣ» [Ҷамшедпур] гардид.

Дар Тоҷикистон омӯзиши зарбулмасал ва мақолҳо аз ибтидои солҳои 30-юми асри гузашта оғоз гардид. Соли 1931 асари Ҳ.Каримзода «Зарбулмасал ва чистонҳои тоҷикӣ» аз чоп баромад ва роҳи омӯзиши зарбулмасал ва мақолҳоро кушод. Соли 1940 А.Мирзоев «Зарбулмасалҳои тоҷик» [дар контекст], В.Асрорӣ «Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ» [1956], Р.Абдуллозода «Зарбулмасал ва мақолҳо дар асарҳои Садриддин Айнӣ» [1958], Писарчик А., Тоҷиддинов С., Ҳомидҷонова М. «Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ» [1960], Б.Тилавов «Суханҳои дилафрӯз» [1973], Б.Тилавов «Зарбулмасалҳои машҳур» [1983], Б.Тилавов ва Ф.Муродов «Баёзи ҳикмати халқ» ба нашр расиданд. «Куллиёти фолклори

тоҷик», ки ҷилдҳои дуюму сеюм аз зарбулмасалу мақолҳо иборат аст, бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, форсӣ ва англисӣ солҳои 1983 ва 1985 рӯйи чопро дид. Соли 1991 ҷилди дуюми «Баёзи фолклори тоҷик» низ, ки зарбулмасалу мақолҳоро дар бар гирифта буд, ба нашр расид. Тавре ки мебинем, дар ҷамъоварӣ ва нашри зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ дар кишвари мо корҳои хайр зиёд анҷом дода шудаанд. Бино ба ахбори Б.Тилавов дар шуъбаи фолклоршиносии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИҶТ беш аз 21000 зарбулмасал ва мақолҳо ҷамъоварӣ шуда, маҳфузанд. Оид ба бадеияту хусусиятҳои услубии зарбулмасалу мақолҳо Б.Тилавов соли 1967 «Поэтика таджикских народных пословиц и поговорок»-ро ба табъ расонид. Оид ба таъсири мутақобилаи зарбулмасалҳои халқӣ ва китобӣ асари Б.Тилавов «О роли литературы в развитии таджикских пословиц и поговорок» [1971] ва Қ.Ҳисомов «Взаимосвязь устных и писменных пословиц» [1978] бо зевари табъ ороста шудаанд.

Дар тарҷума ва нашри зарбулмасалҳои тоҷикӣ ба забони русӣ хидмати шоираи русзабони Тоҷикистон Марианна Фофанова шоистаи таҳсин аст. Ӯ соли 1977 маҷмӯаи «Жемчужены» [сборник изречений]-ро ба нашр расонд. Гребнева Н. соли 1968 тарҷумаи панду ҳикматҳои форсӣ-тоҷикиро бо номи «Ключ истини» дар шакли тарҷумаи озоди шеърӣ чоп намуд.

Калонтаров Я.И. зарбулмасалҳои тоҷикиро дар муқоиса бо зарбулмасалҳои узбекӣ [«Таджикские пословицы и поговорки в сравнении с узбекскими» [1969]] ва русӣ [«Таджикские пословицы и поговорок в аналогии с русскими» [1965]] ва ниҳоят соли 1989 зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикиро дар муқоиса бо зарбулмасалҳои узбекиву русӣ бо номи «Мудрость трёх народов» [«Панду ҳикмати се халқ»] бо муқаддимаи хубе оид ба омӯзиш ва ҷамъоварии зарбулмасалу мақолҳо ба нашр расонд.

Дар ҷамъоварӣ ва шарҳи зарбулмасал ва мақолҳои китобӣ хидмати Фозилов М. бузургтар аст. Ҳарчанд дар асарҳои Асрорӣ, Амонов, Тилавов, Капранов, Ҳисомов бо муқоисаи зарбулмасалу мақолҳои халқӣ ва китобӣ дучор меоем, вале Фозилов М. пайраҳаи наверо ба қавли имрӯз дар паремиологияи тоҷик боз намуд.

Соли 1961 «Панду ҳикматҳо» ном асари Фозилов М. аз чоп баромад ва дере нагузашта камёб гардид. Аз ин рӯ, соли 1963 бори дуюм бо баъзе иловаҳо аз нав нашр шуд. Ин маҷмӯа таҷрибаи аввалини ҷамъ намудани панду ҳикматҳои шоирону нависандагони адабиёти форсу тоҷик буд. Худи гирдоваранда дар ин бора навиштааст: «Шумораи зарбулмасалу панду ҳикмат, ки дар адабиёти халқӣ ва китобӣ маъмул ҳастанд, хеле бисёр аст, аммо афсӯс, ки ҳоло ҳам онҳо гирд оварда нашудаанд. Ҷамъ намудан, омӯхтан ва ниҳоят дастраси омма гардонидани онҳо вазифаи имрӯзаи мо мебошад. Зеро аксарияти он гуфтаҳои ибратбахш дар таълиму тарбияи насли ҷавон қадру қимати худро ҳанӯз гум накардаанд» [12, с.6].

Баъдан Фозилов М. соли 1967 «Ҳикояҳои зарбулмасал» ва соли 1973 «Зарбулмасалу мақолҳо дар тамсилу ҳикояҳо»-ро ба нашр расонд. Мураттиб дар сарсухани китоби аввал сайри таърихии зарбулмасал ва мақоми онро дар тамсилу ҳикоёт бо мисолҳои равшан баён намудааст. Дар китоби дуюм ҳикояҳои юнонӣ, ҳиндӣ ва тоҷикию форсиро бо ҳам андоза мекунад, умумият ва фарқияти онҳоро нишон медиҳад. Муқоисаи тамсилҳои қадимаи Юнон, «Панҷатанра», «Калила ва Димна»-и Абулмаолии Насрулло ва «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ басо ҷолиб аст.

Соли 1976 Фозилов М. асари дигари худро бо забони русӣ – «Персидско-таджикские литературные пословицы и поговорки» [материалы и иследования]-ро ба табъ расонд. Аслан ин асар рисолаи доктории Фозилов М. аст, ки дар он муносибати зарбулмасал ва мақолҳои китобӣ бо зарбулмасалу мақол ва афоризмҳои халқӣ аст. Муаллиф намуд ва гурӯҳҳои зарбулмасалу мақолҳоро муайян менамояд ва аз рӯйи шакл ва мазмун бо зарбулмасалу мақолҳои халқӣ муқоиса мекунад.

«Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ», ки дар се ҷилд солҳои 1975-1978 аз чоп баромад, давом ва инкишофи мантиқии кори дар ин соҳа анҷомдодаи Алиакбари Деҳхудо, В. Асрорӣ, Б. Тилавов, Х.Кёроглӣ, Муҳаммади Муқтадирӣ ва дигарон мебошад. Фарҳанги мазкур асосан намунаи наср ва назми асрҳои 1Х-ХХ буда, дар асоси гуфтаҳои шоирони маъруф, китобҳои таърихию маҷмӯаҳои илмии беш аз ҳазорсола мураттаб шудааст.

Ин фарҳанг дорои муқаддимаи муфассали илмӣ аст. Муқаддимааш зоҳиран ба муқаддимаи «Зарбулмасалу мақолҳо дар тамсилу ҳикояҳо» монандӣ дорад. Дар муқаддимаи таърихи ҷамъоварӣ ва табъу нашри зарбулмасал ва мақол, панду ҳикмат дар Осиёи Марказӣ ва берун аз он, хизмати шуарои бузурги тоҷик, ҳусну қубҳи маҷмӯаҳои гуногуни зарбулмасалу панду ҳикмат, таркиб, сохт ва вазифаи фарҳанг баён шудааст.

Зикр кардан ба маврид аст, ки Фозилов М. солҳои 1963-1964 «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони тоҷикӣ»- ро дар ду ҷилд ба табъ расонида буд, ки беш аз 8 ҳазор ибораву ифодаҳои рехтаро дар бар мегирифт. Дар фарҳанги мазкур зарбулмасал ва панду ҳикматҳо ҳамчун ибораи рехта тавсиф ёфта буданд. Дар фарҳанги зарбулмасал ибораҳои фразеологиро аз ҳисоби зарбулмасал ва мақол мебарорад. Ба баъзе мусаннифони пешин дар бораи зарбулмасал ва мақол баҳс менамояд.

Дар «Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ» зарбулмасал ва мақолҳо аз рӯйи тартиби алифбои имрӯзаи тоҷикӣ ҷойгир шудаанд. Дар «Панду ҳикматҳо» ҷойгиршавӣ вобаста ба мавзӯъ буд ва панду ҳикмати дилхоҳ ба осонӣ пайдо мегардид. Чунин усул дар «Баёзи фолклори тоҷик» ва «Баёзи ҳикмати халқ» риоя шудааст. Як хусусияти «Фарҳанг …» ҳамин аст, ки зарбулмасал ва мақолҳои ҳаммаъно ва наздикмаъно низ дар он оварда мешаванд. Номи муаллиф низ зикр гардидааст. Дар сурати номаълум мондани номи муаллиф номи китобе, ки зарбулмасалу мақол интихоб гардидааст, оварда шудааст.

Сӯфизода А. ба «Фарҳанги зарбулмасал ва мақол» баҳои сазовор дода, андешаи худро чунин баён намудааст: «Тарз ва услуби сабти манбаъҳои адабӣ, маҷмӯаҳо, осорҳои бадеӣ ва мураттибону муаллифони онҳо дар фарҳанг гуногун аст. Агар онҳо аз рӯйи як услуб ва принсип ифода меёфтанд, фазилати қобили диққат ҳастанд, ки аз сабаби бе матн буданашон ба фарҳанг дохил карда нашуда, як маҷмӯаи дигар, ки дар он тахминан 5-4 ҳазор зарбулмасал ва мақол гирд оварда шудаанд, пироста шуд» [22, с.16].

Соли 1978 «Гулчини зарбулмасал ва мақолҳо» интишор ёфт, ки дар он чаҳор ҳазор зарбулмасал ва мақол аз маҷмӯаву фарҳангҳои мухталиф гирд оварда шудааст. Ин «Гулчин» давоми «Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои форсию тоҷикӣ» мебошад. Дар охири «Гулчин» мақолае таҳти номи «Шарҳ ва баёни маъхазҳо» дода шудааст, ки таърихи беш аз садсолаи ҷамъоварӣ ва интишори зарбулмасалу мақолҳоро мухтасар тавсиф намуда, мақом ва хидмати мусаннифонро бо камоли эҳтиром ёд мекунад. Масалан, дар бораи «Маҷмаъ-ул-амсол»-и Ҷабалрудӣ сухан ронда, 21 маҷмӯа ва таснифоти гуногуни панду ҳикматҳоро мавзӯи баҳс ва таҳлил қарор медиҳад.

Дар солҳои охир як навъи дигари ҷамъоварии зарбулмасалу мақол ва панду ҳикматҳо амалӣ шуда истодааст. Дар ин бобат метавон аз маҷмӯаҳое, ки аз тарафи М.Тоҳирӣ ва С.Акрамов дар бораи дил, панду ҳикматҳо дар ашъори Абдурраҳмони Ҷомӣ аз Зоҳир Аҳрорӣ, «Андарзҳои «Шоҳнома» [мураттиб Шодӣ Асроров] ва «Гулчини шоҳбайт» [мураттибон А.Байзоев ва К.Мусофиров] ном бурд.

«Гулчини шоҳбайт» интихобе аз «Гулзори адаб», ки дар Эрон аз тарафи Ҳусайни Маккӣ ҷамъоварӣ шудааст, буда, байту порчаҳои беҳтаринро дар бар гирифтааст. Дар он ба баъзе абёт дучор меоем, ки имрӯз ба ҳукми зарбулмасал даромадаанд. Масалан, байти Ҳасанбеки Рафеъ:

Умр агар хуш гузарад, зиндагии Нуҳ кам аст,
В-ар ба сахтӣ гузарад, ним нафас бисёр аст [4, с.25].

муқоиса кунед бо:

Умр агар хуш гузарад, зиндагии Хизр кам аст.
В-ар ба нохуш гузарад, ним нафас бисёр аст [16, с.531].

Зоҳиран варианти дуюм, ки байни тоҷикон маъруф аст, вобаста ба мухаммаси Сайидо ба ғазали Рафеъ аст, ки дар ҳамин шакл омадааст.

Ин гуна китобҳо на танҳо хонандагонеро, ки аз шеър ҷуз тафреҳи хотир ва нашот [рушду камол]-и фикрӣ чизи дигаре намехоҳанд, ба кор меоянд, балки дар адабиёт фоидаи бисёр доранд. Ва, дар ҳақиқат, таърихи фикри нажоди эронист, зеро ки дар ҳар фасле инсон заминаҳои комили таҳқиқро ба даст дорад, ки ҳар мазмунеро нахуст чӣ гуна суруданд ва ба мурури замон чӣ тағйироту таҳаввулот ва такомулот дар он роҳ ёфтааст ва чӣ гуна шуаро гоҳе мазомини якдигарро бурда ва аз он чизе дар он афзудаанд ва дар ҳар замоне чӣ фикрҳои тоза дар шеъри форсӣ пайдо шудааст ва мубтакирони ин афкор кадом

як гӯяндагони забони мо будаанд. Аз назари интиқоди адабӣ ин гуна китобҳоро фарҳангномаи фикри Эрон ё шеъри форсӣ бояд донист.

Воқеан, ин суханони Саид Нафисиро метавон низ дар мавриди зарбулмасал такрор кард, ки чӣ гуна аз замоне ба замон, аз насле ба насл боз ҳам бештар мегардад. Хуб мешуд, ки ҷилди якуми фарҳанг адабиёти асрҳои IX-XV, ҷилди дуюм адабиёти асрҳои XVI-XIX ва ҷилди сеюм адабиёти советии тоҷик [адабиёти муосир]-ро дар бар мегирифт. Дар ин мавриди ҷараёни инкишоф ва такомули зарбулмасал ва мақол дар адабиёт ва мақоми адибони гузашта ва муосири тоҷик дар интихоб ва сайқали ин «санъати сухан» равшантар мегардид. Зеро дар тӯли асрҳои зиёд зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ дар адабиёти китобӣ ва лафзӣ аз ҷиҳати шаклу мазмун ба тағйирот ва дигаргунӣ дучор шудаанд.

Фозилов М. ба хулосае омадааст, ки зарбулмасал ва мақолҳои дар истеъмол буда аз 400-500 зиёд нест. Ин миқдор барои халқе, ки ҳазор сол адабиёти оламшумул офаридааст, ниҳоят кам аст [22, с.15] ва илова мекунад: «Мо миқдори умумии зарбулмасал ва мақолҳои китобатиро зиёда аз даҳ ҳазор тахмин мекунем. Фарҳанг ҳамаи онҳоро фаро намегирад. Боз бисёр зарбулмасал ва мақолҳое ҳастанд, ки аз забоне ба забон нақл шудаанд.

Зарбулмасалу мақолҳо ёдгории таърихӣ мебошанд ё вобаста ба ягон таърих ё воқеаи таърихӣ эҷод шудаанд:

Қадами номубораки Маҳмуд,
Гар ба дарё расад, барорад дуд [3, с.88].

Маълум аст, ки ин зарбулмасал ба Маҳмуди Ғазнавӣ иртибот дорад, ки бо ҷаҳонкушоии худ чӣ қадар кишварҳоро хоку туроб сохта буд:

Ҳар ҷо ки расад, суми аспи қатағон,
На мурда кафан ёбад, на зинда Ватан [3, с.88].

низ замони пайдоиши худро дорад, ки ба фитнаи муғул мерасад.

Аз ин рӯ, барои фаҳмидан ва кушодани зарбулмасалҳо таърихи гузаштаро хуб донистан лозим меояд, чунки муҳит, шароит, сабабҳои ба вуҷуд омадани зарбулмасалҳо хеле ба канораҳои дури таърих мерасанд ва бе донистани онҳо маънои зарбулмасалу мақолҳо душвор мегардад.

Муқарриз: ***Шодиев М.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Асрорӣ, В. Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ / В. Асрорӣ. – Душанбе, Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1956. – 98 с.
2. Баёзи ҳикмати халқ [мураттибон Б. Тилавов ва Ф. Муродов]. – Душанбе, 1968. – 144 с.
3. Баёзи фолклори тоҷик Ҷ.2 (зарбулмасал ва чистонҳо) / Мураттибон Б. Тилавов, Қ. Ҳисомов, Ф. Муродов, Ф. Зеҳниева. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 256 с.
4. Гулчини шоҳбайт. – Душанбе: Ориёно, 1995. – 100 с.
5. Девони Махфӣ. – Хуҷанд, 1998. – 297 с.
6. Из истории таджикской народной поэзии. – М.: Литиздат, 1950. – 496 с.
7. Қуръони Карим ба забони тоҷикӣ / Тарҷума ба забони тоҷикӣ ва тавзеҳот. – Д. – 634 с.: Табъи 1, 2007. – 864 с.
8. Маликушшуаро Баҳор. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ / Баҳор, Маликушшуаро. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 570 с.
9. Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ. Тарҷумон-ул-балоға / Родуёнӣ, Муҳаммад ибни Умар. – Душанбе: Дониш, 1987. – 144 с.
10. Осори ҳамасрони Рӯдакӣ / Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ; дар таҳти таҳрири Абдулғанӣ Мирзоев. – Сталинобод: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1958. – 408 с.
11. Персидские пословицы, поговорки и крылатые фразы. – М.: Иностранная литературы, 1973. – 278 с.
12. Панду ҳикматҳо (Фозилов М). – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоқикистон, 1961. – 347 с.
13. Равшан, Раҳмонӣ. Эҷодиёти гуфтории мардуми тоҷик / Раҳмонӣ, Равшан. – Душанбе, 2008. – 112 с.
14. Саргузашти Ҳотам. – Душанбе: Тоҷикқалам, 1992. – 272 с.
15. Саймуддинов Д. Адабиёти паҳлавӣ / Д.Саймуддинов. – Душанбе, 2003. – 234 с.
16. Сайидо. Мунтахабот. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1954. – 98 с.
17. Чейпек Иржи. Адабиёти фолклори Эрон / Иржи Чейпек. – Теҳрон: Интишороти Суруш, 1383 ҳ.ш. – 302 с.
18. Таджикские сказки [состав. Р.Амонов]. – М., 1961. – 224 с.
19. Тревер К.В. Памятники греко-бахтарийского искусства / К.В. Тревер. – М.Л., 1940. – 180 с.
20. Фарҳанги забони тоҷикӣ Ҷ. 1. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2010. – 951 с.
21. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ / Р.Ҳодизода ва М.Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 107 с.
22. Фозилов М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. Ҷ.1 / М.Фозилов. – Душанбе, 1975. – 868 с.

23. Фозилов М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. Ҷ.2 / М.Фозилов. – Душанбе, 1977. – 584 с.
24. Ҳаким Карим. Зарбулмасал ва чистонҳои тоҷикӣ / Карим, Ҳаким. – Ленинград, 1931. – 281 с.
25. Ҳикмати асрҳо. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 82 с.
26. Ҳикмати бузургон дар хизмати муосирон. – Душанбе: Маориф, 2011. – 176 с.
27. Унсурмаолии Кайковус. Қобуснома / Кайковус, Унсурмаолӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. – 200 с.
28. Энциклопедияи адабиёт ва санъат. Ҷ.1. – Душанбе, 1988. – 544 с.
29. Энциклопедияи советии тоҷик. Ҷ.2. – Душанбе, 1980. – 635.

ТАҲҚИҚИ ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛ ДАР АДАБИЁТИ ШИФОҲӢ ВА ХАТТӢ

Дар ин мақолаи мазкур роҷеъ ба таҳқиқи зарбулмасал ва мақол дар адабиёти шифоҳӣ ва хаттӣ сухан меравад. Маврид ба зикр аст, ки зарбулмасал ва мақол яке аз мавзӯъҳои калидии илми адабиётшиносӣ ҳисоб ёфта, бо мурури замон рушд ва такомул меёбад. Муаллиф дар мақолаи худ мавзӯи мазкурро бар пояи маводҳои бадастомадаи таҳқиқотиаш мавриди омӯзиш ва пажӯҳиш қарор додааст. Бояд гуфт, ки зарбулмасал аз лиҳози шакл, мазмун, шеваи нигориш ба андарз ҳамоҳангӣ дорад ва таъсире аз андарз бардоштааст, чун андарз аз таҷрибаи зиндагӣ ва рӯзгори мардум берун омадааст. Аз ин хотир, зарбулмасал, андарз, панд баъзан як маъноро ифода мекунанд, вале дар баъзе мавридҳои дигар маъноҳои мушаххаси худро доро мебошанд. Тазаккур бояд дод, ки дар адабиётшиносии тоҷик зарбулмасал ва мақол ҳамчун жанрҳои алоҳида ба кор рафтаанд. Дар адабиётшиносии Ғарб ин ду мафҳумро як жанри адабӣ ба қалам додаанд. Метавон ишора намуд, ки чи дар адабиёти шифоҳӣ ва чи дар адабиёти хаттӣ калимаи зарбулмасал нисбат ба мақол пеш меистад, вале дар гуфтори мардумӣ вожаи зарбулмасал қариб мавриди корбаст қарор намегирад.

Калидвожаҳо: зарбулмасал ва мақол, адабиёти шифоҳӣ ва хаттӣ, адабиётшиносӣ, шеваи нигориш, панду андарз, таҷрибаи зиндагӣ ва рӯзгори мардум, адбиётшиносии тоҷик, жанри адабӣ, гуфтори мардумӣ.

ИССЛЕДОВАНИЕ ПОСЛОВИЦ И ПОГОВОРОК В УСТНОЙ И ПИСЬМЕННОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

В данной статье рассматривается изучение пословиц и поговорок в устной и письменной литературе. Следует отметить, что пословицы и поговорки - одна из ключевых тем литературной критики, которая со временем развивается и совершенствуется. В своей статье автор рассматривает эту тему на основе своих исследовательских материалов. Следует отметить, что пословица непротиворечива по форме, содержанию, стилю написания и оказывает влияние на советы, поскольку они основаны на жизненном опыте и повседневной жизни людей. По этой причине пословицы увещевания иногда имеют одно и то же значение, но в некоторых случаях они имеют особое значение. Следует отметить, что в таджикской литературе пословицы и поговорки используются как отдельные жанры. Эти проблемы в западной литературной критике привели к возникновению двух концепций литературного жанра. Можно отметить, что как в устной, так и в письменной речи слово “пословица” используется по отношению к пословице, но в просторечии слово “пословица” почти никогда не используется.

Ключевые слова: пословицы и поговорки, устная и письменная литература, литературная критика, нравоучение и наставление, стиль изложения, жизненный опыт, таджикская литература, литературный жанр, фольклор.

ESEARCHING OF THE PROVERBS AND SAYINGS IN ORAL AND WRITTEN LITERATURE

This article deals with the study of proverbs and sayings in oral and written literature. It should be noted that proverbs and sayings are one of the key themes of literary criticism, which develops and improves over time. In his article, the author explores this topic based on his research materials. It should be noted that the proverb is consistent in form, content, style of writing and influences advice, since it is based on life experience and everyday life of people. For this reason, proverbs, exhortations and exhortations sometimes have the same meaning, but in some other cases they have a special meaning. It should be noted that in Tajik literature, proverbs and sayings are used as separate genres. These problems in Western literary criticism led to the emergence of these two concepts as a literary genre. It can be noted that both in oral and written literature the word proverb is used in relation to a proverb, but in common parlance the word proverb is almost never used.

Key words: proverbs and sayings, oral and written literature, literary criticism, moralizing and admonition, style of presentation, life experience, Tajik literature, literary genre, folklore.

Маълумот оид ба муаллиф: ***Каримов Баҳодур Ҷонибекович*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ассистенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети таҳсилоти ибтидоӣ. E-mail: **bahodur0607@yandex.ru.** Тел.: **(+992) 987-88-88-53**

Сведение об авторе: ***Каримов Баходур Джонибекович*** – Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни, ассистент кафедры таджикского языка и литературы факультета начального образования. E-mail: **bahodur0607@yandex.ru.** Тел.: **(+992) 987-88-88-53**

Information about the author: ***Karimov Bahodur Jonibekovich*** – Tajik State Padagogical University named after S. Aini, Assistant of the Department of Tajik Language and Literature, Faculty of Primary Education. E-mail: **bahodur0607@yandex.ru.** Тел.: **(+992) 987-88-88-53**

УДК: 811.21 22

ЗАМАХШАРӢ ВА ОСОРИ Ӯ

Низомова С.И.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи акад. Б. Ғафуров

Замахшарӣ аз олимони бузурги ислом, донишманди илми тафсир, суханвари мумтоз ва луғатнигори бузурги охири асри V/XI ва нимаи аввали асри VI/XII буда, дар ҳадису наҳв, калом ва балоғату адаб низ аз саромадони асрҳои мазкур ба шумор мерафт. Пиромуни рӯзгори донишманди мазкур дар сарчашмаҳо маълумоти кофӣ ба чашм намерасад, аммо никоти муҳимми ҳаёти ӯро метавон мутолиа кард. Исми пурраш Маҳмуд ибни Умар ибни Муҳаммад ибни Умари Хоразмии Замахшарӣ буда, 22 рақаби соли 467 / 13 марти соли 1075 дар деҳаи Замахшари Хоразм дар хонадоне аз хонаводаҳои мардуми одии форснажод қадам ба олами ҳастӣ ниҳод [36, с. 2688; 22, с. нуҳ]. Дар маъхазҳо куния ва лақаби ӯро Абӯлқосим ва Ҷоруллоҳ сабт кардаанд, ки воқеан бо ин номҳо машҳур гаштааст [2, с.279; 15, с. 196; 17, с.168-169]. Аз мутолиаи маълумоти сарчашмаҳо маълум гашт, ки ӯ нахуст назди падараш касби илм намуда, пас аз он барои такмили илм ба Урганҷ рафт [24, с.181]. Ӯ дар овони ҷавонӣ шуҳрати адабӣ пайдо карда буд, ки далели онро ҳангоми вуруд ба Бағдод ба истиқболаш баромадани Ҳаббатуллоҳ ибни Шаҷарии фақеҳ метавон гуфт [36, с.2688]. Ӯ барои илмомӯзиву донишандӯзӣ ба шаҳрҳои гуногун, ба монанди Исфаҳон, Рай, Нишопур, Димишқ, Марв, Бухоро, Бағдод, Макка ва ғ. сафар карда [24, с.183], муддате дар Макка байни Мақоми Иброҳим ва чоҳи Замзам сукунат ихтиёр карда буд, ки дар ниҳоят лақаби “Ҷоруллоҳ”-ро ба худ касб кард [17, с.196]. Замахшарӣ ҳанафимазҳаб будааст ва аз ин ҷиҳат, донишмандони ислом ӯро дар илми ҳадис ва тафсиру фиқҳ аз пешвоёни мазҳаби Ҳанафӣ зикр кардаанд [2, с.279].

Замахшарӣ адабиёт, наҳв ва илмҳои мухталифи арабиро аз устодони замонаш Абулҳасан Алӣ ибни Музаффари Нишопурӣ ва Абӯмузар Маҳмуд ибни Ҷарири Исфаҳонӣ омӯхта, илми ҳадисро аз донишмандоне, чун Абӯмансур Насри Ҳорисӣ, Абӯсаъди Шаққонӣ ва уламои дигар аз худ намуд [19, с.87; 35, с.119; 36, с.2688].

Донишмандон ва абармардони фунуни гуногуни ҷаҳони ислом ӯро бо авсофи гуногуну алқоби мухталиф, ба монанди Ҷоруллоҳ, Аломату-з-замони, Нассобату-л-араби, Восеъу-л-илми, Касиру-л-фазли, Ғояту-з-зако ном бурдаанд (ниг.: 22, даҳ).

Ӯ шаби арафаи соли 538/1144 дар шаҳри Гурганҷи Хоразм дар синни 71 солагӣ аз олам даргузашт [14, с.178; 22, с.9; 36, с.2689].

Чунонки ба назар расид, Замахшарӣ яке аз бузургтарин нависандагон ва олимони қарни худ аст, ки аз лиҳози камийяту кайфияти таълиф ва пуркорӣ дар замонаш ва пас аз худ низ кам назир дорад. Донишмандон нуфузи мактаби илмии ӯро дар густураи таърих бисёр фарох нишон дода, шахсиятҳоеро мисли Рашидуддини Ватвот, Алӣ ибни Исо, Абулмаҳосин Исмоил ибни Абдуллоҳи Тавилӣ ва ғ., ки аз нухбагони илму адаб ба шумор мераванд, ба мактаби адабии Замахшарӣ иртибот медиҳанд. Замахшарӣ осори зиёде дар мавзӯоти гуногун таълиф намудааст. Баъзе муҳаққиқон теъдоди китобу рисолаҳои ӯро 50, бархеи дигар 44 адад баршумурдаанд (ниг.: 18, с.537). Гуфтанист, ки тамоми осори Замахшарӣ ба забони арабӣ таълиф шудаанд. Бино ба танаввуи анвои осор асарҳои Замахшариро метавон ба се дастаи бузург ҷудо кард: Осори диниву ахлоқӣ ва илмиву адабӣ. Дар зайл кӯшиш мешавад, то муҳимтарини ин асарҳо ба таври мухтасар баррасӣ шаванд:

а) Осори диниву ахлоқӣ:

1. «ал-Кашшоф ъан ҳақоиқи-т-танзили ва ъуйуну-л-ъақовили фӣ вуҷуҳи-т-таъвил» - аз бузургтарин ва маъруфтарин таълифоти Замахшарӣ дар тафсири «Қуръони карим» ба ҳисоб меравад, ки муаллиф, тибқи нигориши Муҳаммад ибни Аҳмади Фосӣ онро ба Алӣ ибни Ҳамза ибни Ваҳҳос ном шогирди худ бахшида [34, с.167], нигоришашро дар ҷивори Каъба соли 528/1134 ба поён расонидааст. Тафсири «ал-Кашшоф ъан ҳақоиқи-т-танзил», ки бо номи «Кашшоф» бештар маъруфият дорад, бо тарзи хоссе ба қалам омадааст. Муафассир зимни маънидод кардани оёти илоҳӣ ба улуми адабӣ бештар аз муфассирони пешин рӯй меорад ва зимни баҳсороӣ ҳам ба тааққулу андешаҳои фалсафӣ

ва улуми балоғии «Қуръон» арзиши бештарро қоил аст. Асари мазкур аз муқаддимаи муаллиф ва тафсиру шарҳи 114 сураи «Қуръони карим» иборат буда, бештари хулосаҳои муаллиф дар пояи назарияи Нуъмон ибни Собит, маъруф ба Имом Абӯҳанифа – асосгузори мазҳаби ҳанафӣ сурат гирифтааст. Масалан, дар тафсири ояти 5-уми сураи «Моида» «ва таъому-л-лазина уту-л-китоба ҳиллун лакум» (ва таоми аҳли Китоб барои шумо ҳалол аст) ва ояти 121-уми сураи «Анъом» «ва ло таъкулу миммо ло йузкарисмуллоҳи ъалайҳи ва иннаҳу лафисқун» (Ва аз он чи, ки номи Худо бар вай ёд карда нашудааст, махӯред, ба дурустӣ, ки (хӯрдани) он гуноҳ аст) Замахшарӣ назарияи Абӯҳанифаро баргузидааст, зеро Абӯҳанифа бар ин бовар аст, ки ҳар гоҳ исми Худо ҳангоми забҳ қасдан тарк шавад, ҷонвари забҳшуда ҳаром хоҳад буд ва ҳаргоҳ саҳван тарк шуда бошад, он ҳалол аст ва Замахшарӣ зери ояти «ва таъому-л-лазина уту-л-китоба» гуфтааст: «забиҳаи аҳли Китоб ҳалол аст» [5, с.279.]. Аз хусусиятҳои тафсири номбурда ин пардабардории муаллиф аз балоғати «Қуръон», баёни вуҷӯҳи эъҷози он ва баёни латофату дақиқияти маънои он аз пешсафони муфассирон аст, ки касе ба пояи ӯ нарасидааст. Дигар, дар маҳорати вожашиносии арабӣ ва фасоҳату балоғати он пешвои луғавиён дар вожашиносиву балоғати қуръонӣ аст. Воқеан, тафсири «ал-Кашшоф» аз мақому манзалати бузурге бархӯрдор аст ва онро метавон аз мароҷеву манобеи муҳимми тафсирнигории классикӣ ба шумор овард. Ҳамчунин, китоби мазкур дар байни дигар осори Замахшарӣ мақоми аввалиндараҷа дорад ва асосан шуҳрати ӯ бо исми ҳамин китоб вобастааст. Чунончи, дар бисёре аз сарчашмаҳо номи Замахшариро маҳз ба туфайли «Кашшоф» зикр мекунанд: «Абулқосим Маҳмуд ибни Умар Ҷоруллоҳи Замахшарӣ аз аҳли ҳамин деҳ аст ва ӯ марде буд фозил ва олим. Тафсири «Кашшоф» аз мусаннафоти ӯст» [20, с.505].

Масъалаи тасҳеҳи китоби Замахшарӣ ҳанӯз аз асри Х111 дар мадди назари уламо будааст. Чунончи, Ҷунайд ибни Маҳмуди Шерозӣ – соҳиби тазкираи «Ҳазор мазор» гуфта, ки Мавлоно Ҳаким Нуруддин Абдулқодири Тӯсӣ, мулаққаб ба Устоду-л-башар «чанд сол тасҳеҳи кутуб мекард, мисли «Кашшоф», ки асли нусхаҳои Шероз аз асли нусхаи ӯст» [38, с.418]. Китоби мазкур дар Қоҳира (с. 1307 ва 1343 дар ду муҷаллад ва 1373 дар чаҳор муҷаллад), Бейрут (бидуни забти сол), Теҳрон (интишороти Офтоб, бидуни забти сол) ва амсоли ин ба нашр расидааст.

Шуҳрати «Кашшоф» ба ҳадде буда, ки шурӯъ аз замонҳои рӯйи кор омадани китоб ба он ҳошияҳои зиёде ҳам навишта шудааст, ки ба қалами Садруддин Муҳаммади Шерозӣ [39, с.797], Ҷамолуддини Ардабилӣ [26, с.312], Аҳмад ибни Муҳаммад ал-Хуҷандӣ ал-Маккӣ ал-Ҳанафӣ [29, с.153], Тоҷуддин Абӯнаср Абдулваҳҳоб [30, с.283], Камолуддин ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Бобур [30, с. 391], Сироҷуддин Абӯҳафс Умар ибни Абдурраҳмони Қазвинӣ [38, с.129] ва диг. тааллуқ дорад. Инчунин, аз Қозӣ Абдулкарим ибни Абдулҷаббори Ҳанафӣ [16, с.39], Абдулазиз ибни ал-Адим [31, с.499], Муҳиббуддин Абулвалид Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Шаҳна [32, с.161], Мирсаййид Алии Шариф [28, с.219] ҳамчун шореҳи китоби мазкур ёд кардаанд. Китоби мазкур борҳо аз ҷониби уламои мутафовит, аз ҷумла Юсуф ибни Мӯсо машҳур ба Ҷамолу-л-Малатӣ [32, с.134], Носируддин Аҳмади Моликӣ [32, с.417], Шайх Садруддин Муҳаммади Кортонӣ [38, с.102] ба шакли ихтисор ҳам даромадааст. Ногуфта намонад, ки муфассирони зиёде дар пайравӣ аз Замахшарӣ қадам бардоштаву кори ӯро аз ҳар ҷиҳат такмил низ намудаанд. Дар бархе сарчашмаҳо дида мешавад, ки муҳаққиқон бар ин никот ишораҳои сареҳ доранд. Масалан, Фасоӣ менигорад, ки Қозӣ Байзовӣ, ки аз уламои машҳури садаи Темур будааст, «шурӯъ ба навиштани тафсире, ки акнун ба «Тафсири Қозӣ Байзовӣ» машҳур аст, намуд ва ин тафсирро аз тафсири «Кашшоф»-и Аллома Замахшарӣ ахз фармуда, дар ҳар ҷо халале ёфт, ислоҳ намуд ва ҳар ҷо итнобе дид, эъҷоз намуд» [33, с.41]. Тафсири мазкур ба муаллифи он шуҳрати бемисл овард ва то андозае маъруфият пайдо намуд, ки бештарини қориён ва муфассирон аз ошноӣ бо мазомини он фахр мекарданд.

2. «Навобиғ-ул-калим» ё «ал-Калим-ун-навобиғ» рисолаи кӯчакест, ки муаллиф дар он вожаҳову иборот ва суханони баргузидаро, ки дар ваъз истифода мешуда, ба монанди «Ман йарғабу фи-л-одоби-с-суннийати», «ал-Абу аърафу ва ашрафу ва ал-умму аръаму», «Аййу молин уддийат закотуҳу даррат», «Лайса мина-ш-шарафи ва-л-карами

ъодату-ш-шурраҳи», «Фа тубо лиман йухтасару ин шаҷҷа фа кам асо» ва ғ.-ро ҷамъоварӣ кардааст (ниг.: 10, 2-40).

Китоб, бо вуҷуди кӯчак будан ва нисбат ба «Кашшоф» ё «Рабеъ-ул-аброр» иштиҳори камтар доштан ҳам, шуҳратманд гардида будааст, зеро ки ба ишораи Сафо шахсе бо номи Муҳаммади Шатранҷӣ дар замони худи муаллиф ба он шарҳе нигошта будааст [27, с.636]. Рисола дар соли 1871 бо тарҷумаи фаронсавии матн дар Порис бо ибтикор ва тарҷумаи Б. де Майнор низ интишор ёфтааст.

3. «Атвоқ-уз-заҳаб» низ аз рисолаҳои панду ахлоқӣ буда, аз муқаддима, сад мақола (гуфтор) ва хотима иборат аст. Дар муқаддима муаллиф ба ҳамду санои Худованд ва шукру сипоси Ӯ барои нигоштаҳояш пардохта, дар мақолоти китоб ҷавононро бо мавъизаву ҳикмат, насиҳатҳои ошкору равшан ва ибороти неку ба роҳи рост мехонад [4, с.2-35]. Чунонки муаллиф дар хотимаи китоб гуфта, исми аслии китоб «Насоиҳ-ус-сиғор» будааст, вале пас аз хотима онро «Атвоқ-уз-заҳаб», яъне ба маънии «Ҳалқаи заррин» ва ё «Гарданбанди заррин» номидааст [4, с.36]. «Атвоқ-уз-заҳаб» қабл аз «ал-Кашшоф» дар ҷивори Каъба таълиф шуда, Замахшарӣ дар «ал-Кашшоф» дар тафсири сураи «Бақара» аз он истифода кардааст (ниг.: 4, с.36).

Дар китоби «Осори Аҷам» ишора шуда, ки Виқори Шерозӣ онро ба пуррагӣ ба форсӣ тарҷума кардааст [39, с. 567]. Аммо шуҳрати китоби мазкур ҳанӯз дар замони худи муаллиф офоқро гирифта будааст, зеро Шарафуддини Шафарва, ки аз шуарои маъруфи форсизабони асри Замахшарист, китобе бо номи Атбоқ-уз-заҳаб», ки равиши китоби «Атвоқ-уз-заҳаб» аст, таълиф карда буд [21, с.321]. Ин шуҳрати китоб то рӯзгори мо низ барҷост, чун он яке аз аввалин китобҳои Замахшарӣ ба ҳисоб меравад, ки дар Аврупо тарҷума ва нашр шудааст. Чунончи, соли 1835 бо тарҷумаи олмонии Вон Ҳаммер, соли 1867 дар Вена, бо тарҷумаи фаронсавии Б. де Майнор дар Порис, соли 1277 бо тарҷумаи туркии Мирзо Юсуфи Эътисомулмулк бо номи «Қалоид-ул-адаб фӣ шарҳи «Атвоқ-уз-заҳаб» рӯйи чопро дидааст. Инчунин, соли 1319 дар Табрез, соли 1321 дар Қоҳира ба зевари табъ ороста шуда буд.

4. «Рабеъ-ул-аброр» низ аз шумори муҳимтарин таълифоти адиб ва забоншиносӣ мавриди назар ба ҳисоб меравад. Асари мазкур дар даврони камолоти илмии Замахшарӣ ба забони арабӣ таълиф шудааст, зеро аз муқаддимаи муаллиф маълум мешавад, ки ӯ ин асарро пас аз «ал-Кашшоф»-и хеш (соли итмомаш 528/1133) ба қалам овардааст. Он гуна, ки навишта: «Ин китобест, ки тасмим гирифтам, то бо он хотири нозирон бар «ал-Кашшофу ъан ҳақоиқ-ит-танзил» оромиш биёбад ва дилҳои хасташуда дар такопӯи дастёбӣ бар нуктаҳои пӯшидаи он, роҳату фароғат бипазирад» [12, с.19]. Зоҳиран «Рабеъ-ул-аброр» мисли «ал-Кашшоф» ва «Атвоқ-уз-заҳаб» дар Макка, дар замони сукунати ӯ байни Мақоми Иброҳим ва чоҳи Зам-зам ба тасниф расидааст.

Муаллиф дар таълифи «Рабеъ-ул-аброр» хулосаи баргузидаи дар тӯли ҳаёт омӯхтаҳои худро ҷамъоварӣ намуда ва онҳоро бо танзими хосса дар бобҳои алоҳида ҷой додааст. «Рабеъ-ул-аброр» аз муқаддима ва 98 боб иборат буда, Замахшарӣ кӯшидааст, то каломашро бо аҳодиси набавӣ, ахбору ақволи саҳобагону тобеин, гуфтору ривоёти порсоёну ҳакимони арабу форс, қиссаву ривоёти дилпазир аз рӯзгори паёмбарон, подшоҳон, амирон, халифагон, волиён, шоирон, муғанниён ва ашъори муносиб бо мавзӯъ таъсирбахшу дилчасп ва рӯҳнавоз гардонад. Асари номбурда тасвири возеҳу равшанро аз равиши зиндагонии арабҳои даврони ҷоҳилияту ислом пешкаш мекунад. Ба гуфтаи устод Фахриддин Насриддинов «Рабеъ-ул-аброр»-ро бояд «…донишномаи адабиву таърихӣ ва ахлоқиву ирфонӣ ба ҳисоб овард» [23, с.134]. Ҳамчунин, қайд кардан ба маврид аст, ки ин асар аз шумори осорест, ки ба ҷуз мавзӯоти панду ахлоқӣ ва мавъизаву насиҳат шомили таъриху адаб низ ҳаст. Азбаски бештар тамоюли ахлоқӣ дорад, ба ин даста осори Замахшарӣ шомил шуд, вагарна аз нигоҳи забону усули баён мешавад, ки ба дастаи осори илмиву адабӣ шомил намоем.

Китоби мазкур борҳо ба форсӣ тарҷума шудаву мунтахаб гардидааст. Дар «Феҳриствора» дар зайли китоби «Насим-ур-рабеъ» омадааст: «Мансуб ба Қивомуддин, гузидае аз «Рабеъ-ул-аброр»-и Замахшарӣ» [12, с.487].

Он дар соли 1976 дар Бағдод бо таҳқиқи Салим Наимӣ, соли 1369 дар Қум (чопи офсет) ва дар ҳамин ҷо соли 1410 ба нашр расидааст.

5. «ал-Фоиқу фӣ ғариб-ил-ҳадиси» - асари дигари Замахшарӣ буда, муаллиф онро соли 516/1122 таълиф намудааст [18, с.537; 36, с.2691]. «ал-Фоиқ» аз муқаддимаи муаллиф, матни асар ва хотима иборат буда, дар муқаддима муаллиф пас аз ҳамду санои Худованд ба мақому хусусиятҳои забони арабӣ ва сабаби таълифи асар пардохтааст [13, с.11-12]. Матни «ал-Фоиқу фӣ ғариб-ил-ҳадиси» бошад, иборат аз калимаҳои душворфаҳму номаълум буда, аз аҳодиси набавӣ истихроҷ ва аз ҷониби муаллиф шарҳу тафсир шуда, калимаҳо мутобиқи тартиби алифбоӣ дастабандӣ шудаанд ва зери ҳар ҳарф муаллиф калимаҳоро ба теъдоди ҳарфи алифбо ба бобҳо тақсим намудааст, ки бобҳо бар асоси ҳарфи «айн-ул-феъл» мураттаб шудааст [13, ҷ.1, с.13-451; ҷ.2, с.2-447; ҷ.3, с.3-425]. Масалан, зери ҳарфи «Ҳамза» бобҳои «Ҳамза маъа-л-боъ», «Ҳамза маъа-т-тоъ», «Ҳамза маъа-с-соъ» ва ғ. [13, ҷ.1, с.13-20]. Аз сабаби он ки китоб дар шарҳи калимаҳои ғариби аҳодиси набавӣ аст, метавон онро як фарҳанги ривоятӣ унвон кард, ки муаллиф бо судҷӯӣ аз осори гузаштагони худ ва истифода аз оёту ашъор ва ривоёт ин асарро таълиф намуд. Дар хотимаи китоб муаллиф дар бораи аҳамияту арзиши асар ва шукру сипоси Худованд дар итмоми он сухан рондааст (ниг.: 13, ҷ.3, с.426-427). Ҷузъи чаҳоруми асар бошад, феҳристи оёту аҳодис ва осори саҳобагону тобеин, ҷамоату қабилаҳо, амокин, ансофу абёт ва муҳтавиёти асари мазкур мебошад [13, ҷ.4, с.5-162], ки зоҳиран аз ҷониби мусаҳҳеҳон тартиб дода шудааст. Китоби мазкур дар Ҳайдаробод соли 1364, Қоҳира соли 1366 ва Лубнон соли 1391 нашр шудааст.

6. «Китоб-ул-мақомот» рисолаи хурди ахлоқӣ ва дар мавзӯоти ваъз буда, соли 512/1118 таълиф шудааст. «ал-Мақомот», ки бо номи «Насоеҳ-ул-кубро» низ шуҳрат дорад, аз «хутбат-ул-китоб», ки дар ҳамду санои Худованди оламиён ва сабаби таълифи китоб [6, с.2-3] ва 50 мақомот, ки дар он муаллиф нафси худро насиҳату панд дода, аз такя кардан ба расму одате, ки аввал ба фикри он ва зикраш бар он, ки ба ҷуз роҳи пушаймониву ҳасрат нест…. амсоли «Мақомату-л-марошиди», «Мақомат-ут-тақво», «Мақомат-ур-ризвон», «Мақомату-л-иръивоъ», «Мақомат-уз-зод», «Мақомат-уз-зуҳд», «Мақомат-ул-инобат», «Мақомат-ул-ҳазар», «Мақомат-ул-эътибор» ва ғ. [6, с.3-42], таълиф ёфтааст. Китоб, чунонки хосси китобҳои Замахшарист, бо забони арабии мураккаб нигошта шуда, муаллиф дар он тамоми қудрати забондонии худро нишон додааст. Ҳамчунин, рисолаи мазкур дар байни балоғиёни араб шуҳрати бемисл дорад ва онро низ метавон ба қатори осори илмиву адабии муаллиф шомил кард. Он соли 1312 дар Миср нашр шуда буд.

Чунонки дар боло қайд шуд, Замахшарӣ беш аз 50 осори илмиву адабӣ ва диниву ахлоқиро аз худ ба мерос гузошта, ки дар ин таҳқиқоти кӯчак наметавон ҳамаи онро муаррифӣ кард. Аз ин лиҳоз, исми чанд асари дигари донишманду забоншиноси мазкурро, ки ба гурӯҳи осори диниву ахлоқӣ дохил мешаванд, дар зер зикр менамоем. Ногуфта намонад, ки бештари онҳо то ҳол мавриди таҳқиқоти забоншиносону адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ қарор нагирифтаанд ва бешак дар китобхонаву мадориси ҷаҳонӣ ва марокизи нусхаҳои хаттӣ нигаҳдорӣ мешаванд, аз ин рӯ баррасии ҷудогонаи ҳар яки он берун аз тавони омӯзиши як муҳаққиқ мебошад. Ба ин даста асарҳои «Нукат-ул-иъроби фӣ ғариб-ил-иъроби» (Фӣ ғариби иъроб-ил-Қуръон), «Асмо-ур-рувот», «Мухтасар-ул-мувофиқати байна аҳл-ил-байти ва-с-саҳобати», «Рисолат-ун-носиҳа», «ар-Роизу фи-л-фароизи», «ал-Минҳоҷу фи-л-усули», «Золат-ун-ношиди», «Равҳ-ул-масоили», «Таслийат-уз-зарири», «Рисолат-ул-асрори», «Шақоиқ-ун-Нуъмони фи ҳақоиқ-ин-Нуъмони» (Маноқиби Имом Абӯҳанифа), «Шофий-ул-ъиййи мин каломи-ш-Шофиъӣ» ва ғ. дохил мешаванд [14, с.178; 36, с.2691].

б) Осори илмиву адабӣ:

7. «Муқаддимат-ул-адаб» аз фарҳангҳои муҳимтарини дузабонаи арабӣ ба форсии асри XII мебошад. Аз сабаби он ки мавзӯи меҳварии рисола «Муқаддимат-ул-адаб» аст, дар ин бахш бо маълумоти мазкур ба он хотима бахшида, дар бораи сохту таркиби он дар бахши дигар муфассалтар истода мегузарем.

8. «Китоб-ул-ҷиболи ва-л-амкина ва-л-миёҳ» - асари ҷуғрофии Замахшарист, ки бо номи «Асмо-ул-адвийати ва-л-ҷибол» низ машҳур аст. Асари мазкур рисолае дар шинохти асомии кӯҳҳову чоҳҳои об ва рӯдхонаҳост, ки Замахшарӣ дар бораи таърихи он ва исми он кӯҳҳову чоҳҳо ва рӯдхонаҳо маълумоти мухтасар додааст [37]. Замахшарӣ дар ин асар аз Алӣ ибни Ҳамза ибни Ваҳҳос, ки аз дӯстони ӯ буд, дар мавриди беш аз 22

мавзеъ маълумот нақл кардааст. Аз «Ҷазират-ул-араб»-и Асмаъӣ бошад, дар бораи 64 мавзеъ, дар баъзе ҳолат пурра ва дар бархеи дигар аз масдари он, маълумот овардааст [40]. Аммо Броккелман асари мазкурро аз зумраи фарҳангҳои ҷуғрофиёӣ шуморида буд [1, с.231].

Бо ин ҳама, «Китоб-ул-ҷиболи ва-л-амкина ва-л-миёҳ» дар Шарқ иштиҳор бисёр дорад ва ҳар касе пас аз Замахшарӣ ба таълифи китобҳои ҷуғрофӣ даст задааст, аз он истифодаи вофир карда, махсусан дар ин ҷода машҳуртарин китоби ин соҳа – «Муъҷам-ул-булдон»-и Ёқути Ҳамавиро бояд ёд кунем, ки наздики 50 мартаба аз Замахшарӣ иқтибос меорад.

«Китоб-ул-ҷиболи ва-л-амкина ва-л-миёҳ» борҳо рӯйи чопро дида, бори аввал бо муқаддима ва тарҷумаи С. Де Грайв соли 1856 дар Лейдан ба нашр расида буд. Ин нашр дубора соли 1885 дар ҳамон ҷо ба силки табъ даромад ва низ дар соли 1357 дар Наҷаф ва дар Миср ҳам (бидуни сол) ва ахиран дар Наҷаф аз тарафи Саййид Муҳаммад Содиқ Оли Баҳрулулум дар ҳаҷми 160 саҳифа ба нашр расида буд.

9. «ал-Муфассал» аз машҳуртарин китоби наҳвии Замахшарӣ мебошад, ки арзишмандтарин манобеъ дар илми наҳв ба шумор меравад. «ал-Муфассал» аз муқаддима дар сабаби таълифи китоб, ки муаллиф пас аз ҳамду санои Худованд ва салавот бар Муҳаммад (с) ба сабаби таълифи китоб ва зарурати донистани илми наҳв ва ақсоми он пардохтааст [9, с.2-4]. Замахшарӣ дар асари илмии худ назароти ҷолибро бо овардани мисолҳо дар бораи наҳви забони арабӣ, ки меҳвари онро исму феъл ва ҳарф ташкил медиҳад, зикр карда, китобро ба чаҳор қисм тақсим намудааст: «ал-Қисм-ул-аввалу мин-ал-китоби фи-л-асмои» (саҳ.5-108), «ал-Қисм-ус-сонийу фил-афъоли» [9, с. 108-130], «ал-Қисм-ус-солису фи-л-ҳуруфи» [9, с.131-157] ва «ал-Қисм-ур-робиъу фи-л-муштараки» [9, с.159-197]. Бо сабаби аҳамияти фаровон доштани китоби мазкур дар илми наҳв ва далели машҳур будани ин асар дар он аст, ки аз ҷониби донишмандони луғавиву наҳвии зиёди асри миёна ба он шарҳҳо нигошта шудааст, ки маъруфтарини онҳо «Шарҳ-ул-муфассал»-и Муваффақуддин ибни Яъиш (553/1158-643/1245), Шарҳи Хоразмӣ (555/1160-617/1220) бо номи «ат-Тахмир», Шарҳи ибни Ҳоҷиб (570/1175-646/1248) бо номи «ал-Ийзоҳ» ва «Шарҳ-ул-муфассал»-и Кошӣ (охирҳои асри VII/XIII ва нимаи аввали асри VIII/XIV) ҳастанд.

«ал-Муфассал» дар олами илми адаб аз шуҳрати вофир бархурдор буда, наҳвиён шурӯъ аз замони худи муаллиф ба он шарҳҳои зиёде навиштаанд, ки шарҳи Абулбақои Акбарӣ (мавсум ба «Китоб-ул-эзоҳ»), Имом Фахри Розӣ, Абулаббоси Мақдисӣ, Абулаббос Аҳмад ибни Абӯбакри Ховаронӣ (шарҳи сегона), Садрулафозили Хоразмӣ [27, с.322-323] ва Қосим ибни Ҳусайн ибни Муҳаммади Хоразмӣ аз он ҷумлаанд (ниг.: 25, с.12). Он дар соли 1191 қ. дар Искандария чоп шудааст.

10. «ан-Намузаҷ» аслан рисолаи алоҳидаро мемонад, вале мухтасари китоби «Муфассал» аст, ки худи муаллиф тартиб додааст. Муаллиф дар он аз калима, ки аз исм, феъл ва ё ҳарф иборат аст, бо зикри қавоиди наҳвии он ва сабти мисолҳои марбут ба он ҳарф задааст. Китоб муқаддима ва ё пешгуфтор надорад ва аз се боб, «Боб-ул-исми», «Боб-ул-феъли» ва «Боб-ул-ҳарфи» иборат аст. Китоб бо «Ақсом-ул-калимати», ки аз исму феъл ва ҳарф иборат аст, оғоз гашта, пас аз он муаллиф «Боб-ул-исми»-ро, ки шомили мавзӯоти «Исм-ул-ҷинси», «ал-Ъалам», «ал-Муъарраб», «ал-Иъроб», «ал-Мамнуъу мин-ас-сарфи», «ал-Марфуъот», «ал-Фоъил», «ал-Мубтадаъу ва-л-хабару», «Исму кона», «Хабару инна», «ал-Мансубот», «ал-Маҷрурот», «ал-Мафъулу-л-мутлақ», «ал-Мафъулу биҳи», «Боб-ул-феъли», «ал-Мозӣ», «ал-Музориъ», «ал-Амр», «Боб-ул-ҳарфи» аз «Ҳуруф-ул-изофати» то «ҳуруф-ул-муаккада» ва «ҳо-ус-сакат», ки муҳимтарин қоидаҳои грамматикии забони арабиро, ки барои таркиби ҷумлаву ибороти саҳеҳ лозиманд, бо сабти мисолҳо зикр кардааст [11, с.14-33].

Ба ин китоб шарҳҳои зиёде навишта шудааст, ки Шайх Абдулғании Ардабилӣ машҳуртарини он мебошад [25, с.177]. Ҳамчунин, дар Аврупо низ ҳанӯз соли 1859 бо ибтикори П.Брош (Олмон) матни китоб ва соли 1879 ҳамроҳ бо тарҷумаи олмонӣ матбӯъ шуда буд.

11. «Асос-ул-балоғат» аз осори илмии дигари Маҳмуд ибни Умари Замахшарист. Муаллиф дар таълифи асари мазкур кӯшида, то бо таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои адабӣ, эъҷози балоғӣ ва луғавии Қуръонро нишон диҳад. Китоб аз муқаддима ва матни асар иборат буда, Замахшарӣ дар таълифи он аз равиши мутадовили алифбоии луғатномаҳои арабӣ

истифода ва бо таваҷҷуҳ ба ҳуруфи аслии калима мураттаб кардааст. Дар зери ҳар решаи сеҳарфа муштаққоти онро овардааст [ниг.: 3, с.18-20]. Фарқияти асари мазкур аз тартиби луғатномаҳои арабӣ дар он аст, ки муаллиф ба ҷойи ҳарфи «ҳо» «вов»- ро муқаддам овардааст, ки хосси луғатнигории форсӣ мебошад. Дар муқаддима муаллиф баъд аз ҳамду санои Худованд ва салавот бар Пайғамбар (с) ба сабаби таълифи китоб ва хусусиятҳои он пардохтааст [3, с.15-16]. Дар матни асар Замахшарӣ калимаҳои сеҳарфаро бо маънову корбурди онҳо дар ҷумлаҳои гуногун баён карда, ҳамеша аз оёти қуръонӣ барои ошноии хонанда бо зарофатҳои балоғии истифодаи калимаҳо ва румузи эъҷози Қуръон истифода кардааст. Баъдан ба нақли аҳодиси набавӣ ва ашъори сухансароёни бузурги араб пардохта, бо зикри шоҳидҳо маъноҳои маҷозиву истифодаи ҳар вожаро нишон додааст. Масалан, дар таърифи калимаи «Асафа» аввал ояти 84-уми сураи «Юсуф»-ро нақл мекунад: «Йо асафо ъало Юсуф», баъдан вожаи «Осафанӣ»-ро зикр карда, ба «ағзабанӣ ва аҳзананӣ» маънидод намудааст [3, с.27]. Гоҳо дар аввал маънии калимаро оварда, баъдан аз ояти Қуръон шоҳид меорад, ки ин равишро метавон зери вожаи «Ҳамала» ва «Ҳамула» мушоҳида кард [3, с.214]. Замахшарӣ бештар саъй намуда, то дар китобаш вожаҳоеро зикр намояд, ки дар корбурди адибону аҳли балоғат бештар будааст ва маънои ҳақиқиро аз маҷозӣ ва маънои сареҳро аз киноӣ ҷудо намудааст, ки аз хусусиятҳои муҳимми асари мазкур ба шумор меравад.

Китоб соли 1341 дар Миср (ду ҷилд) ва дар Бейрут (бидуни забти таърих) ба табъ расидааст.

12. «ал-Мустақсо» китобест дар амсоли араб, ки аз ҷониби Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ таълиф шудааст. Китоб аз муқаддима ва матни асар иборат буда, муаллиф дар муқаддима пас аз ҳамду санои Худованд ва салавот бар Пайғамбар (с), дар мавриди сабаби таълифи китоб ва муҳтавои он ҳарф задааст [6, с.1]. Матни китоб мувофиқи тартиби алифбои арабӣ дастабандӣ шуда, муаллиф пас аз зикри масалҳо роҳҳои истифодаи онро бо овардани ҳикоёту воқеоти ҷолиб аз рӯзгори арабҳо нишон додааст. Ҳамчунин, дар асари мазкур илова бар ҷамъоварии масалҳо ба масъалаҳои забонӣ низ таваҷҷуҳ шуда, баъзе назароти наҳвии муаллиф бо сабти достонҳои марбут ба он зикр шудаанд [6, с.1-452]. Он дар соли 1962 ва 1381ш. дар Ҳайдарободи Дакан интишор ёфтааст.

Осори дигари илмиву адабии Абулқосим Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ «Нузҳат-ул-мустаънас», «Рисолат-ул-масъама», «Муъҷам-ул-ҳудуд», «Китобу «Ақл-ул-кулли», «Самим-ул-ъарабиййати», «ал-Амолӣ фи-н-наҳви», «Ҷавоҳир-ул-луғати», «Китоб-ул-аҷноси», «Китоб-ул-асмои фи-л-луғати», «ал-Қистосу фи-л-ъарузи», «Ҳошиятун ъала-л-«Муфассали», «Руҳ-ул-масоили», «Савоир-ул-амсоли», «Аъҷаб-ул-ъуҷуби шарҳу ломият-ил-ъараби», «Дивон-ут-тамсили», «Дивону расоилин», «Дивону шиърин», «Шарҳу «Китобу Сибавайҳ» ва ғ. мебошанд [14, с.178; 36, с.2691].

Воқеан, Замахшарӣ дар илму адаби замонаш дасти тавоно дошта, ягонаи рӯзгор ва саромади донишмандону олимон ва адибони асраш ба шумор меравад ва тамоми умри худро сарфи омӯзиши илму таълифи осори пуразриш карда, ки осори зикршуда далели равшан аз мақому манзалати ҳақиқии ин донишманди камназир дар асри VI/XII аст. Ҳарчанд, то ҳол бештари осори ин муфассиру забоншинос ва суханвар пурра мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд, вале осори шинохташудаи ӯ амсоли «ал-Кашшоф», «ал-Муфассал», «Муқаддимат-ул-адаб», «Асос-ул-балоға», «ан-Намузаҷ», «Рабеъ-ул-аброр» аз манобеи муҳимми адибону забоншиносон ва муфассирон дар ҳар давру замон дониста мешавад.

Муқарриз: ***Қӯзиева Н.М.*** – номзади илмҳои филологӣ,
ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Броккелман. Таъриху-л-адаби-л-арабӣ Тарҷумаи Рамазон Абдуттаввоб. Ба кӯшиши Яъқуби Бакр. –Ҷ.5. – Қоҳира, 1975.
2. Деҳхудо, Алиакбар. Муқаддимаи Луғатнома. Ба қалами гурӯҳе аз нависандагон. – Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1377. -573 с.
3. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. Асос-ул-балоғат (иборат аз се ҷилд). – Байрут: Дору-л-кутуби-л-ъилмийа, 2007. - 1392 с.
4. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. Атвоқ-уз-заҳаб. – Қоҳира: Дору-л-фазилат, 2008. -212 с.

5. Замахшарӣ, Муҳаммад ибни Умар. ал-Кашшоф ъан ҳақоиқ-ит-танзили ва ъуйун-ул-ъақовили фӣ вуҷуҳ-ит-таъвил; ба кӯшиши Халил Маъмун Шиҳо. – Байрут: Дору-л-маърифат, 2009. - 1236 с.
6. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. Мақомот. - Байрут: Дорулкутуб-ил-ъилмийа, 2009. -278 с.
7. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. Муқаддимат-ул-адаб; ба кӯшиши Маҳдии Муҳаққиқ. – Теҳрон: Муассисаи мутолиоти исломии Донишгоҳи Теҳрон, 1386. -269 с.
8. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. ал-Мустақсо фӣ амсоли-л-ъараб. – Байрут, бидуни соли нашр. -452 с.
9. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. ал-Муфассал. – Уммон: Дору Аммор, 2003. -565 с.
10. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. Навобиғ-ул-калим. – Қоҳира, 1935.
11. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. ан-Намузаҷу фи-н-наҳв. Бидуни макони нашр, 1999. -40 с.
12. Замахшарӣ, Ҷоруллоҳ. Рабеъ-ул-аброр (иборат аз панҷ ҷилд). Ҷ.1. – Бейрут: Муассисату-л-аъламӣ ли-л-матбуот, 1412.
13. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. ал-Фоиқу фӣ ғариби-л-ҳадис (иборат аз панҷ ҷилд). Бидуни макони нашр, 2010. -1709 с.
14. Зириклӣ, Хайриддин. ал-Аълом. Ҷ.7. – Байрут: Дору-л-илми ли-л-малоин, 2002. -352 с.
15. Ибни Имод, Шиҳобуддин Абулфаллоҳи Димишқӣ. Шазарот-уз-заҳаб. Ба кӯшиши Абдулқодир ал-Арноут. - Ҷ.6. – Байрут, бидуни соли нашр. - 600 с.
16. Ибни Фаҳд, Умар ибни Муҳаммад. Иттиҳоди-л-варо биахбори Умми-л-қуро. Ҷ.4. – Макка: Ҷомиъату Умм-ил-қуро, 1403.
17. Ибни Халликон. Вафаёт-ул-аъён. Ба таҳқиқи Эҳсон Аббос. Ҷ.5. –Байрут: Дору содир, 1978. -337 с.
18. Кишахола, Муҳаррам Ризоятӣ. Замахшарӣ / Донишномаи забон ва адаби форсӣ. Ҷ.3. – Теҳрон: Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ, 1388. –С.536-538.
19. Купрозода, Тош, Аҳмад ибни Мустафо. Мифтоҳу-с-саъода ва мисбоҳу-с-сиёда. Ҷ.2. – Байрут, 1985.
20. Қазвинӣ, Закариё. Осор-ул-билод ва ахбор-ул-ибод; тарҷума ва тавзеҳи Абдушукур Ғафуров. – Хуҷанд: Хуросон, 2018. - 684 с.
21. Мунзавӣ, Аҳмад. Феҳриствораи китобҳои форсӣ. - Ҷ.6. – Теҳрон: Маркази Доиратулмаорифи бузурги исломӣ, 1382.
22. Муҳаққиқ, Маҳдӣ. Замахшарӣ ва «Муқаддимат-ул-адаб» // Муқаддимат-ул-адаб. – Теҳрон: Муассисаи мутолиоти исломии Донишгоҳи Теҳрон, 1386. –С. Нуҳ-шонздаҳ.
23. Насриддинов Ф. “Рабеъ-ул-аброр”-и Замахшарӣ // Фаслномаи илмӣ-адабии Камоли Хуҷандӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2015. - №3 (3) 2015. – С.133-135.
24. Наҷафӣ, Сайид Ризо. Замахшарӣ ва осораш // Ҳавзаи Исфаҳон. – Шумораи 12, 1382. –С.180-187.
25. Садрулафозил, Қосим ибни Ҳусайн. Бадоеҳу-л-милҳ (Навоҳои намакин). Тарҷумаи Тоҳири Хоразмӣ ва тасҳеҳ ва таҳқиқи Мустафо Авлиёӣ. – Теҳрон: Мероси мактуб, 1383.
26. Сафарӣ, Бобо. Ардабил дар гузаргоҳи таърих. Ҷ.3. – Теҳрон: Донишгоҳи озоди исломӣ, 1370.
27. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷ.2. – Теҳрон: Фирдавс, 1366.
28. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷ.3. – Теҳрон: Фирдавс, 1366.
29. Саховӣ, Муҳаммад ибни Абдурраҳмон. Туҳфату-л-латифа фӣ таърихи-л-мадинат-иш-шарифа. - Ҷ.1. – Байрут: Дору-л-кутуби-л-ъилмийа, 1414.
30. Суютӣ, Абдурраҳмон ибни Абибакр. Ҳусн-ул-муҳозара фӣ ахбори Мисра ва-л-Қоҳира. - Ҷ.1. – Байрут: Дор-ул-кутуби-л-ъилмийа, 1418.
31. Таббох, Муҳаммад Роғиб. Иълом-ун-нубалои битаърихи Ҳалаб-иш-шуҳабои. Ҷ.4. – Ҳалаб: Дор-ул-қалами-л-ъарабиййи, 1408.
32. Таббох, Муҳаммад Роғиб. Иълом-ун-нубалои битаърихи Ҳалаб-иш-шуҳабои. Ҷ.5. – Ҳалаб: Дор-ул-қалам-ил-ъарабиййи, 1408.
33. Фасоӣ, Ҳасан ибни Ҳасан. Форсномаи Носирӣ. Ҷ.1. – Теҳрон: Амири Кабир, 1382.
34. Фосӣ, Муҳаммад ибни Аҳмад. Шифо-ул-ғароми би ахбор-ил-балад-ил-ҳароми. Ҷ.1. –Макка, 1956. - 440 с.
35. Хонсорӣ, Мӯсавӣ; Муҳаммадбоқир, Мирзо. Равзот-ул-ҷаннот фӣ аҳвол-ил-уламои ва-с-содот; ба кӯшиши Асадуллоҳ Исмоилиён. – Қум, 1392.
36. Ҳамавӣ, Ёқути Румӣ. Муъҷам-ул-удабо; ба таҳқиқи Эҳсон Аббос (иборат аз шаш ҷилд). – Байрут, 1993. - 2942 с.
37. ал-Ҷорис, Шайх Аҳмад. Маҷаллат-ул-араб. –Ҷ.8. – Шумораи 2155, соли чаҳорум, 1970.
38. Шерозӣ, Ҷунайд ибни Маҳмуд. Тазкираи Ҳазор мазор. Тарҷумаи Абдулваҳҳоб Висоли Нуронӣ. – Теҳрон:, 1364.
39. Шерозӣ, Фурсат. Осори Аҷам. Ҷ.2. – Теҳрон, 1377.
40. http://hamadaljasser.com

ЗАМАХШАРӢ ВА ОСОРИ Ӯ

Дар мақолаи мазкур дар бораи ҳаёту рӯзгори Ҷоруллоҳ Замахшарӣ ва асарҳои илмиву адабӣ, диниву ахлоқии ӯ маълумот дода шудааст. Замахшарӣ яке аз олимони сермаҳсули асри XII ба шумор меравад. Ӯ аз олимони забардасти замонаш таълим гирифта, яке аз донишмандони суханшиноси машҳури замони худ шудааст. Асосан дар эҷодиёти Замахшарӣ забон, адабиёт ва луғати араб мавқеи муҳим ишғол мекунад. Вай забон ва адабиёти арабро хеле мукаммал аз худ карда буд. Бинобар он, дар байни олимон чун имоми забон ва адабиёт шуҳрат ёфтааст. Таълифот ва таснифоти аллома Замахшарӣ олимони арабро дар ҳайрат монондааст. Аллома Замахшарӣ дар Шарқ «Фахри Хоразм» ва «Устод-ул-араб ва-л-аҷам» ном гирифтааст. Ӯ барои ривоҷёбии илмҳои пешқадами замонааш саҳми бузурге гузоштааст. Аз ин рӯ, ҳаёт ва эҷодиёти алломаи машҳурро дар ҳама гӯшаю канори ҷаҳон меомӯзанд. Замахшарӣ тӯли умри тақрибан ҳафтодсолаи хеш аз худ осори зиёде барои мо мерос гузоштааст. Шумораи асарҳои ӯ дар сарчашмаҳо ба таври мухталиф

ёд шуда, ҳар яке адади муайянеро доир ба он ироа доштааст. Дар бораи ҳаёти шахсии ӯ ба ҳамин нукта бояд тазаккур дод, ки ӯ ҳаёту зиндагии хешро дар роҳи илм нисор карда буд.

Калидвожаҳо: Замахшарӣ, Кашшоф, Атвоқ-уз-заҳаб, китоб, илму адаб, муаллиф, муқаддима.

ЗАМАХШАРИ И ЕГО НАСЛЕДИЕ

В данной статье приведены сведения о жизни и творчестве Джоруллоха Замахшари и его научных и литературных, религиозных и дидактических произведениях. Замахшари является одним из плодотворных ученых XII века. Он получил знания и учился у именитых ученых своего времени и считался одним из ярких его представителей. . В основном, в творчестве Замахшарӣ язык, литература и арабский словарь занимают важное место. Он очень подробно изучал арабский язык и литературу. Поэтому, он среди ученых был известен как имам языка и литературы своего времени. Его произведения и классификация покорили арабских ученых. Замахшахри на Востоке называют «Гордостью Хорезма» и «Устод-ул-араб ва-л-аджам». Он внес огромный вклад в дело развития передовых наук своего времени. Поэтому, жизнь и творчество великого ученого изучают во всех уголках мира. Замахшарӣ за свою семидесятилетную жизнь оставил после себя огромное наследие, которое заслуживает особого внимания и изучения. Количество его трудов в источниках указывается по разному и каждый источник указывает на определенное количество. О его личной жизни можно сказать, что он всю свою жизнь посвятил науке.

Ключевые слова: Замахшари, Кашшоф, Атвок-уз-захаб, книга, наука и литература, автор предисловие.

ZAMAHSHARI AND ITS HERITAGE

This article provides information about the life and work of Jorulloh Zamakhshari and his scientific and literary, religious and didactic works. Zamakhshari is one of the most prolific scholars of the 12th century. He received knowledge and studied with eminent scientists of his time and was considered one of its brightest representatives. ... Basically, language, literature and Arabic dictionary occupy an important place in Zamakhshara's work. He studied Arabic language and literature in great detail. Therefore, among scholars he was known as the imam of the language and literature of his time. His works and classification conquered Arab scholars. Zamakhshakhri in the East is called the “Pride of Khorezm” and “Ustod-ul-arab va-l-ajam”. He made an enormous contribution to the development of the advanced sciences of his time. Therefore, the life and work of the great scientist is studied in all corners of the world. During his seventy-year life, Zamakhshari left behind a huge legacy that deserves special attention and study. The number of his works in the sources is indicated in different ways and each source indicates a certain amount. About his personal life, we can say that he devoted his entire life to science.

Key words: Zamakhshari, Kashshof, Atvok-uz-zhab, book, science and literature, author's foreword.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Низомова Саидахон Илёсовна*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи акад. Б.Ғафуров, докторант Ph.D- и кафедраи грамматикаи забони арабии факултети забонҳои шарқ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гуз.Мавлонбеков 1. E-mail: **as99017272@mail.ru.** Тел.:**(+992) 92-865-72-72**

Сведение об авторе: ***Низомова Саидахон Ильясовна*** - Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова, докторант Ph.D кафедры грамматика арабского языка факультета восточных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. E-mail: **as99017272@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-865-72-72**

Information about the author: ***Nizomova Saidakhon Ilyosovna*** - Khujand State University after academician B. Gafurov, doctoral student of the third year of the department of grammar of the Arabic language. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, pr. Mavlyanbekova 1. E-mail: **as99017272@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-865-72-72**

УДК: 891.5:891.550

ФЕНОМЕН ИРОНИИ В ПРОЗЕ С. АЙНИ

Мурувватиён Дж. Дж.
Институт языка и литературы им. А.Рудаки НАНТ

В современном таджикском обществе бытует мнение о том, что таджикский язык следует изучать по произведениям Садриддина Айни. И эта точка зрения является обоснованной - язык великого художника слова прост, лишен излишней витиеватости и высокопарной восточной орнаментальности. Произведения Садриддина Айни привлекают читателя не только ровным изложением, доступным языком, ярким изображением, но и особым стилем – тонкой иронией, которая под его пером приобретает различные возможности от комизма до трагизма.

Ирония С. Айни в художественном тексте выполняет особую функцию – это не только словесное притворство: оно отражает философскую жизненную. позицию самого писателя. Здесь уместно сослаться на мнение С. Кьеркегора, который считает, что «ироник возникает в поворотные моменты истории, когда старая действительность сталкивается с новой действительностью» [15]. Исходя из этого можно утверждать, что ирония С. Айни своевременна, писатель: «(…) борется за новое, он стремится уничтожить, то, что представляется ему отжившим, но его цель состоит не столько в уничтожении старого, сколько в осуществлении нового, и тем самым, косвенно, в уничтожении старого» [15].

Будучи полифункциональным явлением, ирония, со времен Аристотеля привлекала к себе внимание не только филологов, но и философов, психологов, специалистов по эстетике и т.д., каждый из которых смог высказать свою определенную позицию по отношению столь гибкого явления, тем самым, приоткрыв какую-либо одну из завесы ее тайн. В этом плане важную роль сыграли работы М.М. Бахтина, в трудах которого в 1930 - х – начале 1940 - х гг. появляется термин «смеховое слово» **[**16].

Общее во всех позициях ученых было мнение о том, что ирония в каждом конкретном случае проявляется индивидуально, она имеет субъективный характер, и неизменна только ее функция - соединять несоединимое.

Многофункциональность иронии можно объяснить ее гибкостью, тональностью, скрытостью, зависимостью от контекста (для правильной интерпретации иронии необходимо знать культуру народа, его менталитет, языковые особенности), и самое главное, ирония, будучи проявлением самобытности творческого лица, не поддается унификации. То есть, у каждого писателя есть свой почерк и стиль иронизировать – у кого-то эстетическая, а у кого-то социальная, и проявления ее отличаются.

Феномен иронии в восточной культуре чаще связывается с насмешкой, критикой, скепсисом, отрицанием. Мы же в нашей статье, опираясь на сократовское определение иронии (Сократ считал иронию спутницей подлинного философского вопрошания), намерены осмыслить разнообразия проявлений иронии в «Воспоминаниях Садриддина Айни.

Актуальность данной работы обусловлена потребностью в осмыслении природы иронии как многомерного феномена, характеризующегося философию жизненной позиции С. Айни – основоположника новой таджикской литературы, воспитавшего целую плеяду успешных литераторов, известный всему миру первыми романами в таджикской литературе.

Исследование феномена иронии на примере художественного текста С.Айни «Воспоминания» связано с тем, что данное произведение в таджикском литературоведении «понимается как культурно-исторический компонент культуры, а исследование иронии близко социокультурным исследованиям» [4, с.20]. Особенно близко нашей позиции в данном исследовании единодушие ученых во мнении о том, что ирония представляет собой художественную форму авторской оценочной позиции [17, с.7].

Проблема иронии и ее анализ исторических типов исследована в работах многих известных ученых, среди них - В.Ф. Асмус, В.С. Нерсесянц, Ф.Х. Кессиди, Н.Л. Берковский, П.П. Гайденко, Т.Т. Гайдукова, А.Э. Соловьев, Р.М. Габитова, Б.Э. Быховский, В.О. Пигулевский, Л.А. Мирская. Значение иронии для философской рефлексии раскрывалось Е.А. Найманом, И.В. Черданцевой, О.М. Фархитдиновой.

Ирония как характеристика художественного метода представлена в работах М. М. Бахтина, В. В. Бычкова, Н.Б. Маньковской, А.В. Гулыги, Л.С. Сысоевой, Т.И. Сусловой, М.С. Харитонова, О.В. Солодовниковой.

Творчество Садриддина Айни - это мир внутренней напряженности, рассуждений, остроты мысли. Его произведения отличаются изображением динамичной жизни, повышенным интересом к кризисным состояниям не только целого общества, но и человека, в отдельности. Ирония Айни насыщена философскою мыслью, и родственна нам и сегодня – в XXI веке тем. Ирония устода призывает общество объединить разум и мораль с нравственным миром, совестью и мудростью. Данное явление (ирония – М.Дж.) служит для него мощнейшим оружием борьбы с человеческими пороками и общественной безнравственностью, где одним из лучших ироничных произведений являются «Воспоминания», написанные с глубоким чувством человеческой души и отвращением к лицемерию и ханжеству.

Тавре дида мешавад, номи сарлавҳа ва семинар “ВАО- инъикосгари асосии захираҳои сайёҳии Тоҷикистон” мебошад, вале дар хабар дар ин бора сухане оварда нашудааст. Пас дар семинар дар бораи нақши ВАО дар рушди сайёҳӣ сухане гуфта нашудааст ва ё рӯзноманигор ҷавҳари суханрониҳоро дарк накардааст. Аз рӯйи хабар ин шакли семинар ба кормандони соҳаи сайёҳӣ – меҳмонхонаҳо ва ширкатҳои сайёҳӣ гузаронида мешуд, вале дар хабар омадааст, ки он барои рӯзноманигорон омода гардидааст. Агар дар семинар дар бораи ВАО сухан нарафта бошад, пас рӯзноманигор инро нодида нагирифта, ташкилкунандагони онро барои мутобиқат накардани мазмуну мундариҷа ба мавзӯи семинар танқид мекард (дар шакли жанри дигари публитсистӣ). Дар ин ҷо нақши сарлавҳа басо муассир аст ва дар ин ҳолат ба мазмуни хабар сарлавҳа мувофиқ наомадааст. Ба ақидаи муҳаққиқи соҳаи журналистика В.Ф. Олешко «Сарлавҳаҳо бояд моҳияти маводро ифода намоянд. Дар онҳо аҳамияти фактҳои мавод на кам ва ё на аз будаш зиёд шавад, танҳо бояд инъикоси дақиқ ёбад» [8]. Бояд гуфт, ки дар хабари болозикр ин принсипҳо риоя нагардидаанд, ҳол он ки дар баъзе мавридҳо чунин мешавад, ки хонанда бо хондани сарлавҳа маълумоти зарурироро гирифта метавонад. Аз ин бармеояд, ки сарлавҳа бояд ба мазмуни мавод мувофиқ бошад.

Хулоса, ҳар ду нашрия аносири муҳимми хабарӣ – кӯтоҳ навиштан, бо факт асоснок намудан, мухтасарбаёнӣ ва ба назар гирифтани сареиятро риоя намудаанд ва дар ин навъи хабарсозӣ қолаб бо мундариҷа таносуби комил дошта, ҷолибият ва таъсирбахшии онро таъмин намудааст.

2. **Мусоҳиба** яке аз жанрҳои хабарӣ буда, дар матбуоти даврӣ ва хоссатан дар нашрияҳои мавриди таҳқиқ серистеъмол аст. Дар бораи ин жанри хабарӣ муҳаққиқони соҳа чунин андеша доранд, масалан, дар шарҳи И. Усмонов «Жанре мусоҳиба номида мешавад, ки камаш ду кас, баъзан якчанд кас иштирок мекунанд. Қолаби маъмулӣ суҳбати ду нафарро дар назар дорад. Аз ин ду ё чанд кас ҳатман як нафараш журналист мебошад. Журналист савол медиҳад ва ҳамсуҳбат ҷавоб мегардонад» [12, с.50]. Профессор М. Муродов бошад, ба мусоҳиба чунин таъриф додааст: «суҳбати журналистро бо ашхоси баруманди ҷомеа доир ба масъала ва мавзӯъҳои гуногун ва мухталифи иҷтимоии давру замон, ки дар шакли саволу ҷавоб, гуфтугӯ сурат гирифта, пахши он дар ВАО пешбинӣ шудааст, метавон мусоҳиба номид» [6, с.45]. Муҳимтарин нишонаи жанрофарии мусоҳиба ин субъективизатсияи баён мебошад. Асоси матнро суханҳои ҳамсуҳбат ташкил намуда, вижагии тафаккури ӯро инъикос менамояд. Ба даст овардан ва сабт кардани ин хусусиятҳо бениҳоят муҳим аст.

Санъати мусоҳиба ин доштани қобилияти пешниҳоди саволҳои дуруст барои гирифтани ҷавобҳои дилхоҳ мебошад. Мусоҳиба ҳам роҳи муҳимтарини ба даст овардани иттилоот ва ҳам яке аз жанрҳои паҳншуда дар журналистика мебошад. Дар таҳқиқоти мо низ жанри мусоҳиба маҳз барои иттилоърасонӣ дар соҳаи сайёҳӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар нашрияи “Ҷумҳурият” дар муддати солҳои таҳқиқшаванда жанри мусоҳиба дар мавзӯи сайёҳӣ на он қадар зиёд чоп гардидааст, ки ин ҷо чанде аз онро ёдрас мешавем. Намунаи мусоҳибаи маъмулиро, ки рӯзноманигор савол медиҳад ва мусоҳиб ҷавоб, дар маводи бо номи “Туризм. Аз мутахассисони ғайрикасбӣ то нобуди хатсайрҳои нав” (Ш. Қурбон. – 2015. – 15 июн. -№: 143) дидан мумкин аст. Дар он рӯзноманигор барои муаррифии дастоварду мушкилот ва сабабу омилҳои боздорандаи рушди соҳаи сайёҳӣ бо коршиноси соҳа Моҳира Қодирова, номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи туризми факултаи туризм ва хадамоти гумруки Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати ҷумҳурӣ ҳамсуҳбат шудааст. Мусоҳибаи мазкур дар шакли муколама омода гардидааст ва рӯзноманигор оид ба вазъи соҳаи сайёҳӣ, ки дар он айём нигаронкунанда буд (солҳои 2015), ба мутахассиси соҳа 4 савол пешниҳод карда, роҳи ҳалли муамморо ҷустуҷӯ менамояд. Чун барои мусоҳиба савол аз омилҳои асосии муайянкунанда ба ҳисоб меравад ва муваффақияту камбудии мусоҳиба ба савол вобаста аст, дар мусоҳибаи мазкур пайдарпайии саволҳо ва мантиқан дурустии онҳо аз тарафи рӯзноманигор риоя гардидааст ва ҳар як саволи оянда давоми мантиқии саволи қаблӣ аст ва барои кушодани мақсад равона гардидааст. Масалан, чунин саволҳо пешниҳод гардидаанд: саволи аввал: “Дар натиҷаи кӯшишҳои ҳадафноки вазорату идораҳои давлатӣ дар ҳамдастӣ бо Ҳукумати мамлакат монеаҳои сунъии маъмурӣ, талаботи беасоси молиявӣ ва дигар омилҳо, ки садди роҳи ҷалби туристон ба кишвар мегардиданд, бартараф шуданд. Ин имкон медиҳад, сайёҳони хориҷӣ ҳангоми будубош дар ҳудуди Тоҷикистон худро осуда ва дар фароғат эҳсос намоянд?” [3]. Саволи дувум: “Вале аз чист, ки ташрифи гурӯҳҳои нави ҷаҳонгардон дар кишвар то ҳол қонеъкунанда набуда, суди аз соҳа ба буҷети мамлакат воридшаванда ҳам нисбат ба дигар кишварҳои минтақа ночиз мебошад?”[3]. Ба ин саволҳо ҷавоб дода, сабаби инро мусоҳиб дар камбудиҳои соҳа, аз ҷумла гаронии нархи чиптаи тайёра, сустии инфрасохтори сайёҳӣ дар маҳалҳо, набудани хатсайрҳои ҷолиб ва аз ҳама асосӣ набудани мутахассисони соҳа медонад. Норасоии мутахассисонро дар ҷавобгӯ набудани стандартҳои таълимии ихтисосҳо ба талаботи замони муосир тавзеҳ дода, мусоҳиб мактабҳои олии мутахассисони соҳаро омодакунандаро, дар он айбдор месозад, ки онҳо, пеш аз ҳама, манфиатҳои худро дар мадди аввал мегузоранд ва барои ислоҳи вазъ пешниҳод менамояд, ки МТОК “барномаҳои дарсиро ба сатҳи байналмилалӣ мувофиқ созанд, фанҳои ихтисосиро бештар ҷорӣ намоянд, таҷрибомӯзиро мақсаднок ба роҳ монанд” [3]. Вижагии мусоҳиба ҳамчун жанр дар он ифода меёбад, ки дар матни он на нуқтаи назари муаллиф, балки андешаи мусоҳиб бартарӣ дорад. Дар мусоҳибаи мазкур низ роҳҳои ҳалли мушкилот аз назари коршиноси соҳа бо ҷузъиёти махсус вобаста ба ҳар

як самт оварда шудааст. Мусоҳибаро А.А. Тертычный жанри аз ҳама «объективӣ» меҳисобад, зеро дар он сухани мусоҳиб пешбаранда аст, на сухани рӯзноманигор. Матни жанрҳои дигар бошад, қариб пурра аз сухани журналист таркиб ёфтааст, ки тафсири журналистиро ифода мекунад. Аз ҷониби дигар, ин муҳаққиқ муътақид аст, ки ин жанри сирф субъективист, зеро ҳамсуҳбат метавонад нигоҳи яктарафаро ба масъалаи баррасишаванда баён намуда, тафсири ҳодисаву воқеаҳоро ба суди худ ба анҷом расонад [9, с.47]. Ин хусусиятҳои мусоҳиба дар нақши мусоҳиб зоҳир мегардад ва дар мусоҳибаи таҳлилгардида мусоҳиб басо мувофиқ интихоб гардидааст ва метавонад ба вазъи соҳаи сайёҳӣ баҳои воқеӣ ва объективӣ диҳад.

Барои мусоҳиба журналист шахси мувофиқеро, ки он воқеаро медонад, мефаҳмад, пайдо карда, маҳз барои ӯ, маҳз дар мавриди мавзӯъ саволҳо тайёр мекунад. Тавре дар мисоли боло дидем, саволҳо ҳамдигарро бояд мукаммал кунанд ва имконият диҳанд, ки мусоҳиб дар ин мавзӯъ мавқеи худро, донишу фаҳмиши худро баён кунад, ҳатто вазъро таҳлил намояд. Дар мусоҳибаи мазкур вазъи кунунии соҳаи сайёҳӣ шарҳ дода шудааст, ки яке аз талаботи ин жанр маҳсуб меёбад. Дар мусоҳиба коршинос мавқеи худро нишон дода, вазъи соҳаро баён кардааст. Мусоҳиба вақте хонданбоб мешавад, ки рӯзноманигор ба саволҳои худ ҷавобҳои пурра гирад ва ин ҷавобҳо мавзӯъро ифода намоянд. Ин дар он ҳолат рӯй медиҳад, ки мухбир барои баррасии мавзӯи мусоҳиба шахси масъул ва коршиноси соҳаро интихоб намояд, ки дар мавриди мо рӯзноманигор ба мақсадаш расидааст. Ин ҷо мавқеи муаллиф низ нишон дода шуда, фаъол аст, бо пешниҳоди саволҳои бомантиқ ва муаррифкунии мавзӯъ муаллиф дар кушодани мавзӯъ иштирок кардааст.

Мусоҳибаро профессор А. Нуралиев ба навъҳои зерин ҷудо кардааст: мусоҳиба-нақл, мусоҳиба-муколама, мусоҳиба-лавҳа, конференсияи матбуот, мизи мудаввар, мусоҳиба-анкета, мусоҳиба-ақида [7, с. 34]. Шакли мусоҳиба-нақл (монолог) дар рӯзномаи “Ҷумҳурият” низ чоп гардидааст, ба мисли “Бриан Муллис: “Тоҷикистон кишвари афсонавист”” (Меҳрангез Қодирова. – 2018. – 25 январ. -№ 20), ки он чунин оғоз мегардад: “Тоҷикистони биҳиштосо бо табиати нотакрор ва мавзеъҳои дилфиребаш қалбҳоро тасхир кардааст. Ин аст, ки таваҷҷуҳи коршиносони байналмилалӣ ба омӯзиши захираҳои туристии мамлакат зиёд мегардад. Бо мақсади омӯхтани имкониятҳои туризми мамлакат ва муайян кардани дурнамои рушди он коршиноси варзидаи экотуризми байналмилалии ИМА Б. Муллис моҳи октябри соли 2017 аз минтақаҳои гуногуни кишвар дидан намуд. Бо мавсуф ҳамсуҳбат шудем, то ки андешаҳояшро дар бораи туризми Тоҷикистон иброз намояд” [2].

Ҳамин оғози мусоҳиба-монолог шаҳодат медиҳад, ки ин жанри мусоҳиба аст, на мақола ва ё жанри дигар. Дар ин ҷо рӯзноманигор бо 4 ҷумла маълум намудааст, ки ӯ бо коршиноси соҳаи экотуризм ҳамсуҳбат шудааст ва дар поён ҷавобҳои мусоҳибро овардааст. Сухани журналист бо ранги сиёҳ ва ҷавобҳо бо ранги муқаррарӣ аз ҳам ҷудо карда шудааст, ки ин ҳам яке аз талаботи мусоҳиба маҳсуб меёбад.

Мусоҳиб дар монологаш аз табиати зебои Тоҷикистон ва мавзеъҳои дилфиреб, ки дар муддати 8 рӯзи дар ин кишвар буданаш таассурот бардоштааст, нақл кардааст.

Коршинос дар охир барои рушди бахшҳои алоҳидаи соҳаи сайёҳӣ тавсияҳои судманд додааст, ба мисли “Тоҷикистон барои ба роҳ мондани намудҳои гуногуни туризми экстремалӣ низ мувофиқ мебошад. Рушди устувори ин бахшҳо тақозо менамояд, ки мақомоти маҳаллӣ, созмонҳо, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати ҷалби бештари сармоя барои беҳбудии фазои сайёҳӣ дар мамлакат тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Дар ҳақиқат, Тоҷикистон ганҷинаи кашфношуда аст ва бо муҳайё намудани инфрасохтори зарурию пешниҳоди хизматрасонии босифат метавонад дар бозори байналмилалии сайёҳӣ мақоми арзандаро касб намояд. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф таҳияи стратегияе, ки рушди минбаъдаи соҳаро муайян намояд, муҳим мебошад” [2]. Ин мусоҳиба низ унсурҳои мусоҳиба-монологро дорост, ки яке аз онҳо андешаи коршинос ва ё мутахассиси хориҷӣ дар бораи рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон буда, басо таъсирбахш ва ҷолиб аст.

Ҳарду мусоҳибаро ба навъи мусоҳибаи коршиносӣ (экспертӣ) ворид намудан мумкин аст, зеро дар онҳо коршиносони соҳаи сайёҳӣ вазъи соҳаро арзёбӣ кардаанд. Мабнои ин

навъи мусоҳибаро муаммо (проблема) ташкил медиҳад ва омилҳои рафъсозии онҳоро мусоҳиб (респондент) маънидод намуда, тавсияҳо медиҳад ва ояндабинӣ менамояд.

Дар рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" низ жанри мусоҳиба дар иттилоотонии мавзӯи сайёҳӣ ба таври васеъ истифода гардидаанд, ки намунаи чанде аз онҳоро ин ҷо таҳлил менамоем. Дар шумораи 23 декабр соли 2016 мусоҳибае чоп шудааст бо номи "Худро тоҷик муаррифӣ мекунам", ки он бо Регина Гатаулина, коршиноси соҳаи сайёҳӣ аз Ҷумҳурии Қирғизистон, директор оид ба туризми дохилии Ширкати сайёҳии "AAA-TOUR" дар бораи таассурот, рушди туризм, маслиҳатҳои муфид ва мушкилоту дастовардҳои туризм дар Тоҷикистон анҷом дода шудааст. Рӯзноманигор ба мусоҳиб 6 савол додааст, ки ҳама ба унсурҳои мусоҳиба ҷавобгӯ буда, бомантиқ ва равонию пайдарҳамии саволҳо риоя гардидааст. Мусоҳиб ба ҳама саволҳо пурра ҷавоб дода, имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистонро васеъ хонда, бароҳмонӣ ва рушди навъҳои туризми кӯҳнавардӣ, треккинг, аспсаворӣ, ҳунармандӣ ва тиббиро муҳим мешуморад, инчунин коршинос барои рушди соҳа чанд таклиф пешниҳод намудааст, ба мисли ташкили фестивалҳои миллӣ (фестивалҳои нон, оши палав, тарбузу харбуза, каду, ангур, ҳунарҳои миллӣ, ҳатто фестивали хурмо), тарғибу ташвиқ дар хориҷа тавассути сафоратхонаҳои Тоҷикистон, табодули донишҷӯён ва ғайра. Ин мусоҳибаи эксперт буда, барои пешбурди соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон маслиҳатҳои судманд додааст. Мусоҳиба басо ҷолиб ва самимӣ ҷамъбаст гардидааст. Хулосаи мусоҳиб чунин аст: "Ман, аллакай, забони тоҷикиро омӯхтам. Дар бозор ҳангоми харид бо савдогарон бо забони тоҷикӣ гап мезанам. Баъзан нафарон мепурсанд, ки "ту аз Бадахшон ҳастӣ?" Аввалҳо мегуфтам, ки "Не, ман тоторам!" Ҳозир бошад, инро ба худ қабул кардааму ҳар куҷо худро тоҷик муаррифӣ мекунам...» [15].

Бояд гуфт, ки ба хотимаи мусоҳиба бояд диққати махсус дод. Асосан ҷоиз аст, ки он ҷамъбаст карда шавад ва дар айни замон, ғайримуқаррарӣ бошад, интизориҳои хонандаро ба иштибоҳ андозад ва саволҳои наверо, ки аз доираи ин мусоҳиба берун мондаанд, саволҳои бетарафро ба миён гузорад. Дар мусоҳибаи болозикр ин талабот риоя гардидааст.

Дар мусоҳибаи М.Имомназаров бо роҳбари Ассотсиатсияи сайёҳӣ - экологии фарҳангии Помир (АСЭФП) А. Зоолшоев, ки зери унвони «Водии Вахон - машҳуртарин мавзеи туристӣ" (М. Имомназаров. – 2016. - 21 июн) чоп гардидааст, имконоти сайёҳии вилоят, нақши фаъолияти ин ташкилот дар рушди сайёҳӣ ва дигар паҳлуҳои самти туризм мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Рӯзноманигор ба мусоҳиб 3 савол додааст, вале саволҳо ҷавобгӯи талаботи мусоҳиба нестанд, гӯем ҳам, хато намешавад. Масалан, ин гуна саволҳо: Лутфан бигӯед, ки ширкати мазкур бо кадом ҳадафҳо таъсис дода шуд?, Водии Вахон нисбат ба дигар мавзеъҳо дар самти туризм пешсаф аст, бартариашро дар чӣ мебинед? Бузургтарин дастовардҳои Шумо дар даврони Истиқлолияти давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ?. Тавре дида мешавад, саволҳо идомадиҳандаи ҳамдигар нестанд ва барои кушодани мавзӯъ нисбатан камтаранд, ақаллан як ва ё ду саволи дигар илова мегардид, ки якдигарро пурра мекард ва барои рафъи муаммоҳо нигаронида мешуд. Ҳол он ки барои мусоҳиба савол аз омилҳои асосии муайянкунанда ба ҳисоб меравад ва натиҷаи ниҳоии мусоҳиба ба савол вобастааст.

Дар ин ҷо саволҳо ба мавзӯъ мувофиқанд, вале моҳияти баъзе саволҳо ба ҷавоби мусоҳиб алоқамандӣ надорад. Масалан, саволи "Водии Вахон нисбат ба дигар мавзеъҳо дар самти туризм пешсаф аст, бартариашро дар чӣ мебинед?" бемавқеъ омадааст. Умуман, ин мусоҳиба нопурра буда, мавзӯъ кушода нашудааст ва рӯзноманигор дар он муваффақ нагардидааст.

Ҳамин тавр, дар рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" мусоҳиба бисёр истифода мегардад, вале дар кушодани мавзӯи сайёҳӣ ва иттилоотонии ин самт аз имконоти ин жанри хабарӣ камтар корбаст гардидааст.

Аз таҳқиқи маводи нашрияҳои болозикр ба чунин хулоса расидем, ки идораи рӯзномаҳо ва аҳли қалами он дар иттилоърасонӣ ва шарҳу тафсири воқеиёти марбут ба сайёҳӣ аз имконоти жанрҳои хабарӣ ба таври васеъ истифода бурдаанд ва гуфтан мумкин аст, ки ба мақсади худ расидаанд. Жанрҳои хабарӣ, махсусан хабар, мусоҳиба ва ҳисобот дар ин ду нашрия ҷойи махсуси худро дошта, серистеъмол аст ва муҳимтарин меъёри арзёбии онҳо аз тарафи рӯзноманигорон риоя гардидааст. Рӯзноманигорон аз омилҳои

асосии жанрофарӣ – предмети инъикос, ҳадаф ва усули инъикос дуруст истифода бурдаанд. Предмети инъикоси ҳама маводи хабарии таҳлилшуда мавзеъҳои сайёҳӣ ва ё чорабиниҳои бахшида ба сайёҳӣ буда, ҳадафи инъикос ба оммаи васеъ расонидани ахбори тоза дар бораи рӯйдоди ба сайёҳӣ рабтдошта аст ва рӯзноманигорон аз усулҳои гуногуни инъикос ва жанрҳои мухталиф истифода бурдаанд.

Мусаллам аст, ки бе иттилои ҳаёти ҳаррӯза, воқеаву ҳодисаҳо журналистикаи иттилоотӣ наметавонад амал кунад. Бинобар ин, тавассути бозгӯи ҳодисаву воқеаҳои марбут ба сайёҳӣ идораи рӯзномаҳои фавқуззикр кӯшиш намудаанд, ки бавосита ва ё бевосита дар рушди сайёҳӣ саҳм гузоранд.

Муқарриз: ***Муродӣ М.Б.*** **–** доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Додова М. ВАО-инъикосгари асосии захираҳои сайёҳии Тоҷикистон / М. Додова // Ҷавонони Тоҷикистон, 2018. - 22 ноябр
2. Қодирова М. Бриан Муллис: “Тоҷикистон кишвари афсонавист” / М. Қодирова // Ҷумҳурият, 2018. – 25 январ. - № 20.
3. Қурбон Ш. Туризм. Аз мутахассисони ғайрикасбӣ то нобуди хатсайрҳои нав / Ш. Қурбон // Ҷумҳурият, 2015. – 15 июн. - №143.
4. Милостивая А.И. Газетный текст и когнитивно-дискурсивное событие наррации / А.И. Милостивая // Современные проблемы науки и образования. – 2015. – № 2-2.URL: http://www.science-education.ru/ru/article/view?id=21849 (дата обращения: 25.02.2021).
5. Митчук О.А. Формы и методы освещения туристической тематики в специализированных изданиях Украины / О.А. Митчук // Вестник Московского университета. Серия Журналистика. - 2014. - №5. – С.67-75.
6. Муродов М. Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист. Қ.2. / М.Муродов. - Душанбе, 2008. – 88 с.
7. Нуралиев А. Жанрҳои ахбории матбуот / А.Нуралиев. - Душанбе, 2004. – 144 с.
8. Олешко В.Ф. Психология журналистики: учебное пособие / В.Ф. Олешко. - СПб.: Изд-во Михайлова В. А., 2006. - 240 с.
9. Тертычный А.А. Жанры периодической печати: учебное пособие для вузов. 5-е изд. преб. допол. / А.А. Тертычный. - М.: Аспект Пресс, 2014. – 350 с.
10. Тоҳирӣ, Ҳ. Сайёҳат тавассути қатора оғоз мегардад / Ҳ. Тоҳирӣ // Ҷавонони Тоҷикистон, 2016. - 12 ноябр.
11. Туризм - даромадноктарин соҳаи иқтисод // Ҷавонони Тоҷикистон. - 2016. - 02 сентябр.
12. Усмонов И. Жанрҳои публитсистӣ / И.Усмонов. - Душанбе, 2009. – 140 с.
13. Усмонов, И.К. Журналистика / И.К. Усмонов. - Душанбе, 2011. - Қ. 4. – 447 с.
14. Ученова, В.В. Творческие горизонты журналистики / В.В. Ученова. – М.: МГУ, 1976. – 204 с.
15. Худро тоҷик муаррифӣ мекунам // Ҷавонони Тоҷикистон, 2016. - 23 декабр.

ШАРҲИ ВОҚЕАҲОИ МАРБУТ БА ТУРИЗМ ДАР ҚОЛАБИ ЖАНРҲОИ ХАБАРӢ

(дар мисоли рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон»)

Дар мақола истифодаи жанрҳои хабарӣ, аз ҷумла хабар ва мусоҳиба дар расонидани иттилоот ва шарҳу тафсири воқеаҳои ба соҳаи сайёҳӣ рабтдошта дар рӯзномаҳои “Ҷумҳурият” ва “Ҷавонони Тоҷикистон” баррасӣ гардидааст. Ҷой, мақом ва нақши жанрҳои хабариро дар шарҳи воқеаҳои марбут ба сайёҳӣ нишон дода, муаллиф ҳадафи жанрҳоро бозгӯ намудааст ва истифодаи дурусти омилҳои жанроофарии маводи таҳлилгардидаро аз тарафи рӯзноманигорон мавриди таҳлил қарор додааст. Муаллиф дар асоси таҳлили маводи ин нашрияҳо ба хулосае расидааст, ки имконияти жанрҳои хабарӣ дар иттилоърасонии воқеаҳои марбут ба сайёҳӣ хеле фарох буда, нашрияҳо тавассути истифодаи ин жанрҳо тавонистаанд иттилооти дуруст ва саривақтӣ расонанд. Дар баробари ин, муаллиф имконияти жанрҳои хабариро дар муаррифии мавзеъҳои сайёҳӣ ва ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ назаррас дониста, навъҳои жанрҳоро дар мисоли маводи таҳлилгардида ҷудо ва унсурҳои таркибӣ ва услуби баёни маводро таҳлил намудааст. Собит шудааст, ки предмети инъикоси маводи хабарии таҳлилшуда мавзеъҳои сайёҳӣ ва ё чорабиниҳои бахшида ба сайёҳӣ буда, ҳадафи инъикос ба оммаи васеъ расонидани ахбори тоза дар бораи рӯйдоди ба сайёҳӣ рабтдошта тавассути жанрҳои мухталиф аст, ки ин вазифаро нашрияҳо дуруст иҷро намудаанд.

Калидвожаҳо: жанрҳои хабарӣ, хабар, мусоҳиба, мусоҳиба-монолог, омилҳои жанроофарӣ, воқеаҳои марбут ба сайёҳӣ, ҳадафи инъикос, маводи нашрия, моҳияти савол, иттилоот.

ОБЗОР СОБЫТИЙ, СВЯЗАННЫХ С ТУРИЗМОМ В ФОРМЕ ИНФОРМАЦИОННЫХ ЖАНРОВ

(на примере газет «Джумхурият» и «Джавонони Тоджикистон»)

В статье обсуждается использование новостных жанров, включая новости и интервью, для предоставления информации и обзора событий, связанных с туризмом в газетах «Джумхурият» и «Джавонони Тоджикистон». Указывая на место, статус и роль новостных жанров в освещении событий, связанных с туризмом, автор показывает назначение жанров и анализирует правильность использования журналистами жанровых факторов в анализируемом материале. На основании анализа материалов этих изданий автор приходит к выводу, что возможности новостных жанров в освещении событий, связанных с

туризмом, очень широки, и благодаря использованию этих жанров газеты смогли предоставить точную и своевременную информацию. При этом автор рассматривает возможность информационных жанров в представлении туристических объектов и памятников истории и культуры, выделяет типы жанров на примере анализируемого материала, а также анализирует композиционные элементы и стиль изложения. Было установлено, что предметом анализируемых новостей являются туристические достопримечательности или события, посвященные туризму, и что цель состоит в том, чтобы предоставить общественности актуальную информацию о событиях, связанных с туризмом в различных жанрах, которые были правильно выполнены журналистами.

Ключевые слова: информационные жанры, заметка, интервью, интервью-монолог, жанровые факторы, события, связанные с туризмом, цель освещения, материал газеты, суть вопроса, информация.

REVIEW OF EVENTS RELATED TO TOURISM IN THE FORM OF INFORMATION GENRE

(on the example of the newspapers "Jumkhuriyat" and "Javononi Tojikiston")

The article discusses the use of news genres, including news and interviews, to provide information and an overview of tourism-related events in the Jumhuriyat and Javononi Tojikiston newspapers. Pointing to the place, status and role of news genres in the coverage of events related to tourism, the author shows the purpose of genres and analyzes the correctness of the use of genre factors by journalists in the analyzed material. Based on the analysis of the materials of these publications, the author comes to the conclusion that the possibilities of news genres in covering events related to tourism are very wide, and thanks to the use of these genres, newspapers were able to provide accurate and timely information. At the same time, the author considers the possibility of information genres in the presentation of tourist objects and monuments of history and culture, identifies the types of genres using the example of the analyzed material, and also analyzes the compositional elements and style of presentation. It was found that the subject of the news analyzed was tourist attractions or tourism-related events and that the aim was to provide the public with up-to-date information on tourism-related events in various genres that were correctly performed by journalists.

Key words: information genres, note, interview, interview-monologue, genre factors, events related to tourism, purpose of coverage, newspaper material, essence of the issue, information.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдуллоева Машҳура Нематовна*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи матбуот. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **abdulloieva71@mail.ru.** Тел.: **(+992) 938-08-09-95**

Сведение об авторе: ***Абдуллоева Машхура Нематовна*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры периодической печати. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **abdulloieva71@mail.ru.** Тел.: **(+992) 938-08-09-95**

Information about the author: ***Abdulloeva Mashhura Nematovna*** – Tajik National University, applicant for the faculty of the press department of journalism faculty. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **abdulloieva71@mail.ru.** Тел.: **(+992) 938-08-09-95**

УДК: 891.550

ҶАҲОНБИНӢ ВА МАВҚЕИ ҶАМЪИЯТИИ МУАЛЛИФИ ОЧЕРК

(дар мисоли очерки «Мураббӣ ва мураббо»-и Шодон Ҳаниф)

Алишери Абдумаҷид
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ

Назари муҳаққиқон оид ба жанри очерк ягона нест. Зеро очерк қариб дар ҳамаи марҳалаҳои инкишоф аз ҷузъиёти алоҳида (мавзӯъ, фабула, объект) то гунаҳои олии ташаккул (шакл, анвои ташкили сухан, композитсия) истифода мекунад ва дар ин бора ақидаи муҳаққиқон аз ҳамдигар тафовут доранд.

Маълум аст, ки пайдоиши очеркро ба саёҳати адабӣ иртибот додаанд («Сафарнома»-и Н. Хусрав, «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, осори Стил ва Адисон (журнали «Зритель» ва «Болтун») то «Саёҳат ба Арзрум», «Наводир-ул-вақоеъ». Очерк дар адабиёти муосири мо ба солҳои 20-уми асри XX иртибот мегирад. Солҳои 20-ум очерк - манзара, очерк - тасвир, очерки психологӣ, иҷтимоӣ ва дигар гунаҳои очерк шинохта мешуд. Аммо ин гуна навиштаҳо (ҳатто бо таъкиди М. Горький) асоси ягона надоштанд. Баъдтар (Б. Полевой, М.С. Черепахов, Ю.Суровцев, Л.Н. Демедчик, В. Костелянц, У. Журбина ва ғ.) авзои публитсистӣ доштани очерк, эҳсосоти ратсионалию эмотсионалиро таъкид карда, «мазмун ва мундариҷа»- ро санги маҳаки он хонда, фақат баъди адабиёт моли журналистика будани очеркро зикр кардаанд. Аммо барои журналистика ҳам замоне омад, ки майдон танг шуд. Фарорасии замони нав, иқтисоди бозаргонӣ, аз рӯйи манфиатҳои шахсӣ амал кардани на танҳо ашхоси алоҳида, балки гурӯҳҳои иҷтимоӣ боиси танг шудани майдони очерк дар рӯзнома ва умуман журналистика гардид.

Публитсистика дар ҳама давру замон ба сифати бозгӯкунандаи набзи ҷомеа хидмат мекунад. Дар бораи шинохти публитсистика ҳарчанд муҳаққиқон назари гуногун доранд, аммо ба андешаи профессор И. Усмонов «публитсистика соҳаи эҷод аст» [15, с.8], аксарияти муҳаққиқон мувофиқ ҳастанд. Муҳаққики рус Е. П. Прохоров ақида дорад, ки «Публитсистика хосияти тарбиявию иҷтимоӣ дорад ва барои дарки оянда мусоидат мекунад» [6, с.116]. Дар ин таърифҳо тамоми ҷанбаҳои шинохти публитсистика ғунҷидаанд.

Шоир ва мунаққид Аскар Ҳаким ба заҳмати публитсистон баҳои баланд додаст: «Агар қариб ҳар шоиру нависанда ба публитсистика рӯ оварда бошад, қариб ҳар публитсист ҳам дар жанрҳои бадеӣ чун роману қисса ва ҳикоя асар навиштааст. Ин нукта аз ҷумла дар эҷодиёти адибон М. Наҷмиддинов, Ҳ. Аскар, Шодӣ Ҳаниф, Б. Муртазоев, И. Файзулло, Н. Табаров, Р. Мардон ва дигарон тақвияти худро меёбад. Аксари асарҳое, ки дар ин соҳа ба қалам омадаанд, натиҷаи ташвиқ ва роҳҳатҳои эҷодии Иттифоқи нависандагон мебошад» [13].

Яке аз жанрҳои серистеъмоли публитсистика ин очерк аст. Дар бораи очерку публитсистика низ андешаҳои гуногун баён шудаанд. Дар мавриди мавқеъ ва саромади очерку скетч, новелла ва эссе баҳсҳо басо шадид буданд. Муҳаққиқи насри мустанад А. Саъдуллоев андешаву тадқиқоти Е. Журбина, В.П. Прохоров, В.В. Ученова ва дигаронро ба риштаи таҳлил кашида, таъкид месозад, ки бо вуҷуди тағйири ном ва гоҳо услуби нигориш ҳадафи ин гуна эҷодҳо рӯ овардан ба таърихи «зинда» аст. В. Канторович қайд мекунад, ки «очерк чун жанри насри бадеӣ» дар қатори «роман, повесть, ҳикоя, новелла як ҷинси ҳамосии адабиётро ташкил медиҳад» [10, с.253]. Ин нуқтаи назарро Е. Журбина, М. Шеглов, Б. Кастелянс низ таъкид намуда, очеркро як жанри публитсистика низ гуфтаанд. “Очерк – намуди ҷинси эпикӣ буда, аз намудҳои дигари он (повест ва ҳикоя) фарқ дорад. Ин фарқ аз он иборат аст, ки воқеа дар очерк ба ҳақиқат наздик тасвир меёбад. Дар жанрҳои дигари асари бадеӣ нависанда аз воқеаҳои ҳаёт зарур ва муҳиммашро интихоб намуда, бо ёрии хаёл ва бофтаи бадеӣ пурра ва умумият дода, тасвир менамояд. Дар очерк одамону воқеаҳои дар ҳаёт мавҷуда бо ному ҷою тафсилоташ тасвир меёбад. Очеркнавис ҳам на ҳамаи воқеаю ҳодисаю одамони дидааш, балки муҳиммашро тасвир менамояд» [6, с.98].

Дар китоби «Ҳамосаи инсони кор» зикр шудааст: «Очерк калимаи русӣ буда, аз назари луғавӣ тасвир ва тавсифи таблиғи маъно дорад. Муодили он дар забонҳои урупоӣ

калимаҳое ба монанди скетче, эссе, репортажи бузург мебошад. Дар забони дарӣ калимаи воҳиде, ки ба танҳоӣ ифодакунандаи маънои он бошад, то кунун дастёби муаллифони асар нашудааст. Ба сурати тақрибӣ истилоҳи «Достони воқеӣ», «Чеҳраи қаҳрамони воқеӣ», «Симои инсони воқеӣ» ва амсоли ин метавонад муодили очерк бошад» [7, с.6].

Ба андешаи ин муҳаққиқон очерк дар тарғиби ҳамагуна андешаву ғояи пешқадам дар тамоми давраҳои мавҷудияти инсоният хизмати арзанда намудааст. «Очерк дорои нишонаҳои зиёдест, ки ба асарҳои бадеӣ тааллуқ доранд. Барои очерк унсурҳои бадеӣ низ хоссанд» [9, с.21]. Муваффақияти ҳар як очерк ба ҷаҳонбинӣ ва мавқеи ҷамъиятии муаллифи он вобаста мебошад. Профессор Саъдуллоев мефармояд: «Сабки нигориши нависанда, услуби суханронии вай, ки аз нигоҳи субъективиаш аз ҳаёт ва падидаҳои он дарак медиҳад, таҷаллии сатҳи дарки бадеии воқеият аз ҷониби нигоранда мебошад. Нависандаи бориқбин ҳаёти одамони ҷудогонаро омӯхтаю муоина карда, ҷиҳатҳои завқбахши рафтори ӯро (хоҳ нек хоҳ бад) ба мушоҳида мегирад ва образро пуртаъсиру дерзӣ мегардонад…» [8, с.42-43]. Диди вай ба зиндагӣ, дониш, таҷрибаи ӯ аз боби зиндагӣ, эҳсоси ватандӯстӣ, ҳамаи ин ба он боис мешавад, ки чеҳраи қаҳрамони очерк дар назари хонанда ҳамчун як шахси ниҳоят самимӣ, маҳбуб ва ба ҷамъият даркорӣ муаррифӣ шавад. Дар очерк муносибати қаҳрамон ба ҷамъият, шахс ба муҳити зист, рӯйдодҳои зиндагӣ ва сиёсати давру замон кушода мешавад. Инчунин, муаллиф ҳамчун шореҳи воқеа, ҳамчун як тан аз шаҳрванд мавзӯи худро дар рӯзгор пайдо карда, аз назари доғии масъалаҳое, ки ӯро ба ташвиш меоварад, дар образи қаҳрамони худ ифода мекунад ва кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дар ҳалли мушкилоти зиндагӣ саҳм гузорад. «Бадеият аз муҳиммоти дигари очерк буда, ба он умри дароз мебахшад» [14, с.108-112].

Очеркҳои Шодон Ҳаниф аз боби муҳимтарин муаммоҳои зиндагии халқи мо баҳс карда, дар айни замон бо тарзи баён, малоҳати сухан, таркибу ибораҳои тозаи мардумӣ, возеҳии фикр, кайҳо боз дар дили ҳар хонандаи тоҷик маскан гирифтаанд. Албатта, ин бесабаб нест, зеро Шодон Ҳаниф талаботи ин жанри бадеи-публитсистиро амиқ омӯхта, талаботи очеркро дарк кардаву аз услуби очеркнависони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва публитсистони ҷаҳон огоҳии комил дошт. Дар ин замина публитсист услуби хосси худро ба амал овардааст.

Шодон Ҳаниф аз як очерк то очерки дигар ҳам аз ҷиҳати интихоби мавзӯи актуалӣ, ҳам аз ҷиҳати воситаҳои тасвиру бадеияти сухан ва ҳам аз ҷиҳати дарёфти шакли тозаю устухонбандии очерк ба комёбӣ муяссар гардидааст. Ба ин очеркҳои «Кӯҳдоман», «Диловари Вахш», «Ҷилои мармар», «Садои чашмасорон», «Мураббӣ ва мураббо» ва ғайра мисол шуда метавонанд. Муҳаққиқ С. Гулов қайд мекунад: «Очерки хуби имрӯзи бояд чун ҳикоя шевою муассир ва чун мақола аниқ, нишонрас ва ҳаётӣ бошад… очерк жанри на танҳо ҳамакора, балки гуногунпаҳлую гуногунавзоъ ҳам мебошад ва тарзу тариқ, сатҳи таъсир ва ҷузъиёти бадеият ба малака ва маҳорати нигоранда вобастагӣ дорад» [3, с.52].

Муаллифони китоби «Современная газетная публицистика» хислати очеркро дар мансубияти он ба жанрҳои бадеӣ-публитсистӣ дониста, объекти тасвирашро ба инсон ва фаъолияти вай вобаста медонанд ва таъкид ҳам мекунанд, ки кору зиндагӣ, муаммои иҷтимоии инсон ва мавқеъгирии вай дар зиндагӣ якнавохт нест [11, с.89] ва ин гуногунрангӣ истифодаи роҳу усулҳои гуногуни тасвирро тақозо мекунад.

Банду басти очерк, қабл аз ҳама, ба омилҳое вобаста аст, ки хосси жанрҳои бадеӣ-публитсистианд. Ин гуна жанрҳо нисбати кулли жанрҳои дигар аз нигоҳи фарохи фарогирӣ ва озодии интихоби сабк бартариҳо доранд. Татьяна Александровна Беневоленская, ки доир ба очерки замони шӯравӣ тадқиқоти зиёде анҷом додааст, бо муҳаққиқони ватанию хориҷӣ баҳси аҷибе ороста буд. Вай афкори муҳаққиқони дигарро ҷамъбаст намуда, таъкид менамояд, ки «гунгунпаҳлуӣ, рангорангии жанр сохтори печидаи композитсионию услубиро пеш мегузорад». Аз ин рӯ, барои очерк муқаррар намудани қолиби муайян мумкин нест. Вай ҳам воқеанигор аст, ҳам аз «сужаи марғуби беллетристӣ парҳез надорад» ва ба замми ин ҳама дар он ҳаракати фикр мушаххас аст [1, с.30].

Дар фаъолияти эҷодии Ш. Ҳаниф очерки ӯ «Мураббӣ ва мураббо» нақши муҳим дорад. Муҳаққиқони очерк таъкид мекунанд, ки образи инсон дар ин жанр на аз тариқи тасаввур ва тахайюл, балки пас аз мушоҳидаи тӯлонӣ бунёд гузошта мешавад. Дар очерки «Мураббӣ ва мураббо» образи пирамарди ширафкан офарида шудааст, ки аз эҳёи

ҳунарҳои халқӣ шод гашта, дар нахустин артели қаннодии шаҳри Душанбе «Бо ҳавсалаи тамом кор карда, хел ба хели ҳалвоҳои лазиз, қандалотҳо ва нишоллоҳои хосса» [12, с.187] месохт. Очерки портретӣ бо сохтани образ ва тасвири ҳаёти инсон ҳамеша диққати хонандаро ҷалб намудааст. Очерк нақл нест, балки тасвир аст. Асаре, ки иттилооти иҷтимоӣ ва моҳияти иҷтимоиро дар худ фаро намегирад, очерк нест. Тарҷумаи ҳоли як нафар ҳатто бо дарёфти даҳҳо факту асноди нав очерк нест ва на ҳар як фард низ қаҳрамони очерк буда метавонад.

Қаҳрамони очерк - Хуррам-ака ширворпази касбӣ буда, ӯ ин касбро аз бобокалон ва пирҳои худ, ки дар Самарқанди бостонӣ як сулолаи қаннодиро ба вуҷуд овардаанд, омӯхтааст. Вай дӯстдори касби худ, нигоҳдоранда ва ривоҷдиҳандаи ҳунари қадимию гуворои халқи мо аст. Ӯ нахустин касест, ки дар шаҳри Душанбе саноати қаннодиро ба по гузоштааст. Туфайли меҳнату хизмати бурдборонаи ӯ, фарзанду шогирдон ва давомдиҳандагони кори вай дар сеху корхонаҳои қаннодии ҷумҳурӣ чанд намуди машҳури ширвори миллиро ба роҳ монда, ин ҳунарро эҳё кардаанд.

Нависанда дар очерк ҳаёти қаҳрамони асосиро батафсил нақл намуда, ӯро аз давраи ҷавонӣ то пирӣ ба қалам медиҳад. Мо ба Хуррам Шарифов он ҷое шинос мешавем, ки бо язнааш Ҷалили ҳалвогар аз боғ (атрофи шаҳри Самарқанд) ба шаҳр омада, дар хонаи ӯ бо меҳнату ранҷ зиндагӣ мекард. «Язнаи бадтоли мумсик, агарчи дар рӯзҳои аввал ба вай пешомади хуб карда бошад ҳам, баъд ӯро «ҷабри устод беҳ аз меҳри падар» гуфта, мисли муздури дигари худ сахт кор мефармуд». Боре дар вақти тайёр кардани набот хаёли Хуррам ба боғот, ба модар ва укаҳояш меравад ва қиёми набот мегузарад. Ин ҳолро дида, язнааш ӯро дашном медиҳад ва таъкид мекунад, ки як бори дигар ба ин кор роҳ диҳад, ӯро аз даргоҳаш меронад. Рӯзи дигар худи Хуррам, ки шахси боору номус буд, хонаи язнаашро тарк мекунад. Ӯ надонист, ки дар гузари «Намуна» Ҳамроқул ном қанноди хушҳунаре дӯкон дорад. «Язнааш бошад, паррон ба савдо рафтани қандалот, парварда, нишолло, ҳалвои лафз ва дигар дастовардҳои ин усторо шунида дар як гӯшаи дил ҳамеша ба вай ҳасад ва кудурат мепарварид. Дар суҳбатҳо ҳеҷ гоҳ ӯро ба некӣ ёд намекард, вай бахил, худбин ва ҳавобаланд аст, гуфта ӯро наҳ мезад» [12, с.101].

Ба ин роҳ нависанда тавонистааст, дунёи ботинии Ҷалил ҳалвогарро дар муносибатҳояш бо Хуррам кушода диҳад. Ин қабил косибон, зимнан дар шаҳр кам набуданд. Онҳо намехостанд, ки аз ҳунарашон дигарон парвариш ёфта, бозори онҳоро касод кунанд. Усто Ҳамроқул Хуррамро ба шогирдӣ гирифта, нозукиҳои касби худро ба ӯ меомӯзонад. Бо сарварии ин марди мушфиқ, валинеъмат ва қанноди асил Хуррам асрори нав ба нави сохтани ширинихоро меомӯзад ва худ ҳам ба ҳайси як қанноди хуб тарбият меёбад. Вай «марди сахию дарёдиле буд… хулқу атвори нек ва хушкории шогирди навро пай бурда, дар кори «пирхона»-и худро бовар карда ба вай супоридан мегирифт… шогирди чобукдаст ба кор дилгармии зиёд ҳосил карда, дар рӯзҳои ба тӯю таъзия рафтани устод ҳалвою қандалотҳо пухта, ба лаълиҳо чошт мекарду бозори дӯконро гарм менамуд» [12, с.182].

Усто Ҳамроқул хатту саводи хуб надошта бошад ҳам, бо одамони аҳли маърифат ва санъат ошноӣ дошт. Ба хонаи ӯ ҳар сари вақт машшоқону ҳофизони шаҳр ҷамъ омада, базми суруду мусиқиро метафсонданд. Ҳофизи машҳур Ҳоҷӣ Абдулазиз Расулов бошад зуд-зуд ба ин хонадон омада, шаҳмот мебозид, навоҳои «Шашмақом»-ро соз карда, сурудҳо мехонд.

Дар очерк муаллиф як саргузашти аҷиберо нақл мекунад, ки он барои кушодани хислату характери Ҳоҷӣ Абдулазиз каме бошад ҳам, хизмат намудааст ва аз ҷониби дигар, бадеияти очеркро шавқовар кардааст: «Як шаб вай чанд суруд хонда, акнун тамбӯри сеҳрноки худро ба ҷилдаш андохтанӣ буд, ки ин дам писарчаи панҷсолаи усто-Рабиқул ба лафзи ширини кӯдакона гуфт:

- Ҳоҷӣ-бобо, боз яктаи дигар ашӯла хонед. Ҳу ҳамон «Ушшоқи Самарқанд»-ро хонед.

- Ин луқмаро ба даҳони ту кӣ андохт? - ҳайрон монда пурсид ҳофиз.

- Дадом ёд доданд. Аз Ҳоҷӣ- бобоят ҳамин хел илтимос кун гуфтанд, - пинҳон накарда гуфт кӯдак.

Аҳли суҳбат аз ин сирфошкунии бача завқ карда хандиданд. Ҳофиз тамбӯрро аз ҷилд гирифта гуфт:

- Хуб, ҷони бобо, барои ту мехонам. Хоҳиши туро ба ҷо наовардан гуноҳ аст» [12, с.183].

Вақте ки Душанбе пойтахти Тоҷикистон интихоб мегардад усто Ҳамроқул ба ин шаҳр омада, аз гузари Чинор (ҳоло қариби мағозаи «Олами кӯдакон») хонаеро харида кори қаннодиро ба роҳ мемонад. Дере нагузашта ӯ ба Самарқанд, ба аёдати хонаводаи худ омада, бемор мешавад ва аз ҷаҳон чашм мепӯшад. Вай пеш аз маргаш ба Хуррам, ки ӯ ба аёдаташ омада буд, чунин насиҳат медиҳад:

- Паймонаи умри ман пур шудагӣ барин, бачем. Орзу дорам, ки сарат аз санг шавад, хориро дигар набинӣ. Ман аз ҳунари худ ҳеҷ чизро дареғ надошта ба ту омӯзондам. Ту ба қадри он рас, худ шогирд барор. Ба инсоф бош [12, с.184].

Пас аз сари устоди худ Хуррам ба Душанбе омада, чароғи дӯкони устодашро равшан мекунад. Боре шоир Деҳотӣ дар як маърака дар паҳлуи Хуррам Шарифов нишаста мемонад. Дар рӯйи ин дастурхон қандалотҳои аз мағзи писташу донаи зардолу пухтаи қаннод буданд!

- Бай, - бай аҷаб қандалоти лазиз! - як донаи онро хӯрда изҳори хурсандӣ кард шоир.

- Устояш дар паҳлуи худи шумо нишастаанд, - касе аз нишастагон Хуррам Шарифовро ба Деҳотӣ шинос кард.

- Офарин Хуррам-ака! Дастатон гул будааст, - ситоиш намуд ӯ ва бо нақли шӯхӣ идома дод: ин хел қандалоти лазизро хӯрда, шеъри ширин нагуфтан гуноҳ аст:

- Мо ба шеъри шумо ихлоси зиёд дорем, онҳо аз қанду наботи мо ҳам ширинтаранд, дар навбати худ сипосгузорӣ кард қаннод! [10, с.187, 188].

Хонанда дар очерк бо чунин эпизодҳо ва муколамаҳо бисёр дучор меояд, ки онҳо барои кушода додани дунёи қаҳрамон хизмат кардаву таваҷҷӯҳи хонандаро ба худ ҷалб мекунанд.

«Хуррам-ака чӣ тарз пухтани оби наботи бухороиро намедонист. Устодаш Ҳамроқули шираворпаз ҳам фурсати ба шогирд омӯхтани ин ширинро наёфта, аз дунё гузашта буд. Бинобар ин, Хуррам Шарифов як рӯз ба Бухоро меравад, то ки ба ягон устои обинаботпаз шинос шуда, асрори пухтани онро ёд гирад. Ӯ тавассути касе аз ошноҳояш ба усто Некӣ шираворпаз муаррифӣ мешавад ва ӯро ба шаҳри Душанбе даъват мекунад.

- Ба назарам дар ин шаҳр оби наботи бухороиро пухтан муҳол аст, - баъди як ҳафта шаҳрро сайр кардан гуфт усто Некӣ. Ин фақат неъмати Бухороӣ мебошад, ба он дуо рафтагӣ. Гумон аст, ки дар ин ҷо аслашро пухта шавад.

- Ман қариб чил навъи шираворро дар ин ҷо пухтам, каму кост надоштанд, - ба фикри усто розӣ нашуда гуфт Хуррам Шарифов.

- Набошад чаро нони Галаосиёи Самарқандро дар ин шаҳр пухта намешавад, - ба фикри худ далел оварда, пурсид усто Некӣ.

- Устояш омада пазад, шудан мегирад, -аз фикри худ нагашт Хуррам Шарифов.

- Хайр як таваккал карда мебинам» [12, с.189].

Рӯзи дигар усто Некӣ дар пухтани оби набот аз усули маҳрамонаи корӣ истифода мебарад, то ки Хуррами шираворпаз пухтани онро ёд нагирад. Вале Хуррам аз ин огоҳ мешавад. Рӯзи дигар худи ӯ ба пухтани оби набот иқдом карда, ин ширинии лазизро тайёр мекунад. Усто Некӣ инро дида ба вай мегӯяд:

«- Ту маро барои пазондани оби набот на, балки барои ёд гирифтан ба шаҳрат овардӣ.

- Хайр чӣ шудааст, усто-ака, аз ҳунари шумо номи дигар баҳравар шавад ганда-мӣ? Гавҳари ноёб мешуд, гапи дигар буд, - шӯхиомез гуфт, Хуррамамак.

- Ин аз гавҳар ҳам қимат аст! - шӯрида гуфт усто Некӣ - То он замона, ки мо ин асрор, ин ҳунарро омӯхтем, пир гаштем, муҳтоҷ шудем ва хориҳо кашидем. Давлати мо ва мероси мо фақат ҳамин аст. Ҳунарманд асрори пирхонаи худро ифшо кунад, вай рӯз намебинад, куфрони неъмат мешавад.

- Замона дигар шудааст, усто-ака. Акнун аз ҳунар ҳама баробар бархӯрдор мешаванд. Ҳунар моли халқ шуд, - бо шарор гуфт Хуррам-амак» [12, с.191].

Аз очерк бармеояд, ки образи усто Некӣ муқобили образҳои усто Ҳамроқул ва шогирди ӯ Хуррам Шарифов меистад. Дар ин бархӯрди афкорӣ ду раванди хислату афкор, ду иродаву ҷаҳонбинӣ ва ду ҷиҳати муносибати инсонӣ падидор мегардад. Муаллиф ин образро офарида ба он муваффақ шудааст, ки набояд ҳунарманд мисли усто Некӣ

ҳунарашро аз дигарон кам бинад ва бо ин васила ба таъбири усто Некӣ ба гӯр барад, балки ҳунарманд бояд монанди усто Ҳамроқул ва Хуррам-ака шогирд тарбия намояд, ҳунарҳои миллиро ривоҷ диҳад, онро ба дигарон ба мерос гузорад ва бо ин васила аз ҳунари гузаштагон ҳама аҳли ҷамъият бархӯрдор бошанд.

Мо дар рафти мутолиаи очерк, инчунин бо образи Аҳмадҷон шинос мешавем, ки ӯ давомдиҳандаи касби падар буда, пас аз ба нафақа баромадани Хуррам Шарифов зимоми корро ба даст мегирад ва касби падарро, ки аз дигарон ба мерос гирифтааст, рушду равнақ мебахшад.

Баъди нашри очерки «Мураббӣ ва мураббо» онро дар вазорати савдо ва кумитаи маълумоти касбӣ-техникии ҷумҳурӣ баррасӣ намуда, иқдоми аз нав рушд додани ҳунари қаннодиро ба роҳ монданд. Дар пойтахт чанд корхонаи хурди қаннодӣ таъсис дода, мағозаҳои қаннодиро боз карданд, дар омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ омӯзондани онро ба роҳ монда, ҳатто роҷеъ ба ҳунари қаннодӣ китобе ҳам нашр гардид.

Хуллас, очерки «Мураббӣ ва мураббо» бо ҳалли мавзӯъ, бадеият ва забони фасеҳи худ дар публитсистикаи тоҷик нақши намоёне дошта, то ҳол арзиши худро аз даст надодааст. Хусусан дар шароити муосир, ки барои рушди ҳунарҳои мардумӣ дар сатҳи олии ҳукумат чораҳо андешида шуда, шароитҳои мувофиқ фароҳам оварда шудааст. Мутаассифона, бисёр касбу ҳунарҳои миллӣ, ки ба дарди ҷомеа мехӯранд, аз байн рафтаанд. Эҳёву рушди онҳо талаби замон аст. Дар ин кори хайр, қабл аз ҳама, публитсистон ва очеркнависон метавонанд саҳм гузоранд. Очерки «Мураббӣ ва мураббо» аз истеъдоди баланд ва камолоти Шодон Ҳаниф дарак медиҳад.

Муқарриз: ***Гулов С.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Беневоленская Т.А. Композиция газетного очерка / Т.А. Беневоленская. - МГУ, 1975. - 86 с.
2. Гулов, С. Амвочи сухан / С. Гулов. – Душанбе: Эҷод, 2005. – 96 с.
3. Гулов, С. Махсусияти очерки муосири тоҷик / С. Гулов. – Душанбе: Дониш, 2012. – 132 с.
4. Кутбиддинов А.Ҳ. Хосияти публисистика / А.Ҳ.Кутбиддинов, Ҷ.М. Раҳмонова. – Душанбе, 2018. – 164 с.
5. Мирзозода Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ / Х.Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1992. – 244 с.
6. Прохоров Е.П. Публицист и действительность / Е.П. Прохоров. – Москва, 1973. - 317 с.
7. Саъдуллоев А. Ҳамосаи инсони кор / А.Саъдуллоев, П.Гулмуродзода. – Душанбе, 1995. – 64 с.
8. Саъдуллоев, А. Хосияти адабиёт / А.Саъдуллоев. - Душанбе: Адиб, 2000. - 256 с.
9. Саъдуллоев, А. Очерк: Генезис, развитие и современное состояние / А.Саъдуллоев, А.Аминов. - Душанбе: Ирфон, 2012. - 216 с.
10. Словарь литературоведческих терминов. - М.: Просвещение, 1974. – 253 с.
11. Современная газетная публицистика. - Л.: ЛГУ, 1987. – 119 с.
12. Ҳаниф, Ш. Такяи қуллаҳо / Ш. Ҳаниф. - Душанбе: Ирфон, 1984. - 384 с.
13. Ҳаким, А. Баъд аз ҳазор сол…, / А.Ҳаким // Адабиёт ва санъат, 1994. - 12 декабр.
14. Усмонов И. Масъалаҳои очерки муосир / И.Усмонов // Садои Шарқ, 1986. - № 4. – С.108-112.
15. Усмонов И. Жанрҳои публисистика / И.Усмонов. - Душанбе, 2000. – 138 с.

ҶАҲОНБИНӢ ВА МАВҚЕИ ҶАМЪИЯТИИ МУАЛЛИФИ ОЧЕРК

Дар ин мақола сухан дар бораи ҷаҳонбинӣ ва мавқеи ҷамъиятии муаллиф дар эҷоди очерк меравад. Муаллиф иброз менамояд, ки очеркҳои Шодон Ҳаниф аз боби муҳимтарин муаммоҳои зиндагии халқи мо баҳс карда, дар айни замон бо тарзи баён, малоҳати сухан, таркибу ибораҳои тозаи мардумӣ, возеҳии фикр, кайҳо боз дар дили ҳар хонандаи тоҷик маскан гирифтаанд. Шодон Ҳаниф талаботи ин жанри бадеи-публитсистиро амиқ омӯхта, аз услуби очеркнависони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва публитсистони ҷаҳон огоҳии комил дошт. Дар ин замина публитсист услуби хосси худро ба амал овардааст. Ба андешаи муаллиф, Шодон Ҳаниф аз як очерк то очерки дигар ҳам аз ҷиҳати интихоби мавзӯъ, ҳам аз ҷиҳати воситаҳои тасвиру бадеияти сухан ва ҳам аз ҷиҳати дарёфти шакли наву устухонбандии очерк ба комёбӣ муяссар гардидааст. Дар фаъолияти эҷодии Ш. Ҳаниф очерки ӯ «Мураббӣ ва мураббо» нақши муҳим дорад. Қаҳрамони очерк - Хуррам-ака ширворпази касбӣ буда, ӯ ин касбро аз бобокалонаш дар Самарқанд омӯхтааст. Ӯ нахустин касест, ки дар шаҳри Душанбе саноати қаннодиро ба по гузоштааст. Нависанда дар очерк ҳаёти қаҳрамони асосиро батафсил нақл намуда, ӯро аз давраи ҷавонӣ то пирӣ ба қалам медиҳад. Мо дар рафти мутолиаи очерк, инчунин бо образи Аҳмадҷон шинос мешавем, ки ӯ давомдиҳандаи касби падар буда, пас аз ба нафақа баромадани Хуррам Шарифов зимоми корро ба даст мегирад ва касби падарро рушду равнақ мебахшад, гуфтааст муаллиф. Хуллас, очерки «Мураббӣ ва мураббо» бо ҳалли мавзӯъ, бадеият ва забони фасеҳи худ дар публитсистикаи тоҷик нақши муҳимме дошта, то ҳол арзиши худро аз даст надодааст. Хусусан дар шароити муосир, ки барои рушди ҳунарҳои мардумӣ дар сатҳи олии ҳукумат чораҳо андешида шуда, шароитҳои мувофиқ фароҳам оварда шудааст. Мутаассифона, бисёр касбу ҳунарҳои миллӣ, ки ба

дарди ҷомеа мехӯранд, аз байн рафтаанд. Эҳёву рушди онҳо талаби замон аст. Дар ин кори хайр, қабл аз ҳама, публитсистон ва очеркнависон метавонанд саҳм гузоранд. Очерки «Мураббӣ ва мураббо» аз истеъдоди баланд ва камолоти Шодон Ҳаниф дарак медиҳад.

Калидвожаҳо: журналистика, публитсист, жанр, очерк, воқеият, бадеият, образ, муаллиф, маҳорат, қаҳрамон, характер.

МИРОВОЗЗРЕНИЕ И ОБЩЕСТВЕННАЯ ПОЗИЦИЯ АВТОРА

В данной статье рассматриваются вопросы мировоззрения и общественной позиции автора в очерке. Очерки Шодона Ханифа, затрагивая важнейшие вопросы жизни нашего народа, прочно вошли в сердце каждого таджикского читателя своим изложением, стилем, изяществом выражения, использованием новых народных фраз и оборотов, ясностью мысли. Глубоко изучив требования этого жанра искусства и журналистики, Шодон Ханиф был хорошо знаком со стилем эссеистов бывшего Советского Союза и мира. В этом контексте публицист выработал свой стиль и почерк. От очерка к очерку его мастерство совершенствовалось. Это касается и его выбора композиционного решения темы, использования средств выражения и образности. Очерк «Наставник и варенье» играет важную роль в творчестве Шодона Ханифа. Главный герой очерка - Хуррам-ака, профессиональный кондитер, который освоил эту профессию у своих предков в Самарканде. Он был первым, кто основал кондитерскую промышленность в Душанбе. В очерке писатель подробно описывает жизнь главного героя от юности до старости. В процессе чтения очерка мы также знакомимся с образом Ахмаджона, который не только продолжил профессию своего отца после его выхода на пенсию, но и развил её. Одним словом, очерк «Наставник и варенье» своим решением темы, образностью и красноречием, сыграв важную роль в таджикской публицистике, не утратил своего значения и в наши дни. Особенно в современных условиях, когда на высшем государственном уровне приняты меры по развитию народных ремесел, созданы соответствующие условия. К сожалению, исчезли многие народные ремесла и промыслы, которые были раньше востребованы. Их возрождение и развитие диктуются требованием времени. И в этом деле, в первую очередь, публицисты и писатели могут внести свой посильный и значимый вклад. Очерк «Наставник и варенье» свидетельствует о высоком мастерстве и зрелости Шодона Ханифа как публициста и писателя.

Ключевые слова: журналистика, публицист, жанр, очерк, действительность, художественность, образ, автор, мастерство, герой, характер.

PUBLIC OPINION AND THE POSITION OF THE AUTHOR
